ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2022. №4

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2022. №4

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2022. No.4

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2022

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Кароматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи АМИТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сирочиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2022. – №4. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2022

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали — *Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ*

Гулназарова Джило — *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Сироджиддини Эмомали — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент НАНТ*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустзода Хамрохон Джума — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2022. – №4. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2022

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvaḳhtzoda Kobiljon Khushvaḳht — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Yusufzoda Nosirjon Salimi — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST*

Khorkashev Sakhidod — *Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the NAST*

Nazarzoda Saifiddin — *Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST*

Gulnazarova Jilo — *Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*

Abdullozoda Masrur Akhmad — *Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*

Sirojiddini Imomali — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Kucharzoda Alamkhon — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the NAST*

Saidov Khalimdzhon Azizovich — *Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*

Mamadnazarov Abdusalom — *Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*

Murodov Murod — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*

Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna — *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*

Khodzhaev Davlatbek — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*

Dustzoda Khamrokhon Dzhuma — *Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2022. – №4. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2022

УДК: 070.1

ХУСУСИЯТҲОИ ВОҲИДҲОИ ОДОБИ МУҲОВАРАТ ДАР МУРОСИЛОТИ РАСМӢ

Ҷӯраева М.Р., Файзова Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур

Дар муошрати расмӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои расмӣ одоби муҳоварат мавқеи ниҳоят муҳимро ишғол мекунад. Риояи қоидаҳои одоби муошрати расмӣ асоси шарикии созанда маҳсуб меёбад.

Аксар вақт мактуби расмии дуруст таҳиягардида метавонад ба барқарор кардани робитаҳои қавӣ ва ҳалли масъалаҳои мураккаб мусоидат намояд. Дар муросилоти расмӣ, хусусан, қоидаҳои муайян мавҷуданд. Дар ин самт стереотипҳои устувори муошират қабул шудаанд, ки шаклҳои муроҷиат, хоҳишу дархост, миннатдорӣ, далелҳои қонеъкунанда ва ғайраро дар бар мегиранд. Одоби муошрати расмӣ интихоби калимаву ибораҳо, сохтани ифодаҳои муайян ва ниҳоят тамоми матнро танзим менамояд ва ба ҳамин минвол раванди навиштани мактуби расмӣ ба татбиқи қолабҳои забонӣ вобаста аст, ки онҳоро ҳангоми навиштани ҳама гуна мактубҳо истифода бурдан мумкин аст [18, с.133]. «Самаранокии мукотиботи истеҳсолӣ бештар ба истифодаи оқилонаи лексикаи одоби муҳоварат: изҳори миннатдорӣ, муносибати мусбат ё манфӣ ба натиҷаҳои кор вобаста аст» [6, с.87].

Асоси қоидаҳои одоби муошрати расмиро хушмуомилагӣ, муносибати боэҳтиром ва дӯстона нисбат ба шарики тиҷоратӣ, риояи фосилаи муайян байни кормандоне, ки вазифаи хизматиро ишғол мекунанд, қобилияти «ҳа» ва «не» гуфта тавонистан бидуни ранҷонидани шарики тиҷоратӣ, ба иззати нафси ӯ нарасидан, таҳаммулпазирӣ нисбат ба ақидаҳои дигарон, ки бо ақидаи шумо мувофиқат намекунанд, қобилияти эътироф кардани хатоҳои худ, нисбат ба худ аз нуқтаи назари худтанқидкунӣ баҳо додан, дар баҳс қобилияти истифода бурдани далелҳо, на истифода аз номи шахсони обрӯманд ташкил медиҳанд [2, с.339].

Ҳангоми интихоби қолабҳои муайяни одоби муҳоварат характери муносибатҳои адресант (муроҷиаткунанда) ва адресат (гирандаи мактуб)-ро (муносибатҳои расмӣ, нимрасмӣ, дӯстона) ба назар гирифтан лозим аст.

Одоби муҳоварат маҷмуи тамоми воситаҳои нутқ ва қоидаҳои истифодаи онҳо дар ин ё он аснои муошират мебошад. Корбасти воситаҳои одоби муҳоварат дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон яксон нест. Асноҳои мухталифи одоби муошират тавассути системаи қолабҳои гуногуни одоби муҳоварат сурат мегиранд: Масалан, Ҷаноби Аълоҳазрат, Ҷаноби олӣ ва ё Рафиқ Сарфармондеҳи Қувваҳои мусаллаҳ. Аммо муқаррар аст, ки принсипи умумии истифодаи воситаҳои одоби муошират дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ принсипи хушмуомилагӣ ва эҳтиром боқӣ мемонад.

Дар муросилоти расмӣ низ корбасти воситаҳои одоби муҳоварат танзим карда мешавад, ба ибораи дигар, характери регламентӣ доранд, зеро одоби муошират кодекси рафтори маданӣ буда, ба эътирофи шахс вобаста ба вазъи иҷтимоӣ, мақому мартаба ва эътибори ӯ асос ёфтааст.

Махсусияти муошрати расмӣ дар он аст, ки бархӯрд, ҳамкорию ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар доираи ҳуқуқӣ сурат мегиранд. Ба натиҷаҳои беҳтарини ҳамкорӣ ва бунёди ҳуқуқии онҳо муносибатҳои шарикие оварда мерасонанд, ки дар асоси эҳтиром ва эътимоди тарафайн сохта шудаанд. Хусусияти муҳимми муошрати расмӣ хусусияти регламентӣ доштани он, яъне итоат ба қоидаҳо ва маҳдудиятҳои муқарраршуда мебошад.

Одоби муошират муҳимтарин воситаи расидан ба ҳадафи коммуникативӣ ва дар айни замон нишондиҳандаи фарҳанги нависанда ва ё гӯянда мебошад. Ба ҳама маълум аст, ки баъзан дархости якеро ичро намудан гуворо асту дархости дигареро не. Муҳтавои ду матн метавонад якхела бошад, аммо шакл ва оҳанг не. Баъзан як дархост аз дархости дигар бо мавҷудияти танҳо як ибора фарқ мекунад, ки дарки матнро тағйир медиҳад ва

барои қабули қарори мусбат оид ба масъалаи баррасишаванда омили иловагӣ мегардад. Мутаассифона, аксар вақт ҳамин як ибора дар номаҳои расмӣ камӣ мекунад.

Дар ҷомеаи мутамаддин системаи одоби муошират имконияти интихоби қолабҳои фаровони одоби муҳоваратро фароҳам меорад, ки ба адресант (шахси ирсолкунанда) барои дар ҳама ҳолат хушмуомила будан ва нигоҳ доштани эҳтироми адресат (шахси қабулкунанда) ёрӣ мерасонад. Чунончи, дар баъзе ҳолатҳо, аз қабили ҳолатҳои рад кардан, таъхир намудан дар тасмими мусбат, ихтилофи назар ва монанди инҳо истифодаи ифодаҳои таассуфовар пеш аз матлаби асосӣ зарур дониста мешавад:

Мутаассифона, мо ба шартҳои шумо розӣ шуда наметавонем...

Мутаассифона, мушкилоти пешомада ба мо имкон намедиҳад, ки дар ояндаи наздик аз пешниҳоди шумо истифода барем ...

Бо таассуф маҷбурем, ки ба шумо дар хусуси имконнопазирии … хабар диҳем...

Мутаассифона, то ҳанӯз баъзан ифодаҳои арзи миннатдорӣ дареғ ё сарфи назар карда мешаванд, ки бояд дар посух ба пешниҳод, дархост, даъват, табрикот, тасаллият ва ғайра истифода шаванд. Дар тамоми ҷаҳони мутараққиву мутамаддин барои дақиқӣ, посухи саривақтӣ баён намудани миннатдорӣ ба ҳукми анъана даромадааст, зеро корбасти онҳо дар аснои бағоят нозуки муносибатҳои байниҳамдигарии иҷтимоиву ҷамъиятӣ дар ҳалли мусбати масъалаҳои муҳим мусоидат карда метавонад:

Ташаккур барои посухи саривақтии шумо.

Ташаккур барои пешниҳод...

Иҷозат диҳед, миннатдории худро барои иштироки шумо дар ...баён намоям.

Ифодаи ҳиссиёти беҳтарин: шодмонӣ, умед, эътимод, таҳсин, миннатдорӣ матнро на танҳо ороиш дода, баёни хушки маъмулии онро аз байн мебарад, балки як навъ фазои муайяни даркро ба вуҷуд меорад, ки ба муносибати адресат (гирандаи нома) нисбат ба адресант (нависанда, гӯянда) таъсир мерасонад.

Лутфан даъвати моро қабул намоед, умедворем, ки ташрифи Шумо беманфиат нахоҳад буд...

Бо камоли майл Шуморо барои иштирок дар кори ҳамоиш даъват мекунем...

Бо камоли эҳтиром Шуморо барои ширкат варзидан дар кори ҳамоиш даъват мекунем...

Мо аз ҳузури Шумо дар кори конференсия шод хоҳем шуд...

Даъватномаи бо истифода аз чунин ибораҳо таҳиягардида назар ба ифодаи як андоза хушки *«Мо шуморо даъват мекунем ...»* зудтар қабул карда мешавад.

Ибораҳои хотимавии номаҳои расмӣ низ барои таҳкими таассуроти мусбат, ки бояд муошират муътадили расмиро пойдор нигоҳ доранд, махсусан муҳимманд.

Қаблан сипосгузорам.

Мо ба ҳамкории минбаъдаи пурсамар умедворем.

Мо ба муносибатҳои минбаъдаи хубу мутақобилан судманд умедворем.

Мо бо камоли майл имконоти дигарро дида мебароем.

Мо пешниҳодҳои нави шуморо бесаброна интизорем.

Мо итминон дорем, ки нофаҳмӣ ба зудӣ рафъ хоҳад шуд.

Аз замонҳои қадим маълум аст, ки гуворотарин ва муҳимтарин садо барои ҳар як шахс номи ӯст. «Ҳатто Франклин Д. Рузвелт медонист, ки яке аз роҳҳои оддитарин ва самарабахши ба даст овардани ҳусни таваҷҷуҳи атрофиён дар хотир нигоҳ доштани номҳои онҳо ва ба ин васила дар онҳо бедор намудани эҳсоси соҳиби эҳтирому эътибор буданашон мебошад» [10, с.83].

Дар навиштани мактуби расмӣ муроҷиат ба адресат роли муҳим мебозад. Ин унсури одоби муошират дар мукотибаи корӣ на танҳо изҳори эҳтиром нисбат ба адресат (мухотаб), балки барои бо ӯ ба роҳ мондани робита мусоидат мекунад. Воҳиди муроҷиат ба мазмуни минбаъдаи мактуб низ таъсири бевосита дорад. Шаклҳои маъмултарини муроҷиат бо ифодаҳои лутфомези ***арҷманд, гиромӣ, муҳтарам, азиз*** сурат мегиранд. Пас аз мухотаб вергул ё аломати хитоб гузошта мешавад. Муроҷиат бо аломати хитоб оҳанги нисбатан расмӣ ва муҳиммияти муносибатро таъкид менамояд. Имрӯзҳо мухотабҳои як замон куҳнашуда ва аз истеъмол баромада аз нав эҳё карда мешаванд ва дар ин мавқеъ

мухотаби «ҷаноб» – «ҷанобон» -ро зикр кардан бамаврид аст, ки то соли 1917 мақоми расмӣ дошт. Бо вуҷуди ин истифодаи он ҳанӯз ҳам ба пуррагӣ маъмул нагардидааст. Он дар соҳаи сиёсат, дар байни соҳибкорон, ходимони фарҳанг ва нисбатан камтар дар байни мансабдорон васеъ истифода мешавад.

Зимнан бояд дар хотир дошт, ки ҳатто дар сурати ба индекси хушмуомилагӣ доро шудан ва нисбат ба ҳар як шахс истифода карда шудан ҳам, калимаи мазкур аз маънои луғавӣ, ки ба мақоми иҷтимоии мухотаб ишораи бевосита менамояд, озод нест. Ин мухотаб дар номаҳо ба шарикони тиҷоратӣ, соҳибкорон, бонкдорон, мансабдорон, ходимони фарҳанг, сиёсатмадорон корбаст мегардад. Дар баробари ин, истифодаи ин навъи муроҷиатро ба гурӯҳҳои мавқеи иҷтимоиашон маҳдуд тасаввур кардан комилан ғайриимкон аст: "ҷанобон маъюбон", "ҷанобон гурезагон", "ҷанобон мардикорон".

Гуногунии шаклҳои моликият гуногунии муроҷиатро муайян мекунанд: бо индекс – бе индекс, насаб – бо ном ва номи падар.

Муҳтарам ҷаноби Юсуфзода ...

Масрур Юсуфии азиз ...

Қолабҳои дар интиҳои номаҳои расмӣ истифодашаванда низ ҳамчунин аҳамияти муҳим доранд. Анҷоми мактуб ҳамеша бо муайян кардани дурнамо (ҳамкорӣ, муносибатҳои корӣ, лоиҳа, ҳалли масъала ва ғайра) алоқаманд аст. Аз ин рӯ, ибораҳои охирин изҳори умед, эътимод, шодмонӣ, тасдиқ, сипосгузориро аз нуктаҳои дар боло овардашуда ифода менамояд.

Бо эҳтиром ...

Бо таманниёти беҳтарин ва умеди ҳамкорӣ ...

Мо ҳамеша хурсандем, ки ба шумо хидмат мерасонем ...

Хуш омадед ба семинари мо!

Умедворем, ки шумо бартариҳои лоиҳаи моро қадр хоҳед кард ва дар ...

Ибораҳои ибтидоӣ ва ниҳоии одоби муҳоварат дар номаи расмӣ чаҳорчӯбаи одоби муошират номида мешаванд ва нишондиҳандаи оғозу анҷоми аснои коммуникативӣ маҳсуб меёбанд. Ин ифодаҳо матнро (иттилоъро) ба чаҳорчӯбаи муайяни коммуникативӣ ҷой карда, робитаи мустақимро бо адресат (шунаванда, хонанда) ба роҳ мемонанд ва муносибатҳои мусоҳибонро ба танзим медароранд.

Хушмуомилагӣ ва хушбинӣ оҳанги номаҳои расмиро муайян мекунанд. Дар муросилоти расмӣ тамасхур, таҳқир, зуҳуроти дағалӣ ва ҳатто киноя комилан номумкин арзёбӣ мегарданд. Ва баръакс, истифодаи ифодаҳои мувофиқу муносиби одоби муҳоварат имкон медиҳад, ки оҳанги талаботи қатъӣ нармтар гардад. Муқоиса намоед:

Мо чунин мешуморем, ки шартномаи № 219 Е / 97 аз 01.01.18 бояд дар нашриёти мо баста шавад.

Мо бастани шартномаи № 219 Е / 97-ро аз 01.01.18 дар нашрёти мо мувофиқи мақсад мешуморем (умедворем, ки шуморо бовар қунонида тавонистем).

Албатта, қолаби одоби муҳоварат ифодаи дархостро андак тулонитар менамояд, вале дар муоширати шарикони тиҷоратӣ истифода аз қолабҳои хушмуомилагию эҳтиром натиҷаҳои самарабахш ба бор меоранд. Зеро дар ин маврид бар иловаи иттилоот оҳанги мукотибот низ эътимодбахш мешавад. Ба ақидаи Н.И.Формановская, оҳангу услуби иншои мактуби расмӣ бо риояи меъёрҳои одоби муҳоварат ва истифодаи бамавриди қолабҳои он ҷараёни минбаъдаи муносибатҳои ҳамкории байни ширкату ташкилотҳоро муайян карда метавонад [19, с.21].

Бо ёрии воситаҳои одоби муошират, расмияти аз ҳад зиёд, тарзи баёни хушки номаро аз байн бурда, тасвири оҳанги матнро рангинтар ва муассиртар намудан мумкин аст.

Хушбахтона, маълум шуд, ки ҳалли масъалаи шумо имконпазир будааст ...

Бо назардошти саҳми шумо дар рушди маҷмааи мо ...

Лутфан табрикоти самимонаи маро қабул намоед ...

Мутаассифона, даъвати шумо ба мо дер омад, бо вуҷуди ин мо тасмим гирифтем, ки ...

Захираи одоби муҳоварати тоҷикӣ ба ҷуз ибораҳо матнҳоро низ дар бар мегирад. Инҳо аксар вақт матнҳои шабеҳ мебошанд. Дар муросилоти расмӣ онҳо, асосан, аз номаҳои табрикотӣ, номаҳои ҳамдардӣ иборатанд. Чунин матнҳо аксар вақт як тарҳи

маъмулӣ ва муодилҳои гуногун доранд. Махсусияти муколамаи хаттии расмӣ ҳамчунин дар он аст, ки он ҳама гуна муносибатҳои шахсӣ, инфиродӣ ва номарбутро истисно мекунад.

Ифодаҳои одоби муҳоварате, ки бо феълҳои иҷроӣ (перформативӣ) ифода ёфтаанд, маъмулан, ба монанди дигар қолабҳои одоби муҳоварат ба қатори қолабҳои устувори муошират дохил карда мешаванд ва ҳамчунин дар одоби муоширати расмӣ мавқеи намоён доранд:

Бо камоли майл шуморо даъват мекунам, ки дар ...

Барои иштирокатон самимона миннатдорӣ баён мекунам ...

Аз Шумо самимона барои ... миннатдорам

Аз шумо хоҳиш мекунам, ки ба сурогаи мо ирсол намоед...

Ман ба шумо итминон медиҳам, ки мо тамоми имкониятҳоямонро ба кор мебарем...

Ба шумо комёбиҳо таманно дорем ва ба ҳамкориҳои судманди оянда умедворем ...

Бо сипосу ихлоси беандоза тасдиқ мекунам, ки...

Ба қатори қолабҳои дар матни номаҳои расмӣ истифодашаванда ҳамчунин намудҳои гуногуни таърифу ситоиш низ дохил мешаванд.

Шумо таваҷҷуҳи самимии худро ба ятимон ва кӯдакони бе парастории волидайн монда зоҳир кардед ... (ситоиши мустақим).

Бо назардошти саҳми бузурги шумо дар рушди пешрафти техникӣ дар соҳа ... (ситоиши ғайримустақим).

Азбаски ширкати шумо таъминкунандаи асосии таҷҳизоти компютерӣ мебошад ... (ситоиши ғайримустақим).

Тавре ки дар боло ишора гардид, яке аз воситаҳои ба муваффақияти коммуникативӣ ноил гардидан дар поёни номаи расмӣ изҳор намудани умеду эътимоду миннатдорӣ мебошад.

Умедворем, ки минбаъд муносибатҳои хуб ва мутақобилан судманд хоҳем дошт...

Умедворем, ки натиҷаи музокирот ҳамкории дарозмуддат ва пурсамари ширкатҳоямон хоҳад гашт...

Ба Шумо комёбиҳо таманно дорем ва ба ҳамкориҳои судманди оянда умедворем.

Умедворем, ки дархости мо ҳарчи зудтар баррасӣ хоҳад шуд.

Шакли муроҷиати боэҳтиром ба адресат дар муросилоти расмӣ тақозо менамояд, ки ҷонишини шахси дуюми ҷамъ дар мақоми ҷонишини шахси дуюми танҳо истифода шавад ва ҳангоми навишт ҷонишини **Шумо** бо ҳарфи калон оғоз гардад, зеро ин як навъ нишондиҳандаи муносибати субъективии эҳтироми мусоҳиб дар матн мебошад.

Яке аз муҳаққиқони барҷастаи одоби муҳоварати рус В.Е. Голдин дар китоби худ «Нутқ ва этикет» хеле бамаврид қайд менамояд, ки тамоми матн ва ҳар як қисми нома ба адресат равона карда шудааст. Пас, дар матни мактуби расмӣ, илова бар қолабҳои одоби муҳоварат, сохтори худи матн ва мундариҷа низ ба мухотаб равона карда мешавад. Аз ин рӯ, мундариҷаи нома, ҳаҷм ва сохтори он низ аз хусуси одоби муошират: дар бораи баробарӣ ё нобаробарии муносибатҳо, дар бораи хоҳиши нигоҳ доштани робитаҳои тиҷоратӣ ё хоҳиши қатъ кардани онҳо маълумот медиҳад [4, с.55].

Системаи аломатҳои одоби муоширати манфӣ (саривақт нагирифтани посух ва ё умуман посух нагирифтан) ҳамчун надоштани хоҳиш барои идомаи муносибатҳои шарикӣ, ҳамчун аломати беҳурматӣ тафсир дода мешавад.

Ҷанбаи муҳимми муносибатҳои тиҷоратӣ масъалаҳои ахлоқӣ байни шарикони тиҷоратӣ мебошад. Дар мукотиба он дар зарурати риояи як қатор талаботҳо, ҳам барои адресант ва ҳам ба адресат, зуҳур мекунад.

Ба таҳиякунандагони мактубҳои расмӣ чунин амалҳо тавсия дода намешаванд:

• Адресатро дар қабули қарор ба шитобкорӣ водор кардан ва аз ифодаҳои *Таъҷилан, Фавран, Ҳарчи зудтар* истифода кардан қобили қабул нест.

• Адресатро ба натиҷаи чашмдошти масъалаи дар мактуб зикршуда маҷбур кардан низ ба қоидаҳои одоби муошират мувофиқат намекунад: Истифодаи ифодаҳои *Аз шумо хохиш менамоям, ки масъаларо омӯзед ва ба таври мусбат ҳал кунед, Аз шумо хоҳиш менамоям, ки номзадии ин шахсро тасдиқ намоед* низ номақбуланд.

• Дар ҳолатҳое, ки иҷрои дархост ё дастур имконнопазир аст, паёмро бо изҳороти рад оғоз кардан мвофиқи мақсад хоҳад буд. Аввалан, мақсади иқдомро баён карда, бояд возеҳ намуд, ки дар ҳолатҳои муайян имкони аз сари нав ба баррасии масъала баргаштан мавҷуд аст.

Аз нуқтаи назари меъёрҳои ахлоқӣ гирандаи мактуби расмӣ бояд ба ирсолкунанда зуд ҷавоб диҳад. Таъхир дар ҷавоб ё набудани посух метавонад ҳамчун набудани хоҳиши ҳамкорӣ фаҳмида шавад ва боиси қатъ шудани муносибатҳои корӣ низ гардад.

Шакли ҷавобе, ки дар он мактуб-дархост ё пешниҳод ба адресант бе истифодаи воҳиди муроҷиат ё ифодаи ниҳоӣ (махсусан, агар дар шакли дастӣ навишта шуда бошад) баргардонида шавад, ҳамчун ҳодисаи риоя накардани меъёрҳои ахлоқии муросилоти расмӣ ва изҳори беэҳтиромӣ арзёбӣ мегардад.

Мувофиқи қоидаҳои одоби муошират шакли ниҳоии баёни эҳтиром дар тарафи рости мактуб дар зери сатри ниҳоии мазмуни асосӣ гузошта мешавад ва он, одатан, дар сатри алоҳида, бо фосилаи иловагӣ ҷойгир карда мешавад. Дар тафовут аз муроҷиати муқаддимавӣ, қолабҳои ниҳоии эҳтиром ба шахс далолат накарда, дар умум ба ташкилот ва кормандони он равона карда мешавад: *Бо эҳтиром…, Бо эҳтироми амиқ…, Бо орзуи муваффақияти Шумо…, Бо таманнои беҳтарин…* ва монанди инҳо.

Ҳамин тариқ, муросилоти расмӣ-коргузорӣ риояи меъёрҳо ва қоидаҳои нутқи хаттиеро талаб мекунад, ки дар таҷрибаи муносибатҳои корӣ ба таври устувор муқаррар гардидаанд, ба ибораи дигар, он қонуниятҳое бояд риоя гарданд, ки одоби муҳоварат муайян менамояд. Меъёрҳои одоби муҳоварат як навъ созишномаи оммавиеро, ки дар бораи он ки дар муошарати расмӣ-коргузорӣ чӣ қобили қабул асту чӣ қобили қабул нест, пешбинӣ менамоянд.

Муошарати расмӣ-коргузорӣ навъи оммавитарини муошарати иҷтимоӣ мебошад. Он соҳаи муносибатҳои тиҷоратӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ, муносибатҳои иқтисодӣ-ҳуқуқӣ ва дипломатиро дар бар мегирад.

Принсипи универсалии корбасти воситаҳои одоби муҳоварат принсипи хушмуомилагӣ мебошад. Вазифаи аввалини адресант (нависанда) аз он иборат аст, ки мавқеи худро дар хотир нигоҳ дорад, мавқеи адресатро, яъне шахсеро, ки ба ӯ менависад, аниқ донад ва симои ӯро ба дараҷае равшан тасаввур карда тавонад, ки гӯё бо ӯ рӯ ба рӯ истода суҳбат карда истода бошад. Дар замони имрӯза, ки муросилоти расмӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиву ҷамъиятӣ, махсусан, дар соҳаи робитаҳои дипломатӣ беш аз пеш густариш ёфта истодааст, донистани меъёрҳои одоби муҳоварати расмӣ муҳим ва зарур аст.

Қобилияти бомуваффақият гузаронидани гуфтушунидҳои расмӣ, бо салоҳият тартиб додани матни ҳуҷҷатҳо, қобилияти кор бо онҳо муҳимтарин ҷузъи фарҳанги касбии шахсест, ки қарорҳои муҳимро қабул мекунад.

Имрӯз дар ҷаҳони мутамаддин фарҳанги муошарат категорияи иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Фарҳанги баланди муошарат ва иқтисодиёти рушдёфта дар кишварҳои мутараққӣ аз ҳам ҷудонопазир буда, ба ҳам алоқамандии ногусастанӣ доранд. Ва баръакс, фарҳанги пасти муошарати ҷомеа боиси сатҳи пасти рушд ва самаранокии иқтисодиёт шуда метавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Акишина А.А. Русский речевой этикет / А.А. Акишина, Н.П. Формановская. – М.: Русский язык, 1978.
2. Введенская Л. А. Русский язык и культура речи: справочное пособие / Л.А.Введенская, Л.Г. Павлова, Е.Ю. Катаева. - Ростов н/Д, 2002. - С.339.
3. Гольдин В.Е. Обращение: теоретические проблемы / В.Е. Гольдин. – Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1987. – 127 с.
4. Гольдин В.Е. Речь и этикет / В.Е. Гольдин. - М.: Просвещение, 1993. - С.55.
5. Гольдин В.Е. Русский язык и культура речи / В.Е. Гольдин. - Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 2001. – 212 с.
6. Дерягин В.Я. Беседы о русской стилистике / В.Я. Дерягин. - М.: Знание, 1978. - С.87.
7. Джураева, М.Р. Освещение проблем речевого этикета в таджикско-персидском культурном наследии / М.Р. Джураева // Вестник Таджикского национального университета. Серия «филология». – Душанбе, 2014. № 3/9(154). – С.235-237.
8. Грайс Г.П. Логика и речевое общение. Пер. В.В. Туровского / Г.П. Грайс // Новое в зарубежной лингвистике. Вып. 16. Лингвистическая прагматика. - М., 1985. - С.217-237.

9. Кабиров Ш. Роҳҳои ифодаи эҳтирому фурӯтанӣ дар забони тоҷикӣ / Ш.Кабиров // Сухан аз арши барин омадааст. - Душанбе, 2014. – С.50-55.
10. Карнеги Дейл. Как завоевать друзей и оказывать влияние на людей / Дейл Карнеги. - Екатеринбург, 2004. - С.83.
11. Колтунова М.В Язык и деловое общение / М.В. Колтунова. - М.: Экономическая литература, 2002.
12. Кузнецова Т.В. Делопроизводство / Т.В. Кузнецова. – М.: ЗАО «Бизнес-школа «Интел-Синтез», 2000.
13. Снелл Ф. Искусство делового общения / Ф.Снелл. – М.: Прогресс, 1990.
14. Крысин Л.П. Язык в современном обществе / Л.П. Крысин. – М.: Просвещение, 1977. – 191с.
15. Колесова А.В. Нравственная ценность этикета: автореф. дис. канд. филол. наук / А.В. Колесова. – М., 1995. – 21 с.
16. Колтунова М.В. Язык и деловое общение. Нормы. Риторика. Этикет / М.В. Колтунова. – М., 2000. – 271 с.
17. Костомаров В.Г. Русский речевой этикет. Обращения, формулы приветствия, прощания, благодарности / В.Г. Костомаров. - М., 1972. – С.90-98.
18. Основы русской деловой речи. Авторы: Н.А. Буре, Л. Б. Волкова, Е. В. Косарева и др. Учебное пособие для студентов высших учебных заведений. Под редакцией проф. В.В. Химика. 2-е издание. – С-Петербург, 2015. – 335с.
19. Формановская Н.И. Речевой этикет русского языка. Теория и практика / Н.И. Формановская. - М., 2009. - С.21.
20. Формановская Н.И. Речевое взаимодействие: коммуникация и прагматика / Н.И. Формановская. - М.: ИКАР, 2007. – 480 с.
21. Храковский В.С. Типология императивных конструкций / В.С. Храковский. - СПб.: Наука, 1992. – 315 с.
22. Ҷӯраева, М.Р. Семантикаи нармгуфторӣ дар васоити ахбори омма / М.Р. Ҷӯраева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2012. – № 4/6 (97). - С.136-139.

ХУСУСИЯТҲОИ ВОҲИДҲОИ ОДОБИ МУҲОВАРАТ ДАР МУРОСИЛОТИ РАСМӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз ҷанбаҳои муҳимми муносибатҳои байниҳамдигарии иҷтимоиву ҷамъиятӣ, ки дар муоширати расмӣ, аз ҷумла хуҷҷатҳо, номаҳои расмӣ тавассути қолабҳои одоби муҳоварат сурат мегиранд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон доир ба муҳиммияти корбасти қолабҳои одоби муҳоварат дар муросилоти расмӣ муҳокима ронда, зикр менамоянд, ки яке аз омилҳои ҳалкунандаи муваффақияти коммуникативӣ ҳангоми бастани шартнома ва қарордодҳои дигари тиҷоратӣ корбасти мавридшиносонаи қолабҳои устувори системаи одоби муҳоварат аст. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки комёбию нокомии шахсоне, ки бевосита ба омода намудани ҳуҷҷатҳои гуногун сару кор мегиранд, ба он вобаста аст, ки то кадом андоза аз захираи пурғановати одоби муҳоварат ва унсурҳои асосии он – нармбаёнию эҳтиром моҳирона истифода карда метавонанд. Дар ҷомеаи мутамаддин системаи одоби муошират имконияти интихоби қолабҳои фаровони одоби муҳоваратро фароҳам меорад, ки ба адресант барои дар ҳама ҳолат хушмуомила будан ва нигоҳ доштани эҳтироми адресат ёрӣ мерасонад. Фарҳанги баланди муошират ва иқтисодиёти рушдёфта дар кишварҳои мутараққӣ аз ҳам ҷудонопазир буда, ба ҳам алоқамандии ногусастанӣ доранд.

Калидвожаҳо: одоби муошират, одоби муҳоварат, ҳуҷҷат, хушмуомилагӣ, муросилот, эҳтиром, адресат, адресант, номаҳои расмӣ.

ОСОБЕННОСТИ ЕДИНИЦ РЕЧЕВОГО ЭТИКЕТА В ОФИЦИАЛЬНЫХ СООБЩЕНИЯХ

В данной статье рассматривается один из наиболее важных аспектов социальных взаимоотношений, которые имеют место в официальном общении, включая документы и официальную переписку, посредством речевого этикета. Автор рассуждает о важности использования элементов речевого этикета в официальной переписке, отмечая, что одним из ключевых факторов коммуникативного успеха при заключении договоров и других коммерческих соглашений является своевременное применение формул общения из системы речевого этикета. Исследователи считают, что успех или неудача тех, кто принимает непосредственное участие в подготовке различных документов, зависит от того, насколько они могут умело использовать богатые ресурсы речевого этикета и его основных элементов - вежливости и уважения. В цивилизованном обществе система речевого этикета позволяет выбирать из широкого диапазона коммуникативной этики, что помогает адресату быть вежливым и уважительным во всех случаях. Высокая культура общения и развитая экономика в развитых странах неразрывно связаны друг с другом.

Ключевые слова: этикет, речевой этикет, документация, вежливость, переписка, уважение, адресат, официальные письма.

FEATURES OF UNITS OF SPEECH ETIQUETTE IN OFFICIAL COMMUNICATIONS

This article examines one of the most important aspects of social relationships that take place in official communication, including documents and official correspondence, through speech etiquette. The author discusses the importance of using elements of speech etiquette in official correspondence, noting that one of the key factors of communicative success when concluding contracts and other commercial agreements is the timely application of communication formulas from the system of speech etiquette. The researcher believes that the success or failure of those who are directly involved in the preparation of various documents depends on how skillfully they can use the rich resources of speech etiquette and its basic elements - politeness and respect. In a civilized society, the system of speech etiquette allows you to choose from a wide range of communicative ethics, which helps the addressee to be polite and respectful in

all cases. A high culture of communication and a developed economy in developed countries are inextricably linked with each other.

Key words: etiquette, speech etiquette, documentation, politeness, correspondence, respect, addressee, addressee, official letters.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҷӯраева Мушаррафа Рустамовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **light_angel-65@mail.ru**
Файзова Таҳмина - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур, унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ 146

Сведение об авторах: ***Джураева Мушаррафа Рустамовна*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, заведующая кафедрой стилистики и литературного редактирования факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **light_angel-65@mail.ru**
Файзова Тахмина - Таджикский аграрный университет им. Ш.Шотемура, соискатель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734017, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 146

Information about authors: ***Dzhuraeva Musharrafa Rustamovna*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Head of the Department of Stylistics and Literary Editing of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru**
Fayzova Takhmina - Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemura, applicant for the Department of the Tajik language. **Address:** 734017, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 146

УДК: 491.550-3

НАҚШИ ВОСИТАҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ИФОДАИ МУНДАРИҶАИ МАЪНОИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Дӯстзода Ҳ.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳарчанд аз баррасии масъалаҳои гуногуни илми фразеология бештар аз ним аср сипарӣ шуда бошад ҳам, вале маълум мегардад, ки бархе аз паҳлуҳои ба табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ вобастабуда аз мадди назар дур мондаанд ё то ҳадди лозимӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки табиати сохториву маъноии фразеологизмҳои забони тоҷикӣ мураккаб буда, таҳқиқи ниҳоии онҳо метавонад ин навъи воҳидҳои забонро миёни дигар гурӯҳҳо боз ҳам бештару хубтар муаррифӣ намояд.

Яке аз чунин мушкилоте, ки имрӯз дар пешорӯи муҳаққиқони соҳа меистад, муқаррар намудани ҳадду ҳудуд ва қабатҳои мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Бояд зикр намуд, ки дар ташаккули мундариҷаи маъноии фразеологизмҳо унсурҳои гуногуне нақш доранд, ки яке аз чунин воситаҳои муассир тарҳрезӣ шудани воситаҳои тасвири бадеии гуногун дар сохтори ифодаҳои рехта ва ба ин васила ба вуҷуд омадани маъноҳои гуногун дар мундариҷаи маъноии онҳо мебошад. Бо вуҷуди он ки дар ин самт аллакай як қатор кӯшишҳои суданд анҷом ёфтаанд [I. 2, 7, 10], вале таҳлилҳо ба хулосае меоранд, ки мақоми ин гуна воситаҳо дар ташаккули сохториву маъноии ифодаҳои рехтаи забони тоҷикӣ ба таври бояду шояд муайян нашудааст. Аз ин ҷиҳат, месазад, ки масъалаи зикршуда мавриди таваҷҷуҳи амиқ қарор гирифта, дар ин замина хулосаҳои дақиқи илмӣ бароварда шаванд.

Дар сохтори воҳидҳои фразеологии мухталиф унсурҳои муайяне нақш доранд, ки дар ин замина мундариҷаи маъноии ҳар яке аз онҳо ба вуҷуд меояд. Муқаррар шудааст, ки яке аз чунин унсурҳо истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Воситаҳои тасвири бадеии ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя, тавсиф ва монанди инҳо аз шумори он унсурҳое мебошанд, ки дар ташаккули мундариҷаи маҷозии фразеологизмҳои забони тоҷикӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Пеш аз оне, ки роҳҳои истифодаи воситаҳои тасвири бадеиро дар воҳидҳои фразеологӣ муқаррар намоем, зарур аст, ки ба мафҳуми илмии онҳо равшанӣ андозем. Мусаллам аст, ки воситаҳои мазкур, асосан, дар илми адабиётшиносӣ омӯхта шуда, онҳоро бештар ба порчаҳои назмӣ ва шеърӣ нисбат медиҳанд. Ба қавле, ин воситаҳо танҳо моли назманду маҳз дар доираи шеър вазифаҳои худро иҷро мекунанд. Мо қатъиян ба ин назария розӣ набуда, таъкидан зикр менамоем, ки дар наср низ зоҳиршавии бештари воситаҳои каломи бадеъ мушоҳида мешавад. Сараввал бояд зикр намуд, ки воситаҳои тасвири бадеӣ дар забоншиносии муосир низ таҳқиқ шудаанд. Масалан, олимони забоншиноси рус ин навъи воситаҳоро дар умум зери истилоҳи **троп** (аз забони юнонии **тропос** – ибора) аз ду паҳлу: ҷанбаи забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ таҳлил намудаанд [I. 1, 3, 4, 6, 9]. Забоншиноси рус Бессарабова, Н.Д. дар рисолаи худ қайд менамояд, ки мавзӯи троп дар илми забоншиносӣ нав нест. Сарчашмаҳои фаровони вобата ба ин мавзуъ аз он шаҳодат медиҳанд, ки он гуногунҷабҳа ва мураккаб буда, вобаста ба ин масъала миёни олимон ягонагии ақида дида намешавад. Агар қисме онро ба адабиёт нисбат диҳанд, гурӯҳи дигар навъҳои онро дар воҳидҳои забонӣ ҷустуҷӯ мекунанд [I. 1].

Троп ё воситаҳои тасвири бадеӣ, дар маҷмуъ, унсурҳое мебошанд, ки ба образнокии воҳидҳои забон нигаронида шудаанд. Онҳоро ҳам дар калимаҳо ва ҳам воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида намудан мумкин аст. «Онҳо калима ва ифодаҳоеро ташкил медиҳанд, ки бо маънои маҷозӣ омада, образнокиро қувват мебахшанд ва муассирии нутқ ва забонро таъмин мекунанд. Навъҳои тропро метафора (маҷоз), метонимия (истиора), сравнение (ташбеҳ), гипербола (муболиға), эпитет (тавсиф), ирония (киноя) ва ғайра ташкил медиҳанд» [I. 14].

Дар умум, ин навъи воситаҳои тасвири бадеиро метавон ҳамчун унсурҳое маънидод намуд, ки аз ҷониби нависанда бо мақсадҳои муайяни образнокии мафҳум истифода мешаванд. Мувофиқи ақидаи адабиётшиноси маъруф, профессор Х. Шарифов, онҳо

воситаҳои баён буда, сухани нависандаву шоирро оро медиҳанд. «Дар ҳақиқат ташбеҳ, истиора, киноя ва маҷоз асоси тарзи тасвири бадеиро ташкил медиҳанд ва онҳо воситаҳои тасвири (инъикоси) бадеӣ номида мешаванд. Аммо дар асли тоҷикӣ онҳо воситаи баён буда, маънои баён дар урфи адабию танқидии имрӯза тарзу салиқаи сухани нависанда мебошад ва дар маънии луғавӣ пайдоишу ошкор шудан, сухани ошкору фасеҳ аст» [I. 11, 79-80].

Акнун ҳар яке аз воситаҳоро мухтасаран дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, мақоми онҳоро дар ташаккули ифодаҳои рехта нишон медиҳем:

Ташбеҳ. Ташбеҳ (сравнение) ҳамчун як навъи тавлиди маънои маҷозӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ мавқеи хоса дорад ва ин навъи ифодаҳои рехтаву устувор воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ номида мешаванд [I. 2]. Он муқоисаи образноки ду ҳодиса мебошад, ки бо мақсади барои соҳибзабон муайн намудани аломати барҷастаи ин ё он ашё ифода меёбад. Аксаран чунин монандкунӣ бо мақсади образнокии мафҳум сурат мегирад. Яъне, дар ин маврид монандкунӣ ё муқоиса намудани ашё ё ягон паҳлуи барҷастаи он заминаи асосии ташбеҳ ва ифодаи образноки мафҳум ҳисобида мешавад. Маҳз ҷанбаи монандкунӣ, ки аксаран воқеӣ ва тасаввуршаванда мебошад, образнокӣ ва дигар тобишҳои маъноиро ба вуҷуд меорад. “Алоқаи миёни обйекти муқоиса ва ҳиссаи муқоисавии ибора мумкин аст ҳақиқӣ ё бардурӯғ бошад. Масалан, дар ибораи **ба мисли моҳӣ шино кардан**, ки маънои “моҳирона”-ро дорад, алоқа ҳақиқист, зеро дар ҳақиқат мисли моҳӣ моҳирона шино кардан мумкин аст” [I. 2, с.47].

Дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ мафҳум дар заминаи ягонагии монандӣ бо ашёи дигар ташбеҳ ё муқоиса карда мешавад ва дар созмони онҳо бештар пешояндҳо ва пасоянди монандӣ нақш доранд. “Дар ибораҳои фразеологии феълии ташбеҳӣ ин ё он предмет, ҳодисаи реалӣ ба ягон ҳодисаи барҷастаи дигар, ки бо ифоданокӣ, пуробуранг ва таъсирбахш будани худ аз пердмети ташбеҳшаванда як дараҷа болотар меистад, монанд карда мешавад” [I. 7]. Яъне шарти асосӣ барои ташаккули сохтории фразеологизмҳои ташбеҳӣ мавҷудияти умумияти монандӣ миёни ашёҳо ва ҳодисаҳои олами воқеӣ мебошад. Ташбеҳ ҳамчун як унсури маъносози забонӣ муқоисаи ду ашё (ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунандаро)-ро, ки хусусияти муштарак доранд, барои муайян кардани умумияти монандии онҳо дарбар мегирад. Он тағйиротро дар фаъолнокии аломати ашё ва дараҷаи ин тағйиротро муайян карда, бо воситаҳои гуногунсатҳи забон ифода меёбад. Ба монанди дигар воситаҳои тасвир ба ташбеҳ нишонаҳои махсуси забонӣ хоссанд, ки аломатҳои сохторӣ ё семантикии худро доранд [I. 10, с.163]. Барои созмони ташбеҳи фразеологӣ лозим аст, ки умумияти монандӣ миёни ду ашё вобаста ба ҳолат, вазъият, амал ва дигар ҷиҳатҳои онҳо ба назар гирифта шавад. Дар ҳоли акс ташбеҳи рехтаву уствор ва аз ҷиҳати маъно барои ҳамагон фаҳмову қабулшуда ба даст намеояд. Масалан, дар ташбеҳоти фразеологии **монанди сипоҳи сафкашида** ба маънои “ороста, ботартиб”, **шири кафколуда барин** “дар ҳолати дамидан”, **мисли ситораҳои осмон** “назаррабо, ҷилонок” маҳз умумияти дақиқи монандӣ миёни унсурҳои ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда устувориву маънои ягонаи ифодаҳоро ба вуҷуд овардааст:

Ало силтаву лангар хӯрда ҳукм ба қир рост шуда, бори дигар рамаи қарор истода ва **монанди сипоҳи сафкашида** гардан тофта… [II. 22, с.149]. Аммо дар бағали кӯҳ дарёи **шири кафколуда барин** туман равон буд [II. 5, с.61]. … гоҳо чароғҳо аз канори роҳи оҳан дур мешуданд ва мисли шаддаҳои дурру марворид ба назм чида шуда мерафтанд, гоҳо **мисли ситораҳои осмон** дар фазои васеъ то ба ҷойҳои дур пошида мешуданд [II. 5, с.220].

Тавре зикр гардид, зоҳиршавии дилхоҳ воситаи тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ барои ифодаи маъноҳои гуногуни он заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳолатро дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст. Ташбеҳ ҳамчун унсури маъносоз дар мундариҷаи маъноии фразеологизмҳои ташбеҳӣ, асосан, маъноҳои эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ ва образнокро ба вуҷуд меорад. Чунончи, дар мисолҳои зайл, ки ташбеҳоти устувор мебошанд, дар асосии муқоисаи аломатҳои барҷастаи шайъҳои алоҳида зоҳиршавии маънои образнок таъмин гардидааст: **мисли мӯру малах** “аз ҳад зиёд, бетартибона”, **мисли думи мӯш борик** “аз ҳад зиёд борик”, **балои қазо барин** “ногаҳон, бахабарона”:

… таппонча дар даст, бо пешсафони аҷнабипарвару оташинсухан, **мисли мӯру малах** ба шаҳру деҳот мерехт [II. 19, с.27]. Савора дар ин маврид бо ангушти дасти тозиёнадораш

нӯги мӯйлабҳои **мисли думи мӯш борик** ва дарози тобдору каҷакашро бар зад… [II. 19, с.35]. Чӣ мегӯӣ, ки **балои қазо барин** аз сари роҳи зану шавҳар Карима баромада монду шавқунро бардошт [II. 17, с.67].

Бар замми он ки ҳодисаи монандкунӣ дар ташбеҳоти фразеологӣ заминаи образнокии мафҳум мебошад, ҳамчунин метавонад дар мундариҷаи онҳо тобишҳои гуногуни эҳсосотиро инъикос намояд. Зоҳиршавии тобишҳои эҳсосотии мусбат ва манфӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ маънои эҳсосотиро дар мундариҷаи маъноии онҳо ба вуҷуд меорад. Инро ҳолатро дар воҳидҳои рехтаи ташбеҳии **монанди мори курк** “беҳаракат, ноҷунбон” (ифодаи эҳсосоти манфӣ), **мисли оби чашма** “шаффоф, беолоиш” (ифодаи эҳсосоти мусбат), **мисли саги аз об баромада** “дар ҳолати ногувор, ноҳинҷорона” (ифодаи эҳсосоти манфӣ) дидан мумкин аст, ки зоҳиршавии тобишҳои эҳсосотии таҳқир, тавсиф ва масхара дар онҳо маънои эҳсосотиро таъмин намудаанд:

Чанд рӯз пеш дар тоқи болодарӣ як порча хати даҳшатнок **монанди мори курк** маскан гирифт [II. 3, с.10]. Назди ту дугона **мисли оби чашма** софам [II. 3, с.260]. Пас **мисли саги аз об баромада** сарашро такон дода ба ӯ нигарист [II. 15, с.194].

Дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ маънои эҳсосотӣ аксаран бо маънои баҳодиҳӣ зоҳир мешавад. Аз ин қоидаи маъмул воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ низ истисно нестанд. Ба таври дигар, дар баробари зоҳиршавии тобишҳои эҳсосотии мухталиф ба мафҳум ҳамзамон баҳои муносиб дода мешавад. Ин гуна баҳодиҳиро дар ташбеҳоти фразеологӣ низ метавон бо ҷадвали хуб ё бад нишон дод. Аз қабили **мисли модари меҳрубон** “ғамхорона, дилсӯзона” (ифодаи баҳодиҳии хуб), **саг барин гурусна** “дар ҳолати ногувор, тамаъҷӯёна” (ифодаи баҳодиҳии бад), **ба мисли чашмони бум** “нозебо, даҳшатангез” (ифодаи баҳодиҳии бад):

… ба кирдори Амактӯра сад лаънат хонда, ашки алам мерезад, **мисли модари меҳрубон** дӯсташ медорад [II. 18, с.47]. Ман ҳам **саг барин гуруснаам** [II. 15, с.219]. Бояд ин ҳақиқатан ҳам як чизи даҳшатноке бошад, ки чашмони пиракӣ каб-кабуд гардида, **ба мисли чашмони бум** гирд шуданд [II. 23, с.34].

Истиора. Истиора (метонимия) низ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ ба ҳайси воситаи фаъоли бадеӣ нақш дорад. “Метонимия истифодаи маҷозии калима буда, дар асоси ҳамҳудудии ашёҳои муқоисашаванда сурат мегирад. Дар ин маврид ҳамҳудудӣ ба таври васеъ шарҳ дода мешавад: ҳамчун якҷояшавӣ дар дар фазои муайян, мутобиқати мантиқӣ, вобаста кардан ва ғайра. Кӯчиш дар ин ҳолат на аз ҳисоби он ки ашёву ҳодисаҳои муқоисашаванда аз рӯйи ягон муносибат бо ҳам монанданд, балки аз рӯйи он сурат мегирад, ки онҳо ба ҳамдигар сахт алоқаманд буда, шуури мо чунин муштаракиро ба зудӣ қабул мекунад” [I. 6, с.209-210].

Истиора низ яке аз воситаҳои тавлиди маънои фразеологӣ буда, ба тарзи истифодаи як мафҳум ё тасаввурот барои ифодаи мафҳум ва ё тасаввуроти дигар зоҳир мешавад. Танҳо фарқ дар он аст, ки мафҳум ё тасаввуроте, ки ба ҷои мафҳум ё тасаввуроти дигар корбаст мегардад, онро як андоза беҳтару хубтар ва образнок ифода мекунад. Яъне дар ин навъи маҷоз истиоракунанда аз истиорашаванда бояд беҳтару саҳеҳтар бошад ва ин ё он паҳлуи онро дар шакли як андоза болотару хубтар нишон диҳад. Маҳз ҳамин ифодаи образноки равшану муъҷаз аз мавҷудияти ҷилваву тобишҳои равшани эҳсосотӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ дарак медиҳад. Инро ҳангоми муқоисаи воҳидҳои фразеологии истиоравӣ бо ҳаммаъноҳои луғавиашон, ки ин ё он мафҳумро ифода мекунанд, дарк намудан мумкин аст: **гапу калоча** – овозаи ҳақиқати воқеӣ надошта, аз воқеият дур, **латтаи *касе* ба об зад** – аз натиҷаи бобарори амале ноумед шудан, барор нагирифтани мақсади касе, **сар ба осмон соидан** – аз натиҷаи амале аз ҳад зиёд хурсанд, қаноатманд гардидан ва ғайра:

Воқиан, ба ҳар **гапу калоча** заҳри зақум хӯрда, обу адо шудан бефоида [II. 21, с.65]. … ин хабар мисли оби сарде аз сар то қадами падару модари Осиямоҳ шорид, ҳолашон намонд. **Латаашон ба об зад** [II. 10, с.50]. – Ҳой Кармен, ту аз афташ хаёл мекунӣ, ки ин ҷонварон аз сураткашии ту шод шуда, **сар ба осмонҳо месоянд** [II. 14, с.34].

Истиора низ ҳамчун воситаи тавлидкунандаи маъноҳои гуногун дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ мавқеи устувор дорад. Моҳияти он истифодаи як мафҳум бар ивази мафҳуми дигар буда, дар ин замина мафҳуми истиоракунанда бояд хубтару беҳтар ва равшантар бошад. Маҳз ҳамин падида дар зоҳиршавии маънои мафҳумию образнок дар

фразеологизмҳои истиорав̄ нақши муҳим дорад. Дар ин ҳолат тобиши образнок̄ бар замми маънои мафҳум̄ муассирии воҳиди фразеологии истиоравиро бештар мегардонад. “Дар бештари ҳолатҳо унсури мафҳумии маънои фразеолог̄ бо навъҳои мухталифи қабатҳои идиоматик̄ зоҳир мешавад. Лаҳзаҳои образнок, эҳсосот̄ ва баҳодиҳ̄ ҳамчун унсурҳои таркибии мундариҷаи маънои фразеолог̄ ба ифоданок̄ ва инъикоси равшани ҳодисаҳои олами обйектив̄ қувват мебахшанд” [I. 5, с.123]. Яъне, маънои мафҳумию образноки фразеологизмҳои истиорав̄ дар заминаи зоҳиршавии барҷастаи мафҳум дар қолаби воҳиди фразеолог̄ сурат мегирад. Чунончи, **сӯхтану пухтан** “бо мақсади иҷрои амале сахт азоб кашидан, ғамгин шудан”, **равони *касе* ба ҷаҳаннам раҳсипор гардид** “мурдан, вафот кардан”, **хатти сиёҳ** “мактубе, ки дар он хабари фавти касе аз саҳнаи ҷанг дарҷ мегардад”:

Сӯхтану пухтан, аламу ситезаи Салиму занаш барои ҳамин [II. 20, с.128]. …пайкари азимаш то ба миён бар замин фурӯ рафт ва **равонаш ба ҷаҳаннам раҳсипор гардид** [II. 14, с.116]. Баъдтар соли 1941 Эшону Азимхон ба ҷанг мераванд ва аз онҳо ба номи модари сиёҳбахт **хатти сиёҳ** меояд [II. 10, с.148].

Тобишҳои дигари маъно̄ низ дар мундариҷаи фразеологизмҳои истиорав̄ мушоҳида мешаванд. Ҳарчанд маънои мафҳум̄ инъикоси бевоситаи воқеият дар шуури соҳибзабонон мебошад, вале тобишҳои образнок, эҳсосот̄, баҳодиҳ̄ ва ғайра ҳамчун маъноҳои иловагии бо усули маҷоз ба вуҷудомада баъзан онро мукаммал мекунанд. Яке аз ҳамин гуна тобишҳо ифодаи маънои эҳсосот̄ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологи истиорав̄ мебошад, ки аксаран дар якҷояг̄ бо маънои мафҳум̄ зоҳир мешавад. Хусусияти фарқкунандаи маънои эҳсосотии ин қабил ифодаҳои рехта ҳамин аст, ки он вобаста ба дараҷаи инъикоси эҳсосоти мусбат ва манф̄ дар нисбати воҳидҳои фразеологии ташбеҳ̄, муболиғав̄ ва ғайра як андоза меъёр̄ зоҳир мешавад. Ин ҳолат ба он вобаста мебошад, ки ҳангоми ифодаи беҳтари мафҳум дар шуури гӯянда ба он тобиши эҳсосотии муайян вобаста мегардад ва чунин лаҳзаҳои эҳсосот̄ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии истиорав̄ шах шуда мемонанд. Ҳамин аст, ки истиораҳои фразеолог̄ ҳам дар дохили матн ва ҳам дар алоҳидаг̄ бо маънои эҳсосотии пешак̄ маълум истифода мешаванд. Инро ҳангоми маънидоди фразеологизмҳои истиоравии зайл мушоҳида кардан мумкин аст: **пӯсту устухон** “ниҳоят хароби барҷомонда”, **чашми *касе* равшан шуд** “аз дарди таваллуди фарзанд халос шудан, ба дунё овардан”, **ба ҳар ош пашша шудан** “якрав̄ ва хирағ̄ кардан дар иҷрои амале, ки ба кас вобаста нест”:

Ҳамон вақт дида буд, ки вай **пӯсту устухон** шудааст, чашмони калон-калонаш ба косахонааш фурӯ рафтаанд [II. 25, с.15]. Ҳамин ки **чашмат равшан шуд**, сиҳату саломат таваллуд кард̄, зуд биё [II. 12, с.164]. – Фиристод-нафиристод, ту **ба ҳар ош пашша нашав**, - овоз баланд кард Гулхумор [II. 19, с.111].

Дар воҳидҳои фразеологии истиорав̄ дар баробари унсурҳои мафҳум̄, образнок ва эҳсосот̄ ҳамчунин лаҳзаҳои нозуки баҳодиҳиро низ вохӯрдан мумкин аст. Баҳодиҳиро метавон дар фразеологизмҳои истирав̄ яке аз унсурҳои муҳимми мундариҷаи онҳо ҳисобид. Равшан аст, ки ҳангоми ифодаи хубтари ин ё он мафҳум ба он тобишҳои алоҳидаи баҳодиҳ̄ низ зам мешаванд. Ба таври дигар, ифодаи мафҳуми образнокшудаи хубтару барҷаста бар ивази мафҳуми муқаррарӣ ҳатман ин ё он тобиши баҳодиҳиро ба вуҷуд меорад. Чунин лаҳзаҳо метавонанд ҳам дар шакли баҳодиҳии хуб ва ҳам бад зоҳир шаванд. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии истиоравии **ҷони ширин** “азиз, муҳтарам”, **чароғи зиндагии *касеро* куштан** “касеро аз хушбахт̄ маҳрум намудан, ба касе дар зиндаг̄ халал расондан”, **ҷилу пӯстак** “тамоми дороии аз истифода баромада, моли нодаркор”, **дили сангро об кардан** “дар ҳунаре маҳорати ниҳоят баланд доштан” тобишҳои муҳаббат, таҳдид, таҳқир ва тавсиф барои ифодаи баҳодиҳиҳои гуногун ҳамчун замина хизмат кардаанд:

– **Ҷони ширин**, ман аз саломат̄ шикоят надорам, хона аз ашёи рӯзгор якбора пур шавад хуб… [II. 17, с.73]. Бободӯстов **чароғи зиндагии ӯро куштааст**, чароғи бахти худаш низ якумр кушта шавад [II. 17, с.100]. – Якбора **ҷилу пӯстакатро** ба дӯкони арақфурӯш̄ бурда парто! [II. 5, с.21]. Овози маҳини ӯ **дили сангро об мекард** [II. 20, с.30].

Муболиға. Муболиға (гипербола) низ ҳамчун воситаи тавлиддиҳандаи маъно̄ дар таркиби воҳидҳои забон̄ аз унсурҳои муҳим маҳсуб меёбад. “Муболиға - сифати муболиғашуда ва маънои ашёро тасвиркунанда, ҳамчун яке аз навъҳои нисбатан маъмули

усули ифодаи муассирӣ мебошад. Дар ҳолати истифодаи муболиға ба обйекте диққат дода мешавад, ки аломатҳои боҳашаматӣ ба он нисбат дода мешаванд” [I. 12, с.122]. Муболиғаро дар илми забоншиносии муосир бо истилоҳи гипербола истифода мебаранд, ки мафҳуми илмии муболиғаро дар забони тоҷикӣ дода метавонад. “Гипербола як навъ усули ифоданокист, ки дар заминаи муболиғаи аз ҳад баланди ашёи сухан бо мақсади ба вуҷуд овардани тасаввуроти амиқи эҳсосотӣ сурат мегирад. Асосан, ин ҳолат ифодаи образнок мебошад, аз ин рӯ гиперболаро ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ қабул кардаанд. Ҳодисаҳои олами воқеӣ ба тавассути гипербола ба тариқи муҳташам, мутантан ва ғайритасаввур ифода мешаванд” [I. 6, с.70].

Муболиға ҳамчун воситаи бавуҷудоварандаи маъно дар созмони воҳидҳои фразеологӣ нақши муассир дорад. Дар сохтори бештари ифодаҳои рехтаи захираи фразеологии забонамон ин воситаи тавлиддиҳандаи маънои образнок истифода шудааст. Ин ҳолатро бо он асоснок намудан мумкин аст, ки дар дилхоҳ воҳиди фразеологии идиоматикӣ мафҳуми муайян дар қолаби образнок шакл мегирад ва чунин шаклгирӣ дар худ ифодаи хубтари шайъу ҳодиса ё ягон аломати онро ҷамъбаст мекунад. Яъне ҳама гуна образнокӣ дар худ тобиши муболиғавиро дорад. Масалан, дар фразеологизмҳои зайл, ки тобишҳои муболиғавӣ ва унсурҳои он (ғулӯв ва иғроқ) мундариҷаи асосии онҳоро ташкил додаанд: **ба пойи пашша наъл задан** ба маънои “кори ғайриодӣ, аз доираи имкон берунро ба ҷо овардан”, **ҳафт қабат пӯст партофтан** “шарм доштан, дар хиҷолат мондан”, ***касеро* ба осмони ҳафтум баровардан** “касеро аз ҳад зиёд таърифу ситоиш кардан”:

… он даврахо одамоне дошт, ки **ба пойи пашша наъл мезаданд**, ӯ ғайр аз хизмати холис ба халқ тарафи дигаре накалавид [II. 7, с.74]. … аз рӯйи эътирофи худашон, аз хиҷолату музтаршавӣ **ҳафт қабат пӯст партофтанд** ва билохир қасам хӯрданд [II. 18, с.255]. Соҳиби бор муаллим Фаёз Маҳмудович буд, ки дирӯзакак **ӯро ба осмони ҳафтум бардошта**, «панҷ» монда буд [II. 25, с.85].

Маънои фразеологии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ аз маънои ғайривоқеӣ (дар воқеият набуда)-и маънои аслии ифода бармеояд. Дар маънои аслии муболиғаҳои фразеологӣ ҳодисаву ҳолатҳои ғайривоқеӣ дар сурати муҳоботу хаёлоти рангоранги гӯянда ифода шудаанд, ки онҳо ба маънои воқеӣ (истеъмолӣ)-и он ҷилваҳои тару тоза илова мекунанд. Аз ин рӯ, дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ низ зоҳиршавии маъноҳои гуногун сурат мегирад. Дар онҳо метавон маъноҳои мафҳумию образнок, сирф образнок ва дигар маъноҳои иловагиро ошкор намуд. Тавре зикр гардид, мақсади асосии зоҳиршавии муболиға дар воҳидҳои фразеологӣ ба таври ғайривоқеӣ ва ғайритасаввур ифода кардани ашё ё ҳодисаҳои олами воқеӣ мебошад. Маҳз ҳамин ҷиҳат дар мундариҷаи муболиғаҳои фразеологӣ ба таври хеле мушаххас маънои мафҳумию образнокро таъмин мекунад. Ба назари мо, маънои сирф мафҳумӣ хосси фразеологизмҳои муболиғавӣ нест, ба ин нисбат, ки дар онҳо мафҳум ба василаи ифодаи ғайривоқеӣ ва тасвири хаёлоти баланд наметавонад дар шакли холис зоҳир шавад. Ифодаи мутантан ва ғайривоқеии мафҳум дар ин маврид имкон намедиҳад, ки маънои мафҳумӣ дар шакли алоҳида ва равшан акс ёбад. Бо ин сабаб дар онҳо маънои мафҳумӣ ҳатман бо тобишҳои образнок ифода меёбад. Бояд таъкид намуд, ки дар муболиғаҳои фразеологӣ паҳлуи образноки ин навъи маъно хеле қавӣ ва равшан ифода меёбад. Аз қабили **мӯйи бадани *касе* рост хест** “аз таъсири амале сахт ба ҳаяҷон омадан, тарсидан”, **аз об хушк баромадан** “худро бегуноҳ нишон додани маккору гунаҳкори ҳақиқӣ”, **қабат-қабат гӯшт гирифтан** “беҳад хурсанду фараҳманд шудан”:

Як хабарҳо меояд, ки аз шуниданаш **мӯйи бадани одам мехезад** [II. 7, с.101]. Аз рӯйи фаъолияти муфаттиши калони прокуратураи шаҳр Мардонов тафтиши хизматӣ шуруъ шуд ва гумон мекунам, ки ин дафъа **аз об хушк намебарояд** [II. 24, с.124]. … дилашон қувват ва баданашон **қабат-қабат гӯшт мегирифт**, аз фахр сарашон ба осмон мерасид [II. 8, с.203].

Ифодаи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ дар заминаи зоҳиршавии сирф тобишҳое сурат мегирад, ки аз унсурҳои мафҳумӣ ориянд. “Ҳамчун унсури маъноии асосӣ дар чунин маъноҳо одатан лаҳзаҳои эҳсосотӣ бо тобишҳои гуногуни образнокӣ, баҳодиҳӣ ва модалӣ баромад мекунанд” [I. 5, с.178]. Ба таври дигар, дар маънои образноки чунин фразеологизмҳо иловатан лаҳзаҳои дигари эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ ва модалиро дидан мумкин аст. Мавҷудияти онҳо дар заминаи маънои образнок

аз дараҷаи ифодаи образноки мафҳум вобаста мебошад. Ҳар қадар ки ифодаи мафҳум ғайривоқеӣ ва хаёлан тасаввурнашаванда сурат гирад, ҳамон андоза чунин лаҳзаҳо имконияти бештари зоҳиршавиро соҳиб мешаванд. Исботи ин гуфтаҳоро дар ибораҳои фразеологии феълии муболиғавии **аз болои шутур гандум даравидан** “беҳад мағрурона дурӯғгӯйӣ кардан”, **сақичро аз даҳони шайтон задан** “маҳорати аз ҳад зиёд фиребандагӣ ва дурӯғгӯй доштан”, **гӯштро аз нохун ҷудо кардан** “беҳад кордону уҳдабаро ва таҷрибадор будан” мушоҳида менамоем, ки дар мундариҷаи маъноии онҳо бар замми маънои образнок боз лаҳзаҳои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ хеле барҷаста ифода ёфтаанд:

Ҳоло ин баринҳо **аз болои шутур гандум даравида** гаштаанд [II. 6, с.36].– Мардаки ҳаром аст, **сақичро аз даҳони шайтон мезанад**, - гуфт марди миёнсоле, ки ин ҷо ба чӣ кор омаданаш маълум набуд [II. 3, с.149]. Ҳама кор аз дастатон меояд. Ҳатто беозор **гӯштро аз нохун ҷудо мекунед** [II. 22, с.201].

Киноя. Яке аз воситаҳои дигаре, ки образнокии воҳидҳои фразеологиро таъмин мегардонад, киноя (ирония) мебошад. “Ирония (калимаи юнонӣ буда, маънояш сохтакорӣ) таърифи бардурӯғ, ки дар худ лаҳзаи тамасхур дорад; баҳодиҳии баланд бо мақсади паст нишон додан; ифодаи дар заминаи мақсади акс бавуҷудомада, ки тобиши тамасхурро дорад ва дар услубҳои публитсистӣ, гуфтугӯӣ ва бадеӣ истифода мешавад” [I. 3, с.137].

Унсури киноя дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ ба ҳайси воситаест, ки зикраш ифодаи мақсади акс мебошад. Ҳарчанд фразеологизмҳои киноявӣ дар таркиби фразеологии забони тоҷикӣ нисбат ба дигар гурӯҳҳо камтар бошанд ҳам, вале мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки маҳз ифодаи киноя дар воҳидҳои фразеологӣ метавонад тобиши акси ифодаи аслро таъмин намояд. Агар ба таври одӣ баён кунем, дар ин гуна ифодаҳои рехта мафҳум ё ягон тасаввуроти муайян ба таври образноке зоҳир мегардад, ки ҳадафи он тасвиру ифодаи падидаи дигар аст. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии киноявии зайл: **коҳи кӯҳнаро бод додан** “ҳодисаву гузаштаи ногуворро ба хотир овардан”, **ғубори дил баровардан** “бо шахси наздик суҳбат карда, аз дарду алам фориғ шудан”, **по ба лаби гӯр расидан** “пири ниҳоят барҷомонда будан”:

Модом ки ислоҳ шуд, **коҳи кухнаро бод додан** чӣ лозим? [II. 16, с.152]. – Ин тавр накун, ҷӯра, зуд-зуд омада ист, ки чорта лаққида **ғубори дилҳоро барорем** [II. 13, с.107]. Пир шудем, **помон ба лаби гӯр расидаасту** ҳоло ҳам кӯдак барин худро ба даст гирифта наметавонем… [II. 6, с.26].

Дар воҳидҳои фразеологии киноявӣ маъно дар заминаи маънои акси муҳоботӣ ва ғайривоқеии ифода ба вуҷуд меояд. Дар мундариҷаи кинояҳои фразеологӣ ба ҷуз ифодаи образноки мафҳум ҳамчунин унсурҳои ҳаҷву пичинг, масхара ва сарзанишҳои сахт низ дучор мешаванд. Чунин тобишҳо маҳаки асосии тавлиди маъноро, ки акси мақсади асосӣ мебошад, ташкил медиҳанд. Ба таври дигар, дар фразеологизмҳои киноявӣ мафҳуме дар назар дошта мешавад, ки ҳадафи ифодааш инъикоси мафҳуми дигар бо тобишҳои иловагӣ мебошад. Чунончи, дар воҳидҳои фразеологии киноявии **аз таги нохуни *касе* чирк кофтан** “ба хурдтарин айбу нуқсони касе қасдан эрод гирифтан”, **аз осмон ситора доштан** “амали ғайримуқаррариеро берун аз доираи имконият иҷро кардан”, **ба даҳан мӯҳри хомӯшӣ задан** “дар мавриди ҳалкунандаи амале хомӯширо афзал донистан”:

Агар соле ба ӯ ду-се гӯсфанд надиҳӣ, **аз таги нохунат чирк кофта** мегардад [II. 10, с.298]. Магар ин занак барои онҳо **аз осмон ситора дошта** дод? [II. 17, с.81]. … ба музди ночизе, ки мегирӣ, қаноат намову **ба даҳан мӯҳри хомӯшӣ зада** гаштан гир [II. 24, с.34].

Мундариҷаи воҳидҳои фразеологии киноявӣ низ аз маъноҳои гуногун бой аст. Онҳо метавонанд дар алоҳидагӣ ё дар якҷоягӣ зоҳир шаванд. Аз ин ҷиҳат дар мундариҷаи маъноии кинояҳои фразеологӣ низ ҷудо намудани маъноҳои мафҳумию образнок, сирф образнок ва эҳсосотию баҳодиҳӣ ба мақсад мувофиқ аст. Маънои мафҳумию образнок дар фразеологизмҳои киноявӣ вобаста ба ифодаи образноки мафҳум, ки барои ифодаи акси мақсад истифода мешавад, зоҳир мешавад. Дар онҳо унсурҳои мафҳумӣ бартарӣ дошта, тобишҳои образнокӣ ба таври нисбатан хира онҳоро мукаммал мекунанд. Аз қабили **оби ишкам ҷунбондан** киноя аз «барои ба даст овардани мақсаду нияте каме меҳнат кардан», **кадом шамол паронд** «изҳори ҳайрати сахт дар ҳолати вохӯрдан бо касе, ки дидораш ногаҳонӣ сурат мегирад», **аз дасти чап хестан** «ифодаи ҳолати нобарорӣ дар иҷрои амале»:

Русия бирав. **Оби ишкамро ҷунбону** рӯзӣ биёб [II. 22, с.68]. – **Кадом шамол парронд?** Офтоб аз куҷо баромад? [II. 5, с.38]. – Ба шумо чӣ шуд, оча, **аз дасти чап хестед-**мӣ! [II. 5, с.59].

Маънои сирф образнок бошад, дар кинояҳои фразеологӣ бештар бо лаҳзаҳои дуову ният ва таманниёти гуногун зоҳир мешавад. Дар ин қабил фразеологизмҳо унсури образнок мундариҷаи асосии онҳоро ташкил медиҳад ва метавонад бо тобишҳои эҳсосотиву баҳодиҳӣ ва модалӣ пурра гардад. Муносибатҳои модалӣ дар ин гуна воҳидҳои фразеологӣ зоҳиршавии бештар дошта, тобишҳои дигари эҳсосотиву баҳодиҳӣ дар партави онҳо нисбатан норавшан ифода меёбанд. Чунончи, **аз даҳанат бод барад** «нияти саривақтӣ ҳангоми сухани ноҷову бемаврид гуфтани касе», **камаратонро шоҳи мардон бандад** «илоҳо боқуввату мағлубнопазир бошед», **аз саратон гардам** «садқаатон, қурбонатон шавам», **қандата зан** «ифодаи офарин ва таҳсин дар нисбати иҷрои амал ааз ҷониби скаеборакалло»:

– **Аз даҳанат бод барад**… Бо чархбол вагон хоҳам овард [II. 22, с.67]. - **Камаратонро шоҳи мардон бандад**, култиватсияатонро кардан гиред, - ҷавоб медиҳалд яке аз колхозчиён [II. 13, с.182]. **Аз саратон гардам**, бегиҷон! [II. 1, с.92]. – «**Қандата зан**, Ҷамшед, кордат боли равған» худро ситоиш мекард ӯ [II. 9, с.32].

Тавсиф. Тавсиф (эпитет) дар баробари дигар воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ нақши муҳим дорад. Онро муайянкунандаи бадеӣ гуфтаанд, ки ҳадафи он сифати мафҳумро номбар кардан аст. “Тавсиф санъати бадеиест, ки муҳимтарин хусусияти чизе ва ё ҳодисаеро ифода мекунад. Тавсиф дар ибораҳои изофӣ, ки исми конкрет доранд, як навъи сифати ашёест, ки бо ёрии узвҳои ҳис мушоҳида шудаанд. Масалан, абри сиёҳ рӯзи равшан, осмони нилуфар барин сифатҳоро бо чашм мебинем. Тавсиф муайянкунандаи сифат, ҳолати чизе ё мафҳумест. Аз ин рӯ онро муайянкунандаи бадеӣ ҳам гуфтаанд” [I. 13].

Тавсифро дар илми забоншиносии муосир ба сифати воситаи тасвири бадеие медонанд, ки ягон паҳлуи барҷастаи ин ё он мафҳумро дар шакли сифат тасвир мекунад ва истилоҳи илмии онро дар шакли перифраза ва эпитет маънидод намудаанд [I. 3, 6, 10, 12]. Зоҳиршавии тавсифро метавон дар шакли ифодае тасаввур намуд, ки мақсади асосии он дар заминаи сифати ашё ё ҳодисаву воқеа таъсирбахшӣ ё муассирии бештар мебошад. Аз ин ҷиҳат дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ унсурҳои таркибии онҳо метавонанд ҳам бо тобиши мусбат ва ҳам манфӣ зоҳир шаванд. Ин навъи ифодаҳо бештар дар қолаби ибораҳои рехтаи исмии изофӣ вомехӯранд. Ин ҳолатро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки тавсифи ба тавассути маҷоз зоҳиршаванда вазифаи худро метавонад танҳо дар қолаби ибораи изофӣ ба пуррагӣ адо намояд. Яъне қолаби ибораи изофии исмӣ барои зоҳиршавии тавсиф мувофиқтар аст. Чунончи, **мушти обдор** “зарбаи сахти қатъӣ”, **хабари тоза** “паёми наве, ки ҳоло оммавӣ нашудааст”, **ақли расо** “хирадӣ комил”:

… мисли балои осмонӣ Далер пайдо шуда, аз гиребонаш дошт ва нархи сабзию пиёзро напурсида, бо **муштҳои обдор** лубу бинии ӯро парчин кард [II. 20, с.49]. – Ҷумъабой, - гуфт ӯ баъди саломалейк ва пурсупоси муқаррарӣ, - барои шумо **хабари тоза** овардам [II. 13, с.55]. Хаёлҳои кӯдакона ояд бар сар, чунки **ақли расо** надорад, рӯъёӣ ояд гоҳе [II. 22, с.103].

Тавсиф метавонад ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошад. Он сифати мусбату манфии ашёву ҳодисаро бо ёрии калимаҳое, ки барои ифодаи чунин тобишҳо мувофиқанд, инъикос мекунад. Аз ин рӯ, дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ низ ин ду паҳлуи он метавонад дар алоҳидагӣ зоҳир шаванд. Чунин ифодаи тавсифи мусбату манфӣ дар ифодаҳои рехта муассирии онҳоро таъмин намуда, дар ин замина ягонагии маъно таъмин мегардад. “Ба воситаи тавсиф ё ибораҳои тавсифӣ, ки дар заминаи он муносибатҳои истиоравӣ ва киноявӣ хобидаанд, метавон тобишҳои муассириро ба вуҷуд овард. Дар тавсифҳои одии наҳвӣ бошад, маънои аслии бавуҷудоварандаи калимаҳо боқӣ монда, онҳо танҳо вазифаи ахборотиро иҷро мекунанд” [I. 12, с.127]. Дар ибораҳои рехтаи тавсифӣ як ё ҳарду ҷузъи таркибии ибора метавонанд ба маънои маҷозӣ истифода шаванд. Дар идиомаҳои тавсифӣ, ки маҷозияти ибора мукаммал аст, ифодаи маънои яклухт дар асоси умумияти маънои маҷозии тамоми калимаҳо сурат мегирад. Аз қабили **сари қоқ** ба маънои “танҳо, бекас”, **мусичаи бегуноҳ** “одами гунаҳгори худро бегуноҳ вонамудкарда, беозор”, **гурги борондида** “шахси ботаҷриба, рӯзгордида”:

Як **сари қоқаш** монд [II. 15, с.71]. – Ҳеҷ чиз нагуфтӣ, ту **мусичаи бегуноҳ** ба касе кору бор надорӣ, - бо киноя гуфт Герберт [II. 4, с.238]. Мустафо Чӯқаев, ки дар ин корҳо **гурги борондида** буд, гӯё ба тариқи маслиҳат луқма андохт [II. 18, с.281].

Тавсиф низ ҳамчун унсури тавлиддиҳандаи маъноҳои гуногун дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ баромад мекунад. Маънои фразеологӣ дар чунин ифодаҳо аз маҷози пурраи маънои аслии онҳо ба вуҷуд омада, объекти ифодаро бо сифатҳои тару тоза боло мебардорад. Аз ин рӯ, воҳидҳои фразеологии тавсифӣ одатан номи дигари ҳодисаҳо ва ашёҳо мебошанд, ки сифатҳои нотакрору нодири онҳоро ба тариқи гӯёву барҷаста ифода кардаанд. Маҳз ҳамин ифодаи равшани сифатҳои хоси ҳар як ашёву ҳодиса дар мундариҷаи ин гуна воҳидҳои фразеологӣ маъноҳои гуногунро тавлид мекунад. Дар мундариҷаи тавсифҳои фразеологӣ низ маъноҳои мафҳумию образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳиро вохӯрдан мумкин аст. Дар ин гуна воҳидҳои фразеологӣ, ки сифати хубтару бадтари мафҳум ифода мешавад, маънои мафҳумӣ бо олоишҳои образнок зоҳир мешавад. Ба таври дигар, заминаи асосии зоҳиршавии маънои мафҳумию образнок дар тавсифҳои фразеологӣ маҳз унсури сифатии ашёву ҳодиса мебошад. Вобаста ба он ки тавсиф дар ин ҳолат зикри аломати барҷастаи мафҳум мебошад, аз ин ҷиҳат дар ин навъи ифодаҳои рехта унсури мафҳумӣ бартарӣ дошта, иловатан лаҳзаҳои образнокиро касб мекунад. Масалан, дар ибораҳои рехтаи тавсифии **эҳсоси ширин** “эҳсоси гуворо, хушоянд”, **сухани болохонадор** “фикри мутантан, воҳимаангез”, **ҷойи гарм** “мансаби хуб, сердаромад” ҳамин ҳолатро мушоҳида намудан мумкин аст:

Ин **эҳсоси ширин** ва нотакрор бояд худаш дари дилро ба нармӣ кушояд [II. 2, с.48]. Одамон байни худ ба вовози баланд гап мезаданд, ба паҳлуи ҳамқадаҳҳояшон нихта карда, **суханони болохонадор** мегуфтанд [II. 2, с.84]. … охир бо ҳамин анҷом ёфт, ки мудир ба туфайли табиати пурҳарорataш аз **ҷои гарми** худ маҳрум шуда, ба паси панҷараи оҳанин афтод [II. 13, с.62].

Дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ, ки ягон паҳлуи барҷастаи мафҳум зикр меёбад, зоҳиршавии тобишҳои эҳсосотии мусбат ва манфӣ ба назар мерасанд. Зикри сифати ашёву ҳодиса дар ин маврид маҳаки асосии тавлиди маънои эҳсосотӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки дар тавсифҳои фразеологӣ қабатҳои мухталифи олами эҳсосотии инсон акс меёбанд. Эҳсосот, ки муқарраркунандаи меъёрҳои муносибати инсонӣ нисбат ба ашёву ҳодисаҳо мебошад, дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ дар шакли мусбату манфӣ зоҳир шуда метавонад. “Ҳиссиёт ҳодисаи психикиест, ки дар он муносибати ҳиссии шахс ба ҳақиқати обйективӣ ифода меёбад. Ҳиссиёт муносибати байни талаботи одам ва имконияти қаноатманд гаштани онҳоро инъикос менамояд” [I. 8, с.13]. Масалан, дар ифодаҳои рехтаи тавсифии зерин тобишҳои эҳсосотии маҳкумкунӣ дар **даҳони бефаровез** “касе, ки суханҳои нодаркори зиёд мегӯяд”, нохушояндӣ дар **садои дилхарош** “овози дилгиркунанда, ноҳинҷор”, мақбулият дар **хаёли ширин** “орзуе, ки эҳсоси хубро бедор месозад” ва таҳдид дар **сухани обдор** “гапи пурмаънои таъсирбахш” маънои эҳсосотиро дар онҳо ба вуҷуд овардаанд:

– Ман **даҳони бефаровези** туя намедонам? [II. 22, с.168]. … аз як ҳиссиёти нофорам, аз як **садои дилхарош** худро раҳонид: дар хониши мурғон ва чирчиракҳо навозишгар шуд [II. 20, с.8]. – Вой бар ҳоли ман! – Ёдгор мегуфт, - дар он сурат ҳамаи умедҳо ба навмедӣ, ҳамаи **хаёлҳои ширин** ба талхкомӣ ва ҳамаи муҳаббат ба ҳасрат бадал хоҳад гардид [II. 1, с.115]. Аз шиддати ғазаб меларзиду **сухани обдоре** нӯги забонаш намеомад, ки ба он нокас ҳадя намояд [II. 24, с.68].

Унсури тавсиф бо тобишҳои гуногуни баҳодиҳӣ алоқамандии зич дорад. Аз ин рӯ, дар тавсифҳои рехта низ дар баробари тобишҳои мафҳумию образнок ва эҳсосотӣ ҳамчунин баҳодиҳиҳои равшани ашёву ҳодисаро ба тавассути таъкиди ягон нишонаи хоси онҳо дидан мумкин аст. Чунин тобишҳои баҳодиҳӣ низ дар заминаи зоҳиршавии унсурҳои эҳсосотии мусбату манфӣ сурат мегиранд. Яъне мавҷудияти лаҳзаҳои эҳсосотӣ дар тавсифҳои фразеологӣ аз зуҳури баҳодиҳии гуногун дар мундариҷаи онҳо дарак медиҳад. Барои муқоиса, **оҳи сабук** «нафаси озоди умедворкунанда баъд аз анҷоми амале», **нолиши талх** «оҳи дардноки пур аз ғам», **ҳиммати баланд** «ибтикори судманд, боманфиат», **рӯзи сиёҳ** «ҳаёти пур аз ғам ва ташвиш»:

… ҷониби соҳил ҳаракат намуд ва чун эҳсос кард, ки ягон ҷояш нашикастааст, **оҳи сабук** кашида, худро болои қуми ғафс ҳаво дод [II. 24, 81]. Талаб оҳ кашиду **нолиши талх** аз сина бароварда ва рӯ ҷониби дигар гардонд: на бинаду на сӯзад [II. 20, с.25]. … ҳарчанд ки дилу ҷигараш тагурӯ мешавад, зоҳиран бурдбориву **ҳиммати баланд** нишон медиҳад [II. 7, с.24]. Ҳамин тавр, бо одаме, ки як умр аз дасти вай айшаш талх гашт, шинос шуд, шиносоӣ бо **рӯзи сиёҳ**, бо бахти бадаш [II. 11, с.116].

Ҳамин тавр, воситаҳои тасвири бадеӣ аз ҷумлаи унсурҳои муҳимтарини ташаккулдиҳандаи сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ маҳсуб меёбанд. Истифодаи воситаҳои тасвири бадеии гуногун дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ маънои махсуси образноки онро ба вуҷуд меоварад, ки, асосан, аз унсурҳои мафҳумӣ, мафҳумию образнок, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ ва ғайра иборат аст. Ҳар яке аз ин воситаҳо дар ташкили унсури муайяни ин навъи маъно мақоми хоса доранд. Зиёд мушоҳида мешавад, ки дар ташаккули мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ду ва зиёда воситаҳои тасвир иштирок кардаанд ва маънои дарвоқеъ ҳамаҷониба образноки воҳиди фразеологиро ба вуҷуд оварданд.

А Д А Б И Ё Т

I. Адабиёти илмӣ

1. Бессарабова Н.Д. Метафора как языковое явление / Н.Д. Бессарабова // Значение и смысл слова. Под ред. Д.Э.Розенталя. – М.: МГУ, 1987. – С.156-173.
2. Дӯстов Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Дӯстов. – Душанбе, 2014. – 186 с.
3. Дӯстзода Ҳ.Ҷ.Аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №5. - С.25-30.
4. Жеребило Т.В. Словарь лингвистических терминов / Т.В. Жеребило. – Назрань: ООО «Пилигрим», 2010. – 486 с.
5. Илюхина И.А. Метафора и фразеологические единицы / И.А. Илюхина // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – Тамбов, 2010. – № 1(5). - С.139-142.
6. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
7. Матвеева Т.В. Польный словарь лингвистических терминов / Т.В. Матвеева. – Ростов н/Д: Феникс, 2010. – 562 с.
8. Маҷидов Ҳ. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологии феълии забони ҳозираи адабии тоҷик (рисолаи номзадӣ) / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1968. – 249 с.
9. Расулов С.Х. Психологияи эмотсия ва ҳиссиёт / С.Х. Расулов. – Душанбе, 2022. – 336 с.
10. Самаркина Н.О. Метафора в формировании фразеологических единиц с компонентом, относящимся к фразеосемантическому полю “музыка” в английском и турецком языках: авт. на соиск. уч. степ. кан. фил. наук / Н.О. Самаркина. - Казан, 2006. – 29 с.
11. Султанова Р.М. Лингвистический статус стилистических средств таджикского и русского языков: сопоставительный аспект (докторская диссертация) / Р.М. Султанова. – Душанбе, 2021. – 375 с.
12. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х.Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.
13. Эль сабрути Р.Р. Экспрессивный потенциал арабской речи / Р.Р.Эль сабрути // Язык и культура. – Россия, Томск: Издательство «Национальный исследовательский Томский государственный университет», 04.12.2018. – С. 120-133.
14. Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1983.
15. https://ru.wikipedia.org.

II. Сарчашмаҳо

1. Айнӣ, С. Дохунда / С.Айнӣ. – Душанбе, 2017. – 381 с.
2. Акобир, Ҷ. Кӯҳистонӣ / Ҷ.Акобир. – Душанбе, Адиб, 1987. – 256 с.
3. Гулрухсор. Занони Сабзбаҳор (марзи номус). – Душанбе: Адиб, 2019. – 432 с.
4. Зоҳир, А. Завол / А.Зоҳир. – Душанбе: Адиб, 2015. – 296 с.
5. Икромӣ, Ҷ. Ҳикоя ва очеркҳо / Ҷ.Икромӣ. – Сталинобод, 1960. – 270 с.
6. Кӯҳзод, Ӯ. Писанддара / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Маориф, 1984. – 208 с.
7. Кӯҳзод, Ӯ. Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 314 с.
8. Кӯҳзод, У. Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 191 с.
9. Мамадов, К. Кофтукови чиноятқор / К.Мамадов. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 192 с.
10. Мирзо, К. Марги бегуноҳ / К.Мирзо. – Душанбе: Адиб, 2012. – 528 с.
11. Мирзоев, К. Нишони зиндагӣ / К.Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 496 с.
12. Муҳаббати Ю. Пайванди шикаста. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 192 с.
13. Муҳаммадиев, Ф. Муҳоҷирон / Ф.Муҳаммадиев. – Сталинобод, 1959. – 192 с.
14. Муҳаммадиев, Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 324 с.
15. Мӯсо, Ш. Чеҳраи модар / Ш.Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2012. – 408 с.
16. Насим, Р. Хонае, ки сӯяш мешитобам / Р.Насим. – Душанбе, Адиб, 1993. – 224 с.
17. Наҷмиддинов, М. Дарё маҷрои нав меҷӯяд / М.Наҷмиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 264 с.
18. Ниёзӣ, Ф. Сарбозони бесилоҳ / Ф.Ниёзӣ. – Душанбе, 1989. – 415 с.
19. Самад, А. Гардиши девбод / А.Самад. – Душанбе: Адиб, 2007. – 568 с.

20. Самадов, А. Майдон / А.Самадов. – Душанбе: Адиб, 1989. – 192 с.
21. Самадов, А. Паррончакҳо / А.Самадов. – Душанбе, 1963. – 192 с.
22. Сорбон. Барзгар. Зуза. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 288 с.
23. Толис, П. Куллиёт / П.Толис. – Душанбе: Ирфон, 1975. - Ҷ.1. – 463 с.
24. Ҳамдам, А. Оби зери ях / А.Ҳамдам. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 272 с.
25. Ҳошимов, Ӯ. Нур ва соя / Ӯ.Ҳошимов. – Душанбе: Маориф, 1982. – 160 с.

НАҚШИ ВОСИТАҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ИФОДАИ МУНДАРИҶАИ МАЪНОИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур истилоҳи илмӣ ва мавқеи воситаҳои тасвири бадеии ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя ва тавсиф дар ташаккули мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ муайян карда шудааст. Таъкид мегардад, ки ин навъи воситаҳо дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ ба тавассути маҷоз зоҳир мешаванд ва маъноҳои гуногунро ба вуҷуд меоранд. Маъноҳои сирф мафҳумӣ, мафҳумию образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ аз ҷумлаи он маъноҳое мебошанд, ки дар мундариҷаи маъноии фразеологизмҳо маҳз ба василаи воситаҳои тасвири бадеӣ ташаккул меёбанд. Маълум мегардад, ки зоҳиршавии маъноҳои зикршуда дар ин гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ якхела набуда, ин ҳолат ба қонунмандиҳои воситаҳои мазкур алоқаманд аст. Агар дар қисмате маъноҳои мафҳумӣ ва образнок бартарӣ дошта бошанд, дар гурӯҳи дигар маъноҳои мафҳумию образнок ва эҳсосотию баҳодиҳӣ зоҳиршавии бештар доранд. Бо вуҷуди чунин рангорангии ифодаи маъно бояд таъкид намуд, ки воситаҳои тасвири бадеӣ, асосан, дар образнокии мафҳумҳои гуногун нақш доранд. Дар заминаи чунин тавлиди образнокӣ тобишҳои дигари маъноӣ иловатан мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологиро зиннат медиҳанд.

Калидвожаҳо: ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя, тавсиф, маънои маҷозӣ, маънои мафҳумӣ, маънои мафҳумию образнок, маънои эҳсосотӣ, маънои баҳодиҳӣ.

РОЛЬ СРЕДСТВ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ИЗОБРАЖЕНИЯ В ВЫРАЖЕНИИ СЕМАНТИКИ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА

В данной статье выявляется научные термины и роль сравнения, метафоры, гиперболы, иронии и эпитета в формировании семантического содержания фразеологических единиц. Подчеркивается, что эти типы средств художественного выражения в структуре фразеологических единиц передаются посредством метафор и имеют разные значения. Концептуальное, концептуально-образное, эмоциональное и оценочное значения относятся к числу значений, которые формируются в семантическом содержании фразеологизмов средствами художественного описания. Выясняется, что проявления этих значений в данной группе фразеологизмов неодинаковы, и это связано с закономерностями этих средств. Если в одной части преобладают понятийное и образное значение, то в другой группе понятийно-образное, эмотивное и оценочное значение выражены более ярко. Несмотря на такое многообразие значений, следует отметить, что средства художественной выразительности в основном играют важную роль в образности разных понятий. На основе такого образного выражения другие оттенки значений имеют дополнительные смыслывое оттенки содержания фразеологизма.

Ключевые слова: сравнение, метафора, гипербола, ирония, эпитет, концептуальное значение, концептуально-образное значение, эмоциональное значение, оценочное значение.

THE ROLE OF THE MEANS OF ARTISTIC DEPICTION IN THE EXPRESSION OF THE SEMANTIC CONTENT OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

This article reveals the role of comparison, metaphor, hyperbole, irony and epithet in the formation of the semantic content of phraseological units. It is emphasized that these types of means are expressed in the structure of phraseological units through metaphors and have different meanings. Conceptual, conceptual-figurative, emotional and evaluative meanings are among the meanings that are formed in the semantic content of phraseological units by means of artistic description. It turns out that the manifestations of these meanings in this group of phraseological units are not the same, and this is due to the patterns of these means. If in one part the conceptual and figurative meaning prevails, then in the other group the conceptual-figurative, emotive and evaluative meanings are more pronounced. Despite such a variety of meanings, it should be noted that the means of artistic expression mainly play an important role in the figurativeness of different concepts. On the basis of such a figurative origin, other shades of meaning additionally decorate the semantic content of a phraseological unit.

Key words: comparison, metaphor, hyperbole, irony, epithet, conceptual meaning, conceptual figurative meaning, emotional meaning, evaluative meaning.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 904-41-84-80**

Сведение об авторе: ***Дустзода Хамрохон Джума*** – Таджикский национальный университет, дотцент, заведующий кафедры таджикского современного литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 904-41-84-80**

Information about the author: ***Dustzoda Hamrokhon Juma*** – Tajik National University, assistant professor, head of the department of modern tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru.** Tel.: **(+992) 904-41-84-80**

УДК: 491.550-4

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР: ЭТНОЛИНГВИСТИКА ВА МАВЗУЪҲОИ БАҲСИ ОН

Матробиён С.Қ.
Донишкадаи давлати забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мусаллам аст, ки аввалин нишонаҳои илми забоншиносӣ ба густариши низоми хат алоқаманд мебошад. Мураттаб шудани луғатҳо, тафсир ёфтани матнҳои асарҳои муқаддас ва ёдгориҳои қадим, омӯзиши сохтори овозии нутқ ва монанди инҳо низ нишонаҳои нахустини пайдоиши илми забоншиносӣ маҳсуб меёбанд. Бо мурури замон масъалаҳои илми мазкур васеъ мегардад ва таҳлилҳои амиқ ба вуҷуд омадани ҷанбаҳои гуногуни илми забоншиносиро тасдиқ мекард, ки ин боиси пайдо шудани самтҳои нави забоншиносӣ мегардид. Аз ин рӯ, дар замони муосир илми забоншиносӣ ҳамчун як низоме баромад мекунад, ки тамоми илмҳои лингвистиро фарогир мебошад.

Агар дар нимаи аввали асри XX натиҷаи таҳқиқоти лингвистӣ, ки дар мактабҳои гуногуни забоншиносӣ анҷом мепазируфт, танҳо тавассути китобҳо ва маҷаллаҳо барои забоншиносони дигар кишварҳо маълум мегардид, пас, дар нимаи 2-юми асри XX, алоқаи мухобиротӣ тавассути технологияи навин ба вуқӯъ пайваст, ки ҳоло мо имкон дорем ҳар лаҳза ба таври фаврӣ аз олами забоншиносӣ огоҳ гардем.

Мустаҳкам гардидани муносибати байниҳамдигарии забоншиносони мактабҳои гуногуни илмӣ ва мубодилаи афкор намудани онҳо, аз як тараф, ба он оварда мерасонад, ки забоншиносии ҷаҳонӣ ба вуҷуд ояд ва мумкин аст, ба илми забоншиносӣ ҳамчун як илми мутлақи ҷаҳонӣ нигоҳ кунад. Аммо дар забоншиносӣ анъанаҳои алоҳидаи миллӣ ҷойгиранд, аз ин рӯ, ба илми мутлақи ҷаҳонӣ табдил шудани он имконнопазир аст. Хусусан, муносибати фаъоли мактабҳои забоншиносии миллиро имрӯз мо наметавонем рад кард. Бар замми ин, байналмилликунонии илми забоншиносӣ ин як анъанаи озмоишии имрӯза мебошад ва фаромӯш набояд кард, ки алоқаи мактабҳои забоншиносии миллӣ аз нуқтаи назар ва фаҳмиши Аврупои Марказӣ ва ё Амрико ба воситаҳо ва унсурҳои забон таваҷҷуҳ менамоянд. Дар солҳои охир мактабҳои лингвистии амрикоӣ таъсири худро ба мактабҳои забоншиносии ҷаҳон бештар расонидаанд.

Забон, ҳамчун оинаи фарҳанг ва таърихи халқ, ягона сарчашмаи ҳастию пойдории миллат мавриди таваҷҷуҳи фарҳангшиносону таърихнигорон, мардумшиносону забоншиносон ва дигар соҳаҳои илм қарор гирифтааст. Он ҳамчун офарандаи олами рангини маъноҳо шинохта шуда, раванди дарки зеҳнии ҷаҳон ва ташаккули ҷаҳоншинохтии узви ҷомеаи забониро муайян мекунад. Ба ибораи дигар, забон ва ё калима на воҳиди шинохти ашё, балки воҳиди тафаккуре мебошад, ки дар эҷоди калима ҳамчун далели мавҷудияти нутқ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, забон симои зебои миллӣ мебошад, ки хусусиятҳои ба ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншинохтии ин ё он ҷомеаи фарҳангӣ мансубро шаффоф инъикос мекунад. Андешаҳо ва назарияҳои марбут ба масъалаи тавъам омӯхтани забону ҳувияти миллӣ ва забону дарки олами атроф аз ҷониби соҳибзабонон дар асарҳои олимони маъруф И.Г. Гердер (асри XVIII) ва В. Ҳумболдт (асри XIX) ба вуҷуд омада буданд ва нахустин шуда онҳо истилоҳи «этнолингвистика»-ро дар асарҳояшон истифода намудаанд.

Вилгелм фон Ҳумболдт дар замони худ кӯшиш мекард усулеро коркард намояд, ки тавассути он ба давраи оғозини ягонагии забону тафаккур, инчунин феноменҳои фарҳанг дастрасӣ пайдо намояд. Забоншиноси барҷаста тавонист, ки бунёди забоншиносиро барои муттаҳид намудани илму фарҳанг гузорад. Ҳамин ақидаҳои болиғи ӯ дар солҳои 20-уми асри XX дар асарҳои ҷавонгумболдтиён ва равияи фалсафие, ки бар муқобили раванди “шаклгароӣ”-и грамматикӣ дар забоншиносии аврупоӣ ва амрикоӣ ба вуҷуд омада буд, ташаккул меёбад.

Ҷавонгумболдтиён бештар ба нақши эҷодии забон дар тарҳсозии тасвири ҷаҳон, ки бо раванди тафаккур ва фаҳмиш ба бунёди фарҳангии ин ё он забон пайвастагӣ доштанд, такя мекарданд. Сохтори дохилии забонро онҳо ҳамчун низоми фаҳмиш ва имкониятҳои синтаксисӣ медонистанд, ки калиди ҷаҳоншинохтӣ ва пояи асосии гуногунфаҳмӣ дар тафаккури соҳибони забонҳои гуногун маҳсуб меёбанд. Ҳарчанд масъалаи мазкур баъдан

дар асарҳои Буслаев Ф., Афанасев А. ва Потебня А. идома ёфтанд, вале авҷи аълои ин масъаларо, ки ба пайдоиши этнолингвистика оварда расонд, бо номи антропологи амрикоӣ Франс Боас ва шогирдони ӯ Эдуард Сепир, Бенҷамин Ли Уорф ва С.Лем сахт алоқаманд медонанд.

Бояд қайд кард, ки дар забоншиносии амрикоӣ этнолингвистика зери истилоҳи «антропологияи фарҳангӣ» шинохта мешавад. Аз ин рӯ, дар корҳои тадқиқотӣ дар такя бо анъанаи омӯзиши истилоҳи «этнолингвистика» истилоҳи «лингвистикаи антропологӣ» (зимни омӯзиши масоили хос ба дарк ва маърифати мардум) ва ё истилоҳи «антропологияи лингвистӣ» (зимни тадқиқоти масъалаҳои марбут ба муошират) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Хотиррасон мекунем, ки истилоҳи «антропология»-и мактаби забоншиносии амрикоӣ аз истилоҳи «антропология»-и инсон, ки дар кишварҳои Ғарб, аз ҷумла дар Россия, маънии «илм оид ба таҳаввули инсон»-ро дорад, фарқ мекунад. Зеро, агар якумӣ истилоҳи соҳаи забоншиносӣ бошад, дуюмӣ истилоҳест, ки дар бахши физиологияи одам истифода мешавад.

Муҳаққиқон – мардумшинос Франс Боас ва забоншиносу мардумшиноси маъруф Эдуард Сепир барои таҳқиқи забонҳои бехатту беалифбо ва фарҳангу анъанаҳои ҳиндувони Америкаи Шимолӣ, ки сокинони бумии Америка маҳсуб меёбанд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Баъд аз он ки масъалаҳои ба ҳам пайвасти забоншиносӣ ва этнология – омӯзиши забонҳои азбайнрафтаи қавмҳои ҳиндуҳои амрикоӣ тавассути фарҳанги боқимондаи онҳо мавриди тадқиқот қарор гирифтанд, ин боиси ба вуҷуд омадани самти алоҳидаи забоншиносӣ – этнолингвистика гардид. Таҳқиқоти бунёдии ин муҳаққиқон пойдевори мустаҳкамеро ба омӯзиши этнолингвистика гузошт [4, с.475]. Э. Сепир ақида дошт, ки «нутқ – ин мероси таърихии ҷомеа, воситаи истифодабарии ҳамешагӣ ва дурударози иҷтимоӣ мебошад. Нутқ, чун дигар паҳлуҳои фаъолияти эҷодӣ гуногунҷабҳа буда, мумкин аст, ҳанӯз он қадар дарк нашудааст, вале ба ҳар ҳол на дар пояи пасттар нисбат ба дин, боварӣ, расму анъана ва санъати мардуми гуногунқавм қарор дорад» [14, с.6].

Назариёти Ф. Боас ва Э. Сепирро дар зарфи ду даҳсолаи баъд ҳамватани эшон Бенҷамин Уорф (1897-1941) тақвият бахшида, ҳамзамон қайд менамояд, ки забон, анъана, расму оин, эътиқод ва санъат барои тадқиқоти этнолингвистӣ дар ду маврид – аз нигоҳи диахронӣ ва ҳам синхронӣ зимни аз нав барқарор сохтани иртиботи қадимаи забон ва халқ, забону анъанаҳои мардумӣ нақши бориз дорад [17].

Боас Ф. табиати забон ва ҳолату падидаҳои фарҳангиро эътироф мекард. Аммо бар он ақида буд, ки падидаҳои фарҳангӣ метавонанд ба такмил ва тағйир дучор шаванд ва ин боиси мураккабшавии омӯзишу таҳқиқи онҳо мегардад. Аз ин рӯ, танҳо тарзу усулҳои забоншиносӣ метавонад аз нуқтаи назари омӯзиши таърихи ҳолатҳои забонӣ дар илми этнология низ истифода шавад.

Дурнамои равишҳои этнолингвистӣ, ки дар асарҳои Боас дарҷ гардида буданд, баъдан дар асарҳои шогирди ӯ Сепир ҷойгоҳи худро ёфтанд. Сепир ба таҳқиқи пайвастагии забону фарҳанг машғул шуда, мавқеи гуногуни онҳоро дар муносибат ба якдигар ошкор намуд. Мавсуф дар асари бунёдии худ бо номи “Забон” фарқи забон аз фарҳангро шарҳ дода, фарҳангро ҳамчун тачрибаи зиндагӣ ва боварию эътиқод, ки ба инсон мерос мондааст, маънидод мекунад. Барои муҳаққиқи мазкур фарҳанг чизест, ки ҷомеа бо он амал мекунад ва дар бораи он фикр мекунад. Забон бошад маҳорати тафаккур, яъне манбаи маълумоте барои чӣ тавр андеша кардани ҷомеа мебошад [14]. Аммо баъдтар Эдуард Сепир афкори худро нисбат ба забон ва фарҳанг тағйир медиҳад. Ӯ дар ҷойи аввал мафҳуми рамзгароӣ (символизм – ин равия дар санъат ва адабиёти Аврупо аз солҳои 70-уми асри Х1Х то даҳсолаи аввали асри ХХ идома меёбад) -ро мегузорад. Ақидаҳои ҳамин давраи ҳаёти худро Сепир дар як фишурдаи илмие бо номи “Мақоми забоншиносӣ ҳамчун илм” инъикос намуда, онро ҳамчун дастури воқеияти иҷтимоӣ доир ба забон маҳсуб медонад. Сепир таъкид мекунад, ки “забон аҳамияти бештарро ба ҳайси роҳнамои аввал дар таҳқиқоти илмии фарҳанг касб мекунад. Ба андешаи дигар, низоми қолабҳои фарҳангии тамаддунҳо тавассути забоне, ки ифодакунандаи ин ё он тамаддун мебошад, ба тартиб дароварда мешавад. Бисёр содалавҳона мешавад, агар мо баъзе меъёрҳои асосии фарҳангро танҳо дар асоси назорат бе нишондоди рамзнигорӣ (символизм)-и забонӣ дарк намоем, дар ҳоле ки он метавонад ин меъёрҳоро барои ҷомеа

аҳамиятнок ва фаҳмо намояд... Одамон на танҳо дар олами моддӣ зиндагӣ доранд ва, ҳамзамон, на танҳо дар олами иҷтимоӣ, онҷунон ки чунин андеша кардан қабул шудааст, балки авҷи аълои онро онҳо таҳти забони мушаххас, ки воситаи муошрати ҳамон ҷомеа шудааст, низ меёбанд... Воқеан "ҷаҳони воқеӣ" на дар асоси "одатҳо"-и забонии ин ё он гурӯҳи этникӣ сохта шудааст. Ду забон ҳеҷ гоҳ ба ҳам то дараҷае монанд нахоҳанд шуд, ки онҳоро воситаи ин ё он воқеияти иҷтимоӣ донист. Ҷаҳонҳое, ки дар он ҷомеаҳои гуногун зиндагӣ доранд, ҷаҳонҳои гуногун мебошанд ва, албатта, на ҳамон як ҷаҳони бо рӯё ба вуҷуд омада" [14, с.677]. Маҳз ҳамин афкори Сепирро минбаъд шогирдаш Уорф такмил дода, онро бурҳони қотеъ номид, ки дар забоншиносӣ бо номи "назарияи Сепир-Уорф" ё рамзнигорӣ (релятивизм)-и забонӣ машҳур гардид. Нукоти бисёр муҳиммеро, ки Уорф дар натиҷаи қиёси забонҳои ҳиндуҳои амрикоӣ ва забонҳои аврупоӣ пешниҳод намуд, ин буд, ки ҷаҳонеро, ки инсон дарк мекунад, яъне шинохти ҷаҳон аз ҷониби инсоният пурра тавассути забон муайян мегардад. Ӯ таъкид мекунад, ки "падидаҳои физикии шабеҳ имкон медиҳанд ҳангоми монанд будан ва ё ҳадди ақал мувофиқат намудани низоми забон тасвири шабеҳи ҷаҳонро офарем" [17, с.165]. Яъне соҳибони забонҳои сохтори грамматикиашон гуногун ба ҷаҳон назари якхела надоранд.

Муҳаққиқони амрикоӣ – пайравони Боас ва Уорф – Ҳойҷер, Ричард Боршей Ли, Клайд Клакхон ва дигарон гунаи мукаммали этнолингвистикаро таҳия намуда, моҳияти таҳқиқоти онро К. Клакхон чунин шарҳ додааст: «аз нуктаи назари антропологӣ дар дунё чӣ қадар ҷаҳони гуногун мавҷуд бошад, ҳамон қадар забон мавҷуд аст» [11, с.123]. Ҳамин гуна фикрро Ли Р.Б. низ баён намуда, бар он ақидааст, ки: "узви ин ё он ҷомеа на танҳо воқеияти ба таври эҳсосот қабулшударо тавассути забон ва хусусиятҳои ба фарҳанги худ хос, мувофиқан бо намунаҳо, ба рамз медарорад, балки вай танҳо замоне дар ҳолати фаҳмиши воқеият қарор мегирад, агар воқеият ба ӯ ба воситаи ҳамин рамз дастрас гардад" [12, с.234].

Воқеан, тибқи маълумоти ЮНЕСКО аз соли 2010 дар ҷаҳон зиёда аз 7000 забон мавҷуд аст, ки аз мавҷудияти зиёда аз 7000 тасвири ҷаҳонӣ ва дарки олами атроф ва шинохти он аз ҷониби соҳибзабонон дарак медиҳад. Ҳар забонро фарҳангест, ки он танҳо дар ҳамон як забон инъикос меёбад. Забони дигар қудрати инъикосу шарҳи комили онро дошта наметавонад, зеро тибқи ақидаи Ли "рамзи" ин забонҳо ҳамеша гуногун аст ва ин гуна забонҳо "модарӣ" танҳо барои як фарҳанг мешаванд.

Директори Генералии ЮНЕСКО К.Матсуур дар яке аз баромадҳояш бахшида ба Рӯзи байналмилали забони модарӣ қайд мекунад: «Чаро ин қадар таваҷҷуҳи хосса ба забони модарӣ дода мешавад? Барои он ки забон инъикоскунандаи нотакрори эҷоди инсоният дар тамоми раванди таҳаввули ӯ мебошад. Ҳамчун воситаи муошират, дарк ва мулоҳиза забон низ ҳамон чизеро тафсир медиҳад, ки мо ҷаҳонро мебинем. Инчунин робитаи дирӯз, имрӯз ва фардоро барқарор менамояд… Забонҳои модарӣ барои он беҳамтоянд, ки чӣ нақшеро онҳо дар ҳар шахс аз рӯзи мавлудаш мегузоранду диди махсуси чизҳоро ба ӯ ато мекунанд ва он воқеан ҳеҷ гоҳ нест намешавад, новобаста аз он ки шахс минбаъд бо чанд забон гуфтугӯ мекунад. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ як василае барои ворид шудан ва ошноӣ пайдо намудан бо диди ҷаҳони дигар, бо дигар рафтору муносибат мебошад».

Доир ба мавқеъ ва муҳтавои этнолингвистика ҳамчунин метавон афкори худи Сепир ва дигар этнолингвистони баъдинаро, ки забонро ҳамчунин роҳнамое дар "воқеияти иҷтимоӣ" медонистанд, мавриди таҳлил қарор дод. Онҳо забонро як тасвири пурмазмуне маънидод карда, ақида доштанд, ки низоми тасвир, яъне низоми грамматикии забон, тарзу усулҳои дарку фаҳиши ҷаҳони воқеӣ ва иҷтимоиро, чун тафаккури инсон, муайян менамояд.

Тарзу раванди дарки ҷаҳони атроф аз ҷониби соҳибони ин ё он фарҳанг, аз як тараф ва, аз тарафи дигар, инъикоси он дар низоми забонии ҳамин соҳибфарҳангон яке аз масъалаҳои муҳимме маҳсуб мешуд, ки муҳаққиқон дар таҳқиқоти худ мувозинати ин ду масъаларо ҷустуҷӯ мекарданд. Масъалаи навбатии таҳқиқот инъикоси усулҳои консептуаликунонии ҷаҳон дар фаъолияти муҳимми фарҳангӣ арзёбӣ мешуд. Натиҷаи ҳарду масъала тафсири хусусиятҳои ба ҳам алоқаманди *"тасвири забонӣ"*-и ин ё он фарҳангро фарогир мебошад.

Гуногунзабонӣ асоси фаҳмиш ва муҳокимаҳои ҳархела буда, дар навбати худ фарҳанги ғайризабониро ба вуҷуд меоварад. Ибтидои онро гуногунии семантикаи консептҳои фарҳангии анъанаҳои мухталиф ташкил медиҳанд, ки аз гӯяндагон он вобастагии зич дорад.

Мусаллам аст, ки муҳтавои робитаҳои фарҳангиро қолаби нутқ дар бар мегирад, вале тасвири ҷаҳони соҳибони фарҳангҳои мушаххас ба забон алоқамандии бесобиқа дорад. Ин аст, ки Крёбер – яке аз шогирдони Боас, ақида дошт, ки байни забон ва истифодабарандагони фарҳанг муносибати якхела ва аз ҳам вобаста вуҷуд надорад, аммо забон метавонад, барои ба вуҷуд овардани фарҳанг замина ё шароит фароҳам оварад.

Доир ба муносибати забон ва фарҳанг муҳаққиқон Ч.Ф.Вёглин ва Ҳаррис таҳқиқоти якҷоя бурда, ба хулосае меоянд, ки забон ин як ҳисса, қисм ё ҷузъи фарҳанг мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки гуфтор ва рафторро якҷоя бояд таҳқиқ кард ва ҳамин ҳолатро онҳо "вазъи этнолингвистӣ" меноманд.

Барои муҳаққиқони болозикр таҳлили лингвистии муносибати забону фарҳанг на танҳо ҳамчун як воситае баҳри ба даст даровардани маълумот, балки яке аз сарчашмаҳои илмӣ доир ба забони фарҳанги мазкур мебошад.

Ин ақидаро, агар дар миёни этнолингвистон ва антропологҳои фарҳангии америкоӣ дида бароем, тарафи дигар ё худ зидди онро мебинем. Онҳо забонро ҳамчун як "барнома"-и мавҷудбуда мепиндоштанд ва аз таҳқиқоти генетикии ташаккули забон даст кашида, таҳқиқи муносибати забону фарҳангро вазифаи мардумшиносон (этнологҳо) меномиданд.

Дар солҳои 60-80-уми асри XX дар илми Амрико ҷараёни наве бо номи антропологияи когнитивӣ арзи ҳастӣ мекунад, ки бунёди онро ақидаҳои У. Гуденаф мустаҳкам менамуд. Ӯ нақши этнолингвистикаро хеле олӣ арзёбӣ менамуд ва ақида дошт, ки беҳтарин роҳи шинохт ва дарки фарҳанг танҳо тавассути забон аст. Ӯ таъкид мекард, ки танҳо тавассути забон мо метавонем дарки консептуалии одамонро пай барем, ки табиати атроф ва ҷомеаро чӣ тавр тасвир мекунанд [5; 6]. Гуденаф чунин нуктаи назарро «рафтори забонӣ» меномид.

Забоншиносони қавмӣ ақида доштанд, ки барои амалӣ шудани ин ақидаи У. Гуденаф як навъи шинохтеро бояд ба вуҷуд овард, ки ба воситаи он соҳибони ҳар як фарҳанг дарку фаҳмиши худро доир ба табиат ва ҷомеа роҳандозӣ намоянд. Ба чунин навъи шинохт, пеш аз ҳама, метавон истилоҳоти хешутаборӣ, таснифоти номҳои олами табиӣ (номҳои олами ҳайвонот, растаниҳо ва ғ.), рангбаёнӣ (тафсири рангҳо) ва ғайраро дохил намуд, зеро инҳо аз ибтидо мавзӯи асосии таҳқиқи илмҳои этникӣ буданд. Аз ин рӯ, пешниҳоди У. Гуденаф, Ф.Лонсбери, Фрейк ва дигарон дар ҳамин ришта беҳтарин ва муҳим маҳсуб меёфт. Ақидаи онҳо барои ташаккули минбаъдаи назари маърифатӣ (когнитивӣ) замина гузошт. Хусусан, пешниҳоди онҳо оид ба таҷдиди субъективии фарҳанг, яъне тасвири он тавассути истилоҳот аз назари худи соҳибфарҳангҳо, ошкор намудани моҳияти маъно ва шакли мафҳумии ин ё он фарҳанг асоси этнолингвистика гардид. Падидаҳои туфайлӣ аз воқеият тавассути дараҷабандии забонӣ ҷудо шуда, барои соҳибфарҳангҳо эътирофнашаванда боқӣ мемонад. Шинохти таркиби фарҳанг, ки он танҳо дар ҳоли таҷдид ошкор мегардад, тавассути забон ва дигар низоми рамзӣ ба даст меояд, вале дар амал ба воситаи саволномаҳо метавон ба он ноил шуд, ки ин як навъи инкишофи мустақими таҳқиқоти этнолингвистика маҳсуб меёбад. Дар доираи ҳамин таҳқиқоти *этнолингвистика* Кеннет Пайк ва Мэрвин Ҳаррис усулҳои лингвистиро дар омӯзиши антропология барои таҳлили дараҷаҳои ахлоқ истифода намуданд. Онҳо тавассути ин навъи таҳлил ихтилофро дар гуфтор, фикрронӣ ва эҳсоси мардум дарёфт намуда, ҳамзамон муайян намуданд, ки одам чӣ тавр олами маънавии худро дарк менамояд ва чӣ гуна рафтор мекунад. Ин ақидаи онҳо аз сӯйи ҷонибдорони «этнографияи ҷадид» мавриди танқиди шадид қарор гирифт. Онҳо пешниҳод мекарданд, ки таҳқиқоти илмии фарҳанг бояд дар доираи тафсири воқеии ҳолати он сурат гирад.

Фаъолияти нутқ, ки он бо номи "этнографияи нутқ - ethnography of speaking" бештар маъмул аст, гунаи амрикоии таҳқиқоти иҷтимоии забон маҳсуб меёбад. Ин навъи тадқиқот ба Ҳаймз Д.Х. тааллуқ дошт, ки онро ҳамчун "низоми ахлоқи фарҳангӣ" маънидод мекард. Барои Ҳаймз Д.Х. фаъолияти нутқ як шакли рафтори инсон дар дохили фарҳанг мебошад. Аз ин рӯ, ӯ таҳқиқоти фаъолияти нуткро дар доираи ҷамъиятҳои забонии муқарраршуда, ки забонҳо ва шеваҳои гуногунро дар ҳамоҳангӣ бо шаклҳои

ғайризабонии коммуникативӣ истифода мебаранд ва ба меъёрҳои муайяни забонӣ тобеъ мебошанд, вазифаи асосии худ медонист [18].

Ҳамин тариқ, дар солҳои 90-уми асри XX дар забоншиносии Амрико ба таҳқиқоти этнолингвистӣ таваҷҷуҳ хеле кам мегардад ва этнолингвистика ҳатто ба фанҳои алоҳида тақсим мешавад.

Аммо дар ҳамин солҳо дар Фаронса баръакс нуфузи этнолингвистика бештар мегардад. Таъкид ба ёдоварист, ки этнолингвистика дар Фаронса дар солҳои 70-ум таҳти таъсири таҳқиқотҳои амрикоӣ, бахусус Ҳаймз Д.Х., мақоми худро касб мекунад. Агар пайдоиши этнолингвистикаи амрикоӣ ба таҳқиқоти забону фарҳанги ҳиндуҳои амрикоӣ марбут бошад, этнолингвистикаи фаронсавӣ ба таҳқиқоти этнологии аҳолии мустамликаҳои африкоӣ алоқаманд аст [10].

Дар таҳқиқоти этнолингвистика дар Фаронса саҳми олимон Б. Потте, Ж. Калам-Гриол, Д. Рей-Улман, Ж. Тома ва С. Баюше, М.-П. Ферри, Ф. Алварес-Перэр, Ж.К. Дэнгирард ва дигарон зиёд аст. Мақолаи Б.Потте дар маҷаллаи “Langages” таҳти унвони «Мавзуи этнолингвистика» [Pottier B. Le domaine de l’ethnolinguistique// Langages, 1970, №18.] доир ба этнолингвистика дар забоншиносии фаронсавӣ қадами устуворе дар омӯзиши он маҳсуб меёбад. Муаллифи мақола масъалаҳоеро, ки этнолингвистика фаро мегирад, баён намуда, се самти омӯзиши онро нишон медиҳад: 1) забон ва тасвири ҷаҳон, глоттохронология; 2) назарияҳои забон оид ба қавм; 3) забон ва муошират. Бо ҳамин пешниҳодҳои худ Потте Б. вазифаҳои нави забоншиносиро муайян мекунад. Ба самтҳои пешниҳоднамудаи Потте Б. забоншиноси дигари фаронсавӣ Ж. Калам-Гриол таҳқиқот ва омӯзиши фолклорро низ дохил мекунад [Calame-Griaule G. Ethnologie et sciences du langage // les siences du langage en France au XX-aème siècle/ Ed. Par Prottier B.P., 1992]. Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар забоншиносии фаронсавии солҳои 70-уми асри XX мавриди баҳси забоншиносон қарор гирифта буд, ин масъалаи робитаи этнолингвистика бо дигар самтҳои забоншиносӣ, аз қабили психолингвистика, сотсиолингвистика ва шевашиносӣ буд. Доир ба ин масъала низ пешниҳоди Ж. Калам-Гриол нисбат ба дигар муҳаққиқон дурусттар ва боварибахштар ба назар мерасид. Ж.Калам-Гриол мавзуи таҳқиқот ва омӯзиши этнолингвистикаро пешниҳод намуда, таъкид мекунад, ки этнолингвистика забонро дар робита бо ҷомеа ва нутқ меомӯзад, аммо сотсиолингвистика бошад, робитаи байни забон ва ҷомеаро мавриди омӯзиш қарор медиҳад [Calame-Griaule G. Ethnologie et sciences du langage // les siences du langage en France au XX-aème siècle/ Ed. Par Prottier B. P., 1992]. Дар баробари ин, масаъалаи таҳқиқоти шевашиносӣ дар асоси усулҳо ва равишҳои этнолигвистӣ низ мавриди баҳси шевашиносони фаронсавӣ қарор мегирад. Муҳаққиқони фаронсавӣ, аз қабили Ф. Алварес-Перэр ва Ж.К. Дэнгирард бештар ба таҳқиқоти фарҳанги шифоҳии мардум диққат медоданд. Шевашинос Ж.К. Дэнгирард дар таҳқиқоти худ аз усулҳои этнолингвистӣ корбурд намуда, таъкид мекунад, ки муҳимтарин хусусиятҳои этнолингвистиро дар таҳқиқоти шевашиносӣ, пеш аз ҳама, метавон дар таҳлили маъноии матнҳои фолклорӣ, топонимика ва антропонимика истифода кард [Dinguirard J.C. Ethnolinguistique de la Haute Vallee de Gers Lille 1976]. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки самти асосии этнолингвистикаи фаронсавиро “таҳқиқот ва омӯзиши тасвири ҷаҳон” ташкил медиҳад. Хусусан, таҳқиқот дар соҳаҳои этнозоология, этноботаника, тибби халқӣ, инчунин таҳқиқоти маъноии фаҳмиш оид ба макон ва замон, рангбаёнӣ, соматизмҳо, истилоҳоти хешутаборӣ, номшиносӣ ва ғ. мебошад, ки дар доираи ин масъалаҳо як қатор рисолаҳои илмӣ навишта шудаанд.

Забон ҳамчун мероси маънавии гурӯҳи этникие маҳсуб меёбад, ки пеш аз фарҳанги моддӣ ташаккул ёфта, баъдан бо он дар робитаи мутақобила қарор гирифтааст. Ҳамин масъала яке аз мавзуъҳои муҳим ва калидии этнолингвистика ба шумор меравад. Албатта, маркази асосии этнолингвистикаро омӯзиши забон ва муносибати он бо фарҳанг, инчунин, омилҳои қавмию фарҳангӣ ва қавмию равонӣ дар даврaҳои гуногуни таҳаввули забон ташкил медиҳад. Масъалаи мазкур дар забоншиносии Россия дар асрҳои XIX ва XX мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин замон тавассути усулҳои гуногуни забоншиносӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба мазмуну муҳтавои фарҳанги мардумӣ, равоншиохтӣ ва мифология зиёд мегардад. Аз он ҷумла, Ф.И. Буслаев афкори Я.Гриммро доир ба алоқаи мустаҳками забон, мифология, ашъори мардумӣ ва анъаноти онҳо бо таърихи халқ ҷонибдорӣ менамуд. Дар робита ба ҳамин, ӯ ба афзудани таркиби маъноии калимаҳо

таваҷҷуҳ намуда, таъкид мекунад, ки: «забон дар тули асрҳо барои амалӣ шудани ҳадафҳо ва талаботҳои гуногун истифода шуда, ба мо хазинаи гаронбаҳои тамоми зиндагии гузаштагонро оварда расонидааст» [2, с.27]. Бинобар ҳамин, он ҳамчун нишонаи асосии қавму халқиятҳо шумурда мешавад.

Муҳаққиқи барҷаста Буслаев Ф.И. тарҳи фаннеро доир ба фарҳанги мардумӣ роҳандозӣ намуда буд, ки метавонист дар худ воҳидҳои фолклорӣ, забоншиносӣ, мардумшиносӣ, илм дар бораи қадимияти славянҳо (зеро Буслаев худ славян буд - М.С.), мифологияи муқоисавӣ ва санъатшиносиро дар бар гирад. Ӯ бе ҳеҷ як дудилагӣ забонро ҳамчун омили асосии ҳифзу нигаҳдошт ва интиқолдиҳандаи расму анъанаҳои фарҳангӣ медонист. Ба ақидаи ӯ забон ягона пулест миёни гузаштаву имрӯзаи ҳар як қавм ва метавонад, ҳатто таҷассумкунандаи хотираи гузаштагон бошад. Аз ин рӯ, Буславе Ф.И. забонро ҳофизаи таърихии қавму миллат медонист [3, с.27].

Афкори Ф.И. Буслаевро доир ба он ки забон ҳамчун ҳофизаи таърихии миллат ва сарчашмаи фаҳмиши ҳувияти мардум мебошад, Потебня А.А. ҷонибдорӣ менамуд. Потебня А.А. бар он ақида буд, ки дар асоси маводи забонӣ метавон матнҳои асл ва ё фаҳмиши замони гузашта ва таърихи ташаккули шуури қавмҳоро аз нав барқарор намуд.

А.А. Потебня чунин як усули аломатгузориеро коркард намуд, ки тавассути он доир ба зиндагии маънавии одамони қадим «метавон танҳо аз рӯйи аломат ё нишона баҳо дод, зеро –, ба гуфти ӯ – аз кадом яке онҳо муҳим, ки калима мавҷуд аст ва аз рӯйи нишона фикри моро, яъне забони моро тақвиятдиҳанда аст» [13, с.205]. Олими забоншинос даъват ба амал оварда, ки забонро дар робита бо таърихи мардум ва бо таваҷҷуҳ ба фолклору арзишҳои маънавӣ, ки ташкилдиҳандаи фарҳанги миллӣ мебошанд, бояд таҳқиқ намуд. Забоншиноси барҷаста А.А.Потебня таъкид мекард, ки забон ҳамчун зода ё самараи «руҳи мардум*», инчунин, сарчашмаи хусусиятҳои миллии мардум дар ҷойи аввал қарор дорад.

Мисоли барҷастаи онро мо метавонем дар фаҳмиши мардумони ориёитабор, ки тавассути мероси хаттӣ то имрӯз боқӣ мондааст, дида бароем. Ҳамон як афкори мондагори тоҷиктаборон «гуфтори нек, пиндори нек, рафтори нек» далели қотеи ҳамин ақида аст. Яъне забон (гуфтор)- и миллат, фаҳмишу ақида (пиндор)-и миллат зодаи руҳи гузаштагон ҳамин миллат буда, инъикоскунандаи хусусиятҳои миллӣ (рафтор)-и мардум маҳсуб меёбанд.

Олими дигари асри XIX Афанасев А.Н., ки пайрави мактаби муқоисавии мифология буд, ба робитаи калима ва устура (миф) диққати ҷиддӣ дода, ин масъала меҳвари асосии тадқиқоти ӯро ташкил медод. Дар пайравӣ ба ақидаҳои Буслаев Ф.И. ӯ пешниҳод мекунад, ки «такомули моддии забон, ки каме пеш рафтааст, дар роҳи бозгашт ба тақдири таърихии худ қарор дорад: чӣ қадар ки даврони таҳқиқу омӯзиши забон қадимтар бошад, ҳамон қадар мавод, шакл ва табиати он ғанитар мебошад; чӣ қадаре ки ба давраи баъдина таваҷҷуҳ намоӣ, ҳамон қадар талафот, ки нутқи инсоният дар сохтори худ аз даст медиҳад, зиёдтар маълум мегардад» [1, с.36].

Афанасев А.Н. ба лексикаи шева ё умуман шевашиносӣ ва фразеология таваҷҷуҳ намуда, дигар муҳаққиқонро низ даъват мекард, ки на танҳо ба маънои аслии калимаҳо, балки ба маънои маҷозии онҳо, ки ифодакунандаи симоҳои олианд, диққат бояд дод.

Назари А.Н. Афанасевро яке аз муҳаққиқони барҷастаи фолклоршиносӣ Зеленин Д.К. ҷонибдорӣ намуда, бар он ақида буд, ки дар баробари омӯзиши калима ва ҷанбаи шифоҳии он, расму анъана ва урфу одати мардум низ мавриди таҳқиқ қарор гирад. Ӯ дар асараш «Очеркҳои мифологияи русӣ» таваҷҷуҳи хоссаро ба хусусиятҳои фарҳанги миллӣ медод ва таҳқиқи гузаштаи дурро ба маънои наздик шудан ба каронаҳои умқи таърих медонист [9].

Дар нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XXI масъалаи муносибати забон ба фарҳанг ва қавм дар маркази диққати муҳаққиқон қарор мегирад, ки он яке аз мавзуъҳои асосии этнолингвистика маҳсуб меёбад. Дар ҳамин давра дар самти этнолингвистика дар забоншиносии рус як қатор таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқон, аз қабили Л.Н. Виноградова,

*Мафҳуми «руҳи халқ»- ро аввалин маротиба В. Фон Ҳумболдт дар асараш истифода намуд буд.

† Турсунов Ф.М. Лексико-семантический анализ пословиц и поговорок в таджикском и русском языках: На материале произведений Фазлиддина Мухаммадиева: дис. канд. филологических наук: 10.02.20 –

А.В. Гур, А.Ф. Журавлев, Вяч. Вс. Иванов, М.М. Копиленко, В.М. Мокиенко, С.Е. Никитина, С.М. Толстой, Н.И. Толстой, В.Н. Топоров, Б.А.Успенский, А.Т. Хроленко, А.С. Герд, Т.В. Сивян, О.А. Черепанова, А.В. Юдин, Прехвальская Е.В. ва ғайра рӯйи кор омадаанд.

Бархе аз забоншиносони рус бар он ақидаанд, ки этнолингвистикаро дар забоншиносии рус метавон ба ду шоха тақсим намуд: шохаи аввалро этнолигвистикаи этимологӣ номидан мумкин аст, ки дар сафи пеши он Вяч.Вс. Иванов ва В.Н.Топоров меистанд ва шохаи дигар – этнолингвистикаи шевашиносӣ мебошад, ки бо номи Н.И.Толстой ва пайравону шогирдони ӯ марбут аст.

Тибқи ақидаи Журавлёв А.Ф. «шохаи аввалро бо ҷобаҷогузорӣ ва ҳалли масъалаҳои азнавбарқароркунӣ ва бозсозии низоми фаҳмиши қадимии онтологӣ, кайҳонӣ ва иҷтимоӣ, ки лексикаи «фарҳангӣ»-ро бо тафсири этимологии калимаҳо ва хусусиятҳои мифологии онҳо инъикос мекунад, алоқаманд медонанд; шохаи дувум - аз ҳама муҳимтар донистани талаботи ҳадди аксари тартиби номгӯйи пурраи намудҳои фарҳанг, маросим, лексикаи расму анъанаро бо дарназардошти таваҷҷуҳ ба мушкилоти ҳудудӣ, шевашиносӣ ва ҷанбаҳои омӯзиши ҷуғрофӣ зарур мешумориданд» [7, с.111].

Дар асоси масъалаҳои баррасишаванда ба ҷараёнҳо ё шохаҳо ҷудо намудани этнолингвистикаро Березович Е.Л. низ таъкид намуда, ду самти таҳқиқоти этнолингвистикаро пешниҳод мекунад: «самти аввал метавонад ба тафсири ин ё он қисматҳои тасвири анъанавии ҷаҳон дар асоси маълумоти фарҳангҳои гуногун равона карда шавад ва самти дувум ба ошкор намудани хусусиятҳои инъикоси мероси маънавӣ дар забон (дар асоси дигар фарҳангҳо) фаъолият намояд» [2, с.7-8].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳқиқотҳои дар самти этнолингвистика дар забоншиносии рус баанҷомрасида метавон гуфт, ки мутахассисони рус нисбати этнолингвистика ду назар доранд. Гурӯҳи аввал бо сарварии В.Н. Топоров, Вяч. Вс. Иванов ва шогирдону пайравони онҳо, аз он ҷумла Толстой Н.И. этнолингвистикаро ҳамчун «фанни маҷмуие медонистанд, ки тавассути усулҳои лингвистии «нақшаи нигаҳдошт»-и фарҳанг, психологияи мардумӣ ва устураҳои (мифология)-и озод аз тарзҳои тафаккури расмӣ (калима, ашё, расму анъана ва ғ.) омӯхта мешавад» [15, с.39-40].

Гурӯҳи дигар этнолингвистикаро ҳамчун як самте дар забоншиносӣ медонанд, ки «забонро дар робита бо фарҳанг ва омилҳои мутақобилаи забонӣ, этнофарҳангӣ ва этнопсихологӣ дар амалкарду таҳаввулоти забон меомӯзад». Аз нигоҳи ин гурӯҳ мавзуи асосии этнолингвистикаро тамоми фарҳанги мардумӣ, намудҳо ва шаклҳои он: шифоҳӣ (матнҳои фолклорӣ), иҷрои маросим (расму анъана ва урфу одат) ва эътиқод (мансубияти динӣ) фаро мегиранд. Ҷонибдорони ин ақида Т.Л. Агапкина, А.А. Плотникова, В.В. Усачева ва дигар забоншиносони мактаби илмии Толстой Н.И. мебошанд.

Пояҳои этнолингвистикаро дар забоншиносии рус Н.И. Толстой бо эҷоди асарҳои ҷолиби худ хеле мустаҳкам намуд ва тавонист мактаби илмии худро ба вуҷуд оварда, шогирдони зиёдеро дар ҳамин самт тарбия намояд. Барои Н И. Толстой ва шогирдони ӯ этнолингвистика як фаҳмиши хеле фарохе мебошад. Аз назари муҳаққиқон мактаби этнолинвистии Толстой Н.И. аз этнолингвистикаи амрикоӣ бо ҷанбаҳои махсуси худ фарқ мекунад. Толстой ва шогирдони ӯ дар пажӯҳиши фарҳанги мардумии славянҳо аз усулҳои лингвистӣ, хусусан аз усули таърихӣ (диахронӣ) ва усули таҳқиқот аз назари хешутаборӣ (генетикӣ) истифода мебурданд. Бо чунин тарзи таҳқиқот нишон медод, ки ба самти таърихии забон низ бояд таваҷҷуҳ намуд ва таҳқиқоти ҳамзамонӣ (синхронӣ)-и ғарбӣ ва амрикоӣ, ки омӯзиши ҳолати имрӯзаи забонҳои бехатро дар пай доранд, барои этнолингвистика танҳо асос шуда наметавонад. Барои Толстой этнолингвистика “танҳо як соҳаи забоншиносӣ не, балки самти алоҳидае дар забоншиносӣ маҳсуб меёфт, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқ дар он ба таҳқиқи муносибат ва робитаи забон ва фарҳанги маънавӣ, забон ва ҳувияти миллӣ, забон ва эҷодиёти мардумӣ, инчунин, вобастагии дутарафа ва навъҳои гуногуни иттилоърасонии онҳо равона шудааст” [18, с.104].

Муқарриз: ***Қурбонов С.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Афанасьев А.Н. Древо жизни: избр. Статьи / А.Н. Афанасьев. Ред. Б.П. Кирдан, Ю.М. Медведев. - М.: Современник, 1982. – 464 с.
2. Березович Е.Л. Язык и традиционная культура: Этнолингвистические исследования / Е.Л. Березович. - М.: Индрик, 2007. – 600 с.
3. Буслаев И.Ф. Преподавание отечественного языка [Текст]: учебное пособие для педагогических институтов / Ф. И. Буслаев. – Москва: Просвещение, 1992. - 512 с.
4. Герд А.С. Введение в этнолингвистику / А.С. Герд. – СПб, 2005. – 457 с.
5. Гуденаф У. Когнитивные аспекты языка / У. Гуденаф // Новое в лингвистике. - Вып. 23. - М., 1988.
6. Гуденаф У. Культурная антропология и лингвистика / У.Х.Гуденаф // Гарвин, Пол Л.: Отчёт седьмого ежегодного круглого стола по лингвистике и языковедению. – Вашингтон, Колумбия: Джорджтаунский университет, серия монографий по языку и лингвистике, 1957. - №9. - С.167-173.
7. Журавлёв А.Ф. Домашний скот в поверях и магии восточных словян. Этнографические и этнолингвистические очерки / А.Ф. Журавлёв. – М.: Индрик, 1994. – 256 с.
8. Звегинцев В.А. Теоретико-лингвистические предпосылки гипотезы Сепира-Уорфа / В.А.Звегинцев // Новое в лингвистике. - Вып. 1. – М., 1960. – С.3-20.
9. Зеленин Д.К. Избранные труды. Очерки русской мифологии: Умершие неестесвенною смертью и русалки / Д.К. Зеленин. Вступ. ст. Н.И. Толстого; подготовка текста, коммент., указат. Е.Е. Левкиевской. – М.: Индрик, 1995. – 432 с.
10. Кабакова Г.И. Французская этнолингвистика: проблематика и методология / Г.И. Кабакова // Вопр. языкознания. – 1993. - №6.
11. Клакхон К. Зеркало для человека. Введение в антропологию / К. Клакхон. - Спб.: Евразия, 1998. – 365 с.
12. Ли Р.Б. Кунг Сан: мужчины, женщины и работа в собиратеьском обществе / Р.Б. Ли. – Нью Йорк: Кембриджского университета, 1979. - 280 с.
13. Потебня А.А. Из записок по русской грамматике. Т. I-II / А.А. Потебня. - М., 1958. - 292 с.
14. Сепир Э. Избранные труды по языкознанию и культурологии / Э. Сепир. – М., 1993. – 656 с.
15. Толстой Н.И. Некоторые проблемы и перспективы славянской и общей этнолингвитики / Н.И. Толстой // Изв. АН СССР, 1982. Сер. лит. и яз. – М., 1982. – Е.60. - №5. - С.397-405.
16. Толстые Н.И. и С.М. Принципы, задачи и возможности составления этнолингвистического словаря славянских древностей // Славянское языкознание. IX Международный съезд славистов. Докл. сов. делегации. - М., 1983.
17. Уорф Б. Отношение норм поведения и мышления к языку. Наука и языкознание. Лингвистика и логика / Б. Уорф // Новое в лингвистике. – М., 1960. - С.135-198.
18. Хаймз Д.Х. Общение как этнолингвистич. проблема (Осн. направления в амер. этнолингвистике) / Д.Х. Хаймз // Вопр. языкознания. - 1965. - № 2.

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР: ЭТНОЛИНГВИСТИКА ВА МАВЗУЪҲОИ БАҲСИ ОН

Бо рушду тавсеаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ ва иртиботӣ ҷаҳони муосир аз даврони пешинаи таърихи башарият тафовут дорад, ки ин раванд, аз як тараф, боиси инкишофу густариши робитаҳои гуногун дар байни мардумони маскуни минтақаҳои мухталифи ҷаҳон гардида, торафт теъдоди зиёди одамонро фаро мегирад ва, аз тарафи дигар, боиси ба вуҷуд омадани шаклҳо ва воситаҳои мукаммалтарини робитаи байни фардҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ гашта, ба яке аз омилҳои муҳимми гароиш ба ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) дар шароити кунунӣ табдил меёбад. Дар ин раванд нақши забон ҳамчун муҳимтарин воситаи робитаи байни инсонҳо беш аз пеш муҳимтар мегардад, зеро фарогири ҳар навъ иттилоот новобаста ба роҳҳо ва усулҳои интиқоли он танҳо ба воситаи забон сурат гирифта метавонад. Чунин шароит тақозо менамояд, ки дар робита бо забонҳои мухталиф муҳимтарин масъалаҳои илми забоншиносӣ ба таври амиқ омӯхта шаванд, то ғановату имконоти забон дар таҳкиму густариши алоқаҳои гуногуни байни инсонҳои муосир ба таври муфид ва самарабахш истифода гардад. Ба вуҷуд омадани самтҳои гуногуни забоншиносӣ нишонаи рушду инкишофи бемайлони илми забоншиносии ҷаҳонӣ, дар баробари илмҳои гуногун аст ва ҳар замон масъалаҳои наве, ки дар илми забоншиносӣ пайдо мешаванд, таҳқиқи ҷиддии забоншиносонро дар ин раванд тақозо доранд. Азбаски забоншиносии муосир маҳсули инкишофи дурударози таърихии илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад, аз ин рӯ, маълум аст, ки ин масъалаҳо сарчашмаи худро аз ҷанбаҳои таърихӣ мегиранд. Дар мақолаи мазкур доир ба мавзуъҳое, ки дар забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика) муҳим арзёбӣ мегардад, маълумот дода мешавад.

Калидвожаҳо: этнолингвистика, лингвокултурология, тасвири ҷаҳон, тасвири забонии ҷаҳон, андешаи миллӣ, забони миллӣ, тафаккур, забоншиносӣ, забоншиносии тоҷик.

АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКИ: ЭТНОЛИНГВИСТИКА И ЕЁ ДИСКУССИОННЫЕ АСПЕКТЫ

Современный мир отличается от предыдущих эпох в истории человечества развитием передовых информационных и коммуникационных технологий, что, с одной стороны, привело к развитию и расширению различных связей между народами в разных частях света, а с другой стороны, привело к появлению самых передовых форм и средств общения между людьми в мировом сообществе и стало одним из важнейших факторов нынешней тенденции глобализации. В этом процессе роль языка как наиболее важного средства общения между людьми становится всё более значимой, поскольку включение всех видов информации, независимо от способов и средств её передачи, может происходить только через язык. Такие

условия требуют глубокого изучения наиболее важных вопросов лингвистики применительно к различным языкам, чтобы богатство и потенциал языка можно было использовать полезным и эффективным способом для укрепления и расширения различных связей между людьми. Возникновение различных областей языкознания является признаком неуклонного развития мировой лингвистики наряду с различными науками, и новые вопросы, возникающие в лингвистике, всегда требуют серьёзных исследований лингвистов в этом процессе. Современная лингвистика является продуктом длительного исторического развития лингвистики, очевидно, что эти проблемы имеют свои истоки в исторических аспектах. В данной статье исследованы актуальные проблемы современной этнолингвистики и раскрыты дискуссионные вопросы этого направления.

Ключевые слова: этнолингвистика, лингвокультурология, картина мира, лингвистическая картина мира, национальная мысль, национальный язык, мышление, лингвистика, таджикское языкознание.

ACTUAL PROBLEMS OF MODERN LINGUISTICS: ETHNOLINGUISTICS AND ITS DISCUSSIONAL ASPECTS

The modern world differs from previous periods in the history of mankind by the development of advanced information and communication technologies and it has led to the development and expansion of various ties between peoples in different parts of the world, but from the other side it has led to the most advanced forms and means of human interactions in the global community and has become one of the most important factors in the current trend of globalization. The role of language in this process, as the most important means of communication between people and becomes more and more significant, as long as an inclusion of all types of information, regardless of the methods and means of its transmission, can only occur through language. Such terms requires an in-depth study of the most important issues of linguistics in relation to different languages, so that the wealth and potential of the language can be used in a useful and effective way to strengthen and expand the various connections between people. In this process the emergence of different areas of linguistics is a sign of the steady development of world linguistics along with various sciences, and new issues that arise in linguistics always require serious research by linguists. Modern linguistics is the product of a long historical development of linguistics, it is obvious that these problems have their origins in historical aspects. This article analyzed actual problems of modern ethnolinguistics and discloses controversial issues in this direction.

Key words: ethnolinguistics, cultural linguistics, view of the world, linguistic view of the world, national language, mentality, linguistics, Tajik linguistics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Матробиён Саодатшо Қосимзода*** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6.
E-mail: **s.matrobov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-508-71-38**

Сведение об авторе: ***Матробиён Саодатшо Косимзода*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **s.matrobov@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 93-508-71-38**

Information about the author: ***Matrobiyon Saodatsho Kosimzoda*** - Tajik State Institut of languages named after S.Ulughzoda, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Language. **Address**: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6. E-mail: **s.matrobov@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 93-508-71-38**

УДК: 491.550-56

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР МАСНАВИИ “ТАШТГАР”-И САЙЙИДОИ НАСАФӢ

Ҳалимова С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Саййидои Насафӣ яке аз беҳтарин донандагони забони адабии тоҷикӣ дар асри XVII аст ва дар баробари ин, ҳамчун шоири тавоно забони адабии моро ривоҷу равнақ додааст. Шоирони ин давра, ки ба ягон касбу ҳунаре машғул буданд ва зиндагии худро бо ин роҳ пеш мебурданд, вожаву ибораҳои ҳунарҳои халқиро ҳамарӯза ба забон мегирифтанд ва онҳоро боҷуръатона ва бамаврид дар осори худ мунъакис мекарданд. “Дар осори Саййидо, Мулҳами Бухорой, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, ки худ аз ҳунармандон-косибони замона буданд, калимаву таркиб, ибораҳои халқӣ-гуфтугӯӣ ва лексикаи соҳавӣ (профессионализмҳо) ба адабиёти хаттӣ дохил шудан гирифтанд ва дар асрҳои XVII ва XVIII баробари сабки ҳиндӣ забони адабии хеле содаи ба забони шифоҳӣ наздик ривоҷу равнақ гирифт” [1.2, с.17]. Дар баробари ин, Саййидо аз воҳидҳои фразеологие, ки дар забони мардум ва хосса ҳунармандон садо медод, ба таври фаровон дар шеърҳои худ истифода намудааст.

Ҳангоми корбаст намудани воҳидҳои рехта дар ашъори худ шоир ин унсурҳоро тавре корбаст менамояд, ки аз кадом касб пайдо шудани онҳо ошкор мегардад. Ба ибораи дигар, аз осори Саййидои Насафӣ таърихи пайдоиши воҳидҳои фразеологӣ муайян мегардад. Яъне, шоири тавоно ҳар як воҳиди фразеологиро вобаста ба ҳар як касбу пеша, дар мавриди тасвири раванди кори онҳо тавре корбаст менамояд, ки аз кадом пеша пайдо шудани онҳо равшан мегардад. Дар маснавии “Таштгар”-и Саййидои Насафӣ ибораҳои фразеологии зиёде корбаст гардидаанд, ки аз пешаи оҳангарӣ ва таштгарӣ пайдо шудаанд. Ин ибораҳои рехта ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

I. Ибораҳои фразеологии изофӣ. Дар маснавии “Таштгар” воҳидҳои фразеологии изофӣ низ корбаст гардидаанд, ки аз ҳамин пеша пайдо шудаанд ё ба он алоқамандии зич доранд. Таштгарӣ як соҳаи оҳангарӣ ё як соҳаи коркарди филиз мебошад. Шоир ҳангоми тасвири ҷараёни кори таштгар ибораҳои мансуби ин соҳаро дар манзумааш корбаст намудааст. Ин ибораҳо бо маънои байтҳо мувофиқ афтода, барои ифодаи мазмунҳои гуногун хизмат кардаанд. Саййидо ба ин ибораҳо тобишҳои нави маъноӣ медиҳад, майдони маъноии ибораҳои рехтаро васеъ мекунад. “Дар ибораҳои фразеологии изофӣ монанди ибораҳои озоди синтаксисӣ дар ҷойи аввал ҷузъи асосӣ, маркази маъноии он, ки бо исм ифода меёбад, меистад” [1.6, с.50]. Дар ибораҳои фразеологии изофие, ки дар манзумаи шоир корбаст гардидаанд, низ ҳамин тавр аст ва шоир ин воҳидҳоро барои ифодаи маъноҳои нозуки шеърӣ корбаст менамояд. Масалан, дар ибораи рехтаи “**дами гарм**” вожаи асосӣ **дам** аст. **Дам** олоти чармии оҳангарон аст, барои бод дода шукуфондани оташ, ки ҳангоми кори ҳунармандон аз тафси оташ гарм мешавад. Дар забони зиндаи муосири тоҷикӣ ибораи рехтаи “**дами гарм**” ба маънии хӯроки гарм (хӯрокҳои беравғани табобатӣ бо гиёҳҳо, хӯрокҳои ширӣ ва ё умуман хӯроки гарм) истеъмол мегардад. Дар манзумаи шоир он ба маънии дороӣ, тавоноӣ, қудрат ба кор рафтааст:

Агар мешуд маро аз зар **дами гарм**,
Дили чун оҳанаш месохтам нарм [2.1, с.67].

Дар мисраи дуюм ибораи фразеологии “**дили *касеро* нарм сохтан**” ба маънии меҳрубон ва мулоим кардани одами сангдилу бераҳм кор фармуда шудааст. Таштгарон ё оҳангарон филизро дар ҳарорати баланд гудохта нарм, мулоим мекунанд ва сипас аз он асбоб месозанд. “Дили *касе ё чизеро* нарм сохтан” аз касби оҳангарӣ пайдо шудааст ва шоир онро дар ин манзума корбаст намудааст.

“Рухи зард”/ “Рӯйи зард”/ “ранги зард”. Ибораи “рухи зард”, “рӯйи зард”, “ранги зард” дар забонамон ба маънии беморӣ корбаст мегардад, аммо дар байти зерини шоир ба маънии ноумедӣ, сахтӣ, ранҷурӣ аст.

Маро аз безарӣ бошад **рухи зард**,
Абас мекӯбам акнун оҳани сард [2.1, с.67].

Дар мисраи дуюми байт “**оҳани сард кӯфтан**” ба маънии кори беҳуда кардан корбаст гардидааст. Ин воҳиди фразеологиест, ки аз номи амали оҳангарӣ пайдо шудааст ва дар забони адабиёти классикӣ зиёд ба кор рафтааст. Ин ибораро ҳанӯз дар саргаҳи ташаккули забони адабии тоҷик устод Абуабдулло Рӯдакӣ кор фармудааст, ки ба ҳамин маъност:

Дило то кай ҳамеҷӯӣ манеро,
Чӣ дорӣ дӯст ҳарза душманеро.
Чаро ҷӯӣ вафо аз бевафое,
Чӣ **кӯбӣ беҳуда сардоҳанеро**.

Ин ибора дар забони муосири тоҷик низ дар ҳамин шакл ва ҳамин маъно истеъмол мегардад.

II. Ибораҳои фразеологии феълӣ. Дар манзума ибораҳои фразеологии феълӣ афзалияти бештар доранд ва хеле зиёд корбаст гардидаанд. Воҳидҳои фразеологии феълӣ аз сабаби шаклҳои гуногун ва зиёд доштани феъл дар забонамон густариши васеъ доранд ва дар манзумаи шоир низ ин хусусияти забонамон таҷассум ёфтааст. “Воҳидҳои фразеологии феълӣ, бо вуҷуди он ки тамоми хусусиятҳои фразеологизмҳоро доранд, дар ҷумла ба вазифаи як аъзои ҷумла – бештар ҳамчун хабар меоянд. Онҳо амал, ҳолат ё ҷараёнро ифода мекунанд ва дар ҷумла вазифаи грамматикии феълро иҷро мекунанд” [1.6, с.113]. Ибораҳои фразеологии феълие, ки Саййидо дар манзумаи “Таштгар” корбаст менамояд, ҳамин вижагиҳоро доранд:

“Дили сахт доштан” – киноя аз бераҳмӣ, сангдилӣ. Ғолибан ин ибора аз пешаи оҳангарӣ пайдо шудааст, чунки оҳан филизи сахт буда, гудохтану об кардан ва сохтани асбоб аз он кори сангин буда, хеле душвор ба даст меояд ва заҳмату машаққати зиёдро талаб мекунад. Вақте ки барои об кардан оҳанро дар оташ мегузоранд, канораҳои он дар ҳарорати бисёр баланд об мешавад, вале ҳамоно мобайн ё дили он сахт боқӣ мемонад, ба зудӣ об намешавад ва оҳангарон гаштаю баргашта онро дар оташ гудохта об мекунанд. Аз ин рӯ, ин номи амали оҳангарӣ аст, ки баъдтар дар забон ба маънои маҷозии бераҳму сангиндил ба кор рафтааст.

Нигори таштгар **дорад дили сахт**,
Маро бошад чу ангишташ **сияҳ бахт** [2.1, с.66].

Ғайр аз ин, дар мисраи дувуми байт ибораи фразеологии **“бахти *касе* сиёҳ будан”** ба маънии нокомӣ, бахтбаргашта истифода гардидааст, ки дар забон дар шакли “**бахти сиёҳ**” низ истеъмол мегардад.

“**Гудохта шудани тан**” – дар тобу таби ишқ сӯхтан, мафтун шудан, ошиқ шудан.

Танам бигдохта аз оташи ӯ**,**
Бувад чун шуъла қадди саркаши ӯ [2.1, с.66].

“**Ба ҷон оташ афкандан**” дар тобу таби ишқ афтидан, афрӯхта шудан аз ишқ, мафтун шудан, ошиқ шудан.

Чу ангишт **оташам афканда бар ҷон**,
Сари худ дидаам дар пойи сандон [2.1, с.66].

Дар мисраи дуюм ибораи фразеологии феълии “**сари худро дар пойи касе (чизе) дидан**” корбаст гардидааст, ки ба маънии фармонбардорӣ, мутеъ шудан, сархамӣ, музтар будан дар назди касе истифода гардидааст. Аммо ишораи шоир ба ҳаракати таштгарону оҳангарон аст, ки ҳангоми асбоб сохтан дар назди сандон хам шуда кор мекунанд

Дар маснавии шоир воҳидҳои фразелогӣ чанд тобиши маъноиро ифода кардааст, чунки сабки нигориши Саййидо мувофиқи талаботи замонаш ҳиндӣ аст ва пӯшидабаёнӣ хусусияти асосии ин сабк аст. “Воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба зиндагӣ, урфу одат, ҷаҳонбинӣ, дарку заковат, таҷрибаи одамон, касбу ҳунар пайдо мешаванд. Дар онҳо зимни мафҳуме ҳолату руҳияи шахс, як лавҳаи рӯзгор, сабақи зиндагӣ, муносибат ва таассуроти одамон инъикос меёбад. Аз ин рӯ, дар воҳидҳои фразеологӣ маъниҳо хеле нозук, пӯшида, пуртаъсир ва пурҷозиба ифода меёбанд” [1.16, с.93]. Ғайр аз ин, шоир дар байтҳо воҳидҳои фразеологиро дар сабки ҳиндӣ мерезад ва ба онҳо чандмаъноиро зам мекунад, ки дар ин ҷода хеле моҳир аст ва нишондиҳандаи истеъдоди баланди шоирии ӯ мебошад. Масалан, ибораи рехтаи “**ба хонаи *касе* оташ задан**” – аз ғояти ишқ бунёди ҳастиро сӯхтан маънии зоҳирӣ ё аввали байт аст. Маънии пӯшида ва аслии он ишораи нозуки шоир ба оташи афрӯхтаи таштгарон дар коргоҳи худ барои гудохтани филиз ва

сохтани маснуот аз он аст, яъне мақсади шоир ифода кардани ҷараёни кори таштгарон аст:

Ғамаш **оташ зада бар хонаи ман**,
Намеояд сӯйи кошонаи ман [2.1, с.67].

"**Ба ёди *касе* сӯхтан**" ҳиҷрон аз ишқ, аз дарди фироқ, ҷудоӣ азият кашидан:

Ба ёдаш сӯхтам бунёди ҳастӣ,
Шуд акнун пешаам оташпарастӣ [2.1, с.66].

"Раҳи омадшуданро гум кардан" ("раҳи омадурафтро гум кардан") – сарҳисоби худро гум кардан, сари калобаро гум кардан, чӣ кор карданро надониста мондан, дар тарсу ҳарос афтодан, музтарибҳолӣ:

Чу ангишт аз саводаш мунфаил шом,
Раҳи омадшудан гум карда айём [2.1, с.66].

"**Пушт бар кӯҳ доштан**" – устуворӣ, побарҷо будан, устуворӣ нишон додан дар коре.

Дукконашро набошад аз кас андӯҳ,
Зи сандон аст ӯро **пушт бар кӯҳ** [2.1, с.66].

"Сари худро ба остони *касе* мондан" – садоқат, фармонбардорӣ, мутеъ шудан, хушомад гуфтан:

Равам ҳар рӯз бар тарфи дукконаш,
Сари худро ниҳам бар остонаш [2.1, с.67].

"**Аз савдои *касе* бетоб шудан**" – гирифторӣ ба ишқу муҳаббат, аз ишқи касе дар тобу таб будан.

"**Дили касеро об кардан**" – мафтун шудан аз ишқ, дил бой додан ба касе, дил бастан:

Маро **савдои ӯ бетоб карда**,
Диламро оташи ӯ **об карда** [2.1, с.67].

"Ба оташ дами об задан" – ором кардан, тобу табро кам кардан

Бидеҳ соқӣ шароби беғаши ман,
Дами обе бизан бар оташи ман [2.1, с.67].

"**Ба ҷон оташ афрӯхтан**" – дар тобу таби ишқ афтодан, афрӯхта шудан аз ишқ, мафтун шудан, ошиқ шудан.

"**Дил аз ташнагӣ сӯхтан**" – ноком будан, бебаҳра будан, бенасиб будан:

Ба ҷонам шуълаи ғам **оташ афрӯхт**,
Дилам чун Саййидо ***аз ташнагӣ сӯхт*** [2.1, с.67].

Саййидо худ пешавар буд ва рӯзии худро аз касби дасти худ пайдо мекард. Азбаски ӯ тамоми умр ба ҳунармандӣ машғул буд ва бо аҳли ҳунар робита дошт, пешаву ҳунар, вожаю истилоҳот, ибораву таркибҳои пешаварон, забони онҳо дар ҳастии ӯ рехта шудааст. Бинобар ин, ин гуна ибораҳои рехта дар дигар анвои шеърии шоир, дар ғазалиёту мухаммасоти ӯ низ дучор мешаванд:

"Забони касеро кӯтоҳ кардан" ба маънии касеро мулзам ва муттаҳам кардан аз касби оҳангарӣ пайдо шудааст. Шамшергарон ё оҳангароне, ки шамшер омода мекарданд, оҳани шамшерро борику дароз мегирифтанд ва сониян онро дар оташи баланд гудохта, ба шакли шамшер мерехтанд. Шамшери бисёр дароз ба дард намехӯрад, ба кори размандагон халал эҷод мекунад, барои ба мақсад мувофиқ кардан забони онро кӯтоҳтар мекарданд. Баъдтар ин ибора маҷозан ба маънии муттаҳам кардан, мулзам кардан, хомӯш кардани шахсе, ки баҳудаву беҳуда бо сухани худ касеро озор медиҳад, ба кор рафтааст:

Гардани таслим дорад теғи сӯҳон бар қафо,
Мекунад кӯтоҳ забони ханҷари ҷаллодро [2.1, с.192].

Ибораи фразеологии "**сари касеро хӯрдан**" дар забон ба маънии касеро куштан, нобуд кардан ба кор меравад ва бегумон куштан ҳангоми ҷангу набардҳо ба воситаи ханҷару шамшер аст. Шоир дар байти зерин бо ишора ба қиссаи "Хусраву Ширин" онро ба тешаи Фарҳод нисбат медиҳад:

Ошноёнрост кӯшиши ҳалоки якдигар,
Теша фурсат ёфт **хӯрд** охир **сари Фарҳодро** [2.1, с.192].

Саййидо аз сарвати луғавии забони мо огоҳии бениҳоят зиёд дорад ва аз онҳо моҳирона истифода бурда метавонад. Дар манзума аз ибораҳои зиёди фразеологӣ истифода бурдааст, ки як гурӯҳи калони онҳо бо ҳам муродиф мебошанд ва ҳолатҳои

гуногуни равонии шоир ва ҳунармандонро ифода кардаанд. Дар манзума ибораҳои фразеологии феълии зиёде ба ҳамдигар *муродиф* (синоним) шудаанд, ки маънои ошиқ будан, меҳру муҳаббати зиёдро ифода мекунанд. Корбаст шудани воҳидҳои фразеологии зиёд ба маънии ошиқ шудан, муҳаббат бастан дар манзумаҳо ва шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи шоир аз хусусияти жанрии он вобаста аст, вале ҳамзамон аз огоҳии хеле зиёд ва амиқи Саййидо аз забони адабӣ ва забони зиндаи мардум мебошад.

Ҳар кадоми ин воҳидҳои фразеологӣ бо тобишҳои нозуки маъноии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд "**гудохта шудани тан**" (дар тобу таби ишқ сӯхтан, сахт мафтун шудан, аз ишқ сӯхтан), "**ба ҷон оташ афкандан**" (афрӯхта шудан аз ишқ, мафтун шудан, ошиқ шудан), "**ба хонаи *касе* оташ задан**" (аз ғояти ишқ бунёди ҳастии худ ё касеро сӯхтан), "**ба ёди *касе* сӯхтан**" (ҳичрон аз ишқ, аз дарди фироқ, ҷудоӣ азият кашидан), "**аз савдои *касе* бетоб шудан**" (гирифторӣ ба ишқу муҳаббат, аз ишқи касе дар тобу таб будан), "**дили касе об шудан**" (мафтун шудан аз ишқ, дил бой додан ба касе, дил бастан), "**ба ҷон оташ афрӯхтан**" (дар тобу таби ишқ афтодан, афрӯхта шудан аз ишқ, мафтун шудан, ошиқ шудан), "**дил аз ташнагӣ сӯхтан**" (нокомӣ, бебаҳра будан, бенасиб будан аз ишқ).

Дар манзума **гунанокии** (вариантнокӣ) воҳидҳои фразеологӣ низ дучор мешавад. Ибораи фразеологии феълии **"сари худро ба остони *касе* мондан"** (садоқат, фармонбардорӣ, мутеъ шудан, сархамӣ, хушомад гуфтан) бо ибораи фразеологии феълии "**сари худро дар пойи касе (чизе) дидан**" (фармонбардорӣ, мутеъ шудан, сархамӣ, музтар будан дар назди касе) гунаҳои ҳам дар забони адабии тоҷикӣ мебошанд. Гунаи он дар забони зинда "сари худро дар пеши пойи *касе* мондан" ва "дар пеши *касе* сар хам кардан" аст, ки аз урфу одатҳои тоҷикон пайдо шудааст, ки барои эҳтиром ва самимияти худро нишон додан иҷро мешавад. Воҳидҳои фразеологӣ дар байтҳои маснавӣ чанд маъноро ифода мекунанд. Шоир дар ин маснавӣ ба амали таштгарӣ низ ишора мекунад, чунки таштгарон барои аз филиз асбоб сохтан онро дар оташ мениҳанд, гудохта нарм мекунанд ва филизи гудохтаро зуд-зуд гирифта ба рӯйи сандон монда мекӯбанд. Ҳангоми иҷрои ин амалҳо миён ва сари ҳунармандон хам мемонад.

Ибораи фразеологии феълии "**ба ҷони *касе* оташ афкандан**" (афрӯхта шудан аз ишқ, мафтун шудан, ошиқ шудан) бо ибораи фразеологии феълии "**ба ҷон оташ афрӯхтан**" (дар тобу таби ишқ афтодан, афрӯхта шудан аз ишқ, мафтун шудан, ошиқ шудан) гуна ё вариантҳои ҳам мебошанд, ки ҳолати равонии қаҳрамононро ифода мекунанд, вале маънои дуюми пӯшида ё мақсади аслии шоир оташи таштгарону оҳангарон аст, ки барои гудохтани филиз меафрӯзанд.

Саййидои Насафӣ дурдонаҳои забони моро аз забони адабиёти классикӣ ва забони зинда барчида ба ин восита забони баёни худро мукаммал ва басо муассир менамояд. Забони адабии тоҷикӣ дар ашъори ӯ дар ҳадди балоғат ва ғановат буда, таърихи забони моро дар ин марҳила ба намоиш мегузорад. "Дар маҷмуъ, ширинву шевоӣ, пухтагиву расоӣ, шукӯҳу ҷалол ва ғояти камоли забони тоҷикии аҳди Ҷониён дар оинаи баёни осори мондагори Саййидо мунъакис мегардад" [1.17, с.30].

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу тадқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар маснавии "Таштгар"-и Сайиидо ба чунин натиҷаҳо расидем:

1. Саййидои Насафӣ беҳтарин донандаи забони адабӣ ва забони зиндаи мардуми тоҷик дар асри XVII ба шумор меравад. Ӯ аз забони мо огоҳии комил дорад ва барои офаридани асарҳои худ ба забони адабиёти классикӣ такя менамояд ва ба забони гуфтугӯйии мардум рӯ меорад, ки ин забони асарҳои ӯро сода ва бисёр ҷолиб гардонидааст.
2. Саййидо аз забони адабӣ ва забони зиндаи мардум воҳидҳои фразеологии зиёдеро дар шеърҳои худ истифода мебарад. Дар маснавии "Таштгар" воҳидҳои фразеологие фароҳам омадаанд, ки аз пешаи таштгариву оҳангарӣ пайдо шудаанд ва ё ба он вобаста мебошанд. Ин воҳидҳои фразеологӣ, ки аз номи амалҳои таштгарӣ-оҳангарӣ ба вуҷуд омадаанд, ҳолатҳои гуногуни равонии қаҳрамононро ифода кардаанд.
3. Воҳидҳои фразеологии маснавии "Ташгар" ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ибораҳои фразеологии изофӣ ва ибораҳои фразеологии феълӣ. Воҳидҳои фразеологии дар маснавӣ гирдомада дар ибтидо номи амалҳои ҳунари таштгарӣ буда, баъдан ба маъноҳои маҷозӣ омада, эҳсосоти гуногунро ифода кардаанд.

4. Бештари ин воҳидҳои фразеологӣ бо ҳам муродиф буда, маънои дӯст доштан, ошиқ шудан, мафтун шуданро ифода мекунанд, ки ин ба вижагиҳои осори ҳунармандӣ вобаста аст. Аз ин воҳидҳои фразеологӣ муҳаббат ва самимияти шоир ба ин табақаи ҷомеа низ ҳувайдо мегардад. Ғайр аз ин, шоир аз гунанокии ин унсурҳои забонӣ низ барҳӯрдор аст ва дар мавридҳои муносиб аз онҳо истифода менамояд.

5. Саййидо намояндаи сабки ҳиндӣ аст ва воҳидҳои фразеологиро низ дар шеърҳояш ба ҳамин сабку услуб мувофиқ мекунад. Онҳоро мувофиқи санъати иҳом ба якчанд маъно истифода мебарад ва маънои аслиро пӯшида нигоҳ медорад.

6. Саййидои Насафӣ воҳидҳои фразеологиро тавре кор мефармояд, ки таърихи пайдоиши онҳо равшан мешавад. Аз ин манзума маълум мегардад, ки бархе аз воҳидҳои фразеологии забони мо аз номи амалҳои таштгарӣ ва оҳангарӣ пайдо шудаанд. Ба ибораи дигар, ашъори ҳунармандии шоир таърихномаи гурӯҳи зиёди воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарриз: ***Дӯстзода Ҳ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

I.Адабиёти илмӣ:

1.1. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (IX-X). Қ.1. / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2002. – 490 с.
1.2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик (Луғатшиносӣ. Ҷ.1.) / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе 2007. - 242 с.
1.3. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик. Монография / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. - 104 с.
1.4. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. Монография / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1947. - 230 с.
1.5. Мирзоева М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ. Монография / М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. - 160 с.
1.6. Рубинчик Ю.А. Основы фразеологии персидского языка. Монография / Ю.А. Рубинчик. – М.: Наука, 1981. - 274 с.
1.7. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри XVII. Китоби дарсӣ / С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1985. - 259 с.
1.8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.: Сов.Энцикл., 1969. - 951с.
1.9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - М.: Сов.Энцикл., 1969. - 947 с.
1.10. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик.Ҷ.1. Мураттиб Фозилов М. – Душанбе: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1963. - 952 с.
1.11. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.2. Мураттиб Фозилов М. – Душанбе: Ирфон, 1974. - 807 с.
1.12.Хушенова С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка. Монография / С.В. Хушенова. – Душанбе: Дониш, 1971. - 190 с.
1.13. Ҳалимов С.Ҳ. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои XII-XII ва ибтидои XIII). Китоби дарсӣ / С.Ҳ. Ҳалимов. – Душанбе, 2002. - 96 с.
1.14. Ҳалимов С. Забони адабии тоҷик дар Ҳиндустон / С. Ҳалимов // Забон рукни тоат. Китоби 6. – Душанбе, 2013. - С.48-52.
1.15. Ҳалимов С. Забон ва услуби Мирзо Абдулқодири Бедил / С. Ҳалимов // Забон рукни тоат. Китоби 7. – Душанбе: Пойтахт, 2013. С.3-1.
1.16. Ҳалимова С. Ибораҳои фразеологӣ бо ҷузъи “дил” дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил / С. Ҳалимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. - №7. - С.91-96.
1.17. Ҳасани Султон. Саййидо ва шукӯҳу таҷаммули забони тоҷикӣ // Саййидо ва саҳми ӯ дар инкишофи забон ва адабиёти тоҷик (Мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии “Саййидо ва саҳми ӯ дар инкишофи забон ва адабиёти тоҷик” // Султон, Ҳасан. – Душанбе: Сино, 2019. - 186 с.
1.18. Шарипова Г.Ш. Фразеологические синонимы / Г.Ш. Шарипова // Паёми донишгоҳ. Рақами №7. – Душанбе, 2010. - С.13-15.

II. **Манбаъ:**

2.1.Саййидои Насафӣ. Куллиёти осор (ба хатти арабӣ). – Душанбе: Дониш, 1991. - 512 с.
2.2. Саййидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1977. - 702 с.

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР МАСНАВИИ “ТАШТГАР”-И САЙЙИДОИ НАСАФӢ

Дар мақола асоснок карда мешавад, ки як гурӯҳи калони воҳидҳои фразеологӣ аз номи амалҳои ҳунармандӣ пайдо шудаанд. Саййидои Насафӣ воҳидҳои фразеологиро дар ашъори худ тарзе ба кор мебарад, ки таърихи пайдоиши онҳо муайян мешавад. Дар маснавии “Таштгар”-и Саййидои Насафӣ воҳидҳои фразеологие гирд омадаанд, ки аз ҳунари таштгарӣ ва оҳангарӣ ба вуҷуд омадаанд. Ин унсурҳои забонӣ номи амалҳои таштгарӣ ва оҳангарӣ буда, баъдтар дар забон ба маъниҳои маҷозӣ истифода шуда, эҳсосот ва ҳолатҳои гуногуни равонии одамонро ифода кардаанд ва ба воҳидҳои рехта ва устувори забонӣ табдил ёфтаанд. Ба воситаи ин унсурҳо сухани шоир хеле ҷолиб ва барҷаста ифода ёфтааст. Воҳидҳои фразеологии маснавии “Таштгар” ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: воҳидҳои фразеологии изофӣ ва воҳидҳои фразеологии феълӣ. Воҳидҳои фразеологии феълӣ аз ҷиҳати шумора зиёд буда, шоир онҳоро ба сабку услуби замонаш, яъне сабки ҳиндӣ мувофиқ месозад. Ҳунари шоирӣ ва забондонии Саййидо боз дар он аён мегардад, ки ба воҳидҳои фразеологӣ, ки одатан як маънои томи яклухтро ифода мекунанд, хусусияти

чандмаъноӣ мебахшад, санъати иҳомро ба кор мебарад, маънои зоҳирии онҳо намоён мешавад ва маънои аслии онҳоро пӯшида нигоҳ медорад. Як гурӯҳи калони воҳидҳои фразеологии манзума ба ҳамдигар муродиф буда, ба маънои ошиқ шудан, мафтун шудан, меҳру муҳаббат ва иштиёқи зиёд корбаст гардидаанд, ки ин аз хусусиятҳои ашъори ҳунармандӣ мебошад. Саййидо аз гунанокии воҳидҳои фразеологӣ низ истифода намудааст. Вобаста ба тақозои шеър гунаи адабии чунин унсурҳои забонӣ истеъмол гардидаанд. Истифодаи зиёди унсурҳои забони зинда забони маснавиро сода, табиӣ ва равон гардондааст.

Калидвожаҳо: маснавӣ, Саййидои Насафӣ, воҳидҳои фразеологӣ, воҳидҳои фразеологии изофӣ, воҳидҳои фразеологии феълӣ.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ В ПОЭМЕ “КУЗНЕЦ” САЙИДО НАСАФИ

В статье обосновывается, что группами устойчивых единиц таджикского языка являются названия ремесленных действий. Названия ремесленных действий в языке стали употребляться в метафорическом значении и превратились в фразеологические единицы. Саййидо Насафи употребляет фразеологизмы таким образом, что выявляется история возникновения этих устойчивых единиц. В поэме “Кузнец” отражены фразеологизмы, которые появились на основе кузнечного ремесла. Эты языковые единицы являются названиями кузнечных действий, которые также используются в метафорическом значении и выражают различные психологические ситуации людей. Фразеологические единицы в поэме “Кузнец” Саййидо Насафи, разделяются на две группы: изафетные фразеологические единицы и глагольные фразеологические единицы. Глагольные фразеологические единицы часто используются в поэме и поэт подчиняет эти языковые средства индийскому стилю, то есть фразеологизмы обычно имеют один смысл, поэт придаёт им несколько значений (Ихам, индийский стиль). В поэме “Кузнец” употреблены ряд синонимических фразеологизмов, которые имеют значение “любить”, “влюблятся”, и это характерно для поэтического жанра стихотворений, посвященных ремесленникам.

Ключевые слова: поэма, Сайидо Насафи, фразеологические единицы, изафетные фразеологические единицы, глагольные фразеологические единицы.

PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE POEM "SMITH" OF SAYIDO NASAFI

The article substantiates that the groups of stable units of the Tajik language are the names of craft activities. The names of handicraft activities in the language began to be used in a metaphorical sense and turned into phraseological units. Saiyido Nasafi uses phraseological units in such a way that the history of the emergence of these stable units is revealed. The poem "Blacksmith" reflects phraseological units that appeared on the basis of blacksmithing. These linguistic units are the names of the blacksmith's actions, which are also used in a metaphorical sense and express various psychological situations of people. Phraseological units in the poem “The Blacksmith” by Sayido Nasafi are divided into two groups: isafet phraseological units and verbal phraseological units. Verbal phraseological units are often used in the poem and the poet subordinates these linguistic means to the Indian style, that is, phraseological units usually have one meaning, the poet gives them several meanings (Iham, Indian style). In the poem "The Blacksmith" a number of synonymous phraseological units are used, which mean "to love", "fall in love", and this is typical for the poetic genre of poems dedicated to artisans.

Key words: poem, Sayido Nasafi, phraseological units, isaphetic phraseological units, verbal phraseological units.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳалимова Сафаргул*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **safargul_68@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Халимова Сафаргул*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **safargul_68@mail.ru**

Information about author: ***Halimova Safargul*** – Tajik National University, dotsent at the Department of Language History and the typology of the Philology faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **safargul_68@mail.ru**

УДК: 492.7.09: 491.550-4

КОРБУРДИ СИФАТҲОИ ФЕЪЛИИ ТАРЗИ ФОҲИЛӢ ВА МАФЪУЛИИ АРАБӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»

Саломов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи иқтибоси вожаҳои бегона дар тамоми забонҳои ҷаҳон мушоҳида мешавад, зеро забонҳо дар таърихи тулонии рушду инкишофи худ ҳамеша дар робитаву тамос ва бархӯрд бо ҳамдигар қарор доранд [5;6; 10; 12].

Дар таърихи инкишофи забонҳои олам кам забонеро пайдо кардан мумкин аст, ки ба забонҳои дигар дар муддати беш аз ҳазор сол пайваста тазйиқ оварда, ба онҳо беист калима дода бошад. Яке аз ҳамин гуна забонҳо, ки ба таркиби луғавии форсии тоҷикӣ таъсири назаррас расондааст, забони арабӣ мебошад [4;5].

Аз рӯйи таҳқиқи иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ, ба сурати умум ва махсусан аз рӯйи маводи *“Ёддоштҳо”*-и устод Айнӣ маълум гардид, ки як бахши умдаи ин иқтибосот ба сифатҳои феълии тарзи фоҳилӣ ва мафъулӣ мансуб мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки сифатҳои феълии тарзи фоҳилӣ ва мафъулии арабӣ баъди масдарҳои мухталифи арабӣ аз пурбасомадтарин навъи иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ маҳсуб мешаванд.

Умуман, дар сарфу наҳви арабӣ ду навъи исмҳоеро, ки аз феъл берун мешаванд, *“сифатҳои феълӣ”* меноманд [3, с.184]:

1) исми фоҳил, ки аз феълҳои маълум тибқи истилоҳоти забоншиносии арабӣ [*исму-л-фоҳил, яъне исми иҷрокунандаи амал “ё худ амалкунанда*”];

2) исми мафъул, ки аз сиғаҳои маҷҳули феъл *“исми иҷрошуда ё объекти амали феъл”* номида мешаванд.

Сифатҳои феълии тарзи фоҳилӣ ва мафъулӣ дар забони арабӣ маънои замонӣ надоранд. Онҳо ё амали доимӣ ё тағйирёбандаеро ифода мекунанд, ки аз ҷониби шахс, предмет, ҳолат ё таъсири беруна ба вуҷуд меояд. Вале ҳамаи ин ҳолатҳо ба замони гузашта, ҳозира-оянда муносибат доранд ё худ бидуни замон ягон сифат ва хосиятро ифода мекунанд [3, с.185].

Ҳамин ҷиҳат аст, ки тарзи маонии сифатҳои феълии номбурда дар баъзе ҳолатҳо, ки дар поён шарҳ хоҳад ёфт, дар истифодаи сифатҳои феълӣ баъзе аз маҳдудиятҳо мегузоранд. Шаклҳои сифатҳои феълӣ дар иқтибосоти арабии ба забони тоҷикӣ воридгардида хеле серистеъмол буда, дар низоми грамматикӣ ва лексикаи забони адабии тоҷик нақши муҳим доранд. Таҳлили “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ нишон дод, ки иқтибосоти арабии дар шакли исми фоҳил ва мафъул дар ин асар хеле зиёд аст, мисли исми фоҳил: *боис, боқӣ, ботил, воқеъ, воқиф, ворис, восита, воҷиб, голиб, дохил зоид, золим, зокир, комил, котиб, косиб, қоил, моҳир, носир, ҷоҳил, шоир, шокир, шоҳид* ва исми мафъул: *мавзуъ, мазкур, мазмун, мақбул, мақсуд, мақтул, матлуб, маҳфуз, махдум, махлуқ, маҳмуд, маҳрум* ва ғайра [1].

Сифатҳои феълии тарзи фоҳилӣ ва мафъулии навъи I феъл. Сифатҳои феълии тарзи фоҳилӣ ва мафъулӣ дар забони арабӣ бо маъноҳои масдари навъи якуми ҳар як решаи феълӣ муносибати наздик доранд: *“ҳоким”*-қозӣ, довар, *“маҳкум”* -ҳукмшуда, ҳукмаш бароварда, *“ҳукм”* - қарор, ҳукм; *“олим”*- доно, донанда, *“маълум”*- дониста, *“илм”*-дониш; *“голиб”*- фотеҳ, пирӯз, *“маглуб”*- шикастхӯрда, *“ғалаба”*- пирӯзӣ, ғалаба.

Таносуби истифода ва маънои сифатҳои феълии тарзи фоҳилӣ ва мафъулии навъи I феъл аз як решаи муайяни феъл дар забони тоҷикӣ ба чунин қарор аст:

1. Ҳар ду тарз серистеъмол мебошанд, ҳарчанд аз ҷиҳати маъно фарқ мекунанд: *“котиб”*- нависанда, *“мактуб”* навишта: “*холиқ*”- халққунанда, *“махлуқ”*- халқшуда. *“қотил”*- кушанда, *“мақтул”*- кушта;

2. Бо вуҷуди он ки ҳар ду тарз хеле серистеъмоланд, вале муносибати маъноии байни онҳо заиф эҳсос карда мешавад: *“қосид”*- муждарасон, *“мақсуд”*- ҳадаф, мақсад; *“ҷоҳил”*- нодон, *“маҷҳул”*- номаълум; *“ориф”*-доно, *“маъруф”*- шинохта; *“нозир”*- назоратчӣ, *“манзур”*- дарназардошта, мақсуд;

3. Ҳолатҳое дида мешаванд, ки сифати феълии тарзи фоҳилӣ серистеъмол буда, сифати феълии тарзи мафъулӣ аз феълҳои монда истеъмол намегардад: *“зоҳир”*-равшан,

зоҳир; *“нодим”*- пушаймон; *“комил”*- пурра, комил; *“фозил”*- фарзона, фозил, вале шаклҳои *“мазҳур”, “мандум”, “макмул”* ва *“мафзул”*-и тарзи мафъулии онҳо дар забони тоҷикӣ корбурд надорад.

4. Ҳолатҳои баръаксе дида мешавад, ки сифати феълии тарзи мафъулӣ серистеъмол буда, аз ҳамин решаи феъл тарзи фоъилӣ истеъмол намегардад: *“маҷнун”*-девона, *“магрур”*- худхоҳ, *“маҷбур”*- ноилоҷ;

5. Ҳолатҳои нодире даст медиҳад, ки сифатҳои тарзи фоъилӣ ва мафъулӣ аз як реша танҳо як маъно дошта бошанд: *“ҳосил”*= *“маҳсул”*- бадастомада, бадастовардашуда.

Аз хусусиятҳои хоси баъзе сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулӣ дар забони тоҷикӣ ин аст, ки дар шакли ҷинси занона маънои исмии предметӣ гирифтаанд: *“ҳодиса”*-падида; “*воқеа”*-руйдод, рухдод; *“ҷозиба”*-кашиш, *“ҳофиза”*-неруи ёддошт; *“манзума”*-шеър; *“маъруза”*-гузориш; *“мақула”*- категория, *“мафкура”*-ғоя.

Сифатои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи II феъл. Сифати феълии тарзи фоъилии навъи II феъли арабӣ бо вазни مُفَعِّلٌ*“муфаъъил”*[7]*: “муаллим”*- омӯзгор, *“муҳассил”*-бадасторанда, *“мудаххил”*- дахолаткунанда ва ғ. меояд.

Шакли мафъулии он бошад, бо вазни مُفَعَّلٌ*“муфаъъал”:“муқаддам”*- тақдимшуда, *“муназзам”*- танзимшуда, *“муфассар”*- тафсиршуда ва ғ. меоянд.

Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи II феъли забони арабӣ дар забони тоҷикӣ ва чуноне ки аз “*Ёддоштҳо*” дар боло мисолҳо оварда шуд, басо серистеъмол буда, дар бисёр ҳолатҳо маъноҳои ҳар ду тарз аз як решаи калима дар муқобили якдигар меистанд:*“мухаффиф”*-осонкунанда, “*мухаффаф”*- осоншуда, *“мубаддил”*- табдилдиҳанда, *“мубаддал”*- табдилшуда.

Сифати феълии тарзи фоъилии навъи II феъли арабӣ дар бисёр ҳолатҳо ба ҳайси номи касбу ҳунар, асбобу анҷомҳо, ҳолати доимии амал корбаст мегарданд.

а] *“муаллиф”*- таълифкунанда, *“муҳаррир”*- таҳриргар, *“мусанниф”*- муаллиф, “*муфассир*”- тафсиргар, “*мунаққиш*”- нақшгар;

б] *“муҳаррик”*- ҳаракатдиҳанда [двигател], *“мубаррид*”- яхчол, хунуккунанда, *“муваққит*”-ҳисобкунандаи вақт;

в] *“муҳарриқ”*- сӯзанда, *“муғаззиб”*-бағазабдароваранда, *“муҷаддид”*- навкунанда, *“муаззиб”*- азобдиҳанда.

Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи дувум дар «Ёддоштҳо» ба таври зайланд: м*уаллим, муаллиф, мударрис, мунаҷҷим, мусанниф;* тарзи мафъулӣ*: муайян, муаллақ, муаҷҷал, муҳаммад, муяссар, муҷассама*. [1]

Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи III феъл. Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи III бо вазнҳои مُفَاعِلٌ*“муфоъил”* ва مُفَاعَلٌ*“муфоъал”* сохта шуда [7; 10], дар забони адабии тоҷик дар калимаҳои иқтибосшуда аз забони арабӣ бештар дар шакли тарзи фоъилӣ вомехӯрад:*“мубориз”, “мухолиф”, “мувофиқ”, “мунозир”, “муҳофиз”.*

Тарзи мафъулии ин сифатҳо дар забони тоҷикӣ камистеъмол аст, ба истиснои ҳолати *“мухотаб”*- шахсе, ки сухан ба ӯ равона гардидааст. Шояд сабаби чунин падида он бошад, ки маънои тарзи мафъулият ба маънои асосии ин навъи феълӣ ҳамроҳӣ ва мушорикату созгорӣ надорад.

Сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи III феъл дар забони тоҷикӣ, аз сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи I ва II камтар истеъмол мегардад, зеро дар бисёр ҳолатҳо маънои ҳамроҳӣ ва мушорикатро дошта, ҳамроҳ бо масдарҳои навъи III ва маъноҳои ба онҳо мансуб истифода мегардад: *“муносиб”*- мувофиқ, созгор; *“муносабат”* – муносибат ва робита, *“мухобир”*- хабаррасон, *“мухбир”*- рӯзноманигор, *“мухобарат”*- хабарфиристонӣ кардан; *“муҳориб”*- размгар, *“муҳораба”*- ҷанг, набард; *“мудофиъ”*- ҳимояткунанда, *“мудофаъат”*- дифоъ, ҳимоят, “*муқовим”*-муқовиматкунанда*, “муқовама”*- истодагарӣ, муқовимат.

Дар ҳолатҳои нодир сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи III феъли арабӣ дар тоҷикӣ ба маънои касбу ҳунар ва вазифа меояд: “*муҳосиб*”- бухгалтер, ҳисобчӣ; “*муроқиб*”- назоратчӣ; “*муқотил*”- рамзкунанда, ҷанговар.

Таҳқиқи лингвистии маводи *“Ёддоштҳо”* нишон дод, ки воқеан, сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи III феъли арабӣ дар калимаҳои иқтибосшуда серистеъмол буда, тарзи мафъулии он бо масдари ҳамин навъ дар забони тоҷикӣ бо як маъно истифода мегардад. Намунаи иқтибосоти арабии *“Ёддоштҳо”*- и С. Айнӣ дар тарзи фоъилии он аз

ин қарор аст: *мувозӣ, мувофиқ, муқобил, мулозим, муносиб, мунофиқ, мухолиф, муҳочир, мусовӣ, мулоим, мусофир* ва ғ. [1]

Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи IV феъл. Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии феъли навъи IV арабӣ бо вазнҳои مُفْعِلٌ *"муфъил"*- тарзи фоъилӣ ва مُفْعَلٌ*"муфъал"*- тарзи мафъулӣ сохта мешаванд: *"муқбил"*- хушбахт, *"муҳлик"* - ҳалокатбор, "*мунъим*"- дар нозу неъмат зиндагикунанда (тарзи фоъилӣ); *"муҳкам"*- пурзӯр, мустаҳкам, *"мутлақ"* бешаку шубҳа, мутлақ, *"мулзам*"- маҷбуршуда (тарзи мафъулӣ).

Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи IV феъл одатан ҳамзамон бо масдарҳои ин навъ истифода гардида, маънои ба ҳамдигар монанд доранд: *"мухбир"*- хабардиҳанда, муждарасон,"*ихбор"*- хабардиҳӣ, муждарасонӣ; *"муқбил"* хушбахт, "*иқбол"*- бахт: *"мунсиф"*- боинсоф, *"инсоф"*- инсоф: *"мудрик*"- дарёбанда, *"идрок"*- андарёбӣ.

Чун сифати феълии тарзи фоъилии навъи II сифати феълии тарзи фоъилии навъи IV низ метавонад исми мансаб, пайравӣ ба чизе, номи касбу ҳунар, ва аломати доимии чизеро ифода намояд:

а) *"муслим"*- мусулмон, *"муншӣ"*- муаллиф, *"муфсид"*- табоҳкор, *"мулҳид"- бедин, "мушрик"* – бисёрхудо;

б) *"мухлис*" - ҳаводор, ихлосманд, "*муҷрим*"- гуноҳкор, "*мусмир*" -ҳосилхез, "*мумсик"* - хасис, бахил, "*мурид"* - пайрав, шогирд; "*мурод"* - ҳадаф, мақсад, "*мункар*"- нохушоянд, зишт.

Аз хусусиятҳои сифатҳои тарзи фоъилӣ ва маъфулии навъи IV ин аст, ки онҳо ҳамзамон бо сифатҳои навъи II феъл ба як маъно истифода мегарданд: а) "*мухриб*" = "*мухарриб*"- харобкор *"мухниқ*" = "*муханниқ*"- буғикунанда, хафакунанда б) навъи IV "*мухбир*"-хабардиҳанда, дар навъи II истифода намешавад: навъи IV "*муфсид*" фасодовар, дар навъи II дар шакли "*муфассид"* истифода намешавад.

Намунаи сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии иқтибосоти арабии "*Ёддоштҳо*" ба ин қарор аст: *мумкин, мумсик, мурид, муфлис, муфтӣ, муҳит, мӯъмин* (тарзи фоъилӣ); *мункар, мурод, муҳмал, муфрад* (тарзи мафъулӣ) [1].

Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи V феъл. Ин ду тарз бо вазнҳои مُتَفَعِّلٌ*"мутафаъъил"* [тарзи фоъилӣ] ва مُتَفَعَّلٌ *"мутафаъъал"* (тарзи мафъулӣ) сохта мешаванд.

Ҷойи тазаккур аст, ки сифати феълии тарзи фоъилии ин навъи феълӣ дар забони тоҷикӣ серистеъмол буда, тарзи мафъулии он камтар ба чашм мерасад:*"мутаассир"*- таъсирпазир, *"мутакаббир"* - мағрур, худхоҳ, *"мутахассис"*- ихтисосманд,"*мутасаддӣ*"- уҳдадор, масъул (тарзи фоъилӣ): *"мутасаввар"*- тасаввуршуда (тарзи мафъулӣ).

Аз он ҷо ки навъи V аз ҷиҳати маъно ва аломати гузарандагӣ аз навъи II фарқ мекунад, сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи V феъл дар бисёр мавридҳо дар забони тоҷикӣ ба сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи II феъл мансуб дониста мешаванд, ки намунаи онҳо аз ин қарор аст:

1. Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи II ва тарзи мафъулии навъи V ва тарзи мафъулии навъи II аз ҷиҳати маъно ба тарзи фоъилии навъи V наздиктар аст: сифати феълии тарзи мафъулии навъи II*"мураттиб"*- батартибдароваранда, бо тарзии мафъулии *"мураттаб"*- ба тартиб даровардашуда, ба тарзи фоъилии навъи V*"мутараттиб"* ба як маъно аст;
2. Сифати феълии тарзи фоъилии навъи II*"муҷаддид"*- навкунанда, тарзи мафъулии "*муҷаддад*"- навкардашуда ва тарзи фоъилии навъи V "*мутаҷаддид*"- навкардашуда аз ҷиҳати маъно як мебошанд.
3. Сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи II*"муҳаррик"*- ҳаракатдиҳанда, дар тарзи фоъилии навъи V*"мутаҳаррик"*- ҷунбонанда, *"муҳассил"*- ҳосилкунанда, дар навъи V дар тарзи фоъили "*мутаҳассил"* аз ҷиҳати маъно як хел аст:
4. Сифатҳои феълии тарзи мафъулии навъи II аз ҷиҳати маъно ба тарзи фоъилии навъи V мувофиқат дорад: *"муқаддам"* пешбуда ба тарзи фоъилии навъи V "*мутақаддим*"- пешбуда баробар аст:
5. Сифати феълии тарзи мафъулии навъи II*"муҷаҳҳаз"*- ҷиҳозонидашуда баробар аст ба тарзи фоъилии навъи V*"мутаҷаҳҳиз"*- ҷиҳозонидашуда.
6. Маъноҳои сифати феълии тарзи мафъулии навъи II "*муҷаррад*"- озодшуда, холишуда бо тарзи фоъилии навъи V "*мутаҷаррид*"- холишуда, озодшуда аз ҷиҳати маъно як аст.

Ҳолатҳое дида мешавад, ки сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи II бо тарзи фоъилии навъи V аз ҷиҳати маъно мувофиқат мекунанд: навъи II феъл *“муфаккир”*- андешаманд ва навъи V*“мутафаккир”*- андешаманд, мутафаккир ба як маъно меоянд. Таҳқиқи маводи*“Ёддоштҳо”* нишон дод, ки сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи V феъл дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар ин иқтибосҳо истеъмол мегардад: *мутаассир, мутаваллӣ, мутакаббир, мутасаддӣ, мутахассис,* [1], вале тарзи мафъулии он қариб, ки ба чашм нарасид.

Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъҳои VI, VII феъл. Сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи VI бо вазни مُتَفَاعِلٌ *“мутафоъил”* ва тарзи мафъулии он бо вазни مُتَفَاعَلٌ *“мутафоъал”* сохта мешавад. Сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи VII феъли арабӣ бошад, бо вазни مُنْفَعِلٌ *“мунфаъил”* ва тарзи мафъулии он бо вазни مُنْفَعَلٌ *“мунфаъал”* меояд. Маводи таҳқиқёфта аз “*Ёддоштҳо*” нишон дод, ки дар асари устод Айнӣ сифати феълии тарзи фоъилии навъи VI танҳо дар калимаи *“мутаносиб”* ва дар навъи VII бошад, дар калимаҳои *“мундариҷа”ва “мунзабит”* ба чашм расид, ҳарчанд иқтибосоти арабӣ аз навъҳои VI ва VII феъли арабӣ: *“мутакомил” “мутаориф”, “мутаобид”* [тарзи фоъилӣ]*: “мунқариз”, “мунҳадим”, “мункашиф”,* дар адабиёти классикӣ ва осори илмӣ фалсафӣ ба чашм мерасад. Сифатҳои феълии тарзи мафъулии ин ду навъи феълӣ дар асари мазкур корбурд надорад.

Тарзҳои фоъилӣ ва мафъулии навъи VIII феъл. Сифати феълии тарзи фоъилии феъли навъи VIII бо вазни مُفْتَعِلٌ *“муфтаъил”* ва сифати феълии тарзи мафъулии он бошад, бо вазни مُفْتَعَلٌ *“муфтаъал”* сохта мешавад.

Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи VIII феъли арабии дар калимаҳои иқтибосии арабии забони тоҷикӣ мушоҳидашуда дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1. Сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи VIII ҳамзамон бо масдари ҳамин навъи феълӣ ба маънои ба ҳам наздик истифода мегардад: *“мунтазир”* - нигарон, масдари ҳамин навъ *“интизор”* ба маънои нигарон шудан: *“музтариб”* - парешон, масдараш *“изтироб”* парешон гардидан; *“муфтахир”*- фахркунанда, масдараш *“ифтихор”* - фахр кардан.
2. Ҳолатҳое ба чашм мерасад, ки маънои сифатҳои феълии тарзи фоъилии навъи VIII ва навъи I бо ҳамдигар мутобиқат мекунанд: *“муфтахир”* баробар аст ба *“фохир”*- фахркунанда.

Маводи таҳқиқшуда аз *“Ёддоштҳо”*-и устод Айнӣ нишон дод, ки сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи VIII дар забони тоҷикӣ истеъмоли бештар дошта, дар иқтибосоти зерин ба чашм расид: *муддаъӣ, музтариб, мунтазир* (тарзи фоъилӣ) *ва мухтасар, муҳтарам, мунтахаб, муҳтоҷ, муштоқ, мӯътабар* (тарзи мафъулӣ) [1].

Сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии навъи X феъл. Ин ду тарз дар навъи X феъл бо вазнҳои مُسْتَفْعِلٌ “*мустафъил*”- тарзи фоъилӣ ва مُسْتَفْعَلٌ “*мустафъал*”- тарзи мафъулӣ сохта мешаванд.

Ҳарчанд ин навъи феълӣ ва сифатҳои феълии тарзи фоъилию мафъулии он дар забони арабӣ серистеъмол бошанд ҳам, дар забони тоҷикӣ бештар дар шакли мафъулӣ бо вазни мустафъал*: мустақбал, мустаҳкам, мустаъмал,мустасно* ба чашм расиданд.

Дар *“Ёддоштҳо”* дар калимаи иқтибосии: *“мустақил”*,*“мустағнӣ” тарзи фоъилӣ* ва дар тарзи мафъулӣ дар калимаҳои иқтибосии: *мустаҳкам*, *мустасно, мустағрақ* ба чашм расид [1].

Хулоса, исмҳои фоъил ва мафъули арабӣ, ки ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд, баъди масдарҳои иқтибосии арабӣ аз серистеъмолтарин иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ маҳсуб мешаванд. Чуноне ки ба назар расид сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ корбурди яксон надошта, аз баъзе навъҳои феълӣ бештар ва баъзе навъҳои дигар бошад, корбурди камтар доранд.

Муқарриз: ***Солиев Н.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо [чаҳор қисм] / С.Айнӣ- Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.
2. Бердиева Т. Назарияи иқтибос. Калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ / Т.Бердиева. – Душанбе, 1991. – 128 с.

3. Гранде Б.М. Курс арабской грамматики в сравнительно-историческом освещении / Б.М.Гранде. – М.: Изд-во «Восточная литература», 2001. – 592 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1973. - Қ. 1. – 451с.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик.-Ҷилди 1.-Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. -Душанбе, 2007.-243 с.
6. Пейсиков Л.М. Лексикология современого персидского языка / Л.М. Пейсиков. – М.: изд – во МГУ, 1975.-206 с.
7. Сулаймонов С. Очерки мухтасари сарф [Морфология]-и забони арабӣ / С.Сулаймонӣ. Душанбе: Ирфон, 2005. – 119 с.
8. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ – тоҷикӣ / С.Сулаймонӣ. Ҷилди 1. – Душанбе, 2005. -1046 с.
9. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ тоҷикӣ / С.Сулаймонӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2005 – 1202 с.
10. Хисрав Фаршедвард. Арабӣ дар форсӣ / Фаршедвард Хисрав. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1373. – 321 с. [бо забони форсӣ]
11. Ҳасан Амид. Фаранги Амид / Амид Ҳасан.-Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1379 ҳ.-1254 с. [бо забони форсӣ]
12. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат- ҳастии миллат / Эмомалӣ Раҳмон. Кит. I. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. – 516 с.

КОРБУРДИ СИФАТҲОИ ФЕЪЛИИ ТАРЗИ ФОЪИЛӢ ВА МАФЪУЛИИ АРАБӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»

Дар мақола сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии забони арабӣ, ки яке аз бахшҳои муҳимми калимасозии забони арабиро ташкил медиҳад, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки ин гуна сифатҳо аз дилхоҳ феъли забони арабӣ сохта мешавад ва вобаста ба кадом навъ будани феъл шакли ин гуна сифат тағйир меёбад. Таваҷҷуҳи бештари муаллиф ба ҳамон сифатҳои феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулии арабие нигаронида шудааст, ки аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд ва махсусан дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Дар натиҷаи таҳқиқ муаллиф таъкид менамояд, ки иқтибоси сифати феълии тарзи фоъилӣ ва мафъулӣ аз ҳама навъҳои феълӣ якранг нест. Агар сифатҳои феълии тарзи фоъиливу мафъулии навъҳои якуму дувум ва севуми феълҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ иқтибоси бештар шуда бошанд, пас, ҳамин гуна сифатҳои навъҳои шашуму ҳафтуми феъл кам ба назар мерасанд.

Калидвожаҳо: иқтибос, исми фоъил, исми мафъул, лексика, аломат, масдар, забони тоҷикӣ, забони арабӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АРАБСКИХ ДЕЙСТВИТЕЛЬНЫХ И СТРАДАТЕЛЬНЫХ ПРИЧАСТИЙ В "ВОСПОМИНАНИЯ"

В статье анализируются действительные и страдательные причастия арабского языка, которые составляют одну из важнейших частей лексикографии арабского языка. Автор подчеркивает, что такие причастия конструируют от любого глагола в арабском языке, и форма такого причастия меняется в зависимости от вида глагола. В статье уделяется большое внимание арабским причастиям, которые цитируются с арабского на таджикский и употребляются в книге «Воспоминания» С. Айни. В результате исследования автор подчеркивает, что цитирование действительных и страдательных причастий неоднозначны для всех видов глаголов. Если в таджикском языке чаще цитируются действительные и страдательные причастия первых и вторых и третьих типов арабских глаголов, то цитирование причастий шестого и седьмого типов глаголов встречаются реже.

Ключевые слова: цитата, действительное причастие, страдательное причастие, лексика, знак, инфинитив, таджикский язык, арабский язык

USE OF ARABIC REAL AND PASSIVE PARTICIPLES IN "MEMORY"

The article analyzes the real and passive participles of the Arabic language, which constitute one of the most important parts of the Arabic lexicography. The author emphasizes that such participles are constructed from any verb in the Arabic language, and the form of such participles changes depending on the type of the verb. The article pays great attention to the Arabic participles, which are quoted from Arabic into Tajik and used in the book "Memoirs" by S. Aini. As a result of the study, the author emphasizes that the citation of real and passive participles is ambiguous for all types of verbs. If in the Tajik language real and passive participles of the first and second and third types of Arabic verbs are more often cited, then the citation of participles of the sixth and seventh types of verbs is less common.

Key words: quotation, real participle, passive participle, vocabulary, sign, infinitive, Tajik language, Arabic language

Маълумотнома дар бораи муаллиф: ***Саломов Аскар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **askar.salomov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-45-61-61**

Сведение об авторе: ***Саломов Аскар*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан,г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **askar.salomov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-45-61-61**

Information about the author: ***Salomov Askar*** - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, labor prospect, 17. E-mail: **askar.salomov@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-45-61-61**

УДК: 491.55.:42

САЙРИ ТАҲҚИҚӢ БА МАЙДОНИ ЖАРГОНВОЖАҲО

Дадоҷонова И.Б., Ҳасанова З.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони адабии ҳар як халқ дастовардҳои муҳимми ҷомеаи муосирро дар таркиби луғавии худ таҷассум карда, истифодаи мунтазами он дар риштаҳои мухталифи хоҷагидорӣ, иқтисодиёт ва маишати хамарӯзаи кишвар аз маърифат, фарҳанг ва завқи баланди аҳли он ҷомеа дарак медиҳад. Замони истиқлоли давлатӣ аз лиҳози сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, илмиву фарҳангӣ беҳтарин шароитро барои рушду нумуи забон ва забоншиносии тоҷик фароҳам овард. Он, барҳақ, ба ҷонфидоӣ, суботкорӣ, ташаббус, кӯшишу ғайрати дар таърихи миллати тоҷик бесобиқаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марбут аст.

Дар таҳқиқи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин талабот ҳамчун асоси воқеӣ барои далелнок кардани назарияи пайдоиш ва рушду нумуи предмети омӯзиш - забони тоҷикӣ истифода мегардад: «Забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ идомаи таърихии ҳамон забонест, ки бо он «Авасто»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки «Худойнамак»-у «Таърихи мулуки Аҷам»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки бо такомулу таҳаввулаш дар даврони ислом «Шоҳнома»-ву «Маснавии маънавӣ»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки дар ҷомеаи шӯравӣ ба ҳар навъе аз буҳрони фарҳангӣ худро ба саломат то истиқлолияти фарҳангиву сиёсӣ расонд ва ҳатто тавонист давоми сарнавишти соҳибашро бо қалами Айниву Турсунзода ва аллома Ғафуров бинависад» [10, с.139-140]**.**

Забони адабии тоҷикӣ таърихи хеле қадима дорад. Ташаккулу инкишофи он ба асрҳои IX-X, ба даврони ба вуҷуд омадани аввалин хонадонҳои давлатдории тоҷикон рост меояд. Забони адабии тоҷикӣ, ки дар ин аҳд бо номи форсии дарӣ маъруф буд, бахусус, дар замони хонадони Сомониён ба авҷи инкишоф расидааст. Он дар ин давр на фақат ба сифати забони давлатӣ, балки ҳамчун забони адабиёти бадеӣ, илму маърифат ва забони муошират байни мардумони гуногунзабон ҳам истифода мешуд. Дар инкишофу такомули ин забон хидмати нобиғаҳои бузурги тамаддуни гузаштаамон-одамушшуаро Абӯабдуллои Рӯдакӣ, ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ва дигарон бағоят бузург аст. Маҳз осори бо форсии дарӣ офаридаи ин бузургони илму адаб боиси равнақи минбаъда ва нуфузи оламгири ин забон гаштааст.

Инкишофи забони адабии тоҷикӣ бо пайдоиш ва таърихи халқ, бо ҳаёти иҷтимоиву мадании ҷамъият, бо ҷараёни инкишофи адабиёти ҳазорсола, сабку ҷараёнҳои вай сахт вобастагӣ дорад. Забони адабиро умуман «забони меъёрӣ» меҳисобанд. Маъмулан нутқи дурусти аз ҷиҳати адабӣ ба ҳамаи талаботҳои забонӣ ҷавобгӯро ба мафҳуми меъёр марбут медонанд. Забони адабӣ бошад, яке аз нишондиҳандаҳои фарҳанги умумии шахс аст.

Забон хосси инсон мебошад. Одобу ахлоқ, фазлу дониш ва умуман сиришти инсон ба воситаи забон ифода мешавад. Инсон сухани некро барои ифодаи эҳсосоти мусбати худ, меҳру муҳаббат, иззату эҳтиром, дилсӯзиву ғамхорӣ ва хушиву хурсандӣ истифода мебарад. Лекин шахс агар сухани қабеҳ шунавад ва ё гӯяд дар ботини ӯ, баръакс, эҳсосоти манфӣ ба монанди бадбиниву нафрат, кинаву адоват, беэҳтиромиву беиззатӣ ва нохушиву андуҳ пайдо мешавад. Калимаҳои ширину малеҳро хушвожаҳо меноманд, барои он ки онҳо гуворову зебо ва руҳпарваранд. Ин гуна вожаҳоро, ки бо шунидану хондани он дар ботини ҳар инсон эҳсосоти мусбат арзи ҳастӣ мекунад, эвфемизмҳо меноманд. Масалан, дар байни мардуми мо расму анъана шудааст, ки аз худ калонсолтарро ҳурмату эҳтиром намоем ва ҳангоми муошират вожаҳои малеҳро истифода барем. Ба ҷинси мард бо калимаҳои ака, таға, бобо ва ба ҷинси зан бошад бо калимаҳои апа, хола, бибиҷон ва ғайраҳо мурочиат намоем.

Маълум аст, ки ҳамаи калимаҳо аз лиҳози ифодаи маъно дар як поя намеистанд, бинобар ин, онҳоро, пеш аз ҳама, ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардаанд:

1) калимаҳои мустақил;
2) калимаҳои ёридиҳанда.

Забоншинос Х.Ҳусейнов ба гурӯҳи дуюм эвфемизм, диалектизм, профессионализм, вулгаризм, табу, жаргонвожаҳо, экзотизм, варваризмро дохил кардааст. Аз ҷумла, дар бораи лексикаи жаргон омадааст: «Лексикаи жаргонӣ ба гурӯҳи хурду ночизи одамоне, ки машғулияти нисбатан маҳдуде доранд, вобаста мебошад. Жаргон забони сохтаест, ки аҳли ин ё он гурӯҳ намехоҳанд фикрашонро дигарон фаҳманд ё худ онҳо бо ин забон дигаронро аз суҳбат, баёни мақсад истисно карданӣ мешаванд. Жаргонизмҳои майзадагон, дуздон чандон зиёд набошанд ҳам, дар асоси калимаҳои маъмул ба маъноҳои дигар истифода мешаванд» [14, с.75-76].

Дар баробари вожаҳои малеҳ дар захираи луғавии забонамон гурӯҳи вожаҳое мавҷуданд, ки маъноҳои қабеҳ, дурушт ва ҳақоратомезро ифода мекунанд, ки онро дар илми забоншиносӣ вулгаризм меноманд. Ин вожаҳои қабеҳро шоирон ва нависандагон дар эҷодиёти худ барои инъикос намудани образҳои манфии персонажҳо истифода мебаранд.

Вожаҳои қабеҳ на танҳо дар асарҳо, инчунин дар ҳаёти ҳар шахс, яъне муносибати байни одамон истифода мегарданд ва аз нигоҳи мавқеи услубӣ онҳоро профессор Ҳ. Маҷидов «Калимаҳои услуби паст» номидааст [6, с.162-167]. Ин қабил калимаҳо дар забони осори бадеӣ мақоми хос дошта, «нависанда ба воситаи онҳо кӯшиш менамояд, ки то дараҷае характери манфӣ доштани гӯяндаи нутқро кушода диҳад» [6, с.40].

Дараҷаи дуруштиву қабеҳияти ин навъ вожаву таркибҳо дар як зина набуда, онҳо бо ҷилоҳои махсуси манфии худ фарқ мекунанд ва профессор Ҳ. Маҷидов чунин калимаҳои дорои услуби пастро ба се гурӯҳ: калимаҳои ифодагари бепардагӣйӣ, калимаҳои ифодагари дашномҳои раво ва калимаҳои барбарӣ ҷудо намудааст [6, с.162-167].

Калимаҳои қабеҳ дар осори шоирону нависандагон гоҳ-гоҳ истифода шудаанд. Масалан, дар асарҳои Убайди Зоконӣ, Носири Хусрав, Фахриддини Ироқӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Умари Хайём, Аҳмади Дониш метавон ҷо-ҷо ин қабил калимаҳоро пайдо кард, ки онҳо барои фош намудани ҳаёти иҷтимоии даврони худ аз ин дуруштвожаҳо истифода намудаанд.

Олимони забоншинос, бавежа соҳаи герменевтика-олмоншиносон, забонро аз рӯйи шакли мавҷудияташ ба асосӣ ва ғайриасосӣ (стандарт ва нонстандарт) ҷудо мекунанд. Дар забоншиносӣ маъмулан онро намудҳои тадвинӣ ва ғайритадвинии забони адабӣ ном мебаранд.

Барои муайян намудани шаклҳои мавҷудияти забон, пеш аз ҳама, мафҳуми меъёри (нормаи) забон нақши муҳим дорад. «Меъёр, -ба ақидаи В.И. Беликова ва Л.П. Крисин,- маҷмуи қоидаҳои интихоб ва истифодаи воситаҳои забонӣ аст» [1, с.39].

Мафҳуми меъёр бо мафҳуми забони адабӣ вобастагии зич дорад. Забони адабиро аксаран «забони меъёрӣ» меноманд. Маъмулан нутқи дурусти аз ҷиҳати адабӣ босаводро бо мафҳуми меъёр марбут медонанд.

Ба намуди тадвинӣ меъёр ё стандарти адабӣ дар шакли китобию хаттӣ ва шифоҳию гуфтугӯӣ дохил мешавад. Намуди ғайритадвинӣ бошад, лексикаи ғайристандартӣ ё ғайримеъёриро дар бар мегирад.

Лексикаи ғайриасосӣ ҳамчун низоми лексикаи мураккаб дар низоми иҷтимоию услубии ҷузъҳои забони миллӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Забоншиноси рус Ю.М. Скребнев лексикаи ғайриасосиро «калимаҳои нисбат ба лексикаи муътадил пасттар» мешуморад ва ба ин қабати забон калимаҳои зеринро дохил мекунад:

1) калимаҳои гуфтугӯӣ

2) жаргон, сленг ва окказионализмҳо

3) вулгаризмҳо [9, с.24].

Ба таснифи мазкур якчанд намуди лексикаи ғайриасосӣ, аз қабили профессионализм, жаргонҳои касбӣ, арго, коллоквиализм ва ғайра дохил нашуданд. Мавзуи баҳси моро лексикаи жаргонӣ дар лаҳҷаҳои забони ҳозираи тоҷикӣ ва англисӣ, аз ҷумла, баъзе хусусиятҳои онҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ва англисӣ ташкил мекунад, ки мо ин гурӯҳи махсусро ба риштаи таҳқиқ кашидем: *airhead-stupidperson – шахси нодон, beans – money - пул, cakehole – mouth - даҳон, cool – excellent - олӣ, dill - anidiot - беақл, fox – attractive, alluringperson - диққатҷалбкунанда, шахси ба назар, чашм намоён, чашмрас, grog – alcohol, beer – алкул, нӯшокии спиртӣ, оби ҷав, headcase - mad - девона, legless - verydrunk - бадмаст, mate – friend - ҷӯра, neat – cool, great – олиҷаноб, беҳтарин, paws – hands - дастон, rat-arsed –*

drunk – шахси маст, shades – sunglasses – айнаки офтобӣ, smeghead - anidiot - девона, ta – thanks - ташаккур, telly – television - телевизор, troll - anuglygirl – духтари безеб, turkey - dumbperson – шахси ношунаво, кар, wad - alotofmoney – пули бисёр, wasted – killed - кушташуда, wheels – car, motorcycle - мошин, мотосикл, zero - anunimportantperson – шахси нолозим, zip – nothing – ҳеҷ чиз ва ғайраҳо.

«Жаргон (аз забони фаронсавӣ - jargon) намуди нутқ аст, ки бештар дар муошрати шифоҳии гурӯҳи алоҳидаи нисбатан устувори иҷтимоӣ истифода мешавад. Гурӯҳи мазкур одамонро аз рӯйи аломатҳои касбӣ (жаргони барномарезон), мавқеъ дар ҷамъият (жаргони дворянҳои рус дар қарни XIX), манфиат (жаргони филателистон – ҷамъоварандагони маркаҳои почта) ё синну сол (жаргони ҷавонон) муттаҳид месозад» [15, с.151].

Ҳангоми таҳлилу баррасии жаргонвожаҳо ва таърифу шарҳу эзоҳҳои мухталифи забоншиносон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он дар нутқи ҳамарӯзаи ҷомеаи муосир мавқеи ба худ хоссеро касб мекунад. Сабабҳои истифодаи ин гурӯҳи махсуси забонӣ гуногун мебошанд. Вазифаҳои асосии жаргонвожаҳо инҳоянд:

1) тасвири пуробурангу ҷаззоб ва таъсирбахши ин ё он ҳодисаро бар дӯш дорад ва иҷро мекунад, ки он ба тафаккури инсон таъсири худро мерасонад;

2) мафҳумҳои муқаррариро бо номгӯҳои дигар, таъсирбахш ва аз ҷиҳати маъноӣ пурра ва возеҳ, ё баръакс, ифода намуда, муносибати иҷтимоиро ба ҳар гуна мамнуоти забонӣ тағйир медиҳад;

3) ба мақсади нисбатан ғайрирасмӣ ва инфиродӣ намудани муносибати гурӯҳҳои алоҳидаи одамон истифода бурда мешавад;

4) аз тарафи соҳибони жаргонвожаҳо напазируфтани муҳити забонӣ ва иҷтимоии атрофро нишон медиҳад;

5) баёни номи мафҳумҳоро барои гурӯҳҳои алоҳидаи одамон осон мекунад.

Бояд қайд кард, ки гурӯҳҳои мазкури ҷомеа дар асоси аломатҳои касбӣ, мавқеашон дар ҷамъият ё синну сол муттаҳид мешаванд. Мақсади асосии истифодаи жаргонвожа пинҳон доштани мақсад аз касони бегона аст. Муҳити гурӯҳҳои мазкури одамон нисбатан маҳдуд аст. Лексикаи жаргонӣ ё жаргонвожа ҳарчанд низоми махсуси савтиёту сарфу наҳв надорад, вале аз луғату тарзи ифодаи вижа бархӯрдор аст.

Жаргони иҷтимоӣ - калима ва ибораи маъмулест, ки бори аввал дар асри XVIII дар доираи ашрофон, ба истилоҳ, забони «салон» мушоҳида шудааст. Дӯстдорон ва ҳаводорони ҳама чизҳои фаронсавӣ аксар вақт калимаҳои таҳрифшудаи ин забонро истифода мебурданд. Масалан: «лаззат, ҳаловат»-ро «плезир» меномиданд. Ҳадафи аслии жаргон махфӣ нигоҳ доштани иттилооти интиқолёфта, як навъ рамзгузорӣ ва шинохти «худиҳо, дӯстон» ва «бегонагон, душманон» буд. Ин функсияи «забони махфӣ» дар муҳити бандитизм ҳамчун нутқи унсурҳои асотсиалӣ нигоҳ дошта мешавад ва «аргоҳои дуздон» номида мешавад. Масалан*: корд – «пар»,* ба забони русӣ *«перо» - «feather», зиндон - тюрьма - «театр» - «theatre», занг задан - позвонить – «набрать цифры» - «to dial digit».*

Дигар намудҳои жаргон - жаргонҳои мактаббачагон, донишҷӯён, соҳаи варзиш, жаргонҳои касбӣ, ин амволро амалан аз даст додаанд. Аммо, дар суханронии ҷавонон, он ҳанӯз ҳам вазифаи муайян кардани «бегонагон» дар ҷомеаро дорад. Аксар вақт барои наврасон жаргон роҳи тасдиқи худ, нишон додани мансубияти онҳо ба гурӯҳи «калонсолон» ва шарти қабул ба як ширкати муайян мебошад. Истифодаи жаргонҳои махсус бо мавзуи суҳбат маҳдуд аст: мавзуи суҳбат, чун қоида, манфиатҳои хосси доираи танги одамонро ифода мекунад. Хусусияти фарқкунандаи жаргон аз лаҳҷа дар он аст, ки қисми асосии истифодаи он ба алоқаи ғайрирасмӣ рост меояд.

Калимаҳо ва таркибҳо дар заминаи фарқиятҳои лаҳҷавӣ ва морфемаҳои забон, ки дар онҳо мавҷуданд, асос ёфтаанд. Усулҳои созмони онҳо: ифода кардани маънои дигар, метафоризатсия, бознигарӣ, ташаккули дубора, кӯтоҳ кардани овозҳо, азхудкунии зиёди иқтибосот аз забонҳои хориҷӣ мебошад. Намунаҳои жаргонро ҳамчун мисол пешниҳод менамоем: *ҷавон -youngster-юноша – «чувак» (иқтибос аз забони ҷӯгиён); дугонаи наздик – girlfriend - близкая подруга – «гёлфренд» (иқтибос аз забони англисӣ); бонуфуз, баобрӯ - влиятельный, авторитетный – «крутой» -hairy, hirsute; квартира – «хата» (аз забони украинӣ).*

Дар пайдоиши онҳо силсилаи монандкунӣ низ зиёд истифода карда мешавад. Масалан: *«кабутак» -«lettuce» -«доллары» - «зеленка» (монандкунӣ аз рӯйи ранги банкнотаҳои (пулҳои) америкоӣ).*

Жаргонвожаҳо бо гузашти вақт маъноҳои худро дигар мекунанд ва аз истифода берун мемонанд, ки ин падида ба тараққиёти иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоии ҷомеа вобастагии зич дошта, ба ҷойи онҳо жаргонвожаҳои нав арзи ҳастӣ мекунанд. Масалан, дар асри гузашта жаргонвожаҳое, ки ба маънои «пул - маблағ - money» истифода карда мешуданд, хеле васеъ паҳн шуда буданд, ба монанди: лой, малах, индамас, пуччӣ, чапоқ, мулло-вичринг (муллоҷиринг), ленинбобо, бакс, кабудак (кабутак), каллакалон.

Жаргонвожаи «лой» бештар дар байни унсурҳои ҷиноӣ ва коррупсионӣ ё ришвахӯрон ба маънои “пул” дар истеъмол аст. Жаргонвожаи дигаре, ки он ҳам маънои “пул”-ро дорад, калимаи “малах” мебошад, ки дар нутқи гуфтугӯӣ бештар истифода карда мешавад.

Баъди истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон ва кушода шудани ҳамаи сарҳадҳо ба дигар кишварҳо муомилаи пулӣ бо асъори хориҷӣ, аз ҷумла, доллари ИМА ривоҷ ёфт. Дар забони англисии америкоӣ як долларро дар забони гуфтугӯии халқӣ ва дар забони гурӯҳҳои мухталифи ҷамъиятӣ, махсусан дар байни ҷавонон бо жаргонвожаи бакс (buck) ном мебаранд [12, с.93].

Мисолҳои дигар: *синхрон - порчаи пурраи мусоҳиба (жаргони рӯзноманигорон); комп - computer - компьютер*; *клава - keyboard - клавиатура (жаргони барномарезони компутерӣ); гармошка –вентилятори сунъии шуш - artificial lung ventilation, ALV - аппарат искусственной вентиляции лёгких (ИВЛ) с ручным приводом (жаргони тиббӣ).*

Жаргон аксаран бо «забони авом» омехта мешавад. Бинобар ин, бисёр нависандагон калимаҳои жаргониро чун воситаи услубӣ истифода мебаранд [15, с.385].

Забоншиносон роҳҳои зерини ба вуҷуд омадани жаргонро чунин меҳисобанд:

1. Бо роҳи иқтибос аз забонҳои дигар. Масалан, **чувак** аз забони лӯлиён ба маънои ҷавон.

2. Тағйири шакл кардани вожа. Масалан, аз вожаи баскетбол – баскет.

3. Аз истеъмол баромадани лексикаи жаргонии мавҷуда ва пайдоиши вожаҳои жаргонии нав.

4. Маънои жаргонро гирифтани вожаҳои умумиистеъмолӣ.

Тағйири маъно кардани жаргонвожаҳо, аз ҷумла касб намудани маъноҳои ҳазлу тамасхуромез ва дурушту вулгарӣ шудани онҳо аз вежагиҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ вобаста аст.

Дар сурати баста ё маҳдуд будани гурӯҳ жаргон хосияти ҳушдор пайдо мекунад ва барои фарқ кардани «худӣ» ва «ғайр» («бегона») корбаст мешавад.

Мо дар кори интихобкардаи худ як гурӯҳ жаргонвожаҳоро мавриди баррасию таҳлил қарор медиҳем, ки маҷозан барои ифодаи жаргонвожаҳои соҳаҳои гуногун, аз қабили вожаи «арақ - alcohol» ё «май- alcohol», «пул, маблағ - money», «девона- mad» ва дигарон истеъмол мешаванд. Пеш аз ҳама, гуфтан лозим аст, ки худи калимаи «арақ » ё «май- alcohol» дар забони адабӣ ва махсусан, забони китобӣ синонимҳо ё ба ибораи дигар муродифоти хеле зиёдеро дорост: май, бода, хамр, шароб, арақ, оби ангур ва ғайраҳо.

Мо калимаҳои зерини жаргонии ифодакунандаи нӯшокиҳои «алкулӣ-арақ» ва «май-alcohol»-ро аз маҳалҳои мухталифи Тоҷикистон ва атрофи он ҷамъоварӣ ва таҳлил намудем: нимта, дору, чойи хунук, чойи сафед, оби замзам, қултамитсин, шнапс, шнапстринг, ногуфтанӣ, вай, унзайлӣ, оби шайтон, пешоби шайтон, пузир, аксессуар, ӯрусбачча, шерхор, ашки булбул, оби дида, садта, муҷиза, қитта-қитта, гижбанг//ғижбанг, панҷот-та – панҷот-та, бист-та – бист-та, сат-та – сат-та, як қулт-як қулт, чичушка//чикушта//читушка [8, с.92-100].

Жаргони ҳарбӣ, ба мисли ҳама жаргонҳои дигар, пеш аз ҳама, давраи таърихии дар он истифодашавандаро инъикос мекунад. Азбаски қуввaҳои мусаллаҳ намунаи ҷомеаи муосир аст, жаргонҳои ҳарбӣ инъикоси бевоситаи падидаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Ҳамин тавр, мувофиқи ақидаи паҳншуда, пас аз анҷом ёфтани даъват ба хизмати ҳарбӣ дар соли 1960 даъватшавандаҳои дорои доғи судӣ, як қисми жаргонҳои ҷиноятиро ба ҳаёти рӯзмарраи даъватшудагон ворид намуданд ва дар солҳои 90-ум бошад ба муҳити артиш жаргонҳои нашъамандон ба ворид шудан оғоз намуд. Масалан: *танбал - lazybones - шланг*

(лентяй, бездельник); танбали гузаро – unique idler - гофрированный шланг (редкостный бездельник); пайтоба - puttee – потники (портянка); қошуқ - весло –spoon (ложка столовая); дари даромад ба қисми ҳарбӣ – passageway - взлетка (центральный проход в казарме) ва ғайраҳо.

Жаргонҳои ҷавонон (ё мактабӣ) яке аз намудҳои жаргонҳои гурӯҳист, ки дар нутқи гурӯҳҳои гуногуни ҷавонон истифода мешаванд. Хусусиятҳои барҷастаи жаргонҳои ҷавонон чунинанд: 1) истифодаи фаъол, 2) ошкорбаёнӣ, 3) гузариши осон ба забони гуфтугӯи табақаҳои гуногуни аҳолӣ, 4) фаровонии иқтибосот (иқтибосот аз забони англисӣ) ва жаргон, ки дар асоси решаҳои англисӣ сохта шудаанд (*шузы–"пойафзол", пренты -"волидайн", мэн - "мард"*).

Дар доираи жаргонҳои ҷавонон одатан чунин зергурӯҳҳо, ба монанди жаргонҳои мактаббачагон ва сленги донишҷӯён фарқ карда мешаванд. Дар даҳсолаҳои охир, дар робита бо тафриқаи шадиди худи ҷавонон, ки дар ташкили гурӯҳҳои сершумори тарзи зиндагӣ ва манфиатҳояшон мухталиф тамоюли ташаккул ёфтани зергурӯҳҳои гуногуни жаргон дар дохили худи жаргони ҷавонон ба назар мерасад.

Калимаҳои жаргонии дар байни наврасон истифодашаванда: *"гаврик" - teen-ager - кӯдакон; "чикса"–girl - духтар; "чувак"- guy - бача; "клубешник"- club - клуб; "дискач" - disco club - дискотека; "база" - disco club, flat - ҳуҷра, манзил; "предки" – ancestry - гузаштагон, ниёгон, волидон; "потрещать"-crackle - гуфтугӯ кардан; "уматово"–excellent - аъло; "отпадный" - perfect - аҷоиб; "шмотки" - clothes - либос; "прет"–to like - бисёр маъқул шудан, хеле писанд омадан* аст.

Жаргонизмҳо гуногунанд ва дар муҳити мактаб хеле васеъ паҳн шудаанд. Масалан, дар забони русӣ: *«училка» (учительница) - омӯзгор - teacher; «историчка» - (учитель по истории) – муаллимаи фанни таърих – teacher of history; «классуха» (классная руководительница) – роҳбари синф - class teacher; «контроха» (контрольная работа) – кори санҷишӣ - test; «домашка» (домашнее задание) вазифаи хонагӣ –homework; «физра» (физкультура) тарбияи ҷисмонӣ - physical training; «ботаник» (отличник) – талабаи аълохон - excellent pupil; «шпара» (шпаргалка) - шпаргалка - crib; «пара» (двойка) – баҳои ду – poor mark.*

Ба назар чунин мерасад, ки жаргонизмҳо дар мактаб ҳамеша вуҷуд дошт, аммо дар луғатҳо ин жаргонизмҳо хеле кам маҳфуз мондааст. Бояд қайд намуд, ки жаргон ё бо ибораи дигар сленг дар нутқи гуфтугӯии мардум истифода мешавад ва аз ин рӯ, он дар шакли хаттӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Арго забони ҳама гуна гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ пӯшида мебошад, ки бо вижагии луғати истифодашавандаи худ корбурди махсуси худро дорост, аммо системаи фонетикӣ ва грамматикии худро надорад. Аксар вақт, арго маънои забони гурӯҳҳои ҷудошудаи ҷомеа, забони дуздон, оворагон ва гадоёнро дорад.

Арго - забони шартиест, ки ба гурӯҳи алоҳидаи ҷамъият хос буда, аз забони гуфтугӯӣ ва адабӣ фарқ мекунад. Онро гурӯҳи махсуси ҷамъият – мактаббачагон, донишҷӯён, варзишгарон, ҳунармандон, ҳарбиён, дуздон, қиморбозон истифода мебаранд.

Арго калимае аз забони форонсавӣ буда, маъноияш забони махсусест, ки лексикаи хоссе дошта, бо мақсади истисно аз омма, аз тарафи аъзоёни ин ё он гурӯҳи ҷамъият истифода бурда мешавад. Даставвал ин истилоҳот нутқи авбошон, радди маъракашудагони ҷамъиятро ифода мекард. Ҳоло арго танҳо тарзи ифодаи бегонаро мефаҳмонад.

Дар байни донишҷӯён ҳам аргои хосси онҳо мушоҳида мешавад. Онҳо калимаҳои маъмули умумихалқиро ба маънои ба оммаи васеъ нофаҳмо истифода мебаранд: *дум - қарздори имтиҳони насупорида; гузаштан - супоридани имтиҳон ё санҷиш; афтидан ё афтондан - супорида натавонистани имтиҳон.*

Савдогарон, ҳаннотон ҳам аргои худ доранд. Онҳо низ калимаҳои маъмулро ба маънои дигар, ба мақсади худ мувофиқ истифода мебаранд: *меҳмон - харанда; лой - пул, маблағ; малахро паррондан - матоҳои ҳарирро ба ҷое фиристодан, чойпулӣ - фоида; серравган - серпул; гулӯро равган кардан - пора додан; аробаро шикастан - алоқаро кандан.*

Баъзе мисолҳоро дар забони русӣ ҳам дида мебароем: *«малява» (письмо) – мактуб - letter; «труба» (мобильный телефон) – телефони ҳамроҳ - mobile/cell(ular) phone; «ксива» (паспорт или удостоверение личности) – шиноснома - passport; «урка» (заключенный,*

совершивший побег) – зиндонии гуреза - escapedconvict, prisoner; «фраер» (человек, который пребывает на свободе) - шахси дар озодӣ буда – manatlarge; «кресты» (тюрьма) – зиндон - prison; «кум» (начальник режимной части в колонии) – сардори бахши реҷавӣ дар колония – head of the modeunitin the colony; «козел» (заключенный, сотрудничающий с администрацией колонии) – маҳбусе, ки бо садорати маҳбас ҳамкорӣ мекунад – a prisoner who cooperatewith the administration of the colony; *«зарики» (кубики для игры в нарды) – чизи чоркунҷае барои бозии нард; «заочница» (девушка, знакомство с которой состоялось в колонии) – духтаре, ки дар маҳбас шинос шудаанд – the girl metin the colony; «откинуться» (освободиться после заключения) – free after impris on ment; «фильтруй базар» (думай, что произносишь) –аввал андеша, баъд гуфтор - thinkwhatyousay; «хозяйка» (начальница исправительной колонии) – сардори маҳбас – the head of the colony; «нема базару» (вопросы отсутствуют) – бегуфтугӯ - noquestions; «нет воздуха» (закончились деньги) – пул тамом шуд - outofmoney.*

Сохтори ин вожаҳо гуногун мебошанд ва асосан онҳо бо роҳи аффиксатсия ва аз калимаҳои сода сохта шудаанд. “Калимаҳои сохта – ин маҷмуи мураккаби хусусиятҳои сохторӣ-маъноии воҳидҳои забонӣ мебошанд. Ба калимаҳои сохта ҳамаи калимаҳои бо ёрии аффиксҳо ва роҳи конверсия, ихтисораҳо, калимаҳои мураккаб ва дигар намудҳои дигари калимасозӣ сохташуда дохил мешаванд” [4, с.26].

Масалан, калимаҳои зерин бо пасвандҳо сохта шудаанд: *telly – television - телевизор, wasted – killed - кушташуда, legless - very drunk - бадмаст, shades – sunglasses – айнаки офтобӣ, beans – money - пул;* аз ду калима калимаи мураккаб сохтаанд: *headcase - mad - девона, smeghead - an idiot - беақл, cakehole – mouth - даҳон* ва ғайраҳо.

Аз лиҳози баромад, тақрибан 50% ин вожаҳо тоҷикиасл мебошанд, қисми дигарашон аз забонҳои арабию туркӣ ва як қисмашон аз русӣ ва тавассути ин забон аз немисӣ иқтибос шудаанд.

Муқарриз: ***Қурбонов С.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Беликов В.И. Социолингвистика / В.И. Беликов, Л.П. Крыцин. – М.: РГГУ, 2001. – 439 с.
2. Бобоҷонова Б. Категорияи эҳтиром дар забони тоҷикӣ. (рисола барои дарёфти номзадӣ) / Б. Бобоҷонова. – Душанбе, 2001. - 150 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1985. - 356 с.
4. Дададжанова И.Б. Сопоставительный анализ демографической лексики в английском и таджикском языках: дисс. ... канд. филол. наук / И. Б. Дададжанова. - Душанбе, 2011. - 262 с.
5. Забони ҳозираи тоҷик. 1. Лексика. Муҳаррири масъул Тоҷиев Д. Т. - Душанбе, 1981. - 102 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ. Маҷидов // Ҷ.1. Луғатшиносӣ. - Душанбе, 2007. – 242 с.
7. Муҳиддинова Т.Ҳ. Одоби муошират / Т.Ҳ. Муҳиддинова. – Душанбе, 2014. – 153 с.
8. Сайфутдинова М.Р. Чанд мулоҳиза дар бораи жаргонвожаҳои лаҳҷаи Хуҷанд / М.Р. Сайфитдинова // Ахбори ДДҲБСТ. - №2(67). - С.92-100.
9. Скребнев Ю.М. Введение в коллоквиалистику / Ю.М. Скребнев. Под ред. Сиротининой О.Б. - Саратов: Изд-во Сарат.ун-та, 1985. - 210 с.
10. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ − Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. − С.139-140.
11. Лингвистический энциклопедический словарь. - М.: Советская энциклопедия, 1990. - 683 с.
12. Мюллер В.К. Новый англо-русский словарь / В.К. Мюллер. -М.: Русский язык медиа, 2004. - 946 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Бухоро, 2015. - Ҷ.1. - 996 с.; - Ҷ.2. - 1096 с.
14. Ҳусейнов Х. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Х.Ҳусейнов, К.Шукурова. - Душанбе: Маориф, 1983. - 256 с.
15. Энсиклопедияи советии тоҷик. - Ҷ.2. – Душанбе: СЭСТ, 1980. - 634 с.

САЙРИ ТАҲҚИҚӢ БА МАЙДОНИ ЖАРГОНВОЖАҲО

Дар баробари вожаҳои малеҳ дар захираи луғавии забонамон гурӯҳи вожаҳое мавҷуданд, ки маъноҳои қабеҳ, дурушт ва ҳақоратомезро ифода мекунанд, ки онро дар илми забоншиносӣ вулгаризм меноманд. Ин вожаҳои қабеҳро шоирон ва нависандагон дар эҷодиёти худ барои инъикос намудани образҳои манфии персонажҳо истифода мебаранд. Мо дар қатори калимаҳои қабеҳ гурӯҳи махсусеро ба риштаи таҳқиқ мекашем, ки онҳо жаргонвожаҳо мебошанд: *airhead-stupid person – шахси нодон, beans – money - пул, cakehole – mouth - даҳон, cool – excellent - олӣ, dill - an idiot - беақл, fox – attractive, alluring person - диққатҷалбкунанда, шахси ба назар, чашм намоён, чашмрас, grog – alcohol, beer – алкул, нӯшокии спиртӣ, оби ҷав, headcase - mad - девона, legless - very drunk - бадмаст* ва ғайра. Жаргон аз забони фаронсавӣ – jargon гирифта шуда, намуди нутқ аст, ки бештар дар муоширати шифоҳии гурӯҳи алоҳидаи нисбатан устувори иҷтимоӣ истифода мешавад. Сохтори ин вожаҳо гуногун мебошанд ва асосан онҳо бо роҳи аффиксатсия ва аз ду ё зиёда калимаҳои сода сохта шудаанд: *telly – television - телевизор, wasted – killed - кушташуда, legless - very drunk –*

бадмаст – бо пасвандҳо; *headcase - mad - девона, smeghead - an idiot - беақл, cakehole – mouth – даҳон* - аз калимаҳои сода калимаҳои мураккаб сохтаанд. Арго калимае аз забони фаронсавӣ буда, маънояш забони махсусест, ки лексикаи хосса дошта, бо мақсади истисно аз омма, аз тарафи аъзоёни ин ё он гурӯҳи ҷамъият истифода бурда мешавад. Даставвал ин истилоҳот нутқи авбошон, радди маъракашудагони ҷамъиятро ифода мекард. Дар байни донишҷӯён ҳам аргои хосси онҳо мушоҳида мешавад. Онҳо калимаҳои маъмули умумихалқиро ба маънои ба оммаи васеъ нофаҳмо истифода мебаранд: *дум-қарздори имтиҳони насупорида; гузаштан - супоридани имтиҳон ё санҷиш; афтидан ё афтондан - супорида натавонистани имтиҳон.*

Калидвожаҳо: вожаҳо, захираи луғавӣ, забон, забоншиносӣ, жаргонвожаҳо, арго, забони англисӣ, забони тоҷикӣ.

ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИЙ ЭКСКУРС В ОБЛАСТИ ЖАРГОНОВ

Вместе с вежливыми словами есть группа слов, имеющих в лингвистике плохое, грубое и оскорбительное значение, так называемый вульгаризм, пошлое слово или словосочетание. Поэты и писатели используют данные слова в своем творчестве для отражения своих негативных персонажей. Мы рассмотрим особую группу этих вульгарных слов - жаргонов: *airhead - stupid person - глупый человек - шахси нодон, beans – money - бобы - деньги - пул, cakehole – mouth - рот - даҳон, cool – excellent - отлично - олӣ, dill - an idiot - идиот - беақл, fox – attractive, alluring person - лиса - привлекательный, манящий человек - диққатҷалбкунанда, шахси ба назар, чашм намоён, чашмрас, grog – alcohol, beer – грог, алкоголь, пиво - алкул, нӯшокии спиртӣ, оби ҷав, headcase - mad - безумный - девона, legless - very drunk - сильно пьяный - бадмаст* и так далее. Жаргон - французское слово, которое используется фиксированной социальной группой людей для устного общения. Структура данных слов разнообразная, они образовываются и путем аффиксации и из двух или более простых слов: *telly – television - телевизор, wasted – killed - кушташуда, legless - very drunk – бадмаст* – образованы путем суффиксации; *headcase - mad - девона, smeghead - an idiot - беақл, cakehole – mouth – даҳон* – сложные слова образованы от простых слов. Арго - это французское слово, означающее особый язык, который имеет особую лексику и используется членами определенной группы людей, чтобы исключить их из общества: *хвост - должник на экзамене; проходить - сдача экзамена или теста; полететь, провалить - несдача экзамена.*

Ключевые слова: слова, лексический запас, язык, лингвистика, жаргоны, арго, английский язык, таджикский язык.

RESEARCH EXCURSION IN THE FIELD OF JARGONS

There are a group of words which have bad, rough and insulting meanings together with the polite words, the so-called vulgarism, vulgar word or phrase in linguistics. The poets and writers use these rough and insulting words in their works to reflect negative images of the characters. We analyse a special group of these vulgar words – jargons:*airhead-stupid person – шахси нодон, beans – money - пул, cakehole – mouth - даҳон, cool – excellent - олӣ, dill - an idiot - беақл, fox – attractive, alluring person - диққатҷалбкунанда, шахси ба назар, чашм намоён, чашмрас, grog – alcohol, beer – алкул, нӯшокии спиртӣ, оби ҷав, headcase - mad - девона, legless - very drunk - бадмаст* and so on. Within youth jargon, such subgroups as school slang and student slang are usually distinguished. Jargon is a French word which uses by the fixed social group of people for oral communication. The structure of these words are different and they are formed by affixation and from two or more simple words: *telly – television - телевизор, wasted – killed - кушташуда, legless - very drunk – бадмаст* – with suffixes; *headcase - mad - девона, smeghead - an idiot - беақл, cakehole – mouth – даҳон* - from simple words compose compound words. Argo is a French word for a special language that has a specific vocabulary and is used by members of a specific group of people to exclude them from society. At first, the term referred to hooliganism, to rejected by society elements. Students also have their own argo. They use common words in a meaning incomprehensible to the general public: *tail - debtor in the exam; pass - passing an exam or test; fly, fail - not passing the exam.*

Key words: words, vocabulary, language, linguistics, jargons, argo, English, Tajik.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Дадоҷонова И.Б.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17
Ҳасанова Зулфия Муъминовна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри ихтисоси англисӣ-тоҷикии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведение об авторах: ***Дададжанова И.Б.*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, кафедра английского языка и сравнительной типологии, факультет языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17
Хасанова Зулфия Муъминовна - Таджикский национальный университет, магистр англо-таджикских специальностей факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about authors: ***Dadadzhanova I.B.*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of English Languageand Comparative Typology, Asian and European Languages Faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17
Hasanova Zulfiya Muminovna - Tajik National University, Master of Anglo-Tajik Specialties, Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17

УДК: 491.550-3

ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ЭТНОГРАФИИ МАРБУТ БА ОРОИШОТИ ЗАНОН ДАР ШЕВАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Абдуназарова Г.А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Лексикаи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз лиҳози таркиб хеле гуногунранг буда, қабатҳои мухталифи луғавию маъноӣ ва мавзуиро фаро гирифтааст. Яке аз чунин қабатҳои луғавӣ диалектизмҳои этнографии марбут ба ороишоти занон маҳсуб меёбад. Пӯшида нест, ки пайдоиши ҳунармандӣ, хосса, заргарӣ ва сохтани асбобу анҷомҳои ороишӣ ва номгузории онҳо дар забони тоҷикӣ таърихи қадима дорад. Дар ин бобат осори таърихию этнографии муҳаққиқон Н.А. Кисляков, Р.Л. Неменова, В.И. Распонова; забоншиносон Ғ. Ҷӯраев, М. Бобомуродова ва дигарон далел шуда метавонанд. Далели дигаре, ки муҳим будани таҳқиқи масъалаи мазкурро асоснок менамояд, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021 маҳсуб меёбад.

Нахуст вожаи этнолингвистикаро шарҳ додан мувофиқи мақсад аст. Он аз ду қисм иборат аст: этно [ҷузъе аз этнография] – мардум ё мардумшиносӣ ва лингвистика – забоншиносӣ. Дар луғати русӣ ба форсӣ этнография нажодшиносӣ тарҷума шудааст, ки нажод барои ифодаи мардум луғати мувофиқест. Чаро ки нажод низ ҷузъе аз мардум аст. Азбаски дар ҷомеаҳои гуногун ҳар нафаре бар нафари дигар аз ҷиҳати аслу нажод бартарӣ ҷуста, урфу одати худро аз дигарон афзал медонад, вожаи нажод дар ифодаи этнос басо мувофиқ афтодааст [7, с.33].

Ба андешаи шевашинос Ғ. Ҷӯраев “Воситаҳои ороиши занон, баръакси дигар предметҳои зиндагӣ, чандон фаровон намебошанд”. Ӯ ба маълумотҳои китоби этнографии “Таджики Каратегина и Дарваза” [15, с.182-187] такя намуда, навиштааст, ки ин китоб “ягона манбаест, ки аз он калимаву терминҳои асбобҳои ороишии занонро метавон зиёдтар пайдо кард. Аз он, асосан, унсурҳоеро дарёфт кардан мумкин аст, ки ба лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва қаротегинӣ мансубанд. Дар боби лексикаи асбобҳои ороиши занон лаҳҷаҳои ҷанубӣ байни худ ҳам умумият ва ҳам тафовутҳои муайян доштаанд. Умумияти аввалини онҳо ба тавассути калимаҳои умумиҳиндӣ ангуштарин, муҳра, гушвора, ҳалқа ва ғайра, ки дар шеваи ҷанубӣ, баъзан, бо вариантҳои гуногуни фонетикӣ дучор меоянд, воқеъ мегарданд. Умумияти дараҷаи дуюм ба туфайли калимаҳои хосси лаҳҷа ранг мегирад” [13, с.163-164]. Тавзеҳи мухтасари чунин калимаю истилоҳот дар рисолаи муҳаққиқи лаҳҷаҳои ҷанубии минтақаи Кӯлоб Н. Гадоев [6], лаҳҷаҳои водии Рашт профессор Ш. Исмоилов [8] низ сурат гирифтааст.

Таҳқиқи масъалаи мазкур дар забоншиносии тоҷик дар заминаи маводи забони адабӣ ва лаҳҷавӣ дар доираи калимаю истилоҳоти заргарӣ ва ороишоти занон дар бисёр корҳои ба лексикаи забони адабӣ ва таркиби луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ бахшидашуда ба таври мухтасар тавсиф ёфта бошад ҳам, дар ин мавзуъ мақолаю рисолаи ба истилоҳоти ороиши занон интишорнамудаи М. Бобомуродова “Намунаи мавод барои таҳқиқи истилоҳоти ороиши занон дар лаҳҷаи Панҷакент” [3], “Маълумоти мухтасар дар бораи манбаъҳои лексикаи ороишӣ – зиннати занон” [2], “Тафсилоти луғавию маъноии калимаю истилоҳоти ороиши занон дар забони тоҷикӣ” [4], “Вожаномаи мухтасари зебу зинати занон ва заргарӣ” [1] ба масъалаи мавриди назар бештар рабт дорад. Ба андешаи муҳаққиқи мазкур, “дар ифодаи воситаҳои асосии ороиши занон калимаҳои умумиҳиндӣ, аз қабили ангуштарин, дастпона, гӯшвора, ҳалқа, тангача, бозубанд, ҳайкал, қош, қасаба, сӯзан, баргак ва ғайра бештар истифода мешаванд” [3, с.149].

Лексикаи ороишоти занонро дар робита бо мақоми функсионалии калимаҳо дар забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳи калон тасниф кардан мумкин аст: **а) калимаҳои умумиҳиндӣ; б) диалектизмҳои этнографӣ.**

а) Калимаҳои умумиҳиндӣ. Ҳунарҳои халқӣ, аз ҷумла коркард ва сохтани маснуоти заргарӣ, таърихи зиёд дошта, аз даврaҳои дур маншаъ гирад ҳам, вале номгузории ашё ва

раванди коркарди таҷҳизоти ороишӣ бо калимаву истилоҳоти нисбатан дар даврaҳои нав ташаккулёфта сурат гирифтааст. Ин аст, ки вожаҳои ***зар, тилло, нуқра, биринҷӣ, лаъл, дурру гавҳар, марворид, алмос*** ва ҳоказо ҳамчун маводи асосӣ барои тайёр намудани асбобҳои ороиши занон ба кор рафта, ба ҳама табақаҳои иҷтимоии мардум дастрасу фаҳмоанд, имрӯзҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ дар истеъмол мебошанд.

Ҳар як воҳиди луғавии ба забони тоҷикӣ воридшуда, қаблан, дар нутқи намояндагони лаҳҷаву шеваҳои забонамон ҳазм мешаванд, як муддат ба сифати муодилу муродиф гардиш хӯрда, тадриҷан, ба мақоми калимаву истилоҳоти худӣ соҳиб мешаванд.

Мақом ва доираи истеъмоли этнографизмҳоро ба инобат гирифта, Ш. Исмоилов дуруст қайд мекунад, ки этнографизмҳо як гурӯҳи калимаҳое мебошанд, ки онҳо ҳам ба забони адабию халқӣ-гуфтугӯӣ ва ҳам ба шеваю лаҳҷаҳои маҳаллӣ дахл доранд. Аз ин ҷиҳат, месазад, ки ду гурӯҳи этнографизмҳоро аз ҳам ҷудо намоем: а) этнографизмҳое, ки моҳиятан барои тамоми ворисони як забон умумӣ ба ҳисоб мераванд; б) этнографизмҳое, ки дар як ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ паҳн шудаанд, яъне барои як гурӯҳи нисбатан хурди аҳолӣ хизмат мекунанд.

Дар ин таҳқиқи доирааш маҳдуд мо калимаю истилоҳоти ороиши занонро дар шеваи ҷанубӣ аз ҷиҳати мансубияти забонӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Дар ин росто лексикаи ин соҳаро ба вожаҳои аслан тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосӣ ҷудо менамоем.

Мавқеи лексикаи ороишоти занон дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ якхела нест, зеро гӯйишҳои мардумӣ низ баробари ба таҳаввулот дучор гардидани лексикаи забони адабӣ дар ин ё он самт ба тағйироту дигаргунӣ дучор меоянд. Масалан, бисёр маводи бунёдии маснуоти заргарӣ ва ороишии занон тули садсолаҳои зиёд ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар нутқи лаҳҷавӣ талаффузи якхеларо доро мебошанд: ***зар, зевар, тилло, нуқра, биринҷӣ, ақиқ, дурр, марҷон, марворид, гавҳар, нигин, садаф, гарданбанд, гӯшвор, ҳалқа, бозубанд, алмос, тавқ, лаъл*** ва ғайра, ки на ҳамаи онҳо баромади тоҷикӣ доранд, вале дар таркиби луғавии забонамон мақоми муҳим доранд. Чунончи:

1**) Вожаҳои оммафаҳми аслан тоҷикӣ**: ***зар*** (1. фулузи зардчатоби гаронбаҳо, тилло; 2. пул, сарват), ***зевар*** (1. ороиш, зинат; 2. чизе, ки бо он чизи дигарро биороянд), ***тилло*** (зари холис), ***биринҷӣ (***аз решаи ***биринҷ*** дар робита ба ранги он ба металл чунин ном гузоштаанд), ***гавҳар*** (марворид, санги қиматбаҳо), ***гӯшвор*** (асбоби ороиш, ки занон онро ба гӯш овезанд; муродифи ҳалқа), ***бозубанд*** **(**аз решаи “бозу” ба маънои “қисми даст аз китф то оринҷ” ва феъли “бастан” барои инъикоси мафҳуми “чизе, ки ба бозу баста мешавад, ба кор рафтааст), ***алмос*** (яке аз сангҳои маъдании гаронбаҳост, ки бағоят сахт, шаффоф ва мавҷдор аст), ***нигин//нигина*** (1. ангуштарин//ангуштарӣ; ангуштарии мухрдори подшоҳон; 2. санги қиматбаҳои ангуштарин):

Бар ӯ офарингӯ кунад офарин,
Бар он бахти бедору тоҷу ***нигин*** [16, с.851].

Истилоҳи ***танга*** (пули сикказадашуда, ки дар гузашта қурбаш ба 15-20 тини давраи шӯравӣ баробар будааст), ки онро чун воситаи ороиш дар сохтани асбобу анҷоми зебу зинати занон истифода мебурданд. Истисно аз ин калимаи тоҷикиасли ***зеб*** ҳам дар бисёр ҳолатҳо барои инъикоси мафҳуми “1) ороиш, зинат; 2) ҳусн, хушрӯӣ” ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар забони муосири тоҷикӣ фаровон ба кор бурда мешавад ва бо муродифи арабии худ ***зинат*** ҳатто ҷуфти синонимиро ташкил додааст:

Духтари шоҳам, валекин рӯ ба фақр овардаам,
Зебу зинат бас ҳаминам номи ман Зебуннисост.

Унсури луғавии ***лаъл*** (сурх, санги сурх) аслан тоҷикӣ буда, шакли аввалааш ***лол*** аст, ки муарраб гардида, дар намуди ***лаъл*** маъруф гаштааст:

Гар санг ҳама ***лаълӣ*** Бадахшон будӣ,
Пас қимати ***лаълу*** санг яксон будӣ [16, с.597].

Чунин калимаҳои умумитоҷикӣ дар жанрҳои манзуми фолклорӣ низ инъикос ёфтааст. Чунончи, дар ин бадеҳаи халқӣ истифодаи ороишоти занон, чун ***бозубанд, гӯшвор, гӯлубанд*** мушоҳида карда мешавад:

Дъхтари ҳамсойа мегум ***бозубандът*** ба мън нест,
Бозубандъ гушворъ гълбандът ба мън нест.

2) Вожаҳои оммафаҳми иқтибосии арабӣ: ***нуқра*** (сими холиси гудохта, ки дар сохтани маснуоти зебу зинат фаровон ба кор бурда мешавад), ***садаф*** (1. ҷилде, ки дар даруни он

ҷонвари хурди баҳрӣ ҷой дорад; 2. моддае, ки ба даруни садаф пайдо шуда, батадриҷ ба гавҳар табдил мешавад, ***марҷон*** (навъе аз ҷонварони баҳрии дарахтшакл; марҷон гуногун буда, машҳуртарини он сурхранг аст, ки монанди гул бар танаи оҳакмонанд қарор дорад ва онро барои сохтани асбобҳои зинат ва ашёи гаронбаҳо ба кор мебаранд), ***тавқ*** (ҳар чизи доирашакл, ки ба гирди чизи дигар дарояд; гарданбанд, ҳалқа), ***ақиқ*** (навъе аз сангҳои қиматбаҳо, ки сурхранг ва зарди норанҷист), ***шаън*** **-** аслан маъноҳои “1. кору ҳол, 2. шавкат, азамат, қадр, мартаба, дараҷа, ҷоҳ”- ро ифода мекунад, вале он дар муҳити шеваи ҷанубӣ ба таҳаввулоти семантикӣ дучор омада, дар гӯйиши мардуми Лахш мафҳуми “зебу зинат, ороиш”-ро ба таври умумӣ, новобаста ба он ки воситаи ороиш ба зан, мард ё ашёи дигар тааллуқ дорад, ифода менамояд, чунончи: купчък барой шаъни зинай [11, с.912]; ***зинат*** (он чи ба воситаи он чизеро оро диҳанд), ***ҳалқа*** (1. ҳар чизи доирашакл, гирдаки миёнхолӣ; 2.гӯшвора) ва монанди инҳо. Ба маънои “гӯшвора” истеъмол ёфтани истилоҳи **ҳалқа**ро ин байти Ҷомӣ далел шуда метавонад:

Гӯшат, эй симбар, аз ***ҳалқаи зар*** гашт гарон,
Ҷойи он дорад, агар нолаи моро нашунид [17, с.722].

3) Калима-истилоҳоти ***марворид*** аслан баромади юнонӣ дорад ва бо мурури вақт ин шаклу таркиби овозиро соҳиб шуда, мафҳуми “1) донаи хурд ва дурахшон, сафед, ё сафеди сурхтоб, ки дар даруни садаф ба вуҷуд меояд; 2) маҷозан: қатраҳои ашк”-ро ифода мекунад:

Зи шавқи рӯйи ту Ҳофиз навишт ҳарфе чанд,
Бихон зи назмашу дар гӯш кун чу ***марворид*** [16, с.640].

Аз намунаҳои баррасишуда бармеояд, ки нақши калимаҳои иқтибосӣ, хусусан арабӣ дар ташаккули синонимҳо ва ҷуфтҳои синонимӣ муҳим будааст: ***дурру марҷон, дурру марворид, дурру гавҳар, зебу зинат*** ва монанди инҳо.

б) Диалектизмҳои этнографӣ. Як бахши диалектизмҳои лексикаи лаҳҷаҳоро этнографизмҳо ташкил медиҳанд. Ин қабил воҳидҳои луғавӣ ба моҳият ва хусусияти диалектизмҳое, ки бо ҳаёти этникии мардум марбутанд, вобастагӣ дошта, ифодагари мафҳумҳое мебошанд, ки ба рӯзгор, амалиёти рӯзгордорӣ, расму оин ва суннату анъанаҳои гурӯҳҳои хурд ва бузурги этникӣ алоқамандӣ доранд. Н.М. Шанский онҳоро диалектизмҳои этнографӣ номида, чунин аломатҳои хосси онҳоро қайд кардааст: аз калимаҳои шевагие иборатанд, ки номи ашё, ҳодисаҳои хосси ин ё он маҳалро ифода менамоянд ва ба воситаи зиндагиву фаъолияти меҳнатии сокинони ҳамон маҳал муайян карда мешаванд; дар забони умумихалқӣ синонимҳои худро надоранд ва предмету ҳодисаҳои ба воситаи ин гуна калимаҳо ифодашаванда низ дар ҳаёти одамон расмияту умумият пайдо накардаанд; онҳоро бо калимаҳои умумихалқӣ иваз кардан мумкин нест, зеро онҳо барои ифода намудани предмету ҳодисаҳои маҳаллӣ ягона воситаи асосии забони маҳаллӣ ба шумор мераванд; дар зарурат ин гуна калимаҳо ҳатман бо шакли асосии худ ва ё ба воситаи тафсири муфассал эзоҳ меёбанд [19, с.60].

Бисёр калимаҳои умумиҷоикии гурӯҳи аввал (калимаҳои умумиҷоикӣ)- ро этнографизм номидан мумкин аст, зеро калимаю истилоҳоти соҳаи заргарӣ ва ороишоти занон ба тарзи зист, урфу одат, анъанаҳои ҳунармандию косибӣ ва номгузории ашё мувофиқат мекунанд. Вале бо оммафаҳмии худ, бо доираи васеи истеъмолӣ доштан, дар шеваю лаҳҷаҳои забонамон муродифу муодилро соҳиб будан ба қатори диалектизмҳои этнографӣ шомил намешаванд. Диалектизмҳои этнографӣ чунин хусусият надоранд.

Таҳқиқи масъалаи мазкур бори аввал дар доираи диалектизмҳои этнографии лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дар асоси маводи “Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ” [11] ва нутқи зиндаи намоянагони гӯйишҳои мардуми минтақаҳои ҷанубии ҷумҳурӣ сурат гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои ҷанубӣ низ диалектизмҳо аз лиҳози баромад ва мансубияти забонӣ ба ду бахш ҷудо мешаванд: 1) диалектизмҳои этнографии аслан тоҷикӣ; 2) диалектизмҳои этнографии иқтибосӣ. Теъдоди диалектизмҳои бахши якум нисбат ба миқдори диалектизмҳои бахши дуюм зиёдтар мебошад.

Диалектизмҳои этнорафии аслан тоҷикиро аз рӯйи мавзуъ ва маъно ба тариқи зерин тасниф кардан мумкин аст:

1. Диалектизмҳои этнографие, ки номи умумии асбобу анҷоми ороишии занонро ифода мекунанд: ***гана*** (ҷамъи асбобҳои ороишӣ ва зебу зинати занон), ***ганна*** - муодили

фонетикии калимаи ***гана***, ки барои ифодаи мафҳуми “дурру гавҳар, зару зевар, зебу зинати занон” ба кор меравад: *навдъ ҳафт сандъқ* ***гаһна*** *ёфтан* (Кӯлоб: Зиракӣ); ***ҷавак*** (навъе аз асбоби ороиши духтарон, ки бо истифода аз пояҳои ҷав дар шакли секунҷа сохта мешуд), ***ҷавзо***т (афзори ороишии занон, ки бо ***ҷавак*** муносибати муродифӣ дорад), ***канҷак//канҷък*** (В/Р: як навъ афзори ороиши занон) ***ҳамел//ҳамил// һъмел//амел*** – шаддаи ҳар чиз, ки дар ришта кашида бошанд: ***ҳамели муһра//мура*** (шаддаи муҳра), ***ҳамели писта*** (пистаҳои шукуфтаи дар ришта кашидашуда): дар лаҳҷаҳои шимол ва ғарбии Кӯлоб, Кӯлобии Ҳисор, вахиёӣ-қаротегинӣ, қаротегинӣ ва шакли ***амел*** дар гӯйишҳои тоҷикони Бадахшон (Ишкошим: Ғорон, Вахон) ва ғайра дар гардиш мебошад. Калимаи ***шада*** мафҳуми “чизҳои зинатии дар ришта қатор гузаронидашуда, ки занон бар гардан меовезанд, чун ***шадаи марҷон, шадаи марворид*** боз ҳам мушаххастар ифода карда, бо диалектизми ***ҳамел*** ва гунаҳои овозии он муродиф мебошад.

2. Диалектизмҳои этнографие, ки номи асбобу анҷоми ороишии занонро, ки бо ангуштон ва баъзе қисмҳои даст марбутанд, ифода мекунанд: ***чала*** – ангуштарин; муродифи он дар лаҳҷаҳои шимолӣ калимаи туркии ***узук*** аст ва дар лаҳҷаи Панҷакент дучор омадани онро М. Бобомуродова низ ба қайд гирифтааст (узуки тило, узуки нуқра, узуки бенинак) [3, с.150]. Бино ба мушоҳидаи мо, калимаи лаҳҷавии дар гӯйишҳои ҷанубӣ васеъ паҳншудаи ***чала*** ҳам баромади туркӣ-узбекӣ дошта, он аз феъли “чаламоқ” ба маънои “андохтан”, ба даст ё ангушт кардани чизе (ангуштарин ва ё дастпона) роиҷ мебошад. Дар гуфтори мардуми ҷануб ***чала*** дар робита ба шакл, маводи сохташавӣ, макони сохта шудан, монандӣ бо ашёи гуногун ва мавҷудияти унсурҳои дигар хелҳо доштааст: ***чал(а)и тилойӣ***, ***чалайи нуқрагӣ, чалай ънгинадор, чалай загсӣ, чалай авгонӣ, чалай садафӣ*** ва амсоли инҳо. Роҷеъ ба ин диалектизм Р.Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев чунин нигоштаанд: “Ин калима дар ҳама маҳал ба маънии ягона – ангуштарин дучор ояд ҳам, аз ҷиҳати таркиби овозӣ гоҳе фарқ мекунад [13, с164]. Аз ҷумла, А.З. Розенфелд дар лаҳҷаҳои Бадахшон ба мафҳуми “ангуштарин” калимаҳои ***чала//чила*** ва ***чама//чаман***-ро сабт намудааст. Вале аз рӯйи маънидоди ӯ маълум мешавад, ки ***чама//чаман*** на танҳо дар шакл, балки дар ифодаи маънӣ ҳам андак фарқ доштааст. Агар ***чала*** бевосита бо ангуштарин мувофиқат намояд, аммо ***чама//чаман*** навъе аз ороишотест, ки занҳо ба даст накарда, балки бо ришта ба гардан ҳамел мекардаанд [14, с.87]. Вожаи ***чаман*** хусусияти этнографӣ дошта, дар таркиби “чодару чаман” мафҳуми “тӯйи арӯсӣ”-ро низ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ифода менамояд: *Ҳоли умрът да пешай,* ***чодару чаман****-а мебинӣ* (Рашт). Истилоҳи умумиҳалии ***дастпона*** гунаҳои овозии бисёр дошта, дар талаффузи мардуми ин минтақа бо вариантҳои овозии зерин: ***дастмона // дъсмона // дъспона // дъсмуна // дъспуна*** садо медиҳанд. Дастпона ҳам вобаста ба ҷузъу унсурҳои иловагие, ки дар ороиши он истифода бурда мешавад ва ё аз кадом металл сохта шудан номҳои гуногун пайдо кардааст: ***дъсмонай гандъмак, дъсмунай ънгинадор, дъсмонай садафӣ, дъсмунай тиллойӣ*** (нуқрагӣ, мисӣ) ва ҳоказо. Чанд мисол: *Ана, йаг* ***дъсмунам*** *бъхар, да дъстъм бъдозъм* (Даштиҷум). *Йа* ***дъсмунай ънгинадор*** *бай хоҳар-ма харидъм* (Шимолии Кӯлоб). *И бева-ра бъбӣ дъстош-да* ***дъсмонай тиллойи****-ра задас* (Ҷанубии Кӯлоб). Аммо вожаи умумиҳалии ***дастпона*** дар шеваи ҷанубӣ муродифи луғавии хеле аҷиб: ***сумока//съмока*** низ дорад, ки этимологияи он чандон равшан нест, вале дар гуфтори мардуми Ёзғанд аз гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ роиҷ аст: ***Съмока-м-а*** *ачам бърд фърухт*. Агар ***чала*** ва анвои он барои ороиши ангуштон, ***сумока//съмокаву дасмона*** ва хелҳои он барои ороиши банди даст хизмат кунанд, ***бозъбанд*** (бозубанд) [11, с.632] ҷиҳати дар бозу бастани воситаи ороиш ба кор рафта, таъйиноти дигар низ дорад. ***Бозъбанд*** барои аз чашми бад нигоҳ доштани одамон низ ба кор меравад, ки ин паҳлуи маъноии вожаи мазкур ҳадафи тадқиқи мо маҳсуб намеёбад.

3. Диалектизмҳои этнографие, ки барои ороиши гӯш таъйин шудаанд. Диалектизмҳои этнографии ин гурӯҳ, асосан, бо ду вожаи умумихалқии ***гӯшвор*** ва ***ҳалқа,*** ки бо ҳамдигар муродифанд, ифода ёфта, зимни номгузории навъҳои он баъзе хусусиятҳои лаҳҷавии хос ба шеваи ҷанубӣ ба мушоҳида мерасад: гӯшвори ***баргак,*** гӯшвори ***қуббадор,*** гӯшвори ***самовар*** (дар натиҷаи монандӣ ба шакли самовар), гӯшвори ***балдоқ*** (тиллоӣ), гӯшвори ***мамадӣ//муҳамбадӣ*** (вобаста ба номи устои заргар – муҳаммадӣ номгузорӣ шудааст), гӯшвори ***нафтӣ*** (марбут ба ранги нафт ва гӯшвора), гӯшвори ***қафасӣ*** (шабеҳ будани гӯшвор бо қафас), гӯшвори ***садафӣ*** (бо садаф ороёфта), гӯшвори ***сегузика*** (себаргаи

камоншакл), гӯшвори ***тъкъртақӣ*** (навъи гӯшвори дароз, ки то таги гулӯ мерасад)**;** хелҳои гӯшвор вобаста ба шумораи пояҳои он: ***дупочъка, сепочъка, чорпочъка.*** Шакли ***ҳалқа*** дар гӯйиши тоҷикони Бадахшон (Ғорон, Вахон), Дарвозу Ванҷ (шеваи ҷанубӣ шарқӣ) ва ҷанубӣ минтақаи Кӯлоб бо таркиби овозии ***алқа*** барои корбурди мафҳуми ***гӯшвор*** хизмат кардааст. Чанд мисол: *Бай мън-а* ***гушвори қафасӣ*** *маһқулай* (Кӯлобии Ҳисор). *Ҳозир-о мардъм-о* ***гушвори самовар****-а хъш доран* (Шимоли Кӯлоб).

4. Диалектизмҳои этнографие, ки ҷиҳати зебу зинати гардан ва қафаси сина номгузорӣ шудаанд. Ба ин гурӯҳи маъноӣ этнографизмҳои лаҳҷавии ***гарданбандак*** (ҳама гуна ороишоте, ки ба гардан баста мешавад; муродифи гулубандак), ***гулубандак*** (ҳама гуна ороишоте, ки ба гардан баста мешавад; муродифи гарданбандак), ***хафабанд*** (муродифи гарданбандак ва гулубандак), ***тавқи гардан (***муродифи гарданбанд, гулубанд, зеби гардан), ***чапарак*** (муродифи хафабанд, гарданбанд, гулубанд), ***ҳамел//ҳамили гардан*** (шаддаи муҳраву марҷон, ки занону наварусон ба гардан банданд), ***баргак*** (асбоби зинати занон, ки ба шакли барг аз зар месозанд: *Йаг* ***мухраву*** *йаг* ***баргак-а ҳамел*** *мекашӣ, мешава зеби гардан* (Раштӣ: Ниёзбегиён), зиратора (муродифи баргак; асбоби зинати занон, ки ба шакли барг аз зар, нуқра ва биринҷӣ сохта мешавад ва инчунин онро барои оро додани тоқӣ низ истифода мебаранд), ***гарданмура//гарданмъһра*** (шаддаи муҳраҳои гуногун, ки дар гардан (гулӯ) баста мешавад: *И* ***гарданмура****ҳой хъшру-ра кӣ овардът?* (Шимолии Кулоб: Навруҳо)), ***гуйакча*** (муҳраи махсуси аз нуқра сохташуда, ки барои зинат аз байни шадда гузаронида ба гардан меовезанд), ***зеби гардан*** (шабаи тасмашакли махсусе, ки бо муҳраҳои гуногун оро дода шудааст ва онро наварӯсон ва духтарон ба гардан мебанданд (Вахиёӣ- қаротегинӣ), ***зъреҳ//зъриҳ//зъри*** (занҷири заррин, ки занон ҳамчун асбоби ороиш ба гардан меовезанд (Вахиёӣ- қаротегинӣ), гунаҳои овозии ***шилшила//ҳилҳила*** бар ифодаи мафҳуми "силсила" ба кор рафта, онҳо, асосан, аз ҳалқаҳои тунукагини ранга сохта мешаванд ва бештар дар гардан, пешонӣ ва ороиши атрофи тоқии арӯсон овехта мешаванд. Дар замони ҳозира ҳунари заргарӣ якҷоя бо пешрафти технологияи муосир рушд кардааст. Ба ҷойи баъзе калимаю истилоҳоти зеби гардан исифодаи вожаи русии ***сепишка//сепичка//сепъчка*** низ дар нутқи мардум мушоҳида мешавад: *Отам-а гъфтъм, ба мъна ай бозор* ***сепишкаи тиллойӣ*** *овард* (Кӯлобии Ҳисор).

Дар баробари ин, дар банди даст ва ё гардан шаддаи муҳраҳои чашмӣ баста мешавад, ки тибқи боварҳои мардумӣ он гӯё одамро аз захми чашм эмин нигоҳ медоштааст. ***Мухра//мура//мъхра//мъһра*** (шабба, олати ороиши занону духтарон) ҷузъи асосии бисёр навъҳои гарданбандро ташкил медиҳад. Дар "Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ" (2012) навъҳои зерини муҳра дар қолаби ибораи исмии изофӣ нишон дода шудааст, ки онҳо аз нутқи манотиқи гуногуни интишори гӯйишҳои ҷанубӣ ҷамъоварӣ карда шудааст: ***мухрай аловӣ*** (шаддаи муҳраҳои сурх ва марҷон), ***мухрай марҷон*** (шаддаи муҳраҳои марҷонӣ), ***мухрай гардан*** (шаббае, ки занон аз муҳраҳои ранга омода карда ба гардан мебанданд), ***мухрай зеби гардан*** (муродифи муҳрай гардан), ***мухрай йаккаш*** (шаддаи тангаҳои нуқрагин), ***мухрай пай*** (як навъ муҳраи нақшдор, ки дар байни шаддаи марҷон мегузаронанд), **мухрай тангаки** (шаддае, ки аз марҷон ва танга иборат бошад), ***мухрай хазина*** (муҳраҳои ниҳоят майда), ***мухрай чъшмӣ*** (муҳраҳои сиёҳ, ки холҳои сафед доранд) [11, с.461] ва монанди инҳо. Чанд намунаи нутқи лаҳҷавӣ*: Бачат кирой гуфтанай,* ***мурай чъшмира*** *да сари кифтъш бъдуз* (Рашт). *Шаҳрийо* ***мураой тангаки*** *намебандан* (Кулобии Ҳисор). *Мурай гардан-а бисёотар мардъми қишлоқ мекъна* (Вахиёӣ- қаротегинӣ). Муҳраҳое, ки бо мақсади аз чашми бад эмин доштан ба ягон ҷойи либос дӯхта мешаванд, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо истилоҳоти махсус ифода мекунанд: ***сийалонӣ//сийаҳлонӣ*** (муҳраи чашмӣ) ва истисно аз ин муҳраҳои калони таркиби шаддаро бо истилоҳи ***пеша*** (муҳраҳои калон-калоне, ки дар ҳар ҷо - ҳар ҷойи шадда гузаронида мешаванд) номгузорӣ кардаанд. Шевашиноси маъруф Р. Ғаффоров дуруст нигоштааст, ки дар чунин силсилаҳо ҳудуди интишори термини муҳра//мъхра хеле васеъ аст. Сабаби ин, албатта, равшан аст, чунки термини мазкур умумихалқист. Барои мо дар айни ҳол муҳиммаш он аст, ки дар шеваи ҷанубӣ бо калимаи **муҳра** чандин терминҳои иборагӣ ба вуҷуд омадаанд" [13, с.164].

5. Диалектизмҳои этнографие, ки мафҳуми ороишоти занонро дар робита ба сар ва пешонии занон нишон медиҳанд: ***гирсаракӣ (***асбоби ороиши занон, ки онро ба пешонӣ мебанданд (Шимолии Кӯлоб: Ғеш), **котабанд** (афзори ороишие, ки онро занон дар пешонӣ мебанданд. (Ҷанубии Кӯлоб: Порвор, Ёл), ***қасаба*** (воситаи ороиши занон, ки онро дар

пешонӣ мебанданд). Ғайр аз ин, сар ва пешониро бештар тавассути оро додани тоқӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст, чунончи: ***сарбандак*** калимаи сермаъно буда, дар се ҳолат барои мушаххас ифода намудани мафҳуми ашё ба кор рафтааст: 1. пешонибандак, саргирак; рӯймоли абрешимин; 2. сарсӯзанӣ бо муҳраҳои гуногун ороддодашуда, ки рӯймолро бо тоқӣ васл мекунад; 3. шилшила, пупаки тоқӣ (Шимолии Кӯлоб: Даҳана, Зиракӣ, Корез, Лағмон, Кулдара).

6. Диалектизмҳои этнографие, ки ҷиҳати оро додани бинӣ таъйин шудаанд: ***нат*** (асбоби ороишӣ, ки ба як параи бинӣ овехта мешавад), ***нати бинӣ*** (сӯрохии махсуси параи бинӣ, ки занон ба он ҷо холи сунъӣ мечаспонанд). Доир ба калимаи ***нат*** Ғ. Ҷӯраев қайдҳои аҷиб дорад: “Ин калима, мувофиқи материали мо, асосан, дар доираи лаҳҷаҳои Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор дучор меояд. Вале бино ба маълумоти китоби “Таджики Каратегина и Дарваза” онро гӯё дар лаҳҷаҳои Қаротегин ҳам мушоҳида кардан мумкин аст [15, с.184]. Пас маълум мешавад, ки калимаи ***нат*** умуман дар ифодаи ***гӯшвора, ҳалқа*** наомада, балки исми яке аз навъҳои он аст: дурусттараш ***нат*** ҳалқаест, ки ба як параи бинӣ меовезанд” [13, с.165-166]. Ю.И. Богорад ҳам ин истилоҳро дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кулоб ба қайд гирифта, онро чунин шарҳ додааст: 1. ҳалқае, ки ба бинӣ меовехтаанд; 2. сӯрохии бинӣ, ки ба он ҳалқа мегузаронанд [5, с.252].

7. Диалектизмҳои этнографие, ки дар номгузории воситаҳои ороиши мӯйи занон ба кор рафтаанд: ***пупак//пъпак//попък*** (пӯпак, асбоби ороиши мӯй, ки аз ресмон бофта мешавад) – ин предмет бо мақсади дарозу зеботар нишон додани мӯй хизмат мекард. Имрӯзҳо истифодаи он торафт маҳдуд гаштааст. Ин вожа бо калимаи ***ҷамолак*** муносибати муродифӣ дорад ва дар забони адабӣ ҳамин мафҳумро унсури луғавии **гесӯбанд** бар дӯш дорад. Корбурди калимаҳои ***пупак ва ҷамолак*** дар тамоми минтақаҳои густариши шеваи ҷанубӣ якхела нест. Чунончи, айни ҳамин мафҳум дар шимоли Кӯлоб (Боймиш, Кулдара, Навруҳо, Дараи Турбат) бо калимаи ***ҷамолак*** (гесубанд); дар минақаи ғарбии Кӯлоб, Сарихосор: ***чолбанд*** (гесубанд, овезаҳои махсус дар нӯги гесувони духтарон) номгузорӣ шуда, мафҳуми мӯй ва ё гесуро бо калимаи ***чол*** (мӯйи майдабофишуда) ***ё чолак*** ифода кардаанд: *Дъхтари лави бора, да* ***чолак****-от ситора, биё бърем идора* (фолклори Кӯлоб). Ё ин ки дар дигар мавзеъҳои минтақаи мазкур ба ҷойи ***чолбанд*** корбурди диалектизми ***чолъкбанд***ро авлотар донистаанд. Муродифи “мӯй, кокул, гесу” маҳсуб ёфтани диалектизми ***чол***ро мавҷудияти этнографизми ***чорчола*** ба маънои “як навъи гесубанд” дар лаҳҷаи Кӯлобии Ҳисор тақвият мебахшад: *Сари мо-да* ***чорчола*** *бъндоз* [11, с.849]. Гунаи дигари овозии ***пупак//пъпак*** дар намуди ***тупак//тъпак*** – шакли ба ҳодисаи табдили овозҳои ***п*** бо ***т,*** ки ба ду маъно: 1) пӯпаки шерози тоқӣ, шерози пойҷома, 2) як навъ асбоби ороиши занон, ки онро дар нӯги гесу мебанданд, дар гардиш аст, аз он шаҳодат медиҳад, ки калимаи мазкур гунаҳои зиёди овозӣ дошта, аз решаи ***пуп*** ба маънои “мӯй”- ***пупаки ҷуворӣ/пъпаки ҷугорӣ*** ва чун воситаи ороиш: “тоҷ” – ***пупаки мърг, пъпаки хъруз*** (тоҷи хурӯс); ***пупаки тоқӣ***, ***пупаки шерозпоча, пупаки кокул*** низ дар истеъмол аст**.**

8. Диалектизмҳои этнографие, ки дар номгузории ороиши либосҳои занона ба кор рафтаанд: ***ситорашава*** – ин истилоҳ бештар дар лаҳҷаи Вахиёву қаротегинӣ густариш дошта, мафҳуми “садаф, тангаҳои нуқрагин, ки занон барои ороиш ба бари домони курта медӯзанд”-ро ифода мекунад. Ғ. Ҷӯраев дар лаҳҷаи вахиёӣ-қаротегинӣ: Лахш диалектизми ***тойноҷ // тейноҷ***ро, ки баромади қирғизӣ дорад, ба маънои “предмети ороише, ки аз болои курта онро мечаспонанд, ба мушоҳида гирифтааст [13, с.165]. Дар маҳаллоти мазкур ҳамчунин диалектизми ***пълкък*** ба маънои “1) пӯпаке, ки ба тоқиҳои навъи маҳаллӣ мечаспонанд; 2) шилшилаи тоқии занон” роиҷ мебошад. Этнографизми ***туф*** дар гуфтори Кӯлобии Ҳисор чун “воситаи ороиши кокулони духтарони болиғ, ки аз риштаи сиёҳ бофта шуда, ба он тугмаҳои садафӣ, тангаҳои нуқрагӣ, гарди хазина, силсила ва ғайра мебанданд; гесӯбанд” [11, с.702] дар истеъмол буда, он низ як воситаи ороиши мӯй маҳсуб меёбад.

Ба ҳамин тариқ, баррасии этнографизмҳои ороиши занон нишон дод, ки бо вуҷуди маҳдуд будани теъдоди калимаю истилоҳоти ин соҳа онҳо дар манотиқи гуногуни густариши лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо гунаҳои мухталиф, бо номгузории дигар, бо доштани муродифоти лаҳҷавӣ ва бо роҳҳои калимасозиву ибораофарӣ барои аниқу дақиқ гардидани номи ашё, аломату хусусияти онҳо мусоидат кардаанд.

Муқарриз: ***Раҳматуллозода С.Р.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобомуродова М. Вожаномаи мухтасари зебу зинати занон ва заргарӣ / М. Бобомуродова. – Душанбе: Бебок, 2014. – 71 с.
2. Бобомуродова М. Маълумоти мухтасар дар бораи манбаъҳои лексикаи ороишӣ–зиннати занон / М. Бобомуродова // Маҷмуаи илмию методӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2009. – С.143-147.
3. Бобомуродова М. Намунаи мавод барои таҳқиқи истилоҳоти ороиши занон дар лаҳҷаи Панҷакент / М. Бобомуродова // Маҷмуаи илмию методӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2009. – С.148-154.
4. Бобомуродова М. Тафсилоти луғавию маъноии калимаю истилоҳоти ороиши занон дар забони тоҷикӣ: автореферати диссертатсияи номзадӣ / М. Бобомуродова. – Душанбе: ДМТ, 2012. – 25 с.
5. Богорад Ю.И. Южнокулябские диалектизмы / Ю.И. Богорад // Масъалаҳои шевашиносии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1971. – С.245-257.
6. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н. Гадоев. – Душанбе, 2012. – 107 с.
7. Исматзода С.М. Аҳамияти тадқиқи этнолингвисти / С.М. Исматзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2020. - №4. - С.33-36.
8. Исмоилов Ш. Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2018. – 333 с.
9. Исмоилов Ш. Як омили халқияти забони асари бадеӣ / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2012. – 120 с.
10. Маҳмудов М. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М. Маҳмудов, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш, 1989. – 278 с.
11. Маҳмудов М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе, 2012. – 946 с.
12. Неменова Р.Л. Кулябские говоры таджикского языка / Р.Л. Неменова. – Сталинабад, 1956. – 167 с.
13. Неменова Р.Л. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ / Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1980. – 328 с.
14. Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка / А.З. Розенфельд – Л., 1971.
15. Таджики Каратегина и Дарваза. – Душанбе, 1970. – Вып.2. – 312 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – М.: Советская энсиклопедия, 1969. – 951 с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – М.: Советская энсиклопедия, 1969.– 951 с.
18. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – 996 с.
19. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М., 1972. – 327 с.
20. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М., 1983. – 335 с.
21. Шердилова С.Ф. Истилоҳоти мабут ба тӯйи арӯсӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорони ноҳияи Ишкошим (таҳқиқоти этнолингвистӣ) / С.Ф. Шердилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2019. - №2. - С.82-87.

ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ЭТНОГРАФИИ МАРБУТ БА ОРОИШОТИ ЗАНОН ДАР ШЕВАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи хусусиятҳои луғавию маъноии диалектизмҳои этнографии марбут ба ороишоти занон дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар он вобаста ба мавқеи корбурди калимаю истилоҳот дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ этнографизмҳо ба ду гурӯҳ: а) калимаҳои умумитоҷикӣ; б) диалектизмҳои этнографӣ тасниф карда шудаанд. Дар бахши аввал унсурҳои луғавии марбут ба ороишоти занон боз ба ду қисм – калимаҳои аслан тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосӣ тақсимбандӣ гардида, таҳқиқу тавзеҳ ёфтаанд. Дар бахши дуюм муаллиф ба нуқтаи назари муҳаққиқон Н.М. Шанский, Ғ. Ҷӯраев, Ш. Исмоилов, М. Бобомуродова ва дигарон такя намуда, доир ба диалектизмҳои этнографӣ дар гӯйишҳои шеваи ҷанубӣ ба таври муфассал маълумот додааст. Ӯ диалектизмҳои этнографиро аз лиҳози мавзуъ ва маъно ба 8 гурӯҳ: номи умумии асбобу анҷом ва ороишоти занон, ороишоти марбут ба ангушт ва баъзе қисмҳои даст, гӯш, гардан, сар ва пешонӣ, бинӣ, ороиши мӯй ва тоқию либос ҷудо кардааст. Муаллиф чунин мешуморад, ки масъалаи мазкур дар чунин шакл бори аввал мавриди омӯзиш қарор гирифта, таҳқиқи маводи фароҳамомадаи мақола аз он ҷиҳат мубрам аст, ки доир ба шарҳи мафҳуми ороишоти занон, вазифаю таъйинот, хусусиятҳои забонии этнографизмҳо дар робита ба солҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ эълон шудани солҳои 2019-2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Калидвожаҳо: диалектизм, этнографизм, калимаҳои умумитоҷикӣ, диалектизмҳои этнографӣ,, калимаҳои иқтибосӣ, лексикаи асбобу анҷоми ороиши занон.

ЭТНОГРАФИЧЕСКИЕ ДИАЛЕКТИЗМЫ ЖЕНСКИХ УКРАШЕНИЙ В ЮЖНОМ ГОВОРЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Данная статья посвящается лексико-семантическому исследованию этнографических диалектизмов женских украшений в южном говоре таджикского языка. Исходя из языковой функции, этнографизмы анализируются как один из слоёв лексики современного таджикского литературного языка и словарного состава южных говоров, и они классифицируются на две части: а) общетаджикские слова; б) этнографические диалектизмы. Общетаджикские слова также разделены на две подгруппы: 1) исконно таджикские слова; 2) заимствованные слова. Во второй части статьи автор, ссылаясь на мнения исследователей, таких как Н.М. Шанского, Г. Джураева, Ш. Исмаилова, М. Бобомуродовой и др., даёт

подробные сведения о разновидностях и назначении женских украшений в южном диалекте таджикского языка. По тематике и семантике этнографические диелектизмы разделены на 8 групп: общие названия женских украшений, названия украшений, которые используются для украшения различных частей тели: рук, ушей, шеи, головы и лба, носа, волос, головных уборов и женской одежды. Данная проблема актуальна тем, что в таком формате изучается впервые и исследование понятия женских украшений, их назначения и языковых особенностей своевременно, поскольку в Республике Таджикистан 2019-2021 годы объявлены годами развития народных ремесел.

Ключевые слова: диалектизмы, этнографизмы, общетаджикские слова, этнографические диалектизмы, заимствованные слова, лексика женских украшений.

ETHNOGRAPHIC DIALECTISMS OF WOMEN'S JEWELRY IN THE SOUTHERN TALENT OF THE TAJIK LANGUAGE

This article is devoted to the lexical-semantic study of the ethnographic dialectisms of women's jewelry in the southern dialect of the Tajik language. Based on the linguistic function, ethnographisms are analyzed as one of the layers of the vocabulary of the modern Tajik literary language and the vocabulary of southern dialects, and they are classified into two parts: a) general Tajik words; b) ethnographic dialectisms. General Tajik words are also divided into two subgroups: 1) native Tajik words; 2) borrowed words. In the second part of the article, the author, referring to the opinions of researchers such as N.M. Shansky, G. Juraev, Sh. Ismailov, M. Bobomurodova and others, gives detailed information about the varieties and purpose of women's jewelry in the southern dialect of the Tajik language. By themes and semantics, ethnographic dialectisms are divided into 8 groups: general names of women's jewelry, names of jewelry that are used to decorate various parts of the body: hands, ears, neck, head and forehead, nose, hair, headdresses and women's clothing. This problem is relevant because in this format it is studied for the first time and the study of the concept of women's jewelry, their purpose and linguistic features is timely, since in the Republic of Tajikistan 2019-2021 has been declared the years of development of folk crafts.

Key words: dialectisms, ethnographisms, common Tajik words, ethnographic dialectisms, borrowed words, vocabulary of women's jewelry.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуназарова Гулҷаҳон Абдумаҷидовна*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, унвончӯйи кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 121. Тел.: **(+992) 985-26-05-72**

Сведение об авторе: ***Абдуназарова Гулджахон Абдумаджидовна*** - Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, соискатель кафедры теории и практики языкознания. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 121. Тел.: **(+992) 985-26-05-72**

Information about the author: ***Abdunazarova Guljahon Abdumajidovna*** **-** Tajik State Pedagogical University named after S.Aini, applicant of the Department of Theory and Practice of Linguistics. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. Tel.: **(+992) 985-26-05-72**

УДК: 491.550

КАЛИМАСОЗИИ ПАСВАНДҲОИ -НОК ВА -МАНД ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Шаҳнозаи Турсунзода
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Калимасозӣ яке аз роҳҳои самараноки бойшавии таркиби луғавии забони адабии тоҷик маҳсуб меёбад. Маҳз бо роҳи калимасозӣ забони адабӣ аз ҳисоби калимаҳои гуногунмазмуну гуногунсохт бой гашта, талаботи маънавии соҳибзабононро қонеъ месозад.

Забоншиноси варзидаи тоҷик шодравон М.Н. Қосимова калимасозиро яке аз бахшҳои калони забон дониста, чунин қайд карданд: «Калимасозӣ аз бахшҳои калони забон ба ҳисоб меравад. Он яке аз роҳҳои ғанӣ ва бойшавии таркиби луғавии забон аст. Аз рӯйи нзарияи калимасозӣ онро ба навъҳои морфологӣ, сохторӣ-маъноӣ, синтаксисӣ, ономасиологӣ ва функсионалӣ-семантикӣ ҷудо мекунанд» [10, с.143].

Калимасозӣ таърихи куҳан дошта қариб ба ҳамаи забонҳои рӯйи олам хос аст. Дар олам забонеро вохӯрдан номумкин аст, ки аз ин роҳи бойшавии таркиби луғавии забон кор нагирифта бошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки забон бо ду роҳ такмил ёфта, захираи луғавиаш бою ғанӣ мегардад: 1. Бо роҳи гирифтани калимаҳои иқтибосӣ; 2. Бо роҳи калимасозӣ. Барои забони тоҷикӣ роҳи дуюм бисёр муфид буда, таркиби луғавии забон аз замонҳои қадим то имрӯз аз ин роҳи такмилёбии забони тоҷикӣ баҳравар шудааст.

Калимасозӣ ба ҳамаи ҳиссаҳои маънодори нутқ (исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф) оид буда, ҳар як ҳиссаи нутқ пешванду пасвандҳои (шаклсоз, калимасоз) ба худ хосро доро мебошад.

Пеш аз он ки дар бораи калимасозии сифат, миқдори пасвандҳои калимасози он ва махсусан нақши пасвандҳои **-нок** ва **-манд** дар асари арзишманду мондагор – «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ маълумот диҳем, мехоҳем дар хусуси сифат ҳамчун ҳиссаи мустақилмаънои нутқ мушаххас маълумот диҳем.

Сифат ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, аломат, хосият ва чигунагии предмет ва ё ба он аз ягон ҷиҳат алоқамандро ифода мекунад [7, с.182].

Дар китоби «Сарфу наҳву тоҷикӣ»-и Саидризо Ализодаи Самарқандӣ омадааст: «Сифат калимаест, ки ҳолат ва чигунагии касе ва чизеро фаҳмонад. Ҳамчун: марди **доно,** сухани **рост»** [13, с.40].

Ҷойи дигар доир ба хусусияти фарқкунандаи сифат аз дигар ҳиссаҳои нутқ чунин маълумоти муфидро овардааст: «Сифат бо мавсуфи худ бо афрод ва ҷамъ мутобиқат накунад, яъне мавсуф хоҳ муфрад бошад ва хоҳ ҷамъ, сифат ҳамеша муфрад ояд. Монанди: шогирди ҳушёр – шогирдони ҳушёр, шаҳри обод – шаҳрҳои обод» [13, с.41].

Забоншинос Камолов Х. доир ба сифат чунин менигорад: «Маълум аст, ки ҳар ашёву ҳодиса сифате, хусусияте дорад ва баҳри тасвиру тавсифи он истифодаи вожагони махсус зарур аст. Бо истифода аз исму феъл ва вожагони ёвар метавон маълумотеро интиқол дод, аммо корбасти сифат ифодаро пуробуранг, фасеҳ ва комил мегардонад. Агар исму феъл тарҳи бинои забон бошад, пас, сифат маводи ороиш барои ин биност» [8, с.188].

Дар калимасозии сифат чунин пасвандҳои калимасоз иштироки фаъол доранд: **-ур, -шан, -чӣ, -а, акӣ, (-якӣ), -ам, -ангӣ (янгӣ), -вар, -ваш, -гун, -ин, гин, -ӣ (-гӣ, -вӣ), -ик, -манд (-уманд), -нок, -она (-вона), -гона (-ёна), -олӣ, -о, - осо, -сор, -ук, -фом, -чак.**

Ҳар як пасванди номбурда вобаста ба вазифаҳои дастуриашон дар забони адабӣ мақом ва ҷойгоҳи махсуси худашонро доранд. Вобаста ба тақозои нутқ калимаҳои гуногунмаъно сохта, барои возеҳу равшан баён намудани фикр хизмат мекунанд.

Азбаски мо дар ин мақола доир ба хусусиятҳои дастурӣ ва калимасозии пасвандҳои калимасози **-нок** ва **-манд** сухан хоҳем кард, бинобар ин, дар ин мақола кӯшиш мекунем, ки мавқеи ин пасвандро дар асари беназири нависандаи мумтоз Садриддин Айнӣ – «Ёддоштҳо» баён намоем.

Намояндаи илму адаби асри XIII Шамси Қайси Розӣ дар асари пурқиматаш «Ал-муъҷам» доир ба вазифаҳои дастурии пасванди - **нок** чунин ибрози ақида кардааст: «Ва он нун»-у «алиф»-у «коф»-е аст, ки дар авохири асмо (исмҳо) маънии наът диҳад, чунон ки

«ғамнок»-у «саҳмнок» ва гӯянд: «ин ҷома барзнок аст» ва «хоке регнок аст». Ва дар қавофӣ «коф»-е миёни «коф»-и аслӣ ва «коф»-и аҷамӣ (камистеъмол) ҷамъ нашояд кард, чунон ки гӯянд: «фалак»-у «самак» ва он гоҳ гӯянд: «раг»-у «таг» ва «обнок»-у «хобнок» ба ҳам нашояд. Ва бузургнок бо «мушкнок» ба маънии мушки дағал шояд… [16, с.184].

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар «Чаҳор гулзор» дар қисмати гули панҷум таҳти унвони «Дар тафсили имола ва тарҳим ва қоидаи мутафариқот ва асмо ва ғайра» зери бахши «Қоидаҳои мутафарриқат ва баёни асмо» дар хусуси пасвандҳои калимасоз изҳори назар карда, дар мавриди пасванди калимасози - **нок** чунин ақидаи ҷолибро пешниҳод кардааст: «…ҳафтум - «нок» чун «ситамнок» ва «ҳавлнок» ва «ғамнок» ва «дарднок» ва ғайри он. Ба маънии ситамкунанда, ҳалкунанда ва ғамкунанда ва дардкунанда [15, с.54].

Муҳаммадҳусайни Бурҳон дар китоби «Бурҳони қотеъ» дар хусуси вазифаҳои дастурии пасванди **–нок** чунин навиштааст: «ва калимоте, ки фоидаи маънии иттисоф ба чизе диҳад, яъне «нок» аст, ҳамчу ғамнок ва хашмнок»… [12, с.31].

Морфемаи **-нок** дар «Ғиёс-ул-луғот» чунин маънидод карда шудааст: «Нок лафзест, ки барои иттисмофи масуфӣ ва сифате дар охири калимот оранд; ва ба маънии олуда ва оғушта (аз Бурҳон) ва дар «Мадор» «Рашидӣ» ба маънии худованд ва соҳиб омада» [1, с.333].

Дар китоби забони адабии ҳозираи тоҷик доир ба пасванди –нок чунин маълумот дода шудааст: «Суффикси -нок бо исмҳо омада, сифати исмие месозад, ки ба аломати асосии калима соҳиб буданро мефаҳмонад: **суханҳои ҳикматнок, дасти қудратнок, ҳикояҳои ғамнок, одами саводнок, эълони тантананок, одами шубҳанок, сабзаи намнок»** [7, с.194].

Дар «Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик» доир ба нақши калимасозии пасванди -нок ва бо дигар пасванду префиксоидҳо ҳамвазифа буданаш ишора шудааст. Чунончи: «Синонимикаи аффиксу аффиксоидҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст. … Префиксоид (ҷузи якуми калимаи мураккаб) бо суффикс: пур-, -нок (пуралам - аламнок), пур-гин (пурандуҳ - андуҳгин), пур-ин (пурнақш-нақшин)» [2, с.10].

Забоншиноси мумтоз Мирзоев Ғ. Дар «Китоби калимасозии пасвандӣ дар забони ҳозираи тоҷик» ҳангоми баррасии пасвандҳои аз ҷиҳати маъно наздик пасванди **«-нок»-** ро ҳамчун морфемаи ифодакунандаи маънои доро будан чунин изҳори назар кардааст: “-нок содержающий в себе (фоиданок - содержающий пользу, полезный, обнок - содержающий влагу, влажний)” [3, с.69].

Аз рӯйи мушоҳидаи мо дар асари безаволи устод Айнӣ – «Ёддоштҳо» бо пасванди -**нок** 18 вожа ба чашм расид: ***чорбоғнок, маданиятнок, саводнок, рӯйидаричанок, ҳақнок, хавфнок, фоиданок, зарарнок, гӯштимурғнок, офтобнок, даромаднок, шубҳанок, ҷанҷолнок, боғчанок, мошнок, шишанок, корнок, таҳлуканок.***

Аз калимаҳои зикршуда як гурӯҳашон, ба мисли***, маданиятнок, саводнок, хавфнок, фоиданок, зарарнок, офтобнок, даромаднок, шубҳанок, таҳлуканок*** дар забони адабии ҳозираи тоҷик роиҷ буда, дар осори шоирону нависандагон низ мустаъмал аст. Аммо калимаҳои **чорбоғнок, офтобнок, боғчанок, ҷанҷолнок, шишанок, мошнок** калимаҳоеанд, ки махсусан ба услуби фардии нависанда марбут мебошанд.

Чунончи:

Азбаски ин деҳа дар наздикии дарёи Зарафшон воқеъ шудааст ва аз байни деҳа ҳам ба номи Мазрангон як ҷӯйи калон мегузарад, сероб ва обод буда, бештарини ҳавлиҳояш рӯидаричадор, **чорбоғнок** ва пурмева аст [1, с.9]. Бинобар ин, дар он давру пеш аз он деҳа **маданиятноктар** ва серхату **саводноктар** ҷое набуд [1, с.10]. Ман дар ин коҳиш акаамро **ҳақнок** медонистам, лекин гарданам ёрӣ намедод, ки худро дар пеши ӯ гунаҳгор шуморам [1, с.27]. Дар рӯзҳои беабри **офтобнок**, дар соатҳои 12-и рӯз аз он ҷо ба замини ҳуҷра даҳони пиёла барин рӯшноӣ меафтод [1, с.155]. Боло заминеро ба даст дароварда, барои худ ҳавлии **рӯйидаричаноке** бино кардааст ва дар рӯидарича ниҳолҳои дарахти зардолу шинондааст, ки обро кам талаб мекунанд ва баъд аз тамом шудани бинокорӣ аҳли хонаводаи худро тамоман аз Соктаре кӯчонда ба ин ҷо овардааст [1, с.14]. Сайид Акбар дар охири суханаш бо як оҳанги мағруронае гуфт:

- Имшаб аз байни 143 дег ош, хушбахтона, оши мо қабул ёфт ва ин оши **гӯштимурғнок** аз ошхонаи подшоҳист [1, с.154].

Дар забони адабӣ калимаҳои зикршуда бо чунин шакл ба мушоҳида мерасанд: **гӯштимурғнок – бо гӯшти мурғ, корнок – кордор, боғчанок – боғчадор, чорбоғнок – дорои чорбоғ, офтобнок – офтобӣ, ҷанҷолнок – ҷанҷолӣ, шишанок – шишадор, мошнок – мошдор.**

Чунонки аз мисолҳои фавқуззикр бармеояд, нависандаи бориқбину дақиқназар Садриддин Айнӣ бо морфемаи **–нок** дар баробари корбурди калимаҳои дар забонамон бо пасванди **-нок** маъмулу маъруфбуда, ки ҳам хосси забони хаттӣ ва ҳам шифоҳист, боз вожаҳоеро ба кор бурдааст, ки ҳамчун дурдона ганҷинаи забони тоҷикиро ғанӣ гардондааст. Воқеан, ба ҳар воҳиди нутқ, калимаву таркиб, ибораву унсурҳои калимасози забон эҷодкорона муносибат намуда, барои боз ҳам қавӣ гаштани иқтидори луғавию сухангустарии забонамон мусоидат мекунад.

Ҷузъҳои асосии калимаҳои мазкур, чи тавре ки дар боло ишора намудем, ба исм тааллуқ доранд. Онҳоро аз рӯйи хелҳои исм чунин гурӯҳбандӣ кардан ба манфият аст:

1. Исмҳои моддӣ: **чорбоғнок**, **рӯйидаричанок, гӯштимурғнок, офтобнок, боғчанок, шишанок, мошнок.**

2. Исмҳои маънӣ: **маданиятнок, саводнок, ҳақнок, хавфнок, фоиданок, зарарнок, офтобнок, даромаднок, шубҳанок, ҷанҷолнок, корнок, таҳлуканок.**

Пасванди -**манд** низ дар забони тоҷикӣ ҳамчун морфемаи сермаҳсул шинохта шудааст. Дар забони адабии тоҷик бо морфемаи зикршуда чунин калимаҳоро метавон мушоҳида намуд: хирадманд, ҳушманд, донишманд, қудратманд, дардманд, ихлосманд, андешаманд, хиҷолатманд, шавқманд, завқманд, касалманд, ибратманд.

Пасванди -**манд** аз рӯйи маънои дастурӣ ва вазифаи калимасозиаш ба морфемаи -**нок** монандӣ дорад. Аз ин рӯ, метавон қазоват намуд, ки дар ҷараёни калимасозӣ дар бисёр маврид ин ду пасвандро метавон ба ҷойи якдигар истеъмол намуд. Чунончи: «қудратнок-қудратманд, хираднок-хирадманд».

Дар осори илмӣ ва адабӣ оид ба пасванди -**манд** олимону мутафаккирон суханҳои ҷолиб баён кардаанд.

Масалан, донишманд ва мутафаккири мумтози асри **XIII** Шамси Қайси Розӣ дар бораи вазифаҳои дастурии пасванди **–манд** чунин ибрози ақида кардааст: «Ва он «мим»-у «нун»-у «доле»-е аст, ки дар охири сифот (сифатҳо) ба маънии наът бошад, чунонки «донишманд»-у «ҳоҷатманд»-у «ҳунарманд»-у «дардманд»… [16, с.178].

Дар китоби «Чаҳор гулзор» низ муаллифи асар ҳангоми нишон додани вазифаҳои дастурии пасванди **«-манд»** чунин маълумотро қайд кардааст: «…чорум **-манд**» чун «давлатманд», «хирадманд» ба маънои дорандаи давлат ва дорандаи хирад»… [15, с.54].

Дар «Бурҳони қотеъ» морфемаи мазкур бо ҳамин вазифаи дастуриаш ёд шудааст: «Калимоте, ки ифодаи маънии худовандӣ ва соҳибӣ намоянд, яке **-манд** аст, ҳамчу **хирадманд** ва **донишманд**...» [11, с.30].

Дар китоби забони адабии ҳозираи тоҷик доир ба пасванди **–манд** чунин маълумотро вохӯрдан мумкин: Суффикси -**манд** аз исмҳо сифати аслие месозад, ки ба аломат ва хислате доро будани предметро мефаҳмонад: халқи зафарманд, одами адолатманд, ҷавонони саодатманд, одами давлатманд, меҳмони иззатманд [7, с.194].

Дар китоби Фитрат «Қоидаҳои забони тоҷик» доир ба ин пасванд чунин гуфта шудааст: «**-манд** – ин ҳам дар охири исмҳо омада сифати дорӣ месозад: **дардманд, арҷманд, ҳунарманд, ниёзманд, ҳоҷатманд**» [14, с.125].

Гулчеҳра Камолова дар рисолаи илмиаш “Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмаъ-ут-таворих» ” гуфтааст: «Суффикси **–манд** бо исм омада сифате месозад, ки он ба аломат ва хислате доро мебошад: Бикрхоҷа бисёр **донишманд** буд» [9, с.24].

Дар «Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик» дар баробари дигар пасвандҳои калимасози классикӣ дар хусуси пасванди **–манд** ба маънии доранда маълумот дода шудааст [6, с.146].

Ғ. Мирзоев дар китоби «Хӯшае чанд аз хирмани сухан» гунаи (вариант) дигари пасванди -**манд** – **умандро** дар калимаи **баруманд** ва **тануманд** дида баромада қайд кардаанд, ки бо пасванди -**уманд** дигар калимае дида намешавад [5, с.203].

Дар ҷилди якуми китоби «Таърихи забони адабии тоҷик» пофессор М. Н. Қосимова доир ба вазифаҳои дастурии морфемаи **–манд** чунин ибрози андеша кардаанд: «Пасванди -**манд** вазифаи зиёде дорад: а) исме месозад, ки хусусияти доро буданро мефаҳмонад

(**хирадманд**, **ёрманд**); б) исме месозад, ки макони фаровонии чизеро мефаҳмонад» [10, с.499].

Пасванди **-манд** сифат ва исм месозад: **хирад+манд=хирадманд**…

Аз ҳар ҷуфте **киштманд** як дирам ва як кофиз (зарфи ғаллаченкунӣ)- аз он ғаллаи замин…» (Таърихи Табарӣ) [10, с.157].

Ҷойи дигар М.Н. Қосимова пасванди **-манд**ро бо пасванди **–зор** ҳамвазифа дониста, чунин фикри наҷибу мисолҳои ҷолибро мисол овардааст: «Пасванди **-манд** бо пасванди **-зор** хусусияти ҳамвазифагӣ пайдо мекунад: **киштманд=киштзор**; **кандманд** маънои харобазорро дорад:

Вагарна шавад киштии мо кандманд
Аз Исфандиёр он яке бадписанд (Фирдавсӣ)» [10, с.157].

Дар забони адабии тоҷик калимаҳои киштманд ва кадманд роиҷ нест. Албатта, аз ин метавон хулоса намуд, ки вожаҳои мазкур хосси забони классикӣ, алалхусус, шеваи нигориши ҳаким Фирдавсист.

Чунонки аз мушоҳидаи сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, пасванди **–манд** низ сермаҳсул буда, дар ҳамаи манбаъҳои илмии номбурда бо як вазифаи дастурӣ ба таври густурда мавриди истифода қарор гирифтанаш возеҳ баён шудааст. Бо туфайли ин пасванд дар забони адабӣ калимаҳои зиёд сохта шудаанд, ки барои боигарии таркиби луғавии забонамон мусоидат мекунанд.

Аз рӯйи мушоҳидаи мо бо ин морфема дар «Ёддошҳо»-и устод С. Айнӣ калимаҳои зерин сохта шудаанд: **ҳунарманд**, **зӯрьанд**, **андешаманд**, **ихлосманд**, **фоидаманд**, **шавқманд**, **хиҷолатманд**. Дар асари номбурда вожаи **ҳунарманд** 16 маротиба, **донишманд** 14 маротиба, **ихлосманд**, **давлатманд**, **андешаманд** 3-маротибагӣ **зӯрманд** 2 маротиба, **хиҷолатманд**, **шавқманд**, **фоидаманд** 1-маротибагӣ истифода шудаанд.

Ҳамаи ин вожаҳои номбаршуда аз рӯйи мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ дар умум исми маъниянд. Решаҳои калимаҳои мазкур инҳоянд: **ҳунар, дониш, ихлос, давлат, андеша, хиҷолат, шавқ, фоида.**

Ин калимаҳо аз лиҳози маънои луғавӣ ифодакунандаи ҳиссиёти наҷиб ва олами зебои инсонӣ буда, бо туфайли ин мафҳумҳои муқаддас арзишҳои олии инсонӣ фаҳмида мешавад.

Мисолҳо: Ба бобоям ин таклиф мақбул афтодааст. Чунки ӯ бо вуҷуди **ҳунарманд** будан, дар Соктаре аз касби дуредгарии худ дуруст фоида бурда наметавонистааст, зеро дар он ҷо ҳатто аз хешовандони худаш ҳам якчанд нафар дуредгарони ҳунарманд будаанд [1, с.13]. Бобоям дар ин кор ҳам ҳунарманд буда, назар ба фикри ӯ, аз ин роҳ ҳам дар ин деҳа барои вай даромади иловагӣ пайдо мешуд, даромади имоматӣ бошад, бозёфти барзиёд [1, с.13]. - Шайх Саъдӣ ном як одами калони **донишманд** гузаштаанд ва он кас гуфтаанд, ки «дев бо одам наёмезад, матарс, - бал битарс аз одамони девсор» [1, с.58]. Бинобар ин, дев ба одам зарар расонида наметавонад ва аз ҳама чиз одам зӯр аст. Бо шунидани ин ҷавоби Мулло Қамари «**донишманд**» шӯрест, ки дар мадраса барпо шуд [1, с.259]. Он хӯрокворихоро зиёратчиён ва беморон, ки онҳо ҳам **ихлосманди** бузургвор ва ҳам муриди мутаваллӣ буданд, меоварданд [1, с.360]. Аммо деҳқонони назрбиёр ва ҳадядеҳ, ки **ихлосмандони** он даргоҳ мебошанд, ба сабаби одамони корнок буданашон дар он ҷо зиёда истода наметавонистаанд – бештарини онҳо назру ҳадяҳои худро супурда ва аз он «чоҳи шифо» чанд шиша ё чанд кӯза оби шӯр бардошта дар ҳамон рӯзи омадагиашон мерафтаанд [1, с.360]. Ин танбеҳи падарам барои ман як таълими бисёр **фоидаманд** шуд, ки дар ҳаётам таъсири калон кард ва маро бо диққаткорӣ тарбия намуд, фаромӯш накардани гапҳо, ҳодисаҳо, чизҳо ва одамҳоро ба ман ёд дод [1, с.150]. Албатта, ҷанобашон ба **давлатманд** будани домодшаванда муҳтоҷ нестанд [1, с.389]. Пирак як сукути **андешамандона** карда боз ба гап даромад:

– Гапҳои русӣ навишта гирифтани маро мабодо ба касе нагӯй. Муллоҳо ганда, агар шунаванд, одамро хафа мекунанд.

Вақте ки акаам гапашро тамом кард, ӯ бо ҳамон вазъияти **андешамандона** гап сар кард: «амир, ки дор дорад, манор дорад, маро аз ин роҳам гардонда натавонист [1, с.240].

Хулоса, пасвандҳои **-нок** ва **-манд,** чунонки мушоҳида намудем, чи дар асарҳои илмӣ ва чи дар осори бадеӣ ба таври васеъ истифода шудаанд. Устоди каломи бадеъ С. Айнӣ аз тамоми имконоти вазифаҳои дастурии пасвандҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта

истифода намуда, бо ҳунару салиқаи суханофариаш калимаҳои нодиру мондагор офаридааст.

Муқарриз: ***Амлоев А.Я.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДСРТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик / С.Айнӣ. – Душанбе, 2009. – 404 с.
2. Бобомуродов Ш. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии ҳозираи тоҷик. Дастури таълимӣ / Ш.Бобомуродов, А.Муминов. – Душанбе, 1983. – 120 с.
3. Г. Мирзоев. Суффиксальное словообразование в современном таджикском языке / Мирзоев Г. – Душанбе: Дониш, 2018. – 184 с.
4. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон / Р.Ғаффоров. – Душанбе, 1977. – 270 с.
5. Ғоиб Мирзоев. Хӯшае чанд аз хирмани сухан / Мирзоев Ғоиб. – Душанбе: Промэкспо, 2018. – 244 с.
6. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. (Фароҳамоварандагон Д. Хоҷаев, Н.Ф. Қурбонов, О.М. Додаров). – Душанбе, 2017. – 320 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Қ.1. – Душанбе, 1973. – 452 с.
8. Камолов Х.М. Мавқеъ ва корбурди сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Х.М. Камолов // Забон – рукни тоат. – Душанбе, 2017. - № 9. - С.188-197.
9. Камолова Г. Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмуъ-ут-таворих» / Г. Камолова. – Душанбе, 1974. – 92 с.
10. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.
11. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2. – Душанбе, 1988. – 416 с.
12. Муҳаммадҳусейни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. – Душанбе, 1993. – 416 с.
13. Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. Сарфу наҳви тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 188 с.
14. Фитрат. Қоидаҳои забони тоҷик. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг. – 2010. – 188 с.
15. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе, 1998. – 116 с.
16. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам. – Душанбе, 1991. – 232 с.

КАЛИМАСОЗИИ ПАСВАНДҲОИ -НОК ВА -МАНД ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Мақола ба омӯзиш ва таҳқиқи нақши калимасозии пасвандҳои калимасози **–нок** ва **–манд** бахшида шудааст. Мавзуе, ки дар мақола баррасӣ шудааст, аз нигоҳи илмӣ актуалӣ буда, то имрӯз мавриди таҳқиқи алоҳида сурат нагирифтааст. Муаллиф дар мақола пеш аз нишон додани доираи истеъмоли пасвандҳои **–нок** ва **–манд** сараввал бо истифодаи сарчашмаҳои илмиву адабии асрҳои гузашта, ба мисли «Ал-муъҷам»-и Ш.Қ. Розӣ ва «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, инчунин луғатҳои муътабар – «Бурҳони қотеъ» ва «Ғиёс-ул-луғат» сайри таърихӣ намуда, вазифаҳои дастурии морфемаҳои мазкурро бо овардани далелҳои арзишманд баён кардааст. Дар баробари ин, мақоми пасвандҳоро дар осори илмии олимону донишмандони замони муосир дида баромада, ҷойгоҳи пасвандҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаро дар замони муосир аз диди муҳаққиқон баррасӣ кардаанд. Азбаски мавзуи асосии мақоларо омӯзиш ва баррасии пасвандҳои **–нок** ва **–манд** ташкил мекунад, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқи моҳияти асосии масъала мақоми пасвандҳои мазкурро дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ нишон додааст. Дар баробари таҳлили маводҳои адабӣ доир ба истифодаи ҳар як пасванд (манзур пасвандҳои **«-нок»** ва **«-манд»)** маълумоти оморӣ додааст. Баъд аз баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳимми баррасишаванда муаллиф дар хулоса нақши устод Айниро дар офаридани калимаҳои нави бо ин пасвандҳо сохташуда (гӯштимурғнок, офтобнок, мошнок, рӯйидаричанок ва монанди инҳо), ки бевосита ба услуби фардии нависанда хос аст, нишон додааст.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, пасванд, ташаккул, забоншиносӣ, забоншинос, луғат, сарф, наҳв, забони тоҷикӣ.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ СУФФИКСОВ –НОК И –МАНД В “ВОСПОМИНАНИЯХ” С. АЙНИ

Статья посвящается исследованию роли словообразования суффиксов **–нок** и **–манд**. Тема научной статьи является актуальной и на сегодняшний день по данной теме подобных работ не встречается. В статье, прежде чем показать круг исследования суффиксов **–нок** и **–манд** сначала с помощью научных и художественных источников прадшедших веков, таких как “Ал-муъджам” Ш.К. Рози и “Чахор гулзор” Х.Х. Нисори и драгоценных словарей “Бурхони котеъ” и “Гиёс-ул-лугот”, дана историческая информация, затем показана грамматическая функция вышеуказанной морфемы, а также приводятся многочисленные примеры. Вместе с тем автор статьи рассматривает место суффиксов –нок и –манд в научных произведениях современных учёных и показывает роль рассматриваемых суффиксов с точки зрения этих исследователей. Учитывая тот факт, что тема исследования посвящена изучению суффиксов **–нок** и **–манд**, автор в процессес изучения темы даёт информацию о роли вышеуказанных суффиксов в “Воспоминаниях” С. Айни. Вместе с анализом художественных материалов по использованию каждого суффикса в статье приводятся статистические данные. После изучения и решения важных проблем автор в конце указывает вклад С. Айни в создание новых слов с употреблением суффиксов **–нок** и **–манд,** что непосредственно отображает самобытность и неповторимость стиля таджикского писателя.

Ключевые слова: словообразование, суффикс, формирование, лингвистика, языковед, лексика, морфология, синтаксис, таджикский язык.

WORD FORMATION OF THE SUFFIXES -NOK AND -MAND IN "MEMORY" OF S. AINI

The article is devoted to the study of the role of word formation of suffixes -nok and -mand. The topic of the scientific article is relevant and today there are no similar works on this topic. In the stats, before showing the circle of the study of the suffixes -nok and -mand, first with the help of scientific and artistic sources of the past centuries, such as “Al-mujam” by Sh.K. Rozi and “Chakhor gulzor” by H.H. Nisori and precious dictionaries “Burkhoni kote” and “Giyos-ul-lugot” historical information is given, the grammatical function of the above morpheme is shown, and numerous examples are given. At the same time, the author of the article considers the place of the suffixes -nok and -mand in the scientific works of modern scientists and shows the role of the suffixes under consideration from the point of view of these researchers. Taking into account the fact that the research topic is devoted to the study of suffixes -nok and -mand, the author, in the process of studying the topic, provides information about the role of the above suffixes in S. Aini's "Memoirs". In place of the analysis of artistic materials on the use of each suffix, the article provides statistical data. After studying and solving important problems of study, the author at the end indicates the contribution of S. Ayni to the creation of new words with the use of the suffix -nok and -mand, which unhappily reflects the originality and originality of the style of the Tajik writer.

Key words: word formation, suffix, formation, linguistics, linguist, vocabulary, morphology, syntax, Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шаҳнозаи Турсунзода*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷик ва журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров, 16. Тел.: **(+992) 985-23-57-57**

Сведения об авторе: ***Шахнозаи Турсунзода*** **–** Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, соискатель кафедры таджикского языка факультета таджикской филологии и журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров 16. Тел.: **(+992) 985-23-57-57**

Information about the author: ***Shahnoza Tursunzoda*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Applicant of the Department of the Tajik Language, Faculty of Tajik Philology and Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Kulyab, Str., S. Safarov 16. Tel.: **(+992) 985-23-57-57**

УДК: 491.550:42

АСОСҲОИ НАЗАРИИ ОМӮЗИШИ ПЕШОЯНДҲОИ АСЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Қосимов М.С.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Пешояндҳо калимаҳои ёридиҳандаи нутқ мебошанд. Онҳо бо исму ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои исмшудаи нутқ омада, муносибатҳои синтаксисии онҳоро бо дигар калимаҳои исмшуда дар ҷумлаҳо нишон медиҳанд [5, с.128].

Пешояндҳо дар ҷумлаҳо ва ибораҳо муносибатҳои гуногун, вақту замон, сабаб, мақсад, восита, тарзи амал, монандӣ ва ғайраро ифода менамоянд.

Пешояндҳо аслан робитаи байни аъзоҳои ҷумла, инчунин барои аниқ намудани вазифаҳои синтаксисии феълҳо ва дигар ҳиссаҳои номии нутқ хизмат мекунанд.

Ҳар як ҳиссаи нутқ маънои грамматикии ҷудогона дорад. Ин гуна маъноҳои грамматикӣ бо ёрии воситаҳои грамматикӣ ифода меёбанд. Воситаҳои грамматикӣ дар забонҳои дунё гуногун мешаванд. Дар баробари ин ҳамаи онҳо як хел ба кор бурда намешаванд. Аксари воситаҳои грамматикӣ хусусияти хос, тафовут ва умумиятҳоро дар муқоиса бо забонҳои дигар зоҳир менамоянд [5, с.130].

Масъалаи семантикаи пешояндҳо дар забоншиносӣ яке аз мавзуъҳои ҳамеша актуалӣ маҳсуб меёбад. Муносибатҳои гуногуни онҳо дар таркиби ибораҳову ҷумлаҳо хусусиятҳои гуногунро касб менамоянд.

Дар забоншиносии тоҷик пешояндҳо, махсусан пешояндҳои аслӣ мавриди таҳқиқоти гуногун қарор гирифтаанд. Дар самти омӯзиши муқоисавии онҳо низ баъзе корҳо ба сомон расонида шудаанд.

Омӯзиши адабиёти илмӣ аввалин маълумотро оид ба пешояндҳо асосан дар китобҳои дарсӣ, адабиётҳои таълимӣ ба таври бояду шояд пешниҳод намудаанд. Таснифоти пешояндҳо дар адабиёти гуногун ба гунаҳои мухталиф пешниҳод шуда буданд. Масалан, дар корҳои К. Залеман ва В. Жуковский, «Грамматикаи мухтасари забони форсии нав» тавсифи пешояндҳо, шарҳи маъно ва тақсимоти онҳо ба ду гурӯҳи асосӣ оварда шудаанд. Дар грамматикаи И.Н. Березин (1853) маълумоти васеъ дар бораи пешояндҳо бо истифодаи маълумот аз грамматикаи шарқ ҷой дода шудааст.

Оид ба пешояндҳо дар забони тоҷикӣ дар асари Л. Жирков, «Забони форсӣ, грамматикаи элементарӣ», мувофиқати пешояндҳои форсӣ дар омехтагӣ бо пешояндҳои забони русӣ дода шудааст.

Дар китоби дарсӣ оид ба морфологияи забони тоҷикӣ, ки ба қалами Б. Ниёзмуҳаммедов ва Л. Бузургзода (1941) тааллуқ дорад, дар бахши пешояндҳо чунин омадааст: «Функсияи пешояндҳо хеле мураккаб аст, аксарияти онҳо истифода мешаванд ва якдигарро иваз мекунанд» [Б. Ниёзмухаммедов ва Л.Бузургзода, 1949, с.60].

Бояд зикр намоем, ки ин пешниҳод дар таҳқиқоти минбаъда вусъат наёфтааст. Китоби дарсӣ танҳо маъноҳои асосии пешоядҳои ***ба, дар, андар, бар***, ***бо, барои, аз, то***-ро нишон медиҳ***ад.***

Дар китоби дарсии Б. Ниёзмуҳаммедов, Ш. Ниёзӣ ва Л. Бузургзода баъзе қайдҳо оварда шудаанд, аз он ҷумла, ба, аз, бо, дар, то, барои ва ғайраҳо [Б. Ниёзмухаммедов, Ш. Ниёзӣ ва Л.Бузургзода, 1949, С.106].

Бори аввал тавсифи амиқи пешояндҳо ва таркиби морфологии онҳо дар «Китоби дарсии забони тоҷикӣ барои калонсолон» - и С. Д. Арзуманов ба пуррагӣ мавриди пешниҳод қарор гирифтаанд. Муаллиф пешгуфторро аз рӯйи арзиш ба шаш гурӯҳи асосӣ тақсим мекунад: маҳаллӣ, ифодакунандаи муносибатҳои фазоӣ ва замонавӣ, роҳнамоӣ, ибтидоӣ, инструменталӣ ва уҳдадорӣ. Тибқи таркиби морфологӣ, пешояндҳо дар китоби дарсӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд .

Таснифи муносибатҳои гуногуни пешояндҳо хеле зиёданд. Онҳо хусусиятҳои гуногун дошта, метавонанд ҷанбаҳои гуногуни семантикиро ифода кунанд. Вобаста ба ин, забоншинос С.Д. Арзуманов андешаронӣ намуда, паҳлуҳои мухталифи онро таҳлил ва пешниҳод намудааст [С. Д.Арзуманов, 1951, с. 233-235].

Забоншинос С.Д. Арзуманов аввалин шуда таснифоти муфассали пешояндҳои забони тоҷикиро пешниҳод кард. Дар забоншиносӣ ин пешниҳод ҳамчун кӯшиши аввалини тавсифи пурраи пешояндҳо эътироф шудааст.

Тавсифи бештари пешояндҳо дар «Очеркҳо дар бораи диалектологияи тоҷик»-и В.С. Расторгуева [1952] оварда шудааст. Муаллиф дар маводҳои лаҳҷаҳои тавсифшуда системаи пешгузаштҳои ҳарду (асосӣ) ва дуюмдараҷаро шарҳ медиҳад, маъно ва хусусиятҳои функсионалии онҳоро таҳлил мекунад.

В.С. Расторгуева, ки пешгузаштҳои дувумро тавсиф мекунад, мундариҷа ва мавқеи онҳоро дар системаи воситаҳои ифодакунандаи номҳои забони тоҷикӣ ба таври возеҳ муайян кардааст.

Пешояндҳои забони тоҷикӣ, хусусан дар нимаи дуюми асри XX мавриди таҳқиқи дақиқ қарор дода шудааст. Дар ибтидои солҳои 50-ум аз ҷониби Р.Л. Неменова хусусиятҳои асосии пешояндҳо дар забони тоҷикӣ муқаррар карда шуда, категорияҳои морфологӣ, хусусиятҳои семантикӣ ва вазифаҳои грамматикии онҳо мушаххас шудаанд.

Пешояндҳои забони тоҷикӣ аз нуқтаи назари ташаккули вазифаҳои синтаксисӣ қисмҳои муҳимми нутқ дар асарҳои Н.Бозидов [1960], М.Ф. Исматуллаев [1971] ва дигарон баррасӣ карда шудаанд.

Дар асарҳои илмии М.Собиров [1979] семантикаи пешояндҳои ибтидоӣ дар забони тоҷикӣ таҳлилу тавсиф карда мешавад. Муаллифи асар тафсири маъно ва вазифаҳои пешояндҳои ибтидоиро дар луғатҳои забони тоҷикӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст.

Маҷмуи пешояндҳои забони тоҷикӣ ба таври махсус дар асарҳои И.И. Неменева, Т.Н. Смирнова, Э.С. Улуғзода, М.Б. Ҳусейнова оварда шудаанд.

Масъалаи таснифи семантикии пешояндҳо дар забони англисӣ дар як мақолаи махсуси О.С. Ахманова ба масъалаи хусусияти умумидоштаи пешояндҳои забони англисӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур пешояндҳои забони англисӣ аз нуқтаи назари пайдоиш, таркиби морфологӣ, маъно ва хосиятҳо, муносибатҳои грамматикӣ баррасӣ мешаванд. Дар ин баробар корҳои донишмандони хориҷӣ Н.В. Коссек [1966], Елисеева А.Г. [1960], ки хосиятҳои гуногуни пешояндҳои забони англисиро муайян кардаанд, хеле назаррасанд. Забоншиносони дигар ба монанди Е.А. Рейман [1982], Т.В. Барамикова [1990], А.А. Гонсалес [1991], Р.Р. Литвинов [2004] ва дигарон ҷанбаҳои функсионалӣ - семантикии пешояндҳоро баррасӣ намудаанд.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқотҳои муқоисавӣ ҳамеша боис бар он мегарданд, ки ҷанбаҳои гуногуни ифодаҳои маъноӣ возеҳ шаванд. Дар ин раванд, таҳқиқоти забоншиносон А. Камолова [1971], А. Бурҳонова [2005], М.К.Мирзоҷонова [2011] хусусиятҳои зикршударо доранд ва дар онҳо таваҷҷуҳ ба семантикаи пешояндҳо равона гардидааст.

Таҳқиқи адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ пажӯҳишҳои олимони зерин, ба монанди М.В. Всеволодов [1975], Э.Н. Корбин [1984], Кубряков [1974], Т.И.Дешерев [1975], Е.В. Падучев [1988], Яковлев Е.С. [1988] , K.J. Lindkvist [1976] ва дигарон дар омӯзиши семантикаи пешояндҳо назаррасанд.

Мусаллам аст, ки омӯзиши муқоисавии пешояндҳо дар заминаи маводи забонҳои гуногун аҳамияти бузург дорад, зеро он ба мукаммал шудани ифодаҳои гуногуни забонҳои дигар замина мегузорад.

Омӯзиши пешояндҳо ба таври мухталиф ба роҳ монда шудаанд, аз он ҷумла, як гурӯҳ забоншиносон ба усулҳои шифоҳии ифодаҳои маъноии пешояндҳо таваҷҷуҳ намудаанд, ба монанди забоншиносон Д.Ф. Белоусов [1983], Т.В. Булыгин [1989], Н.А. Резник [1988] ва дигарон, ки тавонистаанд дар раванди таҳқиқи ифодаҳои шифоҳии намудҳои гуногуни пешояндҳо саҳмгузор бошанд.

Аксари муҳаққиқон андешаҳои хосси худро доранд, ки то дараҷае барои мушаххас намудани хусусияти ифодаҳои маъноӣ кумак мерасонанд. Аз он ҷумла, ҳамин гуна андешаҳои назаррасро дар асарҳои забоншиносон О.Ҷесперсон [1958], Ш.Баллӣ [1955], И.В. Арнолд [1966], И. В. Волянская [1973], Т.В. Виноградов [1982] ва дигарон дидан мумкин аст.

Пешояндҳо дар забони тоҷикӣ аз нуқтаи назари пайдоиш ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: ба гурӯҳи аввал пешояндҳои аслӣ дохил мешаванд, ки пайдоиши онҳо ба

давраи қадими инкишофи забон тааллуқ дорад; ба гурӯҳи дуюм пешояндҳои номӣ, ки дертар ба вуҷуд омада, дар марҳилаҳои гуногуни такомули забон ва дар айни ҳол васеъ паҳн шудаанд [5, с.148].

Дар забони англисӣ мавзуи пешояндҳо дар корҳои донишмандони хориҷӣ **W.S. Allen [1960], H. Harrison [1963],** Э.А. Рейман [1982], ки сари ин масъала корҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ ба сомон расонидаанд, хеле назаррасанд.

Дар ин баробар, дар забоншиносии муқоисавӣ рисолаҳои У.А. Гадибаева [2007] , Б.Д. Садирова [2014] ба таҳлили муносибатҳои гуногуни пешояндҳо дар забонҳои гуногунсохт бахшида шудаанд, ки метавонанд, ҳамчун заминаҳои асосии таҳлили муқоисавии пешояндҳо минбаъд низ хизмат намоянд.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи забони англисӣ аз забони тоҷикӣ дар мавзуи пешояндҳо аз он иборат аст, ки пешояндҳои забони англисӣ ҳангоми ифода ба забони тоҷикӣ на ҳамеша бо як маънои мушаххас меоянд ва ҳамон гуна тарҷума мешаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми ифода ба ин ва ё он забон нофаҳмӣ ва мушкилиҳоро мушоҳида кардан мумкин аст.

Аслан тавре ки дар боло шарҳ додем, вазифаи асосии пешояндҳо муайян кардани алоқа миёни предметҳо, аломатҳо ва равандҳо мебошад. Нақши онҳо дар калимасозӣ низ ниҳоят муҳим аст ва дар таркиби ифодаҳои гуногун хусусиятҳои фарқкунандаро зоҳир намуда, дар тарҷума низ ба забонҳои дигар ҳолатҳои фарқкунандаро нишон медиҳанд: **at** home (**дар** хона), **at** the cinema (**дар** кинотеатр), **on** the wall (**дар** девор), **under** the wall (**дар** зери девор), **in** the wall (**дар** дохили девор) ва ғайра [9, с.23].

Пешояндҳо дар забони англисӣ асосан аз зарфҳо, исм, аҳён-аҳён аз сифатҳо ва ё сифати феълӣ ташкил ёфтаанд, ки мутаносибан ба 1) пешояндҳои зарфӣ *(adverbial)*, 2) исмӣ (*nounal*), 3) феълӣ ва ё аз сифати феълӣ ба вуҷудомада (*verbial or participial)* тақсим мешаванд.

Пешояндҳои зарфӣ дар навбати худ метавонанд ба гурӯҳҳои пешояндҳои сода ва ё аслӣ *(simple or primary),* ки дар гузаштаи дур аз зарфҳои макон **(in, on, for**, ва ғайра) ба вуҷуд омадаанд ва мураккаб (*compound*) ки аз ду ва ё зиёда зарфҳо ва ё худ пешояндҳо ба вуҷуд омадаанд, тақсим карда шаванд [1, с.210].

Дар забоншиносӣ истифодаи пешояндҳо дар таркибҳои гуногун зиёд мавриди истифода қарор мегиранд. Ин амал дар таркиби ибораҳои забони англисӣ бештар омадааст ва хусусияти хос дорад. Аксари пешояндҳо дар ин ҳолат дар забони англисӣ метавонанд, ки алоқаҳои маъноии аввалаашонро ҳифз намоянд. Масалан: **at home** (дар хона), **at first** (аз аввал), **on foot** (пиёда), **by no means** (ба ҳеҷ ваҷҳ) [7, с.24].

Пешояндҳои аслӣ дар баробараи калимаҳои решагӣ – феъл ва исм ба қатори ҷузъиёти устувори забон, ки ҳанӯз дар давраи қадим ба миён омадаанд, тааллуқ доранд. Аз нуқтаи назари Б.Н. Арсененко ба гурӯҳи пешояндҳои сода ё худ аслӣ наметавон ҳамаи пешояндҳоро ворид намуд, ки шумораи онҳо дар забони англисӣ хеле зиёд аст. Ба ин гурӯҳ номбурда пешояндҳои зеринро шомил месозад: **at, by, for, from, in, of, off, on, through, to,** ки онҳоро ба гурӯҳи пешояндҳои аслии забони тоҷикӣ муқоиса кардан мумкин аст.

Ба ин даҳ пешоянди аслии забони англисӣ як қатор пешояндҳои дигари сохта бо суффикси **er** ва **wards (after, over, under, towards, with)** илова мешаванд, ки аз ҳама муҳимтарин ва серистеъмолтарин пешояндҳои забони англисӣ ба шумор мераванд [1, с.220].

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи пешояндҳои забони англисӣ аз он иборат аст, ки онҳо вобаста аз ҳолат дар ифодаҳои гуногун меоянд. Дар забони англисӣ пайдоиши пешояндҳо аз зарф, исм, сифатҳо ва ё сифати феълӣ метавонанд сарчашма гиранд ва ба ин восита пешояндҳои зарфӣ, исмӣ, феълӣ ва ё пешояндҳо аз сифати феълӣ ба вуҷуд омада бошанд.

Сарчашмаҳои илмӣ пайдоиши пешояндҳои аслиро ба пешояндҳои зарфӣ буданашон нисбат медиҳанд ва гурӯҳи пешояндҳои мураккабро *(дар забони англисӣ гурӯҳи пешояндҳои мураккаб вуҷуд дорад, ки аз ду ва ё зиёда зарфҳо ва ё худ пешояндҳо ба вуҷуд омадаанд*) зикр менамоянд: **within, out of, upon, into, throughout, alongside**,**outside**, **wherewith** ва ғайра [9, с.54].

Дар ин баробар, метавон як қатор пешояндҳои дигареро пешниҳод намуд, ки аслан пешояндҳои сохтаро ташкил медиҳанд, ки тавассути пасвандҳо ба миён меоянд: масалан,

бо пасванди **er** ва **wards (after, over, under, towards, with) after, over, under, towards, with, backward(s), forward, upward(s), downward(s) homeward** ва ғайраҳо [9, с.31].

Мароми инкишофи грамматикии забони адабии тоҷик ва майли он ба сареҳ ва мушаххас ифода намудани муносибати маъноии калимаҳо миқдори зиёди пешояндҳои таркибиро ба вуҷуд овардааст. Торафт равшантар зоҳир гардидани тарҳи услубиёт дар забони адабии тоҷик ва амиқтар гардидани тафовути луғавию грамматикии услубҳои ҷорӣ низ ба интишори системаи пешояндҳо таъсир мерасонад. Бо сохтану кор фармудани пешояндҳои таркибии тоза ё дар гуфтору навишт пайдо шудани пешояндҳои нав ва тадриҷан роиҷ гардидани онҳо дар забони мардум муносибати забонҳои хешу бегона ҳам бе таъсир наемонад. Бинобар ин, дар атрофи пешояндҳои **оид ба, оиди, доир ба, нисбати, роҷеъ ба, ба тавассути, таввассути, алайҳи, тибқи, пиромуни, бидуни, ба василаи, василаи, аз нигоҳи, аз диди** ва ғайра мулоҳизаҳои мухталиф ба миён омадаанд [5, с.22]: - *Азбаски сари рӯди Шофирком соз шуда, аз дарёи Зарафшон нисбат ба пештарааш зиёдтар об мегирифтагӣ шуда буд, деҳқонон бо меҳнати худ ва* ***аз ғайри роҳбарии*** *ҳукумати амир рӯди куҳнаи Шофиркомро ҳам аз рег тоза карда, дар вай ҳам аз рӯди нав об гирифтанд ва қисми калони заминҳои корамро ба кор даровардаанд ва* ***ба ин восита*** *деҳқононе ҳам, ки пас аз регпахшкунӣ ба тарафҳои ҷануб кӯчида рафта буданд, баргашта ба ҷоҳои аслии худашон омада ба киштукор даромаданд [14, с.57]. - Even though the head of the new Shofircome watercourse was supposed to draw more water from the Zarafshon river than its predessesor, the farmers by their own efforts and* ***without any guidience (аз ғайри роҳбарии)*** *from the emirs government cleared the bed of the old Shofircom of sand too and delivered water into it from the new chanel…* ***By this means (ба ин восита)****, even those peasqants who had left after the sand deluge and migrated south were enabled to returnto their original lands and work them again [15, с.97].*

Дар мисоли асарҳои бадеӣ, дар таркиби матнҳои гуногун, ки бевосита тарҷума шудаанд, ба андешаҳои зикркардаи донишманди тоҷик Б.Камолиддинов, дар бораи таъсири бевоситаи пешоянд ва таркибҳои номбурда, ки васеъ истифода мешаванд, албатта, наметавон бетараф буд, зеро онҳо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам англисӣ хусусиятҳои хос ва то дараҷае умумиятҳо доранд, ки бевосита дар муқоисаи сохтори грамматикии забонҳои муқоисашаванда бетаъсир нестанд. Аслан, ин гуна таркиббандиҳо ва пешояндшавиҳо дар доираи ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба миён меоянд, яъне ҳар яке аз онҳо бо кадом як ҳиссаи нутқ омаданашон аниқ мебошанд.

Дар баробари ин, донишманди тоҷик Б. Камолиддинов чунин мешуморад, ки: «пешояндҳо дар ифодаи муносибатҳои маъноии калимаҳо, дар ибора, дар ифодаи фикр вазифаи муҳимро иҷро мекунанд. Серистеъмол будани пешояндҳои аслии забон ба монанди *аз, ба, бо, дар, барои* дар аксар маврид таваҷҷуҳи забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст, зеро онҳо дар ифода намудани чандин маъно корбаст шуда метавонанд" [6, с.12].

Дар забони англисӣ хусусиятҳои зикршудаи пешояндҳоро дар аксар маврид бо пешояндҳои аслии забон дучор шудан мумкин аст. Ба ин гурӯҳ, ки на танҳо дар доираи таркибҳои гуногун меоянд, балки дар ташкил ва созмон додани воҳидҳои гуногуни фразеологӣ, ибораҳои феълӣ ва ғайраҳо корбаст мегарданд, хусусияти ҷудонопазирӣ доранд. Масалан, гурӯҳи пешояндҳои **over, up, for, from, by, at, to** ва ғайраҳо, ки дар ташкили таркибҳои гуногуни забони англисӣ муҳимманд. Дар тақвияти андешаҳо намунаҳоеро аз матни асари бадеӣ меоварем: - *Акат ҳеҷ ҷой намеравад, ӯ дарсҳои якҳафтагиашро такрор карда аз ёд накардааст.* ***То*** *ҳамон дарсҳояшро ёд карда* ***аз пеши ман*** *нагузаронад, ман ӯро на ба тамошо ва на ба бозӣ - ба ҳеҷ ҷо рухсат намедиҳам [14, с.20]. - Your big brother isn't going anywhere. He still hasn't learned his school lessons for the past week.* ***Until*** *he has them* ***by heart*** *and has repeated them to me, I am not* ***letting*** *him* ***out*** *to play or* ***go for a walk*** *anywhere [15, с.50].*

Пешояндҳо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ хусусиятҳои гуногунро зоҳир менамоянд. Дар ин раванд истифодаи пешояндҳои *оид ба, роҷеъ ба, дар ин бора, тавассути, ба василаи, қатъи назар, назар ба* ва ғайраҳо, ки болотар таваҷҷуҳ намудем, ба назар мерасанд, ки дар ифодаи маъноҳои мухталиф омада, дар якчанд ҳолат дар забони тоҷикӣ муродифоти худро низ пайдо намудаанд, масалан - ***Дар ин бора*** *ягона ёрирасони ман падарам буд, падарам* ***дар ин хусус*** *ба суолҳои ман пурра ва фаҳмонда ҷавоб медод [14, с.69]. - I wanted to*

understand fully all the verses I had memorized or heard. My one help in this was my father, who answered all my questions ***fully and intelligibly*** *[15, с.112].*

-Бари ин ҳавлӣ аз ғарб башарқ ***тахминан*** *150 метр буда, дарозиаш аз ҷануб ба шарқ тахминан дусад метр меомад. Ин масоҳа ба чор қисм тақсим ёфта, қисми якум, ки ба даромади дарвоза рост меомад, аз они мо буда, се қисми дигараш, ки дар тарафи шарқи мо буд, ба амак ва амакбачаҳои падарам тааллуқ дошт [14, с.27]. - The whole property was about one hundred and fifty yards from east to west,* ***by about*** *two hundred yards long. The part that was directly in front of the entrance gate was ours [15, с.58].*

Дар намунаи матни мазкур агарчанде дар тарҷумаи англисӣ муродифият дида намешавад, аммо дар забони тоҷикӣ ҳамин гуна ифодаҳо хусусияти наздикии маъноиро тез-тез зоҳир менамоянд: ***дар ин бора- дар ин хусус ва ғайра*** Дар тарҷумаи забони англисӣ ин амал ба мушоҳида намерасад, зеро мутарҷим зимни истифодаи усулҳои гуногуни тарҷума аз усулҳои тарҷумаи таҳтуллафз дурӣ ҷустааст.

Дар баробари ин, истифодаи пешояндҳои *ранги, мисли, ба ҷуз, дар сурати, қабл аз, доир ба* ва ғайраҳо дар аксар маврид дар ҳолатҳои гуногун корбаст гардидаанд. Онҳо аслан бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ меоянд.

Дар маҷмуъ, хусусиятҳои ифодаҳои маъноии пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гуногунанд. Дар ин замина, хусусиятҳои хос ва тафовуту умумиятҳо, ки асоси таҳқиқоти муқоисавиро ташкил медиҳанд, барои такомул ёфтани забонҳо мусоидат менамоянд.

Муқарриз: ***Туйғунов Н.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДДМИТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Арсененко. Б.Н. Предлоги английского языка / Б.Н. Арсененко. - М., 1956. - 318 с.
2. Арутюнова Н.Д. Введение / Н.Д. Арутюнова // Логический анализ языка. Модели действия. - М.: Наука, 1992. - С.3-4.
3. Виноградов В.С. Лексические вопросы перевода художественной прозы / В.С. Виноградов. - М.: Изд-во МГУ, 1978. - 172 с.
4. Гачечиладзе Г. Р. Вопросы теории художественного перевода / Г.Р. Гачечиладзе. - Тбилиси, 1964. - 150 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, 1972. - 384 с.
6. Камолиддинов Б. Хусусиятҳои услубии сарфу наҳфи забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1992. - 128 с.
7. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ- тоҷикӣ / А. Мамадназаров. - Душанбе: Саҳбо, 2007. - 1080 с.
8. Смирницкий А.И. Морфология английского языка / А.И. Смирницкий. - М.: Изд-во. Лит. иностр. яз., 1959. - 439 с.
9. Туйғунов Н. Грамматикаи забони англисӣ / Н. Туйғунов. – Душанбе: Эр-граф, 2010. - 190 с.
10. Ярцева В.Н. Взаимоотношение грамматика и лексики в системе языка / В.Н. Ярцева // Исследования по общей теории грамматики. – М.: Наука, 1968. - С.5-57.
11. Ҷамшедов П. ва дигарон. Очеркҳо оид ба типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / П. Ҷамшедов. - Душанбе, 1988. - 127 с.
12. Comrie B. Aspect: Language Universal and linguistic Typology / B.Comrie. - Chicago, 1981. - 252 p.
13. Lyons J. Semantics, 1-2 / J.Lyons. – Cambridge: Cambridge University Press, 1977. - 897 p.

Сарчашмаҳо

14. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С.Айнӣ. Ҷ.1, 2. - Душанбе: Адиб, 1990. - 352 с.
15. Aini, S. The Sands of Oxus. Boyhood Reminiscences of Sadriddin Aini. Translated from the Tajik Persian with an Introduction by John R. Perry and Rachel Lehr. – USA: Mazda publishers, 1998. - 277 p.

АСОСҲОИ НАЗАРИИ ОМӮЗИШИ ПЕШОЯНДҲОИ АСЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мушоҳида мешавад, ки пешояндҳо дар забон калимаҳои ёридиҳанда ба шумор рафта, хеле фаъоланд. Онҳо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ хусусиятҳои гуногун доранд, яъне ба ғайр аз маъноҳои асосии худ дар таркиби ибораву ҷумлаҳо мавриди истифода қарор гирифта, то дараҷае маънои асосии ибораро тағйир медиҳанд. Дар забони англисӣ низ ҳамин хусусиятҳо ба назар мерасанд, аммо то дараҷае тафовутҳо низ ҷой доранд. Мушоҳида мешавад, ки дар баъзе ҳолат истифодаи пешоянд ба маънои асосии ибора ягон алоқамандӣ надорад, агарчанде дар таркиби ибора мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳангоми тарҷума усулҳои гуногун истифода мешаванд, аммо бояд зикр намуд, ки пешояндҳо қисми алоқаманди грамматикаи забонро созмон медиҳанд. Дар тарҷума дар ҳолати мувофиқ омадани маъно истифодаи ҳамон як пешоянд ҷоиз аст, аммо ҳолатҳои дигар ба монанди дар таркиби ибораҳо омадани пешояндҳои забони англисӣ, ки маъноҳои гуногунро ифода мекунанд, хусусияти дигари тарҷума ва истифодаи усулҳои мувофикро тақозо мекунад. Ҳолати дигаре, ки пешояндҳо фаъолона иштирок мекунанд, ташкили таркибҳо, ибораҳо мебошад, зеро онҳо дар асоси якҷояшавӣ бо феълҳо метавонанд маънои асосии худро дигаргун созанд. Дар забони англисӣ пешояндҳои аслӣ таърихи хеле қадима доранд. Онҳо дар аксар

мавриd аз лиҳози ифодаи маъно агар ба забони тоҷикӣ мувофиқат кунанд ҳам, қисмати зиёди онҳо ҳолатҳои дигарро ба худ касб намудаанд, ки зарурати таҳқиқро доранд.

Калидвожаҳо: пешояндҳои аслӣ, истифодаи пешоянд дар таркиби ибораҳо, таҳлил, умумият, монандӣ, хусусияти хос дар забони англисӣ, муқоиса, мувофиқати маъноӣ, маъно, тарҷума.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОБРАЗОВАНИЯ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОГОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматриваются способы образования и выражения простых предлогов английского и таджикского языков. Также анализируются различные значения предлогов в таджикском и английском языках. Отмечается, что предлоги считаются вспомогательными словами в языке и актвно участвуют в процессе образования слов и выражений. Предоги имеют отличительные черты и в таджикском языке и в английском, особенно когда они употребляются в составе выражений и предложений, при этом могут быть связаны различными значениями. Надо отметить, что такое отличие как вспомогательные слова весьма актуально, особенно в английском языке. Можно отметить, что в английском языке предлоги играют особенную роль, то есть, могут употребляться и в переносном значении, поэтому при переводе надо точно понимать смысл выраженной мысли. При переводе таких предложений и выражений употребляются различные способы перевода. Надо отметить, что при переводе слов и выражений с английского на таджикский могут встречаться соответствия значения предлогов, также встречаются несоответствия использованных предлогов при переводе для выражения точного смысла предложения. Предлоги при слиянии с глаголами могут выражать другие значения. Эту особенность в основном можно встретить в английском языке. В английском языке простые предлоги имеют древнюю историю, можно наблюдать множество соответствий значений среди предлогов английского и таджикского языков, в то же время существует и множество отличительных свойств, которые нуждаются в специальных научных исследованиях.

Ключевые слова: простые предлоги, употребление предлогов в составе выражений, анализ, общность, специальные особенности в английском языке, сравнение, особенность, значение, перевод.

THE ORETICAL BASE OF SIMPLE PREPOSITIONS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article analyses the methods of forming and expressing the simple prepositions in English and Tajik languages. Also the different meanings of prepositions are analysed in the artcle. It's stressed that the prepositions are considered as the auxiliary words in the language and are actively used in the process of wordforming. The prepositions have distinctive features in English and Tajik languages, especially when they are used with different expressions and statements. Dispite of these features they are associated with different meanings. It should be noted that such a diference is relevant to English language. The prepositions in English language play an important role that is they can be also used in the figurative meaning. Therefore, the original meaning of the statement must be identified by the translators, bearing in mind the original meaning of the prepositions. In the course of translation the different methods of translation should be used. It shoud be noted that, in the course of translation from English into Tajik the different coincidence of meaning and also meaning mismatch among the prepositions can be met to express the exact meaning of a sentence. The prepositions when merged with verbs can express other meanings. This feature can mainly be found in English language. The simple preposition in English language have an ancient history, a lot of correspondence of meaning, at the same time mismatch of the meaning can be observed among the preposition of English and Tajik languages. There are also a lot of distinctive features which need the special linguistic research.

Key words: simple prepositions, the use of prepositions with the expressions, analyse, commonality, special features in English language, comparison, feature, meaning, translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Данғара, кӯч. Марказӣ, 25. E-mail: **qosimon95@internet.ru**

Сведение об авторе: ***Касимов Мухаммаджан Сафарович*** - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры теория и практики иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Дангара, ул.Маркази, 25. E-mail: **qosimon95@internet.ru**

Information about the author: ***Kasimov Muhammadzhan Safarovich*** - Dangara State University, Senior Lecturer, Department of Theory and Practice of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dangara, Markazi Str., 25. E-mail: **qosimon95@internet.ru**

УДК: 491.550

ПОЛИОНИМИЯИ «ТОҶИКОН»-И БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Давлатов Х.С
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Полионим - номи шаҳр ва полионимия- маҷмуи номҳои шаҳрҳои як ҳудуд, замон ва ё минтақаи алоҳидаро ифода мекунад.

Таҳқиқу баррасӣ ва таҳлили маводи топонимӣ дар асару мавзеъҳои ҷуғрофии мамолики ҷаҳонӣ ва дохили кишвар аз ҷониби муҳаққиқони забоншиноси дохилу хориҷи кишвар анҷом дода шудаанд.

Мо низ дар ин таҳқиқ зимни таснифи маводи топонимии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ба таҳлили забонию таърихии якчанд топоним ва корбурди онҳо дар китоби таърихӣ таҳқиқи вижа анҷом додаем.

Шаҳр - сукунатгоҳи нисбатан бузург ва доимӣ аст. Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1347- и мелодӣ вожаи «шаҳр» - ро чунин таъриф кардааст: Шаҳр маконе бо тароким болои ҷамъият ва марказияти сиёсиву идорӣ ва таърихӣ аст, ки дар он фаъолияти аслии мардум ғайри кишоварзӣ аст ва дорои мухтассоти шаҳрӣ буда, ки аз тариқи давлатӣ ва маҳаллӣ идора мешавад.

Вожаи «шаҳр» аз форсии миёнаи «шаҳр» [شهر] ва аз порсии бостон [χşaθra] гирифта шудааст. Вожаи «χşaθra» дар порсии бостон ба маънои «подшоҳ» будааст [17, с.54].

Вожаи англисии «Urban», дар забони фаронсавӣ [Urbain], аз решаи лотинии [Urbanus] ба маънои «шаҳр» ва аз вожаи «Urbs», ки аз шаҳри Рум итлоқ мешавад, меояд.

Яке аз полионимияе, ки мо дар «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ошкор намудем, Бобил аст.

Бобил [Bābul] ба юнонӣ Βαβυλών, ба лотинӣ Babylon, ба оромӣ ܒܒܠ, ба арабӣ «بابل», акадӣ Bābili, сумарӣ ká. dingir. ra, ибрӣ בָּבֶל, , юнонӣ Βαβυλών. Номи Бобил [Bābul] аз номи рӯдхонаи «бовил» гирифта шудааст. Қаблан номи «Бобул» [Bābul] Борфурӯш буд. Номи рӯдхона бо номи «бовил» ё «бобил» байни мардум шуҳрат доштааст. Номи ин рӯд аз қадим бо номҳои Бобулкон [Bābulkān] ва Бобилканор [Bābilkanār] низ вуҷуд доштааст. Вожаи Бобил [Bābul] аз решаи калимоти «бил», «билк», «билук» гирифта шуда, маънои «наҳрак» [дарёча] ва ё «наҳр» [дарё] аст, ки шакли ҷамъи ин номро «балук» мегӯянд. Рустоҳое дар канори рӯдҳо вуҷуд доранд, ки асмои бархе аз онҳо бо шароити табиӣ мунтақии ҳамоҳанг доранд, монанди «Бобилканор» [Bābulkanār] ё «Бовилканор» [Bāvilkanār], «Петрудӣ» [Petrudi], «Билпе» [Bilpe] ва ғайра. Забоншиносон вожаи «бо» - ро «об» маъно кардаанд. Монанди: «ҷубо», «шӯрбо», «бориз», «боридан», «рехтан», «чашмаи обакиро сарозер кардан» «борон» ё «оброн», яъне «об» - бо ва «рон», яъне борон – обе, ки поин меравад. Вожаи Бобил ба маънои «об фаровон» аст [9, с.54].

Бархе забоншиносон вожаи «Бобил» [Bābul] - ро сохта ва дорои ду реша: «бо» ва «бил» шаклгирӣ кардаанд. Ҷузъи аввал - «бо» ба маънои «ҳар чизи моеъ» ва «ҳар чизи обакӣ» ва умуман «ҳар чизи равон» маънидод гардида, бештар ба об мансуб медонанд, зеро об мазҳари комили ҳар чизи равон аст. Ҷузъи дувум «бил» ба маънои «зиёд», бисёр фаровон. Натиҷа ин ки ном марбут ба рӯд аст.

Ба андешаи мо номи ин шаҳр дар рӯзгорони куҳан «Мамитро» [Mamitārā] будааст. Дар забони ҳиндӣ ва аврупоии қадим вожаи «дию» ба маънои «Худо» будааст.

Дар «Ғиёс - ул - луғот» вожаи Бобил [Bābil] ба маънои зайл омада аст: Бобил номи шаҳри қариби Куфа; ва ба замми бо (яъне Бобул) ғайри фасеҳ ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки номи шаҳрест аз Ироқ ва дар он ҷо чоҳест, ки Ҳоруту Морут дар он муаззабанд ва баъзе аҳли луғат ба замми севум (яъне Бобул) низ навиштаанд ва шуаро ҳам оварда, Зуҳурӣ гӯяд, байт: Дар Дакаи он чашм пайдо мешавад, Боччаҳои соирони Бобул аст [13, с. 99].

Бобил [Bābul] дар гузаштаҳои дур ба сабаби вуҷуди оташкадаҳои Метро «Мометро» ва ба гӯйиши бумиён «Маметро», яъне ҷойгоҳи метрои бузург номида мешавад. Арабҳо

онро «Моматир» меноманд. Бобил [Bābul] ба иллати қарор доштан дар миёни ду шаҳри бузурги Омал ва Сорӣ ва густариши бозорҳову равобити тиҷоратӣ ба Борфурӯш тағйири ном кард. Дар соли 1310 ба Бобил [Bābul] табдил ёфт.

Вожаи юнонии «Бобулиён» [Βαβυλών], аз луғати аккадӣ гирифта шуда, дар китоби «Таврот» ба маъноҳои «каҷшуда» аз луғати «билбил» [בלבל] ба маънои «кач кардан» омадааст. Бобил дар Қуръон як маротиба зикр шудааст [1, с.87].

Дар «Бурҳони Қотеъ» барои топоними Бобил маънои зайл оварда шудааст: «Бобил бар вазни қобил; ба луғати юнонӣ номи ситораи Муштарӣ бошад; ва баъзе машриқро низ гӯянд; ва номи шаҳрест машҳур дар васати. Вожаи Бобил ба замми солис (яъне Бобул) ҳам омадааст [11, с.133]**.**

Бобул [Bābul]: – Вавилон: - (babirus, сомии bab - ilu – «дарвозаҳои Худованд», юнонӣ) - маркази бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Шарқи қадим, шаҳри асосии Месопотамия, ки дар соҳили дарёи Фурат мавқеият дорад. Аз интиҳои ҳазорсолаи III то милод Бобул [Вавилон] маркази ташаккулҳои давлатӣ буд, ки бо мурури замон ҳокимияти худро ба ҳудуди бештар густариш дод. Соли 538 то милод тавассути Куруши Кабир тасхир ва тасарруф гардид [16, с.125].

Полионими дигаре, ки дар асар ошкор шуд, Нахшаб аст.

Нахшаб аз шаҳрҳои бостонии водии Кешруд буда, дар қисмати шимолӣ-ғарбии водии Кешруд воқеъ гардидааст. Ин шаҳр дорои таърихи куҳан буда, чандин маротиба тағйири ном намудааст. Доир ба Нахшаб чун номи шаҳр аз сарчашмаҳои адабӣ, бадеӣ ва таърихӣ маълумоти фаровон пайдо намудан мумкин аст [15, с.37].

Дар асоси манбаъҳои хаттӣ ва таҳлили сохтории вожаи Нахшаб ба чунин андеша омадан мумкин аст, ки вожаи Нахшаб ба гурӯҳи вожаҳои аслии тоҷикӣ дохил шуда, таҳаввулоти зеринро аз сар гузаронидааст: Ҷузъи аввали ин калима аз фонемаҳои хш (XS)-и забони порсии қадим иборат буда, маънои шаҳр ва шоҳро доро аст [8, с.68]. Ҷузъи дувум аз об иборат буда, ба маънои дарё, шаҳр, рӯд далолат менамояд [21, с.883]. Фонемаи н (п) пешванд ё аугмент мебошад, ки ин унсурҳо ба забони порсии қадим хоссанд [8, с.14]. Дар маҷмуъ, вожаи Нахшабро чунин маънидод намудан мумкин аст: шаҳре, ки дорои дарё аст ё шаҳре, ки дар канори дарё бунёд гардидааст. Ин андешаи моро нигоштаи муаллифи асари насрии ҷуғрофӣ «Ҳудуд-ул-олам» (асри XI) хеле возеҳ тасдиқ менамояд. Ӯ дар тавсифи Нахшаб чунин менигорад: «Нахшаб шаҳрест (дорои) бисёрнеъмат ва ободон ва бо кишт ва барзи бисёр. Ва ӯро як рӯд аст, ки андар миёни шаҳр бигзарад…» [21, с.69]. Яъне, мавҷуд будани рӯд ва андар миёни шаҳр гузаштани онро ин муаллиф зикр намудааст, ки ба шарҳу маънидод ҳоҷате нест.

Ҳамин тариқ, вожаи Кешруд // Кешруд тадриҷан ба тағйироти савтӣ дучор гардида, дорои шакли Каш-об //Киш-об //Кит-об мегардад. Маънои ин вожа аз оғӯши кӯҳсор ҷорӣ шудани об, дарё мебошад. Дар воқеъ, агар ба муҳити ҷуғрофии водии Китоби имрӯза амиқ дида дӯзем, дарёчаи шӯх ё рӯди морпеч аз оғӯши кӯҳсор ҷорӣ мешавад ва тамоми водиро бо шохобҳояш обшор менамояд. Гузаштагони мо аз оғӯши кӯҳсор ҷорӣ ё равон гардидани рӯдро ба инобат гирифта, ин водиро Кашруд // Кешруд // Кашоб // Кишоб // Китоб ном бурдаанд. Ҷиҳати дигар дар мутаносибияти сухан аст. Яъне, дарё аз кӯҳсор ҷорӣ мешавад ва ин ду чиз якҷоягӣ ҳамеша маънии ҳамдигарро такмил медиҳанд, ки ба ягон шарҳу маънидод эҳтиёҷ надоранд.

Исфаҳон – номи шаҳрест дар қисми марказии Эрон, ки дар соҳили дарёи Зиндаруд мақом дорад. Исфаҳон баъди Теҳрон дуюмин маркази тиҷоратӣ, саноатии Эрон ба ҳисоб меравад. Ин шаҳр таърихи ниҳоят қадима дошта, нуфузаш дар олам доман густурдааст ва яке аз марказҳои илмӣ-фарҳангӣ дар тамоми дунё эътироф шудааст.

Исфаҳон калимаи форсӣ-тоҷикӣ буда, маънои сипоҳонро далолат мекунад [7, с.65]. Муҳаққиқони мамолики ғарб дар асарҳои хеш номи ин шаҳрро дар шакли Аспадана (Aspadana) шарҳ додаанд. Тавре дар боло гуфта гузаштем, маънои калимаи форсии Аспадана (Aspadana) дар забони имрӯзаи форсӣ сипоҳон мебошад.

Луғатҳои тафсирӣ, ки сарчашмаҳои асосии маънидод кардани калимаҳо мебошанд, оид ба маънои луғавӣ ва хусусиятҳои ҷуғрофии Исфаҳон маълумоти саҳеҳу бурҳон медиҳанд. Дар фарҳанги тафсирии «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин калимаи Исфаҳон чунин маънидод шудааст: «Исфаҳон – шаҳри машҳур дар Эрон ва номи пардае аз

мусиқӣ» мебошад [15, с.65].

Дар фарҳанги тафсирии «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон бошад калимаи Исфаҳон дар шакли Исбоҳон омада, чунин шарҳ дода шудааст: «Исбоҳон – шаҳрест машҳур дар Ироқ ва номи аслии ӯ ин аст; ва номи мақомест аз ҷумлаи дувоздаҳ мақоми мусиқӣ; ва онро Исфаҳонак низ хонанд» [15, с.101].

О. Ғафуров Исфаҳонро ба он далел Сипоҳон маънидод кардааст, ки ҷойи аввалаи шаҳр бо лашкаргоҳ, бошишгоҳи сипоҳон вобастагӣ доштааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси маъхазҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ ба чунин андеша омадан мумкин аст, ки калимаи Исфаҳон//Исфаҳонак //Аспадана ба гурӯҳи вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ шомил буда, маънои сипоҳонро далолат мекунад. Инчунин Исфаҳон шакли арабии сипоҳон низ мебошад.

Аз соли 1022 то соли 1037 фаъолияти донишманди бузурги халқи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино дар Исфаҳон мегузарад ва дар ҳамин ҷо барои ҳокими маҳаллӣ якчанд асар, аз ҷумла асари машҳураш «Донишнома» ё «Донистанномаи Алоӣ»-ро ба забони форсӣ эҷод кардааст [4, с.65].

Макка [Makka]: шаҳрест дар Арабистони Саудӣ, ки Каъба дар он воқеъ аст ва зиёратгоҳи тамоми мусулмонони дунё мебошад. Луғатшиносони араб дар осори хеш қайд намудаанд, ки дар ибтидо вожаи Макка Бакка хонда мешудааст. Ин андешаи луғатнигорони араб то андозае ба мақсад мувофиқ аст, зеро аз рӯйи қоидаҳои фонетикӣ табдили ҳарфҳои «б» ва «м» мумкин аст [13, с.76].

Сарчашмаҳо ва манбаҳои хаттӣ нишон медиҳанд, ки Бакка маънои «ҷамъомади калон», «издиҳом» - ро ифода мекунад. Фарҳанги тафсирии «Ғиёс - ул - луғот» Баккаро номи ибтидоии Маккаи муаззама шарҳ додааст [аз «Мунтахаб» [13, с.76]. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки он аҳамиятеро, ки Макка дар Арабистони бостон ҳамчун маркази дин ва тиҷорат доро буд ба хотир биорем, чунин шарҳи ном басе боварибахш менамояд.

Забоншиноси араб Шавқӣ Абулхалил дар мавриди Макка андешаҳои дигар дорад. Ӯ дар таҳқиқи худ менависад: «Макка [Makka] ин вожа иштиқоқҳои муътамаде зикр шуда, ки ҳар кадоме баёнгар ва сифате аз сифоти ин шаҳр аст. Вожаи «Макка» аз решаҳои «макка», «ямуку», «мако» гирифта шуда, ба маънои «ҳалок шудан» ва «кам шуда» аст. Ин бадон ҷиҳат аст, ки ҳар ситамгаре назари баде ба ин шаҳр дошта бошад, сарнавиште ҷуз ҳалок нахоҳад дошт. Маънои «кам шудан» - и вожаи «Макка»- ро бар он медонанд, ки ҳар касе, ки барои зиёрати Хонаи Худо ояд, албатта, гуноҳонаш кам мешавад. Бархе забоншиносони дигар мегӯянд, ки ин вожа аз решаҳои «макка», «ямуку», «мако», «тамкак» ва «тамкака» гирифта шуда, ки ба маънои «макидани кӯдак» аст, пистони модарро. Гуфтанд, ки ин, ё ба ҷиҳати алоқаи мардум ба ин шаҳр аст, ё аз ҷиҳати камобии ин шаҳр, ки мардумаш то охирин қатраи обро менӯшанд [1, с.71].

Бархе забоншиносон мегӯянд, ки иштиқоқи ин вожа аз решаи «тамкакат - ал - азм» гирифта шуда, ба маънои «марказ» аст, зеро шаҳри Маккаро маркази замин медонанд. Макка аз решаи «мак» муштақ шуда, ба маънои «ҷазб» аст ва ин бадон ҷиҳат аст, ки мардум аз ҳар диёр ба ин сарзамин ҷазб мешаванд.

Забоншиноси дигар Абисулаймон Муҳаммад вожаи «Макка»- ро баргирифта аз решаи **«мак»** ба маънои **«издиҳом»** гуфтааст, зеро мардум аз атроф ба ин шаҳр меоянд ва дар ин ҷо издиҳом мешаванд. Аз решаи **«мако»** муштақ шуда, ба маънои «садои навъе аз парандагон» аст, зеро дар Макка садои мардумони мухталиф баҳри ибодати Худо баланд аст ва замзамаи малакутии зумраи ҳоҷиён дар Макка ҳамвора ба гӯш мерасад. Бархе аз забоншиносони эронӣ бар ин ақидаанд, ки вожаи **«Макка»** решаи эронӣ дорад ва пиндоштаанд аз решаи **«мага»** ба маънои **«ҷойгоҳи моҳ»**. Ин вожа шабеҳи он аст, ки бархе забоншиносони эронӣ вожаи «қурайш»- ро баргирифта аз «куруш» - и эронӣ донистаанд.

Макка [Makka] бо вожаи Бакка [Bakka] низ дар Қуръон истифода шудааст. Дар бораи вожаи «Бакка» [Bakka] аз ду назар бояд баҳс кард: нахуст ин ки оё «Бакка» ҳамон «Макка» аст ё аз лафзи мафҳумӣ аз ҳам фарқ доранд? Дуюм ин ки решаи иштиқоқи «Бакка» чист ва лафзи луғавӣ ва таносибе, ки бо шаҳри Макка дорад кадом аст? Дар мавриди баҳси аввал метавон гуфт, ки «Бакка» ва «Макка» ҳарду яке аст ва танҳо ихтилофи лаҳҷаӣ онҳоро ба ду сурат даровардааст. Дар бораи оне, ки ҳарфи «м» ба ҳарфи «б» табдил ёфт, дар забони арабӣ намунаҳои бисёре вуҷуд дорад. Арабшиносон мегӯянд,

ки ҳарфи «м» хоҳари ҳарфи «б» аст. Монанди оне, ки вожаи «лозим» - ро метавон «лозиб» гуфт, вожаи «доим» - ро «доиб», «роим» - ро «роиб» ва ғайра.

Бояд гуфт, ки ин ду ҳарф бо ҳам чунон наздиканд, ки табдили яке ба дигаре чунон тааҷҷубовар нест. Махсусан вақте, ки шахсро димоғаш гирифтагӣ бошад, ҳарфи «м» - ро ҳарфи «б» талаффуз мекунад, зеро махраҷи ҳарду ҳарф лабҳои инсон аст, ки ба ҳам мечаспанд. Ба ин монанд, муаррихи Юнони Қадим Геродот//Ҳеродот [асри V то мелод] ин шаҳрро бо номи Макориб ёдоварӣ мекунад [аз забони арабони ҷануб] «Хонаи Худо», ки як зумра олимон бо Макка ҳаммаъно медонанд. Дар китоби муқаддаси мусулмонон Қуръон Макка зери номи Умму - л - қуро - модари ҳама қавмҳо, ёдоварӣ карда мешавад. Муҳаққиқи чуғрофидони рус Е. М. Поспелов дар асари худ «Топонимический словарь» бобати истилоҳи Макка чунин андеша рондааст: «Дар як қатор ҳуҷҷатҳои расмӣ Макка бо номи Маккаи мукаррама номгузорӣ шудааст» [18, с.123].

Забоншинос Замаҳшарӣ мегӯяд, ки «Макка» ва «Бакка» ду луғате ҳастанд, ки як маъно доранд, монанди: «Набит» ва «Намит», ки исми маҳале аст ва феъли амри «ротиб» ва «ротим», инчунин, вожаҳои «мағмата» бо «мағбата» [7, с.5].

Макка [Makka] - дар забони арабии қадим «макориб» - номида мешудааст, бинобар ин, баъзе арабшиносон номи Маккаро баргирифта аз ҳамин вожаи макориб медонанд. Вале таркиби фонетикии Макка[Makka] ва Макориб чунон фарқ мекунанд, ки аз як реша будани ин ду ном номумкин менамояд. Дар забони арабӣ табдили «қ» ба «к» ҳодисаи хело нодир буда, афтодани ҳарфи «б» - и охирро маънидод кардан кори ниҳоят душвор аст.

Луғатшиносони араб мегуфтанд, ки дар аввал «Макка» [Makka] Бакка [Bakka] хонда мешудааст. Аз рӯйи қоидаи фонетика табдили ҳарфҳои «б» ба «м» мумкин аст. Бакка маънои «ҷамъомади калон», «издиҳом» - ро доштааст.

Топоними дигаре, ки зимни омӯзиш ошкор гардид, **Хуросон** мебошад. Хуросон номи сарзаминест, ки дар қисмати шарқии Эрон мавқеъ дорад. Вожаи Хуросон дар форсӣ ба маънои **шарқ, тарафи офтоббаро** маънидод шудааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо маънои аслии вожаи Хуросон машриқ аст, зеро Хуросон аз Форсу Ироқ ба тарафи машриқ воқеъ аст, ба ин хотир ба ин маъно мавсум шуд [15, с.5] Дар фарҳанги тафсирии Ғиёс-ул-луғот вожаи Хуросон номи пардае аз мусиқӣ шарҳ дода шудааст.

Хуросон (xvar-as- “шафақи офтоб”, “ҷойи баромадани офтоб”, “шарқ”)- номи минтақаи таърихӣ. Ҳудудҳои он дар давру замонҳои мухталиф ба тариқи гуногун муайян карда шудаанд. Ба маънии таърихиаш таҳти унвони Хуросон маъмулан ҳудуд ва минтақаеро мефаҳмиданд, ки байни Омударё дар шимол, кӯҳҳои Ҳиндукуш ва биёбони Дашти Кабир дар ҷануб мавқеият дошт. Хуросон ҳоло як остон (музофот)- и Ҷумҳурии Исломии Эрон мебошад [13, с.63]. Таҳти унвони Хуросон замони истилои арабҳо (асрҳои VII - VIII) минтақаи васеи таърихие фаҳмида мешуд, ки иборат аз музофотҳои Марв, Ҳирот, Балх ва ноҳияҳои шимоли шарқии Эрони муосир (Нишопур, Тус ва дигар ноҳияҳо то Машҳад) буд.

Хуросон аз калимаи форсии **Xorâsân** пайдо гардида, ҷойи офтоббароро, яъне шарқро ифода мекунад ва он дар вилояти таърихии шарқии Эрон ҷойгир буд. Инчунин Хуросон номи яке аз новоҳии вилояти Эрзуруми Туркия, ки дар қолаби туркии **Horasan** мавриди истифода мешавад.

Бояд гуфт, ки Хуросон бо мафҳумҳои Хуросони бузург, Хуросони қадим мавриди истифода қарор дошта, дар сарчашмаҳо ва дигар забонҳо дар шаклҳои нисбатан гуногун дар истеъмол аст: дар забони англиси **Khorasan//Khurasan**, дар забони русӣ **Хорасан**, дар забони туркӣ **Horasan**.

Истанбул//Истамбул//Исломбул – шаҳри бузурги Туркия, ки онро соли 326 императори Византия Константин бунёд намудааст. Соли 1453 он аз ҷониби туркҳо муҳосира шуда, маркази империяи усмонӣ эълон гардид. Охирҳои ҷанги якуми ҷаҳон (соли 1918) Истанбулро армияи Антанта ишғол намуд. Соли 1923 Истанбул пурра аз зери тасарруфи хориҷиён озод гардид. Моҳи октябри ҳамон сол маркази Туркияро аз Истанбул ба Анқара кӯчониданд, ки то ҳол маркази Туркия шаҳри Анқара мебошад [7, с.24].

Дар гузаштаи наздик касе шубҳа надошт, ки Истанбул номи туркист. Одатан ҷузъи *Истан-ро* ҳамчун таҳрифи калимаи ислом ва ҳиҷои булл-ро ба маънои «шав» шарҳ медоданд. Дар бисёр мавридҳо ба ҷойи Истанбул Исломбул ҳам менавиштанд, ки ин яке

аз шаклҳои қабулшудаи исми пойтахти давлати султонии Туркия ба шумор мерафт. Исломбул ба туркӣ айнан «ислом шав», яъне «шаҳри исломӣ шав» гуфтан аст.

Ин шаҳрро ҳам эрониён, ҳам арабҳо ва ҳам туркҳо борҳо муҳосира карда буданд. Ниҳоят, дар соли 1453 туркҳо баъди муҳосираи дуру дароз ин шаҳри қадимро фатҳ карда тавонистанд. Дере нагузашта Қустантания ба пойтахти давлати тавонои исломӣ, маркази калонтарини дунёи мусулмонӣ табдил ёфта буд. Мегуфтанд, ки туркҳо шаҳри насрониёнро фатҳ намуда, ният карда буданд, ки вай шаҳри мусулмонӣ шавад ва ҳамин мақсадро ҳатто дар номи Исломбул ифода менамуданд. Аммо агар Исломбул ба мақсади муайян номида шуда бошад, пас чаро аз худи рӯзҳои аввал ин ном таъриф мешудааст? Гап дар он аст, ки шакли Истанбул ҳанӯз дар асри XIII, дар «Муъҷам-ул-булдон» ном асари ҷуғрофидони машҳури араб Ёқути Ҳамавӣ оварда шудааст.

Муқарриз: ***Солеҳов Н.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ, Ҷ. Топонимияи минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ) / Ҷ. Алимӣ. - Д: Андалеб-Р, 2015. - 350 с.
2. Алимӣ, Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. - Душанбе, 1995. - 196 с.
3. Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома / Деҳхудо Алиакбар. Ҷ.1. - Теҳрон, 1377. - 527 с.
4. Б.Ғ. Ғафуров. Тоҷикон / Ғафуров Б.Ғ. - Душанбе: Дониш, 2008. - 870 с.
5. Додихудоев Р.Х. Таърихи забони тоҷикӣ / Р.Х. Додихудоев, Л.Г. Герценберг. – Душанбе: Маориф, 1986. - 216 с.
6. Исмоилов Ш. Топонимияи водии Қаротегини Тоҷикистон (таҳқиқи забоншиносӣ) / Ш.Исмоилов. - Душанбе, 1999. – 36 с.
7. Муҳаммад, Муин. Фарҳанги форсӣ / Муин Муҳаммад. - Теҳрон, 1996. - Ҷ.1. - 1472 с.
8. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб, 1993. - Ҷ.1. - 416 с.
9. Никонов В.А. Введение в топонимику / В.А.Никонов. - М.: Наука, 1965. - 179 с.
10. Нуров А. Мулҳақот бар «Ғиёс-ул-луғот». Ҷ.3. - Душанбе: Адиб, 1989. - 304 с.
11. Ҳасани Анварӣ. Фарҳанги фишурдаи сухан / Анварӣ, Ҳасан. - Теҳрон: Сухан, 1386. - Ҷ.2. - 6479 с.
12. Ҳомидов, Д. Топонимияи водии Кешруд / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2002. - 104 с.
13. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию / И.М. Оранский. - М.: Изд-во восточной литературы, 1960. - 490 с.
14. Офаридаев Н. Микротопонимия Ванджа и Дарваза (Лингвистический анализ) / Н.Офаридаев. - Душанбе: Дониш, 1991. - 163 с.
15. Поспелов Е.М. Топонимика и картография / Е.М. Поспелов. - М.: Мысль, 1971. - 256 с.
16. Расторгуева, В.С. Сравнительно - историческая грамматика западноиранских языков. Филология / В.С. Расторгуева. - М.: Наука, 1990. – 253 с.
17. Фараҳвашӣ Б. Фарҳанги форсӣ ба паҳлавӣ / Б. Фараҳвашӣ. - Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, Муассисаи интишорот ва чоп, 1380. – 571 с.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ [иборат аз ду ҷилд]. - М.: СЭ, 1969. -952 с.

ПОЛИОНИМИЯИ «ТОҶИКОН»-И БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Дар мақола таҳаввул ва корбурди полионимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, густариши онҳоро дар даврaҳои гуногуни рушди забоншиносӣ қиёс намуда, бобати таърихи тавлид, сохт ва маънои онҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ сухан рафтааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшидааст, то сайри маъноии полионимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, ки аз ҷумлаи серистеъмолтарин вожаҳои китоб дар забони навиштorӣ ва гуфтории дирӯзу имрӯз мебошад, ба риштаи таҳрир кашад ва дар ин росто, пеш аз ҳама, ба сарчашмаҳои муътамад ва қомусҳо такя намудааст. Аз баррасии мавзуъ бармеояд, ки полионимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар тӯли таърихи чандинасра на фақат аз нигоҳи овоӣ, балки аз нигоҳи лексикӣ ба дигаргунии ҷиддӣ дучор шудааст, вале бо ин ҳама доираи истифодааш маҳдуд нагаштааст. Илова бар ин, муаллиф дар ин тадқиқот вижагиҳои хоссаи забонии таҳаввул ва корбурди полионимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ ва корбурди онро мавриди омӯзиши муқоисаи илмӣ қарор дода, зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи таҳқиқоти зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, фарҳангҳои тоҷикиву арабӣ, луғату қомусҳои муътамад ва сомонаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули маводи забонии полионимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, мазмун, моҳият, таърихи тавлид ва корбурди онҳоро ошкор намояд. Ба андешаи муаллиф полионимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров қабати аз ҳама муҳимми луғати ғайрифаъоли забони тоҷикиро ташкил медиҳад ва аз нигоҳи сохтор дар чорчӯбаи ҳамон меъёрҳои калимасозии забони тоҷикӣ, ки қаблан маъмул буданд, имрӯз низ тарҳрезӣ меёбанд. Бинобар он, тадқиқи полионимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ҳамчун унсури забон мебояд вобаста ба раванди пажӯҳиши анъанавии проблемаҳои мухталифи лексикаву грамматикаи забони тоҷикӣ, бахусус бахши калимасозии миёни ин ду қисмати забоншиносӣ ҷойгоҳи махсуси худро дорад.

Калидвожаҳо: полионим, ном, таҳлили забоншиносӣ, этиомология, таърихи тавлид, вожа, омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ, тадқиқи забоншиносӣ, ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ, ташаккул, таҳаввул, омехта, вандҳо, низом ва ном.

ПОЛИОНИМИЯ В КНИГИ "ТАДЖИКИ" БОБОДЖОНА ГАФУРОВА

В статье анализируется эволюция и применение полионимии в книге «Таджики» Бободжона Гафурова, сравнивается их языковое развитие на разных этапах, обсуждается история их происхождения, структуры и значения на основе достоверных научных источников. Также в этой статье автор пытается отредактировать семантическое путешествие полионимии книги «Таджики» Бободжона Гафурова, которое является одним из наиболее широко употребляемых слов в письменной и устной речи прошлого и настоящего, и в связи с этим оно опирается, в первую очередь, на первоисточники и энциклопедии. Из обзора темы видно, что полионимия книги «Таджики» Бободжона Гафурова за столетия существенно изменилась не только в фонетическом, но и в лексическом плане, но не ограничивается по своим масштабам. Кроме того, в данном исследовании автор исследует специфические лингвистические особенности эволюции и использования полионимии книги «Таджики» Бободжона Гафурова, исторические события, лексические источники и их применение, сравнивает их с научной точки зрения и пытается составить статью на основе обширных исследований отечественных и зарубежных исследователей, таджикской и арабской культур, достоверных словарей и энциклопедий и веб-сайтов, процесс формирования и эволюции языкового материала полионимии, его содержания, сущности и истории. По мнению автора, полионимия Бободжона Гафурова в книге «Таджики» является важнейшим слоем пассивной лексики таджикского языка, и по структуре она сегодня построена в тех же лексических нормах таджикского языка, что и раньше. Поэтому изучение полионимии Бободжона Гафурова в книге «Таджики» как элемента языка должно занимать особое место в процессе традиционных исследований различных лексико-грамматических проблем таджикского языка, особенно в области словообразования между этими двумя частями лингвистики.

Ключевые слова: полионим, лингвистический анализ, этимология, история происхождения, лексика, изучение и анализ, лингвистические исследования, исторические события, лексические источники, формирование, эволюция, микс, ванды, система и имя.

POLIONIMIAI "TAJIKS" - BOBODJONA GAFUROVA

The article analyzes the evolution and application of polyonymy in the book "Tajiks" by Bobodzhon Gafurov, compares their language development at different stages, discusses the history of their origin, structure and meaning based on reliable scientific sources. Also in this article the author tries to edit the semantic journey of polyonymy of the book "Tajiks" by Bobojon Gafurov, which is one of the most widely used words in written and oral speech of the past and present, and in this regard, it relies primarily on the primary source and encyclopedias. From the review of the topic it is clear that the polyonymy of the book "Tajiks" by Bobojon Gafurov over the centuries has changed significantly not only phonetically, but also lexically, but is not limited in scope.In addition, in this study, the author examines the specific linguistic features of the evolution and use of the polyonymy of the book "Tajiks" by Bobojon Gafurov, historical events, lexical sources and their application, compares them from a scientific point of view and tries to compose an article. based on extensive research by domestic and foreign researchers, Tajik and Arabic cultures, reliable dictionaries and encyclopedias and websites, the process of formation and evolution of the linguistic material of polyonymy, its content, essence and history. According to the author, the polyonymy of Bobodzhon Gafurov in the book "Tajiks" is the most important layer of the passive vocabulary of the Tajik language, and in terms of structure it is built today in the same lexical norms of the Tajik language as before. Therefore, the study of the polyonymy of Bobodjon Gafurov in the book "Tajiks" as an element of the language should occupy a special place in the process of traditional research of various lexical and grammatical problems of the Tajik language, especially in the field of word formation between these two. parts of linguistics.

Key words: polyonyms, linguistic analysis, etymology, history of origin, vocabulary, study and analysis, linguistic research, historical events, lexical sources, formation, evolution, mix, wandas, system and name.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатов Худоёр Сайдаҳмадович*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. E-mail: **Davlanov-90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-19-19-90**

Сведение об авторе: ***Давлатов Худоёр Сайдахмадович*** - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, докторант Ph.D кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Душанбе Куляб, ул.С.Сафарова 16. E-mail: **Davlatov-90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-19-19-90**

Information about the author: ***Davlatov Khudoyor Saydakhmadovich*** - Kulyab State University named after A.Rudaki, PhD student of the Tajik language department. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Dushanbe Kulyab, S.Safarov 16. E-mail: **Davlatov-90@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-19-19-90**

УДК: 492.7.09:491.550

РОҶЕЪ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ПАДЕЖ ДАР ЗАБОНҲОИ АРАБӢ ВА ТОҶИКӢ

Қӯзиева Н.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Падеж категорияи грамматикии ҳиссаҳои номии нутқ (исм, сифат, ҷонишин, шумора) буда, шаклҳои категорияи падеж муносибатҳои гуногуни синтаксисии ин ҳиссаҳои нутқро ба дигар калимаҳо ё умуман фикр ифода мекунад.

Тахмин меравад, ки ҳамаи забонҳои мабдаъ падежи худро доштаанд ва тақрибан аз 6 то 8 падежро дарбар мегирифтаанд. Масалан, дар забони лотинӣ 6, дар забони Юнони қадим 5-6 падеж, дар забонҳои сомӣ, форсии қадим, авастоӣ ва ҳиндии қадим 8 падежи морфологии калима мавҷуд буд [8, с.117].

Дар забони русӣ категорияи падеж дар шаш шакл вуҷуд дорад ва ҳар яки он ифодакунандаи маънои муайяни морфологӣ мебошад (1) именительный падеж, 2) родительный падеж, 3) дательный падеж, 4) винительный падеж, 5) творительный падеж ва 6) предложный падеж) [12, ҷ.1, с.475].

Бояд тазаккур дод, ки дар зери истилоҳи «падеж», якум, ҳамаи қатори категорияҳои морфологӣ (дар забони русӣ он 6 қатор; дар забони арабӣ он 3, дар забони олмонӣ - 6 ва ғайра); дуюм, қатори шаклҳои морфологии калимаҳо, ки ба тавассути низоми умумии падежӣ ба як гурӯҳ муттаҳид шудаанд (масалан, вожаҳои русии “отцу, земле, пути”, ки ҳамагон шакли “дательный падеж” –и вожаҳои “отец, земля, путь” мебошад) фаҳмида мешавад.

Тасрифи исмҳо аз рӯйи падеж дар забонҳои эронӣ низ ба назар мерасад, ки форсии бостон дорои ҳашт ҳолат (**номинатив, генитив, аккузатив, датив, аблатив, инструменталис, локатив, вокатив**) буда, ин ҳама қавоиди сарфӣ ба чигунагии хатми асосҳо ва анҷомаҳои асосҳо иртибот дорад [13, с.40]. Дар забони сокӣ-хутанӣ ду намуди тасриф мушоҳида мешавад:

1) тасрифи исмҳои ҷинси мардона бо ду роҳ (бо решае, ки ҳамсадо дорад ва решае, ки садоноки **-а** дорад);

2) тасрифи исмҳои ҷинси занона низ бо ду роҳ (дар падежи именительный, шумораи танҳо садоноки **-а** ва **-ā** дорад).

Таҳлили анҷомаҳои падежӣ нишон медиҳад, ки асоси анҷомаи намуди якум ҳамсадо мебошад ва бевосита он ба мардона ва намуди дуюм, ки анҷомаи **-ā** дорад, ба гурӯҳи занона дохил мешаванд. Намунаи анҷомаҳои падежии сокӣ-хутаниро аз рӯйи тасриф меорем ва мувофиқати онҳоро бо забонҳои қадим дида мебароем.

Падеж	**Шумораи танҳо**	
	Ҷинси мардона	**Ҷинси занона**
Имен.	-ä < -ah (авастоӣ -ō; форсии бостон -а)	-а< -ā (авастоӣ –ā, -а; форсии бостон –ā)
Вин.	-u < -am (авастоӣ -əm; форсии бостон -am)	-о < -ām (авастоӣ -am; форсии бостон - ām)
Род.	-i < -ahyā (авастоӣ -ahe, -ahyā; форсии бостон -ahyā)	-е < -yāh (авастоӣ -ayå; форсии бостон - āyā)
Мест.	-а (авастоӣ ва форсии бостон - ā)	-а < -iya (авастоӣ -aya; форсии бостон -āyā)

Аз рӯйи тасрифи падеж маълум мешавад, ки ҳам дар ҷинси мардона ва ҳам дар ҷинси занона мувофиқати байни ин забонҳо мушоҳида карда мешавад – анҷомаи **-а** (ҷинси мардона) **-ā** дар (ҷинси занона [11, с.115].

Дар забони арабӣ ҳам категорияи падеж аз муҳимтарин нишондиҳандаи исмҳо маҳсуб ёфта, дар он се навъро ташкил медиҳанд: 1) рафъ (им.п.), 2) насб (род.п.) ва 3) ҷар (вин.п.). Маънои падежҳо дар заминаи вазифаҳои синтаксисии онҳо дар ибора ва ҷумла

ташаккул меёбанд. Тағйирёбии калимаро бо якчанд мисол дида мебароем ва онро шарҳ медиҳем: طلعت الشمسُ «офтоб баромад»,شاهد الناس الشمسَ «Мардум офтобро мушоҳида карданд» فرح القوم بالشَّمْسِ «Мардум аз офтоб хурсанд шуданд».

Мо мебинем, ки дар калимаи الشمسُ (офтоб) ҳаракати охири калима тағйир ёфт, дар як маврид «замма» (у), дар дигар маврид «фатҳа» (а) ва дар мавриди сеюм «касра» (и) гирифтааст. Барои чӣ тағйирёбӣ ба амал меояд? Сабаб дар мавҷуд будани «омили тағйирёбанда» дар ҳар ҷумла мебошад, ки калимаи «офтоб»-ро идора мекунад ва онро ба вазифаи муайян меорад. Мо мебинем, ки «омилҳо»-и ҷумлаҳои зикршуда вобаста ба маъноҳо тағйир меёбад: мубтадо ба маънои пуркунандаи бевосита ва бавоситаи феъл ва дар ҳама ҳолат тағйирёбии вазифа ба тағйирёбии ҳаракати охири калимаи «الشمسُ» мувофиқат мекунад. Чунин тағйирёбии ҳаракатро «эъроб» (إعرَابٌ) ва идоракунандаи калимаро “омил” меноманд.

Худи вожаи эъроб аз нуқтаи назари синтаксис масдари навъи чорум ба шумор меравад (إعراب) ва бо чунин маъноҳо истифода мешавад: 1) чизеро баён кардан, гуфтан; 2) грам. хониш ва навиштан бо риояи комил ва пурраи ҳаракатҳо, чун замма, фатҳа ва касра; 3) таҳлили грамматикӣ; 4) тағйири ҳаракати ҳарфи охири калима; 5) синтаксис; илми наҳв.

Инчунин дар луғати “ал–Мунҷид” ҳолати аввали феъли أعْرَبَ чунин маъноҳоро доро аст: «ифода кардан, дуруст баён кардан; босаводона баён кардани (талаффуз кардани) калима», «ба арабӣ мубаддал кардан, арабикунонии овозҳо; номи ғайриарабиро бо овозҳои арабӣ талаффуз кардан», «муайян намудани калима дар асоси эъроб ва эзоҳ додани он, ҷумларо эъроб кардан» [3, с.961-962].

Забоншинос С.Сулаймонӣ зери мафҳуми падеж (إعراب) [14, с.789] «(чизеро) баён кардан, гуфтан; тағйири ҳаракати охири калима»-ро дар назар дорад. Таърифи саҳеҳи истилоҳи падежро дар забоншиносии араб чунин шарҳ додан мумкин аст: эъроб тағйирдиҳии ҳаракати охири калима, ҳангоми тағйирёбии вазифаи грамматикии онҳо дар ҷумла мебошад.

Вазифаи эъроб, пеш аз ҳама, дар он аст, ки маънои муайяни синтаксисиро ифода мекунад: мубтадо, пуркунанда, ҳол, хабар ва ғайраҳо. Дар ҳолати вайрон намудани қоидаҳои эъроб маънои калима бо ҳам омехта шуда, вазифаи калимаро дар ҷумла муайян кардан душвор аст. Ҳамин аст, ки дар китобҳои дарсии муосири забони арабӣ ҳам эъроб ҳамчун тағйирёбии ҳаракати охири калима дар натиҷаи таъсири омилҳои грамматикӣ тавзеҳ дода мешавад [3, с.31].

Мафҳуми «эъроб»-и расмӣ дар сарчашмаҳои қадима мавҷуд буд. Юсуф Хаббуда дар китоби худ «Таҳлили кӯтоҳи синтаксисии иқтибосот ва оятҳо» кори забоншиноси машҳури асри XIV - Ибни Ҳишом [15, с.34] - ро шарҳ медиҳад: «Эъроб» аломат дар охири калима аст, ки бо омили аён ифода ёфта ё зимнан дар назар дошта шудааст. Масалан, эъроб дар охири калимаи زيد ҳаракати он аён аст, мисол дар ҷумлаҳои جاء زيد، رأيت زيدًا، مرّرْت بزيدٍ. Дар ҷумлаҳои جاء الفتيَ (ҷавон омад), رأيت الفتيَ (ҷавонро дидам), مرّرْت بالفتيَ (аз назди ҷавон гузаштам) [3, с.31], дар ин ҷумлаҳо калимаи الفتيَ дар се ҳолат замма(ـُـو) , фатҳа (ـَـ) ва касра (ـِـ) тағйир наёфта, дар як шакл ба назар мерасад, дар ҳоле ки вазифаи синтаксисии ин калимаҳо гуногун аст, яъне ин калимаҳо тақдиран дар ҳолатҳои рафъ, насб ва ҷар(р) қарор доранд.

Дар осори забоншиносони шарқшинос, минҷумла рус, «эъроб» ҳамчун флексия (тасриф) ва флексияи грамматикӣ [6, с.559], тасрифшавандагӣ [9, с.2], тағйир ёфтани калима [10, с.122] шарҳ дода мешавад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини забони арабӣ он ба шумор меравад, ки мафҳуми «эъроб» на танҳо ба исм, балки ба феъл ҳам тааллуқ дошта, он тағйирёбии исмро аз рӯйи падеж ва феълро аз рӯйи сиға фаро мегирад. Аз ин рӯ, дар забони арабӣ, ба таври умум 4 намуди эъроб мавҷуд аст: рафъ- رفع, насб نصب , ҷар(р)- جر ва ҷазм- جزم . Ин 4 намуд ба 3 гурӯҳ тақсим мешавад: 1) умумӣ - барои исм ва феъл - рафъ ва насб, 2) махсус барои исм – ҷар(р), 3) махсус барои феъл – ҷазм [2, с.46].

Мусаллам аст, ки дар забони арабӣ системаи тасрифии сепадежа мавҷуд аст, ки исмро дар се ҳолат тасриф мекунад: падежи рафъ (аломати грамматикиаш замма «ـُـ» ё «ـٌـ»), падежи насб (аломати грамматикиаш фатҳа) «ـَـ» ё «ـً_»), падежи ҷар(р) (аломати грамматикиаш «ـِـ» ё «ـٍـ»).

Падеж дар забони арабӣ таърихи дуру дароз дорад ва мавҷудияти он дар забони классикии араб, алалхусус дар Қуръони маҷид, назми давраи ҷоҳилӣ ва аввали ислом шоҳиди ин ақида мебошад. Дар масири таърихи хеш падеж ба таҳаввулоти бисёр дучор омадааст. Ҳатто дар хондани Қуръон дар мавриди вақф гоҳо падеж сарфи назар карда мешуд. Айни ҳолат дар назм ҳам ба назар мерасид [6, с.321].

Ровиёни араб, ки шеърҳои шифоҳии арабҳои бадавиро менавиштанд, ҳангоми мувофиқат накардани ягон анҷомаи калимаи шеър ба тасрифи падежие, ки чун қоида қабул шуда буд, ба шеър «иловаҳо» дохил мекарданд.

Системаи падежҳо ва қоидаи риояи онҳо аз тарафи олимони наҳв ҳамчун меъёр қабул гардида буд. Ҳангоми риоя накардани ин қоида, талаффузро ғалат меҳисобиданд. Меъёр ва қоидаи пурраи наҳви забони адабии арабӣ дар асоси нутқи зиндаи арабҳои бодиянишин ва забони ашъори онҳо пайдо шуданд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар нутқи қабилаи арабҳои бодиянишини ҳамон давра анҷомаҳои падежӣ риоя мешуданд.

Тахминан дар асрҳои IX-X дар нутқи гуфтугӯии шаҳр анҷомаи исмҳо - ифодагари падеж талаффуз карда намешуданд. Баъдтар анҷомаҳои падежӣ дар забони гуфтугӯӣ аз байн рафта, танҳо дар забони Қуръону назм боқӣ монд.

Анҷомаи падежӣ дар забони арабӣ аз лиҳози пайдоиш таърихи хеле қадим дорад.

Дар лаҳҷаҳои забони арабӣ танҳо боқимондаҳои анҷомаҳои падежӣ бо маънои ибораҳои зарфӣ, бо танвин ё бе танвин вомехӯранд. Масалан: ظهرة - фардо, أبدًا – ҳеҷ гоҳ, اهلاً و سهلاً – хуш омадед, دائمًا – доимо, مرحبًا – салом.

Дар матнҳои қадимаи забони аккадӣ ҳамон анҷомаи падежӣ вомехӯрад, ки дар забони арабӣ мавҷуд буд. Бо вуҷуди мунтазам истифода шудан ин анҷомаҳо аксар вақт ба ҳам омехта мешуданд [6, с.322].

Дар матнҳои баъдина, махсусан дар забони ошурӣ анҷомаҳои падежӣ бисёр вайрон шуда буданд, зеро ки дар нутқи гуфтугӯии онҳо ин анҷомаҳо дер боз истифода намешуд ва нависандагон ба намунаҳои матнҳои куҳна пайравӣ намуда, навиштани анҷомаҳои падежиро идома медоданд, лекин онҳоро байни ҳам омехта мекарданд. Масалан, анҷомаи падежи насб (винительный) **–a**, аз ҳиссачаи ишоратии **ha** ба вуҷуд омадааст. Анҷомаи падежи ҷар(р) **–i** (родительный падеж) бо бандаки сифати нисбии **ى + li** рост меояд. Мисол: بيتُ الفلاحي тахмин меравад, ки аз بيتُ الفلاحيُ пайдо шуда бошад ва анҷомаи падежи номӣ аз ҷонишини **ha (ه) –вай**, ки رجل **ragulu** аз **ragul-ha** гирифта шудааст. Дар замонҳои қадим анҷомаи падежӣ ду хел буд: ҳам кӯтоҳ ва ҳам дароз [6, с.323].

Анҷомаҳои падежӣ ба ҳамаи забонҳои сомӣ хос аст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки пайдоиши онҳо ба марҳалаи аввали рушди забонҳои сомӣ мувофиқ меояд.

Дар забони тоҷикӣ-форсии имрӯза категорияи ҳолат ё падеж вуҷуд надорад ва ин то андозае маҷрои дарккунии мавзуи падежи исмҳоро дар таълими забони арабӣ ба хонандагони мо душвор мекунад.

Агар мо ба таърихи забони тоҷикӣ-форсӣ нигоҳ кунем, ин категория ба забони мо ҳам бегона нест. Муҳаққиқони забоншинос таъкид мекунанд, ки забони форсии бостон дорои чанд нишондиҳандаи грамматикӣ будааст, ки яке аз онҳо падеж мебошад. Доктор Муҳсини Абулқосимӣ менависад: “Мақулаҳои исм дар эронии бостон иборатанд аз а) ҷомиду муштақ ва иборату мураккаб; б) маърифа ва накира; в) ҷинс: музаккар, муаннас ва хунсо; г) шумор: муфрад, мусанно ва ҷамъ; д) ҳолат: фоилӣ, мафъулӣ, мафъулии мааҳу, мафъулии лаҳу, мафъулии анҳу, изофӣ, мафъулии фиҳи ва нидоӣ” [1, с.26; 16, с.101-109; 17, с.122-131].

Забоншиносони рус ҳам бар ин ақидаанд, ки исмҳои забонҳои авастоӣ ва форсии бостон аз рӯйи мақула - падеж ва ҳамчунин шумор тағйир меёфтанд. Се шумора – танҳо, мусанно ва ҷамъ ва ҳашт падеж дар авастоӣ – “именительный, винительный, родительный, дательный, инструментальный, отложительный, местный, звательный” ва дар форсии бостон, ки решаи исм ба **–ā** интиҳо ёфтааст, ҳафт падеж мавҷуд будааст [11, ҷ.1, с.108].

Бо вуҷуди ин, на дар ҳамаи исмҳои ҷомид ё худ решаҳо ин анҷомаҳоро дучор шудан мумкин мебошад ва осори хаттии аз ин давра бозмонда шаҳодат медиҳад, ки низоми тасрифи исм дар он мураккаб ва дорои шаклҳои зиёд будааст.

Дар китоби “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” ишора меравад, ки забони тоҷикӣ-форсии бостон аз рӯйи хусусияти сохти грамматикии худ забони типи флективӣ буда, системаи ҳиссаҳои номии нутқи он дорои категорияҳои ҷинсият, шумораю падеж [7, с.17] ва шаклҳои гуногуни ифодакунандаи он категорияҳо мебошанд. Пешояндҳо дар марҳилаи қадимии забони тоҷикӣ-форсӣ якҷоя бо шаклҳои падежи ҳиссаҳои номии нутқ истифода мешуданд ва дар айни ҳол моҳияту вазифаи онҳо дар он давра бо мафҳуму моҳияти падежҳо мувофиқат менамуданд. Вале дар давраи миёнаи инкишофи забони тоҷикӣ, системаи падежӣ-флективӣ ва категорияи ҷинсият аз байн меравад. Шаклҳои флективӣ тадриҷан ба шаклҳои тарзи аналитикӣ иваз мешаванд. Ин ҳодиса боиси васеъ шудани маънои пешоянду пасояндҳо ва моҳияти грамматикии қисме аз онҳо мегардад [4, с.286; 16, с.101-109; 17, с.122-131]. Усули корбурди ҳолатҳо дар форсии бостон мутобиқи осор чунин аст: а) истифодаи ҳолатҳо ба тавассути анҷомаҳо; б) истифодаи ҳолатҳо ба тавассути ду воситаи грамматикӣ, яъне анҷома ва пешоянду пасояндҳо [13, с.46; 17, с.122-131].

Ба таври мушаххас гуфта метавонем, ки падеж дар забонҳои эронии қадим мушоҳида карда мешуд ва он анҷомаҳои махсуси падежӣ дошт, ё бо пешояндҳо анҷомаҳои падежии онҳо ба назар мерасид. Вале бо мурури замон ва дар давраҳои дигари рушди забони тоҷикӣ-форсӣ он аз байн рафта, дар забони муосири тоҷикӣ танҳо воситаҳои ифодаи ин маъниҳои грамматикӣ боқӣ мондааст. Чунонки дар боло ишора рафт, дар забони арабӣ 3 падеж (марфуъ – именительный, мансуб – винительный, маҷрур - родительный) мавҷуд буда, исмҳои ин забон аз рӯйи онҳо тасриф мешаванд ва ҳар яке аз ин падежҳо дорои анҷомаи алоҳидаи хеш мебошанд.

Тавре тазаккур шуд, ҳаракати охири калима дар забони арабӣ дар кадом падеж ҷой гирифтани исмро мефаҳмонад. Исм дар ҷумла ба вазифаҳои гуногун меояд ва аз ин лиҳоз мо метавонем якчанд вазифаҳои исмро дар ҷумла муайян кунем, ки нишондиҳандаи грамматикии он дар ҳолати рафъ қарор гирифтани он мебошад.

Исм дар забони арабӣ дар шаш ҳолат марфӯъ мешавад: ба вазифаи мубтадо, хабар, исми كَانَ, хабари إِنَّ, фоил ва ноиби фоил омадан.

Агар ба маънои луғавии калимаи “рафъ” назар кунем, дар фарҳангҳо чунин маъноҳоро дармеёбем:

1.Бардоштан, баланд кардан, баландбардорӣ, болошавӣ;

2. Бекоркунӣ, дуркунӣ;

3. Гузориши калима дар ҳолати рафъ.

Феъли رَفَعَ бошад, чунин тарҷума мешавад: 1) боло кардан, бардоштан; 2) дур кардан; 3) сабук кардан, раҳо кардан; 4) дар падежи рафъ гузоштан; 5) баланд кардан; 6) барафроштан [4, с.466-467; 16, с.101-109].

Дар ҳар мавзеъ ҳолати рафъи забони арабӣ, ки дар вазифаҳои мубтадо ва хабар меоянд, анҷомаи “ ُ”-ро дар исмҳои муайян ва “ٌ”-ро дар исмҳои номуайян мегиранд. Дар забони тоҷикӣ барои муайян кардани ҳолати рафъи забони арабӣ ягон анҷомаи махсус вуҷуд надорад ва ҳолати фоилии забони тоҷикиро мо дар вазифаи мубтадо мушоҳида карда метавонем. Вазифаи мубтадоро дар забони арабӣ фоил, ноиби фоил ва исми феъли كَانَ ичро мекунанд, ки дар забони тоҷикӣ вазифаи грамматикии онҳо дар ҷумла мубтадо мебошад.

Ҳолати мансубии забони арабиро дар ёздаҳ мавзеъ муайян кардан мумкин аст. Ҳолати насб дар забони арабӣ хос ба калимаҳои дар ҷумла ба вазифаи пуркунандаи бавосита ва бевосита, тамйиз, ҳол, зарфи замон ва макон, тарзи амал, миқдор ва мақсад, мафъули мутлақ, мафъул лиаҷлиҳи, мафъул маъаҳу омада мебошанд. Исмҳои дар ин ҳолат қарордошта, дар падежи насб бо анҷомаи “َ” дар исмҳои муайян ва “ً” дар исмҳои номуайян меистанд. Дар забони тоҷикӣ мо онро метавонем, ки бо пуркунандаи бевосита қиёс кунем.

Дар тадқиқоти арабшиносони муосири рус ва пештар дар замони шӯравӣ истилоҳи «насб» ҳамчун падежи «винительный» тарҷума шудааст. Аъзои ҷумлае, ки дар ҳолати насб меояд, нисбат ба ҳаммонанди худ дар забони русӣ вазифаҳои синтаксисии васеътарро ичро мекунад. Дар баробари он ки ҳолати насб ба пуркунандаи бевосита ва бавосита

будани аъзои ҷумла ишора мекунад, ҳамзамон боз ба як қатор вазифаҳои дигар омадани калимаҳоро ифода менамояд: ҳол, ҳоли мақсад ё сабаб, зарф, тамйиз ва ғайра.

Б.М. Гранде қайд мекунад, ки “Насб барои тобеияти исмро аз феъл нишон додан истифода мешавад, дар баробари он ки ин тобеият метавонад гуногуншакл бошад, яъне аз пуркунандаи бевосита оғоз карда, то намудҳои мухталифи пуркунанда, ки амали феълҳоро ё мушаххас ё маҳдуд ё шарҳ медиҳад” [6, с.338].

Маънии асосӣ ва таъйинкунандаи падежи насби арабӣ маънии объект ё мафъул будани он мебошад, ки дар забони тоҷикӣ ба тавассути воситаҳои синтаксисӣ ифодаи хешро меёбад. Ин воситаҳои синтаксисии забони тоҷикӣ дар ҷумла пасванди **–ро**, пешояндҳои **ба, аз, барои, бо сабаби** ва монанди инҳо мебошанд.

Дар забони арабӣ ду роҳи маҷруршавии исмҳо мушоҳида мешавад, ки яке ба воситаи изофат ва дигаре ба воситаи пешояндҳо мебошад. Агар пеш аз исми забони арабӣ пешояндҳо оянд, он исм ҳатман дар падежи ҷар(р) қарор мегирад ва аломати маҷрурии он анҷомаҳои **“ٍ”(-и)** дар исми муайян ва **“ ٍ” (-ин)** дар исми номуайян аст. Дар забони тоҷикӣ низ маънои падежи маҷруриро, ки соҳибиятро мефаҳмонад, бандаки изофии «-и» муайян мекунад ва ба воситаи пешояндҳо метавон мавқеи исмҳои забони тоҷикиро ҷудо намуд, ки нишондиҳандаи асосии ин падеж ҳол мебошад.

Азбаски анҷомаҳои падежҳо барои тамоми забонҳои сомӣ хос аст, аз ин бармеояд, ки онҳо аз даврaҳои қадим баромада, дар забони арабӣ онҳо қаблан дароз ва духела буданд. Бояд зикр кард, ки анҷомаҳои падежҳои забони арабиро нашояд аз ҳодисаҳои забонии дигар забонҳои сомӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ намуд, зеро ҳодисаҳои забонии ин забонҳо собит менамоянд, ки қаблан дар забонҳои сомӣ ва лаҳҷаҳои он флексияҳои садоноки дароз мавҷуданд, ки метавонистанд дар баъзе лаҳҷаҳои забони арабӣ боқӣ монанд.

Ҳамин тавр, дар забони тоҷикӣ нишонаҳои падеж вуҷуд дошта бошад ҳам, аммо онро дар забоншиносии тоҷик ҳамчун категорияи алоҳида ҷудо намекунанд. Аз ин рӯ, дар забони тоҷикӣ категорияи падеж ба назар намерасад, лекин ҳангоми омӯхтани алоқаи синтаксисии ҷумлаҳо дар он метавон навъи падеж ё нишонаи онро, ки ба падеж монанд аст, дарёфт намуд. Нишонаҳои падежӣ дар забони тоҷикӣ озод будани мубтадо аз анҷомаҳои падежӣ, бандаки изофии «-и» қабул кардани ибора, ки аз муайянкунанда ва муайяншаванда иборат аст ва мавҷуд будани пасванди «-ро» дар пуркунандаи бевосита мебошанд.

Муқарриз: ***Мирмухаммедов О.Т.*** – номзади илмҳои филологӣ
дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосимӣ, Муҳсин. Дастури таърихии забони форсӣ. – Теҳрон: Созмони мутолиа ва тадвини кутуби улуми инсонии донишгоҳӣ, 1387. – 425 с.
2. ал-Ансорӣ, Ибни Ҳишом. Шарҳи шузуруз-заҳаб фи маърифати каломи-л-араб. – Байрут: Дору-л-ҷил, 1988. – 565 с.
3. ал-Мунҷид фи-л-луғати-л-арабийяти-л-муъосирати. - Байрут: Дору-л-машриқ, 2001. – 1641 с.
4. Баранов Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. – М.: Изд. иностранных и национальных словарей, 1958. – 1187 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
6. Гранде Б.М. Курс арабской грамматики в сравнительно-историческим освещении / Б.М. Гранде.- М: Восточная литература РАН, 2001. - 594 с.
7. Додихудоев Р.Х. Таърихи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи тоҷик / Р.Х. Додихудоев, Л.Г. Герценберг. – Душанбе: Маориф, 1987. – 200 с.
8. Ефимов В.А. Опыт историко-типологического исследования иранских языков (Эволюция грамматических категорий): в 2т. / В.А. Ефимов [и др.]. - М.: Наука, 1975. – Т.2. - 476 с.
9. Ковтонюк, В.В. Грамматика арабского языка Антуана Ад-Дахдаха. Часть 1. / В.В. Ковтонюк. - М.: Мурвей, 2004. – 280 с.
10. Лебедев В.В. Арабская грамматика: базовый курс на русском и арабском языках / В.В. Лебедев. 2-е изд., стер. – М.: АСТ: Восток – Запад, 2005. – 171 с.
11. Расторгуева В.С., Опыт историко-типологического исследования иранских языков: Фонология. Эволюция морфологического типа: в 2 т. / В.С. Расторгуева, Д.И. Эдельман. – М.: Наука, 1975. - Т.1. - 238 с.
12. Русская грамматика. Гл. ред. Н.Ю. Шведова. – М.: Наука, 1980. - Т.I – 783 с.; - Т.II. – 709 с.
13. Саймиддинов Д. Форсии бостон (овошиносӣ, грамматика, овонавишт, катибаҳои мехӣ ва вожанома) / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 232 с.
14. Сулаймонӣ, Саидраҳмон. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 1563 с.
15. Юсуф Ҳаббуд. Шарҳу қатри-н-надо ва балла-с-садо. Таснифи Ҷамолиддин Абдуллоҳ Ибни Ҳишом ал-Ансорӣ. – Байрут: Дору-л-Арқом Ибни Абиларқом ли-т-тибоати ва-н-нашри ва-т-тавзиъ, 1998. – 344 с.

16. Ashrapov, B. P. Consideration on the place and role of subordinate conjunctions in "Tuhfat- ul-khoni" by Muhammad Vafo Karminagi / B. P. Ashrapov // Bulletin of Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of Humanitarian Sciences. – 2017. – No 4(73). – P.101-109.
17. Ashrapov, B.P. The Place of Poly-Affixes in the Tajik Literary Language of the XVIII-th Century / B.P. Ashrapov // Bulletin of Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of Humanitarian Sciences. – 2015. – No 3(64). – P.122-131.

РОҶЕЪ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ПАДЕЖ ДАР ЗАБОНҲОИ АРАБӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақола роҷеъ ба омӯзиши таърихи пайдоиши падеж дар забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки падеж категорияи грамматикии ҳиссаҳои номии нутқ (исм, сифат, ҷонишин, шумора) буда, шаклҳои категорияи падеж муносибатҳои гуногуни синтаксисии ин ҳиссаҳои нутқро ба дигар калимаҳо ё умуман фикр ифода мекунад. Собит карда шудааст, ки ҳамаи забонҳои мабдаъ падежи худро доштаанд ва тақрибан аз 6 то 8 падежро дар бар мегирифтаанд. Ҳамчунин, дар забони арабӣ ҳам категорияи падеж аз муҳимтарин нишондиҳандаи исмҳо маҳсуб ёфта, он се навъро ташкил медиҳад: 1) **рафъ,** 2) **насб** ва 3) **ҷар**. Бояд қайд намуд, ки дар забони тоҷикӣ-форсии имрӯза категорияи ҳолат ё падеж вуҷуд надорад ва ин то андозае мачрои дарккунии мавзуи падежи исмҳоро дар таълими забони арабӣ ба хонандагон душвор мекунад. Ғайр аз ин муаллиф таъкид менамояд, ки дар гузашта забони тоҷикӣ-форсӣ низ дорои чунин падидаи сарфӣ буда, аз ин рӯ, ин категория ба забони тоҷикӣ ҳам бегона набудааст. Дар натиҷаи таҳлил муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки падеж дар забонҳои эронии қадим мушоҳида карда мешуд ва он анҷомаҳои махсуси падежӣ дошт, ё бо пешояндҳо анҷомаҳои падежии онҳо ба назар мерасид. Вале бо мурури замон ва дар давраҳои дигари рушди забони тоҷикӣ-форсӣ он аз байн рафта, дар забони муосири тоҷикӣ танҳо воситаҳои ифодаи ин маъниҳои грамматикӣ боқӣ мондааст.

Калидвожаҳо: падеж, ҳиссаи нутқ, шаклҳои категорияи падеж, таҳлили қиёсӣ, забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ, таърихи пайдоиши падеж.

ОБ ИСТОРИИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ПАДЕЖА В АРАБСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена изучению истории возникновения падежа в арабском и таджикском языках. Подчеркивается, что падеж является грамматической категорией именной части речи, включающей имя существительное, прилагательное, местоимение, числительное, а формы категории падежа выражают различные синтаксические отношения соответствующих частей речи к другим словам или мысли в целом. Свидетельствует, что все идеологические языки обладают своим падежом и содержат около 6-8 падежей. При этом категория падежа считается одним из важнейших показателей существительных, состоящих из трех типов: 1) **рафъ** (им.п.), 2) **насб** (род.п.) и 3) **джар** (вин.п.) в арабском языке. Следует отметить, что в современном таджикско-персидском языке отсутствует категория падежа, что в некоторой степени усложняет понимание читателем подлежащего имени существительного при обучении арабскому языку. При этом автор статьи делает акцент на том, что в прошлом таджикско-персидский язык имел такое морфологическое явление, и поэтому соответствующая категория не является неизвестной в таджикском языке. Приводя результат анализа, автор статьи приходит к выводу, что в древнеиранских языках наблюдался падеж, и в нем были особые падежные окончания, либо с приставками были свои падежные окончания. Однако со временем и на других этапах развития таджикско-персидского языка он исчез и в современном таджикском языке остались только средства выражения этих грамматических значений.

Ключевые слова: падеж, часть речи, падежные категории, сравнительный анализ, арабский и таджикский языки, история падежа.

ON THE HISTORY OF O RIGIN OF CASE IN ARABIC AND TAJIK LANGUAGES

The article dwells on the study beset with the history of origin of case in Arabic and Tajik languages. It is underscored that the case is a grammatical category of nominal parts of speech, including noun, adjective, pronoun numeral, and the forms of the category of case express various syntactic relations of the relevant parts of speech to other words or thought, on the whole. It is testified that all ideological languages possess their own case and contain about 6 to 8 caces. In reference to it, the category of case is considered to be one of the most important indicators of nouns consisting three types: 1) **raf`**, 2) **nasb** and 3) **jar** in the Arabic language. It is worth mentioning that in modern Tajik-Persian language there is no category of case, therefor it complicates readers` comprehension of the subject of nouns while Arabic language teaching to some extent. Into the bargain, the author of the article lays an emphasis upon the idea that in the past, Tajik-Persian language had such morphological phenomenon, and that's why the relevant category is not unknown in the Tajik language. Adducing the result of an analysis, the author of the article comes to the conclusion that case was observed in the ancient Iranian languages, and it had special case endings, or with the prefixes, there were their case endings. However, over time and in other stages of development of Tajik-Persian language it disappeared and in modern Tajik language only the means of expression of these grammatical meanings has been remained.

Key words: case, part of speech, categories of case, comparative analysis, Arabic and Tajik languages, history of case.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қӯзиева Нодира Муродовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи грамматикаи забони арабӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков 1. E-mail: **grammatika-arab@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 927-61-32-44**

Сведения об авторе: ***Кузиева Нодира Муродовна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры грамматики арабского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, Мавлонбекова 1. E-mail: **grammatika-arab@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 927-61-32-44**

Information about the author: ***Kuzieva Nodira Murodovna*** – Khujand State University named after academician B.Gafurov, candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Arabic grammar. **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand, Mavlonbekova 1. E-mail: **grammatika-arab@mail.ru**.
Tel.: **(+992) 927-61-32-44**

УДК: 491.155:495.7

МУҚОИСАИ МАВЗУИИ БАРХЕ ЗАРБУЛМАСАЛҲОИ ФОРСӢ БО КОРЕЯГӢ

Ли Чум Хи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Миёни аркоие, ки дар камолу истеҳкоми як забон нақши калидӣ мебозанд, зарбулмасалҳо ҷойгоҳи барҷастае доранд. Дар паҳнои дунё шояд забонеро натавон пайдо намуд, ки аз вуҷуди зарбулмасалҳо бебаҳра бошад. Танҳо сатҳи истифода ва шумори онҳо дар ҳама забонҳо яксон нест. Ин тафовут дар корбурду мавҷудияти зарбулмасалҳо вобастаи пешинаи таърихӣ, зарфияту имконоти забон, ҷуғрофиёи корбурди он мебошад. Забонҳо чи хурду чи бузург таърихе доранд, ки дар тули он пешрафту густариши онҳо сурат гирифтааст. Ин раванди таърихӣ манзари вижаеро аз ҷаҳон дар матни забон ба вуҷуд овардааст. Барои корбарони забон ин манзара аснои коргирӣ аз сарвати забонӣ, махсусан зарбулмасалҳо қобили дид мешавад.

Бо шумори ин ҷанба дар адабиёти таҳқиқӣ зарбулмасалҳоро яке аз нишонаҳои асоситарини фарҳанг медонанд ва ба андешаи бархе аз муҳаққиқон зарбулмасалҳо худ забоне маҳсуб мешаванд, ки дар хилоли қарнҳо дар бистари фарҳанги рӯзмарра шаклу сурат ёфтаанд [5, с.219].

Зарбулмасалҳо дар навбати худ мунъакискунандаи бунмояҳову муқтазиёти фалсафаи зиндагии як миллат мебошанд. Дар фарҳангу донишномаҳо перомуни маънии истилоҳии зарбулмасал тафсиру шарҳҳои мабсуте мундариҷ аст, ки мо ба зикри намунае иктифо мекунем. Дар «Фарҳангномаи адабии форсӣ» чунин омадааст: «Зарбулмасал, масали соир, суханони кӯтоҳ ба наср ё назм, ки баёнгари мафоҳими ахлоқӣ иҷтимоӣ, андарзу дастурҳои зиндагӣ аст. Зарбулмасал, ки бо номҳои масали соир достонзаду забонзад низ хонда мешавад, сохторе маҳкаму равон, маъное киноиву корбурдии ом дорад. Бахше аз фарҳанги мардум аст, ки сина ба сина аз насле ба насли дигар интиқол ёфтааст. Дар аҳамияти он гуфтаанд, вуҷуди бештари масал дар ҳар миллате нишонаи хирадмандии аҳли он миллат аст. Ҳар забоне, ки битавонад ба гунаи фишурда, равон, бо таркиби зебо расонандаи паём бошад, тавонмандии худ ва ҳикмату завқи мардумашро баён мекунад. Инсон дар фароянди зиндагӣ ба таҷруба ва шинохте мерасад, ки дар бовар, кирдор ва рафтори рӯзмарраш таҷаллӣ меёбад» [13, с. 925].

Дар боло хотиррасон намудем, ки ҳар як забоне манзари ба худ хос дорад, ки дар имтидоди қарнҳо шаклу сурати хос касб мекунад ва дар такмилу густариши доимӣ қарор дорад. Дар ин миён аҳли забон вазифадор аст, ки мазмуну муҳтавои гуфтаҳову андӯхтаҳои хешро бар асоси манзари забонӣ тадвину мураттаб ва баён созад. Шояд пурсида шавад, ки манзари забонӣ бар пояи чи аносире бунёд мегардад. Ба андешаи забоншиносон барои дарки ин масъала бояд маҷмуи шинохтаҳову тасаввуроти инсон аз ҷаҳон мавриди омӯзиши амиқ қарор гирад [3, с.64].

Бархе аз забоншиносон бар ин ақидаанд, ки манзари забонии ҷаҳон, ки зарбулмасалу мақолҳо як ҷузъи он мебошад, ба таҷрибаи ҷисмиву фарҳангии инсонҳо бастагӣ дорад.

Лозим ба тазаккур аст, ки ҳангоми баррасии мавзуи зарбулмасал бояд аз як истилоҳи роиҷ дар забоншиносии ҷаҳон **«paremia»** ёдовар шуд. **Paremia** аслан вожаи юнонӣ аст, ки маънияш мақол, зарбулмасал аст. Вале дар манобеи истилоҳшиносӣ паремияро иборат аз маҷмуи устувори воҳидҳои фразеологӣ медонанд, ки фарогири ҷумлаҳои комил ҳастанд ва бештар ҷанбаи неруманди ахлоқӣ доранд. Бояд гуфт, ки зарбулмасалҳо ба паремия дохил мешаванд, вале дар забоншиносӣ миёни воҳидҳои фразеологӣ, мусталиҳот ва зарбулмасалҳо тавфир мегузоранд, ҳарчанд онҳо низ баёнгари бахше аз манзари забонии ҷаҳонанд. Тибқи маъмул воҳидҳои фразеологӣ ҳамеша ба мавзуи муайян нигаронида шудаанд. Иллати зуҳуру ҳадафи онҳо тавсифу бозтоби ҷаҳон нест, балки тағйири ҷаҳон, арзёбии ҷаҳон ва баёни андешаҳои фардӣ дар перомуни моҳияти он аст [3, с. 82].

Манзари забонии ҷаҳон ҳамчунин мунъакискунандаи хусусиятҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва маърифати соҳибони забон ва нишонгари шароити ҷуғрофиву зистии он аст. Аз сӯйи дигар, бозтобе тавассути зеҳнияти миллат таъйину муайян мегардад. Бояд таъкид

намуд, ки зеҳният дар навбати худ шарҳи ягона надорад. Бархе аз забоншиносон зеҳниятро бо маънии манзари ҷаҳон ҳамсону баробар медонанд.

Ба андешаи муҳаққиқи рус И.Т. Дубова зеҳният иборат аст аз «мушаххасоти ҷудоинопазири мардуме, ки фарҳанги ягона дорад. Фарҳанге, ки имкон медиҳад тавассути он ҷаҳонбиниву биниши он мардум шинохта гардад, тавсиф шавад. Гузашта аз ин, вижагии вокуниши онҳо дарку маърифат шавад» [1, с.20].

Бо шумори ин ки зарбулмасалу мақолҳо дар матни худ иттилооти фаровонеро дар бораи ҷаҳону ҷойгоҳи инсон дар паҳнои ҳастӣ фаро мегиранд, бархе аз муҳаққиқон перомуни мавзуи хоссе зери унвони дарку таҳаввули масоили ҷаҳон пажӯҳишҳое анҷом додаанд. Натиҷаи ҷомеъ аз маҷмуи пажӯҳишҳо ин аст, ки тасаввури масалии манзари ҷаҳон ҳамчун бахше аз манзари забони ҷаҳон мавҷуд аст, ки вижагиҳои хос дорад. Дар радифи он мавҷудияти зеҳнияти масалиро таъкид намудаанд. Ба қавли онҳо зеҳнияти масалӣ ба маънои зеҳнияти зарбуламасалҳо нест, балки зеҳнияти мардум аст, ки дар хазинаи зарбулмасалу мақолҳо бозтоб ёфтааст. Дар иртибот бо ин номуносиб нест аз як андешаи нависандаи машҳури рус М. Шолохов нақли қавл шавад. Мавсуф изҳор дошта, ки «гаронбаҳотарин сарвати мардум-забони ӯ маҳсуб мешавад. Ганҷинаи андешаву таҷрубаи як миллат дар имтидоди қарнҳо андӯхта мегардад ва дар ниҳоди вожагон ба абадият мепайвандад. Шояд дар ҳеҷ яке аз шаклҳои офаридаҳои мардумӣ бо ин зиндагиву шодобӣ, бо ин домана зеҳну ҳуши он баён намегардад, тавре ки ҷилваи таърихи миллатро, конуни зиндагӣ, ҷаҳоншинохтии онро дар зарбулмасалу мақолҳо мебинем» [4, с.3].

Бояд арз намуд, ки забони шевову куҳани форсӣ зарбулмасалҳои фаровоне дорад, ки шуморашон аз даҳҳо ҳазор таҷовуз мекунад. Зарбулмасалҳоро метавон ба мурғоне шабеҳ донист, ки аз қарне ба қарни дигар дар ҳоли парвозанд ва маълум нест дар чи замону маконе фурӯд меоянд. Даврaҳое, ки дар домани онҳо зарбулмасалу мақолҳо зода шудаанд, мухталифанд. Гуногунии муносиботу бархӯрди инсонҳо, ки дар дурдонаҳои мақолҳои мардумӣ, дар мусталеҳот, зарбулмасалҳо дарҷ шуда, бениҳоят аст. Дар матни зарбулмасалу мақолҳо аст, ки мо ба хираду зеҳни аждодон, ба шодиву нишот, ғаму андуҳ, хандаву гиря, ишқу нафрат, итминону нобоварӣ, ранҷу азоб, садоқату ростӣ, дурӯғу фитна, зебоиву зиштӣ ва ғайра дучор мешавем. Ба дигар маънӣ, зарбулмасалҳо шабеҳи оинаест, ки мо дар он симои хешу рӯзгори хешро мебинем, бурду бохти хешро ташхис медиҳем.

Тавре ки арз кардем, забони форсӣ аз нигоҳи зарбулмасалу мақол дастхолӣ нест, балки аз рӯзгори пешин дар ҳикмату масал пуровоза аст. Ба қавли дигар, «зарбулмасал аз чашмаи гуфтору адабиёти шифоҳӣ меҷӯшад, дар адабиёти навишторӣ ҷорӣ мешавад ва дар шеър бо номи ирсоли масал намуд меёбад.

Зарбулмасал гоҳе баёнгари рӯйдодҳои таърихӣ ва пешомадҳои иҷтимоӣ аст. Аз варои он метавон ба заминаҳо ва решаҳои мавзӣ даст ёфт» [13, с.925].

Ин ки зарбулмасалҳо дар назму насри пешини форсӣ ва ашъори бузургоне мисли Рӯдакӣ, Асадии Тӯсӣ, Фирдавсӣ, Байҳақӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Мавлавӣ, Ҳофиз, Сойиб ва бисёре аз дигар шоирони форсигӯ бозтоби густурда доранд, як ҷониби масъала аст.

Масъалаи аслӣ ин аст, ки таваҷҷуҳ ба зарбулмасалу мақолҳо, гирдоваривву тадвини онҳо дар хилоли замон чӣ гуна сурат гирифтааст.

Шояд Муҳаммадалии Ҳабларудӣ аз нахустин касоне бошад, ки дар қарни XVII мелодӣ пас аз ба Ҳиндустон кӯч кардан бо хоҳишу дастури Абдулло Қутбшоҳ ва пешниҳоди вазирону Шайх Мираҳмад ибни Хотун китоби «Маҷмаъ-ул-амсол»-ро тадвин намуд. Ин китоб танҳо дар соли 1965 бо саъю эҳтимоми Содиқ Киё дар Теҳрон ба нашр расид. Мавсуф соли 1675 китоби дигареро бо номи «Ҷомеъ-ул-тамсил» фароҳам овард, ки фарогири маводи китоби аввалӣ ва масалҳои дигар бо шумули латифаҳо, афсонаҳо ва қиссаҳои марбут ба тавзеҳи мисолҳо таълиф намуд, ки фарогири 3000 зарбулмасал буд. Соли 1675 дар Ҳиндустон китоби зарбулмасалҳои форсӣ зери унвони «Шоҳиди Содиқ» таълиф гардид, ки аз ҷониби Содиқ Содиқии Исфаҳонӣ нигориш ёфта буд. Ин маҷмуа бори нахуст бо кӯшиши Содиқ Киё соли 1952 дар Теҳрон ба табъ расид. Тааҷҷубовар аст, ки дар он замон, ки дар сарзамини Ҳинд гирдоваривву муназзам сохтану нашри зарбулмасалҳои форсӣ дар Ҳиндустон густаришу доманаи хос пайдо менамуд, дар Эрон Шоҳ Аббоси якуми сафавӣ ба гирдоварии зарбулмасалҳои туркӣ фармон дода буд.

Аслан таваққуҳ ба ҷамъовариву нашри ин сарвати гаронбаҳои форсӣ ба таври густурда дар қарни ХХ замони Инқилоби Машрута оғоз мегардад. Воқеан бо падид омадани Инқилоби Машрута гироиш ба фарҳанги миллӣ ва наздикии адабиёти расмиву фасеҳ ба адабиёти халқӣ густариш пайдо менамояд. Яке аз шахсиятҳое, ки дар ин ҷода бо паймардӣ, кӯшишу заҳмати фаровон намуда, Алиакбари Деҳхудо мебошад. Мавсуф, ки яке аз ширкаткунандагону ҷонибдорони сарсахти инқилоб буд, бо гузар аз Инқилоб ба кори таҳқиқу пажӯҳиш рӯй овард. Аввалин кори ҷиддии ӯ дар ин замина нашри китоби «Маҷмуат - ал - амсол» буд. Ба навиштаи Короглӣ «маводи ин маҷмуа ба тадриҷ дар маҷаллаи «Шафақи сурх» ба нашр мерасид. Ҳарчанд китоб маҷмӯаи зарбулмасалҳо номида мешавад, вале дар асл шавоҳиди он тақлидгунаҳое дар шакли зарбулмасаланд. Муаллиф бо коркарди хосси онҳо ба зарбулмасалҳо ҷанбаи ҳаҷву танз бахшидааст» [2, с.4].

Кори бунёдии Алиакбари Деҳхудо китоби «Амсолу ҳикам» мебошад, ки соли 1931 дар чаҳор ҷилд дар Теҳрон мунташир гашт. Ба қавле дар гирдоварӣ, таҳия ва тадвини китоби мазкур шодравон Ғуломалӣ Раъдии Озарахшӣ низ саҳм доштааст. «Амсолу ҳикам» маҷмуаест аз масалҳо, ҳикам, истилоҳот, каламоти қисор, ахбору аҳодис ҳудуди панҷоҳ ҳазор. Бархе аз зарбулмасалҳо шарҳу тафсир шудаанд.

Сайид Муҳаммад Саёқӣ соли 1980 гузидаеро бо номи «Баргузидаи «Амсолу ҳикам»-и А.Деҳхудо ба табъ расонид.

Бо назардошти ин ки маводи ин таҳқиқ бар мабнои «Амсолу ҳикам» сурат мегирад, лозим медонем перомуни манбаъҳои он чанд нуктаеро ишорат намоем. Марҳум А.Деҳхудо дар тадвини асари хеш бештар ба чаҳор манбаъ такявар будааст. Манбаи нахуст китоби «Маҷмуат - ал - амсол»-и Майдонӣ мебошад, ки ба забони арабӣ, дар қарни XI мелодӣ аз ҷониби Майдонӣ таълиф гаштааст. Тибқи таҳқиқ А. Деҳхудо аз шавоҳиди он беш аз ҳазор зарбулмасали адабиро истифода кардааст.

«Маҷмуаи мухтасари амсол» китоби дигарест, ки дар Ҳинд ба нашр расида ва мавсуф аз дохили он 100 зарбулмасалро вом гирифтааст.

Сарчашмаи сеюм «Ҷомеъ-ут-тамсил» мебошад, ки қарни XVII мелодӣ дар Ҳинд ба табъ расида ва аз он дар «Амсолу ҳикам» ҳудуди 300 зарбулмасалу мақол ахз шудааст.

Манбаи чорум «Шоҳиди Содиқ» ба шумор меравад, ки он ҳам дар Ҳинд чоп шуда, вале шавоҳиди барчида аз он дар китоби Деҳхудо зиёд нест. Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон дар таснифу тадвини ин китоб Деҳхудо саъйи фаровон намуда, то бештар ба шавоҳиди китобӣ, адабӣ такявар бошад: «чунин ба назар мерасад, ки зимни тадвини маҷмуа муаллиф ба ҷамъовариву коргарӣ аз фолклор таваққуҳ надошта, балки ба шавоҳиди адабӣ такявар буда. Аз ин рӯ, зарбулмасалҳое, ки ҷанбаи шифоҳӣ (фолклорӣ) доранд, дар маҷмуа мавқеияти хоссе надоранд, маъмулан ҳамчун муодили зарбулмасалҳои адабӣ нақл мешаванд» [9, с.5].

Дар нашру муаррифии зарбулмасалҳои форсӣ нақши китоби «Достонҳои амсол» низ бисёр чашмрас аст. Китоби мазкур аз ҷониби мудири рӯзномаи «Исфаҳон»-и Амирқулии Аминӣ соли 1945 ба табъ расид, ки дар гирдоварии он 18 сол саъю талош шудааст.

Албатта, дар хилоли замон китобҳои пуршуморе дар ин замина рӯйи чоп омада, ҳамзамон таҳқиқоти зиёде атрофи масоили мухталифи зарбулмасалу мақолҳо сурат гирифтааст, ки тафсираш аз ҳавсалаи ин мақола берун аст.

Ҳамон гуна ки дар боло мутазаккир шудем, ҳадафи мо дар ин мақола муқоисаи тадбиқиву табақабандии зарбулмасалҳо дар забони форсӣ ва кореягӣ мебошад.

Ҳадафи ниҳоӣ ёфтани муодил ё баробарҳое мебошад, ки ҳам бори маъноиро ҳифз кардаанд ва ҳам ҳатталимкон ба вожагон вафодор мондаанд. Лозим ба таъкид аст, ки бо вуҷуди он ки забонҳои мавриди назар шабоҳату ҳамсонӣ надоранд, вале аз як қоидаву қонуни хос пайравӣ мекунанд. Нуқтаи зариф ин аст, ки ҳарчанд зарбулмасалҳои форсӣ ва кореягӣ дар муҳити фарҳангӣ, иҷтимоӣ, таърихии мутафовит аз ҳам ба зуҳур расидаанд, бинишу ҷаҳонандешии мардуми ин ду кишвар, мазҳари зиндагӣ, расму сунан комилан аз ҳам фарқ мекунанд, вале бо вуҷуди ин, дар халқи зарбулмасалу мақолҳо аносире умумиву муштарак доранд. Махсусан, ҳангоме ки зарбулмасалҳо атрофи мавзуи хоссе муқоиса мешаванд, равшан мегардад, ки созандаи саҳнаҳои ҳамсон аст.

Қаблан ишора намудем, ки теъдоди зиёди зарбулмасалҳо пайванди амиқу густурда ба фарҳангу расму анъанаҳо ва забони миллат доранд. Ба дигар сухан, аксар решаи

зарбулмасалҳоро дар пешинаи фарҳангӣ, конуни зиндагӣ, ҷомеаи инсонӣ метавон ҷустуҷӯ намуд. Бо вуҷуди ин, зарбулмасалҳое ёфт мешаванд, ки дар ҳар забону фарҳангу тамаддуни мардуми мутафовит, ҳамсониву монандӣ доранд. Дар фарҳангҳои зарбулмасали ҳар мамлакате аз ин гуна зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун зарбулмасалҳои мусталеҳ ном мебаранд. Замоне, ки чунин анвои зарбулмасалҳо мавриди қиёс қарор мегиранд, мушкил бо амри тарҷума ва ёфтани муодилҳо хатм намешавад. Дар чунин мавриде бояд бештар талош намуд, то миёни зарбулмасалҳои қиёсшаванда созишпазирӣ ба даст биёяд. Сабабаш вобаста ба он аст, ки масъалаи ҷаҳоншинохтӣ, бинишу шеваи талаққӣ дар ҳар забоне гуногун аст. Мушкили дигар ин аст, ки зарбулмасалҳо тарҷумапазир нестанд.

Гузашта аз ин, вақте забонҳо ҳамреша набошанд, печидагиву мушкилот афзуда мешавад. Ин қоида ба забонҳои форсӣ ва кореягӣ, ки ҳеҷ умумияти ҳамрешагӣ надоранд, сидқ мекунад. Маҳзи хотири ин, дар интихоби шеваи қиёс низ ҳар пажӯҳандае ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мегардад. Албатта, қиёсу тадбиқро метавон бо такя ба вижагиҳои хос анҷом дод. Масалан аз лиҳози мавзӯӣ. Барои намуна метавон як вожаи хосро, ки дар таркиби зарбулмасалҳои пуршуморе ҳузур дорад, интихоб намуд ва атрофи ҷузъиёташ таҳқиқ кард.

Ин амрро метавон дар заминаи калимоти пуркорбурди забон, ки ифодагари аносири бунёдии зиндагии инсонанд, огоз намуд.

Масалан, вожаи «об»- ро мегирем, ки перомуни нақши он дар калимасозӣ дар забони форсӣ ҷойи сухан нест. Бо истифода аз вожаи мазкур дар фарҳанги Деҳхудо даҳҳо шоҳид оварда шудааст. Ба сифати мисол дар ин ҷумла: **آب از سرچشمه گل آلود است**

Ба ин маънӣ, ки бекифоятӣ, мудирияту роҳбарии нодурусти шахсе, ки зимоми умурро дар даст дорад, сабаб мешавад, ки авзоъ хароб шавад, кор ривоҷ пайдо накунад. Зарбулмасали мазкур дар адабиёти форсӣ, махсусан осори мансур, достону афсонаҳо корбурди фаровон дорад.

Дар забони кореягӣ низ бо истифода аз вожаи «об» ва аносири марбут ба он зарбулмасале мавҷуд аст: 윗물이 맑아야 아랫물도 맑다. **(witmuri malkayan araesmuldo malkda.)**

Бар хилофи зарбулмасали форсӣ шеваи хитоб ба мухотабон ва баён як каме тафовут дорад. Тарҷумаи он ба шарҳи зер аст: **Оби боло пок бошад, оби пойин ҳам пок мешавад.**

Тавре ки дида мешавад, дар зарбулмасали форсӣ қотеъан таъкид шуда, ки иллатро бояд дар мабдаъ, сарчашма, нуқтаи атф ҷуст. Чун муҷрии ҳама нокомӣ бастагӣ ба он дорад.

Дар зарбулмасали кореягӣ танҳо рӯйи шарт таъкид шуда, ки дар сурати «покии оби боло», поёнӣ ҳам пок хоҳад буд.

Аз мурури ин зарбулмасалҳову қиёси онҳо маълум мешавад, ки ҳадаф мушобеҳу ҳамсон аст, танҳо шеваи талаққиву баён аз ҳам фарқ мекунад.

Мисоли дигаре нақл мешавад: **آب در هاون کوبیدن** ба маънии кори беҳудаву барҳадар намудан. Дар забони кореягӣ низ шабеҳи ин зарбулмасал мавҷуд аст : 깨진 독에 물 붓기 **(kkaejin doke mul butgi.)**

Дар ин масал низ вожаи аслӣ «об» аст. Танҳо барои нишон додани матлаб, яъне бенатиҷагиву беҳудагии коре, ки бояд амалӣ гардад, аз шайъи дигаре, яъне кӯзаи сӯрохшуда кор гирифта шудааст: **Дар кӯзаи сурохшуда об пур кардан.**

Дар китоби «Амсолу ҳикам» ҳамон гуна, ки арз шуд, мисолҳое, ки бо вожаи «об» нақл шудаанд фаровонанд ва гоҳо муодили онҳо, ё мушобеҳи онҳо дар забони кореягӣ низ бо «об» сохта шудааст. Масалан: **آب که یک جا بماند می گندد**

Дар шарҳу тафсири ин зарбулмасал Деҳхудо шавоҳиди пуршумореро аз адабиёти классикӣ нақл намуда, ки мо аз зикри онҳо сарфи назар мекунем. Танҳо таъкид намудан лозим аст, ки чунин шеваи тадвин беиллат нест. Ба ақидаи муҳаққиқ Х.Г. Корогли «адибону нависандагон ба таври густурда маводи фолклориро дар осори хеш истифода намудаанд, ба зарбулмасалу мақолҳо ҷанбаи шоирона додаанд, ки дар натиҷа бахше бо мурури замон ба калимоти қисор табдил гаштаанд [2].

Чунин падидае барои адабиёти форсӣ низ хос аст. Эҳтимол меравад, мардуми ашрофзодаи Эрон ба эҷодиёти мардумӣ назари хубе надошта ва онро авомона

медонистаанд. Аммо ҳангоме ки ин зарбулмасалҳо дар либоси шеър дар меомаданд, мавриди мутолиа қарор гирифта, ҳифз мешуданд, то чошнии сухан бошанд» [2, с.5-6].

Бад-ин тариқ зарбулмасали болоӣ дар забони кореягӣ бар шарҳи зер аст: 고인 물은 썩기 마련이다. **(goin mureun sseokgi maryeonida.)** **Обе, ки дар якҷо мемонад, ганда мешавад.**

Ба назар чунин мерасад, ки дар халқи як зарбулмасал такрори мазоҳире аз зиндагии башарӣ, шеваҳои бархӯрду муошират дар конуни зист бисёр корсоз аст. Дидани саҳнаи мушобеҳ ба таври муқаррар муҷиби он мегардад, ки зеҳн барои баёну тавсифи он матлабе бисозад. Махсусан саҳнаҳое, ки дар рӯзгори тамоми мардуми ҷаҳон новобаста аз чигунагии фарҳангу забон ба зуҳур мерасанд.

Масалан, падидае мисли «дурӯғ» дар матни зиндагии милали ҷаҳон решаи амиқ дорад. Дурӯғгӯ новобаста аз он, ки аҳли кадом сарзамину мансуб ба кадом миллат аст, амали ягона анҷом медиҳад. Мусаллам аст, ки раванди дурӯғ гуфтану дурӯғ бофтан, бо иллати такрори ҳамешагӣ фазову вижагиҳои хоссеро барои муҷрӣ эҷод месозад, ки ин вижагиҳо бо мурури замон дар зеҳни мушоҳид тасвиру суратеро меофарад. Ба дигар суха зарбулмасале халқ мешавад, ки нишонгари хислату ҷаҳони дурӯғ аст. Барои тасдиқи андеша боз мисолеро аз «Амсолу ҳикам» нақл мекунем:**آدم دروغ گوکم حافظه است**

Воқеан ин хулосаи дақиқест, ки дар инкори он касеро ҷуръате нест. Ҳар шунавандае, ки онро истимоъ намуда, чун ҳақиқат қабулаш мекунад, зеро гӯяндаи ин матлаб ё холиқи он, ки ҳамеша исмаш маълум нест, аз таҷруба, аз назораи бисёрдафъаву санҷидаи амали як ё чанд нафар, ки муҷрии дурӯғ гуфтан будаанд, ба ин натиҷа расидааст.

Дар забони кореягӣ низ мо ба зарбулмасали мушобеҳ бармехӯрем, аммо бо каме тафовут: 거짓말은 십 리를 못 간다. **(geojitmalreun sip rireul mot ganda).** **Дурӯғ то се километр зиёдтар намеравад**.

Дар мисоли форсӣ таъкид ба омили дурӯғ аст, ки ба иллати дурӯғ гуфтан ва заъфи зеҳн паёпай ба гирдоби дурӯғ фурӯ меравад. Вале дар зарбулмасали кореягӣ суҳбат аз нопойдорӣ ва умри кӯтоҳи дурӯғ аст. Дар ҳар сурат, дар маҷмуъ ҳарду зарбулмасал мантиқан ба ҳам расонандаи як маънӣ ҳастанд.

Дар ин замина метавон мисолҳои фаровонеро нақл намуд, ки аз зовияҳои гуногун бо ҳам қаробату ҳамхонӣ доранд.

Дар поён бо зикри як мисоли дигар иктифо мешавад: **آبشان به یک جوی نمی رود** – Ин зарбулмасал барои нишон додани ихтилофи миёни ду нафар дар кору дар ибрози ақидаву андеша ба кор меравад.

Дар забони кореягӣ бошад нишон додани ин ихтилоф баёни обу ранги бештаре дорад. Яъне, ихтилофро бо равғану об, ки бо ҳам сари созиш надоранд, ташбеҳ месозанд: 찬물에 기름 돌 듯 **(chanmule gireum dol deut).** **Мисли равғане, ки бар об мечархад.**

Таҳқиқи анҷомшуда нишон медиҳад, ки дар ҳар ду забон, форсиву кореягӣ баъзе аз зарбулмасалҳо шабоҳатҳои зиёде аз назари матлабу мақсад, мазмуну мундариҷа доранд, чаро ки хестангоҳи онҳо конуни ҳастии инсонҳо ва расму сунани онҳост. Таҳқиқу баррасии густурда дар ин росто пажӯҳандаро ба марзҳои дигари ношинохта мерасонад.

Муқарриз: ***Раҷабова М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Дубова И.Т. Феномен менталитета: психологический анализ / И.Т. Дубова // Вопросы психологии. - 1993. - №5. - С.20.
2. Корогли Х.Г. Персидские пословицы / Х.Г. Корогли. – Москва: Издательство Восточной литературы, 1961. - 364 с.
3. Маслова В.А. Лингвокультурология / В.А. Маслова. - М.: Академия, 2011. – 208 с.
4. Пословицы русского народа. Часть I. - М: Художественная литература, 1984. – 380 с.
5. Телия В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический, лингвокультурологические аспекты / В.Н. Телия. - М., 1996. – 288 с.
6. Юнусӣ А. Мақом ва мавзеи вожаҳои «ҳинду» ва «Ҳиндустон» дар зарбулмасалу мақолҳои мардуми тоҷику форс / А. Юнусӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2018. - №8. - Қисми II. - С.194-199.
7. بهمن دهگان فرهنگ جامع ضرب المثل های فارسی. نشر آثار. تهران. 1383-1100 ص.
8. خدایار امیر مسعود. اندرز ها و مثال های مصطلح در زبان فارسی.خورشید. تهران. 1366-640 ص.
9. دهخدا علی اکبر. امثال و حکیم(جلد اول) انتشارات امیر کبیر تهران . 1376- 572 ص.

10. فرهنگ ضرب المثل های مشهور ایران. انتشارات اغوان تهران. 1370-509 ص.
11. فرهنگ ضرب المثل های مشهور فارسی-انگلیسی. سبک باران. تهران. 1383-295 ص.
12. شکورزاده ابراهیم. ده هزار مثل فارسی و بیست و پنج هزار معادل آنها. آستان قدس رضوی. مشهد 1372-980 ص.
13. فرهنگ ادبیی فارسی. جلد دوم. سازمان چاپ و انتشارات وزارت فرهنگ و ارشاد اسلامی. تهران. 1381-1538 ص.

МУҚОИСАИ МАВЗУИИ БАРХЕ ЗАРБУЛМАСАЛҲОИ ФОРСӢ БО КОРЕЯГӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлилу баррасии қиёсии зарбулмасалҳои форсӣ ва кореягӣ ихтисос дорад. Тавре ки маълум аст, зарбулмасалҳо ҳамчун нишонгари хираду маърифат ва фарҳанги инсонӣ метавонанд дар шакли матни мустақим ё бахше аз он мавриди истифода қарор гиранд. Дар таҳқиқ зарбулмасалҳо ҳамчун бахше аз манзари забони ҷаҳон таҳқиқ шудаанд. Гузашта аз ин, вижагиҳои нишон ё рамзҳои забонӣ ҳамчун падидаи фарҳангӣ шарҳу эзоҳ дода шудааст. Шарҳу баёни истилоҳии вожаи ظرب المثل низ дар мақола сурат гирифтааст. Хотирнишон гардида, ки дар адабиёти илмӣ зарбулмасалҳо ҳамчун яке аз нишонҳои асоситарини фарҳанг шинохта шудаанд, ки дар бистари фарҳанги рӯзмарра шаклу сурат ёфтаанд ва аз насл ба насл интиқол ёфта, мунъакискунандаи бунмояҳову муқтазиёти фалсафаи зиндагӣ мебошанд. Зарбулмасалҳоро аз ҷониби дигар метавон сарнавишт, зиндагиномаи як миллат, оинаи фарҳанг ҳисобид. Ҳар як забон манзари хосси ҷаҳонӣ дорад ва аҳли забон муваззаф аст, андешаву матлаби мавриди назарро тибқи ин манзар мураттабу баён созад. Мафҳуми манзари ҷаҳон бар мабнои омӯзишу шинохти дарку тасаввури инсон дар бораи ҷаҳон сурат мегирад. Бо назардошти ин ки зарбулмасалу мақолҳо баёнгари ёфтаҳову донистаҳо дар бораи инсону ҷаҳонанд, дар мақола дидгоҳҳои муҳаққиқон перомуни ин мавзуъ баррасӣ шудааст. Ҳамзамон бахше аз зарбулмасалҳои форсӣ бо корегӣ аз лиҳози мавзуӣ мавриди қиёсу тадбиқ қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: зарбулмасал, мақол, форсӣ, кореягӣ, манзари забонӣ, қиёс, фарҳанг.

ТЕМАТИЧЕСКОЕ СРАВНИТЕЛЬНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ НЕКОТОРЫХ ПЕРСИДСКО-КОРЕЙСКИХ ПОСЛОВИЦ

Данная статья посвящена анализу некоторых персидско-корейских пословиц в сравнительном плане. Пословицы и поговорки являются носителем народной мудрости и могут быть использованы как самостоятельный текст или как часть текста. В начале статьи пословицы рассмотрены как фрагмент языковой картины мира, далее описана специфика языкового символа как феномена культуры, который может иметь личностное и культурное значение. Выражено понятийное определение лексемы ظرب المثل. Отмечено, что в научной литературе пословицы рассматривают как один из основных кодов культуры, как язык сформировавшейся обыденной культуры, передающейся из поколения в поколение и отражающей все установки и категории жизненной философии народа. Пословицы, с другой стороны, можно считать автобиографией народа и зеркалом культуры. Каждый язык имеет особую картину мира, и языковая личность обязана организовать содержание высказывания в соответствии с этой картиной. Понятие картины мира строится на изучении представлений человека о мире. Поскольку пословицы и поговорки хранят в себе знания о мире и человеке в этом мире, в статье анализированы научные воззрения ученных относительно данного вопроса и сравнены тематические аспекты отдельных персидских и корейских пословиц.

Ключевые слова: пословица, поговорки, персидский, корейский, языковая картина, сравнение, культура.

THEMATIC COMPARATIVE STUDY OF SOME PERSIAN KOREAN PROVERBS

This article is devoted to the analysis of the comparison of Persian-Korean proverbs. As it is known that proverbs are a message of folk and can be both an independent text or part of it. At the beginning, proverbs were considered as a fragment of the language picture of the world. The definition of lexis is the specificity of the linguistic symbol as a cultural phenomenon, which has a personal and cultural significance. In scientific literature, proverbs are considered to be one of the main codes of everyday culture in the form of language. They are transmitted from generation to generation and reflect all the attitudes and categories of people's life philosophy. On the other hand proverbs can also be considered as the autobiography of the people. Each language has a special picture of the world, and the linguistic personality is obligated to organize the content of the expression in accordance with this picture. The concept of the picture of the world is based on the study of people's ideas about the world. Since proverbs and sayings store knowledge about the world and man, the article analyzes the scientific views of scientists on the issue. The article compares thematic aspects of separate Persian and Korean proverbs.

Key words: Proverbs, sayings, Persian, Korean, Language Paintings, Comparison, Culture.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ли Чум Хи*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи филологияи Эрон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 935-32-13-97**

Сведение об авторе: ***Ли Чум Хи*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-32-13-97**

Information about the author: ***Lee Jum Hee*** - Tajik National University, doctoral Ph.D student of department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 935-32-13-97**

УДК: 491.550:415.4

СЕМАНТИКАИ ХУШМУОМИЛАГӢ ВА ЭҲТИРОМ ДАР АСАРҲОИ Ф.МУҲАММАДИЕВ

Файзова Т.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дигаргуниҳои бузурге ба амал омаданд, ки низоми давлатии бисёр кишварҳо, аз ҷумла кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва таълимоти идеологии онҳоро ба куллӣ тағйир доданд. Дар Тоҷикистон, махсусан. дар давраи ба даст овардани истиқлолият дигаргуниҳои азим ба вуқуъ пайвастанд, ки ба соҳаҳои илму фарҳанг таъсир расонида, дар натиҷа чи дар илмҳои гуманитарӣ ва чи дар илмҳои дақиқ самтҳои нави илмӣ пайдо шуданд. Дар тули зиёда аз сӣ соли истиқлолият назари олимон ба забону таъриху адабиёт дигаргун гашта, меъёрҳои арзишҳои илмӣ, мазмуну мундариҷаи онҳо тағйир ёфта, соҳаҳои нави илм ба вуҷуд омада, дурнамои минбаъдаи таҳқиқот дар соҳаи забоншиносӣ ба вуҷуд омадааст. Дар баробари ин, олимони тоҷик дар асоси дастовардҳои илмии мактабу марказҳои пешбари илмӣ дар рушди самтҳои нави фанҳои фундаменталӣ ва амалӣ саҳм гузошта истодаанд.

Муошират як падидаи мураккаб ва гуногунҷанба буда, онро як қатор илмҳо, аз ҷумла фалсафа, психология, ҷомеашиносӣ, этнопсихолингвистика меомӯзанд. Тули чанд даҳсолаи охир масъалаҳои одоби муошират дар таҳқиқоти забоншиносӣ низ мавқеи намоёнро пайдо кардааст.

Дар забоншиносии муосир ба масъалаҳои одоби муошират таваҷҷуҳи беандоза босуръат идома дорад. Ин раванд, махсусан, бо сотсиолингвистика марбут аст, ки ҳадафи он аз мушоҳида ва омӯхтани зуҳуроти иҷтимоӣ дар забон иборат мебошад, ба ибораи дигар, дар шароити мушаххаси иҷтимоии муошират шифоҳӣ чӣ тарз татбиқ кардани воҳидҳои забон мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар ин замина омӯзиши одоби муҳоварат, ки доираи васеи воҳидҳои коммуникативиро бо вазифаю маъноҳои махсус ва робитаҳои коммуникативии иштирокчиёни муошират, стратегия ва тактикаи иртиботи онҳо, асноҳои муошират ва муносибатҳои иҷтимоии шариконро фаро мегирад, бешубҳа, ба забони тоҷикӣ низ алоқаманд аст.

Аҳамияти ин соҳаи таҳқиқотро вазъияти муосири сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон муайян мекунад, ки баланд шудани сатҳи худшиносии миллӣ, тағйироти муайяни арзишҳо ва тамоюлҳои ахлоқӣ, рӯ овардан ба арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳар як халқ хусусиятҳои асосии он мебошад.

Ҷанбаи ниҳоят муҳимми одоби муошират одоби муҳоварат аст, ки рафтори инсонро ҳангоми гуфтор ва ё ба ибораи дигар, дар нутқи ӯ меомӯзад. Одоби муҳоварат, ки бо урфу одат, табиату завқи эстетикии мардумон алоқаманд аст, бо махсусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ фарқ мекунад. Аҳамияти таҳқиқи он, пеш аз ҳама, ба зарурати муайян кардани намунаҳои истифодаи воҳидҳои одоби муҳоварат дар аснои гуногуни муошират вобаста аст. Тавре ки маълум аст, ҳар як ҷомеа меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори иҷтимоӣ ё одоби муқарраршударо таҳия менамояд, ки рафтори шахсро мувофиқи талаботи иҷтимоӣ танзим мекунад ва дар одоби муҳоварат ифодаҳои заруриро ба вуҷуд меорад. Воҳидҳои одоби муҳоварат, бинобар такрори пайваста дар аснои маъмулии муошират мустақим дар шакли стереотипҳо, ифодаҳо, қолабҳои устувори муошират вуҷуд доранд.

Маданияти муошират анъанавию маишӣ, этникӣ, маросимҳои муносибати байниҳамдигарии одамон дар рӯзгор (таомули вохӯрӣ ва хайрухуш, муносибати байни калонсолону хурдсолон, байни зану шавҳар, падару модар ва фарзандон, хешовандон ва меҳмонон ва ғ.) таърихан ташаккулу инкишоф ёфта, мустаҳкам мегарданд.

Тарзи муомила аз насл ба насл риояю мустаҳкам ва интиқол гардида, ба таҳияи маросим, анъана, намунаҳои муносибатҳои миллию фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Мутафаккири тоҷики охири асри XIV ва аввали асри XV Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Футувватномаи султонӣ» ном асараш қоидаҳоеро муайян намудааст, ки ба андешаи мо, хусусияти умумиинсонӣ дошта, моҳияти худро то даврони мо гум накардаанд. Масалан, устод бояд ибрати шогирд бошад; устод бояд нисбат ба шогирд хайрхоҳ бошад; устод

бояд шогирдашро дар руҳияи меҳнати ҳалол тарбия намояд; шогирди худро бояд ҳамчун фарзанд ё баробари худ эҳтиром кунад; ҳар чизеро, ки устод барои худ нек медонад, барои шогирдон низ бояд нек донад; устод бояд ҳама чизеро, ки аз устоди худ худ шунидаасту омӯхтааст, ба шогирдони худ низ омӯзонад; устод шогирдонро бояд аз ҳад зиёд кор нафармояд; устод ба шогирдон бояд одоби меҳмондорӣ ва ғайраро омӯзад [4, с.78-80].

Дар футувват инчунин рафтори шогирд нисбат ба устоди худ муайян шудааст: шогирд набояд пеш-пеши устод гардад ва номашро гирифта ба ӯ муроҷиат кунад; шогирд ба устодаш, аҳли оилаи ӯ содиқона хизмат намояд; фиреб надиҳад ва моли устодро надуздад; дар суҳбат бо устоди худ хушмуомила бошад; пеш аз устод сухан нагуфта ё сари дастархон нанишинад; дар назди устод якравӣ, ҳавобаландӣ накунад ва ба аъмоли ношояме устоди худро маҳзун насозад [8, с.320]. Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки бисёр мееъёрҳои ахлоқии барои устоду шогирд муайяншуда ҳоло ҳам моҳияти худро гум накардаанд.

Ғайр аз масъалаҳои умумии одоби муошират Ҳусайн Воизи Кошифӣ бевосита масъалаҳои нутқ ва одоби муҳоваратро низ мавриди баррасии ҷиддӣ қарор додааст. Чунончи:

Бидон, ки шарафи одамӣ ба нутқ аст ва ҳар кӣ дар нутқ адаб риоя накунад, аз ин шараф бебаҳра бошад. Барои он ки нутқ ба савоб бояд ва илло хомӯшӣ беҳ аз он бувад. Чунончи, шайх фармуда:

Баҳоим хамӯшанду гӯё башар,
Забон баста беҳтар, ки гӯё шарр.

Ва Худои таоло дар сухан гуфтан мефармояд: Ло тарфаъу асвотакум фавқа савтин наби. Ва дар сухан гуфтан чандин адаб аст, ки шайх ва ғолибро риоят бояд кард ва чандин адаби дигар аст, ки нозилонро нигоҳ бояд дошт.

Агар пурсанд, ки адаби ғолибон дар сухан гуфтан чанд аст?

Бигӯй: Шаш. Аввал ин ки сухан фарохӯри ҳоли кас гӯяд, чунончи, фармудаанд: Каллимоннуса ало қадри уқулиҳим. Яъне бо ҳар кас сухан гӯй ба қадри ақл ва фаҳми ӯ.

Бо ёри ту аз ғами куҳан бояд гуфт,
Бо ӯ ба забони ӯ сухан бояд гуфт.

Дуюм, он ки ба лутф сухан гӯяд, на ба унф.

Сеюм, дар вақти гуфтор хандон ва шукуфта бошад, на туршрӯй ва гирифта.

Чорум, хандон сухан гӯяд ба мустамеъон, ки ба малоли хотири эшон наанҷомад.

Панҷум, сухане гӯяд, ки манфиати дунёву охирати эшон дар он бошад.

Шашум, то сухане тамом иёр набошад, бар забон наронад, ки сухани бузургон ба масобаи тухм аст ва агар тухм фосид ва бемағз бошад, дар ҳар замин, ки афтад, нарӯяд ва аз ӯ манфиате ба ҳосил нарасад.

Агар пурсанд, ки адаби нозилон дар сухан гуфтан чанд аст?

Аввал он, ки то аз вай сухан напурсанд, нагӯяд.

Дуюм, дар вақти сухан гуфтан овоз баланд накунад.

Сеюм, ба чапу рост нанигарад.

Чаҳорум, сухани ғаразомез ва киноят нагӯяд.

Панҷум, дар рӯйи шунаванда наҷаҳад ва сухани сахт нагӯяд.

Шашум, то фикр накунад, сухан нагӯяд, то пушаймон нашавад.

Ҳафтум, дар миёни сухани мардум дарнаёяд ва сухани гӯяндаро мунқатеъ нагардонад.

Ҳаштум, бисёр нагӯяд, ки бисёр гуфтан нишонаи андакақлӣ аст, чунончи Шайхи Ганҷанишин фармояд:

Кам гӯю гузида гӯй чун дурр,
То з-андаки ту ҷаҳон шавад пур…
Об арчи басе зулол хезад,
Аз хӯрдани пур малол хезад [12, с.159-160].

Муҳаққиқ М.Ҷӯраева чунин меҳисобад, ки «Асоси маданияти рафтори инсонро назокату одоб ташкил медиҳад. Шартҳои одоб – ҳисси меъёр, самимияти муносибат, маҳорати ба иззати нафси дигарон нарасидан, қобилияти худро нигоҳ дошта тавонистан, оромӣ, мулоҳизакорӣ дар муомила бо дигаронанд» [14, с.35]. Яъне, одоби муошират меъёри муносибати оқилона ва мақсадноки одамон ба якдигар аст, ки бо илтифот,

ғамхорӣ, инсоният, эҳтирому хоксорӣ асос ёфтааст. Дар тарбияи одоб лаёқати донистан, дарк кардан ва ба назар гирифтани вазъи руҳии инсон дар лаҳзаи муошират аҳамияти калон дорад. Маданияти муошират тавассути маданияти забон, имою ишора, ҳаракати чеҳра ошкор мегардад. Ба ҳама маълум аст, ки чӣ гуна ба руҳия ва вазъи одам дар ҳолатҳои гуногун, ҳатто хеле мураккаб ҳам муносибати хайрхоҳона ва суханони нарму ҳалим аз қабили марҳамат, барака ёбед, бубахшед, аз илтифотатон мамнунам (шодам), ташаккур, бо камоли майл ба ҷо меорам, иҷозат диҳед, пурсам, ба таври сеҳрангез таъсир мерасонад. Тарзи муомила, хусусан, муроҷиат ба дигарон аксар вақт тарзи ҷавоб, одоби муоширатро дар коллектив, ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона, ё баръакс, ихтилофу низоъро муайян менамоянд.

Сарвати маданияти забонӣ, захираи луғавӣ, образнокӣ, дурустӣ, маданияти нутқ на танҳо аз маълумотнокӣ, балки аз диққати шахс ба забон, ба кӯшиши инкишоф ва ғанӣ гардонидани нутқ вобастаанд. «Беэътиноӣ ба маданияти нутқ, одати истифодаи ҳар як калимаи ба забон омада аз дараҷаи пасти инкишофи ақлонии одам гувоҳӣ медиҳад» [10, с.30].

Аз рӯйи маданияти нутқ, тарзи гуфтор дар бораи маданиятнокии шахс ҳукм меронанд. Одоби муошират ба роҳ мондани робита бо одамони дигар аст. Аз ин рӯ, дар рафти суҳбат ба руҳияи ҳамсуҳбат, ба нутқи ӯ, ҳатто имою ишорааш диққат бояд дод, зеро аз хомӯшӣ ҳам маънии зиёдеро дарк кардан мумкин аст: аз хушию нохушии мавзуи суҳбат, руҳияю вазъи ҳамсуҳбат ва ғайра.

Назокат, бодиққатӣ, нармгуфторӣ – қоидаҳои асосии одоби нутқанд. Муомилаи нутқӣ лаҳни баёни ифодаҳоро низ дар бар мегирад. Худи ҳамон як ифодаи «салом»-ро бо лаҳни нарм, боназокат, лутфомез ё беэътиноёна, дағал, мутакаббирона талаффуз кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, савол ба ҳамсуҳбат мулоим, боадабона ё беҷою беадабона буда метавонад. Шакли муомила дар оҳанги муайян – шӯхиомез ё ҷиддӣ, маҳрамона ё ошкоро, хайрхоҳона ё беэътиноёна низ зоҳир мегардад. Вазъияти муошират, ки ба интихоби шакли муроҷиат сабаб мешавад, аҳамияти хос дорад.

Тавре ки маълум аст, барои муқаррар намудани бисёр масъалаҳои забон муҳаққиқони соҳа, асосан, ба маводи асарҳои нависандагони хушсалиқа рӯ меоранд, зеро дар заминаи маводи асарҳои бадеӣ манзараи воқеии забон муайян мегардад. Асари бадеӣ дар тасвири чунин маънову муносибатҳо, ба мисли ҳусни рафтору ҳусни баён, ҳусни муомилаву ҳусни муроҷиат, бешубҳа, саҳми арзанда дорад. Асарҳои нависандаи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев дар муайян намудани манзараи ҳусни муносибату одоби муошират одамони касбу кори гуногун ва дорои мавқеъҳои мухталифи иҷтимоӣ, тарзи рафтору гуфтори онҳо ва ҳатто дар муқаррар кардани меъёрҳои одоби муошират дар ҷамъият маводи фаровон медиҳанд.

Қайд кардан лозим аст, ки ба эҷодиёти Ф.Муҳаммадиев самти инсондӯстӣ ва тарғиби хислатҳои неки инсонӣ хос аст. Дар консепсияи бадеии нависанда тамоюлҳои ҷаҳонбинии фарҳангҳои мухталиф пайванди хеле қавӣ доранд. Ин хусусият қариб дар ҳамаи асарҳои нависанда мушоҳида мешавад. Таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои функсионалӣ ва семантикии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асоси маводи асарҳои нависанда ҳамчун инъикоскунандаи меъёрҳои забонии одоби муҳоварати асри ХХ аҳамияти ҳам амалӣ, ҳам назариявӣ дорад.

Масъалаҳои одоби муошират ва муҳоварат ва ҷузъи асосии он хушмуомилагӣ ҳамчун мавзуи омӯзиши лингвистӣ борҳо таваҷҷуҳи муҳаққиқон, аз он ҷумла забоншиносони рус А.А. Акишина [1]1, В.М. Алпатов [2], Л.А. Введенская [5], Винокур Т.Г. [6], В.И. Голдин [7], В.И. Карасик [9], О.А. Луцева [11], Н. Формановская [13], забоншиносони тоҷик М.Р. Ҷӯраева [14, 15], Б.Ш. Бобоҷонова [3] ва дигаронро ба худ ҷалб карда, аз ҷониби онҳо ҳам аз ҷиҳати таҳқиқи меъёрҳои умумии нутқ ва ҳам аз ҷиҳати омӯхтани қолабҳои устувори муошират (пазироӣ, хайрухуш, арзи миннатдорӣ, узрхоҳӣ, дархост) дар асноҳои муайяни нутқ дар ин ё он забон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Осори нависандаи маъруфи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев дар таҳқиқоти забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ аз ҷониби олимони тоҷик борҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муҳаққиқони осори Ф.Муҳаммадиев – Турсунов Ф.М., Шоев М.Э.,

Амлоев А.Я., Ҳомидова М.И., Бакаева М.Т.[†] ва дигарон, асосан, ба таҳлили асолати жанрии эҷодиёти адиб, хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии асарҳои ӯ диққати зиёд додаанд. Забони персонажҳои асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, ки меъёрҳои забоншиносии асри XX-ро инъикос мекунад, аз нуқтаи назари доираи функсионалӣ ва семантикии одоби муошират ва категорияи хушмуомилагӣ таҳқиқ карда нашудааст.

Навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки бори аввал омӯзиши ҳамаҷонибаи одоби муҳоварат ва воситаҳои ифодаи категорияи хушмуомилагӣ аз рӯйи маводи асарҳои бадеии Ф.Муҳаммадиев ҳамчун инъикоскунандаи меъёрҳои забонии одоби муошират бо назардошти ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистони нимаи дуюми асри XX сурат мегирад.

Таҳқиқи воситаҳои ифодаи категорияи хушмуомилагӣ дар асоси модели хушмуомилагӣ дар се ҷанба: луғавӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар заминаи маводи асарҳои бадеии нависанда муқаррар карда шуд, ки:

1) дар сатҳи луғавӣ категорияи хушмуомилагӣ дар корбасти воситаҳои муроҷиат ҳамчун воситаи танзимкунанда (регулятив) зуҳур меёбад:

– *Биёед,* ***Олимӣ,*** *дигар эуфиллин истеъмол накунем, папаверин ва даукаринро озмуда бинем. Чӣ гуфтед?* [17, с.22].

– *Ёфтед,* ***акаи Иброҳим.*** *Баъди шиносоиро ба дӯстӣ табдил додан мумкин. Сонӣ дӯстиро ба муносибати аз он ҳам қаринтар. Ҳамту не?* [17, с.26].

– *Ба хаёл рафтед,* ***рафиқ… оператор****?* [17, с.15].

– *Офарин! Ман,* ***ошно,*** *хурсанд: мисли пештара ба гап даромадӣ* [17, с.27].

– ***Э, азизам****, қоидаи мунозира ин хел намешавад. Шумо аз ҳаёти Ленин мисол меоваред, кас ҳайрон мемонад* [17, с.152] дар сатҳи морфологӣ ҷузъҳои асосии модели хушмуомилагӣ ҷонишинҳо ва таркибҳои ҷонишинии **ту/Шумо, вай/ин кас, он кас** бандакҷонишинҳои соҳибӣ, шаклҳои ҷамъи феълҳо (бандакҳои феълӣ ва хабарӣ) мебошанд:

– *Гӯшам ба* ***Шумо****, Хиромон.*

– *Ин сафари таъҷилӣ… ба* ***Шумо*** *ташвиш шуд-дия…*

– *Хиромон, хуб медон****ед****, ки барои ман ин ташвиш нест.*

– *Кор****атон*** *чӣ мешавад?*

– *Ба Қамар таъйин кардам. Шумо ӯро надида****ед****. Ҷонон йигит.*

– *Пагоҳ ҳам рӯз****атон*** *ба бозгашт сарф мешавад…*

– *Қамар ягон чиз бофта мегӯяд. Вай усто* [17, с.193] дар сатҳи синтаксисӣ маънои категорияи хушмуомилагӣ вобаста ба ҷойи муроҷиат дар таркиби модели хушмуомилагӣ, мувофиқати маъноии шумораи байни мухотаб ва ҷонишини **Шумо**, байни мухотаб ва шакли ҷамъи феъл, дар ифодаҳои жанри нутқ (ифодаҳои перформативӣ) ба мисли пазироӣ, хайрухуш, шиносоӣ, даъват, узрхоҳӣ, арзи миннатдорӣ, хоҳишу дархост ва ғайра зуҳур мекунад:

– ***Хайр, роҳи сафед. Мо дуогӯй, ки коратон барор гирад*** [17, с.188].

– *Ин кори бачаҳо будагист, – дигар чӣ гуфтанашро надонист Носир Аббос. –* ***Маъзур медоред, шуморо беҳуда заҳмат додаанд*** [17, с.152].

– ***Раҳмат,*** *падар, – гуфт Хиромон. Ба ҳамаатон* ***раҳмат****, –такрор намуд ӯ ва ба Иброҳимҷон* ***сипосгузорона нигоҳ кард*** [17, с.247].

[†] Турсунов Ф.М. Лексико-семантический анализ пословиц и поговорок в таджикском и русском языках: На материале произведений Фазлиддина Мухаммадиева: дис. канд. филологических наук: 10.02.20 – Сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание. - Душанбе, 1999. – 158 с.; Шоев М.Э. Жанрово-тематические особенности очерков Фазлиддина Мухаммадиева: дис. кандидата наук: 10.01.10. – журналистика. - Душанбе, 2003. - 165 с.; Амлоев А.Я. Словообразование имён существительных в художественной прозе Фазлиддина Мухаммадиева: дис. канд. филологических наук: 10.02.22 – Языки народов зарубежных стран Азии, Африки, аборигенов Америки и Австралии. - Душанбе, 2014. - 229 с.; Хомидова М.И. Особенности изображения и эволюция восприятия в произведениях Фазлиддина Мухаммадиева: дис. канд. фил. наук: 10.01.03 – Литература народов стран зарубежья. – Душанбе, 2019. - 165 с.; Бакаева М.Т. Художественные функции реалий в произведениях Фазлиддина Мухаммадиева и особенности воспроизведения их национального колорита в русских переводах: дис. доктор наук: 10.01.08 - Теория литературы, текстология. Институт языка и литературы им. Рудаки Академии наук Республики Таджикистан. - 2021. - 164 с.

Ташаккур, *муаллим,* ***Аз меҳрубониатон миннатдорам*** [17, с.152].

– Муаллим, ***чӣ мешавад, ки ҳама якҷоя дар пеши он машъала сурат гиронем*** [17, с.285].

Таҳлили воситаҳои синтаксисие, ки дар ифодаи маънои хушмуомилагӣ иштирок мекунанд, нишон медиҳад, ки асоси қолаби хушмуомилагиро мухотаб ташкил медиҳад. Маънои муроҷиат, ки ба мухотаб ҳамчун падидаи синтаксисӣ хос аст, вобаста ба мавқеи синтаксисии мухотаб тағйир ёфта метавонад. Дар қолаби хушмуомилагӣ мухотаб дар ҷумла мавқеи препозитивӣ, интерпозитивӣ ва постпозитивиро ишғол карда метавонад.

Истифодаи мухотаб дар мавқеи препозитивӣ (дар аввали баёни фикр) ба зарурати ба роҳ мондани алоқа байни ҳамсуҳбатҳо вобаста аст, аз ин рӯ, ба он маънии хитоб ва адресат хос аст. Маънои коннотативии хушмуомилагӣ дар мухотаб танҳо тавассути семантикаи он зуҳур меёбад: (ном, номи падар, насаб; ном + номи падар; калимаҳои лутфомез+ насаб; мартаба; мавқеи иҷтимоӣ, муроҷиат ба хешу табор ва ғ.):

*–****Иброҳимҷон,*** *ма, писарам, ту бихон, ба ҳар хол бо артистҳо нону ҷургот хӯрдаӣ* [17, с.264].

*–****Муаллим****, ин ҷо биёед, марҳамат, ана ҷойи холӣ, – ду-се нафар пирамардон зичтар нишаста, барои ӯ ҷой холӣ карданд* [17, с.179].

*– ****Амакҷон,*** *рафтем охир, – гуфтани Раъно Иброҳимҷонро ба ҳуш овард ва ӯ қатъӣ қадам гузошта, аз як гӯшаи давра ба худ роҳ кушода ба муаллима наздик расид* [17, с.41].

Дар мавқеи интерпозитивӣ (дар мобайн) мақоми адресат нигоҳ дошта мешавад, аммо маънои хитоб (вокативӣ) нисбатан заиф мешавад, зеро корбасти муроҷиат дар мавқеи интерпозитивӣ ба зарурати нигоҳ доштани робитаи нутқии аллакай ба роҳ мондашуда пештараи вобаста аст. Дар баробари ин, маънои самимияту хушмуомилагӣ меафзояд.

– Баҳузур, ***муаллим.*** *Кадом ҳолат ба Шумо маъқул бошад, ҳамон тавр хобед. Фақат батафсил нақл кунед…*

– Ман бехабар, Шумо, ***духтур****, хеле тайёрӣ дидаед…*

– Хайр, ***духтур,*** *худатон гӯед, аз чӣ сар кунам?*

– Набошад, ***муаллим,*** *ман савол диҳам, Шумо ҷавоб гӯед…*

– Марҳамат, ***муаллим****, аз ҳамин қисса сар кунем* [17, с.47].

–Ту, ***азизам,*** *намедонӣ, ки ин сафар барои ман худ як атои афсонавист…* [17, с.195].

– Тасмая ба кокулам бандед, ***дадаҷон.***

–Модарат мебандад, ***Райҳонакам.*** *Бин, ман либосама пӯшидаам.*

–Не, шумо бандед, шумо хушрӯ мебандед.

–Вай тасмаи абрешимиро бастанӣ мешуд, аммо духтарча дар таги дасташ беист ҷунбида, аз богча, аз мураббияаш ва аз ину они дигар ҳикоят мекард. Тасма лагжида гирехи бастааш боз мешуд.

–Ниҳоят гирех баста шуд. Шакли вай воқеан ба шукуфаи себ монанд буд. –Фақат якчанд маротиба калонтар.

–Акнун шумоя огӯш мекунам, – гуфт Райҳон.

–Майлаш, ***ҷонакам,*** *огуш кун. Ту огӯш мекунию ман не мегӯям?!*

–Хам шавед, ***дадаҷон****. Ана, боз ана. Истед,* ***дадаҷон****, сахт огӯш кунам? Саахт огӯш кунам. Анак, боз ана!* [17, с.331].

Дар мавқеи постпозитивӣ (дар охир) маънои хитоб (вокативӣ) комилан аз байн меравад, зеро робитаи нутқӣ ба охир мерасад. Маънои асосии ин гуна мухотаб танҳо одоби эҳтирому самимият аст.

– Ҳа, – гуфт ӯ ин дафъа рост ба чашмони Иброҳимҷон чашм дӯхта, – аз таҳлили хун вазъи аксари узвҳои инсонро мукаммал фаҳмидан мумкин. Масалан, дар таркиби хун липид ном моддае ҳаст, ки аз аҳволи магзи одам гувоҳӣ медиҳад. Воқеан, хеле равшан гувоҳӣ медиҳад, ***рафиқ Олимӣ*** [17, с.37].

Дар забони асри XX маҷмуи махсуси қолабҳои хушмуомилагӣ (яъне қолабҳои одоби муошират, ки мунтазам такрор шуда, аз ҷониби ҷомеа қабул гардидаанд) мавҷуд буд. Ин меъёрҳо аз ҷиҳати характер фарқ карда, вобаста ба доираи муошират, вазъият ва нақшҳои иҷтимоии муошират танзим карда мешаванд.

Қолабҳои хушмуомилагӣ аломатҳои ҳамроҳии чунин амалҳои нутқ ба монанди саломалейк, хайрухуш, шиносоӣ, миннатдорӣ, таҳсину офарин, даъват, маъзарат хостан, хоҳишу дархост ва ғайра мебошанд. Забони асарҳои Ф.Муҳаммадиев аз он ҷиҳат низ

ҷолиби диққат аст, ки дар нутқи персонажҳо ин амалҳо дар аксар мавридҳо ба таври муназзам ба ҳам омезиш меёбанд. Масалан, дар муколамаи зерин ҳам муроҷиати самимиву боэҳтиром, ҳам хоҳиши нарм, ҳам таҳсину навозиш бо қолабҳои маъмули одоби муҳоварати давраи мавриди таҳқиқ ифода гардидаанд:

Ҳамон дафъа пеш аз намози хуфтанаш, баъди он ки хешу табори дуру наздик ба хонаҳояшон рафтанд, ӯ набераарӯсашро дар рӯ ба рӯяш нишононда ва аз рӯйи одати худ ба чеҳраю чашмони ӯ аз наздик бодиққат нигоҳ карда пурсид:

– Ин писар, – ӯ ба сӯйи Саидбек сар афшонид, – туя озор намедиҳад-а?

– Не, ***бобоҷон,*** *озор намедиҳанд. Худатон медонед,* ***бобоҷон,*** *чиба мепурсед, бобоҷон?*

– Боз як бор, ба ҳар эҳтимол, пурсидан даркор буд, ***духтарам, нозанинам.***

– Ин хел гапҳоя нагӯед, ***бобоҷон****. Ман медонам, барои чӣ мегӯед.* ***Нагӯед, бобоҷонам, илтимос, нагӯед.***

– Хайр, ***Нигори бобо,*** *намегӯям.* ***Лекин аз ту ҳам як хоҳиш дорам. Бигӯям?***

– ***Марҳамат бобоҷон, бигӯед.***

– ***Аввал ин ки аҳл бошед. То охир. Хайр?***

– Хуб, бобоҷон.

– ***Сонӣ ба писараки ман****, – ӯ боз ба тарафи Саидбек ишора кард, –* ***якта… писар зоида те… Хайр?***

Нигор сар хам карда, рухсори арғувонӣ гаштаашро аз назарҳо пинҳон кард.

– Хайр? – *исрор мекард бобо.*

Нигор дастони сероҷинги боборо гирифта навозиш кард, ба рӯяш, ба пешониаш молид.

– ***Ҳа, бале, офарин, нозанини бобо, марҳами ҷони бобо,*** *– гуфт Сангинбек ва осудаҳолона нафаси тулоние кашиду ба рӯйи болинҳо ёзид…* [17, с.298].

Дар гурӯҳҳои асноӣ-семантикии саломуалейк, хайрухуш, шиносоӣ, миннатдорӣ, даъват, узрхоҳӣ, хоҳиш семантикаи хушмуомилагӣ тавассути ду навъи таркибҳо (конструксия) ифода мешавад: а) амалӣ (перфоматива) (баёни фикр дар якҷоягӣ бо ҳаракат, имову ишора); б) нақлӣ (нарративӣ) (дар ин гуна таркибҳо маънои хушмуомилагӣ дар тасвири гӯянда ифода мегардад, дар баёни фикр ҳаракат, имову ишора иштирок намекунанд).

Таҳлили маводи боло нишон медиҳад, ки дар нутқи персонажҳои асарҳои Ф.Муҳаммадиев усули тамаркуз (ба ҳам омадани шаклҳои гуногуни хушмуомилагӣ) васеъ истифода шудааст. Дар нутқи гӯянда нисбат ба ҳамсуҳбат воситаҳои хушмуомилагӣ паиҳам омада, маънои хушмуомилагиро меафзоянд: муроҷиат, ҷонишини «Шумо» (дар мавқеи эҳтиром ҳангоми муроҷиат ба як шахс), шакли ҷамъи феъл, таркиби калимаҳо (бо маънои эҳтирому самимият) ва монанди инҳо.

Ҳамин тариқ, хушмуомилагию самимияту эҳтиром асоси семантикии одоби муҳоваратро ташкил медиҳад. Хушмуомилагӣ категорияи луғавӣ - грамматикӣ буда, дар муқобилгузории мафҳумҳои «одоб – беодабӣ» вуҷуд дорад. Аз ҷиҳати мазмун категорияи хушмуомилагӣ асоси одоби муҳоваратро ташкил медиҳад. Аз ҷиҳати ифода ба категорияи хушмуомилагӣ маҷмуи шаклҳои забонӣ хос аст, ки дар якҷоягӣ махсусияти ин категорияро муайян мекунанд.

Хушмуомилагӣ ҳамчун зуҳуроти меъёрҳои одоби муошират ҷузъи таркибии амали нутқ аст. Маъмулан, амали нутқ чунин сохт дорад: иллокутсия (лот. il- < in – дар дохил) – ҷузъи прагматикии маънои фикри баёншаванда, ки ҳадафи коммуникативии гӯяндаро инъикос мекунад; локутсия (англ. *locution)* – марҳилаи баёни фикр; перлокутсия (лот. Per – тавассути) – натиҷаи таъсири сухан ба шунаванда. Мақсади ба амали нутқ ворид намудани унсурҳои семантикии хушмуомилагӣ он аст, ки амалӣ шудани ҳадаф (иллокуция)-ро дар перлокутсия кафолат диҳад.

Категорияи хушмуомилагӣ қисми таркибии иллокутсия буда, дар ин самт ба муошират боэҳтиром замина мегузорад. Категорияи хушмуомилагӣ ба таркиби локутсия низ дохил мешавад – корбурди шаклҳои хушмуомилагӣ дар баёни фикр. Категорияи хушмуомилагӣ дар перлокуция воситаи ба ҳадди ниҳоӣ расонидани имкони ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ мебошад.

Ҳамин тариқ, воситаҳои ифодаи категорияи хушмуомилагӣ дар маҷмуъ майдони функсионалӣ-маъноии хушмуомилагиро ташкил медиҳанд.

Мазмуни майдони функционалӣ-маъноии хушмуомилагӣ дар категорияҳои маъноӣ зоҳир шуда, бо воситаҳои шаклӣ ифода меёбад.

Муқарриз: ***Ҷӯраева М.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Акишина А.А. Русский речевой этикет / А.А. Акишина, Н.И. Формановская. - М., 1975. - 183 с.
2. Алпатов, В.М. Категория вежливости в современном японском языке / В.М. Алпатов. – Москва: Наука, 1973. – 109 с.
3. Бободжонова Б.Ш. Категория вежливости в таджикском языке: дисс. на соискание учёной степени канд. фил. наук / Б.Ш. Бободжонова – Душанбе, 2001. – 150 с.
4. Вазиров З. Социально-политические и нравственно-религиозные учения в философской системе футуввата: канд. дисс… / З.Вазиров. - Алма-ата, 1981 – С.78-80.
5. Введенская Л.А. Культура и искусство речи / Л.А. Введенская, Л.Г. Павлова. – Ростов-на-Дону, 1995. – 250 с.
6. Винокур Т.Г. Говорящий и слушающий. Варианты речевого поведения / Т.Г. Винокур. - М., 1993.
7. Голдин В.Е. Обращение: теоритические проблемы / В.Е. Голдин. – Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1987. – 129 с.
8. Горделевский В.А. Избранные сочинения / В.А. Горделевский. - М., 1980. – Т.1. - С.320.
9. Карасик В.И. Признак этикета в значении слова / В.И. Карасик // Филологические науки. - 1991. - № 1. - С.54-64.
10. Кременцова О.В. Одоби муошират / О.В. Кременцова. - Душанбе, 1985. – С.30.
11. Луцева О.А. Речевой этикет (категория вежливости) и его изменение на стыке двух эпох (конец XIX первая четверть XX века): автореферат / О.А. Луцева. - Таганрог, 1999. - 19 с.
12. Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. – Душанбе, 2010. – 271 с.
13. Формановская Н.И. Вы сказали: «Здравствуйте!» Речевой этикет в нашем общении / Н.И. Формановская. – М., 1982.
14. Ҷӯраева, М.Р. Мухотаб ҳамчун воҳиди коммуникативӣ ва воситаи муошират / М.Р. Ҷӯраева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2013. - № 4/6 (122). – С.18-22.
15. Ҷӯраева М.Р. Семантикаи нармгуфторӣ дар асноҳои хоҳишу дархост / М.Р. Ҷӯраева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2019. – № 2. – С.99-105.
16. Яицкая Т.В. Русский речевой этикет (категория вежливости) и способы его выражения в драматургии А.Н. Островского: дисс. канд. фил. наук / Т.В. Яицкая. - Таганрог, 1999.
17. Ф.Муҳаммадиев. Куллиёт. Иборат аз 5 ҷилд. Ҷ.3. Роман ва қисса. Палатаи кунҷакӣ. Варта / Муҳаммадиев, Ф. – Душанбе: Адиб, 1991. – 384 с.

СЕМАНТИКАИ ХУШМУОМИЛАГӢ ВА ЭҲТИРОМ ДАР АСАРҲОИ Ф.МУҲАММАДИЕВ

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба яке аз масъалаҳои муҳим ва камтаҳқиқгардидаи забоншиносии тоҷик – одоби муҳоварат ва ҷанбаи муҳимми он – хушмуомилагӣ, рӯ оварда, дар такя ба осори адибону олимони гузаштаи тоҷик ва назарияҳои муосири одоби муҳоварати забоншиносии умумӣ, хосса, забоншиносии рус хусусиятҳои забонӣ, услубии корбасти воҳидҳои одоби муҳоваратро дар асарҳои нависандаи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки дар асари бадеӣ дар гурӯҳҳои асноӣ-семантикии саломуалейк, хайрухуш, шиносоӣ, миннатдорӣ, даъват, узрхоҳӣ, хоҳиш семантикаи хушмуомилагӣ тавассути ду навъи таркибҳо ифода мешавад: а) амалӣ (перфоматив) (баёни фикр дар якҷоягӣ бо ҳаракат, имову ишора); б) нақлӣ (нарратив) (дар ин гуна таркибҳо маънои хушмуомилагӣ дар тасвири гӯянда ифода мегардад, дар баёни фикр ҳаракат, имову ишора иштирок намекунанд). Хусусияти муҳимми дигар дар корбасти воҳидҳои одоби муҳоварат он аст, ки дар нутқи персонажҳои асарҳои Ф.Муҳаммадиев усули тамаркуз (ба ҳам омадани шаклҳои гуногуни хушмуомилагӣ) васеъ истифода шудааст. Муаллиф бо намунаҳои мушаххас аз асарҳои нависанда таъкид менамояд, ки дар нутқи гӯянда нисбат ба ҳамсуҳбат воситаҳои хушмуомилагӣ паиҳам омада, маънои хушмуомилагиро меафзоянд: муроҷиат, ҷонишини «Шумо» (дар мавқеи эҳтиром ҳангоми муроҷиат ба як шахс), шакли ҷамъи феъл, таркиби калимаҳо (бо маънои эҳтирому самимият) ва монанди инҳо Аз ҷиҳати мазмун категорияи хушмуомилагӣ асоси одоби муҳоваратро ташкил медиҳад. Аз ҷиҳати ифода ба категорияи хушмуомилагӣ маҷмуи шаклҳои забонӣ хос аст, ки дар якҷоягӣ махсусияти ин категорияро муайян мекунанд.

Калидвожаҳо: одоби муҳоварат, семантикаи хушмуомилагӣ, самимияту эҳтиром, забоншиносӣ, усули тамаркуз, Ф.Муҳаммадиев.

СЕМАНТИКА ВЕЖЛИВОСТИ И УВАЖЕНИЯ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ Ф. МУХАММАДИЕВА

В данной статье автор обращается к одному из важнейших и малоизученных вопросов таджикского языкознания – речевому этикету и его важнейшему аспекту – вежливости, искренности и уважению, опираясь на размышления таджикских мыслителей прошлых столетий и современные теории по речевому этикету общего, в частности русского языкознания, автор анализирует единицы речевого этикета в произведениях таджикского писателя Фазлиддина Мухаммадиева. Исследователь подчеркивает, что в художественном произведении в ситуативно-семантических группах приветствия, прощания, знакомства, благодарности, приглашения, извинения, пожелания семантика вежливости выражается через компоненты двух типов: а) практическая (перфоматывная) отсылка; б) повествовательная (нарративная) (в таких композициях значение вежливости выражается в образе

говорящего, в экспрессии участия не принимают жесты). Еще одной важной особенностью употребления единиц этики общения является то, что в речи персонажей произведений Ф. Мухаммадиева широко используется прием концентрации (сочетания разных форм вежливости). На конкретных примерах из авторских произведений автор подчеркивает, что в речи говорящего присутствуют средства вежливости по отношению к собеседнику, что увеличивает значение вежливости: обратиться, подставить «Вы» (в уважительной позиции при обращении к человеку), глагол множественного числа (глагол во множественном числе) в смысле уважения и искренности) и т.п. По содержанию категория вежливости является основой этики общения. В плане выражения категория вежливости характеризуется набором языковых форм, которые в совокупности определяют специфику данной категории.

Ключевые слова: этика общения, семантика вежливости, искренность и уважение, лингвистика, метод концентрации, Ф.Мухаммадиев.

SEMANTICS OF POLITENESS AND RESPECT IN THE WORKS OF F. MUHAMMADIEV

In this article, the author addresses one of the most important and little-studied issues of Tajik linguistics - speech etiquette and its most important aspect - politeness, sincerity and respect, based on the reflections of Tajik thinkers of past centuries and modern theories on speech etiquette of general, in particular Russian linguistics, the author analyzes the units speech etiquette in the works of the Tajik writer Fazliddin Muhammadiev. The researcher emphasizes that in a work of art in the situational-semantic groups of greetings, farewells, acquaintances, thanks, invitations, apologies, wishes, the semantics of politeness is expressed through two types of components: a) practical (performative) reference); b) narrative (narrative) (in such compositions, the meaning of politeness is expressed in the image of the speaker, gestures and gestures do not take part in the expression). Another important feature of the use of units of ethics of communication is that in the speech of the characters in the works of F. Muhammadiev, the method of concentration (combinations of different forms of politeness) is widely used. On specific examples from the author's works, the author emphasizes that in the speaker's speech there are means of politeness towards the interlocutor, which increases the meaning of politeness: turn, substitute "You" (in a respectful position when referring to a person), plural verb (plural verb) in the sense of respect and sincerity), etc. In terms of content, the category of politeness is the basis of the ethics of communication. In terms of expression, the category of politeness is characterized by a set of linguistic forms, which together determine the specifics of this category.

Key words: ethics of communication, semantics of politeness, sincerity and respect, linguistics, method of concentration, F. Mukhammadiev.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Файзова Таҳмина*** - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур, унвончӯйи кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ 146

Сведение об авторе: ***Файзова Тахмина*** - Таджикский аграрный университет им. Ш.Шотемура, соискатель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734017, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 146

Information about the author: ***Fayzova Takhmina*** - Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemura, applicant for the Department of the Tajik language. **Address:** 734017, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 146

УДК: 491.550-56

КОРБУРДИ ВОЖАИ ЧАШМ ДАР ТАШКИЛИ ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

(дар асоси маводи романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухор»-и Ҷалол Икромӣ)

Ӯрмонова М.М.

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Калимаҳои аслӣ қисми муҳим ва устувори таркиби луғавии забонро ташкил намуда, бори маъниро мекашанд, асрҳои аср бо тобишҳои маъноии хеш имконоти интихоб ва ифоданокиро дар тасвиру ҳодисаву воқеаҳо, офаридани образҳо, нишон додани хислату характери персонажу қаҳрамонҳо дар услуби бадеӣ таъмин мекунанд. Калимаҳо бо маънои аслӣ наметавонанд тамоми тобишҳои маъноиро ифода намоянд. Онҳо аз маънои воқеӣ дур гардида, ба худ маънои нав, яъне маънои маҷозӣ касб намуда, фикрро бо тарзи маҷоз, образноку муассир баён менамоянд. Чунин хусусиятро калимаҳои маҷозӣ ва фразеологизмҳо дороянд ва таъсирбахшии гуфторро таъмин мекунанд.

Вазифаи муҳимтарини калимаҳои аслии тоҷикии дохили воҳидҳои фразеологӣ аз он иборат аст, ки онҳо ба воҳидҳои фразеологӣ устувории махсус бахшида, хусусияти миллии онҳоро бештар таҷассум менамоянд [9, с.17]. Онҳо мафҳуми муайянеро ифода намуда, яклухт вазифаи ягонаи наҳвиро адо мекунанд. Нависандагону шоирон аз ин ганҷинаи забон аз рӯйи қобилияти забондонӣ ва сатҳи дониши хеш дар эҷодиёти худ истифода бурда, бо воситаи онҳо обуранги миллии асари худро таъмин менамоянд. Дар ин масъала нависанда Ҷалол Икромӣ маҳорати хуб дошта, кӯшидааст, ки дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” аз ин воситаи муассири нутқ баҳра бурда, матлабашро образноку нишонрас баён намояд.

Дар забоншиносии тоҷик омӯзиши фразеологизмҳо дар нимаи дуюми асри XX оғоз гардидааст, аммо фразеологизмҳо дар аввалин фарҳангҳои тафсири форсу тоҷик шарҳу тафсир гардидаанд.

Олимони забоншинос дар қатори дигар масъалаҳои грамматика доир ба масъалаи фразеология, ибора дахолат намудаанд, ки чунин ишораҳо дар таҳқиқоти А. Мирзоев [1947; 1957], Д.Т. Тоҷиев [1952], Н.А. Маъсумӣ [1959; 1966; 1976; 1980; 2011], Ш.Н. Ниёзӣ [1954; 1956] мушоҳида гардиданд.

Як қисми таҳқиқоте, ки ба анҷом расидаанд, бевосита ба забон ва услуби адибони ҷудогона бахшида шуда, дар онҳо ба масъалаҳои сохторӣ, хусусияти семантикии ибораҳои фразеологӣ таваҷҷуҳ карда шуда, баъзе хусусиятҳои муҳимми семантикӣ ва сохтории онҳо шарҳ ёфтааст.

Забоншинос Н. Маъсумӣ дар мавриди истеъмоли фразеологизмҳо дар асарҳои бадеӣ чунин ибрози андеша намудааст: “Идиома ва таъбирҳои фразеологӣ аз ҷиҳати маъно, монанди гурӯҳҳои луғавӣ, ба соҳаҳои гуногуни зиндагӣ дахлдор буда, хусусият, руҳия, характер, идея ва амалиёти гуногуни одамонро ифода мекунанд. Онҳо аз ҷиҳати сохт ва таркиби худ низ ҳар хеланд. Нависанда дар давоми тасвири воқеа ва гуфтугӯйи персонажҳо ҳар кадоме аз он шаклҳоро ё ба таври шаклҳои ягонаи ифода ва ё ба тариқи шаклҳои синонимӣ ҳамчун ҳиссаҳои таркибии сухан кор фармуда, дар гуфтор оҳангу обутоби гуфтугӯйӣ, ҷоннокӣ, ҷиддият, ҳазломез ва ҳаҷвӣ пайдо мекунонад” [8, с.188].

Фразеологизмҳо чун воситаи муассир ва образнокӣ диққати забоншиносонро ба худ ҷалб намудаанд, ки муҳаққиқон ҳангоми баррасии хусусиятҳои лексикӣ, семантикии таркиби луғавии асарҳои бадеӣ бевосита ба воҳидҳои фразеологӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, баъзе хусусиятҳои онро таъкид намудаанд. Забоншинос Р.Ғаффоров ҳангоми баррасии “Забон ва услуби Раҳим Ҷалил” ин воҳиди муассири забонро ба ду гурӯҳ тасниф намуда, бо кадом мақсад истифода намудани адибро нишон додааст [4, с.81].

Дар мақолаи мазкур мавқеи калимаи аслии **чашм** дар бунёди воҳидҳои фразеологӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Калимаи **чашм** ҳамчун унсури луғавии забон дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ серистеъмол буда, дар шаклгирии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ дар қатори калимҳои соматикии **даст, лаб, дил, сар, рӯ, по** мавқеи муҳим дорад.

Нависандаи нозукбаён Ҷалол Икромӣ дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” ҳангоми тасвири ҳодисаву воқеаҳо, нишон додани симои зоҳирӣ ва ботинии персонажу қаҳрамонҳояш аз ин қабати пурғановати лексикаи забон баҳра бурда, малтабро дақиқ, муассир, ифоданок ба риштаи тасвир кашидааст.

Бояд зикр кард, ки дар сермаъношавии воҳидҳои фразеологӣ нақши маҷоз хеле калон аст. Ин қабил воҳидҳои фразеологӣ маъноҳои нав ба навро соҳиб мегарданд. Ин гуна маъноҳои иловагӣ ва тобишҳои маъноӣ ҳангоми шарҳ додани муродифҳои калимагӣ равшан маълум мегарданд. Бинобар ин, барои тафсири тобишҳои маънои фразеологизмҳо, ки аз мазмуни ҷумла ва мавқеи дар ҷумла доштаи онҳо ба миён омадаанд, муродифҳои луғавӣ кифоя намекунанд. Дар натиҷаи маънои иловагӣ гирифтан тобишҳои нави маъноиро соҳиб мегарданд.

Дар роман он воҳидҳои фразеологие мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ба мазмуну муҳтаво ва ҳодисаву воқеаҳои асар сахт алоқамандӣ доранд. Нависандаи бомаҳорат метавонад тавассути воҳидҳои фразеологӣ мақсадашро рангин, таъсирбахш баён намояд.

Ибораҳои фразеологӣ мафҳумҳоро образнок, бо рамзу киноя ва муболиға ифода мекунанд ва бо ин хусусияташон аз унсурҳои лексикии ҳаммаънои худ фарқ мекунанд. Калимаи соматикии **чашм** дар қатори вожаҳои **дил, даст, сар** дар сохтани ибораҳои фразеологӣ серистеъмол буда, ҳам дар услуби бадеӣ ва ҳам гуфтугӯйӣ васеъ истифода мегардад. Дар маводи гирдовардаи мо низ ибораҳои фразеологии зиёде сохта шудаанд.

Бо калимаи аслии **чашм** ибораҳои фразеологии **чашм дӯхтан, чашм афкандан, чашм кандан** сохта шудаанд. Агар ибораи фразеологии **чашм кандан** ба маънои **чашм кандан аз** *чизе,* нигоҳи худро гурезондан, қатъи назар кардан (*аз чизе*) истифода гардад, ибораи фразеологии чашм дӯхтан ба маъноҳои: 1. ба касе, ба чизе бо диққат нигоҳ кардан, нигоҳ карда мондан, интизор шуда мондан, 2. ба касе, ба чизе бо нияти бад, бо чашми бад нигоҳ кардан, ба касе, чизе ҳаросона нигаристан, тамаъ кардан [12, с.374]; чашм ба омадани касе дӯхтан, роҳи касеро поидан, сахт интизор шудан ба омадани касе [12, с.543] истифода мегардад.

Дар мавриди корбурди ибораҳои фразеологии ***чашм дӯхтан*** ва ***чашм дар роҳ будан*** муҳаққиқ И. Ҳасанова дар мақолааш «Фразеологизмҳои “Духтари оташ”- и Ҷалол Икромӣ» онҳоро аз ҷиҳати семантика шарҳ дода, услуби фардии нависандаро дар корбурди ибораҳои фразеологӣ бо далелҳои шайъӣ нишон дода, ибораҳои фразеологии ***чашм дӯхтан ва чашм дар роҳ буданро муродиф меҳисобад***: « *– Ҷаноби миршаб ба шумо салом мегӯянд ва дар роҳатон* ***чашм дӯхта*** *нишастаанд*» [Д.о., с.260]. *Миршаб дар меҳмонхонаи худ ҳақиқатан ҳам* ***чашм дар роҳ буд*** [Д.о, с.261] ***[15, с.125- 127].***

Ин ду ибораи фразеологӣ ба як маънӣ истифода гарданд ҳам, аз дараҷаи истеъмол ва мавқеъ, тобиши услубӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Як воҳиди фразеологӣ метавонад, аз ҷиҳати тобиши маъно дар ду ҷумла ду маъниро ифода намояд, ки ин ҳолатро дар ибораи фразеологии чашм дӯхтан мушоҳида намудан мумкин аст. Дар маводи гирдовардаи мо ибораи фразеологии **чашм дӯхтан** се маротиба истифода гардидааст, ки аз ҷиҳати тобиши маъно фарқ мекунад. Дар ҷумлаи якум ба маънои бо ***диққат нигоҳ кардан, нигоҳ карда мондан*** омадааст. Дар ҷумлаи дуюм ба маънои ***роҳи касеро поидан, сахт интизор шудан ба омадани касе*** истифода гардидааст. Дар ҷумлаи сеюм ба маънои ***нигоҳ кардан*** истеъмол шудааст: *Вале* ***чашмони*** *Фирӯза бо назари суол ба рӯйи Ҳайдарқул* ***дӯхта шуданд****[5, с.368]. То навакак бедор, ба дар* ***чашм дӯхта шишта*** *будам[5, с.380]. Аз қишлоқ баромада, ба канори ҷӯйборе нишасту* ***чашм*** *ба роҳи Когон* ***дӯхт*** *[5, с.69].* ***Чашмони*** *парма барин сӯрохкунандааш, аз зери пешонаи тангаш, ба одам, ки* ***дӯхта шуданд,*** *гӯё тамоми асрори даруни ӯро фаҳмида мегиранд[5, с.11].*

Ибораҳои рехта, ё бо таъбири дигар воҳидҳои фразеологӣ як ҳиссаи бобаракат ва пуразиши ганҷинаи ҳар забон ба шумор мераванд. Дар онҳо ҳам ба мисли воҳидҳои луғавии забон мафҳумҳои ашё, аломату кайфият, амалу ҳолат ифода меёбанд. Фарқ танҳо дар ин ҷост, ки он мафҳумҳо дар калимаҳо бидуни ороиш, ба тарзи урён ифода гарданд, дар аксари воҳидҳои фразеологӣ зимни образ, дар қабои бадеӣ, ба василаи санъатҳои лафзию маънавии маҷоз, ташбеҳ, муболиға, рамз, киноя, тазод, сачъ ва ғайра акс меёбанд: «***ба чашми касе хок пошидан****», касеро фиреб додан, касеро ба ғафлат андохтан,* «***панҷ ангушташ барин****»*, *комилан, бе каму кост*, «***гул-гул шукуфтан****»*, *нашъунамо ёфтан, тараққӣ*

кардан, равнақу ривоҷ ёфтан, хурсанд, мамнун гардидан, болидан, «***арақи ҷабин***», *меҳнати ҳалол, меҳнати пуразобу машаққат* [7, с.44].

Аз ҳамин сабаб дар услубҳои муошират, бадеӣ ва баъзе жанрҳои бадеии публитсистӣ чун воситаи рангин ва муассир баён кардани матлаб ба кор бурда мешаванд. Таркибу ибораҳои фразеологӣ дар тасвири ҳодисаву воқеаҳо, хусусияти руҳии одамон бо хусусиятҳои маъноӣ ва услубии ба худ хос корбаст мешаванд, ки ин, пеш аз ҳама, ба сабки нигориши нависанда ва қаламкаш алоқаманд мебошад. Ин ҳолат ба тавсеаи маъноии таркибу ибораҳои фразеологӣ мусоидат менамоянд, таъсирбахшии каломро, ки умдатарин хусусияти услуби бадеӣ аст, таҳким мебахшанд.

Ҷалол Икромӣ чун устоди соҳибкалом Садриддин Айнӣ дар интихоб ва корбурди унсурҳои луғавӣ сабки ба худ хос дошта, аз воситаҳои муассири забон мавридсанҷона истифода бурдааст. Як хусусияти услуби нависанда дар он зоҳир мегардад, ки дар як ҷумла ду воҳиди фразеологиро истифода намуда, ифоданокии баёнро таъмин менамояд. Чунончи, дар ҷумлаи зерин ду воҳиди фразеологӣ: ***аз таҳти дил хурсандӣ мекарданд-самимона; чашм доштан-*** 1. ***интизор будан, нигарон шудан, 2. умедвор будан, дар мадди назар доштан*** [12, с.374] истеъмол шудааст: *Камбағалҳо* ***аз таҳти дил хурсандӣ мекарданд*** *ва ғалабаи инқилобро* ***чашм доштанд****[5, с.69].*

Ибораи фразеологии ***чашм дар роҳ шудан*** **ба маънои** – ***ба омадани касе нигарон будан/шудан, нигарони касе будан*** [12, с.372], интизорӣ кашидан ба омадани касе истифода мегардад ва серистеъмол аст. Ин ибораи мазкур дар услуби гуфтугӯйӣ серистеъмол аст: *Ҳамон рӯз бачаҳо ба ту хеле* ***чашм дар роҳ шуданд****, харбуза наовардӣ, лабташна ба ҷанг рафтанд[5, с.75].*

Нависанда ибораи фразеологии **пеши чашмро гирифтанро** бо мақсади нишон додани симои ботинии персонаж ба кор будааст. Ибораи мазкур ба маънои– аз ғояти мағрурӣ ё давлатмандӣ касе чизеро писанд накардан [13, с.396] маъмул буда, дар услуби гуфтугӯйӣ серистеъмол аст ва нисбат ба шахсоне, ки аз ғояти соҳибмансабӣ, пулдорӣ дигаронро намешиносанд, гуфта мешавад: *Ғурури ҷавонӣ ва мансабпарасти* ***пеши чашмамро гирифта буданд****[5, с.102].*

Як гурӯҳи ибораҳои фразеологӣ бо ҳодисаву воқеаҳои муайяни зиндагонии одамон, хислат ва хусусияти одамон алоқаи мустаҳкам доранд. Нависанда дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” чунин ибораҳои фразеологиро ҳамчун таркиби устувор барои дақиқ нишон додани ин хусусиятҳо ба кор бурдааст. Чунончи, ибораи фразеологии ***касе, чизеро зери чашм карда мондан*** ба маънои назорат кардан, таъқиб кардан рафтору кирдори касеро [12, с.545] шарҳ ёфтааст. Дар ҷумлаи зерин ибораи мазкур ба маънои ***касеро ба эътибор гирифтан, бо чашми харидорӣ ба назар гирифтан*** истифода гардидааст ва дар услуби гуфтугӯйӣ серистеъмол аст: *Ман худам* ***ӯро зери чашм карда монда будам,*** *ки андак калонтар шавад, ба тӯрем арз мекунам, кирои зан карда гирифтан ва бо вай умр басар бурдан мекунад [5, с.121].*

Ибораи фразеологии **чашм кардан** дар услубҳои гуфтугӯӣ ва бадеӣ серистеъмол аст. Ибораи фразеологии **чашм кардан** ба маънои нигоҳ кардан, назар кардан [12, с.532], чашмзахм кардан, поидан, зери чашм кардан, муроқиб будан, касе, ки хавфи захми чашм кардан дорад [12, с.571].

Ибораи фразеологии **чашм кардан** дар гуфтугӯ, асосан, ба маънои захми чашм кардан, чашмзахм кардан истеъмол мегардад ва дар ҷумлаи зерин ба ҳамин маънӣ омадааст: *Ба якаю ягона духтари ман* ***чашм накунед****, холеш! [5, с.116].*

Ибораи **чашм доштан** ҳам ба маънои аслӣ, яъне соҳиби чашм будан, дорои чашм будан ва ҳам ба маънои маҷозии: ба чизе умедвор будан, дар орзуи чизе будан [12, с.531]; а) умед доштан, интизорӣ доштан; б) тахмин кардан; [12, с.544] шарҳ ёфтааст. Аммо воҳиди фразеологии **чашм доштан** дар гуфтугӯ ба маънои захми чашм доштан истеъмол мегардад ва дар мисоли зерин низ ба ҳамин маънӣ омадааст. Он чун синоними **чашм кардан** корбаст мегардад: *Ман* ***чашм надорам****! –гуфт Анбар [5, с.116].*

Ибораҳои фразеологӣ дар заминаи маҷоз, муболиға, ташбеҳ пайдо мешаванд. Хусусияти муҳим ва барҷастаи чунин воҳидҳои фазеологӣ дар табиати образнокӣ ва пуробурангии онҳост. Нависанда ибораи **чашм ба рӯйи касе кушода шудан**ро ба ҳодисаи

ба Асал Махсум ба шавҳар баромадани Ойиша алоқаманд ва бомаврид истифода намудааст: *Акнун **чашмам**, ки **ба рӯйи ин кушода шуд**, дилам ҳам ром гашт... [5, с.336].*

Ибораи фразеологии **ба ҳамаи он чашму гӯшҳо хок мепошем** дар ҷумлаи зерин ба маънои онҳоро нодида кардан, рафъ кардан омадааст: *Ба ҳамаи он **чашму гӯшҳо хок мепошем** [5, с.118].*

Ибораи фразеологии **чашм давондан** ба маънои чашм давондан, дида баромадан, аз назар гузаронидан [чизеро] [12, с.544] шарҳ ёфтааст. Дар ҷумлаи зерин ба маънои **аз назар гузаронидан** истеъмол гардидааст: *Ҳайдарқул аз рӯйи стол газетаро гирифта **чашм давонд** [5, с.150]. Онҳо беихтиёр ба гирду атроф **чашм давонда** баъд аз оне, ки набудани касро донистанд, ба қуттӣ дарафтоданд [5, с.291]. – Э, писарам, – гуфт ба атроф чашм давонда истода, Саидпаҳлавон,–ту ҳанӯз ҷавонӣ, аз дунё хабар надорӣ, намедонӣ, ки урус чӣ мақсад дорад ва амир чӣ мехоҳад[5, с.7].*

Нависанда барои нарм гуфтани мафҳумҳои ғаму андуҳ, марг он ибораҳои фразеологиеро ба кор бурдааст, ки хотири шунавандаро мушавваш намекунанд. Барои ифодаи мафҳуми мурдан, вафот кардан [12, с.544] ибораи фразологии **аз дунё чашм пӯшидан**- ро истифода намудааст: *Лекин Ойишаҷон даҳсола шудан баъд, нохост касал шуда, **аз дунё чашм пӯшид**[5, с.164].*

Дар ҷумлаи зерин ибораи **аз дунё чашм пӯшидан** бо киноя бо мақсади услубӣ истифода шудааст. Нависанда бо овардани ин ибораи фразеологӣ ба хонанда симои Ҳайдарқулро, ки танҳо кор боиси хушҳолии ӯст равшан тасвир намудааст: *Аз кор рафтани вай-**аз дунё чашм пӯшидани** вай аст [5, с.366].*

Ибраи фразеологии **чашм дар роҳ ҳастан/будан/доштан** ба маънои мунтазири чизе будан, интизорӣ доштан [12, с.534] корбаст мегардад: *Амакам ба шумо **чашм дар роҳ ҳастанд**[5, с.159].*

Дар байни гурӯҳи ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ ибораҳои фразеологиеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки хусусияти миллӣ доранд. Пайдоиши ин гуна ибораҳои фразеологӣ ба урфу одат, дин ва ҳаёти иқтисодӣ, маданӣ, маишӣ, инчунин ба воқеаҳои таърихии халқи мо сахт алоқаманд аст [4, с.80]. Нависанда чунин ибораҳои фразеологиро бо мақсадҳои услубӣ кор мефармояд ва пеши назари хонанда хусусияти миллӣ зоҳир мегардад: чунончи, ибораи фразеологии **чашм кушода касеро дидан**- маъниҳои 1. дар тамоми муддати умри худ танҳо ба як кас зан ё шавҳар шудан, 2. аз хурдсолӣ фақат ба як кор машғул шудан [14, с.378]- ро ифода мекунад ва дар ҷумлаи зерин ба маънои дар тамоми муддати умри худ танҳо ба як кас зан шудан омадааст. Ин ибораи фразеологӣ бо ҳамин маънӣ маъмул аст: *Азбаски **чашм кушода** Ойишаро **дида буд**, ақида дошт, ки дар дунё дигар чунин духтари зебо, чунин духтари дилбар ва маҳлиқо вуҷуд надорад[5, с.184].*

Воҳиди фразеологии **ба чашм нанамудан**- худро нишон надодан [12, с.545] дар ҷумлаи зерин ба маънои **ба назараш чизе наметофт** омадааст. Дар ҷумлаи мазкур нависанда ибораи фразеологии майнаи касеро ба чизе банд кардан низ истифода шудааст. Ҳаминро зикр намудан бамаврид аст, ки нависанда дар як ҷумла аз ду то се воҳиди фразеологиро истифода мебарад. Ибораҳои фразеологӣ асосан дар нутқи персонажу қаҳрамонҳо истифода гардида, матлаб муассиртар баён шудааст: *...ба илова, ҳоло хаёлҳои гуногун **майнаи ӯро чунон банд карда** буданд, ки чизе **ба чашмаш наменамуд**[5, с.196].*

Ибораи фразеологии **таги чашм кардан** ба маънои ба назар гирифтан, ба эътибор гирифтан истифода мегардад ва хосси услуби гуфтугӯйӣ мебошад. Дар гуфтугӯ духтареро ба хотири арӯс кардан, касеро бо мақсади талабгорӣ **таги чашм карда мондан** мегӯянд: *Бинам, инаш ассалом, ваяш ассалом гуфта омада, занҳоро **таги чашм мекунанд**, бо ҳар чӣ баҳонаҳо даромада омада, ба кори мо халал мерасонанд [5, с.206].*

*– **Чашм накунед!** –гуфт Фирӯза, ба ҷойи саволи "Чаро" [5, с.242].*

Нависанда ҳар як воҳиди фразеологиро бо мақсадҳои услубӣ ва муҳтавои мавзуъ бо маврид ба кор бурдааст. Дар ҷумлаи зерин воҳиди фразеологии **чашми касеро кушодан** - касеро аз ҳақиқати чизе бохабар кардан, соҳиби илму маърифат кардан [14, с.379], чашми касеро кушодан, касеро ҳушёр кардан, касеро омӯзондан [12, с.544] дар алоқамандӣ бо мазмуни нутқи гӯянда истифода гардида, матлабро таъсирбахш ифода намудааст: *Дар ин бора гап задан, **чашми онҳоро кушодан** лозим буд... [5, с.263].*

Дар ибораи фразеологии кӯкҳои чашми касе канда шуд дар услуби гуфтугӯӣ серистеъмол аст ва ба маънои сахт интизорӣ кашидан истифода мегардад: *Дар интизорӣ* ***кӯкҳои чашмам канд*** *[5, с.399].*

Ибораи фразеологии **чашми касеро хато кардан** ба маънои пинҳонан, номаълумона аз касе коре кардан, касеро ба ғафлат монда коре кардан [14, с.392] шарҳ ёфтааст ва дар мисоли зерин ҳамин маъниро дорост: *Ягона ҳамсуҳбат ва роздонаш Саидпаҳлавон буд, ки вай ҳам фақат* ***чашми дагаронро хато карда*** *ба хонаи ӯ медаромад[5, с.426].*

Ибораи фразеологии **чашму гӯши касе шудан** ба маънои **ба ҷойи касе назорат карда истодан ба коре** [12, с.544] истеъмол мегардад. Дар ҷумлаи зерин ибораи фразеологии **чашму гӯши Чека дар даргоҳи шумоянд** бо ғарази услубӣ гуфта шудааст: *Ба ин кас беҳурматӣ накунед, ин кас* ***чашму гӯши Чека дар даргоҳи шумоянд****![5, с.437].*

Ҷалол Икромӣ дар интихоб ва корбасти воҳидҳои лексикӣ, фразеологӣ хусусиятҳои одамон, ҳодисаву воқеаҳо ва муҳтавои асарро ба эътибор гирифтааст. Дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” ҳар як воҳиди фразеологӣ алоқамандона ба ҳусну қубҳи воқеаҳо корбаст гардида, симои қаҳрамону персонажҳоро барҷастатар инъикос намудааст.

Дар асар бо вожаи **чашм** ибораҳои фразеологии зиёде мавриди истеъмол қарор гирифтаанд, ки як қисми онҳо хосси услуби гуфтугӯӣ буда, серистеъмоланд.

Қисми дигар хосси услуби бадеӣ мебошанд ва оҳарии забони асарро таъмин менамоянд.

Хулоса, Ҷалол Икромӣ дар тасвири ҳодисаву воқеаҳо, нишон додани ҳолати руҳии қаҳрамону персонажҳо, фардӣ кунонидани асар аз имконоти воҳидҳои луғавӣ, хусусан, фразеологизмҳо моҳирона фоида бурдааст. Нависанда услуби хосседро дорост, ки ҳар як воҳиди фразеологиро вобаста ба вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ, сатҳи дониш ва хислату характери персонажҳо истифода намудааст.

Муқарриз: ***Кенҷазода М.С.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Авалиани, Ю.Ю. О различиях фразеологических синонимов и вариантов / Ю.Ю. Авалиани, Дж. Мирсаидов // Вопросы таджикской филологии. – Душанбе, 1967. – С.134-139.
2. Азимова, М.Н. Сопоставительный анализ соматической лексики и фразеологии таджикского и английского языков: автореф. дис. … канд. филол. наук / М.Н. Азимова. – Душанбе, 1980. – 19 с.
3. Бабкин, А.М. Русская фразеология, ее развитие и источники / А.М. Бабкин.– СПб., 2007. – 262 с.
4. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р. Ғаффоров. – Душанбе, 1966. – С.67-88.
5. Икромӣ, Ҷ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро / Ҷ.Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 475 с.
6. Камолиддинов, Б. Услубшиносӣ: учебное пособие / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 115 с.
7. Маджидов, Х. Фразеология современного таджикского языка / Х.Маджидов. – Душанбе, 1982. – 102с.
8. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с.
9. Муслимов М. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик ба унсурҳои луғавии арабӣ / М.Муслимов. - Душанбе, 2009. – 188 с.
10. Рубинчик, Ю.А. Основы фразеологии персидского языка / Ю.А. Рубинчик. – М.: Наука, 1981. – 274 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. - Ҷ.1 – 949 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2008. - Ҷ.2. – 944 с.
14. Фозилов, М. Фразеологический словарь современного таджикского литературного языка / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – Т. II. – 802 с.
15. Хасанов, И. Фразеологизмы «Дочь огня» Джалола Икроми / И. Хасанов // Вопросы таджикской филологии. – Душанбе, 1967. – С.123-130.
16. Хасанов, И. Лексика и фразеология романа Джалола Икроми: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.02.22 / И.Хасанов. – Пенджикент, 1966. – 19 с.
17. Хикматуллаев, Н. Семантико-стилистические особенности лексических синонимов в трилогии Джалола Икрами «Двенадцать ворот Бухары»: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.02.22 / Н.Хикматуллаев. – Душанбе, 1993. – 15 с.
18. Хушенова, С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка / С.В. Хушенова. – Душанбе: Дониш, 1971. – 190 с.
19. Шодиев, Б.Г. Лексико-фразеологические особенности очерков и рассказов Мутеулло Наджмиддинова: АКН: 10.02.22 / Б.Г. Шодиев. – Душанбе, 2012. – 21 с.

КОРБУРДИ ВОЖАИ ЧАШМ ДАР ТАШКИЛИ ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

(дар асоси маводи романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухор»-и Ҷалол Икромӣ)

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳим - корбурди вожаи чашм дар таркиби фразеологизмҳо дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”- и Ҷалол Икромӣ бахшида шудааст. Муаллифи мақола мубрамияти омӯзиши ин қабати лексикаи забонро муҳим ва саривақтӣ дониста, онҳоро дар ифодаи образнокии фикр муҳим меҳисобад. Муаллифи мақола дуруст қайд кардааст, ки калимаҳои соматикӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ нақши созгор доранд. Нависанда Ҷалол Икромӣ ҳар як воҳиди фразеологиро бо мазмуни матн мувофиқ намуда, истифода кардааст, ки симои ботинӣ ва зоҳирии қаҳрамону персонажҳо барҷаста тасвир ёфтааст. Ҳангоми таҳқиқ воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати семантика шарҳ ёфта, мавқеи корбурди онҳо дар матн нишон дода шудааст. Дар мақола воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати маънӣ дар такя ба фарҳангҳо баррасӣ гардидаанд. Дар мақола як қатор воҳидҳои фразеологие таҳлилу баррасӣ шудаанд, ки имрӯз дар гуфтугӯ серистеъмоланд. Ҷалол Икромӣ дар тасвири ҳодисаву воқеаҳо, нишон додани ҳолати руҳии қаҳрамону персонажҳо, фардӣ кунонидани асар аз имконоти воҳидҳои луғавӣ, хусусан, фразеологизмҳо моҳирона фоида бурдааст. Нависанда услуби хоссеро дорост, ки ҳар як воҳиди фразеологиро вобаста ба вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ, сатҳи дониш ва хислату характери персонажҳо истифода намудааст.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, чашм, маҷоз, услуби бадеӣ, муассирӣ, персонажҳо, хусусияти миллӣ, образнокӣ, калимаҳои соматикӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЛОВА “ГЛАЗ” В ОРГАНИЗАЦИИ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ВЫРАЖЕНИЙ

(по роману Джалола Икроми «Двенадцать ворот Бухары»)

Данная статья посвящена одному из важнейших вопросов употребления слова “глаз” во фразеологии романа «Двенадцать ворот Бухары» Джалола Икроми. Автор статьи считает изучение этого пласта языковой лексики своевременным и важным в образном выражении мысли. Автор статьи справедливо отмечает, что соматические слова играют значительную роль в образовании фразеологизмов. Писатель Джалол Икроми адаптирует каждый фразеологизм к содержанию текста и использует внутренний образ и облик героев и персонажей. В ходе исследования фразеологизмы разъясняются, с точки зрения семантики, и показывается место их употребления в тексте. В статье рассматриваются фразеологизмы, с точки зрения семантики на основе культуры. В статье анализируется ряд фразеологизмов, которые сегодня широко используются в разговорной речи. Джалол Икроми умело использовал возможности лексических единиц, особенно фразеологизмов, в описании событий, для показа душевного состояния героев и персонажей, для индивидуализации произведения. У писателя уникальный стиль, к которому относится каждая фразеологическая единица: социальная, политическая ситуация, уровень знаний и характер персонажей.

Ключевые слова: фразеологизмы, глаз, метафора, художественный стиль, эффектность, персонажи, национальный характер, образные, соматические слова.

USING THE WORD EYE IN THE ORGANIZATION OF PHRASEOLOGICAL EXPRESSIONS

(Based on the novel by Jalal Ikrom "The Twelve Gates of Bukhara")

This article is devoted to one of the most important issues of using the word eye in the phraseology of the novel "The Twelve Gates of Bukhara" by Jalal Ikromi. The author of the article considers the importance of studying this layer of language vocabulary important and timely, considers them important in the figurative expression of thought. The author of the article rightly notes that somatic words play a significant role in the formation of phraseological units. The writer Jalal Ikromi adapts each phraseological unit to the content of the text and uses the inner image and appearance of the heroes and characters. In the course of the study, phraseological units are explained from the point of view of semantics and the place of their use in the text is shown. The article deals with phraseological units from the point of view of culture-based semantics. The article analyzes a number of phraseological units that are widely used in colloquial speech today. Jalal Ikromi skillfully used the possibilities of lexical units, especially phraseological units, in describing events and events, to show the state of mind of heroes and characters, to individualize the work. The writer has a unique style to which each phraseological unit belongs: social, political situation, level of knowledge and character of the characters.

Key words: phraseological units, eye, metaphor, artistic style, effect, characters, national character, figurative, somatic words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ӯрмонова Маҳинабону Мухторҷоновна*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, унвонҷӯйи шуъбаи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ 21

Сведение об авторе: ***Урмонова Махинабону Мухторджоновна*** - Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ, соискатель отдела таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21

Information about the author: ***Urmonova Makhinabonu Mukhtorjonovna*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST, applicant for the department of the Tajik language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21

УДК: 407.1

БИЛИНГВАЛИЗМ (ДУЗАБОНӢ): АФЗАЛИЯТҲОИ ОН ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Камолова Б.Б.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мусаллам аст, ки билингвизм яке аз роҳҳои рушду такомули забонҳо ба шумор меравад. Ба ҳамагон маълум аст, ки билингвизм ду намуд ҳам фардӣ ва иҷтимоӣ – ҷамъиятӣ шуда метавонад. Билингвизм ҳамчун ҳодисаи фаъолияти нутқ на танҳо характери фардӣ - психикӣ, балки иҷтимоӣ - идеологӣ ҳам буда метавонад.

Бояд тазаккур намуд, ки ба ақидаи муҳаққиқи илми забоншиносии равонӣ В.П. Белянин, аслан, пайдоиши истилоҳи "билингвизм" баромади лотинӣ дошта, аз ҳиссачаи “ы” - дугона/дукарата, “lingua” - забон сарчашма мегирад. Миёни муҳаққиқон истилоҳи “билингвизм” ҳамчун қобилияти бо ду ва ё зиёда забон сухан рондани шахс муайян карда мешавад. Мушоҳидаҳо собит намуданд, ки ба ғайр аз билингвизм (дузабонӣ), инчунин полилингвизм (бисёрзабонӣ) низ вуҷуд дорад, ки бо қобилиятҳои забономӯзии шахс иртиботи ногусастани дорад. Полилингвизм ду намуд - миллӣ (истифодаи якчанд забонҳо дар ҷомеаи муайяни иҷтимоӣ) ва инфиродӣ (истифодаи якчанд забонҳо аз ҷониби шахс, ки ҳар яке аз онҳо мувофиқи вазъияти муайяни коммуникатсионӣ интихоб карда мешавад) шуда метавонад [2, с.156].

Масалан, дар баъзе кишварҳои Аврупо, дар Люксембург забони асосии маҳаллӣ "люксембургӣ" буда, забонҳои расмӣ фаронсавӣ ва олмонӣ ба ҳисоб мераванд. Дар кишвари Белгия се забони расмӣ - голландӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ мавриди истифода қарор дорад, дар Нидерландия бошад забони англисӣ ва олмонӣ баробар корбурд мешаванд. Сокинони ин кишварҳо дузабона ва ё бисёрзабона мебошанд. Баъзан дар адабиёти психолингвистӣ нишони L1 - забони аввал ва L2 - забони дувум буда метавонад. Аммо бояд дар назар дошт, ки аз рӯйи хронология забони дуюм метавонад дар баъзе ҳолатҳо забони аввалро иваз карда, ҳатто модарӣ шавад. Пас қазоват кардан мумкин аст, дар шахси дузабона афзалияти як забон бештар ба назар мерасад, яъне барои ӯ як забон забони асосӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки фарқ кардани дузабонии табиӣ (ҳамарӯза) ва сунъӣ (таълимӣ) низ ба назар мерасад. Маълум аст, ки дузабонии табиӣ дар муҳити дахлдори лингвистӣ (ки мавҷудияти радио ва телевизионро дар бар мегирад) ва ба туфайли амалияи васеи нутқ ба вуҷуд омада метавонад. Дар ин маврид дар назар бояд дошт, ки огоҳӣ аз вижагиҳои низоми забон шояд рӯй надиҳад. Дузабонии сунъӣ бошад, ҳангоми забони дувумро бо кӯшиши ихтиёрӣ ва истифодаи методу усулҳои махсус омӯхтан ба амал меояд. Бояд дар назар дошт, ки забони хориҷӣ дар айни замон ҳам ба таври стихиявӣ ва ҳам дар як вақт бо муаллим омӯхта мешавад.

Вобаста аз меъёрҳои таснифот, якчанд намуди билингвизмро ҷудо намудаанд. Мувофиқи синну соли шахсе, ки азхудкунии забони дувум ба амал меояд, билингвизми “аввал” ва “дер”-ро аз якдигар фарқ карда метавонем. Билингвизми барвақт ҳангоми ба дунё омадани тифл, яъне аз кӯдакӣ сарчашма мегирад. Дузабонии дер бошад ҳангоми омӯзиши забони дувум дар синни калонтар рӯй медиҳад.

Муҳаққиқони ин соҳа исбот намуданд, ки билингвизмро, инчунин бо шумораи амалҳои иҷрошуда метавон фарқ кард. Билингвизми қабулкунанда (дарккунанда) вақте ба вуҷуд меояд, ки агар шахс бо фаҳмиши тахминии нутқи забони хориҷӣ қаноат карда тавонад. Дар ин ҳолат, худи шахси забономӯз бо монеа бо ин забони хориҷӣ ҳарф мезанад ё наменависад. Билингвизми репродуктивӣ (дубора) имкон медиҳад, ки шахси дузабона на танҳо матнҳои забони хориҷиро бемонеа хонда дарк намояд (бозсозӣ кунад), балки чизҳои хонда ё шунидаашро низ дубора бо ин забон афзоиш диҳад. Билингвизми пурсамар (тавлидкунанда) ба шахси дузабона имкон медиҳад, ки на танҳо матнҳои хориҷиро фаҳмад ва дубора афзун кунад, балки дар асоси онҳо матнҳои нави худро иншо кунад.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки билингвизми қабулкунанда метавонад яке аз ҳадафҳои омӯзиши забони хориҷӣ шавад. Барои баъзе одамон мутолеаи адабиёти хориҷӣ бо забонҳои меомӯхтаашон кофист, яъне онҳо эҳтиёҷ ба суҳбатро бо ин забонҳо надоранд. Ин раванд комилан ба омӯзиши забонҳои мурда дахл дорад, ки тавассути ин амал баъзе забонҳои мурда зинда гардиданд. Муҳаққиқони масъалаи азхудкунии забони хориҷӣ аз ҷониби калонсолон қайд мекунанд, ки дараҷаи пурраи азхудкунии забон танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар он то синни 12-14 солагӣ оғоз шавад, яъне омӯзиши забони хориҷӣ барои калонсолон бинобар як қатор ҳолатҳои маълум хеле мушкилтар аст.

Илова бар гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки билингвизм ба ҳамаи давру замон ва табақаҳои ҷамъиятӣ хос буда, аммо он дар асрҳои миёна боз ҳам маъмултар гардидаст. Масалан, пас аз шукӯҳу шаҳомат пайдо намудани дини мубини Ислом омӯзиши забони арабӣ миёни мардум дучанд гардида, хатти арабиасос мавқеи хосса пайдо карда буд. Яъне, дузабонӣ ҳанӯз миёни ниёгони мо маълум буд. Умуман, забони арабӣ то ҳанӯз дар Шарқ нуфузи худро аз даст надодааст.

Дар вазъи ҳозира бештар афзалияти билингвизм наоён аст. Билингвизм дар замони ҳозира шакли умумӣ гирифтааст. Ҳоло на танҳо фардҳои ҷудогона, балки халқҳои алоҳида низ ду забонро медонанд Масалан, дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамаи халқияту миллатҳо баробари забони модарии худ забони русиро, дар Америка халқҳои ниҳоят гуногун баробари забони худ забони англисиро, дар Ҳиндустону Покистон низ баробари забони ҳиндиву урду забони англисиро медонанд [8, с.168].

Боз хотирасон менамоем, ки билингвизми иртиботӣ вақте пайдо мешавад, ки ду қавм дар як ҷо ё дар ҳамсоягӣ зисту зиндагонӣ менамоянд. Иртиботи зич доштани ин раванд бевосита ба мардуми Бадахшон, Яғноб, Язғулом маълум аст, ки ба ғайр аз забони модариашон забони тоҷикиро медонанд. Билингвизми иртиботиро мо дар мисоли халқҳои Самарқанду Бухоро, Сариосиё, Термиз низ дида метавонем, ки бидуни забони тоҷикӣ бо забони узбекӣ ҳарф мезананд.

Билингвизми ғайрииртиботӣ бошад, аслан фардӣ ё гурӯҳи шуда метавонад, ки дар натиҷаи омӯзиши махсуси забонҳои дигар ба амал омада метавонад. Масалан, шаш забонҳои байналмилалие, ки дар мактабҳо тадрис дода мешаванд, ба мисли хитоӣ, англисӣ, арабӣ, немисӣ, русӣ, франсузӣ ва ғайра.

Бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки барои омӯзиши забони дигар донистани забони модарии хеш ҳатмӣ ва зарур аст. Гарчанде дар гузашта илми забоншиносӣ дар мадрасаву макотибҳо ҳамчун фанни таълимӣ тадрис дода намешуд, аммо миёни илмҳои дигар мавқеи калонро ишғол менамуд. Дар системаи таълими мактаб ва мадрасаҳои куҳна граматикаи забони тоҷикӣ” бо вуҷуди ҳамчун фанни махсус омӯхта нашуданаш мавқеи бағоят калон доштааст [9, с.376].

Чи тавре дар боло зикр намудем, донистани забони модарӣ, грамматикаи он барои ҳар як шахс шарту зарур аст, зеро танҳо тавассути забони модарӣ ҳар як инсон метавонад аз таърих, фарҳангу тамаддун ва осори пурғановати ниёгони худ бархӯрдор гардад. Забон на танҳо воситаи муошират байни одамон аст, балки танҳо забон қодир аст, ки аз гузаштаи миллат ба мисли шиноснома маълумоти мукамалу муфассал диҳад. Оид ба тавқият бахшидан ба ин андешаҳо метавонем суханони Пешвои муаззами миллатро пеши назар орем, ки чунинанд: Забон муҳимтарин унсури бақои миллат буда, оинаи рӯзгори гузаштаву ҳозира ва маҷмуи тафаккури андешаи халқ ба ҳисоб меравад ва яке аз арзишмандтарин сарчашмаҳои мероси гузаштагон барои наслҳои оянда арзёбӣ мегардад. Тавассути забон одамон ба ҳамдигар муошират карда, аз ҳоли ҳамдигар хабардор мешаванд ва тасаввуроташонро баён месозанд. Ҳангоми гуфтугӯ ва баёни фикр асолати забон боз ҳам равшантар зоҳир гардида, рукни тавонманд ва сарнавиштсози он ошкор мешавад [15, с.5].

Мусаллам аст, ки забони тоҷикии мо таърихи чандинҳазорсола дорад. Забоне, ки бо он номи ниёгони шарафманди мо бо ҳарфҳои заррин дар таърихи башарият сабт гардидааст. Пас донистани ин забон ифтихор нест. Ҳар як инсони бонангу номус вазифадор аст, ки ин ганҷинаи бебаҳоро ҳифз намуда, ба наслҳои дигар бенуқсон интиқол дода тавонад. Мо имрӯзҳо худ шоҳиди он ҳастем, ки дар ҷаҳон якчанд забонҳое

мавҷуданд, ки баъзеашон, мутаассифона, то ба имрӯз ҳатто ба рӯйхати забонҳои дунё низ шомил нагаштаанд. Хушбахтона, забони тоҷикии мо оламшумул аст, гарчанде бо забони модарии мо асарҳои нодир ва пурғановат рӯйи варақ оварда шудаанд, ки барои бою ғани гардидани захираи луғавии забонамон саҳми беҳамтоеро бозидаанд , аммо... “забон ҳам, ки довари моҳир ва сахтгир аст, танҳо коромадтарин ва баргузидатарини онҳоро дар ҳазинаи худ ҷой дода, сипас дар истифодаи умум қарор медиҳад [14, с.13].

Имрӯзҳо омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар қиёс ба асри гузашта (асри ХХ) нуфузи бештар пайдо кардааст. Барои мутахассисони оянда донистани забонҳои хориҷӣ беш аз пеш шарт ва зарур шуморида мешавад. Мубрамияти масъала дар он зоҳир мешавад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо забонҳои хориҷӣ нақши калидӣ бозида, дар пешрафту мавқеъгирии давлатҳои хурду бузург дар ҷомеаи ҷаҳонӣ воситаи муҳим арзёбӣ мегарданд [12, с.107].

Низоми дузабонӣ ё якчандзабонӣ дар вазъи имрӯза қариб, ки дар тамоми мактабҳои кишварҳои пешрафта ба роҳ монда шудааст. Ва мо ифтихор аз он дорем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мисли дигар кишварҳои пешрафта мактабҳои байналмилалӣ ва дузабона арзи вуҷуд доранд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки таҳсил дар чунин мактабҳо ба хонанда мушкилиро пеш меорад, аммо агар амиқтару жарфтар назар афканем ҳангоми дар чунин мактабҳо таҳсил намудан қобилияти илмомӯзии хонанда дучанд мегардад.

Билингвизм дар пайвастагӣ бо модернкунонӣ ва дарёфти роҳҳои нави рушди низоми ватании таълим, аз воридшавии мамлакат ба фазои умумиҷаҳонии таҳсилот асос мегирад. Илова бар ин, бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар айни замон яке аз самтҳои дурнамои таълим ин таълими билингвалӣ маҳсуб меёбад, ки дар солҳои охир натиҷаи назаррас дода истодааст. Дар як қатор мамлакатҳо таълими билингвалӣ яке аз олатҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад, ки он интегратсияи низоми миллии таълимро дар фазои ҷаҳонии таҳсилот таъмин менамояд (Руссия, Украина, Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Япония).

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар як Доғистони кӯчаки Россия зиёда аз 30 забон арзи вуҷуд дорад, аммо забони ягонае, ки дар он ҷо таълим дода мешавад, ин забони русӣ аст. Пас хонандагон ба ғайр аз забони модарии худ забони русиро ба пуррагӣ аз худ кардаанд. Ин ҳолат дар мактабҳои кишвари мо низ ба назар мерасад. Масалан, намояндагони забонҳои бадахшонӣ, язғуломӣ ва яғнобӣ бо баробари донистани забони модарӣ грамматикаи забони тоҷикиро дар як муддати кӯтоҳ аз худ менамоянд. Ин равандро билингвизми омехта номидан мумкин аст. Билингвизми омехта ҳамон вақте ба назар мерасад, ки дар он низоми ягонаи консептуалӣ барои ду забон дар асоси забони модарии истифодабаранда сохта шудааст. Гарчанде дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактабҳои таҳсилоти миёна ва олӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ пурра ба роҳ монда шудааст, аммо ҳифзи забонҳои бадахшонӣ, яғнобӣ ва язғуломӣ дар мадди аввал истода ва ҳатто Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 5 - уми октябри соли 2009 қабул гардид, дар он ҳифзи забонҳои эронии шарқӣ, аз қабили забонҳои бадахшонӣ ва яғнобӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки дар моддаи 4 боби якуми ин қонун чунин омадааст”:

1. Ҳамаи миллатҳо ҳалқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя ва инкишофи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) ва забони яғнобӣ шароит фароҳам меорад [7, с.5].

Мусаллам аст, ки дар мамлакатҳои дигар таълими билингвалӣ чун зарурияти объективӣ дар ҳалли муаммои таълим ва пайгирии хонандагон - муҳоҷирон ба роҳ монда шудааст. Ин ҳолат дар кишварҳои ИМА, Канада, Австралия, Бельгия, Швейцария, Франция ба назар мерасад.

Масъалаи омӯзиши билингвизм барвақт диққати олимонро ба худ ҷалб карда буд. Ба ақидаи муҳаққиқи варзида А.Г. Ширин таваҷҷуҳ ба омӯзиши илмии билингвизм дар асри Х1Х пайдо шудааст [13, с.47].

Бояд ҳаминро дарҷ созем, ки дар таълими билингвалӣ нақши омӯзгор барҷаста намоён аст. Ин фаъолияти ба ҳам алоқамандии омӯзгор ва хонанда дар раванди омӯзиши фанҳои мухталиф ба воситаи забони хориҷӣ маҳсуб меёбад.

Бояд ҳаминро дарҷ созем, ки мазмун ва мундариҷаи таълими билингвалӣ ин фаъолияти алоқамандии зич доштаи байни омӯзгор ва хонанда дар раванди омӯзиши фанҳои мухталиф ё соҳаи илм аст, ки бо ёрии забонҳои хориҷӣ амалӣ мегардад ва дар ин маврид ба андешаи мо омӯзгор вазифадор аст, ки забони модарии хонандаро хуб донад. Масалан, соҳибзабононе, ки барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз кишварҳои дигар даъват мешаванд, ҳангоми надонистани забони модарии хонанда дар раванди таълим ба монеа дучор мегарданд. Зеро бидуни донистани забони модарии хонанда омӯзгор нозукиҳои мавзуи баррасишавандаро фаҳмонида наметавонад. Гарчанде он сатҳи баланди омӯзиши забонҳои хориҷиро таъмин менамояд. Вазифаи асосии омӯзгороне, ки аз забонҳои ғайримодарӣ дарс мегӯянд, дуруст омӯзонидани забон, муоширатро танҳо бо забони омӯхташаванда ба роҳ мондан аст, танҳо тавассути ин усул ба натиҷаҳо ноил мешавем [1, с.56]. Инчунин, ҳангоми тадриси забонҳои хориҷӣ китобҳо низ мавқеи калонро бозида метавонанд. Ҳатто баъзе аз методистҳо чунин ақидае доранд, ки китоби дарсии хуб метавонад, омили асосии таълим гардад [10, с.217].

Ногуфта намонад, ки яке аз фанҳои асосии таълимӣ дар низоми таълим дар мактабҳои тоҷикӣ, забони русӣ ба ҳисоб меравад. Ташаккули нутқ бо забони русӣ, муошират бо забони русӣ яке аз мақсад ва вазифаҳои асосии таълими кӯдакони синни мактабӣ ба шумор меравад [4, с.108].

Дар айни замон аксарияти волидайн барои фарзандони хеш дар зинаи аввали таҳсилот дар кишвари мо аз забонҳои хориҷӣ бештар забони русиро интихоб менамоянд, гарчанде дар назари аввал ин рафтори онҳо шубҳаовар намояд, яъне ҳисси миллии онҳоро нишон дода натавонад ҳам, баъдтар дарк менамоем, ки забони модарии хешро кӯдак дар шароити хонаводагӣ низ аз худ карда метавонад. Қобилияти забономӯзии кӯдакро бошад мо бо ягон роҳу усул дароз карда наметавонем. Пас бояд ба хулосае омад, ки дар ин маврид рафтори волидайн дуруст аст, зеро қобилияти забономӯзиро олимони ин соҳа то синни 12-14 солагӣ муайян намудаанд. Дар ин вақт кӯдак имкон дорад на танҳо забонро омӯзад, инчунин донишҳои мукаммалро бо ин забон гирифта тавонад. Мақсади омӯзиши забони русӣ дар мактабҳои миллӣ, ташаккули фардии мактаббачагон тавассути системаи дониш оид ба забон ба шумор меравад [6, с.101].

Чи тавре ки мутафаккирон қайд намудаанд: “Омӯзиши забони бегона ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва фикрроиашро ба куллӣ дигар месозад”. Ин ақидаро бори дигар мутафаккири шуҳратманд Аҳмади Дониш дар асари бузургаш “Наводир-ул-вақоеъ” ба муносибате қайд мекунад: “Самараи сафарҳои Россия на танҳо иборат аз мушоҳидаи қудрати бозӯи муъҷизотофари заҳматкашони рус буд, балки тарзи идроку иқтидори хулосабарории ман низ пас аз сафар ба ин кишвар такомул ёфтанд” [5, с.12]. Қайд кардан ҷоиз аст, ки таълими билингвалӣ на танҳо ба он равона карда мешавад, ки дар хонандагон малакаи муоширатӣ ва фаннӣ ташаккул меёбад, балки инчунин вазифаи муҳимми он дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ин рушди муоширати иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад, ки дар инсон ҳурмату эҳтиром нисбат ба фарҳангу миллатҳои дигар, ташаккули ақидаҳои муоширатии мусбат ва малакаҳои ҳамфаъолии байнифарҳангӣ тарбия карда мешавад. Дар ин ҳолат таълими билингвалӣ ба рушди фарҳангии дуҷониба мубаддал мегардад. Пас суоле ба миён меояд, ки бартариҳои таълими билингвалӣ аз чӣ иборат аст? Сараввал, таълими билингвалӣ барои дарк намудани эътирофнокии фарҳангӣ, забони этникӣ ва бисёрфарҳангӣ, муносибат кардан ба арзишҳои умумимиллӣ имконият медиҳад. Ба туфайли чунин таълим муоширати гурӯҳҳои забонӣ-этникӣ роҳандозӣ карда мешавад, дониши иловагии забоншиносӣ чун яке аз кафолати мобилнокии иҷтимоӣ ҳосил карда мешавад.

Дар раванди таълими билингвалӣ таъсиррасонии ҳамдигарӣ, якдигардарккунӣ, дарк намудани урфу одатҳо ва суннату анъанаҳои гуногун аз ҷониби соҳибзабонон ба амал меояд. Андешаронии хонанда дар алоқамандии зич бо забони меомӯхтааш ташаккул меёбад ва дузабонагӣ, ки дар муқоиса ва синтез сохта мешавад, барои дарки фарҳангу

тамаддунҳои нав имконият медиҳад ва табиист, ки зиддиятҳои байналмилалиро барҳам мезанад.

Барномаи билингвалӣ бо “баромади бевақтӣ” ё барномаи “дар хотирдошта” (late-exit bilingual program) вуҷуд дорад. Чун қоида, барномаи мазкур аз соли аввали таҳсилот оғоз меёбад ва дар ҷараёни давраи мактаби ибтидоӣ (5,6 сол) идома меёбад, дар баъзе ҳолатҳо ҳатто зиёдтар, то 8 сол ҳам идома ёфта метавонад. Чун дар барномаи гузариш, хонандагон малака ва маҳорати хориҷидонӣ ҳосил мекунанд ва ҳамзамон фанҳои заруриро ба забони модарӣ меомӯзанд. Гузариш ба омӯзиши маводи нави забони хориҷӣ бо майлу хоҳиши хонанда ба амал меояд, мисли барномаи гузариш хонанда гирифтани мундариҷаи асосии фанни забони хориҷиро дар асоси забони модариаш дар тамоми давомнокии мактаби ибтидоӣ идома медиҳад.

Ҳамин тариқ, тафовути барномаи мазкур аз барномаҳои қаблӣ ин нигоҳ доштани забони модарӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ маҳсуб меёбад. Ҳатто, ҳангоме ки хонанда тибқи натиҷаи тестгузаронӣ аз Limited English proficient ба касбияти дигар ба Fluent English proficient мегузарад, ба ҳар ҳолат омӯхтани забони модариро ҳамзамон бо англисӣ идома медиҳад. Мисол, дар синфи 4 таносубияти фоизи забонҳои модарӣ бо англисӣ дар омӯзиш, чун қоида, 40 ба 60-ро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди ин, ба афзалиятҳои аёни барномаи мазкур нигоҳ накарда, он на ҳамеша гарави азхудкунии бомуваффақияти забони хориҷии омӯзандагон мегардад, ҳангоме ки онҳо ба зинаҳои болоии таълим мегузаранд назари онҳо ба забони модарии худашон дигар мегардад. Дар ин марҳила, одатан, баъзе хонандагони забонҳои хориҷӣ ба тарафдории фарҳангу маданият ва забони модарии худ ба шубҳа нигариста, ба фарҳангу маданияти халқҳои забонҳои меомӯхтаашон тақлид менамоянд. Албатта, ин раванд мушкилӣ эҷод менамояд, гурӯҳи дигари хонандагон низ ба онҳо дунболагирӣ намуда, маҷбур мешаванд, ки аз хусусиятҳои этникии халқи худ худдорӣ намоянд. Дар ин бора олими бузург Р. Фриман дар китоби худ «Bilingual Education and Social Change» мушаххас шарҳу эзоҳ овардааст:” Барномаи мазкур барномаи дусамтаи такомулёбанда мебошад. Он ба методи такомулӣ бо тарҳрезиҳои бою ғанӣ барои таъмин намудани имкониятҳои таълимӣ табдил меёбад. Зеро ин барномаи ягонаи билингвалӣ омӯзандагонро тибқи аломатҳои миллию забонӣ ҷудо намекунад, балки баръакс, бо ин васила забономӯзони хориҷиро бо забони модариашон муттаҳид менамояд [11, с.77].

Бартариҳои барномаи мазкур ин такомули қиёсии малака ва маҳорат дар ҳарду забон баробар, яъне ба билингвализми такомулӣ мусоидаткунанда, ба дастоварии натиҷаҳои баланд дар фанҳои барномаи мактабӣ, инкишофи малакаю маҳорати забондонӣ ва таҳаммулпазирӣ, баландбардории дараҷаи худбаҳодиҳии омӯзандагони забони хориҷӣ мебошад.

Барномаи мазкур дар давоми солҳои 1980 то 2000-ум тавассути китоби профессор Р. Фриман «Bilingual Education and Social Change» маъмул ва машҳур гардидааст, ки ӯ бо масъалаҳои таълими билингвиалӣ ва тафовути он аз дигар намуди самтҳои таълим дар ИМА машғул шудааст. Мақому манзалати он дар замони ҳозира низ баланд аст.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки билингвизм афзалиятҳои зиёд дорад. Тавассути омӯзиши забони дуюм малакаву маҳорати забоназхудкунии хонанда дучанд мегардад, аммо дар хотир бояд дошт, ки забонҳои хориҷӣ танҳо дар асоси малакаву донишҳои забони модарӣ аз худ карда мешаванд, ки барои омӯхтани дигар забонҳои хориҷӣ нақши калидӣ мебозанд.

Муқарриз: ***Исмоилзода Э.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бариева, М.Х. Социокультурный элемент в процессе изучения русского языка в таджикской аудитории / М.Х. Бариева, С.Ш Ҳабибов // Материалы международной научно практической конференции МЭИ “Русский и иностранные языки: инновации, преспективы исследования и преподования в вузах Таджикистана”, 22 января 2020 года. – Душанбе, 2020. – С.56-61.
2. Белянин В.П. Психолингвистика: Учебник / В.П. Белянин. – Москва, 2004. – 232 с.

3. Глухий Я.А. Обучение на блингвальной основе в условиях модернизации современного образования / Я.А. Глухий, Н.А. Качалов // Вестник Томскогогосударственного педагогичнского унверситета. – Томск, 2013. – № 7 (135). – С.127-1342.
4. Джабборова, М.Т. Произведение устного народного творчества на уроках русского языка / М.Т. Джабборова // Вестник таджикского национального университета. – Душанбе, 2013. – № 4/4(116). – С.112-116.
5. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. – Душанбе, 1988. - 271 с.
6. Заробекова, Н.М. Обучнею русскому языку учащихся таджикской школы в условиях билингвизма / Н.М. Заробекова // Вестник института языков. – Душанбе, 2015. – № 2-4 (18-19). – С.101-105.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. - Душанбе: Шарқи озод, 2012. - 20 с.
8. Норматов М. Муққадимаи забоншиносӣ / М. Норматов. – Душанбе, 1995. – 176 с.
9. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. Ҷ.2 / Қ. Рустамов. – Душанбе, 2003. – 400 с.
10. Сана Д. Обучение русскому языку в Иране / Д. Сана // Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2013. – № 2 (51). – С.213-217.
11. Фриман Р. «Bilingual Education and Social Change» / Р. Фриман. – Англия, 1978. – 205 с.
12. Шамсова Б.Қ. Хусусиятҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти орлии касбити ғайризабонӣ / Б.Қ. Шамсов // Паёми донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2020. – № 3 (39). – С.107-113.
13. Ширин А.Г. Билинвизм: Поиск подходов к исследованию в отечественной и зарубежной науке / А.Г. Ширин // Вестник Новгородского государственного университета. – Новгород, 2006. – №36. – С.46-52.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Китоби 1. - Душанбе, 2016. – 516 с.
15. 1Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Кит. 2. - Душанбе, 2020. – 431 с.

БИЛИНГВАЛИЗМ: АФЗАЛИЯТҲОИ ОН ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи барномаи дусамтаи такомулёбанда меравад. Он ҳамчун яке аз методҳои такомулӣ бо тарҳрезиҳои бою ғанӣ барои таъмин намудани имкониятҳои таълимӣ маҳсуб меёбад. Дар он махсус қайд карда мешавад, ки ин барномаи ягонаи билингвалӣ омӯзандагонро тибқи аломатҳои забонӣ ҷудо намекунад, балки баръакс, онҳоро бо забономӯзони хориҷӣ муттаҳид менамояд. Бояд зикр кард, ки дар ин мақола бартариҳои барномаи мазкур пешниҳод мегардад. Он аз баробарии такомули қиёсии малака ва маҳорат дар ҳар ду забон, яъне ба билингвализми такомулӣ мусоидаткунанда, ба дастоварии натиҷаҳои баланд дар фанҳои барномаи мактабӣ, инкишофи малакаю маҳорати забондонӣ ва таҳаммулпазирӣ, баландбардории дараҷаи худбаҳодиҳии омӯзандагони забони хориҷӣ иборат мебошад. Дар мақола қайд карда мешавад, ки доир ба барномаи билингвализм ақидаи олимони машҳури ҷаҳон дар давоми солҳои 1980 то 2000-ум зикр карда шудааст, ки яке аз он тавассути китоби профессор Р. Фриман «Bilingual Education and Social Change» маълуму машҳур гардидааст. Ҳадаф аз гузаронидани чунин таҳқиқот ин муайян намудани хусусиятҳои истифодабарии муносибати муоширатӣ-пайгиринамоӣ дар таълими забони хориҷӣ маҳсуб меёбад. Дар мақола ба баъзе ҷабҳаҳои муаммои мазкур рӯшанӣ андохта шудааст, ба мисоли: ҳангоми гузаштан ба зинаҳои болоии таълим он на ҳамеша гарави азхудкунии бомуваффақияти хориҷии омӯзандагон мегардад. Бояд қайд намуд, ки одатан онҳо дар дарсҳо боиси масхара ва думболагирӣ барои тарафгирии фарҳангу маданият ва забони модарии худ мегарданд. Ин гуна муаммоҳо дар мақола мавриди муҳокима қарор меёбанд.

Калидвожаҳо: билингвизм, забони модарӣ, забони хориҷӣ, малака, маҳорат, забондонӣ, муносибат, иртибот.

БИЛИНГВАЛИЗМ: ЕГО ПРЕИМУЩЕСТВА В ТЕОРИИ И ПРАКТИКЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

В этой статье автор рассматривает двухэтапную программу обновления. Она считается одним из методов совершенствования программам для обеспечения образовательных возможностей. В ней особо отмечается, что эта единая билингвиальная программа не разделяет учащихся по языковым признакам, а наоборот, объединяет их с изучающими иностранный язык. Следует отметить, что в этой статье будут представлены преимущества данной программы, состоящие из совершенствования навыков и умений на обоих языках, то есть программа способствует совершенствованию билингвизма, достижению высоких результатов по предметам школьной программы, развитию языковых навыков и толерантности, повышению самооценки изучающих иностранный язык. В статье отмечается, что по программе билингвализма были упомянуты мнения всемирно известных ученых в период с 1980 по 2000 год, одно из которых-через книгу профессора Р. Фриман "Bilingual Education and Social Change" стало популярным. Целью проведения такого исследования является определение особенностей использования коммуникативно-последовательного подхода в обучении иностранному языку. В статье освещаются некоторые аспекты данной головоломки, например: при переходе на высшие ступени обучения коммуникативный подход не всегда становится залогом успешного усвоения учащимися иностранного языка. Следует отметить, что обычно он приводит к непониманию на уроках, чтобы поддержать свою культуру и родной язык. Данные проблемы обсуждаются в статье.

Ключевые слова: двуязычие, родной язык, иностранный язык, навык, владение, языкознание, отношение, общение.

BILINGUALISM: ITS PREFERENCES IN THE THEORY AND PRACTICE OF FOREIGN LANGUAGES

The article talks about the modernization program. This is one of the improvement methods both with rich design to provide educational opportunities. He specifically noted that this unique payment program does not single out students according to language signs, but, on the contrary, they are combined into a foreign language. It should be noted that this article provides the benefits of this program. It consists of equality of skills and aptitude in both languages, that is, to develop large-scale results, language skills and tolerance, high results of foreign language students. The article says that the most popular scientists in the world were mentioned in the bilingualism program during 1980 to 2000, one of which, through Professor R. Freeman, "Bilingual Education and Social Change" became popular and popular. The purpose of this study is to determine the features of the use of communication relations in teaching a foreign language. The article discards some aspects of this problem, with the example of higher education levels not always hit by successful student funding. It should be noted that they, as a rule, lead to entertainment, identity, promotion of culture and native language in the classroom. These problems will be discussed in the article.

Key words: bilingualism, native language, foreign language, skill, possession, linguistics, attitude, communication.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Камолова Бибикалон Бобомуллоевна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: **bibijon@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 92-753-02-55**

Сведение об авторе: ***Камолова Бибикалон Бобомуллоевна*** – Таджикский государственный института языков им. С.Улугзода, кандидат педагогических наук, доцент кафедры романо-германских языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **bibijon@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 92-753-02-55**

Information about the author ***Kamolova Bibikalon Bobomulloevna*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulughzoda, candidate of pedagogy, associate professor of the Department of Romanic-Germanic Languages. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. Muhammadiev, 17/6. E-mail: **bibijon@mail.ru**.
Tel.: **(+992) 92-753-02-55**

УДК: 491.143.3

ИФОДАИ ИБОРАҲОИ ИСМИИ ПЕШОЯНДӢ ДАР РИСОЛАИ “ЧИЛУ ДУ ФАСЛ” АЗ “РАСОИЛИ ФОРСӢ”-И ХОҶА АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

Тоҷиддинзода П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Алоқаи пешояндӣ дар забони тоҷикӣ бисёр сермаҳсул ва серистифода аст. Ин аз он сабаб аст, ки шумораи пешояндҳо, махсусан пешояндҳои номӣ, бисёр аст. Зиёд будани пешояндҳо имконият медиҳанд, ки ибораҳои гуногунсохту гуногунмаъно таркиб ёбанд. Мувофиқи тадқиқоте, ки то имрӯз анҷом додаанд, вобаста ба ҳамаи ибораҳои номӣ, бахусус дар бобати алоқаи пешояндӣ қайдҳо намудаанд, ба ғайр аз ибораҳои шуморагӣ. Яъне ин навъи ибора дар алоҳидагӣ ба монанди дигар ибораҳои номӣ пурра таҳқиқ нагардидааст.

Академик В.В. Виноградов дуруст қайд мекунад, ки “маънои луғавии пешояндҳо ба маънои грамматикиашон баробар аст” [5, с.677]. Пешояндҳо мазмуни ҷузъҳои ибораро бо тобишҳои гуногуни маъноии худ бой мегардонанд, инкишоф медиҳанд ва ба ҳамин восита нақши синтаксисии ҷузъҳои ибораро возеҳу равшан месозанд. “Пешояндҳо аз маънои луғавӣ тамоман маҳрум нестанд” [5, с.650]. Махсусан маънои луғавии пешояндҳои номии сода (мисли, монанди, баъди) ва пешояндҳои номии таркибӣ (ба мисли, нисбат ба, пеш аз, ва ғайра) равшантар фаҳмида мешаванд, вале дар пешояндҳои аслӣ (аз, то, дар, ба ва амсоли инҳо) маънои луғавӣ басохира намоён мешавад.

Берун аз ибора муайян намудани маънои луғавии пешояндҳои қадима (аслӣ) нисбат ба пешояндҳои номӣ, ки баъдтар пайдо шудаанд, басо душвор аст. Пешояндҳои номӣ аксаран якмаъноянд, аммо бар хилофи ин пешояндҳои аслӣ сермаъно мебошанд. “Пешоянди аслии **<u>дар</u>**, маънои гуногун ва ҳатто хилофи якдигарро нигоҳ медорад. Ин маъноҳо танҳо дар таркиби ҳамон ибораҳое кушода мешаванд, ки дар дохили онҳо вазифаи ёридиҳандагии худро иҷро мекунанд” [11, с.38].

Инчунин, дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ”, доир ба алоқаи пешояндӣ чунин омадааст: “Алоқаи пешояндӣ дар ҳамаи хелҳои луғавию грамматикии ибора – ибораҳои исмӣ *(мубориза барои сулҳ),* сифатӣ *(аз қанд ширин),* шуморагӣ *(аз канор сеюм),* ҷонишинӣ *(баъзе аз онҳо),* феълӣ *(дар мактаб хондан),* зарфӣ *(аз Карим пештар)* иштирок мекунанд. Ба воситаи алоқаи пешояндӣ муносибатҳои гуногуни синтаксисӣ: муносибати объективӣ *(муҳаббат ба Ватан)*, муносибати маконӣ *(дар мактаби деҳа),* муносибати замонӣ *(дар вақти дарс)* ва амсоли инҳо ифода меёбанд. Дар алоқаи пешояндӣ ба сифати ҷузъи асосӣ ва ҷузъи тобеи ибора ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нутқ истифода мешаванд. воситаи ифодаи грамматикии ин алоқа пешояндҳои аслӣ ва номӣ мебошанд” [6, с.23].

С.Абдурраҳимов низ дар бобати ибораҳои ҷонишинии пешояндӣ чунин мегӯяд: “Ибораҳои ҷонишинии пешояндӣ аз ҷиҳати миқдор бисёр бошанд ҳам, аз ҷиҳати шакл ва маъно хеле маҳдуданд. Сабаби маҳдуд будани шакл ва маънои ин гурӯҳи ибораҳо дар он аст, ки ҷузъҳои ин ибораҳо фақат ба воситаи пешоянди аслии **<u>аз</u>** алоқаманд мешаванд ва муносибати ҷудоиро мефаҳмонанд ва исму ҷонишинро тобеъ менамоянд” [2, с.53]. Ҳамчунин дар бораи ибораҳои исмии пешояндӣ чунин изҳори ақида намудааст: “Алоқаи калимаҳо дар ибораи исмӣ ба ғайр аз изофат ба воситаи пешоянд, пасоянд ва калимаҳои ёридиҳанда низ ташкил меёбад. Чунки пешоянд, пасоянд ва калимаҳои ёридиҳанда на танҳо дар ифодаи муносибати байни калимаҳо ёрӣ мерасонанд, балки ба вазифаи алоқаманд намудани калимаҳо дар ҷумла низ ёрӣ мерасонанд”.

Пешояндҳо ҳамчун калимаи алоқакунанда дар сохтани ибораҳо, махсусан дар забони тоҷикӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ мансуб аст, аҳамияти бузург дорад. Инчунин, дар сохти ибораҳои номӣ пешоянҳо мақоми калон доранд. Аз ҳиссаҳои номии нутқ бо пешоянд сурат гирифтани ибораҳо, нисбат ба исму шумораву ҷонишин, ба сифат зиёдтар хос аст. Бинобар ин, дар доираи ибораҳои номӣ гурӯҳи калонтаринро ибораҳои сифатии пешояндӣ ташкил медиҳанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар “Расоили форсӣ”-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, алоқаи пешояндӣ дар қатори дигар навъҳои алокаи синтаксисӣ дар ибора баробар истифода

шудааст. Яъне, муаллиф дар қолаби пешояндӣ низ ибораҳои зиёдеро дар рисолаҳояш ҷой додааст.

Дар мақолаи мазкур ибораҳои пешояндии исмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд ва чӣ гуна дар рисолаҳои Хоҷа Ансорӣ роҳандозӣ гардидани ҳиссаҳои номии нутқ низ ба назар гирифта шудааст. Ҳиссаҳои номии нутқ дар боби мазкур ҳам ба сифати ҷузъи тобеъкунанда ва ҳам тобеъшаванда корбаст шудаанд ва як қолаби муайяни худро низ доро мебошанд. Чуноне ки дар боло гуфта гузаштем, қариб дар ҳама сарчашмаҳову тадқиқот, ки дар бораи алоқаи пешояндии ибораҳо маълумот оварда шудааст. Дар иборасозӣ нақши пешоянди **аз** калон аст ва бештари ибораҳо дар алоқаи пешояндӣ бо ҳамин пешоянд сохта шудаанд, аммо дар осори Хоҷа Ансорӣ каме ин ҳолат дигаргуна аст. Тавре ки дар рафти таҳқиқ мушоҳида гардид, Ансорӣ дар баробари истифодаи пешоянди аслии **аз**, аз пешоянди **бар**- низ зиёд истифода намудааст.

Дар мақолаи мазкур дар бораи ҷойгиршавӣ, дараҷаи истифода, мавқеи маъноии ибораҳои пешояндии исмӣ дар “Расоили форсӣ”-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ сухан меравад. “Абӯ Исмоил Абдуллоҳ Ансории Ҳаравӣ, ки лақабаш Шайхулислом аст, соли 396ҳ. (1005м.) ҳангоми ғуруби офтоб дар рӯзи ҷумъаи дуюми Шаъбон дар деҳаи Қӯҳандаж ё Кӯҳандаж, тобеи Тус дар замони хилофати Абӯ Қодир Баллоҳ Аббосӣ таваллуд шудааст. Дар соли 481ҳ. (1088м.) аз олам чашм пӯшид ва оромгоҳи ӯ дар Козаргоҳи Ҳирот ҷойгир аст, ки ҳоло бо номи "Бузургоҳ" маъруф аст ва зиёратгоҳи муштоқон ва ихлосмандони ӯст. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, аввалин асосгузори насри мусаҳҳаҳ ҳисобида мешавад, ки дар тасаввуф низ мавқеи шоистае дорад ва номи машҳураш дар печидагии замин ва замонҳо печида аст” [3, с.224].

Аз осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ нусхаҳои бисёре дар китобхонаҳои саросари ҷаҳон маҳфуз мондаанд, ки имрӯзҳо қариб ҳамаашон бо забони форсӣ тарҷума шудаанд. “Расоили форсӣ” маҷмуи рисолаҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад, ки зери таҳрири Муҳаммад Сурури Мавлоӣ ба нашр расидааст. Мо дар мақолаи мазкур ибораҳои изофии исмиро дар асоси маводи рисолаи “Чилу ду фасл” мавриди баҳси хеш қарор дода, аз рӯйи мавқеи ҷойгиршавии ибораҳо дар рисолаҳои мазкур ҳадафи худро амалӣ гардонидаем. Бояд қайд кард, ки дар рисола ибораҳои исмӣ аз рӯйи мавқеи истифодаашон таҳлил гардидаанд ва бо такя аз “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” ин таҳлилҳо дар як қолаби муайян сурат гирифтаанд.

Алоқаи калимаҳо дар ибораҳои исмӣ ба ғайр аз изофӣ ва ҳамроҳӣ ба воситаи пешоянд ва пасоянд низ ташкил меёбанд. Доираи истифодаи алоқаи пешояндӣ ва пасояндӣ дар ибораҳои исмӣ нисбат ба ибораҳои феълӣ хеле маҳдуд буда, ба сифати ҷузъи асосии онҳо аксар исми амалу ҳолат истифода мешаванд. Дар ин ибораҳо ҳамчун воситаи алоқаи синтаксисӣ пешояндҳои **“аз”** ва **“дар”** нисбат ба дигар пешояндҳо серистеъмол мебошанд. Аз ҷиҳати баёни маъно ҷузъи тобеъ нисбат ба ҷузъи асосӣ сермаъно буда, муносибати муайянкунандагӣ, пуркунандагӣ ва ҳолиро мефаҳмонад [6, с.46].

1. Ибораҳои исмӣ бо пешоянд

Бисёр калимаҳо байни худ ба воситаи пешоянди **“аз”** алоқаи грамматикӣ баста, ибораҳоеро ташкил мекунанд, ки онҳо муносибатҳои гуногунро ифода менамоянд, ки ин, пеш аз ҳама, ба маънои луғавии исмҳо вобаста мебошад [2, с.138].

1.1). Пешоянди **“аз”** нисбат ба дигар пешояндҳо барои алоқаманд намудани калимаҳо хеле серистифода аст ва аз ин рӯ, ибораҳои бо ин пешоянд ташкилёфта серистифода ва дар айни замон сермаъноянд. Бо вуҷуди ин, доираи истеъмоли пешоянди **“аз”** нисбат ба ибораҳои феълӣ дар ибораҳои исмӣ маҳдудтар аст, чунки ҳамаи хелҳои исм ба воситаи пешоянд дигар калимаҳоро тобеъ карда, ибораҳоро ба вуҷуд намеоварад [2, с.138].

Ибораҳои исмии бо пешоянди **“аз”** вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳо муносибатҳои гуногуни синтаксисиро ифода менамояд [6, с.46].

а) Муносибати объектиро бо тобиши ҷузъу кул мефаҳмонад. Ҷузъи асосӣ қисми ашё ва калимаи тобеъ предмети бутунро нишон медиҳад. Ин намуди ибораҳо бештар артикли номуайянӣ мегиранд:

*...дӯсти дӯстони ӯ, аз дили ӯ бишканад, то ӯ ба ҳурмати он дӯстӣ бимонад дар зиндони ҳастӣ ва **маҳрум аз давлати дӯстон** ва дӯст [16, с.55].*

*[16, с.55]...*دوستان او از دل او بشکبد، تا او به حرمان آن دوستی بماند در زندان هستی، و محروم **از دولت دوستان** و دوستی

Гурӯҳи дигари ибораҳои қолабӣ мазкур ҷузъи асосиашон бо исмҳои амал ифода меёбанд. Дар ин ибораҳо ҷузъи тобеъ предметҳоеро нишон медиҳад, ки амали калимаи асосӣ ба он равона шудааст:

*...**хун аз дида** меполоӣ ва дар хуни ҷигар мегалтӣ... [16, с.61].*

خون ازدیده می پالاید و درخون جگرمی‌غلطی...*[16, с.61]*

*...**забон аз даҳон** берун афтода аз гояи ташнагӣ... [16, с.9].*

*Чун мол пеши дили ту хок шуд ва андаруни ту пур баромад, ки он мол мар туро чун хок омад, ҳирс рафт ва қаноат даромад, он гоҳ аз сардӣ ва серӣ **дил аз дунё** [16, с.64]*

چون‌مال‌پیش‌دل‌توچون‌خاک‌شدواندرون‌توپُربرآمدکه‌آن‌مال‌مرتراچون‌خاک‌آمد،حرص‌رفت‌وقناعت‌درآمد،آنگاه‌ازسردی‌وسیری‌**د**
ل‌ازدنیا*[16, с.64].*

*...ақли худро дар сари шикам макун, **муҳр аз киса** бардор ва бар забон неҳ [16, с.59].*

...عقل‌خودرادرسرشکم‌مکن،**مهرازکیسه** برداروبرزبان‌به، *[16, с.59].*

*Гуфтаанд, яъне **ҷамъе аз саҳоба**, ки ё Расулаллоҳ, моро дар баҳоим музд диҳад? [16, с.10].*

گفتند؟ یعنی **جمعی از صحابه**، که یا رسول الله، مارا در بهائم مزد دهد؟ *[16, с.10]*

1.2. Ибораҳои исмӣ бо пешоянди **“дар”** муносибати макониро ифода мекунанд. Калимаи асосӣ дар ин ибораҳо аз қисмҳои амал, калимаи тобеъ аз исми конкрете, ки бо мафҳуми макон алоқаманд аст, иборат мебошад [6, с.47].

Як қисми ин гуна ибораҳо исми муносибати ҳолӣ ва муайянкунандагиро -бо тобиши дорӣ мефаҳмонанд. Ҷузъи тобеи ин ибораҳо исмҳои шахс, узви инсон ва предметҳои гуногун, калимаи асосӣ ҳамеша бо исмҳои конкрет ифода меёбанд. Ин ибораҳо воҳидҳои устувори синтаксисиро ба хотир меоварад:

*...агар ҳамаи дунёро саросар **ҳалқае дар гӯш** кунанд ва дар пеши ман оранд... [16, с.53].*

...اگرهمهٔ دنیارا سراسر**حلقه‌ای‌درگوش** کنندودرپیش‌من‌آرندوحساب‌آن‌راازمن‌بردارند، *[16, с.53]*

...аммо аз беҳурматӣ аз дӯстони ӯ, **ниҳон дар синаи ӯ**... *[16, с.54].*

...اما از بی حرمتی از دوستان او، **نهان در سینه ی او**..*[16, с.54]*

1.3. Ибораҳои исмии бо пешоянди **“ба”** ва **“бар”** серистеъмол буда, муносибатҳои гуногуни синтаксисиро ифода мекунад.

а) муносибати пуркунандагиро ифода мекунад. Дар ин гуна ибораҳо ба сифати ҷузъи асосӣ бештар исмҳои амал ва маънӣ, ба сифати калимаҳои тобеъ исмҳои шахс, предмет ва номи ҳодиса меоянд, ки амал ба онҳо равона гардидааст:

*...**пушт ба девор** барниҳоданадиданд вайро... [16, с.67]*

...پشت‌به‌دیواربرنهاده‌ندیدندویرا...*[16, с.67]*

*Аз барои роҳати нафси хеш, як бор **паҳлу бар замин** наниҳод... [16, с.67]*

ازبرای‌راحت‌نفس‌خویش‌یکبار**پهلوبرزمین**ننهاد...*[16, с.67]*

*Гуфтанд: **бар кадом дин** боз омад? [16, с.60].*

گفتند: **برکدام‌دین**باز آمدی؟ *[16, с.60]*

*Аввали қадам он аст, ки мол ба назди ту бо хок яксон шавӣ, тавонгарии худро ба бемолӣ бубинӣ ва дарвеш **аҳли молро ба мол**... [16, с.64].*

اوّل‌قدم‌آنست‌که‌مال‌به‌نزدتوباخاک‌یکسان‌شو،توانگرخودرابه‌بی‌مالی‌ببینی‌ودرویشی**اهل‌مال‌رابه‌مال** *[16, с.64]*

*...**дунё ба зару сим** нозанд ва дарвешон қут аз наҳну қасамно созанд [16, с.63].*

***...دنیا به زر و سیم** نازند و درویشان قوت از نحن قسمنا سازند [16, с.63]*

***Узр бар забон** дорад ва ташвир дар дил ва орифон аз азал огоҳ ва **гофил аз об ва гил**... [16, с.46].*

***عذر به زبان** دارد و تشویش در دل و عارفان از ازل آگاه **و غافل از آب و گل**...[16, с.46]*

*...ва бо якдигар мегуфтанд, ки аз ин ҷо барнахезем то субҳ бидамад, ки Фузайл роҳзан ба роҳ аст, набояд, ки **роҳ бар корвон** бизанад [16, с.53].*

...وبایکدیگرمی‌گفتندکه‌ازینجابرنخیزیم‌تاصبح‌بدمدکه‌فضیل‌راهزن‌برراه‌استنبایدکه**راه‌برکاروان**بزند *[16, с.53]*

1.4. Ибораҳои исмии бо пешоянди **“бо”,** калимаи асосӣ бештар бо исми амал, калимаи тобеъ бо исмҳои шахс ва предмет ифода мегарданд:

*Бар ту бодо, ки тамаъ надорӣ, унс ва дӯсти бо ҳақ, чун дӯст медорӣ, унс ва **дустӣ бо халқ** [16, с.33].*

برتوباداکه‌طمع‌نداری‌انس‌ودوستی‌باحق‌چون‌دوست‌می‌داری**انس‌ودوستی‌باخلق** *[16, с.33]*

*Ҳуш дор, ки беҳушӣ накунӣ, дӯстии халқ дар сари ҳаво накунӣ, **видоъ бо ёр** ва нифоқ бо он ёр накунӣ [16, с.37].*

هوш‌дар که‌بی‌هوشی‌نکنی،دوستی‌حق‌درسر هوانکنی،**خداع‌یاپار**ونفاق‌باآن‌یارنکنی... *[16, с.30]*

1.5. Ибораҳои исмии бо пешоянди **“барои”** аслан муносибати таъйинот, сабаб ва мақсадро ифода мекунанд ва тобиши пуркунандагӣ доранд. Калимаҳои аслӣ ва тобеи ин гурӯҳи ибораҳо зиёдтар аз исмҳои маънӣ, инчунин аслӣ иборат мебошанд:

2. Ибораҳои исмӣ бо ҷонишин

Ҷонишинҳои шахсӣ ба воситаи пешоянд ба исм тобеъ гардида, ибораҳоеро ташкил мекунанд, ки муносибати объектӣ доранд. Дар ин қабил ибораҳо калимаи асосӣ амал ё ҳодисаро номбар мекунад, калимаи тобеъ бошад шахсеро нишон медиҳад, ки амал ё ҳодиса ба вай равона шудааст. Дар ибораҳои исмӣ бо ҷонишини шахсӣ фақат пешояндҳои “ба”, “аз”, “бо”, “барои” истифода мешаванд [6, с.50]. Ҷузъи тобеи ин ибораҳо баъд аз ҷузъи асосӣ меояд ва одатн дар шакли сода истифода мешаванд:

*Замин тухм нокарда, таъм бардоштан маҳол буд, тухм кун ва об медиҳӣ ва ҳар чӣ соя биравӣ афканд, ки **офтобро аз ӯ** дур медорад... [16, с.33]*

*زمین تخم نکرده، طعم برداشتن محال بود، تخم کن و آب می دهی و هرچه سایه افکند،که **آفتاب را از او** دور می دارد.... [16, с.33]*

*Субҳоноллоҳ яке ба қасди масъият бархоста, аммо ҳурмате аз дӯстони ӯ ниҳон дар синаи ӯ он ҳурматӣ ба саодати ӯ дарроҳ бар вазида ва роҳи **маъсият бар ӯ** [16, с.54].*

*سبحان الله، یعنی به قصد معصیت برخاسته، اما حرمتی از دوستان او نهان در سینه ی او آن حرمتی به سعادت او در راه بروزیده و راه **معصیت بر او** [16, с.54]*

*Аз Анас писари Молик **Худованд аз онҳо розӣ** бод: ривоят мекунад [16, с.10].*

*از انس پسر مالک، **خداوند از آنها راضی باد**، روایت می کند [16, с.10]*

Хулоса, ибораҳои исмии пешояндӣ дар забони адабии тоҷик яке аз воҳидҳои синтаксисии сермаҳсул ба ҳисоб рафта, он дар матн бо вазифаҳои гуногуни ифодаи маъно, муносибатҳои грамматикӣ ва бо вижагиҳои мухобиротиву услубӣ истифода мешавад. Аз ҷиҳати иштирок ҷузъҳои таркибии ибораҳои исмии пешояндӣ бо фарогирии ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта ва мавриди истифода қарор мегиранд. Дар осори Абдуллоҳи Ансорӣ истифодаи ибораҳои исмӣ бо гурӯҳбандии исму исм, исму ҷонишин, басо диққатҷалбкунанда ва каме аҷиб аст, яъне касро водор менамояд, ки осори ӯро мутолиа намояд. Дар баробари оне, ки аксари китобҳои ӯ муноҷотро ташкил додааст ва ситоишу сифатҳои Худованд дар он дарҷ гардидааст, муаллиф тавонистааст гунгунтарин ва ҷолибтарин ибораҳои синтаксисиро дар он истифода намояд, зеро одатан ва аксаран дар муноҷот ҳадаф ба як кас равона мешавад ва ситоишу эҳтиром, талабу сарпаноҳӣ дар шакли муноҷот зиёдтар дида мешавад ва аксар ибораҳо исми маънианд. Азбаски имдод ба Худованд ва талаби омӯзишу ситоиш мавзуи аввалиндараҷаи осори ӯро ташкил додааст, пас предмет нисбатан кам ба назар мерасад, аксаран нисбат додан ба чизест ва ё шабеҳи чизе будан ё ба маконе тааллуқ доштан аст. Бо ҳамин тартибе, ки зикр кардем, ибораҳоро бо тарзҳо ва маъноҳои зерин таҳлил намудаем: **ибораи пешояндии исму исм**: хун аз дида, забон аз даҳон, дил аз дунё; **исму ҷонишин**: офтобро аз ӯ, маъсият бар ӯ.

Муқарриз: ***Мухторӣ З.*** – доктори илмҳои филологӣ, АИД назди Президенти ҶТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳимов С. Ибораҳои исм бо шумора / С.Абдураҳимов // Армуғони олимони ҷавон. – Душанбе, 1966. - С.181-184.
2. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик / С. Абдураҳимов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 159 с.
3. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Муҳар. масъул Р. Ҳодизода. – Душанбе, 1976. – Қ.1. - 348 с.
4. Ализода, Саидризо. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Саидризо Ализода. Муҳаррири масъул профессор Хоҷаев Д. – Душанбе, 2010. - 186 с.
5. Виноградов, В.В. Вопросы изучения словосочетания / В.В. Виноградов //Вопросы языкознания. – М., 1954, №3. - С.12-24.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. - Душанбе: Дониш, 1986. - Ҷ.2. – 368 с.
7. Ғаффоров, Р. Ибораҳо. Синтаксис / Р.Ғаффоров. - Душанбе: Дониш, 1970. – 61 с.
8. Камолов Х.М. Ибораҳои изофӣ (дар асоси маводи “Таърихи Табарӣ”-и Балъамӣ / Х.М.Камолов. – Душанбе, 2001. – 155 с.
9. Қосимова, М.Н. Доир ба ибора дар забони тоҷикӣ / М.Н. Қосимова // Ганҷи сухан. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2013. - С.104-125.
10. Қосимова, М.Н. Мухтасар оид ба ибораҳои изофии номӣ / М.Н. Қосимова // Ганҷи сухан. – Душанбе, 2013. – С.29-52.

11. Мирзоев А. Доир ба ибора ҳамчун воҳиди мустақили синтаксис / А. Мирзоев // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – 1965. - №3 (41) – С.48-61.
12. Мирзоев, А. Масъалаҳоиибора дар забониадабиитоҷикӣ / А. Мирзоев. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 308 с.
13. Ниёзмуҳаммадов, Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисмидувум. Синтаксис / Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ. – Сталинобод, 1954. - 237 с.
14. Норматов, М. Забони адабии муосири тоҷик (синтаксис) / М. Норматов. – Душанбе, 2011. – 324 с.
15. Рустамов, Ш. Забони адабии ҳозираи тоҷик (синтаксис) / Ш. Рустамов. – Душанб: Маориф, 1984. – 324 с.

Манбаъ:

16. رسائل‌فارسی. به‌تصحیح‌ومقابله‌نسخه‌ومقدمه‌وفهارس: محمدسرورمولایی. خواجه‌عبدالله‌انصاری جلدهای‌اول‌ودوم. تهران. 1377

ИБОРАҲОИ ИСМИИ ПЕШОНДӢ ДАР РИСОЛАИ “ЧИЛУ ДУ ФАСЛ” АЗ “РАСОИЛИ ФОРСӢ”-И АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

Дар забони тоҷикӣ, алоқаи пешояндӣ дар қатори яке аз сермаҳсултарин алоқаи синтаксисии ибораҳо ба шумор меравад. Ибораҳое, ки ҷузъҳои онҳо байни ҳам ба воситаи пешоянд алоқаи синтаксисӣ пайдо мекунанд, ибораҳои пешояндӣ ном доранд. Хусусияти грамматикӣ ва маъноии исм имконият медиҳад, ки вай бо алоқаи пешояндӣ ҳиссаҳои номии нутқро тобеъ гардонад. Ибораҳои исмии пешояндӣ дар забони адабии тоҷик хеле серистеъмол буда, муносибати муайянкунандагиро ифода менамоянд. Исм дар нақши калимаи асосӣ метавонад бо дигар ҳиссаҳои нутқ ба воситаи пешоянд ибораҳои гуногунмазмун созад, бахусус дар осори Абдуллоҳи Ансорӣ ибораҳои исмии пешояндӣ, аз ҷиҳати мазмуни худ гуногунанд ва маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Дар осори Абдуллоҳи Ансорӣ истифодаи ибораҳои исмӣ бо гурӯҳбандии исму исм, исму ҷонишин, басо диққатҷалбкунанда аст. Дар асарҳои ӯ аксари исмҳо исми хос, бахусус номи одамонро нишон медиҳанд ва, албатта, ба шахс муносибат доштани аксари ибораҳо мушоҳида мегардад. Дар баробари оне, ки аксари китобҳои ӯ муноҷотро ташкил додааст ва ситоишу сифатҳои Худованд дар он дарҷ гардидааст, муаллиф тавонистааст гуногунтарин ва ҷолибтарин ибораҳои синтаксисиро дар он истифода намояд, зеро одатан ва аксаран дар муноҷот ҳадаф ба як кас равона мешавад ва ситоишу эҳтиром, талабу сарпаноҳӣ дар шакли муноҷот зиёдтар дида мешавад. Азбаски имдод ба Худованд ва талаби омӯзишу ситоиш мавзуи аввалин дараҷаи муноҷотномаро ташкил додааст, пас ашё нисбатан кам ба назар мерасад, аксаран нисбат додан ба чизест ва ё шабеҳи чизе будан ё ба маконе тааллуқ доштан аст. Бо ҳамин тартибе, ки зикр кардем ибораҳоро бо тарзҳо ва маъноҳои зерин таҳлил намудаем: ибораи пешояндии исму исм: хун аз дида, забон аз даҳон, дил аз дунё; исму ҷонишин: офтобро аз ӯ, маъсият бар ӯ.

Калидвожаҳо: забон, синтаксис, ибора, ибораҳои исмӣ, исм, ибораҳои пешояндӣ, ҷонишин, ибораҳои ҷонишинӣ, ҳиссаҳои нутқ, маъно, сохтор, адабиёт, Абдуллоҳи Ансорӣ, рисолаи адабӣ, наср, пандҳо.

ПРЕДЛОЖНЫЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ С СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫМ В ТРАКТАТЕ“ СОРОК ДВЕ ГЛАВЫ “ПЕРСИДСКОГО ТРАКТАТА “АБДУЛЛА АНСАРИ

В таджикском языке предложный союз является одним из самых продуктивных синтаксических союзов словосочетаний. Фразы, компоненты которых синтаксически связаны друг с другом через предлог, называются предложными словосочетаниями. Грамматическая и семантическая природа имени существительного позволяет ему подчинять именные части речи предложному местоимению. Приставочные существительные очень распространены в таджикском литературном языке и выражают определяющее отношение. Существительное в роли ключевого слова может образовывать разные значения с другими частями речи через приставку, особенно в произведениях Абдуллы Ансари приставочные существительные различны по своему содержанию и имеют разное значение. В работах Абдуллы Ансари очень интересно использование именных словосочетаний с классификацией имен существительных, имен существительных и местоимений. В его произведениях многие существительные относятся к именам собственным, особенно к именам людей, и, конечно же, многие словосочетания относятся к человеку. Хотя многие его книги противоречивы и отражают восхваление и атрибуты Бога, автору удавалось использовать в них самые разнообразные и интересные синтаксические выражения, ведь обычно и часто диалог направлен на одного человека и восхваляет, уважает и ищет убежище в виде муноджотаа. Так как помощь Богу и потребность учиться и хвалить являются первоочередными темами обсуждения, то и вещи относительно редки, часто приписывая их чему-то или сходство с чем-то или принадлежность к месту. В том же порядке мы разобрали выражения в следующих формах и значениях: предложное словосочетание: кровь из глаз, язык из уст, сердце из мира; существительное и местоимение: солнце от него, непослушание на нем.

Ключевые слова: язык, синтаксис, словосочетания, именные словосочетания, существительные, предлоги, местоимения, местоимения, части речи, значение, структура, литература, Абдулла Ансари, литературный трактат, проза, совет.

PREPOSITIONAL COMBINATIONS WITH A NOUN IN THE TREATMENT "FORTY TWO CHAPTERS" OF THE "PERSIAN TREATMENT" "ABDULLAH ANSARI"

In the Tajik language, the prepositional conjunction is one of the most productive syntactic unions of phrases. Phrases whose components are syntactically related to each other through a preposition are called prepositional phrases. The grammatical and semantic nature of a noun allows it to subordinate nominal parts of speech to a prepositional pronoun. Prefixed nouns are very common in the Tajik literary language and express a defining attitude. A noun in the role of a keyword can form different meanings with other parts of speech through a prefix, especially in the works of Abdullah

Ansari, prefix nouns are different in content and have different meanings. In the works of Abdullah Ansari, the use of nominal phrases with the classification of nouns, nouns and pronouns is very interesting. In his works, many nouns refer to proper names, especially to names of people, and, of course, many phrases refer to a person. Although many of his books are controversial and reflect the praise and attributes of God, the author managed to use the most diverse and interesting syntactic expressions in them, because usually and often the dialogue is directed to one person and praises, respects and seeks refuge in the form of munojotaa. Since helping God and the need to learn and praise are the primary topics of discussion, things are relatively rare, often attributed to something or similarity to something or belonging to a place. In the same order, we analyzed expressions in the following forms and meanings: prepositional phrase: blood from the eyes, tongue from the mouth, heart from the world; noun and pronoun: sun from him, disobedience upon him.

Key words: language, syntax, phrases, nominal phrases, nouns, prepositions, pronouns, pronouns, parts of speech, meaning, structure, literature, Abdullah Ansari, literary treatise, prose, advice.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тоҷиддинзода Парвина*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел: **(+992) 988-12-45-40**

Сведение об авторе: ***Тоджиддинзода Парвина*** - Таджикский национальный университет, докторанти Ph.D кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел: **(+992) 988-12-45-40**

Information about the author: ***Tojiddinzoda Parvina*** - Tajik National University, Ph.D, Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 988-12-45-40**

УДК: 491.550 (09)

НАҚШИ ИСТИЛОҲОТИ РАСМӢ-КОРГУЗОРӢ ДАР ОЧЕРКҲОИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ “ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТЕМУРМАЛИК” ВА “ИСЁНИ МУҚАННАЪ”

Фозилова М.М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Услуби коргузории расмӣ аз қадимтарин услубҳои забони адабии тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, пайдоиш ва ташаккули он ба пайдоиши давлат ва барқарор гардидани муносибатҳои мухталифи байни давлатҳо алоқаманд аст. Дар забони тоҷикӣ низ ин услуб собиқаи ниҳоят тулонӣ дорад. Санаду ҳуҷҷатҳои мухталифе, ки дар натиҷаи ҷустуҷӯву ҳафриётҳои бостонӣ ба даст омадаанд, махсусан ҳуҷҷатҳое, ки аз кӯҳи Муғ пайдо гардидаанд, китобҳои зиёд ва таълифоти фаровоне, ки дар риштаҳои мухталифи илму фан офарида шуда, аз гузаштагон ба мо мерос мондаанд, гувоҳи ин гуфтаҳоянд [11, с.4].

Истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ дар забони тоҷикӣ таърихи куҳан дошта, дар ёдгориҳои хаттӣ ва мероси адабию бадеии ниёгонамон сабт ёфтааст. Истилоҳи расмӣ-коргузорӣ як ҷузъи муҳимми ҳаёти инсониятро инъикос мекунад.

Вожаҳои коргузории расмӣ маҷмуи калимаҳои расмии давлатдориро ташкил медиҳанд. Чунин калимаҳо мафҳумҳои муҳимми сиёсию давлатиеро ифода мекунанд, ки онҳо дар мураттаб сохтани на фақат ҳуҷҷатҳои олии давлатӣ, хамчунин дар танзими ҳуҷҷатҳои ифодагари муносибатҳои байналхалқӣ истифода бурда мешаванд [9, с.144-146].

Дар раванди давлату давлатдорӣ, корҳои дипломатӣ ин навъи истилоҳот самаранок корбаст мегардид. Истилоҳоти расмӣ-коргузории дар ин асарҳо зикрёфта, чун шиноснома моро бо вазъи коргузории он замонҳо ошно менамояд. Истилоҳоти расмӣ-коргузории объекти таҳқиқро аз ҷиҳати мазмун метавон ба чунин гурӯҳҳо тасниф намуд:

Услуби идорӣ, ё расмӣ-коргузорӣ дар се соҳа истифода мешавад: а) қонунгузорӣ; б) коргузории идорӣ; в) муносибати дипломатӣ. Ин вазъият боиси пайдо шудани шаклҳои алоҳида дар дохили услуби мазкур шудааст, ки услуби қонун, ойиннома, раҳнамо, шартнома, фармон, ваколатнома, акт, ариза ва ғайра аз ҷумлаи онҳост. Фарқҳое, ки миёни шохаҳои услуби идорӣ мавҷуданд, назар ба он тафовутҳое, ки байни бахшҳои услуби илмӣ ҳастанд, зиёдтар ва намоёнтар ба чашм мерасанд [3, с.46].

Ҳуҷҷат ва ҳуҷҷатнигорӣ дар таърихи коргузории мардуми ориёнажод, аз ҷумла тоҷикон таърихи қадима дошта, роҳи дуру дарози таърихиро тай карда, то ба замони мо расидааст. Онҳо чун пайвандгари таъриху фарҳанг метавонанд моро бо гузаштаи миллати хеш ошно созанд. Дар объекти таҳқиқ чунин истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ мушоҳида гардиданд: ***ҳавола (12), мактуб (11, 20 3-бор), 21, 23(з-бор), хат(28, 91), фатҳнома (20), васиятнома (91), фармон (33-бор) (33, 34, 41, 44, 151), дастуруламал (41, 151), баённомаҳои расмӣ(188), баённомаҳо (151), сулҳнома (100, 153), нома (21), барнома (119), аҳднома (156), адмирал (59), элчӣ (51), закот (7), ушр (7), хироҷ (7), боҷ (7), ҷизя (107), хилофат (16, 19, 99, 117, 118), халифа 100 маротиба (16, 17, 1119, 20), вазир (12,17, 73, 74), амир 37 маротиба (74, 96, 101, 104,106), подшоҳ 25 маротиба (6,7,14,15, 17,20, 21), нақиб (143).***

Дар ҷумлаи зерин истилоҳи **ҳавола** корбаст гардидааст. Вожаи **ҳавола** арабист ва дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба маънои кореро ба каси дигар вогузор кардан, вогузоштан, супурдан оварда шудааст. Муроди мо насиҳат буд, гуфтем, Ҳаволат бо худо кардему рафтем (Саъдӣ). 2. санаде, ки мувофиқи он гирифтан ё пардохтани маблағе ба касе вогузор карда мешавад, барот ҳавола кардан ба тақдир умед бастан ва тан додан ба қазову қадар. Қавме ба ҷидду ҷаҳд ниҳоданд васли дӯст, Қавме дигар ҳавола ба тақдир мекунанд (Ҳофиз). Ҳавола кардан ба шамшер ҳалли масъалаеро ба ҷанг вогузор кардан [14, с.761] омадааст. Дар луғати нимтафсилии С. Айнӣ низ ба ду маънӣ шарҳ ёфта, маънои дувум: қоғазест, ки бо вай пули ҳаволашударо мегиранд [1, с.526]. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” (2008) ба маънои санад зикр наёфтааст: *Вақте ки Маликшоҳи Салҷуқӣ аз сафари Мовароуннаҳру Туркистон бо лашкари бисёр баргашта омада, аз рӯди Ому бо киштиҳо ба тарафи Хуросон гузашт, вазири ӯ Низомулмулк музди киштибонро ба*

моли Антокия ***ҳавола*** *навишт, то ки дар бораи вусъати мамлакати Маликшоҳ дар таърих як ҳуҷҷати расмӣ монад. Чун киштибонон аз дурии Антокия шикоят кардаанд, ҳуҷҷати ҳавола аз онҳо бо пули нақд харида гирифта шуда, дар қатори ҳуҷҷатҳои таърихӣ гузошта шуд* [2, с.12].

Яке аз ҳуҷҷатҳое, ки дар асар истифода шудааст, мактуб мебошад. Вожаи мактуб дар асл арабӣ буда, ба чунин маъниҳо корбаст мегардад: китобатшуда, нависташуда. 2. хат, нома, руқъа: мактуби сарбаста, мактуби ҷавобӣ, мактуб навиштан; мактуби илтимосӣ мактубе, ки хоҳишеро дар бар гирифтааст, илтимоснома; мактуби боз (кушода) номае, ки онро дигарон ҳам хонда метавонанд; хатте, ки дар варақаи белифофа навишта шудааст [15, с.748]: *Носир халифа ҳам фикри расои дуррасӣ надошт ва оқибати ҳуҷуми Чингизро ба олами ислом ба ҳисоб гирифта наметавонист, ба ӯ* ***мактуби*** *махсусе навишта ӯро барои ҳуҷум ба мамлакати Султон Муҳаммад ташвиқу даъват кард ва хонро ҳомии худ шумурд [2, с.19]. Ӯ аз ин аҳвол хабар ёфта, гурехта ба қароргоҳи лашкари Чингиз рафт ва аз он ҷо ба як чанд сардорони лашкари султон* ***хат*** *навишт, ки гӯё онҳо ба Чингиз забон дода бошанд ва он мактубҳоро бо ҷосус фиристода фармуд, ки қасдан ба дасти султон афтонад [2, с.28]. Туркончотун аз ин* ***мактуб*** *ва фармон ҳис кардааст, ки писараш аз чингизиён гурехтааст ва ӯ дар дили худ гумон кардааст, ки «акнун аҷаб аҳли дарбор ба писараш исён кунанд ва каси дигареро ба подшоҳӣ бардоранд» [2, с.70]. Ба ҳар ҷо, ки мерасид, медид, ки султон ба он ҷо* ***мактуб*** *фиристода ба душман муқобилат накардан, агар қудрат ва фурсат ёбанд, гурехтан, вагарна бе ҳеҷ муқобилат ва ҷанг таслим шуданро ба аҳолӣ амр кардааст [2, с.75].*

Дар забони тоҷикӣ бо ҷузъи **нома** истилоҳоти зиёди расмӣ-коргузорӣ сохта шудаанд, ки қисме аз онҳо аз истеъмол баромада, ба гурӯҳи лексикаи архаистӣ шомил шудаанд. Нависандагон чунин вожаҳоро барои нишон додани вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсии он замон ба кор мебаранд. Дар очерки “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” истилоҳи **фатҳнома** корбаст гардидааст. Вожаи **фатҳнома** аз калимаи арабии **фатҳ** ва вожаи аслии **нома** таркиб ёфта, вожаи фатҳ ба маъноҳои 1.кушодан боз кардан, кушоиш; 2.ғалаба, нусрат, фирӯзӣ меояд [14, с.458]. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи фатҳнома чунин шарҳ ёфтааст: номае, ки аз фатҳу зафар хабар медиҳад. 2. китоби пирӯзиҳо зафарнома [16, с.397]. Нависанда онро ба маънои номае, ки аз фатҳу зафар, нусрат, фирӯзӣ хабар медиҳад, истифода намудааст: *Чунончи, ӯ дар ҷанги аввал, ки ба Қарахитоиён бо ёрии Кучлукхон ғалаба кард, ҳамаи муваффақиятро аз иқтидори шахсии худ дониста фармуд, ки дар хутба ва* ***фатҳномаҳо*** *номи ӯро бо калимаҳои «Санҷар, Искандари сонӣ ва зиллиллоҳ (сояи Худо)» ёд кунанд[2, с.20].*

Васиятнома варақае, ки васияти касе ҳамчун ҳуҷҷат дар он навишта шудааст [15, с.268]. Дар гузашта васиятнома ҳамчун ҳуҷҷат нақши муҳимме дошт: *Аммо бинобар эҳтиёт пеш аз гӯронидани мурдаҳо ҷайбу кисаҳои онҳоро кофта диданд, ки шояд* ***васиятномае*** *барояд [2, с.91].*

Дар ҷумлаи зерин истилоҳоти расмӣ-коргузории ***фармонҳо, дастуруламалҳо, баённомаҳо*** истифода шудаанд. Вожаи **баённома** аз исмҳои **баён** ва **нома** таркиб ёфта, ба маънои варақа ё эъломияе, ки дар он маром ва мақсади ҳизб ё ҳукумате шарҳ дода шудааст, изҳорнома, декларатсия [15, с119] истифода мегардид. Вожаи **дасртуруламал** ба маъноҳои роҳнамо, нишондод фаҳмида мешуд ва ҳоло низ ба ин маънӣ корбаст мегардад: *Муқаннаъ дар он қалъа нишаста тамоми сафедҷомагонро, ки дар Мовароуннаҳр буданд, идора мекард, ба атроф* ***фармонҳо, дастуруламалҳо, баённомаҳо*** *ва намояндаҳо мефиристод[2, с.151].*

Дар объекти таҳқиқи мо истилоҳи **баённомаҳои расмӣ** ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ-коргузории дипломатӣ кор фармуда шудааст: *...ва ба ин мазмун ба аҳолии Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳам* ***баённомаҳои расмӣ*** *бароварда ва худи халифа ҳам бо сипоҳи бисёр то Тӯс (Машҳад) омад [2, с.188].*

Дар объекти таҳқиқ бо вожаи **нома** истилоҳҳои **сулҳнома, барнома, аҳднома** сохта шудаанд. Вожаи **сулҳнома** аз ду ҷузъ: **сулҳ ва нома** таркиб ёфта, ҳуҷҷатест, ки барои мувофиқа ва оштии ду гурӯҳи мухолиф ба кор бурда мешуд: *Дар* ***сулҳнома*** *навишта шуда буд, ки сафедҷомагон дигар моли мардумро (сарватдорон) тороҷ накунанд ва ба мусалмонон*

(арабҳо) зарар нарасонанд ва худашон тарки силоҳ карда ба деҳоти худ пароканда шуда раванд [2, с.153].

Вожаи **барнома** аслӣ буда, дорои чунин маънист: "**Барнома** برنامه1. зикри номгӯи корҳое, ки бо ҳадафи муайян ба анҷом мерасанд: **барномаи дарозмуддат, барномаи миёнамуҳлат, барномаи кӯтоҳмуддат; барнома сохтан, барнома тартиб додан**. 2. феҳристи мундариҷаи гуфторҳои радио, намоишҳои театр, кино ва телевизион, программа. 3. маҷмуаи дастурҳое, ки дар компютер дода мешавад ва онро компютер бо тартиб иҷро мекунад. 4. он чи ки дар ибтидои китоб ё рисолае навишта мешавад; муқаддима, сарсухан ва ғайра" [15, с.141]. Дар ҷумлаи зерин ба маънои дастур омадааст: *Аз рӯйи барномаи зоҳирии хурӯҷ баъд аз Иброҳим Имом халифагӣ бояд ба Абулаббоси Саффоҳ мерасид [2, с.119].*

Вожаи **аҳднома** чун истилоҳи расмӣ-коргузорӣ ба маъноии **шартнома, қарордод, паймоннома** [15, с.100] истеъмол мегардид: *Мувофиқи ин **аҳднома** сафедҷомагон аз қалъа баромада, аз хандақ гузашта ба лашкаргоҳи араб рафтанд [2, с.156].*

Нависанда ҳуҷҷати дигареро бо номи ***хатти амон*** истифода намудааст. Истилоҳи **хатти амон** дар фарҳангномаҳо шарҳ наёфтааст, аммо он ба маънои ҳуҷҷатест, ки барои озодона гаштан ба шахсони маҳкумшуда истифода мешуд: *Рофеъ аз зиндон гурехта ба Балх ба пеши Алӣ ибни Исо, ки амири Хуросон ва Мовароуннаҳр буд, рафт ва ба ӯ илтиҷо карда, барои озодии худ **хатти амон** гирифт. Рофеъ баъд аз ба даст даровардани **хатти амон** дубора ба Самарқанд омада озодона гашт, лекин ӯ мехост, ки боз он занро ба даст дарорад ва зан ҳам ӯро мехост [2, с.186].*

Истилоҳи **фармон** дар асар ба маънои имрӯзааш истифода мешавад: *Омил ин **фармонро** гирифта хост, ки навмусалмононро ба Тагшода супорад, онҳо гурехта ба масҷиди ҷомеи Бухоро паноҳ бурданд... Мувофиқи **дастуруламали** Ҷӯҷӣ Улоқнӯён панҷоҳ ҳазор нафар асирро даҳ-даҳ ва сад-сад тақсим карда ба болои ҳар гурӯҳ аз мугулони савор муваккал гузошт ва фармон дод, ки инҳо аз кӯҳ санг кашонанд [2, с.47].*

Як қатор истилоҳоти расмӣ-коргузорие, ки дар объекти таҳқиқ мавриди истеъмол қарор гирифтаанд, номи унвон, мансабро ифода мекунанд. Дар мисоли зерин истилоҳи адмирал истифода шудааст. Вожаи адмирал дар "Фарҳанги тавсирии забони тоҷикӣ" чунин зикр гардидааст: **Адмирал** [ادمیرل *аз* **амирулбаҳр-***и арабӣ*] унвони олӣ дар неруҳои ҳарбии баҳрӣ [15, с.39] ба вуҷуд омадааст: *Киштиҳо бо низому тартибе, ки **адмирали** худраси тоҷик–Темурмалик нишон дода буд, ки дар роҳи худ давом карданд [2, с.59].*

Истилоҳи дигар **қозӣ** мебошад, ки дар гузашта ба маънои "ҳукмкунанда байни ду кас ва ё чанд кас, (мансабдори динӣ, ки масъалаҳои ҷангҷолнок ва баҳснокро аз рӯйи шариат ҳал мекард)" [1, с.519] истифода мегардид ва имрӯз ба ин маънӣ дар истеъмол нест: *...**қозӣ** ва дигар калоншавандагонро ба худ гирифта ба шарти амон ёфтани молу ҷони аҳолӣ, хироҷ ситонидан ба қадри нимаи он хироҷе, ки ба Султон Муҳаммад медоданд, надаромадани лашкариёни мугул ба шаҳр ва таъйин кардани ҳоким аз аҳолии Ҳирот, сулҳ кард [2, с.32].*

Дар баробари истилоҳоти аслии расмӣ-коргузорӣ истилоҳоти иқтибосӣ низ дар асар мушоҳида гардид. Истилоҳи **элчӣ** вожаи иқтибосии туркӣ буда, чунин тафсир ёфтааст: **элчӣ** *т.* ایلچي *таър.* 1. намояндаи як давлат дар давлати дигар, фиристодаи махсус, сафир. 2. намояндае, ки дар майдони ҷанг барои гуфтугӯ кардан ба тарафи муқобил фиристода мешавад [16, с.669]. Вожаи **элчӣ** имрӯз дар забони тоҷикӣ дар истеъмол нест ва ба ҷойи он вожаи **сафир** истифода мегардад: *Чунончи, пеш аз ба мамлакати Хитой ҳуҷум карданаш Ҷаъфархоҷа ном савдогарро ба он мамлакат **элчӣ** карда фиристода буд, ки барои аскаркашии ӯ замина тайёр кунад [2, с.51] .*

Худот ҳамчун истилоҳи идоракунӣ ба маънои соҳиб, подшоҳ истифода мешуд. Худот дар забони тоҷикии қадим ба маънои соҳиб аст. Калимаҳои ***хидев, худовандкор, худойгон***, ки то имрӯз дар адабиёти шарқ кор фармуда мешавад, аз ҳамин калима гирифта шудааст [1, с.442]: *Ҳатто дар Бухоро ва атрофи он ду **худоти** мустақил буда, яке ба дигаре итоат намекард, яке аз ин худотҳо дар Бухоро буда, шаҳр ва давру пеши наздики ӯро идора мекард, дигаре дар Вардонза (Шофирком), ки дар забони он вақт Вардона мегуфтанд, кордорӣ менамуд. Подшоҳи Бухороро «**Бухорхудот**» ва подшоҳи Вардонзаро «**Вардонхудот**» мегуфтанд. Дар миёнаи ин **худотҳо** созиши дуруст набуда ва бештарин вақтҳо дар байни худ ҷангу ҷидол доштанд. Низои байни **бухорхудот ва вардонхудот** то тамоман аз тарафи арабҳо истило ёфтани ин ҷойҳо давом кард ва баъд аз даст ёфтани арабҳо бо он ҷойҳо*

Қутайба ибни Муслим вардонхудотро нест карда, Вардонзаро ба ***бухорхудот*** *тобеъ кард, ки дар ҳақиқат ҳамаи инҳоро волии араб идора мекард [2, с.94].*

Калимаҳои мураккаби ***сарфармондеҳ, сармуҳандис ва сарташвиқотчӣ*** ҳамчун истилоҳи расмӣ-коргузорӣ дар гузашта дар истеъмол буда, ҳоло ҳам ба ҳамин маънӣ истифода мешаванд: *Темурмалик чуноне ки* ***сарфармондеҳ, сармуҳандис ва сарташвиқотчии*** *ҷанги Хуҷанд буд, инчунин ӯ сармуаллими ҳарбӣ ҳам буд, ки ҳамаи он ҳазор ҷавонро, шахсан худаш таълим медод [2, с.38].*

Истилоҳоти расмӣ-коргузории **дабирон, дафтардорон, вазирон** имрӯз ба ҳамин шакл дар истеъмоланд, аммо ба ҷойи вожаи дабир калимаи котиб истифода мешавад: *Олимони бузурги араб дар он вақтҳо донандагони Қуръон ва ҳадис ҳисоб меёфтанд ва ба ҳамин сабаб* ***дабирон (котибон), дафтардорон (ҳисобчиён) ва вазирони халифаҳои*** *аббосӣ ҳамеша аз халқҳои форс-тоҷик таъйин мешуданд* [2, с.140]. *Фазл ибни Саҳл, ки аз оташпарастони форс буда, дар дасти Маъмун - писари Ҳорунаррашид имон оварда буд, аввал ба ӯ котиби шахсӣ ва баъд аз он* ***вазир*** *шуд [2, с.140].*

Қисми дигари истилоҳоти расмӣ-коргузориро истилоҳоти соҳаи иқтисодиёт ишғол мекунад. Истилоҳоти соҳаи иқтисодиёт бо ҳаёти моддии мардум алоқамандӣ дорад. Садриддин Айнӣ дар асараш истилоҳоти соҳаи иқтисодиётро вобаста ба вазъи зиндагонии онвақтаи мардуми тоҷик бомаврид ба кор бурдааст. Дар замони истилои муғулҳо ва арабҳо навъҳои гуногуни андоз мавҷуд буд, ки бештари онҳо барои боз ҳам вазнин намудани вазъи зиндагонии мардуми тоҷик ситонида мешуд. Нависанда дар ҷумлаи зерин истилоҳоти ***ушру хироҷ, боҷу закот****ро* истифода намуда, ба хонанда дар бораи навъҳои андоз дар замони истилои муғулҳо маълумот медиҳад, ки аз ҳам фарқ доштанд: Хароҷ/хироҷ андозе, ки аз маҳсулоти замин гирифта мешавад [1, с.429]; **Ушр** *а.* **عشر**1. *кит.* даҳяк. 2. *таър.* андозе, ки аз заминҳои корам ба миқдори даҳяки ҳосили онҳо гирифта мешуд. 3. *д.* даҳяки Қуръон. 4. даҳаи аввали моҳи рамазон; **ушри ашир** а) садяк, аз сад як; б) *маҷ.* чизи андак [16, с.375]; боҷ андозе, ки аз моли тиҷорати хориҷӣ мегиранд [1, с.53]; закот а. زكات1. кит. покӣ, покизагӣ. 2. д.ҳиссаи маълуме, ки ҳар як мусулмон мувофиқи фармудаи шариат аз даромад ва дороии худ бояд ҳар сол ба фақирон ва мӯҳтоҷон бидиҳад [16, с.504]: *Даромади ҳукумат аз заминҳои корам -* ***ушру хироҷ****, аз молҳои тиҷоратӣ–****боҷу закот*** *ва аз молҳои чорво–ҷинсан закот буд. Табақаҳои ҳукмдор гайр аз ин ки ба номи* ***ушр, хироҷ, зако****т ва дигарҳо аз мамлакат даромад мекарданд…* [2, с.7].

Нависанда истилоҳи **пули сулҳонаро** истифода намудааст. Баъди истилои Бухорову Самарқанд Саид ибни Усмон аз мардуми Самарқанд андозеро бо номи **сулҳона** меситонд, ки басо гарон буд. Ин вожа ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ шомил гардида, дар фарҳангҳо зикр наёфтааст: *Дар охир маглуб шуда бо арабҳо ба сулҳ бастан маҷбур шуда бошанд ҳам, душманро ба шаҳр роҳ нададанд ва ӯро бо додани* ***пули сулҳона*** *ва моли бисёр аз дарвозаи шаҳр гардонданд[2, с.100].*

Дар замони истилои арабҳо андозе бо номи **ҷизя** маъмул буд, ки аз мардуми ғайримусулмон ситонида мешуд. Нависанда ҷизияро чунин шарҳ медиҳад: Ҷизия як андози таҳқирӣ буда, мувофиқи қонуни ислом аз касони дар вилояти исломӣ зиндагикунанда, ки дар дини ислом набошанд, ба тарзи саршуморӣ гирифта мешуд [1, с.552-553]: *Лекин вақте ки мусалмоншудагон бисёр шудан гирифтанд ва ба ҳамон нисбат даромаде, ки аз роҳи* ***ҷизя*** *меомад, кам шудан гирифт, арабҳо ҳам қонуни динашонро, ҳам қавлу қарорашонро вайрон карда, аз мусалмоншудагони аҳолии маҳаллӣ ҳам* ***ҷизя*** *гирифтанро сар карданд [2, с.107].*

Абӯмуслим яке аз ҳамин ***доиёни маҳаллӣ*** *буд, ки дар охир ҳамаи роҳбарияти хурӯҷи ба муқобили уммавиёнро ба дасти худ гирифт [2, с.113].*

Вожаи **хилофат** аз ҷиҳати баромад ба забони арабӣ мансуб буда, ба маънои ба ҷойи касе баъд аз вай нишастан, ҷонишин шудан. 2. халифа будан халифагӣ кардан [16, с.435] истифода мегардад: *Аммо Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ халифаро бедин эълон кард, на танҳо ӯро, балки тамоми аҳволи хонадони Аббосиёнро, ки дар байни мусалмонони дунё қариб панҷсадсола нуфузи руҳонӣ доштанд, аз* ***хилофат*** *маҳрум кардан хост [2, с.119]. Бо ҳамаи ин, агар Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ Носир - халифа ва сулолаи Аббосиёнро аз* ***хилофат*** *дур карда метавонист, эҳтимол мерафт, ки мусалмонон бо вуҷуди норизоятӣ дар пеши амри воқеъ чизе гуфта натавонанд [2, с.119].*

Вожаи **волӣ** арабӣ буда, чун истилоҳи идоракунии давлат дар гузашта ба маънои “он ки ба идораи вилоят таъйин мешуд, ҳокими вилоят” [15, с.282] истеъмол мегардид: *Баъд аз хомӯш карда шудани ин исён Абӯҷаъфар хост, ки Абӯмуслимро дар Шом ва Миср* ***волӣ карда****, аз Хуросон ва Мовароуннаҳр дур ва дар доми худ нигоҳ дорад [2, с.125].*

Вожаи **сарлашкар** чун истилоҳи ҳарбӣ дар гузашта маъмул буд ва имрӯз низ дар истеъмол аст. Сарлашкар аз исмҳои **сар** ва **лашкар** таркиб ёфта, ба маънои сардори лашкар омадааст: *Писари Шарик ибни Шайх ва яке аз* ***сарлашкарони*** *ӯ хостанд, ки шабона аз шаҳр берун шаванд, аммо одамони Зиёд онҳоро дастгир карда пеши ӯ бурданд ва Зиёд фармуд, ки онҳоро кушта ба дор кашанд. Баъд аз рӯй додани ин ҳодиса аҳолии шаҳр ба амон додани Зиёд бовар накарданд ва касе [2, с.133].*

Дар ҷумлаи зерин ду истилоҳи идоракунӣ: халифа ва вазир истеъмол шудааст. Вожаи **вазир** арабӣ буда, ба маънои: узви ҳайати ҳукумат, ки сарварии вазоратеро ба уҳда дорад: **вазири адлия, вазири корҳои хориҷӣ, вазири маориф, вазири молия**. 2. *таър.* Мансабдори олимақом, ки баъд аз шоҳ (ё султону амир) мақоми баландро ишғол менамуд ва тамоми корҳои дохилӣ ва хориҷии мамлакатро идора мекард [15, с.256] фаҳмида мешуд. Дар гузашта низ, ба маънои мансаби идоракунии давлат истеъмол мегардид: *Абӯҷаъфар ба Хуросон рафт ва дар вақти аз он ҷо баргашта истоданаш ба Абӯмуслим гуфт, ки Абӯсалама ба халифа ҳаракатҳои нолоиқ мекунад ва халифа барои риояти хотири ту ҳар гуна ҳаракатҳои ӯро мебардорад ва худро ба нодонӣ мезанад, чунки ту ӯро ба халифа* ***вазир*** *таъйин кардаӣ [2, с.1209].*

Нақиб вожаи арабист ва ба гурӯҳи калимаҳои куҳна шомил буда, ба маъноҳои зерин истеъмол мегардад: “1.сардори қабила, раиси қавм. 2. *таър.* мансабе буд, ки ба хоҷагон медоданд” [15, с.890]. Дар маводи мо ба маънои сардори қабила, раиси қавм корбаст шудааст: *Чунки* ***нақиб*** *аз рӯйи истилоҳи ҳарбӣ ва маъмурии феодалии шарқ меҳтари қавм ва донишманди қавм ба шумор меравад, ки ба вай расман ин лақабро медиҳанд [2, с.143].*

Хулоса, дар объекти таҳқиқи мо вожаву ибораҳои зиёди расмӣ-коргузорӣ мушоҳида гардиданд, ки онҳо чун инъикоскунандаи вазъи сиёсиву иҷтимоии замони истилои арабу муғулҳо истифода гардида, дар он замон мавқеи махсус доштани ин қабати лексикаи забонро нишон медиҳанд.

Истилоҳоти зиёдеро мушоҳида намудем, ки имрӯз аз истифода баромадаанд ва ба гурӯҳи вожаи архаистии забон ворид шудаанд.

Истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ як василаи муҳимми инъикоскунандаи истилоҳоти забони адабии тоҷикӣ ба ҳисоб мераванд.

Муқарриз: ***Кенҷазода М.С.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 12. / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 563 с.
2. Айнӣ, С. Очеркҳои таърихии Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ва Исёни Муқаннаъ / С.Айнӣ. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. - 254 с.
3. Ғаффоров Р. Услубшиносӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11 / Р. Ғаффоров, С. Ҳошимов, Б. Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1995. – 191 с.
4. Даниленко В.П. Русская терминология. Опыт лингвистического описания / В.П. Даниленко. – М., 1977.
5. Диловаров М. Ҳуҷҷатнигорӣ / М. Диловаров, С. Қурбонов. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 119 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. - Душанбе: Маориф, 1982. - 263 с.
7. Калонтаров Я.И. Принсипҳои асосии терминологи забони тоҷикӣ / Я.И. Калонтаров. - Душанбе: Дониш, 1971. – 103 с.
8. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 115 с.
9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. – Ҷ.1. – 242 с.
10. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. Н.Маъсумӣ. – Сталинобод: Наш.дав.тоҷ., 1959. - 296 с.
11. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо / С. Назарзода. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 371 с.
12. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ – сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ / С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2004. - 302 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 996 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.1. – 950 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2 – 946 с.

НАҚШИ ИСТИЛОҲОТИ РАСМӢ-КОРГУЗОРӢ ДАР ОЧЕРКҲОИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ “ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТЕМУРМАЛИК” ВА “ИСЁНИ МУҚАННАЪ”

Истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ инъикоскунандаи муносибати байни давлатҳо, давлату шахсони алоҳида ва умуман ҷомеа; воситаи муошарати корхонаву муассисаҳо ва ташкилотҳо; воситаи муносибати расмии одамон дар истеҳсолот ва дар соҳаи хизматрасонӣ маҳсуб меёбад. Мақолаи мазкур дар бораи истифодаи истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ дар очеркҳои таърихии Садриддин Айнӣ “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” ва “Исёни Муқаннаъ” баҳс мекунад. Муаллифи мақола кӯшидааст, ки дар объекти таҳқиқи мавқеи истифода истилоҳоти расмӣ-коргузориро бо далелу мисолҳои зиёд нишон диҳад. Дар мақола истилоҳоти расмӣ-коргузориро ба такя бо сарчашмаҳои илмиву назариявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, мавқеи корбасти баъзеи ин қабати лексикаи забон бо имрӯз муқоиса гардидааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллифи мақола истилоҳоти расмӣ-коргузориро аз ҷиҳати таркиби морфологӣ таҳлил намуда, аз ҷиҳати сохт ба кадом гурӯҳ мансуб буданашонро зикр намудааст. Дар мақола дараҷаи истеъмоли истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ дар гузашта ва имрӯз муайян карда шуда, дар замони истилои араб ва муғулҳо истифодаи он нишон дода шудааст. Муаллифи мақола истилоҳотеро баррасӣ намудааст, ки қисме аз онҳо имрӯз дар истеъмол нестанд ва ҳамчун инъикоскунандаи вазъи иҷтимоиву сиёсӣ, давлатдориву коргузорӣ дар асарҳои бадеӣ ва таърихӣ истифода мегарданд. Дар мақола як гурӯҳ истилоҳоти коргузории соҳаи иқтисодиёт таҳлил шудааст, ки имрӯз дар истифода қарор надоранд.

Калидвожаҳо: истилоҳоти расмӣ-коргузорӣ, мактуб, баённома, васиятнома, халифа, худот, закот, ушр, нома, хатти амон, подшоҳ, волӣ, нақиб, вазир ва ғайра.

РОЛЬ КАНЦЕЛЯРСКО-ДЕЛОВЫХ ТЕРМИНОВ В ИСТОРИЧЕСКИХ ОЧЕРКАХ САДРИДДИНА АЙНИ «ТЕМУРМАЛИК, ГЕРОЙ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА» И «ВОССТАНИЕ МУКАННЫ»

Канцелярско-деловые термины, отражающие отношения между государствами и отдельными лицами и обществом в целом; средства связи предприятий, учреждений и организаций, являются средством формального общения между людьми на производстве и в сфере обслуживания. В данной статье рассматривается использование официальных терминов в исторических очерках Садриддина Айни «Темурмалик, герой таджикского народа» и «Восстание Муканны». Автор статьи попытался на множестве фактов и примеров показать употребления официально-деловых терминов как объекта исследования. В статье анализируются официально-деловые термины на основе научно-теоретических источников и сравнивается положение некоторых из этих пластов языковой лексики с современным языком. При обсуждении темы автор статьи анализирует официально-деловые термины с точки зрения морфологической структуры, указывая, к какой группе они относятся по структуре. В статье выявляются масштабы использования официально-деловых терминов в прошлом и настоящем, а также показано их использование во время арабских и монгольских завоеваний. В статье рассматриваются термины, некоторые из которых сегодня не употребляются и используются как отражение общественно-политической ситуации, государственности и бизнеса в художественных и исторических произведениях. В статье анализируется группа деловой терминологии, которая на сегодняшний день не используется.

Ключевые слова: официальные термины, письмо, декларация, завещание, халиф, бог, закот, десятина, грамота, хранение, царь, правитель, накиб, министр и др.

THE ROLE OF STATIONERY AND BUSINESS TERMS IN THE HISTORICAL ESSAYS OF SADRIDDIN AYNI "TEMURMALIK, THE HERO OF THE TAJIK PEOPLE" AND "MUKANNA'S REBELLION"

Formal business terms reflecting the relationship between states, states and individuals and society as a whole; means of communication of enterprises, institutions and organizations; is a means of formal communication between people in production and in the service sector. This article discusses the use of official terms in the historical essays of Sadriddin Aini "Temurmalik, the hero of the Tajik people" and "Mukanna's Rebellion". The author of the article tried to show the position of the use of official business terms in the object of study using a variety of facts and examples. The article analyzes official business terms on the basis of scientific and theoretical sources and compares the position of some of these layers of language vocabulary with modern ones. When discussing the topic, the author of the article analyzes official business terms from the point of view of the morphological structure, indicating to which group they belong in terms of structure. The article reveals the extent of the use of official business terms in the past and present, and also shows their use during the Arab and Mongol conquests. The article deals with terms, some of which are not used today and are used as a reflection of the socio-political situation, statehood and business in artistic and historical works. The article analyzes a group of business terminology that is not used today.

Key words: official terms, letter, declaration, testament, caliph, god, zakat, tithe, charter, storage, king, ruler, naqib, minister, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Фозилова Муаззам Муйддиновна*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, унвонҷӯйи шуъбаи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21

Сведения об авторе: ***Фозилова Муаззам Муйддиновна*** **-** Института языка и литературы им. Рудаки НАНТ, соискатель отдела таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21

Information about the author: ***Fozilova Muazzam Muiddinovna*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST, applicant for the Tajik language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21

УДК: 491.550:491.437.5-400

ТАҲЛИЛИ ЛИНГВИСТИИ ИСТИҲОЛОТИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТ

(дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ)

Эгамназаров Ҳ.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Дар илми забоншиносӣ ҳанӯз мушкилоти илмии ба таври мушаххас ҳаллу фаслношудае мушоҳида мешавад, ки таваҷҷуҳи хосси гурӯҳи олимону муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд. Муҳаққиқон бо назардошти чунин масоили мубрами пешомада, барои ҳаллу фасли ин масъалаҳо бо роҳҳои гуногун кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Ҳар як забони адабии ҳозира истилоҳоте дорад, ки дар таркиби луғавии забон мақоми хоссаро ишғол мекунанд.

Маълум аст, ки истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздикон яке аз масъалаҳои то андозае омӯхтанашудаи ҳар як забон ба шумор меравад. Аҳамияти омӯзиши истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздик аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ҳатто фарзанди навзод бо истифода аз чунин вожаҳо аз наздикони худ, яъне модар муроҷиат карда, матлаби худро қонеъ мегардонад. Бояд гуфт, ки таърихи пайдоиш ва корбурди истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздикон дар забонҳои мавриди таҳқиқ ба истиснои чанд мақолаву таҳқиқоти илмие, корҳои назаррас ба қадри кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Пажӯҳиши илмии баррасишуда метавонад барои таҳқиқи амиқи истилоҳот ва ташаккулу рушди онҳо имконият фароҳам созад. Яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии тоҷикӣ ва ӯзбекӣ муайян кардани истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздикон мебошад. Мақсади мақолаи мазкур аз он иборат аст, ки аҳамият ва муҳиммияти истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздиконро дар ду забони гуногунсохт дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Ин гурӯҳи истилоҳот аз ҷиҳати пайдоиш яке аз қадимтарин нишонаҳои асосии ду забон мебошад. Аммо омӯзиши масъалаҳои истилоҳи хешутаборӣ дар забонҳои дорои сохторҳои гуногун таваҷҷуҳи муҳим пайдо накардааст. Ҳол он ки Ф Энгелс дар асари худ таъкид кардааст, ки «Оила, моликияти хусусӣ ва пайдоиши давлат аҳамияти хешутабориро дар шаклҳои гуногуни оила таъкид кардааст: ин маҷмӯи уҳдадориҳо қисми таркибии ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад» [18, с.30].

Омӯзиш ва баррасии истилоҳоти хешутаборӣ дар забонҳои гуногун ва хусусиятҳои наҳвии он дар асри гузашта оғоз гардид. Дар асри гузашта олимон нахуст ба ин самти пажӯҳиш қадамҳои аввалин гузошта, корҳои муайянеро анҷом доданд, ки барои муҳаққиқони минбаъда ҳамчун таҳкурсӣ ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки як қатор асару мақолаҳое доир ба масъалаи истилоҳи хешутаборӣ дар забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ бахшидашуда, аз ҷониби муҳаққиқони зерин рӯйи чоп омаданд: И.Исмоилов [7], М.Саидова [15], А.Ишаева [8], М.Нарзиева [12], А.А.Машрабов [10], Ҳ.Ҳ. Эгамназаров [17] ва дигарон.

Истилоҳоти хешутаборӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ то ба кор даромадани онҳо давраҳои зиёде ва марҳалаҳои гуногунро паси сар кардааст. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ тағйироти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҳаёти халқҳои тоҷику ӯзбек, инчунин тағйироти луғавии ин забонҳо, бисёр истилоҳоту хосиятҳои хешутаборӣ куҳна шуда, маънои як қатор истилоҳот васеъ гардида, тағйир ёфтааст.

Маълум аст, ки дар Осиёи Миёна халқҳои соҳибзабон бо забонҳои гуногун байни ҳам муошират карда, зиндагии худро пеш мебаранд. Дар натиҷаи ҳамзистӣ забонҳо дар муҳити мураккаб ташаккул меёфтанд, яъне омезиши забонҳо ба вуҷуд меомад. Бо вуҷуди ин, истилоҳоти хешутаборӣ аз ҷумлаи унсурҳои луғавиест, ки асоси этникии худро аз даст надода ва то андозае ҳифз кардааст.

Дар забоншиносии ӯзбек ин масъала қисман мавриди баррасӣ қарор дорад. Яке аз охирин асарҳои илмии оид ба забоншиносии ӯзбек таълифшуда асари Б.Уринбоев мебошад, ки ба омӯзиши якторафа будани истилоҳоти хешутаборӣ, яъне танҳо шакли

калима дар қатори калимаҳои ифодакунанда бахшида шудааст. Албатта, ин пажӯҳиш ҳам барои таҳқиқи истилоҳоти хешутаборӣ ба забони узбекӣ маводи кофӣ намедихад.

Маълум аст, ки ҳар гуна истилоҳот, аз ҷумла истилоҳоти хешутаборӣ он қадар устувор набошанд ҳам, мафҳуми истилоҳот ва номҳои наздикон мавриди истифодаи ҳаррӯзаи мардум қарор дорад. Пешравии ҷомеа, шаклҳои нави оила, никоҳ ва вусъати муносибатҳои байни онҳо сабаби пайдоиши ин истилоҳоти нав мешаванд. Албатта, истилоҳоти хешутаборӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ якбора ба вуҷуд наомадаанд. Онҳо аз марҳалаҳои таърихии худ гузашта, ба ҳолати имрӯзаи худ расидаанд. Ҳар як истилоҳоте, ки дар забони адабии ҳозира истифода мешавад, чи аз лиҳози замони ворид шуданаш, чи аз нигоҳи корбурд дар вазифаҳои мухталиф ва чи аз нигоҳи тағйироту навовариҳои мухталиф таърих ва пайдоиши худро дорад.

Мо мехоҳем, ки дар заминаи маводи илмию таърихӣ ва осори илмии донишмандони барҷастаи тоҷик, истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздикон дар забонҳои адабии ҳозираи тоҷикӣ ва ӯзбекиро инкишоф дода, онҳоро ба забони англисӣ муқоиса намуда, хусусиятҳои сарфию наҳвии ин истилоҳотро равшан созем.

Мо дар бораи таснифоти хешутаборӣ ва номҳои наздикон ақидаи худро пешниҳод менамоем. Аз рӯйи пайдоиш ва маъно онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд:

Истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздик



Дар ҳарду забон истилоҳоти амудӣ истилоҳоти зеринро дар бар мегиранд: “модар//она; падар//ота; бобо//бува; модаркалон//буви; кӯдак//бола; писар//ӯғил; духтар//қиз; навера//набера” ва ғайра [19, с.46].

Шартҳои хатти уфуқии хешутаборӣ ба тоҷикӣ ва узбекӣ, бародарон//ака-ука; хоҳарон//сингиллар; тағо//тоға; хола//хола; амакбачаҳо//амакивачалар» [19, с.46].

Дар забони тоҷикӣ истилоҳи падар//ота ба таври зайл истифода мешавад: “марде, ки аз вай фарзанд ба вуҷуд омадааст, соҳиби фарзанд; падари таърих; марди солхӯрда; падари манавӣ» [19, с.46].

Дар забони адабии ӯзбек истилоҳи ота//падар бо ибораҳои: «фарзандли, бола-чақали эр киши» ифода ёфтааст [20, с.151]. “Ёши катталарга муроҷиат қилишда ё хурмат қилиш, меҳрубон раҳнамо, улуғзот [20, с.152].

Ба ҳам монанд будани ду истилоҳи падар ва ота дар он аст, ки ҳардуи онҳо дар як хатти амудӣ ба маънои «равобити хунӣ» корбаст шуда, ҳамчун шакли муроҷиати эҳтиром ба пиронсолон, аломати эҳтиромро дорад.

Истилоҳи падар//ота аз рӯйи сохтори маъноӣ онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: «падар//ота «падари хун, падар-ӯгайи ғайрихун (падарандар)» [20, с.152].

Истилоҳи падар//ота бар маънои «падар-ӯгай» бо маънои «хушдоман, хусур» – хуш, падарарус, қайнота, падарандар падарандар//ӯгай ота, мураббӣ – роҳбар мувофиқат

мекунад, роҳнамо, асосгузор – падари маънавӣ, шакли муроҷиат ба пиронсолон» [19, с.152].

Истилоҳи «модар» воҳиди асосии ҳамвори маъноии хешовандии амудӣ буда, дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ бо воситаҳои гуногуни луғавӣ ифода мешавад. Ҷузъи асосии истилоҳи хешутаборӣ дар забони тоҷикӣ истилоҳи «модар» мебошад. Бо чунин вижагиҳо ишора шудааст: «зан, зани калонсол, соҳиби бача» [19, с.808; 1, с.122-131; 4, с.80-84].

Мафҳуми модар дар забони ӯзбекӣ тавассути калимаи “она” интиқол ёфтааст. Дар забони адабӣ вожаҳои иқтибосии «волида ва модар» низ ба кор рафтаанд [20, с.125].

Бар асоси далелҳои дар боло зикршуда истилоҳҳои «она» ва «модар» ба ҳам мувофиқанд, ки дар фарҳанг маънои «модар»-ро дорад ва дар он яке аз маъно асосӣ ва пешбаранда нисбати фарзандон аст.

Яке аз истилоҳоти маъмултарин дар забони тоҷикӣ «бобо», «бова» ба шумор рафта, ба воситаи лексемаҳо ифода мешавад: «бобо - падари падар ё падари модар, бобои падар, бобои модар» [19, с.210; 1, с.122-131; 4, с.80-84].

Дар забони ӯзбекӣ мафҳуми «бобо» ба воситаи калимаҳои «бобо, бува» ифода ёфтааст. Ба мисли забони тоҷикӣ «бобо, бобои модар» ба таври расмӣ аз ҳам ҷудо нашуда, ба воситаи лексемаи бобо ифода шудааст [17, с.2084].

Истилоҳи “бибӣ – модари падар ё модар” (модари падар ё модар) яке аз густурдатарин маъноҳо дар забони тоҷикӣ аст. Он тавассути воҳидҳои гуногуни луғавӣ, вариантҳои гуногуни фонетикӣ ифода мегардад, ки дар маъхазҳои лексикографии забонҳои эрониву туркӣ сабт шудааст. Инак, дар фарҳанги В.В. Радлов вожаи сермаънои «модар» (лоло) мавҷуд аст, ки яке аз маъноҳои он «модаркалон» мебошад [13, с.2084].

Бар хилофи забони тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ ҳамон лексемаи «буви» (буви - эна - момо - биби - катта буви ва ғайра) барои силсилаи синонимӣ бо маънои «модаркалон» бартарӣ дошта баромад мекунад. Бояд гуфт, ки дар забони ӯзбекӣ маънои «модаркалон» ҳамчун воҳиди семантикӣ ин муодили шакли адабии бувӣ дорад, ки маънои «модаркалон аз ҷониби падар ва модаркалон аз ҷониби модар» ва ғайраро дорад.

Вожаи “писар” дар забони тоҷикӣ чунин маъноҳоро ифода мекунад: “фарзанди мард; писари ӯғай; бача; ҷавон [19, с.101; 1, с.122-131; 4, с.80-84].

Истилоҳи “писар” дар забони ӯзбекӣ бо лексемаи “уғил” ифода шудааст. Маънои «писар» (лексемаҳои он дар забонҳои баррасишаванда мутаносибан ӯғил ва писар мебошанд) ба маънои «фарзандон» низ истифода мешудааст. Истилоҳи «ӯғил» дар забони ӯзбекӣ ҳам марди хурдсолро ифода мекунад, ки он аз системаи маънои истилоҳоти хешутаборӣ хориҷ шудааст.

Яке аз маъмултарин маъноҳои дигари истилоҳоти хешутаборӣ хатти амудӣ маънои «духтар», буда, дар забони тоҷикӣ бо шакли луғавии «духтар» ва дар забони ӯзбекӣ «қиз» ифода ёфтааст.

Истилоҳи “духтар” дар забони адабии тоҷикӣ чунин ифода шудааст: “фарзанди модинаи инсон;. дӯшиза, бокира”.

Истилоҳи дӯшиза (духтари бақадрасидаи бикр, ҷавондухтари шавҳарнакарда) нисбат ба духтаре истифода мешавад, ки ба синни балоғат расида, вале издивоҷ накардааст. Истилоҳи бокира (духтари ба шавҳар набаромада, шавҳарнадида - муҷаррад, канизи пир) тақрибан ба ҳамон маъное истифода мешавад, ки “дӯшиза” аст [13, с.482].

Дар забони адабиёти бадеии классикии ӯзбек вожаҳое, ки аз дигар забонҳо иқтибос шудаанд, ба қайд гирифта шудаанд, ки маъноияшон ба маънои “қиз” наздик аст, масалан, “бикр” (аз арабӣ), “духтари бешавҳар”, “душиза” (аз тоҷикӣ-форсӣ), “бокира”.

Муодили ӯзбекии тоҷикии духтар//қиз низ полисемантикӣ ва сермаъноӣ дорад. Маънои лексемаи «қиз» «ноболиғ», «духтар», «калонсол» вале шавҳарнакарда, «бегуноҳ», «бокира»-ро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, «қиз» ҳангоми ишора ба духтарон ва ҷавонон ҳамчун мухотаб баромад мекунад [15, с.200; 1, с.122-131; 4, с.80-84].

Ҳамин тавр, забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, гарчанде ки аз ҷиҳати пайдоиши ирсӣ ва сохти грамматикӣ аз ҳамдигар фарқ доранд, бо вуҷуди ин, воҳидҳои алоҳидаи луғавии онҳо шабоҳатҳои семантикӣ доранд, ки инро нақшаи мазмуни истилоҳоти хешутаборӣ алоҳида собит мекунад.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ истилоҳи «набера, набера» истилоҳи набера//набира//невара истифода мешавад, ки бо маънои ибораҳои тоҷикии фарзанди

фарзанд, фарзандзода, писарзода ё духтарзода (фарзанди кӯдак) мувофиқат мекунад (кӯдак таваллуд шудааст, аз духтар таваллуд шудааст ё аз писар таваллуд шудааст), ба забони ӯзбекӣ *ўғилнинг ўғли – ўғилнинг қизи* ва «духтар», қиз (им) нинг ӯғли —қиз (им) нинг қизи».

Дар забони адабиёти бадеии классикӣ вожаҳои “ахфод” бо маънои «авлод, набера» [8, с.77], “навбови” бо маънои «оила, авлод, наслҳои ҷавон» [8, с.660], ки аз ҷиҳати маъно ба мафҳуми «набера» шабоҳат доранд.

Истилоҳи “бародар” ба тарзи луғавӣ ифода шудааст, бародари калонӣ ва бародари хурдӣ ***бародар – писари як падару модар нисбат ба писару духтарони дигари он падару модар, додар*** (писари як падар ва як модар нисбат ба дигар писарону духтарон аз ҳамон падар ва ҳамон модар).

Мафҳуми бародар ба тариқи луғавӣ, «бародари калон» ва «бародари хурдӣ» (писари як падар ва як модар нисбат ба дигар писарону духтарони як падар ва як модар) ифода ёфтааст.

Таркиби маъноии мафҳуми «бародарон» характери сохтори мураккаб дошта, маънои «бародари калон» ва «бародари хурдиро» дар бар мегирад. Маънои «бародарон» дар забони ӯзбеки ба воситаи калимаи ҷуфти оға-ини ва ака-ука ифода мегардад [20, с.560].

Дар сохти семантикии истилохи оға-ини ва ака-ука низ ҳамин хусусиятро истилоҳи “додар” ифода мекунад. Инчунин дар ду маънии худ бегуфтугӯ ба ҳамон падару модарон муроҷиат мекунад. Он ба таври танг аз се гурӯҳи семантикӣ иборат аст:

1) «бародарон аз як волидайн»;

2) «бародарон аз як падар, модарони гуногун»;

3) «бародарон аз як модар, падарони гуногун».

«Бародарони миллатҳои гуногун» бо воситаҳои гуногуни луғавй ифода ёфтаанд.

«Хоҳар» арзиши дорои хусусияти инвариантист, ки дар навбати худ аз се ҷузъи семантикии мустақил иборат буда, ҳар яки онҳо шакли ифодаи худро доранд. Инҳо дар бар мегиранд:

1) «хоҳар» (инвариант);

2) «хоҳари калонӣ»;

3) "хоҳари хурдӣ".

Истилоҳи “хоҳар” дар забони тоҷикӣ бо лексемаҳо низ ишора шудааст: “апа - хоҳари калон - хоҳари калонӣ, хоҳар - духтаре, ки бо писар ё духтари дигар аз як падар модар зоид шуда бошад - духтаре, ки аз як падару модар писару духтарон таваллуд шудааст, ҳамшира - хоҳари ширхӯрда - танҳо бо шир (нисбати бародар ин истилоҳ низ ба ҳамин маънии ҳамшир истифода мешавад).

Маънои «хоҳари калонӣ», «хоҳари хурдӣ», «хоҳарон», ки якҷоя гирифта шудаанд, дар забони ӯзбекӣ ба воситаи вожаҳои ҷуфтшудаи опа-сингил, эгачи-сингил, опа-ука «духтарони синну соли гуногуни як падару модар» ифода ёфтаанд.

Сарчашмаҳои лексикографӣ нишон медиҳанд, ки маънои «хоҳар» («хоҳари калонӣ ва хурдӣ») ба тарзҳои гуногун паҳн шудааст. Дар забони осори А.Навоӣ вожаҳои эгачи-сингил сабт шудаанд [8, с.706], тоҷ.-форс. хоҳар [8, с.664].

Истилоҳоти зерин, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ пас аз издивоҷ ба вуҷуд меоянд: «шӯй//шавҳар//эр (шавҳар); зан, занак//хотин (зан); домод//куёв (домод), арӯс//келин (келин), поччо//почча (шавҳари хоҳарони калонсол), боҷа//боза (бародару келин), авсун// овсин (хушдоман), модарарӯс//қайнона (хушдоман, хушдоман), падаршуй, падарарӯс//қайнота (хушдоман, хусур), қудо//қуда (хоҳарарӯс), бародаршуй, бародарарӯс//қайнога (бародарӯс), қайнӣ//қайнӣ (бародарарӯс), хоҳаршӯй, хоҳарарӯс//қаинсингил (хоҳари хӯрдии шавҳар ё зан).

Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ «Фарҳанги забони тоҷикӣ» истилоҳи «шӯй//шавҳар//эр (шавҳар) чунин маъноҳоро ифода мекунад: «шавҳар, марди зандор, шӯй, ҳамсар, хӯҷаин, завҷ, ҳамболишт, мардак» [20, с.646]. Дар фарҳанги тафсирии забони ӯзбекӣ истилоҳи эр. (шавҳар) собит шудааст: «шахси мард; шавҳар, ҳамсар; далер» [20, с.646].

Ин гурӯҳ, ки бо номҳои наздикон ном бурда мешавад, асосан ба забони узбакӣ тааллуқ доранд ва истилоҳот аз истилоҳоти ду гурӯҳи дар боло зикршуда ба куллӣ

тафовут доранд, яъне вожаи тутинган - тутинган ота (+ м); тутинган (+ м); тутинган ӯғли (+ м).

Дар мавриди истилоҳот тавзеҳи зерин истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздикро зикр мекунад: хешутаборӣ гуфта се гурӯҳи истилоҳоти дар боло зикршударо дар назар дорем. Дар тарҷума истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздик дар забони тоҷикӣ маънои «калимаҳои хешутаборӣ ва номҳои наздикон»-ро дорад, яъне маънои умумӣ дорад.

Ҳамин тавр таҳқиқот имкон дод, ки дар василаҳои луғавии ифодаи ҷанбаи муҳтавои баъзе истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздик дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ монандӣ ва фарқият муайян карда шавад. Истифодаи баъзе истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздик ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ объекти баррасии мустақилонаи нақшаи калон мебошад. Тадқиқоти шартҳои риоят ва хосиятҳои таркиби алоҳидаи вожагони забонҳои дорои системаҳои гуногуни грамматикӣ, барои муаррифии илмӣ амиқ натиҷаи муҳим ба бор овард.

Муқарриз: ***Шокиров У.Қ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДҲБСТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ashrapov, B.P. The Place of Poly-Affixes in the Tajik Literary Language of the XVIII-th Century / B.P. Ashrapov // Bulletin of Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of Humanitarian Sciences. – 2015. – No 3(64). – P. 122-131.
2. Англо-узбекский словарь. Составители: Ж. Буранов, К. Рахманбердиев, Ю. Аглаев. – Ташкент: Ӯқитувчи, 1977. – С.154.
3. Англо-русский словарь. – М.: Русский язык, 1976. – С.134.
4. Ашрапов, Б.П. Способы образования суффиксальных наречий в "Тухфат-ул-хони" Мухаммадвафо Карминаги / Б.П. Ашрапов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2015. – № 4-2(163). – С.80-84.
5. Джамшедов П.Д. К изучению терминологии в современном Таджикистане: памирские и таджикские языки / П.Д. Джамшедов. – Душанбе: Родной язык, 2021. – С.24.
6. Джабборов Б.А. Номинация значений свойства в таджикском и узбекском языках: автореферат дис... канд. филол. наук: 10.02.22 / Б.А. Джабборов. - Худжанд, 2009. - 26 с.
7. Исмоилов И. Туркий тилларда қавм-қариндошлик терминлари / И.Исмоилов. – Тошкент: Фан, 1966. – С.62–150.
8. Ишаев А. Ӯзбек шеваларидаги қариндошлик терминлари / А.Ишаев // Ӯзбек халқ шевалари луғати. – Тошкент: Фан, 1971. – С.320-385.
9. Лавровский П.А. Коренное значение в названиях родства у славян / П.А. Лавровский. - СПб., тип. Имп. Акад. наук, 1867.
10. Машрабов А.А. Значение терминов родства и их выражение в кыргызском и узбекском языках: автореф. дис. .... канд. филол. наук: 10.02.06 / А.А. Машрабов. – Бишкек, 2000. – 27 с.
11. Навоий асарлари луғати. Составители: П. Шамсиев, С. Ибрагимов. - Тошкент: Ғ. Ғулом нашриёти, 1972. – С.77–906.
12. Нарзиева М. Қон-қариндошлик номларининг компонент таҳлили / М. Нарзиева //Ӯзбек тили ва адабиёти. - Тошкент, 1986. - № 5. – С.47-48.
13. Радлов В.В. Опыт словаря тюркских наречий. Ч. 2. / В.В. Радлов. - Санкт - Петербург. – С.1491–2084.
14. Рождественский Ю.В. Лекции по общему языкознанию / Ю.В. Рождественский. – М.: Высшая школа, 1990. - С.381.
15. Саидова М.Ш. Наманган шеваларидаги қариндошлик терминларининг лексик-семантик таҳлили: автореф. канд… дисс… / М.Ш. Саидова. – Тошкент, 1995. – 21 с.
16. Семантическая специфика национальных языковых систем. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1985. – 164 с.
17. Эгамназаров Х.Х. Термины родства и их функционально-семантические микросистемы в узбекском и английском языках: автореф. дис. ... канд. филол. наук: 10.02.22 / Х.Х. Эгамназаров. - Худжанд, 2010. - 26 с.
18. Ф. Энгельс. Семья, частная собственность и происхождение государства / Энгельс Ф. – Ташкент: Уздавнашр, 1956. - С.30.
19. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилд 2. - Душанбе, 2008. – С.50-808.
20. Ӯзбек тили изоҳли луғати. – Т., 2006-2008. – С.200-566.

ТАҲЛИЛИ ЛИНГВИСТИИ ИСТИҲОЛОТИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТ

(дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ)

Дар мақола омӯзиши баъзе истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздик дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ баррасӣ шудааст. Мақсади асосӣ муайян намудани шабоҳат ва тафовути воситаҳои луғавии ифодаи ҷанбаи мазмунии баъзе истилоҳот ва номҳои наздики хешутаборӣ забонҳои узбекӣ ва тоҷикӣ мебошад. Ба сифати мисол истилоҳоти алоҳидаи хешутаборӣ ва номҳои наздики забонҳои муқоисашаванда истифода гардиданд. Масъалаи пайдоиш ва ташаккули истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздик яке аз масъалаҳои муҳимми

забоншиносӣ ва омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекист. Аз нигоҳи забоншиносӣ истилоҳоту номҳои хешутаборӣ дар ду роҳи асосӣ истифода мешавад: 1) пайдоиш ва инкишофи истилоҳоту исмҳо; 2) вазъи кунунии истилоҳоту номҳо, намуди зоҳирии онҳо, хусусияти лексикӣ, грамматикӣ ва маънои онҳо. Муаллиф ба хулосае меояд, ки корбурди баъзе истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздик дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мавзуи таҳқиқоти алоҳида мебошад. Омӯзиши истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздики қабатҳои алоҳидаи лексикаи забонҳои дорои системаҳои гуногуни грамматикӣ барои омӯзиши амиқи илмии нақшаи таркиби луғавии ҳар як забон, натиҷаҳои муҳим мебахшад.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, истилоҳоти хешутаборӣ ва номҳои наздик, марҳилаҳои таърихӣ, сатҳи луғавӣ, вижагиҳои луғавӣ ва грамматикӣ, хатти амудии хешутаборӣ, хатти уфуқии хешутаборӣ.

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ТЕРМИНОВ РОДСТВА В ЯЗЫКАХ РАЗНОЙ СТРУКТУРЫ

(на примере таджикско-узбекского языков)

Рассмотрено синхронное изучение некоторых терминов родства и свойства в таджикском и узбекском языках. Основная цель - выявление сходств и различий в лексических средствах выражения содержательного аспекта некоторых терминов родства и свойства узбекского и таджикского языков. В качестве примера используются отдельные термины родства и свойства сопоставимых языков. Вопрос о происхождении и формировании терминов родства и свойства является одним из наиболее важных вопросов в языкознании и в исследовании таджикского и узбекского языков. С лингвистической точки зрения, термины и имена родства могут использоваться двумя основными способами: 1) происхождение и развитие терминов и имен; 2) текущее состояние терминов и названий, их внешний вид, лексические, грамматические особенности и их значение. Сделан вывод, что употребление некоторых терминов родства и свойства в таджикском и узбекском языках является предметом отдельного изучения. Изучение терминов родства и свойства отдельных слоев лексики различных грамматических систем, несомненно, даст важные результаты для более глубокого научного понимания лексического состава каждого языка.

Ключевые слова: лингвистика, термины родства и свойства, близкие имена, исторические этапы, лексический уровень, лексические и грамматические особенности, вертикальные линии родства, горизонтальные линии родства

LINGUSITIC ANALYSIS OF TERMS OF KINSHIP IN LANGUAGES OF DIFFERENT STRUCTURE

(on the example of Tajik-Uzbek languages)

The simultaneous study of some terms of kinship and properties in the Tajik and Uzbek languages is considered. The main goal is to identify the similarities and differences in the lexical means of expressing the content aspect of some kinship terms and properties of the Uzbek and Tajik languages. Separate kinship terms and properties of comparable languages are used as an example. The question of the origin and formation of the terms of kinship and property is one of the most important issues in linguistics and in the study of the Tajik and Uzbek languages. From a linguistic point of view, kinship terms and names can be used in two main ways: 1) the origin and development of terms and names; 2) the current state of terms and names, their appearance, lexical, grammatical features and their meaning. It is concluded that the use of some terms of kinship and property in the Tajik and Uzbek languages is the subject of a separate study. The study of the terms of kinship and properties of individual layers of vocabulary of various grammatical systems will undoubtedly yield important results for a deeper scientific understanding of the plan of the lexical content of each language.

Key words: linguistics, terms of kinship and properties, close names, historical stages, lexical level, lexical and grammatical features, vertical line of kinship, horizontal line of kinship.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Эгамназаров Ҳамза Ҳақназарович*** - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков 1. E-mail: **hamzajon_19@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 928-75-57-54**

Сведения об авторе: ***Эгамназаров Хамза Хакназарович*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, Мавлонбекова 1. E-mail: **hamzajon_19@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 928-75-57-54**

Information about the author: ***Egamnazarov Hamza Haknazarovich*** – Tajik State University of Law, Business and Politics, candidate of philological sciences, Associate Professor, head of the department of foreign languages. **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekova 1. E-mail: **hamzajon_19@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 928-75-57-54**

УДК: 491.550

УСУЛИ ИСТИЛОҲСОЗИИ ВАНДӢ (ДАР НАМУНАИ ПЕШВАНДИ БЕ/BI-/ ВА НО-/NO-/) ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»-И ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Мискинов И.П.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон буда, ҳадафи он ҳарчи расотар, дақиқу возеҳтар ба ҷомеа расонидани маънои мафҳумҳои нав аст. Вақте ки дар ҷомеа чунин мафҳумҳо ба вуҷуд меояд, инсонҳо саъй мекунанд дар забони ҷории худ вожа ва ё таркибҳое пайдо кунанд, ки аз ҷиҳати маъно ба онҳо шабоҳат ё наздикӣ дошта бошанд ва маънои мафҳуми навро ифода карда тавонанд. Агар дар забон калимаи муносиб барои ифодаи чунин мафҳумҳо пайдо нашуд, он гоҳ усули калимасозии забон ба кор медарояд. Барои анҷоми ин кор забон аз имконоти дохилӣ ва васитаҳои гуногуни дастурии хеш, аз қабили калимасозӣ мутобиқи суннатҳои анъанавӣ, аз пасванду пешвандҳо ва ғайра истифода мебарад.

Аз оғози пайдоиши худ забони тоҷикӣ, ба ғайр аз назму наср дар заминаҳои илму фан, фалсафаву адаб, мавзуъҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фаъолиятҳои идориву ҳуқуқӣ ба кор рафтааст. Гувоҳи ин гуфтаҳо китобҳову таълифоти зиёдест, ки дар ҳар як соҳаҳо навишта шудаанд. Суханварону суханшиносон дар тули асрҳо барои баёни чунин маъно ва мафҳумҳои гуногун садҳо вожаву таркибот сохтаанд, ки ҳар кадоми онҳо дар забон ҷойгоҳи худро доштаанд ва мо метавонем бо онҳо, ҳатто имрӯз ҳам як миқдор мафҳумҳои тозаи иҷтимоиву сиёсӣ ва илмиву фаннии мавриди ниёзи худро ифода кунем. Вале иқрор бояд шуд, ки тавоноии забони тоҷикӣ дар гузашта дар заминаи донишҳои қадим ва муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва робитаҳои иқтисодии мувофиқ ва муносиб барои он даврaҳо будааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки солҳои 90, замоне ки таваҷҷуҳ ба таъриху фарҳанг ва забону адабиёти гузаштаамон афзоиш ёфт, таҳқиқи усулҳои истилоҳсозии саромадони ин ришта ҳам аз мадди назар дур намонд. Дар андак муддат донишмандону муҳаққиқон ва донандагони забонҳо, ба монанди С. Сулаймонов, С.Назарзода, Мирзо Ҳасани Султон, А. Байзоев ва дигарон роҷеъ ба истилоҳсозони даврaҳои пеш, аз ҷумла Абурайҳони Берунӣ, Ибни Сино, Фаридуддини Аттор, Носири Хусрав ва дигарон рисолаҳои илмӣ ва китобу мақолаҳои боарзише навиштанд, ки сарчашмаи мустанаде барои мутахассисон ва истилоҳсозон гардид.

Истилоҳсозии забони адабии тоҷикӣ, мушкилот ва дурнамои он борҳо аз Тоҷикистон берун, дар Москва ва шаҳрҳои дигар низ дар конференсия ва ҷаласаҳои бахшида ба вазъи истилоҳсозӣ дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ муҳокима ва қарор гирифтааст, ки дар танзим ва таҳияи усулҳои истилоҳсозӣ забоншиносони маъруфи он давра иштирок ва саҳм гирифтаанд. Яке аз муҳимтарин коре, ки дар ин замина нашр гардидааст, китоби «Развитие терминологии на языках союзных республик СССР» («Инкишофи истилоҳот дар забонҳои ҷумҳуриҳои ИҶШС» [6] мебошад. Ин китоб зери назари ҳайати таҳрир академик Г.В. Степанов, докторҳои илми филология В.П. Даниленко ва К.М. Мусоев соли 1986 дар Москва ба чоп расид. Дар он роҷеъ ба оғози фаъолияти истилоҳсозӣ дар ҷумҳуриҳои миллӣ, роҳҳо ва мушкилиҳои ташаккул, коркарди усулҳои умумӣ, манбаъ ва мақомоти истилоҳгузинӣ ва дигар мушкилиҳои соҳа дар даврони шуравӣ, аз ҷумла як силсила маълумоти муфид доир ба ҷараёни истилоҳофаринӣ дар забони тоҷикӣ дарҷ гардидааст.

Илова бар ин осори назарӣ ва китобҳои умумӣ ва махсусе, ки ба омӯзиши таърихи истилоҳсозӣ дар даврони шуравӣ аз ҷониби донишмандони маъруфи рус Д.С. Лотте [3] , А. А. Реформатский [7], В. П. Даниленко [1], Т. Л. Канделаки [2] ва муҳаққиқони дигар А. Д. Хаютин [9], А. В. Суперанская [8] ва дигарон навишта шудаанд, дар ҷараёни кор ёрии зиёде расондаанд. Зеро мушкилиҳои зиёди аз ҷониби онҳо таҳқиқшуда дар он замон бо забонҳои дигари халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ муштарак ва рабт доштанд.

Ногуфта намонад, ки масъала ва мушкилиҳои истилоҳсозӣ, аз ҷумла принсипҳои илмии ташаккули истилоҳоти нави иҷтимоиву сиёсии забони тоҷикӣ ва форсӣ дар қарни XX умумиятҳо ва шабоҳатҳои зиёде ба ҳам доранд.

Дар аввали қарни XX ба таври ғайрирасмӣ ва аз ибтидои солҳои 30-юми асри гузашта ба сурати созмонёфта, забоншиносони эронӣ ба омӯзиш ва баррасии истилоҳ ва истилоҳшиносӣ пардохта, як гурӯҳ ба таври амалӣ машғули вожагузинӣ ва истилоҳсозӣ

барои мафҳумҳои нави илмӣ-техникӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ гардиданд. Мақолаҳои зиёде аз ҷониби донишмандони шинохтаи ин кишвар, ба монанди устодон Фурӯғӣ, Муҳаммад Муин, Ризозода Шафақ, Парвиз Нотили Хонларӣ, Ҷалоли Матинӣ, Муҳити Таботабоӣ, Алии Кофӣ, Ризо Содиқӣ, Алӣ Ашрафи Содиқӣ ва бисёр муҳаққиқони дигар доир ба ин масъала таълиф ва нашр шуданд.

Дар рушди забони тоҷикӣ ва такомули низоми истилоҳсозии он забони «Маснавии Маънавӣ» бо сарватҳои асилу бебаҳояш дорои мавқеи хос мебошад. Дар давраи ҳозираи рушди забон ба дарёфту омӯзиши марворидҳои пуразриши забони «Маснавии Маънавӣ» барои муайян намудани сайри таърихии калимаҳо ва тобиши маъноии онҳо, барои эҳёи усулҳои классикии калимасозӣ ва равиши бунёди истилоҳоти хушоҳанг, такмили вазифаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсии забони давлатӣ, рушду танзими илму таълим ва тарбия, низоми забони васоити ахбори омма ва истилоҳот хеле муҳимму зарур мебошанд.

Бо вуҷуди он ки мақолаҳои зиёде оид ба «Маснавии Маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ анҷом гирифтааст, аммо дар мавриди истилоҳсозие, ки далолат ба забони ҳозираи мардуми Тоҷикистон мекарда бошад, пайдо накардем. Вале дар баъзе осарҳо андешаҳои парокандае, роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни истилоҳсозӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба омӯзиш ва таҳқиқи осори Мавлоно, хусусан «Маснавии Маънавӣ» аҳаммияти хоса дода мешавад. «Маснавии Маънавӣ» дар таърихи фарҳангу адаби тоҷик, ҳамчун донишномаест, ки роҷеъ ба тамоми паҳлӯҳои зиндагии мардуми тоҷик ва дигар халқҳои эронинажод ва ҳамсоягони онҳо, ба монанди турку юнониён, ҳиндиву чиниён ва арабу румиён маълумоти арзишманде ба мо пешниҳод месозад.

Ҷалолиддини Балхӣ аз ҷумлаи донишмандонест, ки ҳамчун устоди каломи бадеъ дар интихоби калима ва калимасозӣ дақиқназар буда, аз бойигарии луғавӣ ва воситаҳои грамматикии забони адабӣ ба усули худ истифода намудааст. Ӯ дар интихоб ва кор фармудани луғат дар истилоҳсозӣ услуби ба худ хос ва нотакроре дорад.

Дар сарчашмаҳои забоншиносии тоҷик оид ба калимасозӣ маълумоти хеле мухтасар дода мешавад. Хусусан, дар китоби дарсии “Забони адабии ҳозираи тоҷик”, ки зери таҳрири академик Б. Ниёзмуҳаммадов чоп гардидааст қоидаҳои калимасозӣ зикр шудаанд [4, с.268]. Дар забони тоҷикӣ бо пешвандҳо сохтани истилоҳот хеле ҳам услуби сермаҳсул мебошад, ки ин услуб дар асарҳои Мавлоно мақоми хоссаеро дорост.

Зимни пажӯҳиши осори Ҷалоддини Балхӣ, хусусан «Маснавии Маънавӣ»-и ӯ кас ба маҳорати суханофаринӣ ва ғановати корбурди забони тоҷикӣ ва дар баъзе мавридҳо низ аз забонҳои дигар аз қабили арабӣ ва туркӣ истифода намудани он, ки гувоҳи забондонии ӯ мебошад, рӯ ба рӯ мешавад.

Дар ин мақола баъзе истилоҳотеро мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор медиҳем, ки Мавлоно танҳо бо пешвандҳо дар китоби «Маснавии Маънавӣ» истифода бурдааст. Ӯ зиёдтар пешвандҳои сифатсози «бе-/bi-/» ва «но- /no-/»-ро мавриди истифода қарор додааст. Пасванди бе- /bi-/ бо исм омада, сифат месозад. Дар забони паҳлавӣ “бе” /abe-/ аре-/ мебошад. Дар матнҳои форсии қадим “бе” ба шакли “фӣ” низ омадааст.

Бекор 1. он ки кор надорад, бешуғл.

Он ки ӯ шоҳ аст, ӯ бекор нест,
Нола аз вай турфа, к-ӯ бемор нест [5, 1/ 1821].

2. лағв, мансух, аз эътибор соқит, нодаркор, беэътибор (*оид ба* фармон, ҳукм, ҳуқуқ *ва ғ.*).

Нафс бо нафси дигар чун ёр шуд,
Ақли ҷузви отилу бекор шуд [5, 2/ 21].

Беадаб бетарбият, бадахлоқ, густох.

Аз Худо ҷӯем тавфиқи адаб,
Беадаб маҳрум гашт аз лутфи раб [5, 1/78].

Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ бар ҳама офоқ зад [5, 1/79].

Бемурод номурод; бемақсад.

Пас авонон **бемурод** он сӯ шуданд,
Боз ғаммозон, к-аз он воқиф буданд… [5, 3/ 956].

Бенаво бетӯша, бечиз, фақир, камбағал, қашшоқ; бечора, нодор, ночор, мискин.

Дар миёни санглохи бегиёҳ,
Рӯз то шаб бенавову бепаноҳ [5, 5/ 2327].

Бенамоз 1. тарккунандаи намоз. 2. сифла, палид.

Сайқалиро бастаӣ, эй **бенамоз**,
В-он Ҳаворо кардаӣ ду даст боз! [5, 4/ 2476].

Беогаҳ бехабар.

Ин ҳамегӯянду бандаш мениҳанд,
Ӯ ҳамегӯяд: Зи ман беогаҳанд [5, 2/ 3362].

Бесабаб 1. бевачҳ, бедалел, бебоис, беасос, беҳуда. 2. бемавқеъ, бечо, бемуносибат.

Ҳам гуноҳе карда бошад он вазир,
Бесабаб набвад тағйир ногузир [5, 2/ 1241].

Бесар 1. сарбурида; кушта, мурда. 2. *маҷ.* бесаробон, бепарастор; ба сари (ҳоли) худ монда; бекас.

Гарчӣ ӯ маҳви Ҳақ асту бесар аст,
Лек кори ман аз он нозуктар аст [5, 4/ 2980].

3. *маҷ.* худсар, гапногир, якрав, қайсар.

Он гурӯҳе, к-аз фақирӣ бесаранд,
Сад ҷиҳат з-он мурдагон фонитаранд [5, 6/ 1537].

Бемаънӣ бемазмун, холӣ аз маънӣ ва мазмун, бемантиқ, пуч.

Гуфт: Рав, рав, нақши бемаънистӣ,
Ту бичӯ ҳастӣ, ки ошиқ нестӣ! [5, 3/ 3019].

Бехабар 1. беиттилоъ, ноогоҳ; ғофил, дар ғафлатмонда, ғафлатзада. 2. *маҷ.* ҷоҳил, нодон, гумроҳ, ғофил, худобехабар.

Гуфт: Он ҳуҷра, ки шаб ҷо доштам,
Ҳайкал он ҷо бехабар бигзоштам [5, 5/ 120].

Доди ту вохоҳам аз ҳар бехабар,
Дод кӣ диҳад ҷуз Худои додгар [5, 3/ 404].

Беҳунар 1. бекасбу ҳунар, бепеша, беҳирфат. 2. бемаҳорат, ноуҳдабаро; беқобилият; беистеъдод, нодон.

Гуфт Пайғамбар, к-эй зоҳирнигар,
Ту мабин ӯро ҷавону беҳунар [5, 4/ 2161].

Беамон 1. бераҳм, сангдил, дилсахт. 2. беилоҷ, бедаво; 3. *маҷ.* шадид, сахт.

Чанд амонам медиҳӣ, эй беамон!
Эй ту зеҳ карда ба кини ман камон [5, 1/ 1704].

Гуфт: Сад хидмат кунам! –рафт он замон,
Суйи хонай он ҷуҳуди беамон [5, 6/ 991].

Бегоҳ охири рӯз пеш аз фурӯ рафтани Офтоб; аввали шаб; бевақт, дер шудан, таъхир ёфтан.

Эй дареғо, вақти хирмангоҳ шуд,
Лек рӯз аз бахти мо бегоҳ шуд [5, 4/ 1484].

Солҳо ин марг таблак мезанам,
Гӯши ту бегоҳ ҷунбиш мекунад [5, 6/ 773].

Беқарор 1. ноором, ҳамеша дар ҳаракату ҷунбиш ва такопӯ. 2. музтариб, дар изтироб, бетоқату беором.

Кофиракро ҳайкале буд ёдгор,
Ёва дид онрову гашт ӯ беқарор [5, 5/, 119].

Беқувват бемадор, беҳол, суст; камқувват, нотавон, камзӯр.

Тифлро истезаву сад офат аст,
Шукри ин ки бевану беқувват аст [5, 6/ 4721].

Беиллат 1. бенуқсон, беайбу камбуд, дуруст, солим.

Кори ман беиллат асту мустақим,
Ҳаст тақдирам на иллат, эй сақим! [5, 2/ 1626].

2. пок, соф.

Қатра мебориду ҳайрон гашта буд,
Қатраи беиллат аз дарёи ҷуд [5, 1/2560].

Беадад бешумор, беҳисоб, беҳад, зиёд.

Муъҷазоташ бешумору беадад,
Мавҷи бахшоиш мадад андар мадад [5, 4/1367].

Бесабр бетоқат, бетаҳаммул, ношикебо, беқарор.

Ки зи Мусҳаф кӯр мехондӣ дуруст,
Гашт **бесабру** аз-ӯ он ҳол ҷуст [5, 3/ 1857].

Бо пешванди «бе-» аз ҳиссаҳои дигари нутқ хеле кам сифат сохта шудааст. Дар ашъори Мавлавӣ аз ҷонишинҳои «хеш», «хештан» ва «чун» сифат сохта шудааст:

Бехеш 1. бехешованд. 2. беҳуш, бетобу тавон, аз худ бехуд; *маҷ.* масту мадҳуш. 3. *маҷ.* шӯридаву девона.

Эй раҳзани **бехешон**, эй махзани дарвешон,
Ё раб, чӣ хушанд эшон, он дам ки дар оғӯшӣ [5, 2/ 266].

Бехештан бехуд, азҳолрафта, мадҳуш, беирода, беихтиёр.

Халқ худро баъд аз он **бехештан**
Мефиганданд андар оташ марду зан [5, 1/ 36].

Бечун бемонанд, бемисл, беназир.

Дар ин будам, ки ин чун асту он чун,
Чунин ҳайрони он **бечун** набудам [5, 1/ 251].

Бигӯяд хасм: -То худ чун бувад ин?
Ту аз **бечуниву** дар чун нагунҷӣ [5, 2/ 288].

Дар Маснавии Маънавӣ Мавлоно бо асоси замони гузаштаи феъли «додан»-«дод»

Бедод зулм, ситам.

Ба бедодон бидодам дод пинҳон,
Вале дар ҳаққи худ **бедод** кардам [5, 1/ 250].

Инчунин Мавлоно бо шакли инкории замони гузаштаи феъли «дидан»-«надид» ва нидои «дареғ» ба тавассути пешванди «бе-» сифат сохтааст:

Бенадид нодида, дида нашуда, бемислу монанд.

Дар иёдат шуд расули **бенадид**,
Он саҳобиро ба ҳоли назъ дид [5, 3/ 173].

Ин ҳамегуфту дили ӯ метапид,
Аз барои он Аёзи **бенадид** [5, 2/, 496].

Бедареғ 1. беафсӯс, бе пушаймонию надомат; бераҳмона. 2. *маҷ.* дареғ надошта, саховатмандона.

В-он ҷоми **бедареғ** бар андешаҳо бирез,
Дар бехудӣ сазои дили худписанд кун [5, 2/ 25].

Пешванди но /nā/.

Пешванди **но-** манфисоз буда, сифати манфӣ месозад. Сифатсозӣ бо ин пешванд дар ашъори Мавлавӣ сермаҳсул буда, асосан аз исмҳо, сифатҳо ва феълҳо сохта шудаанд.

Пешванди **«но-»** бо исмҳо.

Нохоҳ хилофи хоҳиш ва майл;

Он ки оқил буд азми роҳ кард,
Азми роҳи мушкили **нохоҳ** кард [5, 1/ 874].

Нодида 1. кӯр, нобино.

Оби дидаи ӯ чу дидаи ӯ бувад,
Дидаи нодида дида кай шавад? [5, 5/ 1999].

2. *маҷ.* он ки молу давлат насибаш нашудааст; чашмгурусна, бенаво, бебизоат.

Куҳнаву гандидаву пӯсидаро,
Туҳфа мебар баҳри **нодидаро** [5, 5/ 812].

Пешванди «**но-**» бо сифатҳо.

Нодуруст 1. ғалат, хато; *муқоб*. **дуруст**. 2. ноҳақ, нораво.

Пас дили ман коргоҳи бахти туст,
Чи-шканӣ ин коргоҳ, эй **нодуруст** [5, 2/ 1586].

Номаъқул номақбул, ғайри қобили қабул, нописандида.

Гар на **номаъқул** будӣ ин маза,
Кай будӣ ҳоҷат ба чандин муъҷиза? [5, 1/ 2143].

Ношуста шустанашуда; чиркин, нопок.

Саъдҳову наҳсҳо донистаӣ,
Нангарӣ ту саъд ё ношустаӣ [5, 3/ 2653].

Ношустарӯ *маҷ*. нокас, фурӯмоя, палид.

Ки зи ҳар **ношустарӯе** гап занӣ,
Шарм дорӣ, в-аз худои хеш не! [5, 3/ 2653].

Аз асосҳо ва шаклҳои феълӣ:

Нопазир 1. қабулнашаванда. 2. *ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои* қабулнакунанда ва ғайри қобили қабул.

Ин-т‡ молихулиёи **нопазир**,
Ин-т лофи хому доми гӯлгир [5, 2/ 1150].

Андаке ба ту гуфтам эй **нопазир**,
З-андаке донӣ, ки ҳастам ман хабир [5, 3/ 1258].

Нописанд он чи мақбул ва писандида нест, номақбул; қабеҳ.

Лек чун аксар буданду **нописанд**,
Бар ҳама майро маҳрам кардаанд [5, 3/ 1258].

Забони ашъори Мавлавӣ басо ғанист ва луғатномаи он фарогири ҳама ҷанбаҳои зиндагист, чунки «шоирони ин асрҳо ба масъалаҳои илмии гуногун - фалсафа, риёзиёт, тасаввуф, дин даст мезаданд. Ин сабаб шуд, ки забони шеъри тоҷик ба як хазинахонаи бузурги пурсиму зари сухан монанд гардад» [10, с.32-33].

Дар ҳақиқат, осори Ҷалолуддини Балхӣ шоҳкории пурғановатест дар таърихи фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ва мо ҳамватанону ҳамзабонони ӯро мебояд, ки дар омӯзишу таҳқиқ ва шинохти осораш қадамҳои устувор бардошта, дар ҳифзу пок нигаҳ доштани забонии модарии хеш саъю кӯшиш намоем.

Муқарриз: ***Абдулҳадов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Даниленко В. П. Русская терминология. Опыт лингвистического описания / В.П. Даниленко. - Москва, 1977; Даниленко В. П., Скворцов Л. И. Нормативные основы унификации терминологии / В.П. Даниленко // Культура речи и технической документации. - Москва, 1982. - С.65-74.
2. Канделаки Т.Л. Терминологическая работа в системе научных учреждений АН СССР / Т.Л. Канделаки // ВЯ. – 1979. - № 5. - С.31-39.
3. Лотте Д.С. Основы построения научно-технической терминологии (Введение Климовицкий Я. А., Коршунов С.И.) / Д.С. Лотте. - Москва, 1961.
4. Мирзо Ҳасани Султон. Мушкилоти забони илм ва истилоҳот. - Душанбе: Дониш, 2015. - 324 с.
5. Муҳаммадиев М. Лексикаи забони адабии тоҷик / М.Муҳаммадиев, Х.Талбакова, Ю. Нурмуҳаммадов. - Душанбе, 1997. - 225 с.
6. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо / С.Назарзода. - Душанбе: Дониш, 2014. - 369 с.
7. Назарзода С. Мискинов И. Вожаномаи «Маснавии Маънавӣ» / С.Назарзода. - Душанбе: Дониш, 2007. - 230 с.
8. Ниёзмуҳаммадов Б.Н. Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик / Б.Н. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1965.
9. Николсон Р. «Маснавии Маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ / Р.Николсон. – Теҳрон: Интишороти «Ҳурмус», 1381/2003. - 1368 с.
10. Развитие терминологии на языках союзных республик СССР (Редколлегия: академик Г.В. Степанов, доктора филологических наук, В.П.Даниленко и К.М.Мусаев). - Москва, 1986. - С.139-140.
11. Реформатский А.А. Что такое термин и терминология? / А.А. Реформатский // Вопросы терминологии. - Москва, 1961. - С. 46-54; Реформатский А. А. Термин как член лексической системы языка / А.А. Реформатский // Проблемы структурной лингвистики. – Москва, 1968. - С.103-126.

‡ Ин туро. Ҳам барои таҳсин ва ҳам барои тааҷҷуб меояд. Дар ин байт, маънои тааҷҷуб дорад.

12. Суперанская А.В. Терминология и номенклатура / А.В. Суперанская // Проблематика определений терминов в словарях разных типов. - Ленинград, 1976.
13. Хаютин А.Д. Термин, терминология, номенклатура (Учеб. пособие) / А.Д. Хаютин. - Самарканд, 1972.
14. Хулосаи «Маснавӣ» ба интихоб ва инзимоми таълиқот ва ҳавошӣ. Таълифи Бадеуззамон Фурӯзонфар. Чопи дувум. - Теҳрон, 1370. - 301 с.
15. Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ. Фарҳанги вожаҳо ва ифодаҳои мардумӣ дар осори Мавлонӣ. - Душанбе: Адиб. 2017. – 399 с.

УСУЛИ ИСТИЛОҲСОЗИИ ВАНДӢ (ДАР НАМУНАИ ПЕШВАНДИ БЕ/BI-/ ВА НО- /NO-/) ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»-И ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Сарвату ғаномандии забони Маснавӣ бесобиқаву рангин ва саршор аз қолабу таркибҳои зиндаи забони халқӣ буда, имрӯз ҳам барои аксарият қобили фаҳму дарк аст. Хусусан, забони Мавлоно дар Маснавии Маънавӣ аз равшании хосе бархӯрдор буда, ӯ ба забони мардум эҷод намудааст. Дар забоншиносӣ роҳҳои гуногуни истилоҳсозӣ мавҷуд аст, ки мақолаи ҳозир оид ба яке аз усулҳои муҳим ва маъмули истилоҳсозӣ бо воситаи пешвандҳои сифатсози «бе-/bi-/» ва «но-/no-/» бахшида шуда, баррасии якчанд вожаҳое, ки Мавлоно бо пешвандҳои зикршуда офарида ба таври мухтасар анҷом гирифтааст. Қайд кардан зарур аст, дар мақолаи мазкур пажуҳиш оид ба истилоҳоти ба воситаи пешвандҳои сифатсози «бе-» ва «но-» сохташудаи Ҷалолиддини Балхӣ дар Маснавии Маънавӣ барои забони тоҷикӣ ва мардуми манотиқи Тоҷикистон фаҳмо ва дар айни замон мавриди истифода қарордошта сурат гирифтааст. Дар сурате, ки баъзеи истилоҳоти овардашуда ё ба маъноҳои дар шеърҳо додашуда, барои соири кишварҳои форсизабонони мо нофаҳмо ва мавриди истифода қарор надорад.

Калидвожаҳо: забон, забоншиносӣ, забони тоҷикӣ, шеър, истилоҳсозӣ, Маснавии Маънавӣ, пешванд, исм, сифат, феъл, фарҳанг.

ПРИЕМ АФФИКСАЛЬНАЯ ТЕРМИНОЛОГИЯ (НА ПРИМЕРЕ ПРЕДЛОГА БЕЗ /BI-/ И НО-/NO-/) В «МАСНАВИ МАЪНАВИ» ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ

Богатство языка Маснави беспрецедентно, красочно и наполнено живыми образцами просторечия, понятного многим и сегодня. В частности, язык Мавлоно в «Маснави Маънави» имеет особое значение, и он создал его на основе языка народа. В языкознании существуют разные способы создания терминологии. Данная статья посвящена одному из наиболее важных и распространенных способов создания терминологии с помощью качественных приставок «бе-/ bi-/» и «но-/no-/», и в ней обсуждаются некоторые слова, которые Мавлоно создал с приведенными выше префиксами. Следует отметить, что в данной статье исследуются термины, построенные с помощью качественных приставок, используемые Джалолиддином Балхи в «Маснави маънави» для таджикского языка и жителей регионов Таджикистана, которые понятны и используются в настоящее время. В то время как некоторые термины, приведенные в разных значениях в стихах, непонятны и не могут быть использованы для остальных персоязычных стран.

Ключевые слова: язык, языкознание, таджикский язык, поэзия, терминология, Маснави Маънави, приставка, существительное, прилагательное, глагол, культура.

RECEPTION OF APHIXATE TERMINOLOGY (BY THE EXAMPLE OF THE PREPOSITION WITHOUT /BI-/ AND NO-/NO-/) IN “MASNAVI MANAVI” OF JALOLIDDIN BALKHI

The richness of the Masnavi language is unprecedented, colorful and filled with living examples of vernacular, which is understandable to many today. In particular, the language of Mavlono in "Masnavi Manavi" has a special meaning, and he created it in the language of the people. In linguistics, there are different ways of terminology. This article focuses on one of the most important and common ways of terminology with the qualitative prefixes "be-/bi-/" and "no-/no-/" and discusses some of the words that Mavlono created with the above prefixes, briefly completed. It should be noted that this article explores the terms built with the help of qualitative prefixes used by Jaloliddin Balkhi in "Masnavi manavi" for the Tajik language and residents of the regions of Tajikistan, which are understandable and currently used. While some of the terms given or given in the meanings in the verses are incomprehensible and cannot be used for the rest of our Persian-speaking countries.

Key words: language, linguistics, Tajik language, poetry, terminology, Masnavi Manavi, prefix, noun, adjective, verb, culture.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мискинов Илҳом Пирназарович*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, ходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: **ilhom-miskinov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 907-90-69-99**

Сведение об авторе: ***Мискинов Илхом Пирназарович*** - Института языка и литературы им.Рудаки НАНТ, научный сотрудник отдела лексикографии и терминологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **ilhom-miskinov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 907-90-69-99**

Information about the author: ***Miskinov Ilhom Pirnazarovich*** – Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST, researcher Department of Lexicography and Terminology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **ilhom-miskinov@mail.ru**. Tel.: **(+992) 907-90-69-99**

УДК: 811

ГЛАГОЛЫ С ИНКОРПОРИРОВАННЫМИ АКТАНТАМИ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ

Шустова С.В., Третьякова Д.Д.
Пермский государственный национальный исследовательский университет

Развитие языка в сфере лексики и словообразования всегда протекало активнее по сравнению с другими сферами языковой системы. Слово является фиксатором преобразований, которые наблюдаются на современном этапе развития общества. Словообразование служит источником новых наименований, необходимых обществу и отражает динамику общественных процессов. Кроме того, в современном мире появляется всё больше и больше предметов и понятий, которые требуют номинацию. Современные деривационные процессы отражают действие ряда экстралингвистических факторов, что по-особому характеризует современную социолингвистическую ситуацию и говорит об изменениях в области словообразования. Рост объема и скорости прохождения информационного потока по каналам языковой связи приводит к возникновению языковой экономии, возрастанию экспрессивности общения, ослаблению кодификационных запретов и средств речевого контроля, что отражается в деривационных процессах русского языка. А также это способствует активизации процессов аббревиации, увеличению числа словообразовательных моделей и их типов [5, с.28-29; см. также 2, 6, 7, 11, 12, 18].

М.М. Каширина изучает типы мотивации отсубстантивных глаголов в русском языке. Мотивация, формирующаяся на основе образности как семантического компонента, способствует созданию таких отсубстантивных глаголов, которые условно разделяются на две группы: глаголы, образованные от метафоризированных имен существительных при помощи суффиксов *-е-, -и-, -нича-* и др. и глаголы, образованные от переносных значений отсубстантивных глаголов, представленные двумя разрядами глаголов: психического воздействия и поведения. Первая группа представлена тремя разрядами по признаку мотивирующих слов.

Первый разряд глаголов образован от метафоризованных названий животных, например, *звереть, зверствовать, оскотиниться, ершиться, ежиться, ехидничать, бычиться, попугайничать, петушиться, советь*, *ишачить ← ишак*: *А то будешь, как мать, всю жизнь на заводе ишачить; Подумать только: тебе всего сорок лет, всем остальным до пенсии еще ишачить столько же, сколько они работали до сих пор; − Интересно ишачить? – Или и ишачь!* (Ngram). Значения указанных глаголов содержат компонент «подобно» и живую внутреннюю форму, если этот компонент со временем утрачивается, то стирается внутренняя форма слова. См. также: *обезъяничать ← обезъяна*; *собачить ← собака*: *собачить* – костр. *шалить, дурачить, пакостить, портить что-л. из шалости*; новг. *бранить, ругать, поносить; собачиться*, вят., с*обачить, повесничать, ломать, портить что-л.; браниться, ругаться, поносить кого-л., друг друга: Он всегда собачится, ругательски бранится; Как сойдутся вдвоем, так и собачатся* (Ngram).

Второй разряд глаголов представлен глаголами, образованными от метафоризованного названия лица, которые часто означают отрицательно оцениваемые действия, мотивируясь существительными, не имеющими отрицательно-характеризующих значений (например, *генеральствовать*), также могут образовываться от имён собственных, отличительная черта которых становится определяющей для мотивации (например, *донжуанствовать*).

Третий разряд глаголов образован от вещественных имен существительных, у которых метафорический перенос актуализирует признак выразительности – *стать как стекло, как камень* (например, *стекленеть, каменеть, окаменеть*) [Каширина 2015: 214-219]: *Мне хотелось завыть в голос, но Фейё от этого будет только хуже … совсем ужасно … как жутко стоять вот так и каменеть, каменеть; Когда-то в восьмидесятых, он удирал на машинах по бесконечным дворам, прятался у ничего не понимавших подружек, предпочитая активно проживать нехороший период, но с возрастом научился каменеть – и выживал* (Ngram).

Морфологическая транспозиция наблюдается и в поле существительного. Причины возникновения субстантивированных слов − опущение существительных у определяемых прилагательных, что приводит к переходу функции обозначения предмета на обозначавшее его признак прилагательное, которое с течением времени и становится постоянным наименованием предмета, и стремление языка к синтетичности. Несомненно, появление субстантиватов в языке обусловлены и социальными факторами, что связано с действием закона экономии речевых средств. В современном русском языке в существительные переходят только полные прилагательные; в древнерусском языке мог быть переход кратких форм (например, *вдова, княжна, нужны, добро, зло, войско,* которые сейчас обособились от прилагательных). В результате выделяются несколько групп: субстантивы с общим значением лица (лицо, имеющее физические или психические особенности; лицо, названное по профессии, должности; лицо, названное по возрасту; лицо, названное по характеру отношений с другими лицами); субстантивы, обозначающие клички животных; субстантивы, обозначающие помещения (помещение, названное по действию, которое в нем совершается; помещение, названное по лицу, для которого оно предназначено; помещение, названное по характерному предмету). Данные группы характеризуются различной степенью продуктивности [10, с.83−90].

Н.А. Фатеева рассматривает наиболее продуктивные способы словообразования и формообразования в современной поэзии, где поэтический язык, обладающий минимумом ограничений, представляет исследователю самый интересный материал. В том числе автор обращается к окказиональным глаголам, образованным от существительных – имён нарицательных и собственных [17, с.326]. Такие словообразовательные эксперименты наиболее свойственны В. Кальпиди и Ю. Мориц [там же]. Примером служит глагол *офевралеть* у В. Кальпиди, который образован от названия зимнего месяца, что позволяет интерпретировать его значение как синонимичное по отношению к *застынуть*, но с усилением признака *'холод'*. Также у Ю. Мориц представлены свои дериваты, произведенные от названий птиц, которые в контексте других неологичных образований воспринимаются вполне естественно (например, *воробействовать, синичить*). А. Иванова пишет о девиациях в поэзии (*Велик могучим языка*), благодаря чему отыменные глаголы *отгламурит, откутюрит* приобретают иронические коннотации. Н.А. Фатеева выделяет отыменные глаголы, образованные от имён собственных – от географических названий (например, *отъегиптянить* у В. Полозковой [там же, с. 327] и от фамилий и имён великих людей (например, *шекспирить* у В. Кальпиди [там же; см. также 3, 14, 15, 19].

Морфологическая транспозиция тесно связана с категорией инкорпорации. В словаре лингвистических терминов инкорпорация рассматривается как продуктивный способ образования слова (или особого рода синтагматической единицы) путем сочетания примыкающих друг к другу корней, совокупность которых оформляется служебными элементами [1, с. 177]. В Большом энциклопедическом словаре дается следующее определение инкорпорации: «инкорпорация – способ синтаксической связи компонентов словосочетания (частичная И.) или всех членов предложения (полная И.), при котором компоненты соединяются в единое целое без формальных показателей у каждого из них» [4, с. 193]. В словаре лингвистических терминов под редакцией Т.В. Жеребило под инкорпорацией понимаются как вставление в слово ряда морфем (например, именных морфем в глагольный комплекс), характерное для полисинтетических языков [8, с. 120].

Можно отметить, что определения термина «инкорпорация» в словарях значительно отличаются друг от друга, что говорит о различных подходах к явлению инкорпорации и о расхождениях в терминологии, связанной с этим понятием. М.А. Анохина отмечает, что современный английский язык − аналитический язык, совмещающий в себе черты, характерные для языков других типологий, в частности для инкорпорирующих языков. Одна из этих черт − способность глагола включать в свою семантическую структуру семантические компоненты, соотносимые по своему значению с дополнением и обстоятельством, но в английском языке это есть не в полной форме, как в полисинтетических языках, в которых инкорпорация сопровождается морфонологическими изменениями основ. Исследователь подчеркивает важность и продуктивность способа выражения грамматических связей в английском языке, а также демонстрирует важную типологическую особенность английского языка. Такие глаголы

как *to babysit, to chain-smoke, to first-name, to housekeep, to moon-walk, to nickname, to proof-read* и другие рассматриваются как примеры инкорпорации. Уникальность этих глаголов состоит в их семантической эквивалентности сочетаниям глаголов с дополнением и обстоятельством. Интересно, что английский глагол может инкорпорировать как актант, так и сиркостант. М.А. Анохина отмечает продуктивность таких глаголов, которая способствует созданию авторских единиц по имеющейся модели. Новые глагольные единицы образуются не только от нарицательных существительных, но и от имён собственных [2, с. 75−77; 16]. Анализ словарей и корпусных данных способствовал выделению ряда групп глаголов.

Глаголы с инкорпорированным актантом, обозначающим одушевленный субъект. К данной подгруппе относятся такие глаголы, как:

крысить – «воровать у своих; утаивать, скрывать, прятать» (крыса – «о человеке, род занятий которого расценивается как что-то мелкое, ничтожное[§]»): *С голодухи местные следаки начали крысить по мелочам – воровали или подменивали вещдоки по делам, которые передавали нам (в основном аудиокассеты и автомобильную мелочовку), брали под нас взятки, о чем мы иногда с изумлением узнавали и ...* (Стальнов И.А. «Адвокат, адвокат, он ворюге – друг и брат». 2021. Ngram).

проворонить – «по невнимательности, рассеянности и т.п. упустить, проглядеть, прозевать» (ворона – «о рассеянном, невнимательном человеке»): *То ли дело весна. Ее обидно проспать, проесть, продремать, проворонить* (Арутюнова К. В. «Падает снег, летит птица». 2016. НКРЯ).

моржевать – «закаляться с использованием низких температур» (морж – «любитель зимнего плавания в открытых водоемах»): *Володя ходил зимой раздетым по пояс, обтирался снегом, а потом стал и в Неве в зимнюю пору купаться, моржевать* (Алейников В. Д. «Тадзимас». 2002. НКРЯ).

Глаголы с инкорпорированным актантом, обозначающим неодушевленный субъект. Эта подгруппа включает следующие глаголы: пурговать – «выдерживать или переживать пургу» (пурга – «сильная низовая метель»): *На перевале пурговали четырнадцать дней. Поморозились* (Рытхэу Ю. «Время таяния снегов». 1967. НКРЯ).

опустыниться – «превратиться в пустыню» (пустыня – «безлюдное, незаселенное место»): *Только чересчур село опустынилось. Все уезжают* (Пациенко Г.Б. Высокий день: Повесть и рассказы.1976. Ngram).

Группа глаголов с инкорпорированным актантом-субъектом

В статье на материалах немецкого языка проводится анализ некоторых структурно-грамматических различий (типов), а также структурно-семантических функций присоединительных конструкций как структурно-семантического признака сложности речи. В лингвистике термин «присоединительная конструкция» трактуется по-разному, и это показывает, что мнения ученых по данному вопросу не единодушны. В некоторых исследованиях это понимается в широком смысле, иногда присоединительные конструкции выделяются как тип обособления, некоторые лингвисты рассматривают этой синтаксической явление как дополнительную информацию к основной конструкции, в то время как другие рассматривают присоединительную конструкцию как дополнительное сообщение, спонтанно возникающее в речи. Другие же, напротив, полагают, что присоединительная конструкция – это не высказывание, которое ожидает адресат (лицо, к которому обращена речь), а некий дополнительный смысл, который возникает внезапно. В исследовании предпринята попытка рассмотреть присоединение на синтаксическом уровне как один из способов синтаксического усиления грамматической структуры и семантического содержания предложения на примерах из немецкой литературы. Подобная конструкция позволяет автору добавить новый смысловой тон, чтобы прямо или косвенно выразить свою позицию по поводу содержания сообщения.

Ключевые слова: присоединение, присоединительные конструкции, дополнительный предикатив, сложное предложение, синтаксическая связь, основное высказывание, присоединительной элемент, усложнение.

STRUCTURAL-SEMANTIC COMPLICATION OF SPEECH IN GERMAN WITH THE PARTICIPATION OF CONNECTING STRUCTURES

In the article, the author analyzes some structural-grammatical differences (types), as well as structural-semantic functions of connecting structures as a structural-semantic feature of the complexity of speech on the basis of German language materials. In linguistics, the term "connecting structure" is interpreted in different ways, and this shows that the views of scientists on this issue are not unanimous. In some studies, this is understood in a broad sense, and connecting structures are identified as a type of isolation, several linguists consider this syntactic phenomenon as additional information to the main structure, while others consider the connecting structures as an additional message that spontaneously arises in speech. Other researchers believe that the use of connecting structures is not an utterance that the addressee (the person to whom the speech is directed) expects, but a kind of additional meaning that arises suddenly. This study attempts to consider attachments at the syntactic level as one of the methods of syntactic strengthening of the grammatical structure and semantic content of a sentence using examples from German literature. We found that this construction allows the author to add a new semantic tone in order to express directly or indirectly his/her attitude towards the message, in comparison with the attached parts of speech.

Key words: connecting phenomenon, connecting structures, additional predicative, complex sentence, syntactic connection, basic expression, connecting element, complication.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мамасолиев Икром Убайдуллоевич*** - Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд, унвончӯ. **Суроға**: 140104, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Самарқанд, кӯч. Бустансарой, 93.
E-mail: **mamasoliyev81@mail.ru.** Тел.: **(+998) 93-727-51-81**

Сведение об авторе: ***Мамасалиев Икром Убайдуллаевич*** - Самаркандский государственный институт иностранных языков, соискатель. **Адрес**: 140104, Республика Узбекистан, Самарканд, ул. Бустансарой, 93.
E-mail: **mamasoliyev81@mail.ru.** Тел.: **(+998) 93-727-51-81**

Information about the author: ***Mamasoliev Ikrom Ubaydullaevich*** - Samarkand State Institute of Foreign Languages Independent, researcher. **Address**: 140104, Republic of Uzbekistan, Samarkand, Bustansaray Str., 93.
E-mail: **mamasoliyev81@mail.ru.** Tel.: **(+998) 93-727-51-81**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

УДК: 14+82(575.2)

ТАСВИРИ РАМЗИИ ИШҚ ДАР ҒАЗАЛИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Қодиров К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рамзгароӣ (намодгароӣ) дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ танҳо хаёли қодири ӯ аст, ки мафҳуҳои волои он оламро дар ҳолати ночизи рӯзмарра дарёфтааст. Ӯ дар баҳс аз олами дигар, он оламро бо тамсил ҷаҳони ормонӣ медонад, зеро тамоми зебоиҳо ва ҳақиқатҳо он ҷо аст. Рамз дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ баёнгари куллиёт ва мафҳумҳои бузург ба василаи мавзӯъоти ҷузъӣ аст. Ин тасвирҳо чунин зиндаанд, ки зеҳну тафаккур ва мантиқ меофаранд. Тафаккури муназам ва мантиқ аз ҷузъ ба кулл ҳаракат мекунанд ва зебоию ҳақиқат меофаранд – «ба воситаи ғазал чашми ҷон шукӯҳ меёбад». Ҳадафи ғазали ӯ олами моварои ҳисро барои инсон қобили дарк менамояд. Рамзгароии ӯ чун кори ҳунарманди намодгар нуқтаи шурӯи ҳаракат аст – «аз олами ранг ба сӯи олами ормонӣ» аст:

Мабош ғарраи нақшу нигори олами ранг,
Кушода мижжа бо ҳам мезанад матои диранг.
Дилам чу дидаи оҳу таваҳҳуше дорад,
Мағоки олами хок аст хобгоҳи паланг…
Зи абри мижжа гаҳе ашк дар канор уфтад,
Куҷост гавҳари баҳри Адан ба ӯ ҳамсанг…
Хаёли офият ин ҷост дар пари анқо,
Махоҳ, Ҳоҷӣ, дар ин бум ошёни куланг [9, с.305].

Рамз дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ суратҳои хаёлӣ аст, як падидаи забонӣ аст, ки аз вожаҳои забон шакл мегирад, яъне ашёву ранг нест, балки калима аст. Ин калимаҳо тадриҷан, агарчӣ хостаҳои забонианд, ба рамз табдил меёбанд, аз маҳдудияти маъношиносӣ ва мантиқи забонӣ дур мешаванд, маъно ва отифии болотаре месозанд, вижагиҳо доранд, ки онҳоро маҳдудияти нишонаҳои забонию истиора ва маҷозу тамсил ҷудо мекунанд.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар баёни андешаи «ваҳдати вуҷуд» баҳрро тасаввур кардааст ва намоде аз олами «ваҳдати вуҷуд»-ро дар об, сел, қатра, чашма, ҷӯй ва ғайра медонад, ки дар дарё ғарқ мешаванд. Рамз – олами ақл, намоди ҳаракатдиҳандае аст, ки оламро фаросӯи тан мебарад ва гузаргоҳе аст, ки аз ин олам ба он олам (олами ҳис ва олами маъно) аст:

Баски дорам дар назар он моҳи хушманзар тараф,
Мешавад мижгон зи рашкам пеши ҳамдигар тараф.
Толеи шӯридаро ҷуз дилсиёҳӣ чора нест,
Сояро дар об ҳам бошад кудурат дар тараф.
Суҳбати дунфитратон равшандилонро хиҷлат аст,
Шӯъла дудомез шуд, гардад ба чӯби тар тараф...
Мардумонро хона аз мижгони ман дар об рафт,
Тарсам, ин барқи сияҳ тӯфон кунад бо ҳар тараф.
Ҳоҷӣ, захми тири ӯ бар рӯйи дил носур монд,
Бозаш он бераҳм месозад сари ханҷар тараф [9, с.365-366].

Тасвири рамзгароӣ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ панҷарае барои дидану шунидан аст, ки фақат аз огоҳӣ оғоз мешавад. Рамзгароии шоир андеша, сарчашмаи мафҳумҳо, тасаввурот, ки ҳуввият дар матн пинҳонсозии нохудогоҳ, сурати як андеша, нозир ба даруни забон, пазироии амиқ ва жарфҳои такрор аст. «Рамзгароӣ як навъ хезиш ва бартариҷӯёӣ аст, ки бо олами мовароии ҳис назар дорад, аммо марбут ба ин олам аст» [14, с.132].

Рамзҳо дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, баъзан дар як ҷумла шакл мегиранд, қисме дар як матн борҳо такрор мешаванд. Қисми дигар калимаи меҳварии як ғазаланд, аз ин лиҳоз дар ғазали шоир ду навъ рамз дар бофтаҳои сухани Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ

падид меояд. Аввал, рамзе, ки қарор гирифтани як тасвири воҳид, дар як ҷумла, ки навъи таркибии вожаҳо ва маъниву мафҳуми суханро фароҳам мекунад. Дуюм, рамзе, ки такрори як тасвир ё вожа дар як матни бузург, ки эҳсоси хос меангезад. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ истилоҳи «дарё» яке аз ин навъи рамзҳост. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ тасвири «дарё»-ро амиқтарин таҷрибаи ғазали худ қарор додааст ва онро ба бузургтарин рамз табдил кардааст:

Аз шӯриши савдоят дар ҳар саре савдое,
З-ошуби хаёли ту дар лабе ғавғое.
Аз тарзи хиромони ту тӯфони бало пайдо,
Дар баҳри тамошоят дар ҳар мижа дарёе…
Аз гармии рухсорат дар дидаи ман мардум,
То вораҳад аз шӯриш, биншаста ба дарёе [9, с.374].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар ғазал аз падидаҳое рамз офарид ва суннати ғазали ирфониро ривоҷ дод, созҳои мусиқӣ, мисли даф, сурнай, най, чанг, танбур ва рубобро васоили рамзҳои раҳравони шоди ишқ қарор дод. Тасвирҳое чун шоҳ, шамс, офтоб ва мисли инҳоро, ки дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ рамзҳо мебошанд, ба мафҳуми «кулли мутлақ» ва «ҳазрати Ҳақ» ороста аст:

…Кунад зи ҳусни ту дарюза дар сари ҳар маҳ,
Ҳилол карда чу качкули салин маҳтоб.
Зи худ чи дида накӯ офтоб, ки ӯ,
Ба тоб меравад аз шарми инчунин маҳтоб.
Кӣ мерасад зи фалак то замин бияндозад,
Ба зери по-ш раҳандози заъфарин маҳтоб.
Умеди суҳбати ту бас чигун хаёл кунам,
Ки кас надида ба кас ёри ҳамнишин маҳтоб… [9, с.270].

Вожаи «дарё» дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз руд иборат аст. Ҳамаи рудҳо ба чаҳор дарё мерезанд, яке аз он чаҳор руд, ки дарёи рӯҳ аст, дар ҳаракат аст. Руди дуюм ба дарёи хитоб (гуфтугӯ) дорад. Руди сеюм ба дарёи шукру сипос ва руди чорум ба дарёи ишқу муҳаббат дар ҷараён аст. Аз чаҳор руд дарёи муҳит (уқёнуси кабир) ба вуҷуд меояд ва баъд аз омезиш ба ин дарёҳои чоргона ба сӯи Ҳақ таъоло равон мегардад [12, с.138]. Агар инсоне ин уқёнусро қабл аз ин чаҳор дарё бубинад, мутаввачеҳ мешавад, ки ғайр аз ин дигар дарё нест, он гоҳ ӯ содиқ ва дӯсти воқеӣ аст. Агар инсон як бор онро бубинад ӯ шоҳид ва гувоҳе мешавад ва агар инсоне, ки қабл аз ҳикоят уқёнус, рудҳоро бубинад ин инсон роҳнамо ва соҳиби далел аст. Агар инсон аввал баҳрҳо, сипас рудҳо ва баъд дарё ва уқёнусро ҳикоят намояд, ӯ ростгор аст:

Дил майл надорад ба касе, турфа ҳикоя,
Ҳарчанд, ки аз дасти ту дидаст ситамро.
Фарёд, ки арвоҳи шаҳидони ту аз роҳ,
Тороҷ кунад қофилаи ранҷу аламро.
Бар лавҳи азал котиби қудрат чу навишта,
Ӯ васфи рухат буд, шикофид қаламро… [9, с.260].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ки мавриди таваҷҷӯҳ ва иноятиҲақ таъоло

қарор дошт, тавонист наҳрҳоро бипаймояд ва баъд аз он ба дохили дарёҳо медарояд ва аз он ҷо ба уқёнус васл гардад ва ҳангоме, ки ба ин ҷо расид асрори илоҳиро кашф намуд. Ин роҳи тамоми орифон аст, ки чун тасвир мешавад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба ин асрори Ҳақ таъоло имон овард ва онро тасдиқ кард. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар ин роҳ дар ҷӯи пур аз об дохил шуд ва ба он фурӯ рафт, то чизҳои шукуфта ва гувороро, ки бо чашм дида намешаванд, бубинад. Ин ҷо асроре дид, ки бо рӯҳи маъонӣ пӯшида шудаанд. Ӯ ин асрорро фаҳмид ва онро бо асрори пӯшида дар ғазалаш нигоҳ дошт:

… Як нигоҳи чашми мастат дар чаман афтодааст,
К-аз тараб гулро чун соғар ғунча мино рехтанд.
Ҷон ба умеди нисори мақдамат дорам ба каф,
З-ин хаёли пуч дар мағзам чи савдо рехтанд.
Аз ҳуҷуми ашк чун гирдоб бошад кулбаам,
Гӯйё дар дидаам амвоҷи дарё рехтанд… [9, с.299].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дил ба дарё дорад, то худованд корашро чора созад ва асрори илоҳиро ҳифз намояд. Дарё ин сирре аст, ки дар хаёли ӯ вуҷуд дорад. Ба андеша фурӯ меравад ва меандешад, ки ҳар дарё роҳе ба сӯи хақиқати илоҳӣ аст. Ҳангоме, ки дарёи ғоиб қобили дарк нест, ӯ миқдори онро ошкор менамояд, то ҳадафи ниҳоии дарё дониста шавад. Ӯ аз калимаи олам ҳарфи айн мечӯяд ва бо киштӣ дарёро мепаймояд ва вориди шаҳри имкон мегардад. Дарк менамояд, ки киштии ӯ, ки дармони ӯ аст, зери пардаҳо вуҷуд дорад. Пайи асрор мегардад, бо нишот пардаҳоро, ки дар сари расидан ба ин «сирри шариф» ҳастанд, аз роҳ бигирад:

То ба кай дил хун кунӣ дар парда пинҳонӣ маро,
Бисмилам якбора кун, хоҳӣ чу осонӣ маро.
Донаи дилро ба зуннори муҳаббат бастаем,
Ҳоҷати дигар набошад сабҳагардонӣ маро…
Ҳамчу Маҷнун набвад андар водии ҳичрони ту,
Шонае бар фарқи сар ғайр аз парешонӣ маро.
Ҳоҷӣ, андар тангнои шаҳри имкон мондаем,
Сахтҷонӣ кард охир шахси зиндонӣ маро [9, с.261].

Дар ин роҳ Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ саргардонӣ надорад, то роҳро гум накунад ва то наҷотдиҳанда бошад. Ӯ огоҳ аст ва эътимод дорад, ки дар роҳи

хеш то фано шудан онро мепаймояд. Ин роҳ, ки аз рамузу асрор аст, роҳи завқу дастёбии Ҳақ таъоло аст. Шумори ин рамузу асрор шаб аст, на рӯз, зеро инсон дар шаб худро зери чашмонаш пинҳон мекунад ва бо суботу имони ҳикоят маҳбуб хоста мешавад:

То зи чашми он парирӯ чеҳра пинҳон кард шаб,
Рӯзи моро, бегумон, аз дарди ҳичрон кард шаб.
Рӯзҳо аз муждаҳои васл моро шод кард,
Ваъда бар мо буд, бо хайли рақибон кард шаб…
Нотавононро ба хилват дастгоҳи дигар аст,
Чеҳраи сайёрагон аз парда шоён кард шаб.
Синаи бикшода аз гарди қудрат фориғ аст,
Осмонро баҳри рӯзу моҳ тобон кард шаб… [9, с.271-272].

Дар тасвирҳое чун офтоб, моҳтоб, қамар ва мисли инҳо Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар дил зарраи хуршед ва дар ботин аз Ҳақ таъоло қатраи судҷӯй мехоҳад. Ин тамсилҳо дар ғазали ӯ бо шаклҳои гуногун, дар матнҳои мухталиф меояд, ки истифода аз ҳар кадоми онҳо мӯҳтавои завқӣ ва маънавӣ доранд. «Вуҷуди завқ, ки ҳосили вуҷуд ва сурур дар ҳолатҳо ва ҷаззобияти ирфонӣ аст ба ориф қудрату интихоб ва офариниши зебоиҳоро медиҳад». [15, с.121]. Аз назари ӯ зебогиҳои олам маротибу мартаба дорад ва дар ҷамоли ҳиссӣ ва дар ҳадди хаёлӣ дарёфт мешаванд. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ зебоии ақлӣ ва шуҳудӣ эҳсос карда мешавад, гарчӣ дунё ба эътибор «олами табиат» мазҳари Ҳақ аст, зебоие дорад, ки иштибоҳу хатоӣ надорад: офариниши илоҳӣ мутлақан зебост, чун офарандаи он зебост.

Ҷобаҷоӣ, фишурдагии забони рамзии шоир воқеиятҳои отифӣ ва зеҳнӣ аст, ки бо ин сабаб хонанда аз мӯҳтаҳои афгор ва эҳсосҳои мустаҳкаму пайванди Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ огоҳ мешавад. Забони рамзии шоир ба асотир наздик аст, ба гуфтаи Ҳофиз:

Як қисса беш нест ғами ишқ, в-ин аҷаб,
К-аз ҳар забон, ки мешунавам, номуқаррар аст [14, с.26].

Ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дарки забони рамзро мехоҳад, паймонае мебошад, ки маънии он дар «дона»-е нуҳуфта аст ва инсони оқил бояд ба маънии он таваҷҷӯҳ намояд. Мӯҳтавои ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз рамзҳо ва ганҷҳои ниҳоӣ иборат аст, ки фақат «аҳли ҳақиқат» онро дарк менамояд.

Ҳамин тавр дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ишқ бо шинохту фаҳм вуҷуд дорад. Ҳеҷ гуна сифат дар ҷаҳони ҳастӣ вуҷуд надорад, зеро ҳама ҷисмҳо (ашё) марбут ба ҳақиқати илоҳӣ аст. Аз ин ҷиҳат, иртибот ба ишқ бо мавҷуди (вуҷуди) азалӣ аст. Ин ҳамон асл ва асоси ишқ аст. Аммо чун ин ҳолат, ки тӯлонӣ аст, ба раҳрав (инсон) иртибот дорад. Ин ҳолат дар байни инсонҳо ҳамеша боқӣ аст. Ашёҳо (ҷисмҳо) фақат нақшу нигоранд, ки арзишҳои онҳо маъно ва мафҳумҳое надорад. Бо аз байн рафтани меъёрҳои воқеии онҳо, ишқ бо меъёрҳои илоҳӣ санҷида мешавад [13, с.191]. Дар ин ҳолат Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар байни имону қалб аст.

Дар ситоиши камоли худовандӣ ишқ дар қолаби ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ қарор дорад ва ӯ чун раҳрави ишқ дар ин роҳ раҳсипор аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ асрори

худовандро хушзавқ пиромуни ғазал тавсиф мекунад ва барои ӯ дидори маҳбуб ширинтарин ва маҳбубтарин ҳолат аст. Пойгоҳи ишқ дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ дар меъёру вазъи хос ва мавзӯъ ва мақоми алоҳида қарор дорад.

Ишқ, ки зеботарин ва олитарин ҳадяи илоҳӣ аст, марбути инсон аст ва ӯ нуру ҳарорате аст, ки ҳамеша фазилату адолат меофарад:

…Фазлат баҳори хуррами асҳоби дӯстӣ,
Адлат хазони гулшани арбоби кинаҳо.
Андар диёри бекасӣ ишқат нуҳуфтааст,
Сад кӯҳи ғам ба домани гардам хазинаҳо…[9, с.256].

Ишқ ранҷу андуҳу ғам ва пинҳон доштани он ранҷи бештар дар дунёи ғамҳо аст. Ғам, ки афсурдагӣ аст як навҳи шакли адами посухи равонӣ ва ҷисмонӣ аст. Ин ғам дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ ҳамонест, ки дар мафҳуми волои он адами инсонӣ огоҳӣ меёбад. Ғам дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ шодиро мепӯшонад, чунин мафҳуме аст, ки ҳолату вазъи отифӣ дорад. Дар ситоиши маърифати худованд ғам раҳмати маҳз аст. Инсон дар роҳи ҳақиқати илоҳӣ ранҷ мебарад, то созанда бошад [13.38].

Қуръон хилқати башарро бо ғам дониста аст ва дар ирфон ва ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ ғам бо муродифи ишқ омадааст: «гуфтанам ғами ту дорад», «ба ишқи ту ошиқам», ки ишқ дар натиҷа огоҳӣ дар шакли мутлақ аст. Ғам мусовӣ ва огоҳӣ аст, огоҳӣ бо хирад мебошад. Ғам дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ андеша аст, ки инсонро аз зулматҳои равонӣ, бо қатъ сохтани сирри эҳсосот, ҳифз мекунад. Дарде, ки Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ аз он менолад, дар воқеъ ҳамон роҳест, ки тавонистааст, бо таъбири Мавлавӣ асли доноӣ ва ақли фаъолро аз рӯҳи мутаъолӣ дарёбад:

…Гар набошад сӯзи дил, зоҳир надорад эътибор,
Шамъро ҷуз тангудозӣ з-оташи боло чӣ ҳаз.
Моли дунё бо сабукборон намегардад қарор,
Бо ҳубоби пучмағз аз резиши дарё чӣ ҳаз.
Ашки хунин гар надорӣ, дида ҳам даркор нест,
Бе шароби арғувонӣ аз хуми мино чӣ ҳаз.
Ҳайфи он умре, ки дорад Мавлавӣ сарфи назар,
З-ин фунуни сафсата ё Раб, ба ин мулло чӣ ҳаз.
Чанд баҳри обрӯ бар ину он рӯ оварӣ,
Эътиборе нест ин ҷо, эй адампаймо чӣ ҳаз…[9, с.342].

Бояд гуфт, ки вақте, ки Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ ғамро аз ҳолати фардӣ ва «ман будам» ва азхудмеҳварӣ берун таҷассум менамояд, ба он ҷанбаи куллӣ ва башарӣ мебахшад. Ин ҳолат ғам чун ҳунар баҳри олоиши равонии раҳрави ишқ бармегардад ва дар мағзи инсон оташи сӯзандагӣ барқарор мекунад. Ғам хомӯшӣ надорад, зеро ишқ аст ва инсонро соҳиби ҳамаи ҷаҳони ҳастӣ месозад.

Ғам, ки аз ҳама чиз ба рӯи инсон механдад ва ҳатто ҷаҳони ҳастӣ пиромуни вай ошиқ ва хостгувор мегардад, ашкҳои инсон сарчашмаи умедҳои бепоён мегардад. Он вақт Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ аз баракати он ҳама тасаввуротҳои ноошно, ки дар хаёл аст, аз он яқин мегардад. Ғам чун андӯҳ ҳамеша дар камол аст. Камол, ки ҳеҷ ғаме ва шодие ба азамати он намерасад, фаротар аз ғамҳо ва шодиҳо аст:

Доғам аз ғам, ки маро ба сари роҳе накушӣ,
Ба гуноҳи назари карда паноҳӣ накушӣ.
Бегуноҳ куштани ошиқ ба ту набвад айбе,
Айб он аст, ки ошиқ ба гуноҳе накушӣ…
Ошиқи рӯи туро ҳеҷ даме мурдан нест,
Мурдан он аст, ки бо тири нигоҳе накушӣ…
Ҳофиро, албатта, он рӯз пазирӣ ба қабул,
Ки рақиби табаҳи рӯйсиёҳе накушӣ [9, с.381].

Андуҳ қалби инсонро бо шодиҳо пайванд намесозад, ҳол он ки ашкҳои инсон аз андуҳи қалбии ӯ сарозер аст. Инсон нолаҳои муштоқу орзуманди худро ширинтар аз огоҳиҳои мусиқӣ дармеёбад. Ғам торикии чашми инсонро ба олам мебандад. Инсон вақте, ки мавҷудияти худро бозмеёбад, ба фарёди дарунии ишқ гӯш медиҳад ва аз бузургии пиндори худ даст мекашад. Пас, ғам дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ оғозу талоши ҳамагир дар ҷаҳони ҳастӣ, баҳри шинохт ва бозшинохти Ҳақ таъоло аст:

… Аз шоми ту шамол ба Чин то шамим бурд,
Дар нофа баст Хито зи хато мушки нобро.
Доғам зи ғам, ки кошки ҳангоми масъалат,
Дашном ҳам ба ваъде гуфтӣ ҷавобро…
Ҳоҷӣ чи сон ба зурваи кӯйи ту раҳ равад,
Гардун куҷову пар задан мушти туробро [9, с.267].

Он чи ки ишқро васф мекунад, ҳамон шавқу иштиёқи инсон ба дарёи ишқ аст. Шавқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо ҳузуру ҳазрати илоҳӣ зоти сабр аст. Шавқ чун ишқ сифати лозиму тобеъ аз маъшуқ дур будан аст ва шӯълаест, ки баёни шавқи ошиқ бо дидору васли маъшуқ оромишу сукун меёбад. Иштиёқ рӯ ба рӯ шудани ошиқу маъшуқ аст.

Ишқ дидори хос аст, зеро ӯ мушаххас аст. Ишқ дар ҳар вазъ ва ҳол қобили дидор аст. Ишқ ҷойгоҳи хос барои дидор аст, ки инсон шавқу рағбат пайдо мекунад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чун раҳрави ишқ ба василаи хуруҷ аз ҷаҳони ҳастӣ майли дидори ӯ дорад. Робитаи ӯ ба Худо дар боби ишқ аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ тавассути хаёл, ақл маҳбубро комилтар аз лаззати моддӣ арз мекунад. Дар ғазали ӯ ишқ решаҳои аҳвол дорад, зеро ҳамаи аҳвол ба иродаи шавқ ба ишқ марбут мебошад. Ишқ мақом аст ва ӯро мавриди хитоб қарор медиҳад. Ишқ сифот ва маҳбубият аст, зеро зоти ишқ дар зоти маҳбуб аст. Ишқ сурури қалб аст, ки сабаби он ҳикояти ҷамоли маҳбуб аст. Ғайби ошиқ айни ғайби маҳбуб аст ва вуҷуди ӯ айни вуҷуди маҳбуб мебошад. Ҳар чӣ Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ишқро дар қалбаш нигоҳ дорад, ишқ ба маънои он аст, ки ӯ бояд худро ба маҳбуб таслим диҳад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ воқеияти ишқро медонад ва ба дидори ӯ рӯ меоварад. Дар баёни ишқ, ки мушкили забон дорад, ӯ вожаҳои рамзиро истеъмол мекунад:

… Аз ашки лаби ту лаъл дар кон,
Хун гашт, ба рӯйи олам омад.
Чашмам, ки зи хок барнахезад,
Чашмат чу ба хоби чашмам омад.
Ошуфта зи турраи ту сунбул,
Анбар зи хатат муттаҳам омад…[9, с.314].

Худованд зебоии танҳо аст ва камолоти ӯ дар худи ӯ аст. Ӯ дорои ҳусн аст, ки бо ҷамол худро маҳбуб мегардонад. Ҷамоли худованд ҷамоли мутлақ аст. Ин зебоӣ файзи худованд аст, ки инсонро ба худ ҷалб менамояд. Зебоии худованд бо идрок эҳсос мешавад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ зебоии худовандро тариқи идроки ҳиссӣ, ки ба маънои идроки суратҳои маҳбуб бо хаёл аст; идроки хаёлӣ, ки вуҷуд ва пойдории суратҳои маҳбуб дар хаёл аст ва идроки ақлӣ, ки дар интиқоли суратҳои маҳбуб ба зоти нафс аст, ки идроки ҳақиқӣ аст, таҷассум мекунад. Яъне, «…ишқ ҳолати ақлӣ аст, нерӯе аст, ки инсонро дар ишқ, ба лаззати ҳиссӣ мекашонад» [4, с.39]. Дар ин ҳолат, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ягонагии ишқи инсон ва маъшуқро на ягонагии маконӣ, байни ягонагӣ аз лиҳози қаробат медонад. Хулоса, раванди ишқ ба худованд, яъне ҷамоли куллӣ дар нафси инсон оғоз мегардад ва бо иттиҳод бо ин ҷамол, бо нафси инсон хотима меёбад:

…Ба ҷаҳони ману ту тарҳи иқомат дорем,
Чу биёбони сароб аст, ту худ медонӣ.
Зиндагонӣ чи қадар нашъаи ғафлат дорад,
Магар ин олами об аст, ту худ медонӣ,
Ҳоҷӣ бо қомати хам ҷойи дигар чун биравад?
Ҳалқаи ин дару боб аст, ту худ медонӣ [9, с.385].

Худованд дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ нури осмонҳо ва замин аст, фараҳбахш аз тавзеҳи ишқ аст. Нури худованд ба чароғе монанд аст, ки нур медиҳад. Чароғе аст, ки нур медиҳад ва нур мегирад. Нур дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ рамзи нафси инсон аст ва чароғ рамз аз ҷисми инсон аст, зеро нур дар он инъикос мегардад. Равғани чароғ аз ишқ аст, зеро ҳамаи чароғҳо бо василаи равған фурӯзонанд. Равған аз дарахти муборак, ки фазл аст, гирифта мешавад. Равған, ки беҳтарин сифати дарахт аст, ба хотири хислати фавқулоддааш нур медиҳад, ба инсон равшанӣ медиҳад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чунин мешуморад, ки ишқ аз фазл аст, яъне фазл бо ишроқи нури худованд ба даст меояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бедил. Осор. Ҷилди III. Муҳити аъзам. – Душанбе: Адиб, 1991. - 298 с.

2. Бедил. Осор. Ҷилди VI. Ирфон. – Душанбе: Адиб, 2005. - 301 с.
3. Қодиров К. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Ғазали ишқ / К. Қодиров. – Душанбе: Нашри Камол, 2020. - 248 с.
4. Қодиров К. Сайри ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ / К. Қодиров. – Душанбе: Маориф, 2021. - 262 с.
5. Магдиев С. Истоки и развитие малых жанров прозы персидско-таджикской литературы X-XI вв. / С. Магдиев. – Душанбе: Маориф, 1989. - 184 с.
6. Олимов К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ / К. Олимов. – Душанбе: Ирфон, 1992. - 194 с.
7. Олимов К. Мировоззрение Джалолиддина Руми / К. Олимов. – Душанбе: Ирфон, 1989. - 187 с.
8. Раузентал Ф. Торжество знания / Ф. Раузентал / Концепция знания в средневековом исламе. – М.: Наука, 1978. - 364 с.
9. Шамсиддин Шоҳин, Туғрали Аҳрорӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Ғазалистон / Шамсиддин Шоҳин, Туғрали Аҳрорӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ. – Душанбе: Адиб, 2018. - 411 с.
10. Шахмухаммедов А.Ш. Основные формы персидско-таджикской поэзии / А.Ш. Шахмухаммедов. – Тошкент: Фан, 2002. - 198 с.

Адабиёт бо забонҳои хориљї (форсї, англисї)

11. Ибни Арабӣ. Ишқ ва ирфон. Тарҷимаи Сайид Муҳаммад Родманиш / Ибни Арабӣ. – Меҳрон, 1375ҳ.ш. - 189 с.
12. Ибни Арабӣ. Маҷмӯаи расоили ирфонӣ. Тарҷумаи Муҳаммад Маҳди / Ибни Арабӣ. – Меҳрон, 1389ҳ.ш. - 204 с.
13. Раҳим Нажодсалим. Ваҳдати вуҷуд дар ирфони исломӣ / Раҳим Нажодсалим. Маҷаллаи “Кайҳони андеша”. – Теҳрон, 1371ҳ.ш., шумораи 41. – С.13-28.
14. Саид Аббос Ҳусайни Қоиммақомӣ. Шарҳе бар сафари ишқ / Саид Аббос Ҳусайни Қоиммақомӣ // Маҷаллаи “Кайҳони андеша”. – Теҳрон, 1371ҳ.ш., шумораи 41. – С.33-47.
15. Саид Аббос Ҳусайнӣ. Шарҳе бар сафари ишқ / Саид Аббос Ҳусайнӣ // Маҷаллаи “Кайҳони андеша”. – Теҳрон, 1381ҳ.ш., шумораи 9. – С.11-26.
16. Сайид Ҷаъфар Саҷҷодӣ. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ / Саҷҷодӣ, Сайид Ҷаъфар. – Теҳрон, 1370ҳ.ш. - 1001 с.
17. Nicholson R. Studies in Islamic mysticism / R. Nicholson. – Cambridge, 1992. - 303 p.
18. Zachner R.S. Mysticism Sacred and Profane / R.S. Zachner. – New York, 1972. - 284 p.

ТАСВИРИ РАМЗИИ ИШҚ ДАР ҒАЗАЛИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Асоси ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ нуқоти латифи ирфонӣ аст, ки сухани ғазал бе партави ирфон дар он намеғунҷад. Ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ тараннуми ишқи ирфониро дар бар мегирад. Фикри ӯ аз маърифат саррез аст ва ғазалаш ҷилопазир аст, ки ҷойгоҳи воло дорад. Худованд нур аст ва нуқоти ирфонӣ рамзи фаҳм дорад. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ғазал ваҷҳи таъолӣ ва мартабаи инсониро назар мекунад ва аз ин ҳайс ба арзишҳое пайваста аст, ки лутф доранд истеҳсоли лутф ва маънии ғазал аз истилоҳот ва ҳамоҳангии хос бархурдор аст. Фазои ғазали ӯ ба мизони қобили таваҷҷӯҳи доманадор дорад. Ташреҳ ва тафсири истилоҳоти ирфонӣ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ доманадор аст. Ин вожаҳо ва таъбирот, аз ҷумла “май”, “най”, “бода”, “соқӣ”, “майкада” дорои маънии хос мебошанд ва гоҳ дар асари касрат ва гоҳ дар асари ваҳдат истифода мешаванд. Дар мақола таъкид карда мешавад, ки вожаҳо чун мафҳуми калимот дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба сурати таъинӣ ва таъйинӣ ҳастанд. Истилоҳи “қадаҳ”, “ҷом” манзараи лолаву бӯйи гулро тасвир менамояд. Қадаҳ, ҷом мурод аз файзи муҳаббати Ҳақ аст ва он ҳақиқӣ аст ва маҷозӣ ва ҳеҷ гоҳе мубаддал ва мутағайир намешавад. Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ҷамоли Худо аст ва ҳар он чизе, ки дар олам зоҳири зебост партавгузори он Худост ва пайвандаш бо Худо ҳамчунин пайванди нури офтоб бо офтоб аст. Инъикоси рамзии ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ҷамоли Худо аст, ишқ як усули иттиҳод ва фано аст. Ин ишқ ба манзалаи мабдаи ҳаёт аст. Ишқ, ба манзалаи шавқ ва толиби ҷовидона дар олам аст. Аз ин рӯ, ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ инсонро ба худшиносӣ ва худошиносӣ даъват менамояд. Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ тасвирҳои гуногуни бадеӣ дорад ва ҳамчун воситаи иртиботи инсон ба Офаридгор аст.

Калидвожаҳо: Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ғазал, ишқ, рамз, най, майхона, май, соқӣ , бода, ҳақиқат.

ОТРАЖЕНИЕ СИМВОЛОВ ЛЮБВИ В ГАЗЕЛИ ХАДЖИ ХУСЕЙНА КАНГУРТИ

Основа газели Ходжи Хусейна Кангурти коренится в содержании символов любви. Состав и выражение газели Ходжи Хусейна Кангурти представляет собой стихотворение, звучание которого происходит посредством ирфанической любви. Любовь в этой газели полна щедрости, а ирфанический смысл, имеет осмысленную оболочку. В газели Ходжи Хусейна Кангурти фигурирует большое количество известных символов, таких как «кабак», «вино», «кравчий», «чаша», «кубок», «свирель» и др., которое в эпизодическом состоянии, в определенном, конкретном значении обозначают любовь. В статье подчеркивается, что смысл и содержание символов любви в рамках формы, радифа и рифмы весьма многогранны и аллегоричны. Хаджи Хусейн Кангурти в символах «кравчий», «чаша», «вино» преследует цель, не забывать горести жизни, избавиться от гордыни, очаровать интимного друга, а в один прекрасный день укротить непокорного жеребца удачи. Символ «кубок» уподобляется пейзажу тюльпанов и благоуханию роз, «кубок» – значит благодать милости Всевышнего, и она действительна, а не метафорична и никогда не принимается и не изменяется. Таким образом, отмечается, что суть газели Хаджи Хусейна Кангурти переполнена просветлением, слова торжественны и возвышенны. Любовь в газели Ходжи Хусейна Кангурти предстает красотою Бога, и все, что в реальном мире предстает красотою, источником её отражения, является Бог, а связь её с богом такова, как связь солнечного луча с солнцем. Любовь –

один из принципов союза и аннигиляции, начало иной жизни, стремление к вечности через препятствия и комбинации. Любовь в различных символах предстает своеобразным способом восприятия действительности и творческой силы как влечение и стремление к вечности, любовь присутствует во всевозможных актах рождения и творения. Отражение символических образов любви в газели Хаджи Хусейна Кангурти происходит в стилистике изображения любви. Поэт убежден, что мысль о Боге и есть совершенная красота любви и всякое проявление красоты в телесном мире – это лишь отражение красоты этой мысли. Исходя из этого, газели Хаджи Хусейна Кангурти ведёт человека к самосознанию и богопознанию, поэтому поэт высказывает убеждение, что любовь к Богу выражает добро и истину.

Ключевые слова: Ходжи Хусейн Кангурти, газель, любовь, символ, свирель, кабак, вино, кравчий, чаша, истина.

REFLECTION OF THE SYMBOLS OF LOVE IN THE GAZELLE OF HAJI HUSSEIN KANGURTY

The basis of Khoja Hussein Kangurti's gazelle is rooted in the sense of containing symbols of love. The composition and expression of the gazelle of Khoja Hussein Kangurti is an object, the sound of which passes through irfanic love. Love in this gazelle is full of generosity, and the irfanic meaning has a meaningful shell. In the gazelle of Khoja Hussein Kangurti, a large number of well-known symbols appear as "tavern", "wine", "kravchy", "chalice", "goblet", "flute", etc., which in an episodic state, in a certain, concrete meaning, denote love. The article emphasizes that the meaning and content of love symbols within the framework of form, radiith and rhyme are very multifaceted and allegorical. Haji Hussein Kangurti in the symbols "kravchy", "chalice", "wine" pursues the goal not to forget the sorrows of life, get rid of pride, charm an intimate friend, and one day tame the rebellious stallion of luck. The symbol "goblet" likens the landscape of tulips and the fragrance of roses to "goblet" - it means the grace of the Most High's grace and it is real, not metaphorical and is never accepted or changed. Thus, it is noted that the essence of the gazelle of Haji Hussein Kangurti is overflowing with enlightenment, the words are solemn and sublime. Love in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti appears as the beauty of God, and everything that appears in the real world as beauty, the source of its reflection is God, and its connection with God is such as the connection between the sun's ray and the sun. Love is one of the principles of union and annihilation, the beginning of another life, the striving for eternity through obstacles and combinations. Love in various symbols appears as a peculiar way of perceiving reality and creative power, as an attraction and striving for eternity, love is present in all possible acts of birth and creation. The reflection of symbolic images of love in the gazelle of Haji Hussein Kangurti occurs in the style of the image of love. The poet is convinced that the thought of God is the perfect beauty of love and every manifestation of beauty in the bodily world is only a reflection of the beauty of this thought. Based on this, the gazelles of Haji Hussein Kangurti lead a person to self-awareness and knowledge of God, therefore, expresses the conviction that love for God expresses good and truth.

Key words: Khoja Hussein Kangurti, gazelle, love, symbol, flute, tavern, wine, cracker, bowl, truth.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор. **Суроға:** 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **Karimjon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

Сведения об автора: ***Кодиров Каримджон*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Karimjon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

Information about the author: ***Kodirov Karimjon*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Karimjon@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

УДК: 891.5550

МУХТАССОТИ САБКИ ФАРДИИ ФАРЗОНА ДАР САТҲИ ФИКРӢ

Қосимзода С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаққиқи варзидаи адабиёт Абдунабӣ Сатторзода дар мақолаи «Аз фарши иҷтимоъ то арши кибриё» ҷанбаҳои маърифатӣ-ирфонии осори Фарзонаро баррасӣ намуда, дар поёни гуфтораш дар таъкид бар аҳаммияти пажӯҳиши дарунмояҳои шеъри Фарзона чунин менависад: «Таваҷҷуҳи хосса ба «Фарзона чӣ мегӯяд?» аз он аст, ки, нигоранда бовар бар он дорад, ки бидуни дуруст муайян ва муқаррар намудани тарзи тафаккури шоира, ба истилоҳи ӯ - «нигоҳу пиндору афкору маъниву ҷавҳару мояву лоия» наметавон ба пурсишҳои дигару масъалаҳои дигари фаъолияти офаринишиаш посухи саҳеҳ дод» [2, с.3].

Дарвоқеъ, чунин нест, ки ҷаззобият ва ҷалоли шеъри бону Фарзона фақат дар зебоӣ ва ҷилваҳои ҳунарии каломи ӯ хулоса шавад, балки сеҳри сухани ӯ андешаҳои афсунгар ва раднопазирест, ки дарунмояи шеъри ӯро шакл додаанд. Оре, аз назари ҳунарварӣ ва зарофати калом мо дар адабиёти даврони истиқлол беҳтар ва бартар аз намунаҳои Фарзонаро дорем. Аммо дар шеъри Фарзона каломи зебо бо андешаҳои зебо даромехта, ҳолу ҳавоеро ба миён овардааст, ки ҳеч хонандае наметавонад аз таъсир ва султаи он худро эмин нигаҳ бидорад.

Фарзона аз шоирони пуркори даврони мост. Танаввуъ дар осори ӯ ҳам дар навъи адабӣ, ҳам дар миқдори офаридаҳояш ва ниҳоят ҳам дар сатҳи фикрии навиштаҳояш ба вузуҳ равшан аст. Шояд беҳтар бошад, ки аз нигоҳи умумӣ ва сатҳӣ бар тафаккури шеъри ӯ худдорӣ кунем ва андешаҳоеро, ки дар осораш дармеёбем, дар алоҳидагӣ баррасӣ созем, то битавонем ҷойгоҳи ҳар яке аз онҳоро ба дурустӣ бозшиносӣ карда бошем.

Аввалин мавзуъ дар осори хонум Фарзона ишқ аст ва ин ҳақиқат борҳову борҳо аз сӯйи муҳаққиқони ашъораш таъкид шудааст. Худи ӯ мегӯяд:

Ман барои чӣ ишқ мегӯям?
Барои он ки вуҷуди ишқ
зи қайдҳои замони макону мазҳабу кеш озод аст.
Ишқ зангиву фарангиву хуросонӣ нест,
моли ҷопонӣ нест.
Ишқ ҳам оташи Прометей аст, ҳам шуъои кафи Мӯсо,
ҳам салиби Исо, ҳам нилуфари Буддо,
ҳам тулӯи Митро.
Ишқ меъроҷи Мустафост.
Ишқ – зеботарин хулосаи тамоми маърифатҳост.
Ишқ таркиби Худост [5, с.377].

Ҳамин аст ишқе, ки Фарзона аз он мегӯяд ва ишқест, ки то кунун дар адабиёти мо касе аз он нагуфтааст. Ва ин иддаои холӣ нест. Маъмулан, мо дар адабиётамон ду ишқ дорем: заминӣ ё воқеӣ, ки миёни ду нафар метавонад вуҷуд дошта бошад ва осмонӣ ё ҳамон ирфонӣ, ки муҳаббат ва ишқи инсонҳоро ба Офаридгор иброз медорад. Касоне, ки ишқи заминиро сурудаанд, дар холу хатту рӯю лаби маъшуқ гирифтор мондаанд ва саодати худро дар канори ӯ ёфтаанд.

Касоне, ки аз ишқи осмонӣ гуфтаанд ё ба ҷаҳону ҳар чӣ дар ҷаҳон аст, пушт кардаанд ва ё тамоми ҳастиро таҷаллигоҳи ҷамоли маъшуқи осмонии худ дидаанд ва аз ин зовия ба ҷаҳон бархӯрд доштаанд. Аммо ишқе, ки Фарзона онро мепарастад, на танҳо ин ду ишқи суннатиро канори ҳам овардаву бо ҳам оштӣ додааст, балки фаротар аз дил бурдану дил додан рафтааст.

Ишқи Фарзона ба тамоми ҳастист ва ин ишқварзиҳои ӯ танҳо далелаш ин нест, ки ҷаҳонро мазҳари Худованд мебинад, балки бовараш ин аст, зиндагӣ ҳамон ишқ аст. Ҳамин ҷост, ки ӯ ба маъшуқи заминии худ ишқ меварзад, ба Худои худ ишқ меварзад, ба ҳар чӣ дар табиат аст, ишқ меварзад, ба инсонҳои хуб ишқ меварзад, ба инсонҳои бад ишқ меварзад, ба зинда будан ва зистан ишқ меварзад:

Ишқ! Эй ишқ! Зи нав ишқ! Бале, танҳо ишқ!
Инчунин аст ҷавобам ба суоли ҳастӣ [5, с.247].

Ба хотири ту, аё ишқ,
Ба хотири ту,
Мубарротарин аҷобати дунё,
Ба хотири ту, муқаддастарин тариқати дунё.
Дилам ба ҳалқаи ҳастӣ ҳанӯз пайванд аст,
Дигар ба ҷуз ту ҳама фанд аст [5, с.262].

Ишқ аст, сутунмӯҳраи дунё ишқ аст,
Балки заробони дили фардо ишқ аст.
Гӯянд, ки ишқ нест, дар ҳеҷ куҷо,
Эй ҳеҷ куҷо, бибин, ҳама ҷо ишқ аст [4, с.402].

Зиндагӣ чист?
Ё дӯст доштан
Ё ҳеҷ!!! [5, с.340].

Шеър худ садои ишқ аст. Аммо дар миёни ин ҳама садову шӯру ғавғо ҳамчу садои Мавлоно садои Фарзона мутафовит ба гӯш мерасад. Чунон ки ишора кардем, ӯ касест, ки ҳамаро дӯст медорад ва ҳама ҷо аз ҳама кас дӯстдорӣ мехоҳад:

Аз садои гулӯлаҳо дили шаффофи шиша мешиканад.
Дарахти себ зи по тир хӯрдааст.
Оҳ, аз токи баланди синаи ман себ афтод,
себаки себи хуншор, себаке ҳамчу лампаи рӯшан,
себаки муъҷизаноки ман.
Ҳамсоя! Чароғҳо чаро хомӯшанд?
Чаро аз даҳони лӯлаҳо нағмаи об намеояд,
Парандаҳои лаби бом куҷо рафтанд,
Бори аввал мебинам, ки дарат қуфл аст.
Бори аввал
Ҳама дарҳои ҷаҳонро баста мебинам.
Ҳой! – фарёд мезанам.
Дар ҷавобам гулӯла метаркад.
Чаро ман наметавонам аз ин иҷтимоъи наҳс гурезам …
Эй Худоҷон, бигзор кӯдакон олуча хӯранд.
Бигзор даричаҳои дандонро бикушоянд ба қурси хуршед
Бигзор зангӯлаҳои поки дабистон садо зананд.
Оҳ, дар синаи ман чист, ки зангӯла мезанад.
Эй мардум!
Биёед ба ин маъбади зебоӣ барои некӣ кардан,
барои дӯст доштан, барои будан! [5, с.264].

Вақте ба мутолиаи ин шеър шурӯъ мекунем, оҳангҳои маъюсона, дилмондагӣ аз муҳити атроф ва орзумандиҳо бароямон итминон медиҳанд, ки шоир мехоҳад аз ҳамаи инҳо шикоят кунад. Аммо ӯ дар поёни шеър дубора ҳарф аз дӯст доштан мезанад, дубора ҷаҳонро ба дӯст доштан фаро мехонад. Ва аҷиб аст, ки дӯст доштанро бо будан як ҷо меорад, яъне ӯ маънии буданро дар дӯст доштан мебинад. Ҳамин аст фалсафаи воқеии ишқи Фарзона.

Ишқ дар шеъри Фарзона ба ҳама чиз пайванд мехӯрад. Ин пайвандро падидаи зебоӣ сурат мебахшад. Муҳаммадалии Аҷамӣ, шоир ва муҳаққиқи хушноми мо, чӣ хуб мефармояд, ки «Фарзона аз зовияи зебоӣ ба ҳастӣ, офариниш ва ишқ, ки муҳимтарин самт дар корҳои ӯст, менигарад. Аз назари Фарзона, агар инсон зебоиро маърифат кунад, метавонад дар ҳама мароҳили зиндагӣ муваффақ бошад, зеро зебоии ботин инсонро ба худ, ба ҳастӣ, ба зиндагӣ, ба офариниш ва ишқ, ки маънии ҳастии инсон дар он аст, ошно месозад.

Дар шеърҳои Фарзона зебоӣ танҳо дар сурати ҳар калима маънӣ намешавад, балки аз ин қаламрави маҳдуд фаротар меравад ва дар ишқ ва инсонҳо хулоса мешавад ва ишқ дар шеърҳои Фарзона ниҳояти камол ва ҷалоли ишқ аст» [1, с.249].

Ин ҳолатро метавон аз бузургтарин тафовути ишқи Фарзона аз ишқи суннатии адабиётамон донист. Яъне дар адабиёти мо, махсусан дар адабиёти ирфонӣ, ошиқ он вақт зебоӣ ва ҷамолро дар зарраҳои ҳаёт ба мушоҳида мегирад, ки зебоиҳои ҷаҳонро ҷилваи ҷамоли ҳақ меёбад. Аммо Фарзона чун дунёро зебо мебинад, чун ҳама ҷоро зебо мебинад, ба хотири ҳамин зебоиҳо ва ба шукри ҳамин зебоиҳо ишқ меварзад, ҳам ба офаринанда ва ҳам ба офаридаҳои ӯ:

Чаро гули садбаргеро,
ки дар ҳошияи боғ ба сар мебарад, намебинем.
Чаро зардолуи ситораҳоро
ки рӯи суфраи шаб мерезанд,
бо тахайюли дури нигаҳ намечинем.
Чаро ба тавофи дили ҳам дер мекунем…
Чаро ҳавсалаҳоро дар оғози кӯча пир мекунем.
Чаро ба ҳам сухани меҳрубон намегӯем.
Рӯзе бар рағми эътирози ғурури худ
Ба ту, ки дӯстам намедорӣ, мегӯям: Дӯстат медорам.
Ин муроҷиати ман
ба ҳама офоқ аст [5, с.473].

Албатта, мо фақат аз ҳамон нукоте гуфтем, ки ба андешаамон, танҳо хосси шеъри Фарзона аст ва аз ҳарфи дигарон тафовут дорад. Аммо дар умум, ишқ дар осори бону вусъати беинтиҳое дорад. Тағаззулоте, ки дар васфи ишқи заминӣ – ишқи ду тан Фарзона сурудааст, агарчи мавзуи куҳна аст, аммо боз ҳам диди тозаи шоир ва бардоштҳои ӯ аз ин ишқ мутафовит ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, ишқ дар осори Фарзона мақоми аввал дорад. Балки тамоми мавзӯоти дигар, ки шоир аз онҳо гуфтааст, навъе ба ишқ пайванд мехӯранд ва эҳсос мешавад, ки Фарзона ҳамеша дар пайи он аст, ки ҷаҳонро бо ишқ ошноӣ бидиҳад. Ин матлаб дар мақолаи «Аз фарши иҷтимоъ то арши кибриё»-и устод А. Сатторзода ба хубӣ баён шудааст, ки ҳоҷати такрори онро намебинем.

Аз дигар мавзуоти матраҳи шеъри Фарзона табиат аст. Фарзона аз офтобу маҳу гулу шабнаму субҳу баҳору фарвардину Наврӯз, борону барфу деҳаву рӯд, аз баргу хазону обону тирамоҳ бисёр гуфтаасту мегӯяд.

Шеърҳои «Эҷоди тасаввур» [5, с.16], «Шоми тирамаҳ» [5, с.23], «Ману сабзинабаҳор» [5, с.31], «Мақдами тирамоҳ» [5, с.53], «Деҳаи ту» [5, с.58], «Шеъри борон» [5, с. 61], «Баҳороғӯш» [5, с.124], «Гули зардолу мерезад» [5, с.144], «Баҳор мегузарад» [5, с.145], «Дар паноҳи ниҳоли бодом» [5, с.146], «Ғамҳои шӯшабаста» [5, с.147], «Узви навбаҳорон» [5, с.181], «Субҳи марҷон бастани олучаҳост» [5, с.282], «Ҳамзоди тирамаҳ» [5, с.388], «Бозгашти ҷон» [5, с.409], «Баҳор мемонад» [5, с.413], «Атсаи шарор» [6, с.75], «Тирамоҳи Лондон» [6, с. 254], «Биё, баҳор кунем» [6, с.268], «Гул ба гул омадӣ, баҳор, биё» [7, с.57], «Чаман гулчӯш шуд, Наврӯз омад» [7, с.131], «Эй вуҷудат вуҷуди наврӯзӣ» [7, с.492] ва ҳамчунин як даста дубайтиву рубоиёти ӯ бевосита дар васф ва тасвири табиат гуфта шудаанд.

Аз дигар мавзуоти меҳварии шеъри Фарзона иҷтимоиёт аст. Аммо агар аз хилоли иҷтимоиёти бону диққати худро убур диҳем, дармеёбем, ки масъалаи маънавияти ҷомеа хулосаи тамоми андешаҳои иҷтимоии шоир аст. Шояд иддао шавад, ки масъалаи маънавият ва ахлоқи одамӣ масъалаи сирфан ахлоқист ва наметавонад дар доираи масоили иҷтимоӣ баррасӣ шавад.

Аммо тафовути руҷӯоти Фарзона ба масоили маънавият маҳз дар ҳамин ҷост: ӯ ҳамчунон ки худ мегӯяд, мушкили аввали «асри меъроҷи тамаддун»-ро дар адами сифоти ахлоқии инсонӣ мебинад. Ин порча аз шеъри «Аз шикаст то нусрат»-и ӯ ҷомеаи имрӯзиро чунин тасвир месозад:

Бори дигар шикаст ёфтаам дар бархӯрд
Бо иҷтимои фосид.
Хориҷ аз ҷомеаи бадтаркиб,
Хориҷ аз ҳалқаи рӯини риё,
Хориҷ аз ишқҳои бо хиёнат олуда,
Берун аз растухези ҷисмҳои бедил,

Берун аз тӯдаи бемуҳтавои овора [5, с.445].

Ҳақиқат ҷуз ин нест, ки ҳамин масоили иҷтимоӣ, ҳамин ҳолати беруҳӣ ва зиндамурдагии ҷомеаи асри мост, ки Фарзонаро азият медиҳад. Барои ӯ мушкил аст таҳаммули ин ҳама қаҳтии маънавиёт дар асре, ки худи инсонҳо аз он чун «асри меъроҷи тамаддун» ёд мекунанд. Дар шеъри «Охирин нусхаи муҳаббат» шоир мефармояд:

Чӣ қадар мо мутамаддин шудаем.
Кӯдакони навсухан ҳам
бо телефунҳои кӯчаки ҷайбӣ
дар масофаи якчанд сантиметр ба ҳам
мавҷпайванд мешаванд.
Ҳар нафас бо чунин мубодилаи олоӣ,
бо ҳамин суҳбати бемантиқ,
бо ҳамин қилу қоли беҷавҳар
хурсанд мешаванд.
Асри меъроҷи тамаддун
мегузорад пеши мардум ҳазор барнома.
Мекунад чашми саморо
фурудгоҳи таҳайюр,
асри пурҳангома.
Таҳният мегуям,
Ки рӯйи боми Шумо
ба ҷои лолаарӯсак баъд аз ин
моҳвора мерӯяд.
Шеъри асри бисту як ҳам
Чу духтарони нимурёни кӯчаву хиёбонҳо
бе маҷозу ғулувву истиора мерӯяд.
Ҷодаҳо мерахшанд
аз ҷилои ҳазору як мошин.
Гирд мегардад бо суръати кайҳонӣ
чархи асри мутамаддин.
Инак, эй тундравон,
Ман шуморо як дақиқа зи роҳ медорам.
Ман фақат мехоҳам,
нафареро ба ёдатон орам,
Нафареро, ки ҳеҷ гоҳ намедонистед.
Тифли танҳоеро,
Ки дар сағирхонаи маъюс
дарахтеро оғӯш мекунад.
Бо ҳамин хоҳиши оғӯши волидонашро
лаҳзае чанд фаромӯш мекунад.
Ман фақат мехоҳам,
Мӯсафедеро аз фаромӯшхонаҳо ба ёдатон орам.
Мӯсафеди хонаи пиронро,
ки ба тилфони рӯи мизи долон
Дергаҳ менигарад,
Ба касе мехоҳад занг занад,
Аммо ба кӣ?
Ин ҷаҳон ҳафт миллиард одам дорад, аммо, на
Ин ҷаҳон ҳеҷ кас надорад [6, с.12-13].

Бешак, ин масъала масъалаи рақами яки асри мост. Адами муҳаббат, меҳрубонӣ, дӯстӣ, шафқату ҳамдардӣ аз масоили ҳамешагии иҷтимоиёти Фарзона аст, ки аз хилоли муносибатҳои иҷтимоӣ онҳоро дарёфта, ба хонанда менамоёнад ва аз хонанда мехоҳад, ки:

Ман фақат мехоҳам мову шумо андешем
Дар сари як сухани бисёр беороя:

Яъне меҳр [6, с.13].

Мушкили мардумро Фарзона, пеш аз ҳама, дар адами ин сифоти осмонии инсонҳо мебинад ва дар пайи рафъи ҳамин мушкилиҳо мекӯшад:

Ман дар ин қаҳтии имону қиматии ишқ
Ҳама муҳаббати худро ба шумо, эй мардум,
Ройгон мебахшам [6, с.15].

Гоҳо авқот бону аз ин ки дасташ дар бартараф сохтани ин «қаҳтии имон» кӯтаҳ аст, ноумед мешавад:

Аммо наметавонам
Шуморо аз ин дӯкони залолат
Наҷот бахшам.
Ба шумо, пурҷигарон
Мардҳои ҷавлонхоҳ,
Ки дар захираатон ҳар чӣ меҳрубонӣ ҳаст,
Дар кӯчаҳо, ба чор тараф пош медиҳед.
Вақте ба хона меоед
Дар кӯлборатон фақат дашном мондааст [6, с.15].

Магар табъизи хонаводагӣ масъалаи иҷтимоӣ нест? Ҳаст ва решааш дар ахлоқи бад, дар тарбияи бад нуҳуфтааст. Вижагиии иҷтимоиёти Фарзона ҳам ҳамин аст, ки масоили ахлоқиро берун аз воқеияти рӯзгори мардум баррасӣ намекунад, ба иборати дигар, ин бад асту он бад астро тӯтивор такрор намекунад, балки барои мо нишон медиҳад, ки ин қаҳтии ахлоқ чӣ паёмадҳои иҷтимоиро дар пай дорад.

Аммо дар умум, нигоҳи Фарзона нигоҳи хушбинона аст. Ӯ ҳамеша бовар дорад, ки инсонҳо метавонанд ва қодиранд, ки бо паймон бастан ба ишқ масоили худро ҳал кунанд. Ӯ ҳамеша мехоҳад ояндаи инсониятро неку ва равшан бинад:

Баъди се қарн дар ин кӯчаҳои бечарақа
Худо агар хоҳад,
Масҷиди аршгунбаде муждагонии
Ишқ хоҳад дод
Ва қасри фарҳанг
Ва як китобхонаи даҳошёна,
Чанд мактаб,
Мактаби ибтидоиву миёнаву олӣ.
Як боғи пуртарона барои тифлон,
Боғи олуболу,
Боғи гулбанди пурталолу.
Чанд гулгашти гуловез,
Чанд фаввораи шодоби хандарез [6, с.105].

Дар умум, масоили иҷтимоӣ дар шеъри Фарзона бо масоили маънавӣ пайванд мехӯранд, чун бону пеш аз ҳар чизе хостори ин аст, ки ҷомеа ба маънавиёт бархӯрд дошта бошад.

Яке аз мухтассоти аслии иҷтимоиёти Фарзона ин аст, ки ӯ бо баёни чизҳои сода метавонад масоили бузург ва густардаеро матраҳ созад. Чунин чизеро масалан Суҳроби Сипеҳрӣ анҷом медод, то ҷойе, ки аз ӯ айб мегирифтанд, ки «дар замоне ки Амрико дар Ветнам одам мекӯшад, ӯ нигарони об хӯрдани як кабӯтар аст» [3, с.6].

Ҳамин тавр, мухтассоти сатҳи фикрии сабки фардии Фарзонаро метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Паёми аслии Фарзона дар шеър паёми ишқу муҳаббат аст. Вусъати ишқ, муҳаббат, дар шеъри Фарзона марзи ишқи миёни ду инсон, ишқи инсон ба Офаридагорро мегузарад ва ба зиндагии рӯзмарраи инсонҳо пайванд мехӯрад. Фарохони дар канори ишқ зистан, ба ҳама кас ва ба ҳар зарроти зиндагӣ муҳаббат варзидан, ҳамаи робитаҳои инсониро дар хоки ишқ парвариш додан аз хилоли ашъори Фарзона ҳамвора ба гӯш мерасад.
2. Табиат ва тасвири он аз мавзуоти мавриди назари шоир аст. Ин тасвирот ҳамеша дар пайванд ба отифа ва эҳсосоти шахси ғиноӣ падид меоянд ва агар аз як тараф, нодиракориҳои

табиатро манзури хонанда созанд, аз тарафи дигар, ба ҳолу ҳавои худи қаҳрамони ғиноӣ ишорат мекунанд.

3. Бо тасвири табиат ва ё муҳити атроф оғоз шудани як қисми чашмгири ашъори ғиноӣ, ки сухан аз отифаву эҳсоси дарунӣ меравад, ҳамчунин шеърҳои иҷтимоӣ ва шарҳиҳолии Фарзона аз мухтассоти сабки фардии ӯст. Ин тасвирот намодина буда, руҳияи хонандаро барои қабули матлаби асосии шеър омода месозанд ва ӯро гирифтори ҳамон ҳолу ҳавое мекунанд, ки паёми аслии шеър ҳовии он аст.

4. Аз ҷумлаи тафовутҳои сабки фардии Фарзона дар сатҳи фикрӣ иҷтимоёти ӯст, ки решаи тамоми масоили иҷтимоиро дар камӣ ва ё нобудии маънавияти ҷомеа ҷустуҷӯ мекунад. Ба фарқ аз шеърҳои иҷтимоии замони мо, шеъри Фарзона хонандаро мутаваҷҷеҳи ҷанбаҳои маънавии мушкилоти ҷомеа месозад. Паёми асосии ӯ дар ин даста аз ашъораш боз ҳамон муҳаббат, меҳр ва ҳамбастагиву ҳамдилии миёни инсонҳост, ки вуҷуди онҳо, ба бовари шоир, ҷомеаро шукуфо мекунад.

5. Фарзона шоирест, ки бо баёни чизҳои бисёр сода ва гоҳе аҳаммиятнопазир масоили бузург ва муҳимми инсонҳоро матраҳ месозад. Ӯ бо тасвироти пуршӯр ва отифӣ аз зебоиҳо ва шукӯҳи ҳаёту табиат ва ё бо ҳарфҳои амиқ ва ҷонсӯз аз унсурҳои номатлуби зиндагӣ хонандаро бар ин бовар мерасонад, ки метавон бо расидагӣ ба масоили кӯчак мушкилоти бузургро бартараф сохт.

6. Тасвироти отифии муҳити атроф дар шеъри Фарзона хонандаро ба андеша ва тааммул вомедоранд, зеро бону дар ин гуна ашъор ба ишқ, ба самимият, ба инсоният, ба маънавият ва дар як калом ба арзишҳои инсонӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар ҷомеаи имрӯзӣ меандешад. Ӯ хонандаро мутаваҷҷеҳи ин матлаб месозад, ки дар ин асри «меъроҷи тамаддун» мушкили аслии инсоният «қаҳтии имону қиматии ишқ» аст ва ин ҷост, ки инсонҳо бояд биандешанд.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҷамӣ, М. Дар қаламрави шеъри Мавлоно / М. Аҷамӣ. – Душанбе: Маориф, 2006. – 288 с.
2. Сатторзода, А. Аз фарши иҷтимоъ то арши кибриё (меъроҷи шеър) / А. Сатторзода // Ҳақиқати Суғд. - 2014. - № 69 (17302). – 24 июл. - С.3.
3. Сипеҳрӣ, Сӯҳроб. Ҳашт китоб (баргардон, сарсухан ва шарҳи луғот аз Баҳриддин Алавӣ) / Сӯҳроби Сипеҳрӣ. – Душанбе: Девиштич, 2005. – 214 с.
4. Фарзона. Себарга. – Хуҷанд: Ношир, 2010. – 488 с.
5. Фарзона. Ҳама гул ҳама тарона. Дар 2 ҷилд. Ҷилди аввал. – Хуҷанд: Хуросон-медиа, 2014. – 504 с.
6. Фарзона. Ҳама гул ҳама тарона. Дар 2 ҷилд. Ҷилди дувум. – Хуҷанд: Хуросон-медиа, 2014. – 500 с.
7. Фарзона. Девон. Панҷсад ғазали дилангез. – Хуҷанд: Хуросон, 2014. – 540 с.

МУХТАССОТИ САБКИ ФАРДИИ ФАРЗОНА ДАР САТҲИ ФИКРӢ

Танаввуъ дар осори Фарзона ҳам дар навъи адабӣ, ҳам дар миқдори офаридаҳояш ва ниҳоят ҳам дар сатҳи фикрии навиштаҳояш ба вузуҳ равшан аст. Дар мақолаи мазкур мухтассоти фикрӣ ва дарунмояи шеъри шоир дар таҳлили сабкшинохтӣ ба баррасӣ гирифта шудааст. Муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки масоили иҷтимоӣ дар шеъри Фарзона бо масоили маънавӣ пайванд мехӯранд. Ҳамчунин, ҳолатҳои зерин аз мухтассоти фикрии шеъри Фарзона аст: паёми ишқу муҳаббат, табиат ва тасвири он, иҷтимоёт, тасвироти отифии муҳити иҷтимоии атроф. Муаллиф хулоса мекунад, ки Фарзона хонандаро мутаваҷҷеҳи ин матлаб месозад, ки дар ин асри «меъроҷи тамаддун» мушкили аслии инсоният «қаҳтии имону қиматии ишқ» аст ва ин ҷост, ки инсонҳо бояд биандешанд.

Калидвожаҳо: сабк, сатҳи фикрӣ, сабки фардии Фарзона, ишқ, табиат, иҷтимоиёт.

ОСОБЕННОСТИ ИНДИВИДУАЛЬНОГО СТИЛЯ ФАРЗОНЫ НА МЫСЛИТЕЛЬНОМ УРОВНЕ

Стихотворные произведения Фарзоны разнообразны. В ее творчестве можно встретить множество поэтических литературных жанров, как традиционно классические, так и различные жанры так называемого современного нового стиха. Особенности стиля поэтессы отражаются в идейном уровне её произведений. В данной статье рассматриваются идейные и философские особенности её поэзии в стилистическом плане. Автор приходит к выводу, что Фарзона очень тесно связывает социальные проблемы с духовными. Также к идейным особенностям поэзии Фарзоны относятся следующие черты: восхваление любви, природы и ее образы, социальные проблемы, эмоциональные изображения социальной среды. Автор заключает, что Фарзона обращает внимание читателя на тот факт, что в наш век «прогресса цивилизации» настоящая проблема человечества - это «недостаток веры и нехватка любви», и поэтому люди должны думать об этом всегда.

Ключевые слова: стиль, идейный уровень, индивидуальный стиль, любовь, природа, социальная проблематика.

IDEAL CHARACTERISTICS OF INDIVIDUAL PHARZONE STYLE

The diversity of Farzona's works is obvious both in the literary genre and in the number of her works, and, finally, in the ideological level of her works. This article examines the ideological and philosophical features of her poetry in stylistic analysis. The author comes to the conclusion that Farzona connects social problems with spiritual ones. Also, the following features belong to the ideological features of Farzona's poetry: the praise of love, nature and its images, social problems, emotional images of the social environment. The author concludes that Farzona draws the reader's attention to the fact that in our age of "progress of civilization" the real problem of humanity is "lack of faith and dearth of love", and that is what people should think about.

Key words: style, ideological level, Farzona's individual style, love, nature, society.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қосимзода Солеҳ Салим*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, дотсент, сардори раёсати таълим. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **soleh_76 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-583-76-76**

Сведение об авторе: ***Косимзода Солех Салим*** – Таджикский национлаьный университет, кандидат филологических наук, доцент, начальник учебной управления. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **soleh_76 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-583-76-76**

Information about the author: ***Qosimov Soleh Salim*** **-** Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor, head of the educational department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **soleh_76 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-583-76-76**

УДК: 892.7.09

РӮЗБЕҲОН БАҚЛИИ ФАСОИИ ШЕРОЗӢ ВА ШАРҲИ ШАТҲИЁТИ Ӯ (1128м.–1209м.)

Шодиев М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи илму фарҳанги форсу тоҷик шахсиятҳои зиёде мавҷуданд, ки омӯзиш ва баррасии ҳаёт ва осори онҳо бо сабабҳои гуногун аз назар дур мондааст, ба вижа дар кишвари мо. Намояндаи аҳли тасаввуфи асри XII Рӯзбеҳон Бақлии Шерозӣ (1128м.–1209м.) низ аз ҷумлаи ҳамин гуна ашхос мебошад, ки бо осори гаронбаҳои хеш дар таърихи илму фарҳанги форсу тоҷик нақши арзанда дорад. Ӯ бо таълифоти сершумораш дар тасаввуфи назарию амалӣ, фиқҳ, ҳадис, наҳву сарф, адабиёт ва дигар соҳҳои улуми замонаш шуҳратёб шудааст. Рӯзгори ин орифи шинохта дар замоне аз таърихи ҷаҳони ислом ба сар бурдааст, ки он аҳди таназзули пурраи хилофати Аббосиҳо ба шумор меравад. Ин даврае буд, ки мавҷи ҳамлаҳои Салҷуқиён аз Мовароуннаҳр ба сарзамини Эрон ва Ироқро авҷ мегирифт ва тавонистанд қисмате аз онро тасарруф намоянд, аз ҷумла зодгоҳи Рӯзбеҳонро. Ба ин нигоҳ накарда боз ҳам ҳукумати номиналии Бағдодро эътироф мекарданд. Вилояти Форс бошад дар зери назорати қабилаи нимамустақили салғуриҳо (туркманҳо) қарор дошт ва ба ҳокимони он иттоат мекард, вале ҳокимияти аслӣ дар дасти салҷуқиҳо буд [4, с.12].

Бо вуҷуди шуҳратмандӣ ва соҳибмактаб будан дар тасаввуф, осори ӯ то замони муосир хеле кам мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аз ибтидои асри 20 то ба инҷониб як идда муҳаққиқони ғарбию шарқӣ ба омӯзиши осори вай рӯ овардаанд. Хосатан пажуҳишгарони ғарбӣ ба шахсият ва осори Рӯзбеҳони Бақлӣ бештар ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд ва як зумра таълифоти ӯро мавриди таҳқиқ қарор дода ва ба чоп ҳам расонидаанд. Аз ҷумла, Анри (Ҳенри) Корбен [6;7;], Иванов В.[20], Карл В. Эрнст [19] ва Луи Масинон [21] шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ, ки бо ковишҳо ва навиштаҳои хеш хонандаи ғарбиро бо осор ва афкори ин шахсияти бузург дар илму адаби форсу тоҷик ошно сохтаанд. Аз ҷумлаи муҳаққиқони рус Алонсев М.А. низ як чанд мақола перомуни осор ва ақоиди Рӯзбеҳон ба нашр расонидааст [3, с. 4, 5]. Муҳаққиқони иронӣ ҳам мисли Муҳаммад Муин [15] ва Марям Ҳусайнӣ [10] пажуҳишҳое дар ин маврид анҷом додаанд. Мутаассифона, дар Тоҷикистон осори ин орифи форсу тоҷик то ба имрӯз ба таври ҷиддӣ омӯхта нашудааст, ба ҷуз нашри чанд мақола [17] ва иқтибосоти ҷудогона аз андешаҳои ин ориф дар ин ва ё он таҳқиқоти илмӣ. Пажуҳишҳои зикршуда танҳо қисмати ночизе аз осори ин орифи шинохта (Рӯзбеҳон Бақлӣ)-ро дар бар мегиранд ва ниёз ба омӯзиши пурраи осор ва ақоиди ӯ дар назди муҳаққиқон то ҳанӯз матраҳ мемонад.

Дар ин мақола сохтор ва мундариҷаи китоби «Шарҳи шатҳиёт»-и Рӯзбеҳон, ки аз намунаҳои беҳтарини насри қарни VI ҳичрӣ (XII м) аст, мухтасаран баррасӣ мегардад. Чун ин асар асари насрӣ мебошад, пеш аз он ки мо ба мавзуи мавриди назар дахл кунем, ҷиҳати ошнои хонанда бо вазъи наср ва хосатан бо насри ирфонӣ дар ин давра, месазад то ба таърихчаи ташаккулу таҳаввули насри форсӣ-тоҷикӣ назаре андозем. Аксари таҳқиқотҳо бар он ишора мекунанд, ки насри форсӣ-тоҷикӣ аз ибтидои асри XI м рӯ ба инкишоф ниҳод ва ин раванди ташаккулу таҳаввул то ба авохири асри XIII м идома дошт. Асрҳои XII м ва XIII м айни камоли насри форсӣ маҳсуб мешавад ва муҳаққиқон насри форсии ин даврароз насри арабӣ бартар донистаанд. Дар ин даврон бузургтарин адибон дар адабиёти форсу тоҷик зуҳур карданд ва аз худ осори гаронбаҳои зиёде ба мерос мондаанд. Осори ин давра мавзуъҳои гуногун илмӣ, иҷтимоӣ, ҳакамӣ, каломӣ, ирфонӣ ва адабиро дарбар мегиранд. Бешак, рушду ривоҷи тасаввуф дар ин марҳила омили муҳиме буд дар ривоҷи назму насри форсӣ, бавижа шохаи насри ирфонии он. Китобҳои муътабаре дар ин аҳд дар масоили мухталифи ирфонӣ таълиф шуданд, ки то имрӯз арзиши илмию адабии худро аз даст надодаанд, мисли («Табақоту-с-суфия», «Манозилу-с-соирин», рисолаҳои «Канзу-с-соликин», «Қаландарнома», «Муҳаббатнома», «Дилу ҷон», «Воридот», «Ҳафт ҳисор», «Мақулот», «Илоҳинома»-и Абдуллоҳи Ансорӣ; «Савонеҳ-ул-ушшоқ», «Лубобу-л-эҳё», «Китобу-з-захират фӣ илми-л-басират», «Баҳру-л-ҳақиқат»-и Шайх Абулфатҳ ибни Аҳмад, «Яздоншинохт», «Рисолаи ҷамолӣ», «Тамҳидот» ва «Номаҳо»-и Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, «Одобу-с-суфия», «Рисолату-т-тайр» ва «Кимиёи

саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ ва ғайра) [ниг. 22]. Онҳо шомили масъалаҳои гуногуни ирфонӣ, чун баёни усули тасаввуф, урафо ва шарҳи аҳволи мутасаввифа, шарҳҳои гуногун дар масоили ирфонӣ ва бар Қуръону аҳодис мебошанд. Ҷолиби қайд ин аст, ки китобҳои дар ин давра таълифшуда асосан «***дар айни содагии алфоз, аз ҳайси диққат дар маонӣ ва мазомин ба дунболи ороиши маънавӣ ва лафзӣ буданд. Илова бар он шеваи сачъ дар наср роиҷ гардид***» [22]. Пас, метавон гуфт, ки китоби «Шарҳи шатҳиёт»-и Рӯзбеҳон дар замоне таълиф шудааст (а.XII м), ки насри форсии тоҷикӣ дар марҳилаи рушду камоли худ қарор дошт.

Дар мавриди зиндагӣ ва осори ин орифи шинохта мақолаҳои алоҳида ба нашр расидаанд [4;17;], бинобар ин, мо аз баёни пурраи зиндагиномаи ӯ сарфи назар карда, асосан ба мавзуи мавриди баррасӣ қарордоштаи марбут ба китоби «Шарҳи шатҳиёт» бештар тавақҷуҳ менамоем. Ба ҳар сурат, Рӯзбеҳони Бақлии Шерозӣ, ки дар таърихи тасаввуф бо номи «Шайхи шаттоҳ» ва «Шаттоҳи Форс» маъруф аст, соли 1128м. дар Фасои (Пасои) Эрон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Илмҳои замонаашро дар зодгоҳаш омӯхт ва онро зимни сафарҳои хеш ба шаҳрҳои гуногун аз дасти олимону мутафаккирони замонаш такмил додааст. Вай дар айни камолоти умраш дар Шероз мустаққар шуд ва то охири ҳаёти хеш дар ҳамин ҷо зиндагӣ кард ва ба таълиму тадрис машғул буд. Рӯзбеҳон дар соли 1209 м ин ҷаҳони фониро падруд гуфтааст. Тавре ки зикр шуд, Рӯзбеҳони Бақлӣ осори зиёде (бештар аз 60 номгӯ) дар мавзуъҳои гуногун, мисли тасаввуф, фиқҳ, ҳадис, сафу наҳв, адаб ва ғайра таълиф кардааст, ки мутаассифона аксари онҳо то ба замони мо нарасидаанд. Аз ҷумлаи маъруфтарини ин осор, ки то имрӯз расидаанд, китобу рисолаҳое чун «Кашфу-л-асрор», «Абҳару-л-ошиқин», «Машрабу-л-анвор» ва китоби «Шарҳи шатҳиёт» мебошанд. Аз ин миён китоби «Шарҳи шатҳиёт» назди аҳли ирфон ва илму адаб шуҳрат ва маҳбубияти вижа дорад. Китоби мазкур аз ҷониби муҳаққиқ Анри (Ҳенри) Корбен [15] дар асоси ду нусха дастнависи дастрас таҳия шуда ба тасҳеҳ ва муқаддимаи фаронсавӣ соли 1966 м (1344 ҳ) дар Париж ба нашр расидааст. Бақлӣ китобати ин асари худро дар соли 1174м. дар Шероз анҷом додааст. Худи муаллиф аз таърихи таълифи ин асараш дар муқаддимаи он чунин баён доштааст: «...дар балдаи Пасо муддате бимондам, дар хотирам омад, ки шатҳиёти машоих ҷамъ кунам ва онро ба алфози мутасаввифа ба забони арабӣ шарҳе бигӯям... Чун дар он илм хавз (тааммуқ-М.Ш.) кардам [15, с.12]...ва девони ишон мутолеа кардам, бештарини шатҳиёт аз они султони орифин Боязид ва шоҳи мурғони ишқ Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ ёфтам, он аз ҳама мушкилтар дидам, алалхусус аз они Ҳаллоҷ. Ба ранҷонидани вай ғамнок шудам, аз барои тахлиси ин илм аз таъни ҳосидон ранҷи бисёр кашидам, то китобе муфрад дар ғароиби ***илми шатҳ*** ба фазли Ҳақ ҷамъ кардам ва онро «Мантиқу-л-асрор бибаёни-л-анвор» ном ниҳодам. Чун ба Шероз омадам ва он китоб тамом кардам, аз ҷумлаи ёрон ва муридони азизи қаробатӣ аз ман тақозо кард, ки «ин китоби шатҳро ба порсӣ шарҳе бигӯям». Чун бингаристам, ҳаққи суҳбати ӯ бар худ воҷиб дидам, асъофи ҳақ ӯро дар ин шарҳ хавз кардам, ва аз Ҳақ таоло ёрӣ хостам,. Дар итмом, ин наъти Таоло Аллоҳ ҷалла шаънаҳу ба карами амим ва лутфи қадим маро ёрӣ дод, то ба забоне латиф ин китобро шарҳ кардам** ва асмои риҷоли шатҳ дар он бигуфтам» [15, с.12-13].

Тавре ки аз суханони муаллиф айён мешавад ин асар маҳсули ду шаҳр-Пасо (Фасо) ва Шероз аст ва яке аз сабабҳои асосии навиштани он «барои тахлиси (халосии -М.Ш.) ин илм аз таъни ҳосидон» ва раҳоии орифоне чун Боязиди Бистомӣ, Мансури Ҳаллоҷ ва амсоли онҳо аз иттиҳомоту ҷурме, ки бар онҳо раво диданд «... аз ранҷонидани вай (Ҳаллоҷ-М.Ш.) ғамнок шудам» [15, с.13] будааст. Дар иқтибоси фавқ Рӯзбеҳон шатҳиётро «илми шатҳ» гуфтааст, яъне ин як сухани холӣ нест, балки он як илмест, ки на ҳар кас ба фаҳми он мерасад ва аз ин лиҳоз ӯ даст ба шарҳи он задааст то мазмуни аслии каломи шатҳомези машоих барои хонанда возеҳ гардад. Пас, шатҳ ва ё шатҳиёт чист, ки мардумро дар тӯли асрҳо бесанҷом карда буд ва ин суханон то ба имрӯз вирди забони хоссу омм аст? Аҳли тасаввуф дар ҳар давру замон бо матраҳ кардани андешаҳои вижаи хеш ва изҳор доштани суханони мабҳуме чун «Лайси фи ҷуббатӣ сиво Аллоҳ» ва ё «Аналҳақ», ки на ҳама маънои аслии онҳоро мефаҳмид, худро бо исломи расмӣ муқобил мегузоштанд. Суханони мазкур назди аҳли дин чун даъвои худоӣ кардани онҳо шарҳ

** Дар ин бора поёнтар таваққуф хоҳем кард.

мешуд, ки саранҷом онҳоро бар сари дор меовард. Ин гуна суханон дар тасаввуф ва адабиёти ирфонӣ бо номи «шатҳ» ва ё «шатҳиёт» (баъзан «ишорот») зикр шудаанд. Дар мавриди маънои ин калима дар сарчашмаҳою фарҳангҳо шарҳу ишораҳои зиёд мавҷуд аст, вале мо ҷоиз донистем, ки шарҳи онро сараввал аз китоби худи Рӯзбаҳон Бақлии Шерозӣ иқтибос намоем. Дар фасли даҳуми «Шарҳи шатҳиёт» таҳти унвони «Дар маънои зоҳири луғати шатҳ, ки ваҷҳаш дар арабият чун асту чаро сӯфиён онро шатҳ гӯянд?» чунин шарҳ пешниҳод мекунад. Аввалан ӯ шарҳи луғавии онро меорад: «Дар арабият гӯянд: «***шатаҳа,*** *яштаҳу*; изо таҳаррак, шатҳ ҳаракат аст ва он хонаро, ки орд дар он хурд кунанд «миштоҳ» гӯянд, аз бисёрии ҳаракат дар он бошад». Сипас ба шарҳи ботафсили истилоҳии он мепардозад, ки мулаххаси он ин аст: «Пас дар сухани сӯфиён шатҳ маъхуз аст аз ҳаракоти асрори дилашон, чун ваҷд қавӣ шавад ва нури таҷаллӣ дар самими сир олӣ шавад, ба наъти мубошират ва мукошифату истеҳкоми арвоҳ дар анвори илҳом, ки ӯ кулли эшонро ҳодис шавад… беихтиёр мастӣ дар ишон дарояд, ҷон ба ҷунбиш дарояд, сир ба ҷӯшиш дарояд, забон ба гуфтан дарояд, аз соҳиби ваҷд каломе содир шавад… он калимотро ғариб ёбанд ва чун ваҷҳаш нашиносад дар русуми зоҳир, ва мизони он набинанд ба инкору таън аз қоил мафтун шаванд» [18, 56-57]. Агар мо ин вожаро ба таври сода возеҳ шарҳ диҳем, пас мухтасари он чунин метавонад бошад: «...аз диди суфиён «шатҳ» иборат аз калимот ва суханоне аст, ки дар ҳолати сукр ва бехудӣ ва ғалабаи шӯру ваҷд ва мастию ҷазба бар забон ҷорӣ мешавад, яъне аз дидгоҳи орифони солик пас аз сайр дар марҳалаҳои сулуки рӯҳонӣ ва эҳёи дил ба ишқи илоҳ, равшан шудани чашми басират ба нури маърифат ва ба қадри зарфияти хеш шуҳуди Ҳақиқат, ҳолатҳоеро дарк мекунад, ки аз авҷи ваҷду шӯр ва ҷазба маншаъ мегиранд. Боло гирифтани ваҷду бехудӣ дар сӯфӣ ба ҷойе мерасад, ки аз тобиши нури таҷаллии Ӯ (Худованд) хештандориро аз даст медиҳад, маҳв, фонӣ, бехеш ва саршор аз асрори илоҳӣ мешавад. Дар ин ҳол маъниҳои шуҳудӣ дар қолаби сухан ва вожаҳо бар забони ӯ ҷорӣ мешавад ва ӯ ногузир ба ифшои роз мешавад:

Гуфт: «Он ёр, к-аз ӯ гашт сари дор баланд,
Ҷурмаш он буд, ки асрор ҳувайдо мекард» [18, с.57] .

Ҳамин тавр, шатҳиёт дар истилоҳ суханҳои машоихро гӯянд, ки «дар вақти мастӣ ва завқу ғалабаи ҳол беихтиёр аз ишон содир мешавад, чунон ки «Аналҳаққ» Ҳусейн Мансур (в.922ҳ.) гуфт, «Субҳонӣ мо аъзаму шонӣ» Боязид (в.261ҳ.) гуфт, ва «Лайса фи ҷуббатӣ сиво Аллоҳ» Абусаид Абулхайр (в.1049м.) гуфт …» [ниг. 8].

Дар таърихи тасаввуф Рӯзбеҳони Бақлӣ бо каломи шатҳгӯнаю шатҳомези (шатҳиёти) бешумораш чун «Шайхи шаттоҳ» ва «Шаттоҳи Форс» шинохта мешавад ва ба қавли худаш «*...аз қулзуми мавоҷиди ақдоҳи афроҳ бихӯрдам, дар ишқу муҳаббати сирф афтодам, ногоҳ айни қидам бар ман кашф шуд. Ба ҳабли исмати тавҳид маҷзуби таҷрид шудам. Дар бедои азал сафари абад аз сар гирифтам. Баъд аз фанои вуҷуд чун манзил намонд* ***ориф*** *шудам...* » [15, с.11]. Табиист, ки чунин орифон, ки зинаҳои расидан ба ҳақиқатро тай мекарданд ва ба ҳакиқат мерасиданд, аҳволи ботинии машоихро дар ҳолатҳои гуногун, бавижа дар ҳолати ваҷду бехудӣ хуб дарк мекарданд. Аз ҳамин ҷост, ки ӯ чунин рисолати муҳиму душвор-шарҳи шатҳиёти суфияро ба дӯш гирифт ва дар асари худ «Шарҳи шатҳиёт» даст ба шарҳу тавзеҳи ингуна каломи шатҳомезу шатҳгунаи аҳли ҳақиқат зад то «ҳақ будани аҳли ин суханонро» пеши омму хос доварӣ кунад. Рӯзбеҳон муътақид аст, ки шатҳ мавзуест, дарбаргирандаи се зуҳурот- ***шатҳи илоҳӣ*** дар Қуръон, шатҳи ***нубувват*** дар аҳодис ва шатҳи ***ошиқона*** дар тасаввуф. Бинобар ин, ӯ дар асари худ суханони шатҳомезу шатҳгунаро ба ҳамин тартиб тақсимбандӣ карда шарҳ додааст: оғоз аз каломи Ҳақ (***шатҳи илоҳӣ*** дар Қуръон), пайямбари ислом Муҳаммад (с) (шатҳи ***нубувват*** дар аҳодис), хулафои рошидин, тобеин ва бештар аз 45 намояндаи аҳли ирфон (шатҳи ***ошиқона*** дар тасаввуф). Ҳамчунин, дар шарҳи онҳо ба оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ низ истинод кардааст: «***ибтидо аз шатҳи Ҳақ гуфтам-ҷалла исмуҳу- ва асрори ҳуруфи таҳаҷҷӣ бигуфтам ва аҳкоми шатҳи муташобеҳоти ҳадис баён кардам. Баъд аз он шатҳи хулафои арбаа-ризвонуллоҳи алайҳим- бигуфтам, бо калимоте чанд аз рамзи тобеиён то тамҳиди китоб бошад, ва ба ҳуҷҷати мақолати шатҳ. Баъд аз он шарҳи шатҳиёти ошиқон бигуфтам, ва ибтидо каломи Иброҳим ибни Адҳам ва Абуалии Синдӣ ва Абуязид кардам***...» [15, с.44]. Баъд аз он шатҳиёти тамоми орифони дигари то замони Мансури Ҳаллоҷро шарҳу тавзеҳ додааст. Ба қавли худаш аз ҳама охир Абулмуғис (М.Ҳаллоҷ-М.Ш.)-ро шарҳ

кардааст, чун ҳадафи таълифи ин китоб ҳам ӯ буд: «***гарази куллӣ аз ҳама тафсир шатҳиёти Ҳусайн буд***, то аз маърази таън берун оварам, ва рамзи вайро ба забони шариат ва ҳақиқат шарҳ бигӯям, зеро ки шаъни суханаш аз ҳама аҷибтар аст, ...» [15, с.45] ва меафзояд «...он се қисм буд: дар се илм, ва ҳар [15, с.13] се мушкил буд, ва: яке ***асониди ғариб*** ва дигар ***алфози шатҳиёт*** ва дигар ***шарҳи Тавосин*** ва он қисм аз ҳама мушкилтар буд...» [15, с.13-14]. Аз ҳамин ҷост, ки аз 192 шатҳи овардааш аз каломи машоихи суфия 45 адади он танҳо аз Мансури Ҳаллоҷ (858м-922м) аст. Дар баробари ин, дар китоб 27 ривоят дар мавриди афкору афъоли Ҳаллоҷ ва ҳамчунин китоби Тавосин (шомил аз 11 тосин-мисли Тосин ас-сироҷ, Тосин ал-фаҳм, Тосин ад-доира, Тосин ан-нуқта ва ғайра), ки афкори ирфонӣ-фалсафии Ҳаллоҷро дар бар мегирад ва каломи шатҳгунаи зиёд дорад, ба форсӣ шарҳ шудааст. Китоби мазкур ягона асари Мансури Халлоҷ аст, ки аз оташи ғазаби мутаассибони давраш раҳо ёфт, чун онро Ҳаллоҷ дар замони дар зиндон буданаш таълиф карда буд ва тавассути дӯстанаш (Ибни Ато) аз он «зиндон» ҷон ба саломат бурдааст. Дар маҷмуъ, аз се як қисмати китоби Шарҳи шатҳиёт ба шарҳу тавсифи Мансури Ҳаллоҷ афкору андешаҳои ӯ бахшида шудааст.

Ҳамин тавр, баъд аз муқаддимаи тулоние, ки бо ҳамду санои Парвардигор оғоз мегардад ва сипас перомуни худи муаллиф, шарҳи вожаи шатҳ, маълумоти мухтасар дар бораи Мансури Ҳаллоҷ ва дигар машоих мебошад, муаллиф сараввал ба шарҳи каломи шатҳгунаи Қуръон мепардозад. Аввалин навъи каломе, ки дар шарҳи шатҳиёт ба-дон пардохта мешавад, дар бораи 8 ҳарфи алифбоӣ, ки ҳамагӣ аз пораҳои қуръониянд (*алиф, лом, мим, айн, сод, йо ва ҳо*) мебошад. Маълум аст, ки чанде аз сураҳои қуръонӣ бо ин гуна ҳарфҳои рамзомез оғоз мегарданд, мисли «*...**алиф лом мим** золика-л-китобу ло райба фиҳи*» (Бақара, ояти 1) ва ғайра. Ин ҳуруф мухтасаран дар яку ним саҳфа шарҳ шудаанд. Муаллиф дар идома, дар фасли «*Фи шатҳи набӣ (с)*» дар ҳудуди камтар аз аз 3 сафҳа ҳамчунин ба сурати мухтасар аҳодисе мисли «*Халақа Аллоҳу Одама ъала суратиҳи*» (Худованд Одамро бар сурати худ офарид)-ро шарҳ медиҳад. Аз шатҳиёти хулафои рошидин «*Ал-аҷзу ъан дарки-л-идроки идрокун* (*Нотавонӣ аз дарки идрок, худ идрок аст*»-ро намуна овардааст. Баъдан дар 7 сафҳа шатҳи тобеинро овардааст, ки дар маҷмуъ он 12 сафҳаро ташкил медиҳад. Баъд аз он шатҳиёти тамоми орифони дигари то замони Мансури Ҳаллоҷро шарҳу тавзеҳ додааст, ки 259 саҳифаро дар бар мегирад. Баъд аз Ҳаллоҷ Рӯзбеҳон дар асараш аз ҳама бештар шатҳиёти Абуязиди Бастомиро шарҳ додааст, ки намунае аз он чунин аст: «*Биёрой маро ба ваҳдоният ва дар пӯш маро ягонагии Ту ва ба аҳадиятам расон, то халқи Ту чун маро бинанд, Туро бинанд, онҷо Ту бошӣ на ман*» (с.79).

Барои ба дарозо накашидани сухан дар ин мавриd, бо овардани намунае аз каломи шатҳомези Иброҳими Адҳам ва Абу Саиди Абулхайр, иктифо мекунем: Иброҳими Адҳам мегӯяд: «*Агар лаҳзае дил ба даст оварам, аз фатҳи Рум дӯсттар дорам*» (с.76). Аз Абу Саид омадааст, ки «*Зери ҷуббаи ман ҷуз Ҳақ нест*» (с.146), ки мантиқан ҳамон «Аналҳақ» гуфтани Халлоҷ аст. Ҳамчунин, муаллиф дар ин китоб бештар аз 500 истилоҳи ирфониро ба мисли *шатҳ, маърифат, илтибос, тамс, рамс, ҳақи ҳақ, саҳв, сукр... ва ғайра* низ зимни бобҳои алоҳида шарҳу тавзеҳ додааст.

Дар мавриди сабку услуби баёни ин асар бошад, бояд зикр намуд, ки насри арабӣ, ки бавижа дар аҳди аббосиён хеле рушду нуму карда буд ва дар ташаккули насри форсӣ саҳми назаррас доштааст. Дар матнҳои насрии форсӣ метавон содабаёнии Абдулҳамиди Котиб, Ибни Муқаффаъ ва Ҷоҳиз ва сабку усули Ибни Амид, Қозӣ ал-Фозил ва Соҳиб ибни Аббодро, ки побанди сабки маснуи (фаннӣ)-и замонашон набуданд ва эътидолро дар сабку усул риоя мекарданд, мушоҳида намуд. Ҷумлаҳои кӯтоҳ ва содаи Шарҳи шатҳиёт монанди: «*Эй ақлу виҷдон! Куҷоед! Шумо аз он ҷаҳон талаби музди хидмат кунед, ва зуд аз ин майдон бар маркаби нестӣ гузар кунед. Эй ҳаким! То кай ҳикмат назм кунӣ, ва бозори ақл бад-ин назаҳот гарм кунӣ*?» [15, с.172] насри Ибни Муқаффаъ ва истифода аз саҷъ, санъатҳои бадеӣ ва истилоҳоти фаннӣ услуби Қозии Фозилро ба ёд меоранд: ***«Шодӣ бод, баъд аз ин бар арвоҳ ва аҷсоми ашираи бузургон, сайидони аброр, мукошифони аброр, осуда бод ҷони муҳоҷир ва ансор, аз ҳақ ба латоифи асрор, дигарон бар тобеини ахёр, ва раҳмати азизи ғаффор***» [15, с.10]. Бо вуҷуди ин, дар матни ин китоб истилоҳу таъбирот ва вожаҳои зиёди арабӣ истифода шудааст, ки фаҳми онро барои хонандаи одӣ душвор мекунад. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки замони зиндагии Рӯзбеҳон дар аҳди салчуқиён буд ва дар

ин давра ҳокимони туркнажод дар бадали забони форсӣ ба забони арабӣ бартарӣ дода буданд, бинобар ин, муаллифони форсизабон дар осори худ аз калимаю ибораҳои арабӣ бештар истифода мекарданд ва аксаран ба забони арабӣ таълиф мекарданд. Дар ин мавриди муҳаққиқ Карим Кишоварз менависад: «...ва ба тадриҷ чун сару кори нависандагону шоирон бо салотин ва дарбориён, монанди Ғазнавиён ва Салҷуқиён, ки форсӣ забони модарияшон набуд ва руҳи забонро дарк намекарданд афтод, андак-андак таъбирҳои номанъус ва такаллуфҳои бемағзу хунук вориди навиштаҳои хеш карданд. Дигар Амри Лайс вуҷуд надошт, ки бигӯяд: «Чизе, ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфт»[11, с. 113]. Чун Рӯзбеҳон донандаи забони арабӣ буд ва аксари осорашро ба ин забон таълиф кардааст, табиист, ки аз сабкҳои зикршуда низ бархурдор будааст. Дигар ин ки китоби «Шарҳи шатҳиёт» тарҷума аз арабӣ аст ва тавре ки қаблан зикр гардид, асли он китоби «Мантиқу-л-асрор бибайёни-л-асрор»-и ӯ мебошад. Бинобар ин, ҳангоми тарҷума калимаҳои арабии истилоҳӣ ғолибан ба форсӣ тарҷума нашудаанд.

Аммо дар мавриди сабку услуби баёни Рӯзбеҳон дар Шарҳи шатҳиёт бояд тазаккур дод, ки сабку услуби матни ин китоб вижагиҳои худро дорост ва ин вижагӣ тозагӣ дар баён ва навгонӣ дар истифодаи вожаю ибораҳо мебошад, мисли: «***чалипопарастони табъ***» [15, с.95], «***қифчоқистони малакут***»-[15, с.73], «***зогони мазобили табъи фалак***»[15, с. 212].. Ба ҳар сурат, дар мавриди забон ва баёни Рӯзбеҳон дар Шарҳи шатҳиёт бояд ба он ишорат кард, ки худи муаллиф забони баёнашро дар ин асар сода ва равон (латиф) ҳисобидааст [15, с.13]. Дар ҳақиқат аз раванди мутолеа ва баррасии матн бар меояд, ки ҷумлаҳои муаллиф кутоҳ, равон ва зебоянд. Ҳамчунин, аз санъатҳои бадеию баёнӣ ва санъати сачъ зиёд истифода намудааст ва ин насри ӯро мусаҷҷаъ ва «шеъргуна» намудааст. Бо вуҷуди ин дар дарки маънои онҳо хонандаи бехабар аз илми тасаввуф душворӣ хоҳад кашид. Пеш аз ҳама ин истифодаи истилоҳот ва таъбироти зиёди динию ирфонӣ, истифода аз вожаҳои махсус мисли байдо, қулзум, асир, машима, харита, вакр, новак, ақоқир, мунтамис, абҳаристон, ҷибоҳ, мунғамис, ҳайзум ва монанди инҳо фаҳми онро душвор мегардонад ва ногузир ба истифода аз луғатномаҳо водор мекунад. Дигар ҷиҳати душвории забони матн истифода аз иқтибосоти арабӣ, бавижа аз оёт ва таъбироти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ аст, ки барои тақвият ва ё шарҳи ақволи ин ва ё он аҳли ирфон овардааст, мисли «***Эй мурги биёбони ваҳдат! Дар вакри (лонаи-М.Ш.) «сидрати мунтаҳо***»††[Наҷм, ояти 14]. Ҳатто мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар Нафаҳот-у-унс баён доштааст, ки «мар ӯро суханон аст, ки дар ҳоли ғалабаи ваҷд аз вай содир шудааст, ки ҳар кас ба фаҳми он нарасад» [1, с.261]. Аз печидагӣ ва душвории матни форсии ин асар муҳаққиқ Карл В.Эрнст низ дар пажуҳишҳояш зикр кардааст. Бинобар ин, вай на Шарҳи шатҳиёти форсӣ, балки «Мантиқу-л-асрор»-и арабиро, ки матни аслии Шарҳи шатҳиёт аст, аз арабӣ ба англисӣ тарҷума мекунад [19, с.38]. Бо вуҷуди он ки Рӯзбеҳон дар муқаддимаи китоб аз содагӣ ва латифии забони асараш иброз дошта бошад ҳам, дар дохили матн мегӯяд: «...***аз ин хирман дона ҷуз мурғони унс бар надоранд. Ҳар...ки бонги хурӯси малакути аз батнони ғайби ҷабарут нашнавад...рамзи ин шатҳиёт бар ӯ гаромат оварад»... ва «...сӯфиён донанд, ки чи гуфтам, зеро, ки ишорати ишон аст***» [15, с. 458-459)]. Дар тақвияти суханони Рӯзбеҳон муҳаққиқ Анри Корбен баён доштааст: «Ин асар китоби ягонаест, ки бояд саводи хондани онро омӯхт ва ин саводи хондан, яъне таъвил ва танҳо мардони роҳи шавқи маънавӣ тавони таъвилро доранд» [15, с18]. Омилҳои дигари душворфаҳмии матни китоби Шарҳи шатҳиёт ин истифодаи санъатҳои бадею баёнӣ мебошанд. Санъатҳои бадеӣ ва баёнӣ аз қабили ташбеҳ, истиора, ташхис, такрор, ҷинос ва амсоли онҳо дар ин асар хеле зиёд ба назар мерасанд ва матни онро шеъргуна кардаанд. Чун омӯзиши ин мавзуъ, яъне санъатҳои бадею баёнӣ дар асари мазкур баррасию таҳқиқи алоҳида мехоҳад, мо барои ҳар яке аз ин санъатҳои дар матн истифодашуда танҳо якчанд намуна хоҳем овард.

Ташбеҳ, ки яке аз унсурҳои муҳим дар тавсиф маҳсуб мешавад дар матни китоб зиёд истифода шудааст ва муҳаққиқон дар мавриди истифодаи ташбеҳ дар матн, ду навъи онро зикр карданд, яке ташбеҳи тоза (равшан) ва дигар ташбеҳи пӯшидааст: «***То инони шамшери ҷаҳл аз ғамди ҳасад бар кашида буданд ва аз нодонӣ бар худ мезаданд. Ғайрати ишқи маро***

††Дуртарин дарахт (лотус-сидра). Ин номи дарахти азимест, ки дар осмони ҳ афтум мерӯяд. Чунин ном гирифтани он аст, ки ҳар чӣ аз замин боло меравад ва ҳар он чи аз ҷониби Худо нозил мешавад, ба он мерасад.

шарбат сакина дод то аз ғамароти муҳаббат сокин шудам[15, с.52], ва «***Ямини аҳадият дар саҳрои ваҳдат аз ғамди қудрат шамшери ғайрат баркашид***» [15, с.112]. Ҳамчунин, таркибҳои изофӣ, мисли: «офтоби таҷаллӣ» [15, с.88], «қайсари нафс» [15, с. 94], «анкабуди ҳадас» [15, с.100], «меваи мушоҳида» [15, с.115], «алмоси хирад» [15, с. 156], «даи иродат»-… «асқолу авқори ҳумуми муҳибон» [15, с. 45], «абҳари басотини унс» [15, с.48], «ароиси ғайби ғайб» [15, с.82], «наҷди сапидмуҳаразани субҳи бақо» [15, с.203], «ҳудҳуди Сулаймони азал» [15, с.92], «ғубори рахши зобулиёни ваҳдат» [15, с.121], «доми донаи гандуми Одам»-[с.164] ва ғайраро ба ҳамин санъат мансуб донистаанд [2, с.31].

Усули дигари балоғӣ баъд аз ташбеҳ, ки дар баёни андешаҳои Рӯзбеҳон нақши таъинкунанда дорад, **ин истиора** аст. Муҳаққиқон дар навъи истиора дар шарҳи шатҳиёт ба ду намуди он ишора кардаанд: Истиораи макния ва мусарраҳ (возеҳ) [2, с.33]. Мисли: «*ман дасти амолӣ аз домони амонӣ бидоштам*» [15, с.215], «аз ҷамоли ҷонам лаби аҷал хандон дидам ва чашми амал гирён» [15, с. 237], «дидаи аҷал», «домани дил» [15, с.223], «пешонии замон» [15, с.147], «гӯши ҷон» [15, с.192] ва ғайра. Навъи дигари истиора – истиораи фушӯрда мебошад. Ин навъи истиораро муаллиф дар қолаби таркибҳои тоза пешниҳод мекунад. «Аруси қидам (Худо) аз сари мастӣ ба нури китоб қаноат накарданд… Мусовор шуҳуди айни кул хостанд»[15, с.57]. «Мурғи лоҳут (ҷон) қафаси носут (ҷисм) бишикаст» [15, с.135], «шоҳини басотини ғайрат» [15,с.181], «Нухоси арӯси аҷал» [15, с.15], «гули гулистони азалиёт» [15, с.192], «анқои қофи даймумият» [15, с.278], «маҳоркаши қатори матоёи асрор» [15, с.300] ва ғайра. Санъати ташхис низ дар асар фаровон истеъмол шудааст ва забони онро оростааст: «дидаи тафаккур» [15,53], «дасти қудрат» [15, с.317], «офоқ ба меҳр, ғулому чокари ишон шуд» [15, с.46], «наххоси азал, ангӯшт дар дандон дидам ва ва модари одам ҳайрони табассуми субҳи сифат» [15, с.237], -«ҷон ба ҷунбиш дарояд, забон ба гуфтан дарояд, сар ба ҷӯшиш дарояд, забон ба гуфтан дарояд» [15, с.81].

Аз санъатҳои баёнӣ дар асар бештар «такрор» ба кор бурда шудааст ва он аз вижагиҳои дигари сабк ва унсурҳои забонӣ ва мусиқиёии Шарҳи шатҳиёт мебошад. Такрор аст, ки вазифаи таъкид ва тақвияти маъно ва афзоиши бори маъноии вожаҳоро бар ӯҳда дорад: «***Фано*** дар ***фанои*** даъби раҳравони малакут ва ***бақо*** дар ***бақо*** моли дилбарони ҷабаррут» [15, с.5], -«қунути асфиё дар зӯри мазори қидам чун ***ҷоничон*** аз нирони шавқафсон»-с.45 ва ғайра [15, с.35]. Тавре ки мулоҳиза намудем, китоби Шарҳи шатҳиёти Рӯзбеҳони Бақлии Шерозӣ аз аввалин ва муфассалтарин китоб дар ирфони таълимист, ки муаллиф дар он суханону гуфтаҳои шӯрангези шатҳгунаю шатҳомез оғоз аз Каломи Худо ва расули он, хулафои рошидин ва асҳобу тобеин ва хоссатан машоихи аҳли ирфонро оварда, онҳоро шарҳ додааст. Бо ин восита ӯ хостааст нишон диҳад, ки он шатаҳоте, ки орифони ба ҳақрасида иброз кардаанд, ҳама реша дар Қуръону аҳодис доранд ва онҳоро ба куфру илҳод муттаҳам кардан аз рӯйи адолат нест. Бавижа Бақлӣ ба шахсияту афкор ва осори суфии машҳури олами ислом Мансури Ҳаллоҷ (ваф.922м) таваҷҷуҳи бештар додааст. Ӯ яке аз мубҳамтарин китобҳоро дар тасаввуф, «Китобу-т-тавосин»-и Ҳаллочро тарҷума ва шарҳ кардааст, ки барои омӯзиши ақоиди ирфонии ин орифи форсу тоҷик маводи хубе хоҳад буд. Ҳамчунин, бо баррасии китоби Шарҳи шатҳиёт метавон бо намунаи насри тасаввуфии форсии асри 12 м, бо сабку услуби нигориш, истифодаи санъатҳои балоғию баёнӣ, аз қабили ташбеҳ, истиора, ташхис, такрор, ҷинос ва дар маҷмуъ бо забони насри ирфонии ҳамон давра ошно шавем. Новобаста аз он ки забони матни ин китобро муаллиф «латиф» номида бошад ҳам, вале он барои хонандаи ноогоҳ ва ё ғайримутахассиси соҳа мушкил мебошад. Бинобар ин баррасӣ ва тахлили забони ин асар низ як кори алоҳида мехоҳад. Дар хотима барои тақвияти ин гуфтаҳо қавли муҳаққиқ Ҳенри Корбенро иқтибос мекунем, ки мегӯяд: «Ин асар китоби ягонаест, ки бояд саводи хондани онро омӯхт ва ин саводи хондан, яъне таъвил ва танҳо мардони роҳи шавқи маънавӣ тавони таъвилро доранд» [15, с18].

Муқарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуррањмони Љомї. Нафањоту-л-унс фи њазароти-л-ќудс / Абдуррањмони Љомї; муќаддима, тасњењ ва таълиќоти Мањмуд Обидї. – Теҳрон: Иттилоот, 1370.

2. Алї Асґар Халилї, Њуейн Њасанпур. Баррасї ва тањлили тасвир дар Шарњи шатњиёти Рўзбењон Баќлии Шерозї (522-606њ.). Пажўњишњои адаби ирфонї (Гавњар Гўё). Нашрияи илмї-пажўњишї,Шумораи чањорум, 1396.с.23-40.
3. Алонцев, Максим Альбертович. Зарождение и виды человеческой и Божественной любви в трактате Рузбихана Бакли «Жасмин влюбленных» / Максим Альбертович Алонцев // Вестник РГГУ. Серия «Востоковедение. Африканистика» (научный журнал). - М.: Издательский центр РГГУ, 2012. - № 20(100)/12. - с. 12.
4. Алонцев Максим Альбертович. Рузбихан Бакли и "старые теории о любви" (Тезисы доклада) / Максим Альбертович Алонцев // Российский государственный гуманитарный университет, 2012.
5. Алонцев Максим Альбертович. «Суфийская метафизика любви в трактате Рузбихана Бакли «Жасмин влюбленных» / Максим Альбертович Алонцев // Вестник РГГУ3. Научный журнал. Серия «История. Филология. Культурология. Востоковедение». - М., 2015. - №3. - С. 66-73.
6. Анри Корбен. История исламской философии / Анри Корбен. - М.: Прогресс-Традиция, 2010.- 360 с.
7. Анри Корбен. Свет Славы и Святой Грааль / Анри Корбен // Музыкальный смысл персидского мистицизма; пер. с франц., англ. и фарси. - М.: Волшебная Гора, 2006. - 224 с.
8. Гуњарбин, Сайид Содиќ. Шарњи истилоњоти тасаввуф. љ.7, Теҳрон, Интишороти рўз, 1382њ.
9. Ќуръони карим ва тарљумаи маонии он дар равиши тафсири Муяссар ба забони тољикї. –Мадинаи мунаввара: чопхонаи Ќуръони карим, Муљаммаът Малик Фањд, 1436. – 1638 с.
10. Марям Њусайнї. Муќаддимаи Кашфу-л-асрор ва мукошифоту-л-анвор / Марям Њусайнї. - Теҳрон:Интишороти «Сухан», 1393. -297 с.
11. Рашидова Дилафрўз. Таърихи адабиёти араб (давраи аббосї)/Д. Рашидова. Дастури таълимию методї барои донишљўёни ихтисоси филолог-шарќшинос. Хуљанд: Нури маърифат, 2016.-148 сањ.
12. Рузбихан Бакли. Жасмин влюбленных / Рузбихан Бакли; перевод первой главы на русский язык и комментарии // Суфий. - М., 2011. - № 12. - С. 43–53.
13. Рўзбењони Баќлї. Абњару-л-ошиќин / Рўзбењони Баќлї; ба тасњењ ва муќаддима ба забони форсї ва фаронсавї Анри Корбен ва Муњаммад Муин. - Париж-Теҳрон, 1981 м. (1360њ.). – 368 с.
14. Рўзбењон Баќлии Шерозї. Кашфу-л-асрор ва мукошифоту-л-анвор / Рўзбењон Баќлии Шерозї. – Теҳрон: Сухан, 1393њ.ќ. 266+42 с.
15. Рўзбењони Баќлї. Шарњи шатњиёт, ба тасњењ ва муќаддимаи фаронсавї аз Анри Корбен / Рўзбењони Баќлї. - Теҳрон, 1344 ш. -778с.
16. Рўзбењоннома. – Теҳрон: чопи Муњаммадтаќї Донишпажўњ, 1347 ш.
17. Шодиев М. Назаре ба рўзгор ва осори Рўзбењони Баќлии Шерозї (1128м.-1209м.) / М. Шодиев //Паёми Донишгоњи миллии Тољикистон. – «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарљума». –Д., 2017. – № 4/5. –С. 156-161.
18. Шодиев М. Ташаккул ва тањаввули вожаи «шатњ» («شَطْحٌ») ва муштаќоти он дар адабиёти ирфонии форсу тољик ва араб/ М. Шодиев //Паёми Донишгоњи миллии Тољикистон. – «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарљума». –Д., 2017. – № 4/7. –С.175 – 181.
19. Эрнст Карл. Рўзбењон Баќлї; тарљумаи д. Маљдуддин Кайвонї/ К.Эрнст/– Теҳрон: Нашри Марказ, 1377.
20. Ivanov W. A Biografy of Ruzbihan al-Baqli / W. Ivanov // In journal and Proceeding of Bombay Branch of the Royal Asiatic Society of Bengal. - N.S. XXIV. – P. 353-361.
21. Massignon, Louis. (1953) “ La Vie et les auvres de Ruzbihan Baqli” / Louis Massignon // In Studia Orientalia Loani Pedersen… Dicata. - Copenhagtn: E. Munksgaard. – P. 236-249.
22. https://tg.wikipedia.oќg/wiki/Адабиёти_тасаввуф

РЎЗБЕЊОН БАЌЛИИ ФАСОИИ ШЕРОЗЇ ВА ШАРЊИ ШАТЊИЁТИ Ў

Дар маќола муаллиф сохтор ва муњтавои китоби **Шарњи шатњиёти** орифиасри XII форсу тољик Рўзбењон Баќлии Шерозї (1128м.-1209м.), ки бо таълифоти пуразиши худ дар рушди тасаввуфи назарї ва амалї, њадису тафсир, забони (сарфу нањви) форсию арабї ва шеъру адаби ирфонї наќши муњим дорад, мавриди баррасї ва тањќиќ ќарор додааст. Китоби Шарњи шатњиёт аз аввалин ва пурратарин китобњоест, ки дар мавзуи шатњиёти ањли ирфон ба забони форсї таълиф шудааст. Каломи шатњомез ва ё шатњгунаро Рўзбењони Баќлї дар ин китоб аз каломи илоњї, суханони пайѓамбари ислом, сањобаю тобеин ва ањли тасаввуф, аз Ибронїими Адњам то Мансури Халлољ шарњу тавзењ додааст. Таваљљуњи бештари ў ба Боязиди Бистомї ва Мансури Халлољ нигаронида шудааст. Аз се як њиссаи китоб ба Мансури Халлољ бахшида шудааст, чун «маќсади таълифи китоб низ ў» будааст. Дар баробари ин, муаллифи маќола кўшиш ба харљ додааст, ки дар мавриди сабку услуби ин китоб назари худро иброз намояд. Вай вижагињои забони матни китоб, санъатњои бадеї ва лафзии дар он истифодашударо бо мисолњои мушаххас нишон додааст. Бо вуљуди душвор будани забони таълифи китоби мазкур он дар омўзиши таърихи рушди насри форси тасаввуфи форсу тољик ва умуман адабиёти тасаввуфї дар асри XII сарчашмаи хеле муњим мебошад ва баррасию тањќиќи пурраи он дар оянда аз љониби муњаќќиќони ин соња аз ањамият холї нахоњад буд.

Калидвожањо: Рўзбењон, Баќлї, Шерозї, тасаввуф, ориф, сўфия, наср, Боязид, шатњ, шатњиёт, Мансури Њаллољ, Анри, Иванов, Эрнст.

РУЗБЕХОН БАКЛИ ФАСОИ ШЕРОЗИ И ЕГО КНИГА ШАРХИ ШАТХИЯТ

В данной статье автор рассматривает структуру и содержание книги «Шархи шатхият» персидско-таджикского ученого XII века Рузбехона Бакли Шерози (1128-1209), внесшего свой вклад в развитие теоретического и практического суфизма, хадисоведения, толкования, языка (арабской и персидско-таджикской

грамматики) и суфийской поэзии. Книга Шархи шатхият (Толкование шатийят) является одной из первых и наиболее полных книг, написанной на персидском языке на тему шатхийят суфиев (высказивание суфиев в состояние экстаза). В этой книге Рузбехон Бакли анализировал и комментировал высказывания суфиев в состояние экстаза (шатха), однако этот анализ он начинет с оятов Корана, хадисов Пророка ислама, слова его праведных хелифов, сподвижников, а затем приводит высказивания суфиев, начиная от Ибрагима Адхама до Мансура Халладжа. Больше всего его внимание сосредоточено на Баязида Бистоми и Мансуре Халладже. Одна треть книги посвящена Мансуру Халладжу, знаменитому мистику 9-10 в. казненому за высказиванию «Аналхак» («Я есть Истина»), поскольку для автора «он был целю написания этой книги». В то же время автор статьи попытался высказать свое мнение о стиле этой книги, показать специфику языка текста книги и используемых в ней литературных приёмов на конкретных примерах. Несмотря на сложность языка написания этой книги, она является очень важным источником в изучении истории развития персидско-таджикской суфийской прозы и суфийской литературы XII века в целом. Изучение данного источника в дальнейшем является важным шагом в области литератураведения.

Ключевые слова: Рузбехон, Бакли, Шерози, суфизм, мистик, суфизм, проза, Баязид, Шатх, Шатхият, Мансур Халладж, Анри, Иванов, Эрнст.

RUZBEKHON BAKLI FASOI SHEROZI AND HIS BOOK SHARHI SHATKHIYAT

In this article, the author considers the structure and content of the book "Sharkhi Shatkhiyat" by the Persian-Tajik scholar of the XII century Ruzbekhon Bakli Sherozi (1128-1209), who contributed to the development of theoretical and practical Sufism, hadith studies, interpretation, language (Arabic and Persian-Tajik grammar) and Sufi poetry. Sharhi shatiyat (Explanation of shatiyat) is one of the first and most complete books written in Persian on the subject of Sufi shatiyat (Sufi sayings in a state of ecstasy). In this book, Ruzbekhon Bakley analyzed and commented on the statements of the Sufis in a state of ecstasy (shatha), however, he will begin this analysis with the verses of the Koran, the hadiths of the Prophet of Islam, the words of his righteous caliphs, companions, and then he cites the statements of the Sufis, starting from Ibrahim Adham to Mansur Hallaj . Most of all, his attention is focused on Bayezid Bistomi and Mansour Hallaj. One third of the book is dedicated to Mansur Hallaj, the famous mystic of the 9th-10th century. executed for saying "Analhak" ("I am the Truth"), because for the author "he was the goal of writing this book". At the same time, the author of the article tried to express his opinion about the style of this book, to show the specifics of the language of the text of the book and the literary techniques used in it with specific examples. Despite the complexity of the language of writing this book, it is a very important source in the study of the history of the development of Persian-Tajik Sufi prose and Sufi literature of the XII century in general. The study of this source in the future is an important step in the field of literary criticism.

Key words: Ruzbekhon, Buckley, Sherozi, Sufism, mystic, Sufism, prose, Bayazid, Shatkh, Shatkhiyat, Mansur Hallaj, Anri, Ivanov, Ernst.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиев Мирзохуҷа*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-96-00-61**

ведение об авторе: ***Шодиев Мирзохуджа*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-96-00-61**

Information about the author: ***Shodiev Mirzohuja*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Arabic Philology, Faculty of Asian and European Languages. **Address::** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-96-00-61**

УДК: 891.550

ҚАҲРАМОНИ ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Беронов Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Яке аз мавзуи баҳсангез ва ҷолиби диққате, ки майдони адабиёти тоҷикро ҳамеша гарм, рангин ва гуворо месозад, ин қаҳрамони адабӣ аст. Яъне ҳамон унсури адабиёт, ки дар адабиёт чун намуна ва олгӯ барои ҳамзамонон ва ояндагон муаррифӣ мешавад. Одатан дар илми адабиётшиносӣ персонажи марказии асари бадеиро новобаста ба чигунагии моҳияташон қаҳрамон меноманд [1, с.90].

Ҳарчанд истилоҳи «қаҳрамон»- ро дар шеър ҳанӯз ҳам баъзе намепазиранд ва қабул намедоранд, аммо дар девони Носири Хусрав ин вожа дида мешавад ва онро ҳамчун истилоҳи қаҳрамон ҳисобидан мумкин аст, зеро тамоми андешаҳои шоир тавассути қаҳрамони асосии шеъри шоир равшан мегардад. Чунончи Носири Хусрав дар девони ашъораш чанд маротиба мафҳуми «қаҳрамон» ва «қаҳрамоне»- ро ба маънои аслиаш аслиаш зикр менамояд. Масалан:

Агар аштару асбу астар набошад,
Куҷо қаҳрамонӣ бувад қаҳрамонро [12, с.39].

Ё ки дар ҷойи дигар ишора кардааст:

Чи ёфтӣ, ки бад он бар ҷаҳону ҷонварон,
Чунин мусаллату солору қаҳрамон шудаӣ [12, с.516].

Маълум аст, ки Носири Хусрав ҳам дар осори насрӣ ва ҳам дар девони ашъораш ба инсон назари махсус дошта, тамоми андешаҳои шоир дар гирди ин мафҳум давр мезанад. Бесабаб нест, ки инсонро беҳтарин офариниш ва ашрафи махлуқот номидааст» [12, с.129]. Ба андешаи Ҳаким Носири Хусрав «Олам яке дарахте аст, каш ҷуз башар самар нест» [9, с.116]. Ба ин мазмун дар маснавии «Равшаноинома» -аш хитоб мекунад:

Туӣ фаръи араз, ҳам асл ҷавҳар,
Ҳама олам туӣ, ҷони бародар [12, с.704].

Модоме ки Носири Хусрав нисбати инсон эҳтироми махсус дорад ва тамоми назарияҳои фалсафӣ ва адабиашро тавассути он баён месозад, пас интихоби қаҳрамони асосии шеъри шоир донистан ҷоиз аст. Муҳаққиқ ва донишманди тоҷик Раҳим Мусулмониён менависад, ки: «Дар осори фалсафӣ ва динии мутафаккири мо низ яке аз мавзуъҳои асосӣ ҳамин ҷойгоҳи инсон будааст. Аз ҷумла дар «Хон-ул-ихвон» таъкид карда: «Ғарази офаридгори олам аз офариниши ин олам мардум аст ва Худованд ин корро бо нияти некуӣ ва хайрият анҷом додааст. Муроди офаридгор андар офариниши мардум ҳама некуӣ ва хайр аст» [13, с.321].

Бояд гуфт, ки инсонҳо дар назари Носири Хусрав ҳама яксон нестанд, балки некон ва бадон аз ҳам ҷудо мешаванд ва ин ҷудоӣ ба кирдори худи инсон бастагӣ дорад, яъне худи инсон аст, ки метавонад бо рафтору гуфтораш хуб арзёбӣ шавад ё бад» [13, с.236].

Ин андешаи муҳаққиқро худи ашъори Носири Хусрав ҷонибдорӣ намуда, иброз медорад, ки агар инсон дар рӯйи замин набошад, тамоми зебоии табиат мисли гулу сабзаву дарахтон ва анвои он ҳама хушку нобуд мешавад:

Рӯйи дунё аз ниёзи мост хуб,
Варна зишту хушку зарду лоғар аст [12, с.206].

Қаҳрамони шеъри Носири Хусрав қудрат ва тавонии зиёде дорад, ки бо он метавонад дар олам дигургунӣ ё навгонӣ ба амал оварад ва барои дигар махлуқот сарварӣ намояд. Чунонки донишманди эронӣ доктор Мужда ишора мекунад: «Ӯ (Носири Хусрав - Б. Ҷ.) ба мо меомӯзад, ки агар одамӣ ба ҳақиқати зоти худ пай барад ва аз мавоҳиби бузургӣ, ки дасти офариниш дар ниҳоди вай ба воқеият ниҳода, баҳра гирад ва ба дастури ҳикмат ва дину ақл ва ахлоқ бар кишвари вуҷуди хеш подшоҳӣ ёбад. Ба чунон арҷу азамате даст хоҳад ёфт, ки аз он пас салтанати олам дар чашми ҳимматаш ҳақир намояд» [3, с.522].

Қаҳрамони писандидаи Носири Хусрав дорои ахлоқи ҳамида ва арзишманде аст, ки ба василаи он барои дигар мавҷудоти зинда ибратомӯз аст. Доктор Худоӣ Шарифов менависад, ки: «Инсоне, ки Носири Хусрав дар ашъораш меҷӯяд ва ба шинохтанаш

талқин мекунад, як шахси ҳакиму доно ва аз ҳама муҳим соҳиби андешаи ҷӯянда аст. Нақши инсони шоиста чизи аз ҳама ҷолиб буда, хонандаро ҳамин сифати инсонӣ ба худ ҷалб мекунад» [19, с.96]. Яъне, инсон дорои тавоноии фавқулода мебошад ва тавассути он барои ҳамагон ҳаққи подшоҳӣ карданро дорад. Маҳз ин аст, ки шоир ба хирад ва андеша арҷ мегузорад:

Хирад он аст, ки мардум ба баҳову шарафаш
Аз Худованди ҷаҳон аҳли хитоб асту саност.
Хирад аз ҳар халале пушту зи ҳар ғам фарағ аст,
Хирад аз бим имон асту зи ҳар дард шифост.
Хирад андар раҳи дунё сара ёр асту силоҳ,
Хирад андар раҳи дин нек далел асту асост [12, с.231].

Муҳаққиқони осори фалсафии Носири Хусрав мавқеи инсонро дар таълимоти ӯ таҳлилу баррасӣ намуда, аз ҷумла Нозир Арабзода иброз медорад, ки: «Носири Хусрав инсонро дар дидгоҳи таълимоти антроносентризми теологии исмоилия, ки ғоятмандиро аз сабабдории равандҳои моддӣ ҷудо мекард, таҳқиқ менамуд, ки мувофиқи он «Ғарази офаридгори олам аз офариниши ин олам мардум аст» [4, с.146]. Ба ақидаи файласуф ва шоири ҳакимхаёл Носири Хусрав: «Мақсади сонеи олам аз сохтани олам ва ниҳодани ин чизҳои фохир ва ҷамолдиҳанда андар ӯ он бувад, то ин фоидапазир ва ҷамолгиранда, ки мардум аст, аз он фоида ва ҷамол пазирад» [10, с.267].

Шоир ба аҳли андеша ҳамеша эҳтиром гузоштааст ва метавон гуфт, ин тоифа ҳам дар гурӯҳи қаҳрамонони осори ӯ ба шумор мераванд. Вай дар «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» ин ҷаҳонро ба дарахт монанд мекунад, ба он дарахте, ки хирадмандон меваи он ҳастанд ва бехирадон ва шахсони бедониш ва гумроҳро хори он медонад. Шоир ин маъниро дар шеъре хеле муҷаззоб ба қалам медиҳад:

Дарахти ин ҷаҳонро сӯи доно,
Хирадманд аст бору бехирад хор [12, с.17].

Носири Хусрав ҳамеша қаҳрамони худро таъкид менамояд, ки вай бояд ҳамеша дорои ахлоқи писандида бошад, на ахлоқи разила. Донишманд ва адабиётшиноси тоҷик Раҳим Мусулмониён дар ин маврид таъкид месозад, ки: «Воқеияти рӯзгори мо аз ҷумла, ин дастовардҳо, ки на танҳо бо ҳар як аз гӯшаи дунё метавон фаврӣ иртибот пайдо кард, балки осори андешаи инсон ба ситораҳои дигар расида ва иттилооте аз онон ба мо расонида, дурустии арзёбии Ҳакими Қубодиёниро аз тавоноии бемонанди хиради одамӣ таъйид менамояд» [7, с.67].

Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ, ки худ намояндаи бузурги халқи тоҷик аст ва ба он низ фахре тамом доштааст, аз фарҳанги бостонии ниёгони худ сабақ гирифта буд, ки некандешӣ, некугуфториву некукорӣ чӣ арзишҳои зиндагисоз танҳо лоиқи инсон буда, онро ба манзили мурод ва сарфарозӣ мерасонанд. Бесабаб нест, ки вай ҳаминро ҳамеша ташвиқ ва таблиғ мекард. Чунонки дар қасидае мегӯяд:

Фусунгар ба гуфтор некӯ ҳаме,
Бурун орад аз дардмандон сиқам.
Алам чун расонӣ ба ман хайр-хайр,
Чу аз ман нахоҳӣ, ки ёбӣ алам [12, с.62].

Аз мушоҳидаҳои хонанда дар мавриди тасвири инсон дар осори Носири Хусрав баръало равшан мешавад, ки шоир ба қаҳрамони худ баҳои баландро сазовор буда, ҳам сират ва сурати онро дар осораш таърифу тавсиф менамояд.

Баҳои шоир ба инсон на аз тариқи сурату қадду болои ӯ аст, балки аз роҳи кору рафтору кирдораш арҷ мегузорад. Зеро баҳою шарофати инсон дар сирату рафтори ӯст. Он чунонки «Бодом» ба шарофати мевааш пеши беду сипедор обрӯ дорад. Бо ин таъкидоти хеш Носири Хусрав далоил ва исноди гуногун меорад ва ташвиқ мекунад, ки аз бадрафторӣ аз аъмоли бад даст бикашанд. Ин андешаҳои шоир дар мавриди қаҳрамони ашъораш сарчашма аз адабиёти бостон дошта, шоир ҳамчун дӯстдори фарҳанги бостонии худ ин арзишҳоро зарурӣ ва ҳатмӣ мешуморад:

Аз замону макри ӯ эмин мабош,
Бас кун аз кирдори бад! Бипзир панд!
К-аз бадиҳо худ бипечад бадкуниш,
Он набиштастанд дар «Усто»-ву «Занд» [12, с.212].

Носири Хусрав навъи инсонро дар ин олам ҳамчун мусофир медонад ва муваззаф аст, ки барои сафари хеш зоди роҳро, ки иборат аз илму дониш ва ташаккул ёфтан дар асоси арзишҳои ахлоқӣ аст, таъкид месозад. Бояд тазаккур дод, ки шоир ба ин андеша устувор буда, асари махсус ва фалсафиро барои ҳидояти инсон бо номи «Зод-ул-мусофирин» таҳия намудааст ва дар он таъкид месозад: «Мардум андар ин олам на мавҷуд аст ва на маъдуд ва бар сафар аст, бад он чи аз сӯй вуҷуд шавад ва зоди ӯ андар ин сафар илм аст» [10, с.484].

Ҷолиби диққат ин аст, ки Носири Хусрав касби донишро барои тамоми инсонҳо зарурӣ мешуморад ва таъкид месозад, ки ҷинси мардум ҷавҳари пок ва латиф аст: «Мардум ҷавҳарест латиф ва пазирои илм аст» [10, с.483].

Тибқи андешаи Алимардонов А. –яке аз тахқиқотчии пешқадами Носири Хусрав: «Ногуфта намонад, ки ақидаи Носири Хусрав дар бораи ҳақиқати инсон, пеш аз ҳама, аз таълимоти дини ислом сарчашма мегирад. Носири Хусрав дар партави чунин дастури дини ислом ба одам бо дидаи васею хайрхоҳона нигариста, бартариҷӯӣ, фарққунӣ ва тақсимбандии одамонро ба гурӯҳҳову табақаҳо кори нораво медонад» [14, с.437].

Ин аст, ки Носири Хусрав барои қаҳрамони худ мақому бузургии бештареро қоил аст ва ҳам таманно дорад. Дар мавриди қаҳрамон дар шеъри Носири Хусрав бояд, пеш аз ҳама, тазаккур дод, ки вай суннати мавҷуди адабии замонашро қотеона шикаста, андешаҳои хоссаро дар шеъри суннатӣ ворид сохтааст. Донишманди тоҷик Раҳим Мусулмониён қаҳрамони шеъри ӯро ба ду қисмат ҷудо намудааст: «Қаҳрамони Носири Хусравро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард: Санъатгарон ва кишоварзон, яъне заҳматкашон ва раҳбарони дин ва ойин. Раҳбарони дин ва ойин. Ин гурӯҳ қаҳрамон шомили пайғамбари акрам ҳазрати Муҳаммад [с], ҳазрати Алӣ [а], ҳазрати Фотимаи заҳро, ҳазрати Ҳасан [а], ҳазрати Ҳусайн [с], билаохира халифаи фотимии Миср Мустансири Биллоҳ мебошанд.

Аз осори Носири Хусрав бармеояд, ки ин қаҳрамонон қобилияти онро доранд, ки барои ҳамеша ва барои ҳамагон намуна ва олгӯ мебошанд. Ҳар як аз ин бузургон дар шеъри Ҳакими Қубодиёнӣ ҳамчун машъале дурахшон тасаввур мешаванд, ки роҳи толибонро равшан мекунанд» [7, с.98].

Ин қаҳрамонони ашъори Носири Хусрав олгӯ ва намунаи беҳтарини сифат ва сирати инсонӣ буда, барои қаҳрамони худ ду чизро дар ҳамаи ашъораш орзу дорад, яке омӯхтани илм ва доштани ҳунар. Зеро танҳо бо ин самт инсон метавонад роҳи пешрафти зиндагиашро пайдо намояд ва ҳамчун инсони ҳақиқӣ зиндагӣ намояд.

Вуҷуди ту гар бори дониш пазирад,
Ба зер оварӣ чархи нилуфариро [12, с.232].

Шоир ҳамчун тарафдори аҳли меҳнат ба ду касби пуршараф, ки асоси бунёдкорӣ ва пешрафти ҷомеа ҳисобида мешаванд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Ӯ дар маснавии «Саодатнома» -аш ду боби даҳ байтиро ба ситоиши ин ҳунари пуршараф ва дорои саодати баланд бахшидааст. Носири Хусрав ин ду тоифаро дар маснади қаҳрамонӣ нишонда ва аз таҳти дил онҳоро сутудааст.

Яке аз нуктаҳои муҳимме, ки аз Носири Хусрав бояд ёдовар шуд, ӯ танҳо шоири оддӣ набуда, балки шоири олим ва дорои тафаккури баланд шеърро ба қалам овард ва ба ин хотир шеъри таълифкардаи ӯ шеъри тафаккурӣ ё худ, фалсафӣ-ҳикматӣ аст. Ҳар кас, ки бо осори ин шоири гаронмоя ошност, ба хубӣ пай мебарад, ки ҳар пораи шеъри вай донишмандона аст ва ҳар ҳукми шоиронааш аз заминаи қавии зиндагӣ ва мантиқ бархӯрдор мебошад.

Ҳаким Носири Хусрав ҳар мавзуеро, ки мавриди назар қарор медиҳад, онро бо қаҳрамони шеъраш баён мекунад. Ҳамчунон ки дар бораи ҳунар ва махсусан, ҳунари деҳқонӣ, ки офаринандаи ризқи тамоми мавҷудоти зинда аст ва касби санъатварро, ки пешбарандаи ҳаёти ҷомеаи инсонӣ мешуморад ва аҳли ҳунарро, ки инсон аст, меҳвари асосии андешаи худ медонад. Ҳамин тавр, Носири Хусрав тамоми ҷанбаҳои ҳунари санъатварон ва кишоварзонро бо диққат зери таҳлил қарор дода, нишон медиҳад. Ҳатто ҷанбаҳое аз кору зиндагии ононро, ки барои дигарон аъён ва равшан нест, ба намоиш мегузорад.

Бесабаб нест, ки Носири Хусрав инсонро бузургтарин хилқати худо шуморидааст ва инро, пеш аз ҳама, дар доштани илм ва касбу ҳунар медонад. Маҳз инҳо падидаҳое

ҳастанд, ки танҳо барои инсон васила шудаанд. Бинобар ин, шоир дар ибтидои баррасии андешаҳои хеш арзёбӣ мекунад, ки ҷомеаи писандидатар аз санъатвар (бо аҳли ҳирфа) касе нест ва иллаташ ин аст, ки «Аз касби даст беҳтар ҳосиле нест» [5, с.230]:

Хурад бешу кам он моя, ки хоҳад,
Ба рӯз афзояд, он чи аз вай бимонад [12, с.731].

Яке аз муҳимтарин шарофат ба бартарии аҳли сонеъ (санъатвар) «ҳирфагар» ба истилоҳ «ҳунарманд» ин аст, ки вай зери бори миннати касе нест ва зану фарзанд, хешону дӯстони худро бо нони ҳалол таъмин мекунад. Ин ҷанбаи ҳунарии санъатвар ва дигар хусусиятҳои ин инсони шарифро шоир таъкидан ба қалам меоварад:

Барӣ аз сиблати ҳар дуну ҳар хас,
Тани осуда зи биму миннати кас.
Ба бозӯ ҳосил орад қути фарзанд,
Хурад хуш бо айёлу хешу пайванд.
Расад сад баркат аз касби ҳалолаш,
Бияфзояд Худо дар касбу молаш.
Чу шаб шуд, хуфт эмин дар шаби тор,
Чу рӯз ояд, равад боз аз паи кор.
Зи касби даст набвад ҳеч оре,
Беҳ аз максаб набошад ҳеч коре [12, с.731].

Ба ақидаи шоир аз дасти баракати ҳунарманд ва деҳқон беҳтару хубтар ҳосиле нест. Зеро ӯ ба тавассути қувваи бозуяш ризқу рӯзии аҳлу оилаашро таъмин намуда, осудаҳолона зиндагӣ мекунад. Ин намояндаи ҳунар дар рӯз агар аз пайи кор бошад, шабона дар хонаи хеш чун подшоҳ ва осудаҳолона истироҳат мекунад. Ва дар ин мавзуъ шоир мефармояд, ки ба ҳосили марди ҳунарманд ҳатто подшоҳ низ ниёз дорад ва дар дурустии ин андеша ҳеч шакке нест:

Сари сонеъ ба гардун бас фароз аст,
Салотинро ба санноон ниёз аст [12, с.731].

Лозим ба зикри хос аст, ки қаҳрамони шеъри Носири Хусрав на танҳо дорои илму дониш ва ақлу хирад аст, балки деҳқон ё ҳунарманд низ мебошад. Дар ин замина дар маснавии «Саодатнома»-аш дар бораи деҳқон бо таваҷҷуҳи хос сухан меронад. Иброз медорад, ки аз шарофати меҳнати ӯ тамоми мавҷудоти олам зинда аст:

Беҳ аз саннои олам деҳқон аст,
Ки ваҳшу тайрро роҳатрасон аст.
Зи сонеъ ройгон нафъе нахезад,
Зи деҳқон оқибат чизе бирезад.
Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе бӯстон аст.
Аз ин беҳ бо бани-одам чӣ кор аст,
К-аз одам ин нишоне ёдгор аст [12, с.167].

Носири Хусрав бо боварии комил иброз медорад, ки хуррамӣ ва сарсабзии ҷаҳон аз меҳнати ранҷи деҳқон аст ва ӯ бе шак аз боғдорӣ ва кишту кор таҷриба дошт ва бояд ба ин мушоҳида тан дар дода бошад, ки: «миқдоре аз ҳосили кишоварзӣ ҳатман ба ройгон меравад, муру малах ва паранда аз донааш меҳуранд ва чаҳорпоён аз хасу хошокаш. Ва ҳеч имкон надорад, ки чизе ба ройгон аз даст намеравад» [15, с.285]:

Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ зар, гоҳе бӯстон аст.
Аз ин беҳ бо бани одам чи кор аст,
К-аз одам дар ҷаҳон ин ёдгор аст.
Ба роҳат розиқи ҳар мору муранд,
Ҳамон гар одамию гар сутуранд.
Агар деҳқон чунон бошад, ки бояд,
Сабук гӯӣ аз малоик даррабояд.
Агар чӯёи қаҳти нон набошад,
Касеро пояи деҳқон набошад [12, с.732].

Носири Хусрав, ки худ ҷонибдори аҳли меҳнат ва аҳли заҳмат буда, ҳамеша ва дар ҳама ҳолат аз пайи адолату инсонсолорӣ кӯшиш менамуд, деҳқону коргарро аз малоик ҳам болотар мегузошт: «на, малоик аз деҳқон болотар аст!» [10, с.238].

Шоир ситоиши деҳқону санъаткорро идома дода, дар васфи онҳо беҳтарин суханонро арза медорад ва пешкаш мекунад, ки мифтоҳи ризқу қисмат дар даҳ ангушти аҳли деҳқон аст. Зеро меҳнати ин қишри ҷомеа ризқи қисмат ва чароғи дилфурӯзӣ аст:

Ба кор андар ҳама мардони коранд,
Арақ резанду қути халқ коранд.
Калиди рисқи қисмат сахт дар мушт,
Чароғи дилфурӯзӣ сахт дар мушт.
Ба дунё оқилона тухм киштанд,
Ба уқбо дар гули боғи биҳиштанд [12, с.732].

Аз ин андешаҳои шоир равшан мегардад, кишоварзон, ки «дар ин дунё олиҳимматона тухм коштаанд, дар он дунё гули боғи биҳиштанд» [4, с.67]. Зеро ҳеҷ амали неку бад бе ҷавоб намонда, балки ҳамаи корҳои анҷомдодашуда ҳамавақт самараи хешро ба бор меоранд.

Бино бар иттилои Наврӯз Саркоров: «Инсонҳо аз даричаи биниши Носири Хусрав як хел нестанд, балки некон ва бадон аз ҳам ҷудо мешаванд ва ҷудоӣ ба рафтору кирдори худи одамон вобастагӣ дорад» [6, с.256]. Ин тақсимбандии шоир на танҳо дар зеҳн ва тафаккури Носири Хусрав ҷой доштааст, балки ба ҳақиқат, дар олам ҳам инсонҳо ба ин гурӯҳҳо ҷудо шудаанд, аммо мақсади шоир аз ин гурӯҳи одамон танҳо ба гурӯҳи одамони нек ва аҳли дониш эҳтироми хос дошта, инсонҳои дорои илму дониш ва ахлоқи некро ба дарахти борвар, ки аз он барои ҷамъият фоидаи зиёд аст, ташбеҳ медиҳад. Аз назари ӯ инсон низ бо доштани чунин амал ва рафтор барои ҷомеаи инсонӣ аз аҳамият холӣ нест. Ба ин хотир, шоир ин қабил инсонҳоро ба гурӯҳи савум ҷой додааст ва нисбати онҳо аз таҳти дил эҳтиром мегузорад. Вай ин тоифаро «меваҳои хуштаъм» [6, с.705] меномад.

Арҷу эҳтиром нисбати ҳакимон ба ин сабаб аст, ки ҷомеа агар донишманд надошта бошад, пешрафт нахоҳад кард. Давлат агар бо донишмандон ёр набошад, вартаи сукут дар пеш хоҳад дошт. Ба таъкиди шоир миллат агар пайкар бошад, донишмандон дар мисоли мағзи он пайкар ҳастанд. Чунонки дар маснавии «Равшаноинома» мегӯяд:

Туро лаззат зи илм аст, аз амал бӯй,
Камолият зи илм бо амал ҷӯй! [12, с.705].

Бо тарғиби ин амали нек барои инсон ва зарурати доштани илму дониш аз ин хотир аст, ки Ҳаким Носири Хусрав обрӯ ва эътибори инсонро на ба василаи қадду сурати зоҳирӣ медонад, балки аз тариқи амалу суханаш муайян мешавад.

Ҳангоме ки сухан аз қаҳрамони Носири Хурав меравад, дар баробари он гуфтаҳо ва андешаҳои худи шоир ҳам намудор мегардад. Чеҳраи ин намоди қаҳрамони шоирро донишманди Эрон Абдулҳусайни Зарринкӯб дар назар дошта, қайд мекунад, ки: «Дар варои чеҳраи дурушт ва ҳайкали баланди рустоинамои ӯ, ки мукаррар дар ойинаи девон ва «Сафарнома»-аш таҷаллӣ дорад, ҷилваи руҳи баланди настуҳи ӯ, ки азамат ва сахтии Юмгонро ба хотир меоварад, инсонро хозеъ мекунад ва шеъри ӯ низ, ки аз ҷиҳати азамат ва салобат ҷилвагоҳи ин руҳи азим баланд аст, мисли чеҳраву андом ва саргузашти ӯ, якто ва каммонанду то ҳадде дар адаби форсӣ бегонавор менамояд» [3, с.106].

Аз ин нуқтаи назар бояд броз намуд, ки муроди Носири Хусрав инсони огоҳ аст. Дарвоқеъ, ҳамаи афроди ҳақиқатхоҳ мекӯшанд, ки аз муҳит огоҳ бошанд, чаро ки огоҳӣ ва доноӣ калиди ҳалли мушкилот аст. Ва аммо ин ҳам равшан аст, ки огоҳӣ аз муҳит дар худогоҳӣ реша дорад.

Аз осори Носири Хусрав баръало равшан аст, ки қаҳрамони ашъори шоир барои ҳамеша ва барои ҳамагон чун намунаи ибрат бошад. Якояки ин намоди қаҳрамони ӯ машъали фурӯзон ҳастанд ва роҳи ҳақиқати ҳаёти инсониро мунаввар месозанд. Аз назари ӯ хирадманди асил, шахси озодае аст, ки пойбанди ғаразе ё гурӯҳе нест, балки пойбанди аҳдофи олӣ аст ва ҳама талоши ӯ дар ҷиҳати беҳбудии сиёсию маънавӣ ва иқтисоди ҷомеа сурат мегирад.

Муқарриз: ***Абдулназаров А.*** – доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимардон, А. Носири Хусрав. Дирӯз, имрӯз ва фардо / А.Алимардон [маҷмуи мақолаҳо]. – Хуҷанд, 2005. - 682 с.
2. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт. Қ.1 / Ю.Бобоев. – Душанбе, 1992. - 374 с.
3. Зарринкӯб, А. Донои Юмгон / А.Зарринкуб. - Душанбе: Дониш, 2009. - 327 с.
4. Қаландаров, Ҳ. Причины и предпосылки приверженя Насира Хусрава исмаилизму / Ҳ.Қаландаров // Вестник педагогического университета. Серия общественных, гуманитарных и филологических наук. – Душанбе: Издание Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айнӣ, 2014. - № 1 [56]. – С.3-6.
5. Қаландаров, Ҳ. Религиозние мотивы и содержания поэзии Насира Хусрава / Ҳ.Қаландаров // Вестник педагогического университета. Серия общественных, гуманитарных и филологических наук. – Душанбе: Издание Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айнӣ, 2013. - № 6 [55]. – С.16-25.
6. Қаландаров, Ҳ. Рӯдакӣ ва исмоилия / Ҳ. Қаландаров. - Душанбе: Эр граф. 2012. - 235 с.
7. Қубодиёнӣ, Р. Чор сухан аз Носира Хусрави Қабодиёнӣ / Р.Қабодиёнӣ. – Теҳрон: Дафтари фарҳангии исломӣ, 1382. - 170 с.
8. Мусулмониён Р. Пораи Самарқанд / Р. Мусулмониён. - Теҳрон: Дафтари фарҳанги исломӣ, 1384. - 189 с.
9. Табаров С. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ / С.Табаров. - Душанбе: Маориф, 1980. - 142 с.
10. Тақизода, С.Ҳ. Таҳқиқе дар аҳвол ва осори Носира Хусрави Қабодиёнӣ / С.Ҳ.Тақизода. – Теҳрон:Ҷавоҳир, 1379. - 212 с.
11. Хусрав, Н. Девони ашъор / Н.Хусрав. Бо кӯшиши Саид Насруллои Тақво. – Теҳрон: Ҷавоҳир, 1372. - 694 с.
12. Хусрав, Н. Девони ашъор / Н.Хусрав. Дар ду ҷилд. Бо кӯшиши Амрияздони Алимардон ва Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. - 1400 с.
13. Хусрав, Н. Девони ашъор / Н. Хусрав. – Душанбе: Адиб, 2010. - 475 с.
14. Хусрав, Н. Куллиёт / Н. Хусрав. Ҷ.2. Бо кӯшиши Аликул Девонақулов ва Амрияздон Алимардонов. – Душанбе: Ирфон, 1991. - 636 с.
15. Хусрав, Н. Кушоиш ва раҳоиш / Н.Хусрав. - Лондон, 1998. - 94 с.
16. Шарифов, Х. Рози ҷахон / Х. Шарифов. – Душанбе, 2004. - 352 с.
17. Шарифов, Х. Сухане аз адабиёти миллӣ [маҷмӯи мақолаҳо] / Х.Шарифов. – Душанбе: Дониш, 2009. - 477 с.
18. Шарифов, Х. Услуб ва камолоти сухан / Х.Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 172 с.
19. Шарифов, Х. Функсияи маърифатии қасида / Х.Шарифов // Ёдбуди устод Рӯдакӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. - 115 с.
20. Шарифов, Х. Ҳакими суханвар / Х.Шарифов. – Душанбе: Эр-граф, 2003. – 232 с.
21. Шарифов, Х. Шоир ва шеър / Х.Шарифов. – Душанбе: Эр-граф, 1998. - 230 с.

ҚАҲРАМОНИ ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Дар мақолаи мазкур оид ба қаҳрамони шеъри Носири Хусрав сухан рафта, муаллиф бо истинод аз тадбиру андешаҳои шоир, ки дар ашъораш аз он сухан рафтааст, андешаронӣ намудааст. Муаллиф иброз медорад, ки новобаста ба он ки аз ҷониби бахе аз муҳаққиқон мафҳуми қаҳрамонро дар осори Носири Хусрав рад менамоянд, вале аз нигоҳи нигорандаи мақола ин мавзӯъ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Маълум аст, ки асоси андешаи ҳар як шоиру нависанда дар таблиғи андеша ва баёни мақсад онро бо самте ва ё ба воситаи қаҳрамони идеалии мавриди назар қарор медиҳад ва барои ироаи он лозим аст, ки ҳатман бояд қаҳрамонеро интихоб намояд, то тавассути он метавонад андешаашро матраҳ созад. Носири Хусрав, ки ҳамчун ҳаким ва донишманди мубаллиғ аст ва раванди таблиғотиву ташвиқотиро касб намудааст, барои баррасии ҳар як андешаи худ пеш аз ҳама ба қаҳрамони худ муроҷиат менамояд. Қаҳрамони ӯ дар мадди аввал қарор дошта, дар баёни ҳар як масъалаи ахлоқӣ, фалсафӣ ва адабиаш назари ӯ бештар ба қаҳрамони идеявии ӯ аст. Равшан аст, ки Носири Хусрав нисбати инсон эҳтироми хосса дошта, бештари андешаҳои фалсафӣ, ҳикматӣ ва адабии ӯ ба василаи он баён мегардад. Аз ин рӯ интихоби қаҳрамони асосии шеъри шоир лозим ва донистан мумкин аст. Вале бояд тазаккур дод, ки қаҳрамони мавриди назари Носири Хусрав дорои ахлоқи ҳамида ва арзишманде аст, ки ба барои дигарон дорои ибрат аст. Ин қаҳрамони шоир ба ду гурӯҳ ҷудо гардида, дар зинаи аввал раҳбарони дину мазҳаб қарор дошта, дар гурӯҳи дигар аҳли ҳунар, санъатварону кишоварзон ба ҳисоб мераванд. Ҳар ду гурӯҳи ин қаҳрамонони шоир дорои характери тарбиявӣ дошта, бо мақсади тарбияи насли инсон равона карда шудаанд. Ин хусусияти таблиғотӣ ва тарбиявии шоир дар мақолаи мазкур ба таври васе ва ҷолиб таҳлил шудааст.

Калидвожаҳо: Носири Хусрав, қаҳрамон, шоир, девон, ҳаким, қасида.

ГЕРОЙ ПОЭЗИИ НАСИРА ХУСРАВА

В данной статье речь идёт о герое поэзии Насира Хусрава. Автор статьи, применяя цитаты из поэзии Носира Хусрава, проанализировал данную тему с ракурса своего видения. Он констатирует, что, несмотря на то, что ряд ученых отрицают использование термина «герой» в работах Насира Хусрава, но в статье данная тема подвергается анализу. Известно, что для распространения идеи и выражения цели каждому поэту и писателю необходимо выбрать героя, через которого он может выражать свои мысли. Насир Хусрав, как мыслитель и ученый-миссионер, освоивший процесс пропаганды и агитации, призывает своего героя сформулировать каждую из своих идей. В каждом моральном, философском и литературном вопросе

внимание поэта сосредоточено на его идеологическом герое. Насир Хусрав питает особое уважение к человеку, и он является главным героем, через которого поэт выражает большинство своих философских, моральных и литературных идей. Следует отметить, что данный герой имеет высокую и ценную моральную культуру и является примером для других. Субъект высказывания в поэзии делится на две группы, к первой группе относятся лидеры религий и сект, а к второй группе - мастера, художники и земледельцы. Обе группы носят воспитательный характер, целью которого является воспитание человеческого рода. Эти поучительно-просветительские особенности поэта подробно анализируются в данной статье.

Ключевые слова: Насир Хусрав, герой, деван, поэзия, хаким, касыда.

THE HERO OF NASIR KHUSRAV'S POETRY

This article is about the hero of Nasir Khusrav's poetry. The author of the article, using quotes from the poet's poetry, analyzed this topic from the perspective of his vision. He states that, despite the fact that a number of scholars deny the use of the term hero in the works of Nasir Khusrav, this topic is analyzed in the article. It is known that in order to spread the idea and express the goal, each poet and writer needs to choose a hero through whom he can express his thoughts. Nasir Khusraw, as a thinker and scholar-missionary who has mastered the process of propaganda and agitation, calls on his hero to formulate each of his ideas. In every moral, philosophical and literary question, the poet attention is focused on his ideological hero. Nasir Khusraw has a special respect for man, and he is the main character through whom the poet expresses most of his philosophical, moral and literary ideas. It should be noted that this hero has a high and valuable moral culture, and is an example for others. The hero of the poet is divided into two groups, the leaders of religions and sects belong to the first group, and the masters, artists and farmers belong to the second group. Both groups of the poet's heroes are educational in nature, the purpose of which is the education of the human race. This instructive and educational feature of the poet is analyzed in detail in this article.

Key words: Nasir Khusrav, heroy, devan, poem, hakim, kasida.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Беронов Ҷумъа*** - Дошингоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи адабиёт. **Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч. Ленин, 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-97-27-74**

Сведение об авторе: ***Беронов Джумъа*** - Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой литературы. **Адрес**: 736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, ул.Ленина, 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-97-27-74**

Information about the author: ***Beronov Jum'a*** - Khorog State University. M. Nazarshoeva, candidate of philological sciences, head of the Department of Literature. **Address:** 736000, Republic of Tajikistan, Khorog, Lenin Str., 28.
E-mail: **behronov75@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-97-27-74**

УДК: 891.550(09)

СИМОИ ҶОМӢ ДАР РОМАНИ ТАЪРИХӢ

Турахонов С.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Доир ба романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ», ки баъди марги Аброр Зоҳир (1965–2015) чоп гардидааст, аз ҷониби адабиётшиносону мунаққидон касе то ҳанӯз чизе нагуфтааст.

Шамсиддин Солеҳов дар китоби «Роман дар адабиёти тоҷикии қарни XX» доир ба зуҳуру густариш ва хусусияту вижагиҳои романҳои таърихии асри XX муфассал сухан ронда, ҳамзамон масъалаи зарурати таҳқиқи амиқу фарогири ин навъи адабиро ҳамчун истилоҳи нави адабиётшиносӣ ба миён мегузорад: «Мафҳуми таърихият дар робита ба матни осори бадеӣ истилоҳи нисбатан ҷадиди адабиётшиносӣ маҳсуб мегардад ва он то ҳанӯз ба таври амиқу фарогир мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст» [6, с.281].

Абдусамади Мулло низ дар китоби «Чеҳранигории ҳунарӣ дар насри таърихӣ» роҷеъ ба тадқиқу таҳлили масъалаҳои ғоявию эстетикии осори таърихии тарҷумаҳолӣ ва таҳаввули чеҳраҳои фардии эҷодкорон чунин овардааст: «Эҷодкорони асил ҳамеша барои озодӣ, адолат, ҳақиқат, масъалаҳои беҳбудии рӯзгори халқ муборизa бурда, пайғомовари мақсаду маромҳои насли башаранд. Аз ин рӯ, таҷассум намудани симои ибратбахши онҳо аз муҳимтарин вазифаҳои эҷоди бадеӣ мебошад. Дар ҳамин асос, тадқиқ ва таҳлил намудани муаммоҳои ғоявию эстетикии асарҳои таърихии тарҷумаиҳолӣ, консепсияи шахсияти эҷодӣ, хусусиятҳои моҳияти характер ва таҳаввулоти симои фардии адибон аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Консепсияи шахсияти эҷодкори таърихӣ, асосҳои ташаккул, моҳият ва сифатҳои ахлоқию эстетикии он, офариниши симо ва сирати ҳунарӣ аз муаммоҳои пуразиши адабиётшиносии муосир буда, тадқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи он талаби давр ва тақозои замон мебошад» [1, с.11].

Қаҳрамони асосии романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ буда, дар асар рӯзгори ӯ аз замони дар мадрасаи Ҳирот таҳсил намудан то дами маргаш тасвир гардидааст. Симои Абдурраҳмони толибилмро муаллиф дар мусоҳиба бо падараш Низомиддин Аҳмад басо самимӣ ва воқеъбинона ба қалам додааст.

Дар фасли «Бозгашти сафирон аз Чин» муаллиф мубоҳисаи падару писарро оварда, тавассути ин суҳбат олами ботинӣ, фикру ақида ва донишмандии онҳоро бармало намудааст. Мубоҳисаи онҳо сари масоили зиёде сурат гирифта бошад ҳам, бахусус масъалаи ба Самарқанд барои таҳсил рафтани Абдурраҳмони Ҷомӣ мавқеи муҳим дошта, дар он Ҷомӣ бо дурандешӣ, донишмандӣ, зиракию огоҳии худ падарро дар ҳайрат мегузорад.

Дар аснои суҳбат падар дармеёбад, ки писараш воқеан ҳам ҷӯёи илму дониш аст, бинобар ин, барои таҳсил оқибат ба Самарқанд рафтани ӯ розигӣ медиҳад: «Низомиддин Аҳмад аз мулоҳизаронихои писари наврасаш, ки аз илми замона ва сиёсати даврон огоҳии комил дошт, ба дил шод шуд» [2, с.29].

Ҳамчунин чеҳраи Абдурраҳмони Ҷомиро мо ҳангоми омадани сафирон аз мамлакати Чин мебинем, ки ӯ барои хондани шеъри ирфонӣ соҳиби китоби «Луғати турк» мегардад: «Чизи дигаре, ки писанди ӯ буд, ду ҷилд китоби маъруфи Маҳмуди Кошғарӣ «Луғати турк» маҳсуб меёфт, ки онро худи сафир баъд аз қироати шеъри ирфонӣ ба ӯ эҳдо кард, ки бо хоҳиши Бойсунғур аз ҷониби Ҷомӣ иҷро гардид» [2, с.22]. Аз чунин муносибат ва эҳтиром карданҳои дарбориён маълум мегардад, ки «шоири ҷавонро, аллакай, дар доираи дарбор хуб мешинохтанд ва ба суханаш арҷгузорӣ мекарданд» [2, с.22].

Дар тасвири нависанда Ҷомӣ шахсест, ки тавассути омӯзишу таҳқиқи масоили илмию адабӣ, динию мазҳабӣ мехост бо роҳи қиёс ва мантиқ барои оштӣ додани мазҳабҳои сунниву шиа ва равияҳои гуногуни исломӣ роҳи наҷотеро пайдо намояд. Ҳамин тавр, Абдурраҳмони Ҷомӣ «ният дошт бо фақеҳони ҳарду ҷониб, ҳамчунин донишмандони ҳамаи равияҳои тули мавҷудияти дини ислом ба вуҷуд омада, шинос шавад» [2, с.29].

Муаллиф дар ин фасл дар хусуси ба илмомӯзӣ басо ҷиддӣ машғул будан ва аз вақт самаранок истифода кардани Ҷомӣ нуктаҳоеро ба қалам овардааст, ки хонанда ба воқеияти онҳо боварӣ ҳосил менамояд: «Вақтро босамар мегузаронд. Дафтари қайдҳояш

низ барг-барг пур мешуд, ки дар он масоили баҳснокро бо тамоми ҷузъиёт ва шарҳу эзоҳ ва ҷавоби мантиқӣ навишта, интизори соати суолу ҷавоб буд» [2, с.29-30].

Дар фасли «Бойсунғур ва китобхонаи ӯ» Шоҳрух ва дарбориёни ӯ Абдурраҳмони Ҷомиро ҳамчун донишманди замон эътироф намуда будаанд, вагарна ба ӯ дар барои ҷудо намудани китобҳои мазҳабию динӣ ва улуми дунявӣ дастур намедоданд. Дар китобхонаи шоҳӣ, ки зиёда аз панҷ ҳазор китоб мавҷуд буд, Ҷомӣ пас аз ошноӣ ба муҳтавои онҳо ба ҳар китоб маълумоти мухтасар менавишт, ки ин кор аз дасти на ҳар шахси доно меомад. Ҳангоми бо Бойсунғур доир ба китобҳои мазҳабӣ мубоҳиса карданашон, шоҳзода барои аз ақоиди мухталифи намояндагони мазҳабҳои гуногун ягона роҳи халосшавиро дар сӯзондани онҳо медонист, вале Ҷомӣ бо дурандешӣ ва дилсӯзӣ аз ин амр ӯро бозмедорад ва чунин мегӯяд: «Ихтилоф худ аз худ аз байн намеравад, онро ақлҳо аз миён мебардорад» [2, с.32].

Ёдовар бояд шуд, ки доир ба ҳаёт ва рӯзгори Ҷомӣ профессор Аълохон Афсаҳзод ҳам 37 сол пеш китоби бадеие бо номи «Абдурраҳмони Ҷомӣ» навишта буд ва ҳангоми муқоисаву муқобала маълум гардид, ки дар инъикоси баъзе масъалаҳо Аброр Зоҳир ба Аълохон Афсаҳзод пайравӣ кардааст.

Ҷойҳои бо ҳам шабоҳат доштани романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ»-и Аброр Зоҳир ва китоби «Абдурраҳмони Ҷомӣ»-и Аълохон Афсаҳзод, ки ҳарду китоб ҳам осори бадеӣ ба ҳисоб мераванд, зиёд набошанд ҳам, дар натиҷаи муқоисаву муқобала ошкор мегарданд, вале муаллифон воқеаҳоро бо тарзи нав ва дар мавридҳои гуногун овардаанд, ки онҳо ба чашми хонанда хеле табиӣ менамоянд. Барои исботи ин сухан аз ҳарду китоб воқеаи дар мадраса пеши мударрис Шаҳобиддин Муҳаммади Ҷоҷармӣ сабақ гирифтани Ҷомӣ бо чор нафар ҳамсабақонро, ки бо донишомӯзии худ устодро мафтун карда, аз ӯ фотиҳаи устодӣ мегиранд, мисол меоварем.

А. Афсаҳзод дар китоби «Абдурраҳмони Ҷомӣ» масъалаи ба шогирдони фаъоли худ таълим дода натавонистани мударрис Муҳаммади Ҷоҷармӣ ва ба онҳо дуои нек доданашро чунин ба қалам додааст: «Эй азизон, табл пинҳон чӣ занам, ташти ман аз бом афтод... Маро ҳеҷ маризе набуд, аз ҷавоб додан ба саволҳои шумо оҷиз мондам ва аз уҳдаи ба шумо сабақ додан набаромадам, тадбире карда будам; имрӯз мебинам, ки ҳеҷ кас наметавонад ба шумо дар ҳеҷ илме сабақ диҳад, ҳар куҷое хоҳед, биравед ва ҳар чӣ хотири шумо хоҳад, бикунед; агар хоҳед, дарс гӯед. Худо ёратон бод!» [5, с.21].

Аброр Зоҳир ҳам барои қобилияти илмомӯзии Ҷомию шариконашро ба хонанда нишон додан ва дар сабақдиҳӣ оҷиз мондани устодашонро ёдрас шуда, ин масъаларо дар китоби хеш чунин овардааст: «Ниҳоят Мавлоно Ҷоҷармӣ ба эшон дуо дода, таъкид намуд, ки ҳар кадом ба ҳадди устодӣ расидааанду ӯ наметавонад ин рисолатро бар сари онҳо дошта бошад» [2, с.6].

Абдулманнони Насриддин дар китоби «Матншиносии осори адабӣ» роҷеъ ба ривоҷи китобдорию нусханависӣ дар Ҳирот чунин нигоштааст: «Ҳироту Самарқанд аз марокизи асосии таҷаммуи донишмандон ва муншиёну воизон маҳсуб мешуданд. Ҳирот, ки тахтгоҳи давлати Темуриён буд, нуфузи аҳли донишу ҳунар он ҷо бештар эҳсос мешуд. Бавижа ҳузури Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Мир Алишери Навоӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дастгирии маънавию моддии онҳо аз аҳли китоб боиси ривоҷи нусханависию китобдорӣ гардид» [3, с.24-25].

Лаҳзаи ҷолиби айёми тифлии Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомиро Аълохон Афсаҳзод дар китоби «Абдурраҳмони Ҷомӣ» аз забони худи Ҷомӣ чунин овардааст: «Мавлоно Фахриддини Луристонӣ дар Харгарди Ҷом дар сарое, ки тааллуқ ба падари ин фақир дошт, нузул фармуданд, ман чунон хурд будам, ки маро пеши зонуи худ нишонда, ба ишорати ангушти мубораки худ номҳои машҳур, мисли «Алӣ» ва «Умар»-ро бар рӯйи ҳаво мекашиданд ва аз ман мепурсиданд, ман бе ҳеҷ душворӣ ва тааммул ҳамаро мехондам, эшон табассум менамуданд ва тааҷҷуб мекарданд» [5, с.9].

Айни ҳамин воқеаро Аброр Зоҳир ҳам дар фасли «Пири тариқат»-и роман ҳангоми баҳси Саъдиддини Қошғарӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ овардааст. Мубоҳисаи онҳо ба масъалаи насабнозиҳои аҳли содот иртибот дошт. Ҷомӣ дар ин масъала бар он ақида буд, ки мутолиаву заҳмат инсонро ба камолот мерасонад, вале Саъдидини Қошғарӣ дар камолоти шахс мақоми ирсро бартар дониста, мегӯяд: «Беш аз сӣ ҳиссаи сиришти инсонро ирс, бистро тарбия, бисти дигарро муҳит, бистро таълим, даҳро рушди табиӣ ташкил

медиҳад. Ва он сӣ ҳиссае, ки ба ирс тааллуқ дорад, ба ҳафтод тасаллут пайдо мекунад. – Чун аз ҷониби Ҷомӣ ин чиз нисбӣ буданро мешунавад, барои тақвияти сухани хеш зиракии айёми туфулияти Ҷомиро ёдрас мешавад: – Ба қавли Мавлоно Фахриддини Луристонӣ, ки меҳмони қиблагоҳат будааанду он гоҳ ту панҷсола будаӣ ва ӯ он чизеро, ки дар ҳаво менавиштанд, бехато мехондӣ... Ба пиндори ту ин аз ғояти дониш буд, ки хонда будӣ ва ё зеҳн, ки бо хун ба ту интиқол ёфтааст?» [2, с.106].

Муаллиф дар романи хеш чӣ гуна ба равияи нақшбандия майл кардани Абдурраҳмони Ҷомиро пас аз мутолиаи китобҳои ба ин ҷараён бахшидашуда медонад: «Ҷомӣ чанд китоби дигарро дарёфт, ки ба нақшбандия дахл дошт. Ин ҷараёни навпайдо ҳанӯз то бар марзи Ҳирот ба таври шоиста маълум набуд. Танҳо осори дар ин мавзуъ интишоршударо аз Самарқанду Бухоро харидорӣ карда буданд барои китобхонаи шоҳӣ» [2, с.34].

Мазҳаби нақшбандия дар қисмати «Гузидаи нукот»-и китоби «Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон»-и Абдулҳусайни Зарринкӯб чунин шарҳ дода шудааст: «Нақшбандия, яке аз машҳуртарин силсилаҳои тасаввуфро гӯянд, ки дар асри XIV таъсис ёфтааст. Асосгузораш Баҳоваддини Нақшбанд, дар Осиёи Миёна ба вуҷуд омада, дар ҳаёти иҷтимоӣ нақши муҳим бозидааст. Дар интишори нақшбандия Хоҷа Муҳаммади Порсо, Мавлоно Яъкуби Чархӣ ва дигарон саҳми муҳим доштанд. Нақшбандия давоми мантиқии силсилаи хоҷагон мебошад. Асоси таълимоташро ёздаҳ нукта: назар ба қадам, сафар дар ватан, хилват дар анҷуман, ёдкард, бозгашт, нигоҳдошт, ёддошт, ҳуш дар дам, вуҷуфи замонӣ, вуҷуфи ададӣ, вуқуфи қалбӣ ташкил медиҳад. Нақшбандия пайравонашро ба риояи қоидаҳои шариат тарғиб карда, касбу ҳунарро барои онҳо ҳатмӣ мешуморад ва аз ҳамин нуктаи таълимоташ даъвати «даст ба кору дил ба ёр» ба вуҷуд омад [4, с.377].

Муаллиф дар роман симои Ҷомиро ҳамчун ҷӯяндаи илму дониш дар фасли «Ҳирот маркази илму дониш» низ зикр намудааст. Ӯ ба Шоҳрух дар хусуси ба Самарқанд майли сафар доштанаш чунин изҳои андеша менамояд: «Самарқанд низ як гӯшаи мамлакат аст, ки Шумо сарвараш ҳастед, Улуғбек ҷону ҷигари Шумост. Донишомӯзон тайёранд илмро аз диёри Чин биҷӯянд, ки зикри он дар ҳадиси Расулуллоҳ рафтааст» [2, с.37].

Ҳамчунин дар ин қисмати роман Ҷомӣ аз забони Шоҳрух ҳамчун ҷавони соҳибилме, ки ба донишаш ҳадди пирони донишманд расида тасвир гардидааст: «Офарин, Абдурраҳмон, ту ҳанӯз дар аҳди шубоб қарор дорӣ, аммо донишат ба ҳадде расидааст, ки пирон ба ин дараҷа пухта сухан гуфта наметавонанд» [2, с.37].

Ҳамчунин аз романи мазкур баъзе лаҳзаҳои тарҷумаиҳолии шоир низ маълум мегардад. Масалан, лаҳзаҳое аз қабили Ҷомӣ аввал ба худ тахаллуси Даштиро интихоб кардан, бо ин ном шеър гуфтан, ба китобати ашъори худу дигарон саъй варзидан ва байни ӯву донишманди замонаш Қозизодаи Румӣ мукотиба доштан, ҳамчунин Қозизодаи Румӣ ӯро ба ҳузури худ хондан, аз хурсандию ҳаяҷони зиёд ба пайкор маҷмуаи шеърҳояшро фиристодан дар роман чунин тасвир гардидааст: «Ҷомӣ аз ин хабар шод шуда, ҳаяҷонашро нигоҳ дошта натавонист ва нахуст маҷмуаашро, ки худ нусхабардорӣ карда, ба хеш Даштӣ тахаллус дода буд, ба пайкор эҳдо намуд чун барги сабз» [2, с.49].

Дар фасли «Имтиҳон» нависанда Ҷомии толибилмро, ки ба ҳузури Қозизодаи Румӣ расида, аз имтиҳони нахустини ӯ мегузарад, басо воқеъбинона тасвир намудааст. Дар ин маврид Қозизодаи Румӣ Ҷомиро ба ҳозирин шинос намуда, ӯро чунин тавсиф мекунад: «Ин кас, ки шумо мебинед, Абдурраҳмон ибни Низомиддин Аҳмад маъруф ба тахаллуси Ҷомист. Ба хидмати шумо арз кунам Ҷомӣ хатмкардаи ду мадрасаи Ҳирот Низомия ва Дилкаш мебошад. Аз илми замона огоҳ аст. Бо банда нома менавишт, дар масоили ирфон баҳс мекард. Андешаи хосси хешро дорад. Афкори аксар уламои маъруфро рад мекунад. Ҷуръаташ ӯро чун шахсият, ки афкори хосси худро дорад, барои ман муаррифӣ менамуд» [2, с.50].

Баҳои ба Абдурраҳмони Ҷомӣ додаи алломаи замон Қозизодаи Румӣ воқеият дошт, зеро ӯ қаблан Ҷомиро надида бошад ҳам, аммо тавассути номаҳояш аз афкору андешаҳои ӯ нек бохабар буд.

Аброр Зоҳир дар романи таърихияш на танҳо ба инъикоси воқеаву ҳодисаҳои таърихии ба Ҷомӣ алоқаманд буда пардохта, балки ӯ олами ботинии қаҳрамонашро низ тасвир намудааст. Хонанда тавассути чеҳранигории нависанда ба олами руҳӣ, афкору андеша ва умуман ба олами ботинии қаҳрамони асар ошноӣ пайдо мекунад. Ин нуктаро

мо пас аз мулоқоти Ҷомӣ бо Қозизодаи Румӣ дармеёбем, ки нависанда онро чунин ба қалам додааст: «Ҷомӣ аз ин суҳбат, ки беғаразонаву дилсӯзона буд, як ҷаҳон маънӣ бардошт. Аз ин пеш мудом таъриф мешунид. Нобиға буданашро пешгӯӣ мекарданд. Аммо дар ин маҷлис, ки имтиҳони холис буд, ҷурмашро ба рӯяш кашиданд. Дарк кард, ҳанӯз то ба дараҷае, ки чашмдор буд, нарасидааст, беш аз даҳ соли дигар бояд заҳмат кашаду таҳти назари устодон дониш омӯзад. Таҳи дил ба ҳоли худ хандид, ки дар баҳои хеш ба иштибоҳ роҳ додааст» [2, с.53-54].

Дар фасли «Самарқанд пойдевори тариқаи нақшбандӣ» нависанда симои Ҷомиро ба вуҷуди ҷавон буданаш ҳамчун донишманд, файласуф, фақеҳ ва донандаи хуби улуми исломӣ тасвир намудааст. Ҳангоме, ки Ҷомӣ бо Маҳмуд ибни Садод дар бораи дини ислому маслаки нақшбандия баҳс меороянд, бо ақлу заковат ва дониши амиқ ва суханони бомантиқи худ ҷавобҳои сазовор мегардонад. Чунончи, ҳангоми суҳбат Маҳмуд ибни Садод дар бораи Хоҷа Аҳрори Валӣ бо истеҳзо сухан ронда, ӯро шахси заминдору молдор ва муршиди шоҳ Абусаид дониста, мегӯяд: «Хоҷа Аҳрор дар Самарқанду Бухоро заминҳои зиёдеро аз худ карда, чорвои бешумореро дар чарогоҳҳои бекарон парвариш мекунад. Куҷои ӯ сӯфист?». – Ҷомӣ ба гуфтаҳои Маҳмуд ибни Садод бо нармӣ чунин посух медиҳад: «Ман ба замини Хоҷа Аҳрори Валӣ, ки дар он чӣ мекораду кадом намуди чорворо асара мекунад, кор надорам, ин кори шахсии ӯст. Ҳар як инсон ба ин ҳақ дорад, барои рушди зиндагии худ ва оилааш ҷаҳд кунад. Худованд дар ин маврид инсонро ҳуқуқ додааст, аммо аз худ кардани ҳосили заҳмати дигаронро аз ҷониби шахсе ба зӯрӣ маҳкум намуда, онро ҷурми гарон шумурдааст. Пири тариқат (Хоҷа Аҳрор - Т.С.) то ҷое медонам аз ин тоифа одамон нест. Ҳар қадар дороияш зиёд шудааст, ба нафъи ҷомеа аст, на фоидаи хеш. Ӯро беҳавсалагиву нокорагии мардум, ки аз рушди табиӣ мондаанд, ба ин водор кардааст, ки аз лаҷани ҷаҳл раҳо кунад. Бигузор дигарон ба ӯ пайравӣ намоянд» [2, с.89].

Манзараи ҷолибе, ки дар роман ба қалам дода шудааст, ин мурдаи хари Ҷавонбахт ва бар сари гӯри он зиёратгоҳ сохтану ва аз ин ҳисоб даромад рӯёндани онҳо мебошад. Ҷомӣ ҳамроҳи ҳамсабақонаш Алибахшу Ҷавонбахт сирри ин ҳодисаро ошкор сохта, мардумро аз гумроҳӣ мераҳонанд. Дар ҳамин асно яке аз зоирин дар симои Ҷомӣ шахси тавозуъпеша, хоксор ва ҳақиқатгӯю донишмандро дида, талаби дуо мекунад. Яке аз шарикони Ҷомӣ ӯро ба ҳозирин чунин тавсиф мекунад: «Шумо танҳо зоҳири Мавлоноро мебинед, ботини эшон укёнусест, ки ҳеҷ наметавонед соҳили дигарашро бо чашми оддӣ бубинед» [2, с.97].

Абдурраҳмони Ҷомӣ пас аз 15 соли илмомӯзӣ аз Самарқанд ба Ҳирот бармегардад. Дар ин муддат Абулқосими Бобур аз соли 1449 то инҷониб дар Ҳирот ҳокимият меронд ва аз ташрифи Ҷомӣ хушнуд шуда, ӯро ба ҳайси дафтардор ба дарбор ба кор даъват мекунад, зеро ӯ хуб медонист, ки бо ҷалби Ҷомӣ ҳам обрӯяш дар миёни мардум баланд мегардад ва ҳам корҳои дафтардории дарбор ривоҷи тоза касб мекунанд. Аз ҳамин хотир, Абулқосими Бобур Ҷомиро ба дигарон муаррификунон дар ҳаққи ӯ чунин суханони таҳсиномез мегӯяд: «Ҳар коре, ки дар ҷодаи илм анҷом медиҳӣ, ифтихори мост, чаро ки сокини ин шаҳри бошукӯҳ ҳастӣ ва ба қасди он Самарқандро тарк гуфтӣ. Имрӯз дар Кобулу Рай, Балху Бухоро, Марву Тирмиз, Исфаҳону Шероз аз ин чиз ёд мекунанд, ки Ҷомӣ ба қаламрави Хуросон омадааст чун мулки амну обод, ки аҳли илмро саробон аст» [2, с.101].

Ҳамин ҳусни тафоҳуми тарафайн буд, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ ду асари тозаэҷоди худ – «Рисолаи кабир дар муаммо» ва «Ҳуляи ҳулал»-ро ба номи Абулқосими Бобур эҳдо мекунад.

Дар фасли «Маҳбуби Ҳирот»-и роман симои Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамчун шахси вақтшиносу ҳамеша ба мутолиаву таълифот сарукордошта тасвир шудааст. Ӯ назар ба дигар адибони гузашта бештар ба осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва Мавлоно таваҷҷуҳ зоҳир карда, осори эшонро мудом мавриди мутолиа қарор медодааст, ки инро нависанда дар роман чунин овардааст: «Домани мутолиаву корро дар таснифи осори илмӣ ва иншои шеър маҳкам гирифт. Акнун аз субҳи содиқ то поси шаби торик машғули кор буд. Чун фориғ шуд, девони Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Девони Шамси Табрезӣ»-ю «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхиро рӯйи даст мегирифт, то андаке ҳам бошад, ҳузур кунад» [2, с.101].

Дар ин фасл нависанда мубоҳисаи Алии Қушчӣ бо Абдурраҳмони Ҷомиро, ки дар маҳфили илмии дарбори шоҳӣ доир гардидааст, хеле зебо тасвир кардааст. Мубоҳисаи онҳо аз баҳси илмӣ дида бештар ба имтиҳонгирии устоду шогирд шабоҳат дошт: «Алии Қушчӣ дар ҳузури чанд шахси муътабар, ки ин шарофатро тавассути маҳбубияташон ба илм пайдо карда буданд, ӯро аз ғалбер гузаронд. Ҷомӣ ба ҳама саволҳои ӯ, ки ба сарфу наҳв, мантиқ, ҳикмати машшоӣ, ҳикмати ишроқ, ҳикмати табиӣ, ҳикмати риёзӣ, илмҳои фиқҳ, усул, ҳадис ва тафсир тааллуқ дошт, ҷавоби муфассал дода, нишон дод, ки талаби илму дониш карданашро ҳавову ҳавас боис нашудааст, бал азмаш қависту Алоуддин Алии Қушчӣ дар додани маърифат нисбат ба Ҷомӣ зихнагӣ накунад» [2, с.101]. Аз мутолиаи ин қисмати роман хонанда дармеёбад, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ пас аз имтиҳони ҷиддии Алии Қушчӣ ба унвони Мавлоногӣ мерасад.

Ҳамчунин дар фасли «Пири тариқат»-и роман нависанда суҳбати Саъдиддини Қошғарӣ бо Абдурраҳмони Ҷомиро хеле моҳирона ба қалам додааст. Хонанда ҳангоми мутолиаи ин қисмати китоб дармеёбад, ки ҳусни таваҷҷуҳи пири тариқати нақшбандия – Саъдиддини Қошғарӣ нисбат ба Абдурраҳмони Ҷомӣ хеле зиёд аст. Ҳамчунин дар ин фасл Ҷомӣ бо бародараш Мавлоно Муҳаммад доир ба тариқати нақшбандия сари масъалаи мақом баҳс меороянд, зеро Мавлоно Муҳаммад пас аз мутолиаи китоби «Табақот-ус-сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ роҷеъ ба ин масъала ихтилофро дида, барои аниқтар дарк намудани он ба назди Ҷомӣ омада буд. Ҷомӣ таълимоти сӯфиёнро аз рӯйи мақом ба бародараш чунин тавзеҳ медиҳад: «Мақом остонест, ки ба ҳадди он расидан, ба қавли аҳли тасаввуф, пайраҳаҳои гуногунро тай задан лозим меояд, ки фуруду фарозҳои хос дорад ва он яксон нест» [2, с.101].

Аз баҳсу мунозираҳои дар байни Ҷомию устодаш Саъдиддини Қошғарӣ ва бародараш Мавлоно Муҳаммад сурат гирифта, ӯ ҳамчун донишманди замон аз андешаву ақоиди намояндагони тариқатҳои гуногуни исломӣ нек бохабар намоён мегардад. Ҳамин буд, ки пас аз марги Саъдиддини Қошғарӣ бо пешниҳоди ӯ пешвоии тариқати нақшбандияро ба Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ муносиб донистаанд: «Мавлоно Муҳаммад (бародари аршади Ҷомӣ - Т.С.) бузургсолиро ба хушзеҳнии бародар (Ҷомӣ - Т.С.) нафурӯхт, бал ӯро арҷ ниҳода, пешниҳоди Мавлоно Саъдуддини Қошғариро бамавқеъ арзёбӣ кард. Акнун ӯ (Ҷомӣ - Т.С.) дар Хуросон чун Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрорӣ дар Самарқанд ва Мавлоно Яъқуби Чархӣ дар Чағониён нуфузу эътибор пайдо намуд, дар ин ҷода ба хидмат пардохт» [2, с.113].

Тибқи навиштаи муаллифи роман Ҷомӣ ба сӯфиёну шайхони манфиатҷӯю тамаъкор нафрат дошта, ин қабил муридону пайравони тариқати нақшбандияро мазаммат мекардааст ва мо инро аз ҷумлаҳои зерин нек дармеёбем: «Пайравони тариқат ҳама ба як низом равонаи роҳи ҳақ набуданд. Бархе аз шайхони судҷӯ, ки хешро пайраву солики тариқат медонистанд, бо худнамоиву хушгуфторӣ муридонро ба хеш моил намуда, аз мардуми авом назр мерӯёнданд, ки ин ба Ҷомӣ хуш намеомад. Дар иҷлосҳои илмӣ, ки зуд-зуд доир мекард, ба самъи эшон мерасонд, ки ба ин роҳ хешро ҷилва надиҳанд, ки нафсашон минбаъд ба хасм бадал шаваду хасмашон ба аждар, ки оқибат худи эшонро бибалъад» [2, с.113].

Ба вақтшиносии Ҷомӣ нависанда эътибори ҷиддӣ дода, дар чанд маврид онро дар романи хеш дарҷ намудааст, ки хонанда низ бояд ба қадри вақти худ бирасад. Масалан, ӯ суҳбату вохӯриҳо бо наздикон ва ё муридонашро ҳангоми хӯрокхӯрӣ ва шабона таъйин мекард ва дар ин хусус дар роман чунин омадааст: «Ҷомӣ чунин суҳбатҳоро бо хешу ақрабо асосан вақти масрафи хӯрок ва шомгоҳ баъд аз фарорасии торикӣ, ки чашмонаш аз мутолиаи зиёд хира мешуданд, анҷом медод ва ба толибони дидор мефармуд маҳз ин вақту соат ба кулбаи ӯ ташриф биоранд» [2, с.118].

Манзараи ҷолиби роман боз дар он аст, ки пири тариқати нақшбандияи Мовароуннаҳр Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрори Валӣ чун ба Ҳирот ташриф меорад, чун аз вазъи номусоиди мардум бохабар мешавад, ба шоҳ Абусаиди Курагонӣ маслиҳат медиҳад, ки аз нияти андозгундории барзиёд ва аз кишваркушоиҳои худхоҳона даст кашида, андозро аз раият кам кунад ва аз дӯши Ҷомӣ, ки ихлосмандону муридони зиёд дорад ва аз ин хотир харҷаш низ зиёд мебошад, андозро бардорад: «Абдурраҳмони Ҷомиро аз андоз озод гардонед... Ба ӯ аз ҳисоби заминҳои шоҳӣ, ки обианду серҳосил боз иловатан замин диҳед, ки харҷаш ниҳоят гарон аст. Ҷомӣ шайхи чилланишину мутаваллии сари мазор

нест. Ҷомӣ шоири тавонову донишманди аълост, ки ба ҳузураш аз гӯшаву канори олам аҳли илму фарҳанг меояд, то дар суҳбаташ нишинанду аз файзи ҳунараш баҳра бардоранд. Ба онҳо рӯзе се маротиба ғизо омода мекунанд. Инро ба чашми сар дидам. Ман имрӯзҳо меҳмони ӯям» [2, с.121-121].

Дар романи мазкур Ҷомии донишманд дар баҳсе, ки дар миёни муфтии шаҳр ва пири тариқаташ Хоҷа Аҳрори Валӣ рух дода буд, бо шеърҳои дархӯри мавзуъ ва ҷавобҳои сазовори худ баҳсу мунозираи онҳоро фурӯ менишонад ва бо роҳи фаҳмондадиҳии тариқати баргузидаашон оқибат муфтии шаҳр қонеъ шуда, муриди Хоҷа Аҳрори Валӣ мегардад. Ҳамин тариқ, Ҷомӣ муддати шаш моҳ дар Самарқанд иқомат карда, бо пираш Хоҷа Аҳрори Валӣ суҳбатҳои илмию динӣ баргузор менамояд ва ҳангоми озими Ҳирот шуданаш дар дарвозаи он ҳуҷрае, ки бо устодаш нишасту хест дошт, алоқамандону мухлисонаш бо хатти хона чунин менависанд: «Дар ин ҳуҷра Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ бо пири тариқати нақшбандӣ Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор мулоқот анҷом дода, муридони хешро бо суҳбати пурмуҳтаво ба тааҷҷубу ҳайрат мегузоштанд» [2, с.130].

Ҷомӣ дар гуфтору кирдор, ки ҳамеша тарафдори адолатхоҳию ҳақиқатпарастӣ буд, кӯшиш менамуд, ки тавассути нигоштаҳояш на танҳо мардумро, балки ҳокими мамлакатро низ ба сӯйи адлу дод ҳидоят намояд. Нависанда ҳам инро дар романи хеш тавонистааст, ки дар мубоҳисаҳои байни ӯву шогирдаш Алишери Навоӣ доим ба вуқуъ мепайвастанд, тасвир намояд. Дар фасли «Шӯри дили мардум» Алишери Навоӣ ба назди устодаш Абдурраҳмони Ҷомӣ омада, шеърҳои дар мазаммати шоҳ ва беадолатиҳои замон навиштаашро хотиррасон менамояд, ки шояд боиси ранҷиши шоҳ гарданд. Онҳо дар ин хусус суҳбати хосса мекунанд ва он порчаҳои шеърие, ки Ҷомӣ дар ин маврид навиштааст, дар миён гузошта мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳанд. Нависанда ин гуна мубоҳисаро дар порчаи зерин аз забони Навоию Ҷомӣ чунин ба қалам додааст:

«– Чунин мисраъҳо хоҳ дар ғазал аст ё рубоӣ, маснавӣ аст ё қитъа, чандон дурушт нестанд. Аз шунидани он, (Ҳусайни Бойқаро - Т.С.) ба худ меояд ва борони маломатро ба сари арбобони бедиёнати муфтхӯр мерезад. Сангандозиҳоятон ба сари шоҳ, малулам кардааст.

Ҷомӣ аз ин гилаву гузор хиҷолат накашид, бал рост ба чашми Навоӣ нигариста гуфт:

– Фасод аз поён то боло зина ба зина дар маъмурияти давлат реша давондааст. Ин оқибати хуб надорад. Ҳам ба шоҳ ва ҳам ба ту борҳо гуфта будам. Натиҷае ҳосил нашуд. Ночор дардамро дар коғаз қайд кардам. Гумон надоштам он ба самъи садрнишинон мерасад» [2, с.160-161].

Дар боби «Ҷодаи ваҳдат» нависанда Абдурраҳмони Ҷомиро ҳамчун маслиҳатчию мушовири Султон Ҳусайни Бойқаро ба қалам додааст. Тавре ки аз тазкираву китобҳои таърихӣ бармеояд, масъалаи низои сунниву шиӣён, ки солҳо боз дар миёни мусулмонони Хуросону Мовароуннаҳр ва соири кишварҳои исломӣ идома мекард, аҳли илму донишро ба ташвиш оварда буд. Азбаски масъалаи мазҳабситезӣ дар асри XV дар Ҳирот низ боиси ҷангу ҷидоли мусулмонон гардида буд, Султон Ҳусайни Бойқароро низ ба ташвиш наандохта наметавонист. Бинобар ин, ӯ Ҷомӣ ва Навоиро ба ҳузур пазируфта, сари ин масъала хеле суҳбат меороянд ва барои аз ин мушкилӣ раҳо шудан илоҷу тадбир ҷустанӣ мешаванд. Онҳо барои ба ваҳдат овардани тарафдорони ин ду шохаи бузурги исломӣ хеле баҳсу мунозираҳо мекунанд ва чун илоҷи аз ин варта раҳо шуданро намеёбанд, дар охири суҳбат Ҳусайн Бойқаро доир ба ин ду ҷаҳонбинӣ нуқтаи назари Ҷомиро пурсон мешавад ва ӯ дар ҷавоб рубоии зерини худро қироат мекунад:

Эй муғбачаи даҳр бидеҳ ҷоми маям,
К-омад зи низои сунниву шиа қаям.
Гӯянд, ки Ҷомиё, чӣ мазҳаб дорӣ?
Сад шукр, ки сагсунниву харшиа наям» [2, с.168].

Нависанда сирату атвори Ҷомиро дар фасли «Каъбаи мақсуд»-и роман возеҳтар нишон додааст. Ҷомӣ тирамоҳи соли 1472 ҳангоми сафар ба Ҳиҷоз ба ҳаводорону мухлисони барои хайрухуш ҷамъомада мақсади худро ба таври мухтасар чунин баён менамояд: «Ҷуз ин, ҳама коре, ки пеши худ гузошта будам, иҷро гардид. Як сол пеш ду мадраса дар Ҳирот ва масҷиде дар Ҷом бино кардам. Ғуломҳоямро баъд аз он ки калима арза намуданд, озод сохтам. Дигар боре бар дӯш надорам» [2, с.169].

Дӯстию ҳамнишинӣ ва мукотибаю номанависии Ҷомию Навоӣ, ки ҳамеша сурат мегирифт, дар айёми сафари Ҳиҷоз ҳам қатъ нагардида будааст ва инро нависанда дар романи хеш бо маҳорати баланди нависандагӣ ба тасвир кашидааст. Манзараи номанависии Ҷомӣ ба Навоиро нависанда чунин ба қалам додааст: «Дар ин се моҳи дурӣ аз ёру диёр ва шогирду дӯсти вафодор Мир Алишери Навоӣ шоири зоирро пазмонӣ, бори дӯшу ҷазабаи қалб шуда буд. Ҷомӣ ба ҳоҷиёне дар дашти Карбало бархӯрд, ки ба Ҳирот равона буданд. Ба дасти эшон нома ирсол дошт» [2, с.170].

Абдурраҳмони Ҷомӣ агар дар сафари ҳаҷ дар баҳсҳои донишмандон нишаста ба суолоти эшон посух дода бошад, инчунин дар ҳалқаи мазҳабситезони мутаассиб низ афтода, бо дониш ва мантиқи сухани хеш онҳоро мафтуну қонеъ мегардонад. Аброр Зоҳир доир ба чунин масъалаҳои нозук осори илмиву адабии Ҷомӣ ва инчунин осори илмии дар бораи рӯзгор ва осори шоир навиштаи олимонро мутолиа карда, ҷойҳои муносибу мувофиқи онро бо рангубори бадеӣ дар романи хеш ҷой додааст. Чунин баҳсҳоро мо дар шаҳрҳои Нишопур, Сабзазору Бастом, Домғону Қазвин, Ҳамадону Курдистон мебинем, ки Ҷомӣ дар ағлаби онҳо дастболо шудааст. Чунончи ҳангоми гузар аз дашти Курдистон Ҷомӣ гурӯҳи шииёнро мебинад, ки бо занҷир ба пушти худ зада ба ҳазрати Алӣ ихлосмандии хешро нишон доданӣ мешуданд. Онҳо чун донистанд, ки Ҷомӣ ҳамсуҳбаташон гардидааст, ӯро ба баҳс мекашанд. Неъмати Ҳайдарӣ, ки даъвои худро ҳам аз рӯйи шариату ҳам рӯйи тариқат медонист, ба шоир ба баҳс баромада, ба ӯ бо суолҳои тавҳиномез муроҷиат мекунад:

«Туро кӣ мондааст ба мазҳаби мо (шиён - Т.С.) санг андозӣ?... Ҷомӣ бо ҳамон таҳаммули азалӣ гуфт: – Шариат агар шиор несту ба он пайрав ҳастӣ, мӯйи лаб бичин, ки чун думи муш даҳонатро палид насозад.

Ҳаводорони Неъмат чун ин калом аз Ҷомӣ шуниданд, дарҳол ӯро таги по карда пушти лабашро аз мӯй холӣ карданд ва хоҳиши аз пири тариқат дуову фотиҳа гирифтанро намуданд, то ба ҳақ расидагӣ кунад, вагарна ба ин сурат ҳарфу ҳиҷояш ботил бувад» [2, с.171].

Тавре ки дар боло зикр намудем, Аброр Зоҳир барои таълифи романи таърихии хеш осори зиёди илмиву бадеи гузаштагону муосиронро мавриди мутолиаву омӯзиш қарор дода, ба ақоиди фалсафии Ибни Сино, Ибни Арабӣ, Фахриддин Иброҳими Ироқии Ҳамадонӣ, Садриддини Қуниявӣ, Абдулкарими Ҳамадонӣ ошноӣ пайдо карда, он ҳамаро дар иртибот ба ҷаҳонбинии Абдурраҳмони Ҷомӣ ба қалам додааст, ки ин худ аз ҷаҳонбинии фарох доштани худи ӯ ҳам дарак медиҳад. Масалан, нависанда дар роман аз забони шоир дар хусуси бо афкору андешаи гуногун ба зиёрати хонаи Худо омадани ихлосмандон ақидаи Ибни Арабиро асос қарор дода, сухан рондани ӯро чунин овардааст: «Ҷомӣ дар аснои ҳаҷ бо одамоне дучор омад, ки эшонро ақида ба тавофи хонаи Каъба оварда буд, ки роҳи ҳақшиносиашон яксон набуд, аммо ҳадафашон ягона буд. Ва дар ин маврид ба ақидаи Ибни Арабӣ такя мекард, ки дар масъалаи расидан ба ваҳдат, роҳи ягона муҳим нест, бал асос он аст, ки ҳадаф ягона бошад» [2, с.173].

Мартабаву бузургии Абдурраҳмони Ҷомӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо дониш ва хулқи ҳасанаи худ дар миёни қавму миллатҳои гуногун низ маҳбубият доштааст ва инро нависанда тавонистааст, ки дар роман ба чашми хонанда ҷилвагар намояд. Чунончи, Ҷомӣ пас аз зиёрати Каъба ба шаҳри Табрез мерасад, ҳокими он Узун Ҳасан барои ташрифи ӯ базми бузурге меороядва баъди ба сӯйи Хуросон равон шуданаш намояндагони дину мазҳабҳои гуногун то ними роҳ барои гуселонидани ӯ мебароянд: «Баъд аз намози одина қофила бо имои шоир ҷониби Хуросон роҳ пеш гирифт. Аз паси онҳо то ними роҳ мухлисони гуногунқавм, ки иборат аз арабу форс, озариву туркману курд буданд, шоири тавоно, ҳоҷии барҳақро гусел карданд» [2, с.176].

Дар фасли «Азми сафари Самарқанд» нависанда Абдурраҳмони Ҷомиро ба чашми хонандаи роман ҳамчун шахси заҳматкаш ва бо меҳнати ҳалол ризқу рӯзиёбанда ва вобастаи ҳеҷ касу ҳеҷ чиз набуда тасвир намудааст: «Ҷомӣ... фориғ аз корҳои эҷодӣ, асосан ба деҳқонӣ машғулият мекард. Ҳосили хуби гандум, ҷав, наску нахӯд мерӯёнд, чорвояш низ наслдеҳ буд. Мавсими наслгирӣ рамааш ду баробар зиёд шуд. Ҳаргиз музди маоши даҳмардаву шубонҳояшро аз муҳлати таъйиншуда дер намедод. Дигар ғулом надошт, онҳоро озод карда буд. Ва ин корро Хоҷа Убайдулло низ таъкид мекард, ки аз барои нафс ҳаргиз инсонеро аз имкони озод зистан маҳрум накунад» [2, с.198].

Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ на танҳо шоир ва олиму мутафаккири замони хеш, балки ӯ мусиқишиноси машҳури асри худ низ буд ва дар ин мавзуъ асаре бо номи «Рисолаи мусиқӣ» ҳам эҷод кардааст. Нависанда дар ҳунари мусиқӣ устоди комил будани Ҷомиро дар фасли «Базму тараб»-и асари хеш инъикос намудааст. Дар манзили шоир ба ин ё он муносибат базмҳои бошукуҳе доир мегардид, ки дар он дастаи ромишгарони ҳирфавӣ бо асбобҳои мусиқӣ ҳозир мешуданд ва Ҷомӣ онҳоро шахсан сарварӣ мекард. Дар чунин яке аз базмҳои дар манзили Ҷомӣ баргузоршуда меҳмонони олиқадре ба монанди шайхулисломи қаламрави Ҳирот Ҳазрати Мавлоно Сайфиддини Аҳмад ва Шайхшоҳ – яке аз шахсони маъруфи руҳонӣ низ даъват шуда буданд. Азбаски мусиқинавозони дастаи Ҷомӣ ҳама ҳунармандони ҳирфаӣ буданд, мусиқии онҳо шунавандагонро ба худ мафтун мекард.

Пас аз ин Шайхулислом барои ба дигарон собит намудани қудрати мусиқӣ чанд нафар аз мусиқинавозони маҳалли худро ба базми хеш даъват карда, ба истимои он мепардозад, ки ба ҷойи роҳат, баръакс гӯшаш харош мехӯрад ва худро маломат мекунад, ки чаро ба чунин кори бидъате даст зада, дунболи Иблис рафтааст. Рӯзе сари ин масъала ба Ҷомӣ гиламандона шиква мекунад. Ҷомӣ аз ӯ кӣ будани навозандагонро мепурсад ва чун мефаҳмад, ки онҳо мусиқичиёни маҳаллианду ба мазмуни шеъру суруд ҳам чандон сарфаҳм намераванд, ба Шайхулислом нармакак чунин мегӯяд: «Мусиқӣ низ зодаи арши барин аст, ҳар оҳанг, ки дар тақлид мешунавӣ, навозишгари руҳу равон нест. Агар хумори оҳанги ноб дорӣ, ба ҳузури ман биё, то мусиқинавозонро, ки хушзавқанду маънифаҳм гирд биёранд, то бинавозанду бисозанд, ки табъи нозукат хуш шавад» [2, с.233].

Хулоса, аз таҳқиқи масъала маълум мегардад, ки нависанда ҳангоми таълифи роман бо истифода аз арқоми таърихӣ ва осори илмию бадеӣ симои воқеии Абдурраҳмони Ҷомиро тавонистааст, ки бо рангу бори бадеӣ инъикос намояд. Мо дар мақола барои инъикоси симои воқеии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз порчаҳои чудогонаи роман ва инчунин барои тақвияти сухани хеш аз осори илмию адабӣ низ истифода карда, симои шоирро ба чашми хонанда ҷилвагар намудем. Инчунин, тавассути суҳбатҳои байни қаҳрамони асосӣ ва дигар персонажҳои роман олами ботинӣ, фикру ақида, дурандешӣ, донишмандӣ ва зиракиву фарзонагии Ҷомиро бармало намудем.

Муқарриз: ***Худоёрзода Р.С.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДДБ ба номи Н.Хусрав.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдусамади Мулло. Чеҳранигории ҳунарӣ дар насри таърихӣ / Мулло Абдусамад. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 176 с.
2. Аброр Зоҳир. Ҷилои ҷоми Ҷомӣ / Зоҳир, Аброр. – Душанбе: адабиёти бачагона, 2015. – 260 с.
3. Абдулманнони Насриддин. Матншиносии осори адабӣ / Насриддин, Абдулманнон. – Душанбе, Пайванд, 2011. – 392 с.
4. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон / Зарринкӯб, Абдулҳусайн. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 396 с.
5. Аълохон Афсаҳзод. Абдурраҳмони Ҷомӣ / Афсаҳзод, Аълохон. – Душанбе: Маориф, 1978. – 190 с.
6. Солеҳов Ш. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни ХХ / Ш.Солеҳов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 336 с.
7. Ульмасова З. Исторический роман эпохи независимости (Обзор, критика и анализ исторических романов: конца ХХ – начала ХХІ вв) / З. Ульмасова. – Худжанд: Ношир, 2016. – 287 с.
8. Умари Хайём. Рубоиёт (Бо забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ). Мураттиб: Ҳусайн Содиқӣ. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 272 с.
9. Умари Хайём. Рубоиёт (Тартибдиҳанда Мирзо Муллоаҳмадов). – Душанбе: Дониш, 1983. – 100 с.
10. Ҳодизода Р. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р.Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1961. – 184 с.
11. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт (Мураттиби китоб ва муаллифи сарсухан Ҷ. Шанбезода). – Душанбе: Ирфон, 1983. – 672 с.
12. Шабонкораӣ М. «Маҷмаъ-ул-ансоб» / М.Шабонкораӣ // Садои Шарқ, 2016. - №7. – С.157.
13. Шакурӣ, М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ / М.Шакурӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.
14. Шарифзода Б. Сирқоти адабӣ / Б.Шарифзода // Садои Шарқ, 2015. – №10. – 156 с.
15. Шарифзода, Х. Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ (Мунтахаби мақолаҳои адабиётшиносӣ) / Х. Шарифзода. – Душанбе: Адиб, 2012. - 352 с.
16. Шукурзода, Мирзо. Сӯхтан ва сохтан / Мирзо Шукурзода // Садои Шарқ, 2012. - №4. – С.100-148.

СИМОИ ҶОМӢ ДАР РОМАНИ ТАЪРИХӢ

Муаллиф дар мақола кӯшиш намудааст, ки симои воқеии Абдурраҳмони Ҷомиро дар романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» бо рангу бори бадеӣ инъикос намояд. Аз таҳқиқи масъала маълум мегардад, ки нависанда ҳангоми таълифи роман гоҳ ба арқоми таърихӣ, гоҳ ба осори илмию бадеии ба рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ бахшидашуда такя намуда, асари хеле ҷолибу хондание офаридааст. Барои инъикоси симои воқеии Абдурраҳмони Ҷомӣ муаллиф аз осори илмию адабии зиёд истифода карда, то андозае симои шоирро ба чашми хонанда воқеъбинона ҷилвагар сохтааст. Муаллиф тавассути суҳбатҳои байни қаҳрамони асосӣ ва дигар персонажҳои роман олами ботинӣ, фикру ақида, дурандеш, донишманд, зираку огоҳ будани Ҷомиро бармало намудааст. Ҳамчунин муаллиф дар мақола барои тақвияти сухани хеш порчаҳои зиёдеро аз роман иқтибос оварда, дар онҳо хислатҳои илмомӯзӣ ва ҳақталошии Ҷомиро тасвир кардааст. Инчунин дар хусуси ба илмомӯзӣ ҷиддӣ машғул будан ва аз вақт самаранок истифода кардани Ҷомӣ мисолҳо оварда шудааст, ки хонанда ба воқеияти онҳо боварӣ ҳосил менамояд. Аз мақола маълум мегардад, ки Ҷомӣ зидди насабнозиҳо буда, бар он ақида буд, ки мутолиаву заҳмат инсонро ба камолот мерасонад. Дар мақола муаллиф Ҷомиро на танҳо шоир ва олиму мутафаккири замони хеш, балки ӯро ҳамчун мусиқишиноси машҳури асри худ низ ба қалам додааст, зеро Ҷомӣ ба дастаи ромишгарони ҳирфавӣ ҳамкорӣ дошт ва онҳоро шахсан сарварӣ мекард.

Калидвожаҳо: Абдурраҳмони Ҷомӣ, нависанда, роман, симо, муқоиса, тасвир, инъикос, устод, донишманд, шоир, мутафаккир, пешво, нақшбандия, пири тариқат.

ОБРАЗ ДЖАМИ В ИСТОРИЧЕСКОМ РОМАНЕ

В статье автор пытается художественными красками отразить реальный образ Абдуррахмана Джами в романе «Сверкание чаши Джами». Исследование вопроса показывает, что автор романа, опираясь то на исторических деятелей, то на научные и художественные труды, посвященные жизни и творчеству Абдуррахмана Джами, создал очень интересное для читателей произведение. Для того чтобы отразить реальный образ Абдуррахмана Джами, автор романа использовал множество научных и литературных трудов и в какой-то степени сделал образ поэта более реалистичным в глазах читателя. Через беседы главного героя с другими персонажами романа автор раскрывает внутренний мир Джами, мысли, видение, знания, интеллект и осознанность. Автор также цитирует множество отрывков из романа, чтобы подкрепить свою точку зрения, описывая изучение наук и правдолюбие Джами. Есть также примеры серьезного изучения Джами наук и эффективного использования времени, в чем убедился читатель. Из статьи видно, что Джами был против генеалогии и считал, что чтение и трудолюбие делают человека совершенным. В статье автор характеризует Джами не только как поэта, ученого и мыслителя своего времени, но и как известного музыковеда своего века, так как Джами сотрудничал и лично руководил группой профессиональных музыкантов.

Ключевые слова: Абдуррахман Джами, писатель, роман, образ, сравнение, описание, размышление, мастер, ученый, поэт, мыслитель, лидер, образец для подражания, старейшина суфизм.

THE IMAGE OF JAMI IN A HISTORICAL NOVEL

In the article, the author tries to reflect the real image of Abdurrahman Jami in the novel "Sparkle of Jami's bowl" with artistic colors. The study of the issue shows that the author of the novel, relying either on historical figures or on scientific and artistic works dedicated to the life and work of Abdurrahman Jami, created a work that is very interesting for readers. In order to reflect the real image of Abdurrahman Jami, the author of the novel used many scientific and literary works and to some extent made the image of the poet more realistic in the eyes of the reader. Through the conversations of the protagonist with other characters of the novel, the author reveals Jami's inner world, thoughts, vision, knowledge, intellect and awareness. The author also cites many passages from the novel to support his point, describing Jami's study of the sciences and truth-seeking. There are also examples of Jami's serious study of the sciences and the efficient use of time, as the reader is convinced. It can be seen from the article that Jami was against genealogy and believed that reading and diligence make a person perfect. In the article, the author characterizes Jami not only as a poet, scientist and thinker of his time, but also as a well-known musicologist of his century, since Jami collaborated and personally led a group of professional musicians.

Key words: Abdurrahman Jami, writer, novel, image, comparison, description, reflection, master, scientist, poet, thinker, leader, role model, Sufism elder.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, омӯзгори кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогика ва варзиш. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, хиё. Айнӣ, 67. E-mail: **sturakhonov94@bk.ru.** Тел.: **(+992) 905-80-20-30**

Сведение об авторе: ***Турахонов Салохиддин Абдурахмонович*** - Бохтарский государственный университет им. Н. Хусрава, преподаватель кафедры методики начального образования факультета педагогики и спорта. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, пр. Айни, 67. E-mail: **sturakhonov94@bk.ru.** Тел.: **(+992) 905-80-20-30**

Information about the author: ***Turakhonov Salohiddin Abdurakhmonovich*** - Bokhtar State University named after N. Khusrava, lecturer at the Department of Methods of Primary Education, Faculty of Pedagogy and Sports. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Ayni Ave., 67. E-mail: **sturakhonov94@bk.ru.** Tel.: **(+992) 905-80-20-30**

УДК: 891.550

БОЗТОБИ БАДЕИИ МАСОИЛИ НАВРАСОН ДАР ҲИКОЯҲОИ Б. ФИРУЗ

(дар мисоли ҳикояи «Чӣ сон аълохон шудам»)

Каримов Х.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти муосири тоҷик шумори адибону нависандагоне, ки осорашон комилан ба мавзуи кӯдакон тааллуқ дошта бошад, андак аст. Адабиёти манзуми кӯдакону наврасон дар қиёс бо осори мансури кӯдакона дар тули замон пешрафту вусъати чашмгире доштааст ва дар ин росто адибоне мисли Гулчеҳра Сулаймонӣ, Бобо Ҳоҷӣ ва Убайд Раҷаб тамоми осори хешро ба васфу ситоиши дунёи пуррамзу рози кӯдакон бахшидаанд. Дар радифи эшон гурӯҳи дигари адибон буданд, ки осори арзишмандеро ҳам дар шакли назму ҳам наср офаридаанд. Намунаи ин гурӯҳ шодравон А.Баҳорӣ мебошад ва ниҳоят гуруҳи дигаре аз шоирони мо талош намуда, дар баробари эҷоди осор барои мухотабони бузургсол васфу тавсифи ҷаҳони кӯдакону наврасонро фаромӯш насозанд. Ба сифати шоҳид метавон аз шоирони бузурги мо Ғаффор Мирзо, А. Деҳотӣ, А. Шукӯҳӣ ёд намуд.

Бо як калом адиберо наметавон ёфт, ки ба чигунагии раванди камолу боландагии ин рукни аслии идомати ҷомеаи инсонӣ-кӯдакӣ бетаваҷҷуҳ бошад. Замоне сухан аз пешинаи адабиёти кӯдакону наврасон дар адабиёти муосир дар миён меафтад, беихтиёр ба зеҳн офаридаҳои устод С.Айнӣ мерасад. Устод С. Айниро бидуни шак метавон аз поягузорони адабиёти кӯдак дар Тоҷикистон номид. Перомуни адабиёти кӯдакон ва шебу фарози он дар адабиётшиносии тоҷик, махсусан дар солҳои охир пажӯҳишҳои арзишманде таълиф шуда, ки аз зикри онҳо сарфи назар мешавад.

Даст задан ба масъалаи адабиёти кӯдакон бидуни ихтиёр зеҳни муҳаққиқро ба дарку маърифати хадафу мақсади адабиёти кӯдак мекашонад, ки пурсиши ҷолибест. Албатта, ҳар риштае аз адабиёт аҳдофу барномаи хоссе пешорӯ дорад, ки барои расидан ба ниҳояти он аносири зиёде лозим аст. Муҳаққиқону донандагони адабиёт дар шинохту шарҳи мабонии аҳдофи адабиёту рисолати он ақидаҳои пуршуморе пешниҳод намудаанд, ки маҷмуи онҳоро метавон ба шарҳи зер хулоса намуд. Ба ин маънӣ, ки ҳадафи адабиёт руҳу ҷон бахшидан ба пайкари хушку мунҷамиди зиндагии рӯзмарра аст. Зиндагии инсонӣ саршори саҳнаву манзараҳо, ҳолатҳо, мафҳумҳост, ки сурати оддиву маъмулӣ доранд. Адабиёт бояд ҳамаи инро бо латофату шодобии хос, доштаҳояш ба гунаи кашандаву дилчасб, ҷаззоб пешкаши мухотабон гардонад. Ба диду талаққӣ, биниши мардум дар атрофи моҳияти ҷаҳону инсон умқу маънӣ бахшад. Ба дигар сухан, ҳадафи ниҳоии адабиёт неруманд сохтани зеҳну хаёли корсози инсонист.

Дар пайванд бо ин андеша муҳаққиқе изҳор дошта, ки «адабиёт кашф мекунад, бозофаринӣ мекунад ва дар ҷустуҷӯи маъност. Ин баён ҳамчун калиди зудгушо моро аз арзиши адабиёти кӯдакон огоҳ месозад ва тавсифе комил аст. Зеро дар даврони кӯдакӣ беш аз ҳар давраи зиндагӣ кашф мекунанд, боз меофаринанд ва дунболи ҳақиқат дар таҷоруби инсонӣ ҳастанд. Кӯдакон ҳар рӯз саргарми бозиҳои табииву одии худ ҳастанд. Омӯзишу парвариши саҳеҳ ба бозиҳои онҳо шакл медиҳад ва онҳоро кумаку роҳбарӣ мекунад, то дар замоне андак ба асрори фаровоне пай баранд» [12, с.9].

Мусаллам аст, ки ҳар ақидаву дидгоҳе муҷиби зуҳуру пайдоиши андешаи дигаре мегардад. Ба ин маънӣ, ки бар асоси гуфтаҳову шавоҳиди болоӣ метавон атрофи ҳадафи аслии адабиёти кӯдакон изҳори матлаб намуд. Равшан аст, ки ҳар адабиёте зоидаву парвардаи ҷомеаи худ аст ва бо ин сабаб аҳдофе, ки пешорӯ дорад, наметавонад аз мақсаду аҳдофи мардуми он ҷомеа ҷудо бошад. Бо шумори ин мақсади умумии адабиёти кӯдакон сохтани инсону ҷомеаи он, қонуни зисти инсонӣ аст. Аз нигоҳи Ҳусайн Қосимпур Муқаддам ҳадафи адабиёти кӯдакон «омода кардани тифл барои шинохтан, дӯст доштан ва сохтани муҳит, аз тариқи адабиёт аст, ки кӯдакон ва навҷавонон масоили мухталифро мешиносанд ва роҳҳои гуногуни рӯ ба рӯ шудан ба онҳоро мебинанд ва таҷруба мекунанд ва дар натиҷаи ин густариши диду тахайюл, қудрати тафаккуру созандагии бештареро ба даст меоваранд» [4, с.11].

Аз андешаи мазкур бармеояд, ки зимни тарҳи зиндагии кӯдакону наврасон лозим аст, ба ҷанбаҳои равонии онҳо, тарзҳои бархурдашон ба муҳити атроф, муносибаташон бо бузургсолон, сатҳи андешаву шаклҳои пазириши воқеият аз ҷонибашон, таваҷҷуҳи хос сурат бигирад. Зеҳният, фикру зикри як наврас аз шеваи фикрроиву биниши бузургсолон тафовутҳои амиқе дорад, ки бояд шинохта шаванд. Махсусан, ҳангоме ки пойи тарбияту камол дар миён аст, ин мавзуъ ҳассостар мешавад.

Шояд аксар меъёрҳои ахлоқӣ, ки зеҳни як бузургсол барои талқину ангезиши наврасон баргузидааст, барои наврас мардум, қобили пазириш набошанд, зеро наврас пеши худ андешаву дарку тасаввури фардӣ дорад. Муҳити перомунро бо доштаҳояш мехоҳад бо чашми худ андоза кунад. Табиати инсонӣ чунин хосият дорад, ки бо воқеияту дурустии як падида, як матлаб, фаврӣ наметавонад одат кунад. Бояд онро таҷруба намояд, биёмӯзад ва баъдан бипазирад. Зеҳни кӯдакон низ бо вуҷуди исрори бузургсолон, ҳозир нест матолиби пешниҳодии эшонро қабул кунад, ҳарчанд дар ҳақиқати он шаке нест. Кӯдак мардум, худ мехоҳад бо таҷрибаву озмоиш намудан бо айнияти ашё ва рухдодҳо муътақид шавад.

Дар кори ҳунарӣ, эҷоду офариниш ҳиссу дарки ин ҷанба бисёр пураҳамият аст. Нависанда дар асари худ бояд шохисҳои ин ҷаҳони нозуку пурпечи кӯдакро тасвир созад, то кӯдак будан, моҳияти кӯдакӣ, раванди пешрафти ақливу зеҳнияш чеҳра боз намояд. Албатта дидани ин вижагиҳои нопадидор, шинохти решаи матлаб, вуруд бо хаёлхонаи наврасон аз як адиб истеъдоду малака, биниши амиқ, ҷаҳонбинии фарохро талаб дорад. Як нависанда агар ин тавонмандиро надошта бошад, асараш таъсиргузор нахоҳад шуд.

Боиси қайд аст, ки ин ҷанбаҳоро мо дар ҳикояҳои Б.Фирӯз хеле пурқуввату неруманд мебинем. Аз шодравон Б.Фирӯз, то ба имрӯз маҷмуаҳои зиёде ба нашр расида, ки бахше аз онҳоро ҳикояҳо ташкил мекунанд. Бархе аз маҷмуаҳои номбурда иборат аз сурудаҳои манзуманд. Ҳарчанд маҷмуаҳои алоҳидаи ӯ барои бачагон ба табъ расида, наметавон изъон дошт, ки мавсуф адиби кӯдакон аст. Аз миёни осори ӯ маҷмуаи «Чӣ сон аълохон шудам» бештар ба тасвири масоили наврасон тааллуқ мегирад [9].

Маҷмуаи ёдшуда фарогири 19 ҳикояи хурду бузург аст, ки ҳар яке ба таври мустақиму ғайри мустақим ба таҳлилу бозтоби шеваи нигаришу талаққии наврасон ба олами атроф бахшида шудааст. Барои густариши доманаи матлаб ва собит сохтани масъала ҳикояи «Чи сон аълохон гаштам» мисоли мувофиқест. Қабл аз вуруд ба асли масъала бояд арз дошт, ки дар зуҳуру шаклгирии як ҳикоя сохтор ё тарҳи он нақши бисёр арзишмандеро иҷро мекунад. Тарҳе, ки бастагӣ ба ҳунару истеъдод, зарфияти холиқи асар дорад. Назарияпардозони адабиёт тарҳро бо достон ба мисоли пайванди нақшаи ҷуғрофиявӣ бо сафар ташбеҳ кардаанд. Ба ин маънӣ, ки як нақшаи ҷуғрофиявӣ, ки андозаву ҳаҷми зиёде надорад, масоҳату марзҳои нопайдоканореро дар бистари худ бо равшаниву сароҳат нишон медиҳад. Тарҳи як ҳикоя низ бо шарҳу баёни матолиби асливу дуюмдараҷа таълифу тадвин мегардад. Аз ҷониби дигар, тарҳи ҳикоя ҷо дорад, мунтахаби гуфтугуву муколама ва дидгоҳҳо ва ҳатто бархӯрдҳои қаҳрамонони ҳикоя бошад, ки ба куллӣ аз тавсифу таҳлил дур аст ва фақат ба падидаҳои асосии достон такявар аст [14, с.97].

Ба андешаи мо дар офариниши як асари ҳунарӣ нукоти оғозин ё шеваи тасвир, ки дар хидмати манзур сохтани дарунмоя ё ҳадафи аслӣ қарор дорад, муҳим аст. Ҷумлаҳои нахустин ва ҳатто аввалин калима бояд тавре интихобу корбурд дошта бошад, ки қодир бошад зеҳни мухотабонро ба худ ҷазб созад.

Ҳикояи мавриди назари мо аз ин нигоҳ шуруи нодире дорад. Қаҳрамони достон бо пеш кашидани сели пурсишҳои бепосух вориди саҳнаи амалиёт мешавад. Барои равшан шудани масъала сараввал зарур аст, порае нақл гардад: «Шуморо падаратон ҳаргиз таъзир (гӯшмол) накардааст? Ҳеҷ гоҳ?... Дафтаратонро дарронда, лахта-лахта карда, ба саратон нағурронда аст ё китоб катӣ ба пешониатон нихта ҳам накардааст?.. Нохунашро ҳам нарасонидааст? Ҳеҷ боварам намеояд. Метарсам, ки дурӯғ мегӯед. Ба ҳар ҳол, ман ин хел даъвоҳои баъзе ҷӯраҳоямро шунида, ҳайрон мешавам. Падар агар фарзандро тазриқ накунад, писар агар аз волидайн натарсад, андаке наҳаросад, эшон чӣ корҳое намекунад!.. Гап дар сари шӯхию бемаънигӣ не, доири баҳо ва дарсгурезӣ ҳам не. Сабаби аслии ноҷӯрию номувофиқӣ, ба фикри ман ин аст, ки баъзан падару модар кореро, ки мо ба он ҳеҷ рағбат надорем, маҷбур мекунанд, ки иҷро кунем. Медонем кори ҷиддӣ на ҳамеша

шавқовар аст, баъзан худро маҷбур кардан ҳам зарур. Аммо бемақсад маҷбур карданҳо фоида надорад» [9, с.25].

Пеши мо чанд ҷумлае аз муқаддимаи ҳикоя сабт шуда, аз чӣ гуна сурат гирифтани ҷараёни матлабу ҳадафи қаҳрамон чизе равшан нест. Аз сӯйи дигар, ошноӣ бо ин пора чанд саҳнаро дар мағзи мо падидор месозад. Нахуст мо пай мебарем, ки мавзуи аслӣ бархӯрди ду ҷониб аст, ки аз нигоҳи синну сол мутафовитанд.

Ин тафовут дар навбати худ гувоҳ бар ин аст, ки ҷониби аввал гарму сарди дунёро чашида ва дувумӣ оҳиста-оҳиста ба майдони зиндагӣ ворид шуда истодааст.

Натиҷаи савуме, ки пеши назари мо намудор мегардад, макон ва заминаҳои ихтилофи ду ҷониб аст. Бидуни шак макони аслӣ хонавода ва ҳаёти мактабӣ аст, ки нофаҳмиву таззодҳои ногузирро эҷод мекунад. Аз ин ҳам бигзарем, нуктаи муҳимми дигаре дар ин матн аз худ дарак медиҳад, ки нишонаи рушду камоли аҳлӣ, ҷаҳонбинии ҷониб аст. Зиндагӣ дар конуни хонаводагӣ, такрори саҳнаҳои ногузир зеҳни тарафро водошта, то ҳақиқати амалу гуфтори падарро бипазирад. Вале аз ҷониби дигар, иқтизои ҳатмии волидайн дар мавриди иҷрои хостаҳои онҳо зеҳни қаҳрамони наврасро мутааҷҷиб месозад. Чаро чунин? Чаро фарзандон набояд тибқи бинишу диди худ амал кунанд?

Чаро волидайн аз иштибоҳу хаторафтанҳои фарзандон сахт бимноканд?

Қаҳрамони наврас бар ин назар аст, ки дар рушду шаклгирии муҳити инсонӣ иштибоҳ ҳам нақше дорад. Тавре ки дида мешавад, танҳо чанд ҷумлаи оғозин дар ҳикоя фазои хоссеро эҷод мекунад, ки дар қаламрави он мухотаб ба вижагиҳои зеҳниву ахлоқии қаҳрамон ошно мешавад. Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки унсури созандаи фазо лаҳн аст ва қаҳрамонон аслан дар забон худро ошно месозанд, чеҳра намоён мекунанд. Лаҳн дар навбати худ наметавонад якнавохт бошад.

Нуқтаи дигари қобили зикр, шеваи ривоят дар достон аст, ки навъҳои гуногун дорад. Яке аз маъмултарин шеваҳо ривояти ҳикояву қиссаҳо аз забони шахси аввал ё нависанда аст, ки имконоти фарохеро барои ривоятгар пешорӯ мегузорад: «дар ривояти аввалшахс нависанда яке аз афроди достон аст. Ӯ метавонад қаҳрамони аслӣ бошад, ё набошад. Дар ин шева достон аз забони яке аз шахсиятҳо таъриф мешавад. Ӯ ҳаводисеро, ки барои худаш ва дигарон иттифоқ афтодааст, нақл мекунад» [5, с.87].

Дар ҳикояи «Чи сон аълохон шудам» низ ривоятгар шахси аввал аст, фазои буду бошаш дар достон хонаводаву мактаб аст. Низоми ҳоким бар фазои хонавода ва мактаб ба табиату зеҳни мушоҳиди ӯ созгор нест ва саҳнаҳои зистааш дар вуҷуди ӯ як эҳсоси норизояту эътирозро ба зуҳур мерасонад

Нахустин эътирозу норизояти қаҳрамон дар бахши умури иҷборӣ, таҳмилшуда мебошад. Гузашта аз ин, манзараҳои такроривву якнавохтона. Қаҳрамон ҳолоти зиставу низоми ин қолабро мисол оварда пеши худ натиҷаҳои мухталиф мегирад.

Барои ӯ субҳи барвақт бедор шудан, то соати 8 ба мактаб расидан хушоянд нест. Болои ин ӯ медонад, ки дарс соати ҳаштуним оғоз мешавад. Ҳарчанд дар матн таъкид намуда, вале аз лаҳни ривоят маълум аст, ки ин нукта ҳам барои ӯ гуворо нест. Ба дигар сухан, ин ҷанба эҳсоси норизоятии ӯро зоҳир мекунад.

Қаҳрамони достон ба низоми ҷорӣ дар мактаб бе тафовут нест. Ӯ ба ин воқеият пай бурда, ки дар чаҳордевори мактаб тазоҳуру худнамоишдиҳӣ ҳукмфармост. Ҳар муаллиме талош мекунад назди директору мудир худу талабагони синфашро ба маърази намоиш бигузорад.

Тибқи маъмул ҳар рӯз то оғози дарс муаллимони навбатдор дар ҷамъомади умумӣ аз вазъи ҷаҳону шеваи зиндагии хонандагон дар кишварҳои сармоядорӣ сухан мегӯянд. Мазҳари зиндагии онҳоро ба боди интиқод мекашанд, вале вазъи мавҷудро гӯё эҳсос намекунанд. «Мо дар як синфхона 42 нафар ҳастем. Баъдан ҳавои хона чунон бадбӯй мешавад, ки дилам буғз мекунад, аммо муаллимон аз тарси зуком ё дигар ягон дардашон иҷозат намедиҳанд, то даричаи тирезаро кушоем. Аслан синфхонаҳоро дар фасли зимистон чандон гарм намекунанд. Ҳангоми танаффус агар навбатдори синф дақиқае чанд табақаҳои тирезаҳоро во кунад, ҳам аз даву ғеҷу тапар-тапар пойкӯбиҳо синфхона чунон мешавад, ки гӯё аз кӯчаи пурхок мошин гузашта бошад. Охир, қариб аксари писарбачаҳои мо нос мекашанд. Ҳа, бемалол дар вақти дарсгӯйи муаллимон ба зери забон носи сабилро партофта, кайф менамоянду баъд як варақро печонда ба он туф мекунанд ва

оҳиста ба фарш мепартоянд. Ана аз ҳамон носҳои хушкида чангу ғубори синфи мо кабудчатоб аст» [9, с.26].

Мо зимнан атрофи бархе аз аносири ҳикоя, аз ҷумла фазову лаҳни он ба чанд нуктае ишорат намудем. Дар ин бахш номуносиб нест аз унсури дигари он яъне, «муҳтаво» ёд шавад.

Дар адабиётшиносӣ перомуни маънии истилоҳии «муҳтаво» дидгоҳҳои пуршуморе мавҷуд аст, ки гоҳо бо ҳам мувофиқату мутобиқати комил надоранд. Масалан, баъзеҳо онро мавзуъ ва гурӯҳе дарунмояи асари адабӣ донистаанд. Вале «муҳтаво» унсури фароҳу густурда нест, балки таркибе аст аз дарунмояву мавзуъ ва эъмоли дидгоҳи ҳунарии хоссе, ки зодаи табиату ҷаҳонбинии ҳунармандона аст. Дар муҳтаво дарунмояе, ки дар тахайюли нависанда ба зуҳур расида, бо мавзуе, ки дарунмояро баён мекунад якҷо бо шеваи диду биниши ҳунарманд омезиш пайдо менамоянд ва як маҷмуаи комилро ташкил медиҳанд, ки онҳоро ба осонӣ наметавон аз ҳам ҷудо сохт. Ҳамин тариқ, «муҳтаво танҳо он чӣ арза мешавад, масалан андеша ё эҳсоси соҳиби асар нест, балки бардошти нависанда аз мавзуъ ва дарунмояро низ ба намоиш мегузорад, ки ҳосили табиату дидгоҳи ҳунариву биниши иҷтимоии ӯ аст» [5, с.205].

Ҳоло бар мабнои ин андеша ба иқтибоси маъхуз аз ҳикоя бармегардем. Мурури таҳқиқӣ ба матни мазкур нишонгари он аст, ки чашму гӯши қаҳрамони наврас ба лаҳзаҳои якнавохту ҳамешагии мактаб сахт одат карда ва онҳоро чун воқеияти ростин пазируфтааст. Вале барояш мояи шигифтӣ аст, ки чаро бузургсолон ба дигар ҷузъиёти нохушоянди низоми мактабӣ намеандешанд. Ногуфта намонад, ки аз замони таълифи ҳикоя беш аз сӣ сол мегузарад, вале ёфтаҳои интиқодии қаҳрамони хурдсол дар домани мактаби мо имрӯз низ ҳузур доранд.

Низоми маъмулии ором, дар як ҳолат наҷунбида тӯли шаш-ҳафт соат дар синфхона нишастан, низ боиси ғазабу хиратабъии қаҳрамони хурдсол аст. Ӯ аслан хоҳиши хондан надорад. Баробари бузургсолон кор карданро аз хондани маҷбурӣ авло медонад. «Хусусан, наҷунбида дар якҷо нишастан барои ман азоб аст. Рости гап ин ки ман розӣ будам, ба мактаб нараваму дар ивази он дар ягон корхона ҳафт-ҳашт соат баробари калонсолон кор кунам… Ба суханам бовар кунед, ҷиддӣ мегӯям-ҳашт соат кор мекунам» [9, с.27].

Ин андешаи қаҳрамон аз падар пинҳон наемонад. Аз нигоҳи ӯ хоҳиши писар дар чунин синну сол ҳеҷ бунёну решае надорад. Ҳадафи падар хондану камоли маънавӣ ёфтани фарзандон ва соҳибпеша гаштани онҳост. Маҳзи хотири ин хостаҳову нақшаҳои хешро иҷборан ба ҳар шеваву тариқе, ки бошад, мехоҳад таҳмил кунад.

Волидайн ағлаб ҳангоми маҷбурсозӣ барои иҷрои амале ба дурустиву саломати он, аз нигоҳи иқтизову талаби улуми тарбиятӣ, муҷоз ё ғайри муҷоз будани он намеандешанд, дар сурате, ки наврасон ба моҳияти масъала пай бурдаанд. Муҳити мактабӣ чашми онҳоро боз карда. Ин аст, ки қаҳрамони ҳикояи мавриди таҳқиқи мо зулму иҷбор, «тааддиро ба ҳар навъе набошад, бемаданиятии инсон» мехонад [9, с.27].

Дар ҳикоя аслан ҳадафи аслӣ талқини ин андеша аст, ки маҳз дар домани мактаб аст, ки бар мабнои синну сол таҳаввули зеҳнии хонандагон ба зуҳур мерасад. Марҳилае, ки набояд бузургсолон ба он бетафовут бошанд ё дар арзёбиву маърифати он давра иштибоҳ кунанд. Вақте кӯдакон эҳсос мекунанд, ки бузургсолон қодир нестанд онҳоро дарк созанд, аз нигоҳи руҳиву равонӣ осебпазир мегарданд.

Мушкил замоне бузург мешавад, ки онҳо наметавонанд изҳори роз кунанд, дарди дил гӯянд. Дар як суҳбати хонаводагӣ падар ба писари «корталаб»-и хеш таъкид менамояд, ки ӯ ба чистиву чигунагии кор пай набурда, вагарна ҳаргиз ба кор майл нахоҳад намуд.

Чунин бархӯрди падар писарро ба андеша во медорад. Мавқеияти хешро бо ҷойгоҳи бузургсолон, махсусан муаллимон, ки гӯё, раванди камоли синнӣ, дунёнигарии наврасонро нодида мегиранд, муқоиса мекунад. Дар ниҳоди худ тавону нерумандии хоссу маҳорату малакаи корсозро эҳсос менамояд. Эътиқоду эътимоди қавӣ ба нафс ӯро ором намегузорад, ин аст, ки чунин натиҷа мегирад: «Ман акнун кӯдак нестам, ки ҳарчӣ гӯянд, хуб гӯям. Ҳамин хел гапҳо ба дилам зад, боварам намонд. Ин чӣ гап, падару модар ҳам, муаллимон ҳам мехоҳанд, ки ман кӯдаки даҳсола барин доим ба ҳар фармонашон хуб гӯям, итоаткор бошам. Агар мард бошанд, ку ягонтаашон гӯянд, ки бирав, ту дар ҷойи

ман як ҳафта кор кун, ман дар ҷойи ту нишаста дарс мехонам. Намехоҳанд! Наметавонанд!» [9, с.27].

Бозтоби шохисҳои давраи гузариш, замони ба балоғат расидан дар адабиёти муосири мо доманаи васее надорад. Нависандагони мо ба инъикоси бадеии ин давра, ки худ нишондиҳандаи таҳаввулу дигаргунӣ дар ҳама заминаҳои рушду камоли наврасон аст, камтар диққату таваҷҷуҳ намудаанд.

Бояд хотиррасон намуд, ки хусусиятҳои ин давраи зиндагии наврасонро ба навъҳои гуногун ҷудо месозанд, ки миёни онҳо махсусан вижагиҳои иҷтимоӣ қобили аҳамиятанд. Вижагиҳое, ки ҷанбаи тавонманди равоншинохтона доранд. Ба ақидаи Қосимпур Муқаддам «ин марҳилаи рушдӣ, барои кӯдакон ва навҷавонон аҳамияти вижа дорад ва манбаи бунёдину куллии муқаррароти рафторӣ ба шумор меравад. Эҷоди густариши муқаррароти ахлоқӣ ё инзиботии рафтор ҳаракате ба сӯйи истеҳкоми бузургсолӣ аст. Дар ин давра навҷавонон муқаррароти рафтори бурунмадрасаии худро шакл медиҳанд. Гироиши онон ба ҳаммонандсозиву созгорӣ дар ин давра авҷ мегирад. Монанди бузургсолон мепӯшанд ва бо гурӯҳи синнии худ ҳамсону ҳамназар мешаванд» [4, с.38].

Зимни омӯзишу таҳқиқи ҳикояи болоӣ мо зуҳуру шаклгирии ин ҳолатро дар мисоли зиндагии хонаводагӣ ва коргоҳии қаҳрамони наврас равшан мебинем. Бо пешрафт дар марзи сужаи ҳикоя мо шоҳиди он мегардем, ки чигуна эҳсоси худбоварӣ, худҳоҳӣ ва истиқлолхоҳии вай шиддат мегирад. Зеҳну ҳуши ӯ пӯёиву ҳаракати ҷӯёи фавқулодае дорад. Ҷараёни кори падару модарашро бо зикри бархе ҷузъиёт мавриди қиёсу баррасӣ қарор медиҳад.

Ҷараёни истиқлолхоҳӣ, қиёсу тадбиқҳо, пеш кашидани шавоҳиду мисолҳои гуногун аз миёни саҳнаҳои мактабӣ оқибат падарро водор месозад, ки пас аз хатми синфи ҳаштум ба писар иҷозат диҳад, то вориди ҷомеа гардад ва пешае барои пешбурди зиндагӣ пайдо кунад. Дарёфти ризояти падар барои қаҳрамон падидаи хушоянде аст. Ӯ хурсанд аст, ки оқибат даркаш карданд. Ӯ зеҳнан пеши худ қарор дода, ки «агар аз ҳамин мактаб халосӣ ёбам, дигар як умр аз наздаш намегузарам, ба тарафаш наменигарам» [9, с.29].

Мутаассифона, аз рӯзи аввали «истиқлол» мушкиле азиме пеши рӯйи ӯ эҷод мешавад. Қаҳрамони наврас дар истгоҳу деворҳо, дар рӯзномаву маҷаллот садҳо эълону дархости даъват ба корро хондаву шунидааст, аммо дар хеҷ ҷое ӯро ба кор қабул намекунанд. Камсину наврас буданашро сабаб пеш меоранд. Нахуст бо назардошти ин ки ҳунари аккосӣ дорад, ба аксари суратгирхонаҳо сар мезанад, вале ҷавоби рад мешунавад. Оҳиста-оҳиста ҷомеа махлуқеро бо номи «восита» бо вай ошно месозад. Падар низ мушоҳид аст ва дар таҳаққуқи орзуи фарзанд худро канор мегирад. Пас аз таку дави зиёди беҳосил чунин боваре дар зеҳнаш хутур мекунад: «баъди дарою барои бисёр донистам, ки ин кори «лояш» дуруст ба шумор мерафтааст ва агар восита надошта бошед ба кор намегирифтаанд. Додои ман восита-посита катӣ хушашон не. Барои ба кор сар кардани наврасон ҳуҷҷату санадҳои зиёде даркор будааст, ёрӣ надоданд. Ба ҳамаи он идораҳо худам давидам [9, с.31].

Бо расидан ба ин натиҷаи қаҳрамон ҳикоя ба бахши миёни худ мерасад, ки дар адабиётшиноси барои он истилоҳи хоссе қоиланд. Ба андешаи муҳаққиқон миёна бахши асосии достонӣ аст, ки дар он пиранг ба нимаи сохтории худ мерасад ва буҳрони достон бар асари гирехафканиҳо ва кашмакашҳо шуруъ мешавад. Асли истилоҳ иборат аст аз лотин ба маънои миёни чизҳо ва он такники мутаорифе аст, ки достонгӯ достонро аз ҷойи ҳаяҷонангезе миёни амали достонӣ шуруъ мекунад ва баъд бо бозгашту шигардҳои дигар иттилооте дар бораи шуруи достонҳо дида мешавад» [5, с.105-107].

Шуруи миёнаи достон бо пазириши қаҳрамони ҳикоя дар як идораи зарфғундорӣ ибтидо мегирад. Сардори корхона, ки Ғулом ном дорад, ӯро ба сифати дастёр ба кор мегирад ва қарор аст маошашро ҳам худи Ғулом пардохт намояд.

Дидори нахустин бо корфармо пирамард Ғулом барои ҳамеша дар хотири қаҳрамон нақш мебандад. Мавсуф ба дастёраш чунон нигоҳ меандозад, ки гӯё ҷиноятқореро ба дом афтонда бошад. Пас аз замоне барандоз намудани қаду баст, саропои қаҳрамон, Ғулом ба сухан дармеояд. Перомуни низому қавоиди марсуми корхонааш, ки аслан ба ҷамъоварии шишаҳои холӣ машғул аст, сухан дар миён мегузарад. Дастёри навро ба дурусткорӣ, дурӣ аз фиребу найранг, хиёнат даъват менамояд ва зимнан ҳушдор медиҳад, ки: «Дар кори мо… умуман дар кори савдо… ба чашми якдигар хок пошида намешавад, инро сахт ба

гӯшат ҳалқа кун! Фаҳмидӣ? Ҳарчӣ қадар ҳунарат бошад дигаронро… Ҳа, қоидаи мо ҳамин» [5, с.32].

Таъкиди охири Ғулом вуҷуди қаҳрамонро такон медиҳад. Зеҳнан ба корфармо мерасонад, ки ҳаргиз ҳозир нест, қаллобиву найранг биёмӯзад. Чизе, ки ӯро ба домани кору фаъолият кашонида, қаллобиву халосӣ аз мактаб аст.

Муддати кору фаъолият дар коргоҳи зарфғундории Ғуломи солдида барои қаҳрамони наврас тӯли зиёде надорад. Чун «сухани хона ба бозор намеояд рост». Зеро он шӯру шавқу тасаввуре, ки қаҳрамон дар атрофи кору коргоҳ дошт, «нақш бар об» мешаванд. Зистан дар истеҳсолот, муошират бо мардум саҳнаҳои тозаеро пеши чашми қаҳрамон боз мекунад. Ӯ гӯё ғайри мунтазира ба остонаи мактаби нопадидоре қадам мениҳад, бораш, сабақаш сангинтару душвортар аз мактаби маъмулист. Пирамарди Ғулом барояш ягона омӯзгор аст, ки ҳар рӯз бо неруи донистаҳову ёфтаҳояш сайъ мекунад аз зиндагӣ, аз шеваи зистан ба ин навҷавон нуктае биёмӯзад, аммо чӣ омӯзише, ки бар фиребу гул задани мардум, муштариён, ба хотири пул даровардан устувор аст. Зистан дар чунин муҳите барои ӯ тазйиқовар аст. Аз як сӯ, кори душвори ҷисмонӣ, ки барои вуҷуди ҷавони ӯ сангинӣ мекунад ва сангинтар аз он пазириши «сабақҳо»-и рӯзонаи Ғулом. Дар канори хонавода низ ҳолати ногувору пушаймонии вайро эҳсос мекунанд, вале касе дандон сафед намекунад. Танҳо падар боре бидуни муқаддима ҳушдор медиҳад: «-Ҳеҷ гап не, ин ҳам ба ту сабақ медиҳад, зиндагиро мебинӣ» [5, с.36].

Оқибат бо фаро расидани пешомади муносиб ба нею нестони Ғулом нигоҳ накарда, корро тарк мекунад ва боз ба оғӯши мактаб бармегардад, аммо диди ӯ ба мақулаи зиндагӣ, тарзи бархӯрди муошират инсонҳо дигар шудааст.

Ниҳодаш саршори як навъ шодиву қаноат аст, ки маншааш комилан равшан нест. Танҳо иқрор месозад, ки «баъди ҳамин воқеа ман қадри касбу кори ҳалолро донистам ва дар соли нави таҳсил ба сафи аълохонҳо гузаштанамро худам надониста мондам. Падару модарам гумон доранд, ки сохти кори сахти қуттикашонӣ чашми маро ба зиндагӣ боз кард» [5, с.39].

Дар поён зарур аст бо чанд нуқта ишорат шавад. Манзури мо аз баррасии ҳикоя тавре ки зикр гардид, таҳқиқи бозтоби бадеии рушду камоли шахсияти наврасон дар ҳикояҳои Б. Фирӯз буд, ки дар матни як ҳикоя сурат гирифт. Натиҷае, ки ба даст омад, гувоҳ бар ин аст, ки печидатарин марҳила дар зиндагии наврасон давраи булуғи эшон аст, ки замони он камоли босуръати зеҳниву ахлоқии онҳо сурат мегирад ва бузургсолонро лозим аст ба ин ҷанба бетаваҷҷуҳ набошанд. Нақши адабиёт, осори бадеӣ дар бозтоби дурусту воқеии ин марҳила бисёр корсоз аст. Ҳикояи мавриди назари мо наметавонад, танҳо-танҳо ба мавзуи ягона хулоса шавад. Ин андешаест, ки замоне худи нависанда дар мақолае ба он ишорат намуда буд: «… хонанда баробари мутолиаи як ҳикоят ҳам ба маъною, ҳам ба ҳусни баёну забони нигоранда ва қаҳрамонҳо сарфаҳм меравад ва ҳамчун ба мантиқи ҳикояҳову самти ҳаракати афкори вай диққат дода метавонад. Чунин хонандагони борикфаҳм ҳатто нуктаҳоеро, ки адиб нанавиштааст, хоҳанд дарёфт» [11, с.9].

Ҳамин тариқ, дар қаламрави сужаи ҳикояи ёдшуда масоили зиёде ҳузур доранд, ки ҳадафи аслии нависандаро камол мебахшанд. Бархе аз гӯшаҳо бо чашми тезбини хонанда равшан мегарданд, гӯшаҳое, ки шояд нависанда қасдан аз софу бараҳна манзур сохтани онҳо худдорӣ намудааст.

Муқарриз: ***Умар Сафар*** – доктори илмҳои филологӣ,
профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бахтин М. Эпос и роман / М.Бахтин. - Санкт-Петербург: Азбука, 2000. - 304 с.
2. Введение в литерароведение. - М.: Высшая школа, 1999. - 555 с.
3. Дарёи меҳр. - Душанбе: Адиб, 2009. – 136 с.
4. Муқаддам Ҳусейн Қосимпур. Адабиёти кӯдакон ва навҷавонон / Қосимпур, Муқаддам Ҳусейн. – Теҳрон: Муассисаи фарҳангии «Ояндагон», 1388. - С.4483.
5. Мирсодиқӣ Ҷамол. Роҳнамои достоннависӣ / Ҷамол, Мирсодиқӣ. – Теҳрон: Сухан, 1387. – 582 с.
6. Мирсодиқӣ Ҷамол. Ҷаҳони достон / Ҷамол, Мирсодиқӣ. – Теҳрон: Нашри «Ишора», 1386. – 500 с.
7. Умар Сафар. Торикравшани шинохт / Сафар, Умар. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 107 с.
8. Умар Сафар. Дар остонаи матн / Сафар, Умар / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе, 2021. - №3. - С.72-81.

9. Фирӯз Баҳром. Чӣ сон аълохон шудам / Баҳром, Фирӯз. – Душанбе: Адиб, 2019. – 207 с.
10. Фирӯз Баҳром. Ғафлатзадагон / Баҳром, Фирӯз. – Душанбе: Адиб, 1999. – 374 с.
11. Фирӯз Баҳром. Саҳнаи гардон / Баҳром, Фирӯз. – Душанбе: Адиб, 1999. – 350 с.
12. Ҷаъфарқулиён Тоҳира. Адабиёти кӯдакон / Тоҳира, Ҷаъфарқулиён // «Паёми нур», 1383. - С.9.
13. Шамисо, Сирус. Анвои адабӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Чопхонаи «Ромин», 1381. – 370 с.
14. Эдвард Морган Форстер. Ҷанбаҳои румон / Форстер, Эдвард Морган. – Теҳрон: Нигоҳ, 1369. - С.97.

БОЗТОБИ БАДЕИИ МАСОИЛИ НАВРАСОН ДАР ҲИКОЯҲОИ Б. ФИРУЗ

(дар мисоли ҳикояи «Чӣ сон аълохон шудам»)

Мақолаи мазкур ба таҳлилу баррасии як ҳикояи нависандаи номдори тоҷик, шодравон Б.Фирӯз зери унвони «Чӣ сон аълохон шудам» ихтисос дорад. Маълум аст, ки Б.Фирӯз нимаи аввали солҳои 60-уми асри гузашта вориди майдони адабиёт шуд ва фаъолияти адабию эҷодии хешро ҳамчун шоир оғоз намуд. Пас аз мунташир гаштани маҷмуаи аввали ашъораш Б.Фирӯз ба наср гузашт. Ҳарчанд муддати даҳ сол қиссаҳои зиёди ӯ ба чоп расиданд, вале жанри асосии мавриди назараш ҳикоя буд. Дар ҳикояҳои нависанда масоили кӯдакону наврасон мавқеи барҷастаеро ишғол мекунад. Дар мақола хотирнишон гардида, ки дар адабиёти милали ҷаҳон бозтоби бадеии ҷаҳони кӯдакон нақши муҳимме дорад. Аммо дар адабиёти муосири тоҷик теъдоди адибоне, ки осорашон ба масоили кӯдакон бахшида шудаанд, андаканд. Нависанда дар асари худ вазифадор аст, тамоми нозукиҳову печидагиҳои ҷаҳоннигарии кӯдакро инъикос намояд. Дар матни як ҳикоя имкон дорад, раванди ташаккули шахсияти кӯдакону наврасон, муносибаташон ба зиндагӣ, табиат ва муҳити перомун таҳқиқ шавад. Зимни тавсифи изтиробу нигарониҳо, ҳолоти равонии қаҳрамони асосӣ дар оғози асар муаллиф имконоти лозимро фароҳам оварда, то битавон қаҳрамонро дарк намуд, ба эҳсосоту авотифу муносиботаш пай бурд.

Калидвожаҳо: нависанда, адабиёт, кӯдакӣ, наврас, шахсият, ташаккул, таҳлил, наср, ҳикоя.

ХУДОЖЕСТВЕННОЕ ОТРАЖЕНИЕ ПОДРОСТКОВЫХ ПРОБЛЕМ В СКАЗКАХ Б.ФИРУЗ

(на примере сказки «Как я стал отличником»)

Статья посвящена анализу рассказа знаменитого таджикского писателья Б. Фируза «Как я стал отличником». Известно, что Б.Фируз в первой половине 60-ых годов прошлого века вошел в литературную арену. Литературно-творческую деятельность, начал как поэт. После опубликования первого сборника стихов в творчестве Б. Фируза начали проявляться прозаические произведение. Хотя в течени более десяти лет были опубликованы несколько его повестей, но он в основном писал рассказы. В рассказах писателя особое место занимает детско-подростковая тематика. В статье отмечается, что в литературе народов мира важное место занимает художественное отражение детского мира. Но в современной таджикской литературе количество писателей, чьи произведения посвящены детским проблемам невелико. Писатель в своём произведение должен отображать все тонкости и сложности детской миропонимания. В тексте одного рассказа можно исследовать процесс становление личности детей и подростков, их отношении к жизни, природе, окружающей действительности. Описывая степень переживания, психологическое состояние главного героя в самом начале произведение, автор даёт нам возможность понять, что происходит с героями, проникнуть в их чувства, взаимоотношения.

Ключевые слова: писатель, литература, детская, подросток, личность, становление, анализ, проза, рассказ.

ARTISTIC REFLECTION OF ADOLESCENCE PROBLEMS IN FAIRY TALES OF B. FIRUZ

(using the example of the fairy tale "How I became an excellent pupil")

The article is devoted to the analysis of the story of the famous Tajik writer B. Firuz "How I became an excellent pupil". It is known that B. Firuz has entered to the literary arena in the first half of the 60s of the last century. He began his literary and creative activity as a poet. After publishing his first collection of poems the proses began to appear in B. Firuz's creative works. Although for more than ten years several of his stories were published, he mainly wrote stories. The special place is occupied the teenager's theme in the writer's stories. The article notes that the artistic depiction of the children's world has the important place in the World Literature. But in modern Tajik literature, the number of writers whose works are devoted to children's problems is not very big. The writer in his work should display all the niceties and complexities of children's understanding of the world. In one story the process of coming-to-be of the personalities of children and teenagers, their attitude to the life, nature, and environment reality may be examined. Describing the level of experience, psychological condition of the main hero at the very beginning of the story the author gives us the possibility to understand what is happening with the heroes, to find the way to their feelings, interrelations.

Key words: writer, literature, children's, teenager, personality, coming-to-be, analysis, prose, story.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримов Хуррамшоҳ Рамазонович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **karimov-kh95@mail.ru.** Tel.: **(+992) 112-11-90-00**

Сведение об авторе: ***Каримов Хуррамшо Рамазонович*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **karimov-kh95@mail.ru.** Tel.: **(+992) 112-11-90-00**

Information about the author: ***Karimov Khuramshoh Ramazonivich*** – Tajik National University, Assistent of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **karimov-kh95@mail.ru.** Tel.: **(+992) 112-11-90-00**

УДК: 891.550-1

ТАКРОР ДАР САБКИ ФАРДИИ ОЗАРАХШ

Қосимзода С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шоир ва муҳаққиқи хушному фарҳехтаи мо равоншод Муҳаммадалии Аҷамӣ рисолае дорад ба унвони «Дар қаламрави шеъри Мавлоно», ки дар муқаддимаи он ҳадафи пажӯҳиши хешро «таъсир ва ҳузури ҳамешагии Мавлоноро аз зовияҳои гуногун дар қаламрави шеъри муосири тоҷик баррасӣ намуда, сабаб, зарурат ва омилҳои рӯ овардани шоирони тоҷик ба осори Мавлоноро таҳлил карда, ин таҳқиқро ба хонандагони нуктасанҷ ва хушзавқ пешкаш сохтан» [1, с.11] қаламдод кардааст.

Аҷамӣ дар ин пажӯҳиш ба хулосае мерасад, ки «ҳузури маънавии Мавлоно дар шеъри шоироне, ҳамчун устод Муъмин Қаноат, зиндаёд Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Фарзона ва Салими Хатлонӣ бештар ба чашм меояд» [1, с.284].

Ин нуктаи назар, бешак, эроде надорад ва ҳақиқатест пазируфтанӣ, аммо чизе, ки дар ин рисолаи Муҳаммадалии Аҷамӣ моро ба ҳайрат андохт, адами ишораи нуфузи Мавлоно ба шоири шӯру ҳоли замони мо Озарахш буд, ки ба назар мерасад касе огоҳ аз шеъри имрӯзи Тоҷикистон набояд ин ҳақиқатро нодида бигирад. Шеъри ҳеҷ шоире дар адабиёти муосири тоҷик шӯру шавқ, зеру бам, ҳиссу ҳол, рангу бӯ, ҳолу ҳаво, шираву ширинӣ ва балоғату бадеияти ғазалҳои Мавлоноро надорад, ки шеъри Озарахш дорад.

Шеъри Озарахш ҳосили ҷамъи сифоти мазкур бо диди тоза, бардоштҳои ҳайратангез, андешаҳои густардаву фохир ва паёмҳои писандида аст, ки тамоми ин хасоис дар канори ҳам фазои хосса ва нотакрори осори ӯро ҳастӣ бахшидаанд. Оё намунаи наздиктар ва шабеҳтар аз ин ғазали Озарахшро ба шеъри Мавлоно аз шуарои муосири мо мешавад суроғ дошт?

Эй дӯст биё, даст бидеҳ, даст бидеҳ, даст,
Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам, маст.
Дар пеши баландии баландии баландат
Ман паст шудам, паст шудам, паст шудам, паст.
Майхонаи дил гашт ба вайрона мубаддал,
Эй кӯзаи бишкаста, бигӯ, дасти кӣ бишкаст?
Дӣ шом бубастам дари чашм аз паи хуршед
Дидам саҳаре гуфт: ба хуршед кӣ дар баст?
Эй дӯст биё, даст бидеҳ, даст бидеҳ, даст,
Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам, маст.
То нест шудам, нест шудам, нест шудам, нест,
Ман ҳаст шудам, ҳаст шудам, ҳаст шудам, ҳаст [4, с.168].

Бо ин ҳама, мояи таассуф аст, ки нақди адабии муосир ба осори Озарахш, ки воқеан як падидаи тоза аст, таваҷҷуҳи чандоне надоштааст ва шеъри ӯро, ки намунаи беҳини сабки «саҳли мумтанеъ»-и шеъри муосири тоҷик дар баробари шеъри намодгароёнаи Эрону Афғонистон аст, ба таври боястӣ мавриди пажӯҳиш қарор надодааст. Як даста мақолоти кӯчаке, ки дар пажӯҳиши масоили алоҳидаи шеъри ӯ навишта шудаанд, аз назари муҳтаво ва арзиши нақдӣ чизи дархӯри тааммуле надоранд.

Бо ин ҳол, чунин нест, ки Озарахш аз ҷумлаи шоирони фаромӯшшуда ва мунзавии адабиёти муосир бошад, балки ба далели содагӣ ва дар айни ҳол фасоҳати шеъраш мавриди эътирофи оммаи мардум гаштааст. Шеъри ӯ матни оҳангҳои муассиру шӯрангези мутрибон, замзамаи наттоқон ва зикри лаби дӯстдорони каломи мавзун дар Тоҷикистон аст.

Аз ҳамон кӯшишҳои нахустинаш Озарахш бо диди хоссаи худаш вориди адабиёт шуд, аз пайравии кӯр-кӯрона парҳез намуд ва ҳамин аст, ки ба зудӣ дар роҳи пайдо кардани сабки фардии хештан муваффақ гашт. Ӯ дуруст дар замоне ба дунёи шеъри адабиёти тоҷик ворид гашт, ки нуфуз ва таъсири шеъри нави Эрон дар доираи адабии Тоҷикистон ба авҷи хештан расида буд ва ин ҳолат агар аз як тараф, шахсиятҳои

пуристеъдод ва огоҳро вориди сабки тозаи адабӣ карда, тавфиқ дода бошад, аз тарафи дигар, муқаллидони бемоя ва камдонишро ба ҳадди ифрот расонида, мунҷар ба муғлақбаёнӣ ва ҳарзагӯӣ гардонид. Аммо Озарахш на танҳо кӯшиши корбурд аз шеваи тозаи нимоиву шомлуӣ накард, балки бовармандона ва содиқона ба равиши худ идома дод, равише, ки дар он балоғат ва фасоҳат дар баёни сода ба вуҷуд меояд.

Албатта, ба назари мо, дар ин росто роҳнамоии Бозор Собир дар шеъргӯӣ, ки худи Озарахш ӯро устоди худ донистааст, набояд бетаъсир монда бошад. Чун мо медонем, ки шеъри Бозор Собир ҳам дар забони сода, калимоти мафҳум ва баёни дур аз иғлоқу печидагӣ устувор аст.

Аммо дар баробари ин, наметавон Озарахшро пайрави сабки Бозор Собир донист, чун шеъри устод Бозор шеъри тасвирист, дар ҳоле ки шеъри Озарахш шеъри ҳолат аст. Чӣ басо беҳтар аз дигарон худи шоир дар мавриди шеъраш навиштааст:

Гумон намекунам, ки номаам нав аст,
Чунон ки кӯҳна низ нест,
Вале ба ҳайратам, ки ин ҷаҳону ин замону ин макон
Чаро мисоли шеъри нав барои ман азиз нест?! [4, с.123].

Чаро шеъри Озарахш нав нест? Чун калимот, равишҳои иборатсозӣ, таркибофаринӣ, ҷумлабандӣ, роҳҳои офариниши ташбеҳ, истиора, умуман забон ҳамон забони Рӯдакиву Мавлоност. Ин забон бегона аз забони шеъри муосир аст, забоне, ки шуаро дар он ба қавли Матлубаи Мирзоюнус «ба маонии он сӯйи вожаҳо менигаранд, кӯшиш доранд, ки калимот аз маънои луғавии худ берун оянд ва огоҳона шикастани норми забон боиси тавлиди шеъри ростин гардад» [2, с.172]. Чунин чиз дар шеъри Озарахш нест, яъне ӯ дар сатҳи забонӣ ҳеч гоҳ ба ҳанҷоршиканӣ даст назадааст.

Аммо чаро шеъри Озарахш куҳна нест? Чун ҳарфҳои ӯ тозаанд, андеша, нигоҳ ва бардоштҳояш тозаанд, равишҳои даст ёфтани ӯ ба балоғат ва фасоҳати забон дастнохӯрдаанд, сохтори ҳунарии осораш мутафовит аст. Ӯ ҳунармандест, ки огоҳона ва ба камоли хушнудӣ аз таҷрибот ва мероси гузаштагон баҳра мебарад, аммо ҳамеша он дастовардҳоро дар коргоҳи эҷодии худ аз ҳар тараф коркард мекунад.

Ҳунар ва қудрати Озарахш ҳам ҳамин аст: дар қолаби куҳна ва забони сода ҳунар ва матолиби нав меофаринад. Албатта, ин нукта ҷойи тардид надорад, ки адабиёти гузашта ба адабиёти оянда ҳатман таъсире хоҳад дошт ва меросе дар равишҳои эҷодӣ хоҳад гузошт. Чун адабиёти қадим обишхӯри адабиёти имрӯз аст. Аммо таваҷҷуҳ ба осори адабиёти даврони истиқлол касро ба ин бовар мерасонад, ки барномаи эҷодии шоирони мо истифодаи равишҳои куҳани ҳунари офаринандагиро дар худ нағунҷонидааст.

Дар ҳоле ки ба назар мерасад, Озарахш ҳамеша ҳадафмандона мехоҳад равишҳои эҷодии қадимиро зинда нигаҳ дорад ва осоре биёфаринад, ки мабнӣ бар қидмати абзорҳои ҳунарӣ ва тозагиву асолати худи ҳунар бошад.

Бешак, Озарахш аз шоирони мунҳасир ба фард ва соҳибсабки адабиёти даврони истиқлол аст ва пажӯҳиши сабки шеъри ӯ ҷойгоҳи анъана дар шакл гирифтани равишҳои тозаи офаринандагиро равшантар месозад. Дар зер мо ба яке аз мухтассоти калидии шеъри Озарахш – мусиқавӣ будани он таваҷҷуҳ хоҳем кард.

Дар осори Озарахш сабкшинос бояд дунболаи ороятҳои лафзии адабӣ бигардад ва дар ин роҳ диққати бештаре дода бошад, зеро сабки фардии ӯро маҳз ороятҳои лафзӣ шакл медиҳанд ва танаввуи онҳо дар шеъри ӯ ба андозае бузург аст, ки метавон дар як байт ва ё мисраъ чандин ороятҳои лафзии бадеъро дарёфт кард.

Озарахш дар ово ва мусиқии вожагон ва таркиботи шеъраш таҷоруби зиёд мекунад. Ҳамин ҷост, ки мисли ашъори Мавлоно шеъри ӯ чанд сатҳи мусиқоӣ дорад. Маълум аст, ки маҳз ороятҳои лафзӣ дар шакл додани мусиқии шеъри ӯ саҳм доранд ва беҳтар ин аст, ки мо сутуҳи мусиқии шеъри ӯро дар чанд қисмат баррасӣ кунем.

Ба назари мо, шеъри Озарахш аввал дар сатҳи овоз, дувум дар сатҳи калимот, савум дар сатҳи таркибот, чаҳорум дар сатҳи мисроъ ва ниҳоят дар сатҳи сохтори шеър мусиқии хоссе доранд. Ҳоло ҳар яке аз ин сутуҳро бо далоил мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Мусиқии сатҳи ово ё ҳуруф. Чунин мусиқӣ дар натиҷаи такрори ҳуруф дар давоми мисраъ ё байт зуҳур мекунад, ки дар адабиёти Ғарб ба он Alliteration ва дар улуми адабии форсӣ ба ин ороя воҷоройӣ (واج آرای) гӯянд. Садоҳои забон аз ду зовия мавриди баррасӣ қарор мегиранд: агар аз ҷиҳати чигунагии тавлид ва мушаххасоти физикӣ пажӯҳиш

шавад, онҳоро ово мемоманд, аммо агар овоҳо аз назари теъдоди онҳо дар як забони хос ва чигунагии эҷоди тафовути маъноӣ мавриди мутолиа қарор гиранд, воҷ номида мешаванд. Дар шарҳи ин ороя чунин гуфта шудааст:

«Воҷоройӣ (нағмаи ҳуруф) такрори як ё чанд вожаи сомит ва ё мусавват дар шеър ё дар наср аст, ки дар калимаҳои як мисраъ ё байт ба гунае, ки офаринандаи мусиқии дарунӣ бошад ва бар таъсири шеър биафзояд» [5, с.52].

Ба далели фаровони санъати такрор, саҷъ ва ҷинос қариб дар ҳар шеъри Озарахш метавон воҷороиро мушоҳида кард:

Мову ту аён будем, бе ҳарф баён будем,
З-ин рӯй зи рустиҳо, эй ёр, ба ёдат ҳаст? [4, с.316].

Такрори ҳарфи «ё» дар таркиби калимоти аён, баён, рӯй, эй, ёр, ёд дар ин байти Озарахш ҳангоми хониши шеър хонандаро дар як сатҳи муайяни қироат нигоҳ медорад ва ҳамин аст, ки асари таъкидро дар маънӣ зиёда мекунад. Умуман, бо қатъият метавон гуфт, ки коромадтарин натиҷаи таъсири вожаоройӣ дар шеър қувват бахшиданаш ба асари таъкиди маъноҳост.

Калимот ва таркиботе, ки дар онҳо ҳуруфи такрор омадаанд, ҳангоми хониш як навъ оҳанги таъкид ба худ мегиранд ва садои хонандаро беихтиёри ӯ дар қироати онҳо дигаргун месозанд. Агар аз ин нигоҳ ба байтҳои зерини Озарахш, ки воҷоройӣ доранд, таваҷҷуҳ кунем, дармеёбем, ки ҳақиқат дорад:

Биё, рафте*м*, и*н ма*нзил ба *мо ма*нзар *н*ахоҳад дод,
Ҳар он чӣ ёфте*м*, и*н* аст, ӯ дигар *н*ахоҳад дод [4, с.50].

Нафасгирӣ чӣ душвор аст *ҳ*ангоми нафасгирӣ,
*Ҳ*амин *ҳ*ангома бо ҷонам *ҳ*амоҳанг аст, медонед? [4, с.190].

Зи *о*бш*о*р*о*н, зи б*о*ду б*о*р*о*н, зи нурб*о*р*о*н нав*о* гирифта,
Чӣ баргҳ*о*е, чӣ б*о*рҳ*о*е ба ш*о*хс*о*ре, ки баста будем! [4, с.81].

Чунон ки мушоҳида мешавад, такрори ҳамгуни ҳуруфи *«м»* ва *«н»* дар мисраи якуми байти аввал, такрори ҳарфи *«ҳ»* дар мисраи дувуми байти дуюм ва ниҳоят, такрори садоноки *«о»* дар байти сеюм оҳангҳои таъкид ва авҷи қироати шеърро таъмин кардаанд. Ба ҳар ҳол, метавон дар мавриди воҷоройӣ дар осори Озарахш намунаи бисёр оварда.

Зеро такрори калимот, иборот ва ҳатто ҷумалот дар шеъри ӯ ба ҳадде бисёр аст, ки тамоми воҷоройӣ дар натиҷаи такрори ҳамин воҳидҳои забон ба миён омадаанд. Дар натиҷа, онҳоро на ҳамчун такрори ҳуруф ва ё воҷоройӣ, балки такрори калимот, таркибот ва ҷумалот бояд баррасӣ кард.

Мусиқии калимот. Шеъри Озарахш аз такрори калимот пур аст. Вижагии мусиқоии дигари калимот дар шеъри Озарахш ин аст, ки вожагон дар шеъри ӯ таҳти таъсири вазн ва мусиқии сохтори шеър тавре ҳиҷобандӣ мешаванд, ки дар як ҳиҷо ду ҳамсадо намеуфтанд. Ин амр садо додани калимотро осонӣ мебахшад. Умуман, такрори калимот дар шеъри Озарахш шеваҳои мухталиф доранд:

Як сапеда ***осмонам, осмонам, осмон***
Як таровиш ***моҳтобам, моҳтобам, моҳтоб.***
Як чаман ***андешаам, андешаам, андешаам,***
Як талотум ***изтиробам, изтиробам, изтироб.***
Як шарора ***шавқи ишқам, шавқи ишқам, шавқи ишқ,***
Як аланга ***инқилобам, инқилобам, инқилоб*** [4, с.58].

Дар ин абёт на танҳо такрори калимаҳо дар мусиқии шеър таъсири бузург гузоштаанд, балки такрори якунимҳиҷоиҳо дар воҷагони «осмон», «моҳтоб», «изтироб», «талотум», «шарора» ва «инқилоб» муҷиби боло рафтани авҷ дар мусиқӣ шудааст. Таъсири таъкиди ин якунимҳиҷоиҳо дар мусиқии ғазали мазкур ончунон бузург аст, ки самимияти такрорҳоро таъмин сохта, ҳатто як навъ зарурат доштани такрори воҷагонро илқо мекунад.

Ҳамчунин, таваҷҷуҳ дошта бошем, ки дар байти охир, калимоти шавқ ва ишқ бо иловаи пасвандҳо ба ҳиҷоҳои сода табдил ёфтаанд.

Хез, модар, ки ***мусофирписарат*** омадааст,
Писари дар ба дарат пеши дарат омадааст.

Шаҳр бо шаҳр таманнои баратро мебурд,
Шаҳриёрат ба таманнои барат омадааст.
Ду ҷаҳонро ту ***хабардор*** зи номаш кардӣ,
Писари аз ду ҷаҳон ***бехабарат*** омадааст.
Ҳунар омӯхт ҳама умру ***ҳунарманд*** нашуд,
Писари ***боҳунари беҳунарат*** омадааст [4, с. 60].

Вижагии дигари такрори вожагон дар шеъри Озарахш ин аст, ки таркибе аз як воҷаи мураккаб ва ё решаи як вожа дар таркиби вожагони сохта такрор мешаванд. Дар байти нахустин аз воҷаи мусофирписар фақат ***«писар»*** такрор шудааст. Такрори исми ***«дар»*** ҳам таркиби сифати таркибии ***«дар ба дар»*** қобили таваҷҷуҳ аст. Ҳамин тавр, дар байти дувум ***«шаҳр»*** дар таркиби ***«шаҳриёр», «хабар»*** дар таркибҳои ***«бехабар»*** ва ***«ҳунар»*** дар таркибҳои ***«ҳунарманд», «боҳунар»*** ва ***«беҳунар»*** такрор ёфтаанд.

Такрори вожагон дар шеъри Озарахш сабки Мавлоноро ба хотир меоварад. Чун ғазалиёти Мавлоно саршор аз такрори вожагонест, ки самимият ва ҷоуфтода буданашон на онҳоро танҳо ба мусиқии ғазалҳои ӯ, балки ба муҳтавои онҳо ҳам таъсиргузор гардонидааст. Дар ин сатҳ Озарахш дақиқан ба сабки Мавлоно пайравӣ кардааст.

Ӯ ҳам ба мисли Мавлоно дар интихоби вазни ғазал дақиққор аст ва танҳо аз авзони шӯрангез истифода мекунад, мавқеи такрори калимотро медонад, аз вожагони душворталаффуз парҳез мекунад ва ниҳоят аз забоне ба кор мегирад, ки ниёз ба шарҳ надорад.

Мусиқии таркибот. Албатта, такрори калимот дар шеъри адабиёти мо амре густарда аст. Махсусан дар шеъри имрӯз, дар шеъри озоди адабиёти даврони истиқлол такрор ба таври васеъ корбурд мешавад. Аммо такрори иборот, таркибот дар шеър падидаи роиҷ нест ва камтар дида мешавад. Аз ҳамин ҷиҳат осори Озарахш мустасност. Ӯ ҳамчунон ки дар истифода аз санъати такрор дар сатҳи калимот муваффақ аст, дар такрори ибороту таркибот ҳам дасти тавоно ва сабке хуб дорад:

Кӣ хабар ёфт ***зи овардаву аз бурдаи мо,***
Кӣ зи овардаву аз бурдаи мо гиря кунад? [4, с.63].

Агар ин нуктаро мадди назар бигирем, ки феъли «гиря кунад» дар ғазали мазкур радиф аст ва дар ҳар байт такрор ёфтааст, дар ин байт фақат ду вожаи мисраи аввал (хабар / ёфт) такрор нашудаанд. Такрори таркиби «зи овардаву аз бурдаи мо», ки тамоми матлаби байт ҳам дар он нуҳуфтааст, на танҳо ба бадеъ ва ё маънии байт халал ворид кардааст, балки ба таъсирнокии сухани шоир афзудааст. Иборот ва таркибот дар шеъри Озарахш ба гунаҳои мухталиф такрор мешаванд:

Бо ***ҷаҳони бекарона*** сохтам чун заррае,
Чун ***ҷаҳони бекарона*** ёфтам танҳо туро [4, с.66].

Дар ин байт такрор на танҳо ба мусиқии шеър таъсир дорад, балки бори маънӣ ҳам мекашад. Дар мавриди аввал манзур аз ҷаҳони бекарона ҳамин дунёст. Дар мавриди дувум - ташбеҳи маъшуқ ба ҷаҳони бекарона дигар далолат ба бузургӣ ва беинтиҳоии моддӣ намекунад, балки баёнгари ишқи бепаҳнои қаҳрамони ғиноист. Дар байти поёнӣ ҳам чунин ҳолат дида мешавад:

Шебу фарози ҷаҳон бе ту набигзаштанист
Шебу фарози манӣ, боз биё, боз, боз [4, с.74].

Байти поёнӣ аз паҳлуи дигари халлоқияти Озарахш хабар медиҳад:

Гарди *ин вайрона* дар мижгони мост,
Ганҷ дар *вайрона ин* аст, эй рафиқ [4, с. 77].

Фақат бо иваз кардани ҷойи калимот Озарахш ду маънии комилан мутафовитро баён сохтааст. Намунаҳои дигар аз такрори иборот дар шеъри Озарахш:

Мақсадам тарҷумаи ҳолам нест,
Сухан аз деҳаи хуршедии ман,
Сухан аз деҳаи боронии ман,
Сухан аз хотираҳои абрист [4, с.5].

Ҳамин тавр, такрор дар шеъри Озарахш аз аносири ташкилдиҳандаи сабки фардии ӯст. Дар корбурди такрор Озарахш ҳамон андоза муваффақ аст, ки Мавлоно муваффақ будааст. Ин ки аз назари муҳтаво ва мазмун, ҳамчунин паёми шеър осори Мавлоно бартару бузургтар аз ҳар осори дигарест, баҳси ҷудогона аст. Аммо дар истифодаи

санъати такрор ва оростани ғазал бо ин ороя Озарахш ончунон дурахшандагӣ ва нодиракорӣ кардааст, ки намунаи ҳамвазни ҳунари ӯро фақат дар «Девони Шамс» метавон дарёфт.

Яке дигар аз ороятҳои лафзӣ, ки Озарахш истифодаи онро дӯст дорад ва то андозае ҳамон такрор аст, ҷинос мебошад. Мо дар нақди адабӣ анвои гуногуни ҷиносро дорем. Намунаҳои ҳар яке аз онҳоро метавон аз девони шеъри Озарахш пайдо кард:

Ҷиноси ҳамсон:

То ***тоб*** мезанад дил дар зулфи печ-пече
Ин ***тоб*** зинда бошад, он ***тоб*** зинда бошад [4, с.51].

«Тоб» дар мисраи аввал ба маънии гирифтории дил аст. Аммо дар таркиби ***«ин тоб»*** ба маънои тапиш ё ҳамон табу тоб омадааст. Намунаи дигар:

Нешҳоро ***нӯш*** карду ***нӯш*** кард,
Ҷони мо ***нӯшофарин*** аст, эй рафиқ [4, с.77].

Ин байт ҳам аз нодиракориҳои Озарахш аст. ***«Нӯш кардан»***-и аввал ба маънои табдил додани неш ба нӯш аст, ***«нӯш кардан»***-и дувум ба маънои истеъмоли он омадааст. Маълум аст, ки ***«нӯш кардан»*** ба маънии истеъмол истиораи забони мост. Шоир ин матлабро бо камоли ҳунар ба кор бурдааст. Аз мисраи аввал хонанда мефаҳмад, ки ин марҳам дар ҳақиқат ҳамон неши нӯшгашта аст.

Дар мисраи дувум нӯшофарин будани ҷон суханбозии ҳунармандонаест. Чун ин ҷон аст, ки ҳамон нешҳоро нӯш кардаву нӯшида. Ҳамин ҷост, ки аз назари мазмун ҳам ин байт олӣ баромадааст.

Намунаҳое ҷиноси лафзӣ:

Субҳгоҳе дар раҳи бозори шаҳристон
гадоеро «Сабоҳат ***хайр!***» гуфтам.
Ӯ бизад лабханд:
«***Хайри*** дигаре дорӣ?!»
Шармам омад.
«***Хайр»*** гуфтам ноилоҷаш…
Хайр…. [4, с. 142].

Ҷиноси мураккаб:

Эй садои омаданҳоят ***муборакбоди*** ман,
Омаданҳоят ***муборак бод,*** бар милоди ман.

Хез, Олим***пур***!
Рӯи ҳавлиро нигар,
Аз рӯйи одам ***пур***
Ҷун рӯйи олам ***пур.***

Ҷиноси ноқиси ихтилофӣ:

Бар ин ***замину*** ин ***замон*** аз мо салом, аз мо салом,
Аз хокдон то осмон аз мо салом, аз мо салом! [4, с.68].

Ҷиноси қалб:

Як шарора ***шавқи ишқам, шавқи ишқам, шавқи ишқ,***
Як аланга инқилобам, инқилобам, инқилоб [4, с.58].

Ҷиноси иштиқоқ:

Хотираам хотири роёна нест,
То диҳам осон ба фаромӯшият, [4, с.103].

Ҷиноси мушавваш:

Он парирӯй, ки ***ойини ҳаройина*** шикаст,
Назар андохт ба ***ойина,*** ки ***ойина*** шикаст [4, с.167].

Ключевые слова: мемуарный жанр, автобиография, трансформация, перевод, русская литература, таджикская литература, проза.

THEORETICAL PROBLEMS OF THE AUTOBIOGRAPHICAL GENRE AND ITS TRANSLATION

The purpose of this article is to give an overview of theoretical questions about the memoir genre. When studying the theoretical material, the author of the article relies on the work of Russian researchers who dealt with this topic - these are L. Ya. Ginzburg, G. G. Elizavetina, N. A. Kamaletdinova, N. E. Myasoedova, I. O. Shaitanov. The author of the article notes that in their research the principles of studying memoirs in the genre aspect were studied, these scientists revealed the significance of memoirs in the literary process. When working on this topic, the concept of E. L. Kirillova about the meta-genre nature of memoirs and the works of T. M. Kolyadich are useful. These works formulate the principles of analysis of literary memoirs. The author of the article explores the peculiarity of the translation of a work of the memoir genre, i.e. Sotim Ulugzod's autobiographical story "Subkhi chavonii mo" ("Morning of our life"), however, before starting a comprehensive study, he gave an overview of the theoretical material on the memoir genre and studies on this topic. The name of the famous writer S. Ulugzoda was already well known in the second half of the 20th century as a playwright, translator, prose writer. His works have been translated into many languages of the world. Among them, the main place is occupied by works of the historical genre, however, the writer was able to show himself as a good memoirist. Articles and essays by J. Ikrami, I. Braginsky, L. Demidchik, S. Tabarov, M. Mulajanov, Sh. Huseynzade and M. Tursunzade, M. Shukurov, K. Yusufov, A. Sayfulloev, A. Sharifov, K. Yusupov, H. Otakhonova, M. Radjabov, J. Bakozade, Sh. Solekhov, S. Bakoeva, E. Sirodjiddin, J.J. Muruvvatiyon and others.

Key words: memoir genre, autobiography, transformation, translation, Russian literature, Tajik literature, prose.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Авалова Зулфия Субонхоновна*** – Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакии АМИТ, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21.
E-mail: **avalova.zulfiya@bk.ru**

Сведение об авторе: ***Авалова Зулфия Субонхоновна*** - Института языка и литературы им.Рудаки НАНТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **avalova.zulfiya@bk.ru**

Information about the author: ***Avalova Zulfiya Subonkhonovna*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST, Applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21.
E-mail: **valova.zulfiya@bk.ru**

ЖУРНАЛИСТИКА

УДК: 070 (575.3)

ТАВСЕАИ ҶУҒРОФИЯИ ҶАНГҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА УСУЛҲОИ ТАНЗИМУ ИДОРАНАМОИИ ФАЗОИ МУБОРИЗАҲОИ ИТТИЛООТӢ

Сафарзода Ф.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷуғрофияи ҷангҳои иттилоотӣ торафт вусъат меёбад. Аксарияти коршиносон, ки дар ин масъала пажӯҳиш анҷом додаанд, бар он назаранд, ки аз ҳама омили муассир дар ҷангҳои иттилоотӣ – психологӣ пурзӯр намудани рақобати иттилоотӣ аст. Аммо то ҳол дар амалия ягон ҳолате, ки натиҷаро нишон диҳад, ба даст наомадааст ё омада бошад ҳам, ба ҳадди дар дурнамои назария пешбинишуда баробар нест. Баръакс, таҷриба нишон медиҳад, ки пурзӯр намудани ҷангҳои иттилоотӣ ҳолатро шадидтар мекунад, на бартараф. Баъзан баҳсҳо то ҳадде шиддат пайдо мекунанд, тезутунд мешаванд, ки тарафайн ба таҳқиру туҳмат мегузаранд ва кор то ҷое мерасад, ки дар ҷангҳои иттилоотии ду ҷониб мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дахолат мекунанд. Аз қавли худи иштирокчиёни ҷангҳои иттилоотӣ, «мақомот хоҳиш мекунанд, ки баҳсро бас кунед» [1].

Азбаски имрӯз равандҳои глобализатсия, ки аксаран бинобар сабаби бархӯрди манфиатҳои қудратҳои геополитикӣ бенизоманд, ҳолати аз ҷангҳои иттилоотӣ гузаштан ба якдасткунонӣ ва интерпретатсияи (тафсир, шарҳ) якмароми иттилоотро ба хости манбаъҳои аввал ба вуҷуд овардааст, зарурат пеш меояд, ки системаҳои коммуникатсионӣ аз ҷониби ниҳоди дахлдор таҳти назорат қарор гиранд. Барои таъсиси чунин сохтори махсус, пеш аз ҳама, заминаи ҳуқуқӣ муҳим аст. Муҳиммияти бо санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ танзим намудани василаҳои гуногуни мунташирии фикру назар ва системаҳои компютерӣ зарурати қабули санади алоҳидаеро ба миён меорад. Чунки вокунишҳои номуттафиқ ва номусолиҳаомези ҷонибҳо ҷангҳои иттилоотиро шадидтар мегардонад ва тезутундшавии гуфтугӯи тамаддуни иттилоотӣ вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳамзистии бомуруввати мардуми ҷаҳон ва минтақаҳоро беш аз пеш мураккаб ва печида месозад. Дар натиҷа, на танҳо шахс, гурӯҳҳои ҳадаф қароргирифта, давлатҳову ҷомеаҳо, ҳамзамон, доираи васеи афроду ҷамъиятҳои берун аз шабакаву ҷадвалҳои трансмиллӣ низ аз ҳамлаҳои иттилоотӣ таҳти фишор қарор мегиранд. Ин вазъ бошад сабаби муташанниҷ гардидани авзои сиёсии ҷаҳон ва заиф шудани фишангҳои идоракунии ҷомеаҳо мегардад. Ин хатар метавонад хатари байналмилалӣ бошад. Дастандаркорони гурӯҳҳои террористӣ ва кибертеррористӣ аз ҳуҷуми баръакси таблиғоти худ хавфҳо доранд. Ба ин мисол шуда метавонад ҷангҳои лафзӣ миёни Федератсияи Россия ва Украина, ки оқибат ба амалиёти низомӣ печид ва ба авзои бахшҳои гуногун дар кишварҳои ҷудогонаи ба низоми сиёсии абарқудратҳои ҷаҳон вобастабуда, аз ҷумла ба кишварҳои Осиёи Миёна, таҳдид намуд.

Бе шакку шубҳа, дар ҷомеаи Тоҷикистон қабули як санаде, ки тавонад кибертерроризм ва дигар амалҳои ғайриқонунии глобализатсияи иттилоотиро дар системаҳои бузурги технологияи коммуникативӣ пешгирӣ намояд ва ба муътадил гардидани равандҳои табодули иттилоотӣ мусоидат намояд, хеле муҳим аст. Зеро вазъияти мураккабу печидаи глобалӣ возеҳ месозад, ки точанд ашхосу гурӯҳҳо ва давлатҳои пушти парда нақшаҳои худро дар ҷангҳои иттилоотӣ муҳташамтар месозанд ва ба равони одамон зарбаҳои ғайричашмдошт ва қисман ҷуброннашаванда мезананд.

Таҷрибаи аксар ҷангҳо нишон медиҳад, ки агар дар аввал журналистон ба ҳолати ҷомеаҳо таъсир мерасонданд ва то ҳадди муайян фазои ҷомеаи мавриди ҳадаф қароргирифтаро назорат мекарданд, имрӯз бо пайдо шудани интернет ва шабакаҳои сершумори он ин қудрати журналистика то ҷое заиф гардидааст. Агар қаблан сиёсатмадорон набзи ҷараёнҳои ҷомеаро ба қалами журналистон вобаста медонистанд ва ҳатто дар умури давлатдорӣ аз интиқодҳои журналистон чашми тарс доштанд, метавон гуфт, ки имрӯз сиёсатмадорон – манфиатҷӯёни гурӯҳӣ, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ ҳамеша оҳанге меҷӯянд ва пардаеро ниқоб мекунанд, аз қисми муайяни журналистон ва аз журналистикаи шаҳрвандӣ фаровон сӯйистифода мебаранд. Агар аввал журналистон сиёсатмадоронро ба майдонҳои ҷанг мекашиданд, имрӯз бозиҳои сиёсӣ, ки ба таври

равшан характери худкомагӣ доранд, журналистонро аз мавқеи касбиашон берун кардаанд.

Мушкилӣ дар он аст, ки ҳама намуди фаъолият дар воситаҳои коммуникатсионӣ фаъолияти иттилоотӣ муаррифӣ мешавад. Ҳол он ки дар ин майдони бесарҳад қудратҳои ҷаҳонӣ муборизаи беамон мебаранд ва дар ин ҷангҳои қудратталабӣ бо усули таъсири иттилоотӣ амнияти психологӣ – иттилоотии шахс ва ҷомеа аз меҳвари андешаҳо бурун рафта, тахриби психологӣ – иттилоотӣ ба меҳвари стратегияҳои бузург табдил меёбад. Амалӣ гардидани ҳадафҳо ва нақшаҳо дар мадди назари қудратҳо қарор мегиранд. Ҳамчунин духӯрагии мавқеъгириҳои абарқудратҳо вазъиятро беш аз пеш мушкил ва ҳолати имрӯзу ояндаи сиёсати ҷаҳониро дар ин масир номуайян мегардонад. Ба гунаи мисол, масъала оид ба заҳролуд кардани ҷосуси собиқи Русия Сергей Скрипал ва духтараш Юлия дар Британиё, ки ба ин баҳона Лондон 23 дипломати Россияро аз кишвараш ронд ва аз Амрикову кишварҳои дигари Аврупо низ талаб кард, ки ин иқдомро дастгирӣ намоянд ва дар пайи иҷрои ин дархост, дар маҷмуъ 29 кишвари аврупоӣ дипломатҳои Россияро аз қаламравашон хориҷ карданд. Танҳо як худи Америка 60 дипломати Россияро бадар кард. «Дар вокуниш ба иқдомоти Британиё ва муттаҳидонаш Маскав 60 дипломати амрикоиро аз хоки Русия ихроҷ кард ва консулгарии Амрико дар шаҳри Санг–Петербургро баст» [11]. Аммо «чаро муттаҳидони Русия Маскавро дар ин низоъ танҳо гузоштанд? Чаро шарикони Русия, аз ҷумла давлатҳои узви Иттиҳоди гумрукӣ, Созмони амнияти дастаҷамъӣ, ИДМ, СҲШ ва дигару дигарҳо, ки дар атрофи Россия муттаҳид шудаанд, аз Россия пуштибонӣ накарданд ва мавқеи бетарафиро ишғол намуданд? Чаро муттаҳидони бузурги Россия – Эрону Туркия ва Чин ҳеҷ вокунише нишон надоданд?» [11]. Бо вуҷуди он ки натиҷаҳо баръаксанд, муаллифи мақолаи «Баъзе хусусиятҳои масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар кишварҳои Осиёи Миёна» [7] ба он назар аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ амнияти иттилоотии худро таъмин карда метавонанд. Ин дар ҳолест, ки Россия натавонист муттаҳидонашро ба чунин иқдом даъват намояд.

Тоҷикистон, ки аз лиҳози ҷуғрофияи ҷойгиршавӣ дар Осиёи Миёна дар саргаҳи геополитикаи қудратҳо қарор мегирад, дар таъмини амнияти психологӣ – иттилоотӣ ва оромии минтақа нақши калидӣ дорад. Сарфи назар аз он ки бе ин ҳам ҳудуди ҷангҳои иттилоотӣ – психологӣ тавсеа меёбанд, дигар воҳидҳои ҷуғрофии сайёраи замин – субъектҳои муносибатҳои байналмилалиро фурӯ бурдан доранд. Нооромиҳо дар кишварҳое, ки ҳолати мавҷудаашон метавонад ба фазои ҳавзаи кишварҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла ба Тоҷикистон таъсир расонад, аз қабили Афғонистон ва Украинаву дигар муҳитҳои дорои авзои муташанниҷ дар ин атроф метавонад мисоли равшан бошад. Васеъ назар андозем, печидагии фазо дар Украина аз он ҷиҳат ба амнияти Тоҷикистон вобастагӣ дорад, ки шарикони стратегии давлатҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти созмону паймонҳои баимзорасида дар раванди муборизаҳои шадид алайҳи терроризму экстремизм ва дигар зуҳуроти ба амнияти ин кишварҳо таҳдидкунанда, ногузир ба давлатҳои нисбатан дорои иқтидори на он қадар баланд ва дар саҳнаи муборизаҳои геосиёсӣ дуюмдараҷа таъсир мерасонад. Бо ин мақсад ҳарчи бештар ва барвақттар дар ҷомеаи Тоҷикистон масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ - психологӣ ҳалли худро ёбад, ба низом дарояд, ҳамон андоза фишангҳои идоракунии ҷомеа осон мегардад.

Моҳи феврали соли 2017 Президенти Россия Владимир Путин бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон омад. Зимни баромад дар Душанбе Путин Тоҷикистонро «кишвари калидӣ» барои дастгирии бехатарӣ ва оромии минтақа номид» [12].

Фазои сиёсии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир чандон якранг набуд. Ба хотири оромиву суботи ҷомеа роҳбарияти олии сиёсии мамлакат имкони фаъолияти ҳизбҳои сиёсии гуногунро фароҳам оварданд. Аммо аз ин имконият гурӯҳҳои манфиатдор ба таври худ хулоса бароварда, онро ба хотири пиёда сохтани ҳадафҳои зиддимилливу зиддидавлатии худ истифода бурдан хостанд.

Дар филми «Хиёнат» сарпарастону хоҷагони наҳзатиён ва пайравони онҳо ошкор шудааст. Ҳарчанд каме дертар шуда бошад ҳам, қатъ кардани созмони радикалии наҳзатиён, ки аввалан, бо номи ҲНИТ ғаризаҳои иғвоангезашро тарғиб мекард ва баъдан, бо ҳукми суд ТТЭ ҲНИ эълон гардид, комилан муовофиқ ба қонунҳо, манфиати миллат ва принсипҳои давлатдорӣ мебошад. Имрӯз ҳамин равияи радикалӣ бо истифода аз

массмедияҳои трансмиллӣ, хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ, ки дар он ҷо аз тарафи чунин гурӯҳҳо ва афроди алоҳидаи ҳамгуна на қонун, на ахлоқ, на андешаи ҳамзистӣ риоя мешавад, фаъолона ғаризаҳо ва аҳдофи ба меъёрҳои қонун ва дигар санадҳои байналмилалии аз тарафи Тоҷикистон эътирофшуда мухолифро озодона, бидуни ҳеҷ мушкилие ташвиқ мекунанд ва фаъолияти экстремистии худро пеш мебаранд. Мавриди зикр аст, ки экстремизм, сепаратизм, кибертерроризм, дар як маврид, метавонанд ба як мафҳум – терроризм зикр шаванд, ки, бешак, торҳои ҳамин хонаи анкабутианд ва ҳама ба як ҳадаф равона гардидаанд. Онҳо «ба корҳои дохилидавлатӣ мудохила мекунанд, нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд» [3], созмонҳои байналмилалӣ, ки худро ҳомии ҳуқуқҳову қонунҳо муаррифӣ мекунанд, ташкилотҳои минтақавӣ, байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ, ки Тоҷикистон «вобаста ба манфиатҳои олии халқ» (Конститутсияи ҶТ. М. 11. С.4.) ба онҳо аъзо аст, ба кори онҳо коре надоранд. Онҳо чизе хоҳанд, мегӯянд, менависанд, ошкоро қонунҳо ва санадҳову созишномаҳои башариро, ки хоҷагонашон дар шарикӣ ба Тоҷикистон дар онҳо имзо гузоштаанд, вайрон мекунанд. Маҳз дар ҳамин лаҳза таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки «касе ба ҷуз аз худамон ватани моро обод намекунад, агар худамон насозем, бунёд накунем», моҳияти объективӣ доштани худро мекушояд ва ҳақиқати воқеӣ доштани худро собит месозад.

Тоҷикистон дар шахси мақомоти дахлдор метавонад чунин сайтҳоро бо истифода аз меъёрҳои конститутсионӣ, байналмилалӣ, пактҳо, паймонҳо ва таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ ва кишварҳои «пуштибони демократия» қатъ кунад ва ба ҳеҷ раддияе аз ҷониби хоҷагонашон, ки аслан аз номи созмонҳову ташкилотҳои гуногун баромад мекунанд, мувоҷеҳ нашавад. Манзур ин аст, ки агар барҳам задан ё қатъ кардани ин ё он сомонаву сайту расонаву саҳифаҳои алоҳида дар ҳошия ё чаҳорчӯбаи фарҳанги корбарӣ, ба маънои риояи ҳама талаботи қонун сурат гирад, амалиёт ба мақсад мувофиқ анҷом хоҳад гирифт. Шояд ин ақидаҳоро ҳама донем, аммо камтар ҳолатҳое мешаванд, ки фаъолияти саҳифаҳои интернетие, ки характери экстремистӣ, террористӣ ва кибертеррористӣ доранд, баста шаванд. Бигзор, ҳар рӯз саҳифаи нав кушоянд, бигзор, аз баста шудани саҳифаҳояшон дар такопӯ афтанд, аммо неруи озмудашуда бояд ба ин ҳама посух гӯяд, бо далелҳои раднопазир гунаҳгор будани онҳоро тасдиқ намояд ва нагузорад, ки меъёрҳои санадҳо вайрон ва поймол гарданд. Чунин гурӯҳҳои худкома метавонанд ба ҷомеаи Тоҷикистон хатарҳои бечуброн, ки ҳадафҳои нақшавии онҳо ҳастанд, эҷод кунанд. Наметавон инкор кард, ки таблиғоти гурӯҳҳои террористӣ, ҳамчуноне, ки изҳор шуд, ҳамаи дигар истилоҳоти ҳамсон, аз қабили экстремизму радикализму сепаратизму кибертерроризм ва ғайра хусусияти нажодпарастӣ (дар мисоли ШМА, ки латукӯби сиёҳпӯстон сабабгори сар задании низоъҳои дохилдӣ шуданд, 2020 – 2021), ҷудоиандозӣ, бадбинӣ, бо роҳи ғайриқонунӣ сарнагун кардани ҳокимиятҳои ҷориро (дар мисоли Тоҷикистон соли 2015 аз ҷониби Н. Ҳалим дар ҳамкорӣ бо пешвоёни ТТЭ ҲНИ, Белорус соли 2020 ва кишварҳои Шарқи наздик ва ғайраҳо) надоранд. Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи АМИТ С. Ятимов дар мақолаи худ – «Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ» табаддулоти соли 2015 ба вуқуъпайвастаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъе аз нақшаҳои наҳангии саркардагон ва хоҷагони онҳо меҳисобад [10]. Аз он ки ба ҳаёти инсоният сирф амалҳои тахрибкорона доранд, амнияти давлатҳо, хусусан давлатҳои рӯ ба рушд, миллатҳо ва дар маҷмуъ, ба ҳамзистии мусолиҳаомези башарият хатар доранд, метавон пеши роҳи чунин таҷовузкориҳо ва даҳшатафканиҳоро бо усулҳои коркардшудаи ба тақозои ҷаҳони муосир ҷавобгӯ, махсусан, тарбияи насли донандаи фарҳанги корбурди технологияи иттилоотӣ, гирифт. Бо роҳи илм ва консепсияи сохтмони шуури муқаррарии ҷамъиятӣ дар асоси шуури назариявӣ – системакунонидашуда низ метавон ба натиҷа ноил гардид, ҳарчанд фурсат маҳдуд аст. Қабул ва амалӣ гардидани консепсияҳое, ки насли навро алорағми ғояҳои ботил бо шинохти чеҳраҳои ба давлату миллати тоҷик душман ва сохтмони шуури комил аз арзишҳои ахлоқӣ, башарӣ, фарҳангӣ, динӣ, ватандорӣ, ҳувиятхоҳӣ тарбият мекунад, ба воя мерасонад, ин ҳама бесарусомониро дар интернет танзим менамояд ва бартарф месозад. Нақшаҳои онҳо чандсадсолаҳо умр доранд, аз ин рӯ, мо дар муддати кӯтоҳ кӯшиш намоем, бо қабули барномаҳои мушаххас ба зарбаҳои нақшавии онҳо сангар гузорем.

Лайк гузоштан, яъне тарафдорӣ кардан, мақбул донистан, паҳн кардан, яъне ба дигарон фиристодан, интишор кардан ба гурӯҳҳои террористие, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ густурда фаъолият мебаранд, ба саркардагони онҳо ҳам қувваи моддӣ медиҳад, ҳам қувваи маънавӣ. Моддӣ ба ин маъно, ки онҳо аз ҳисоби шумораи мақбулгузоштагон даромад ба даст меоранд. Аз лиҳози маънавӣ бошад афзудани шумораи онҳоро нишон медиҳад, ки, бешубҳа, ин дар тафсонидани оташи ҳангомаҳои онҳо нақши катализаторро мебозад.

Ҳама медонем, ки демократия барои ашхос ва гурӯҳҳои тундхӯву манфиатҷӯ, ҳамоно барои баъзе давлатҳои муайян баҳонае беш нест. Демократитарин кишварҳои олам барои амнияти иттилоотии худ чораҳои бетаъхир ва муассир меандешанд ва онҳоро татбиқ менамоянд. Посух ба саволҳое, ки чаро аннексияи (ғасб) мафкура аз ҷониби мубаллиғони ғояҳои бегона бар зидди давлату миллати тоҷик аз тариқи массмедиа алайҳи баъзе кишварҳои аврупоӣ ва ғайриаврупоӣ сурат намепазирад, аллакай, худ гирехи муамморо мекушояд.

Президенти Франсия Эмманюэл Макрон аз тариқи телевизиони «France 24» изҳор дошт, ки то охири соли 2018 қонуне таҳия мекунанд, ки барои муборизa бар зидди паҳн кардани хабарҳои дурӯғ ва тарғибот дар интернет равона шудааст [5]. Будани чунин як қонуни фарогир дар Тоҷикистон низ стратегияи муборизаро бар зидди иттилооти таҳмилӣ сифатан беҳтар мегардонад.

Ҷангҳои таҳмилие, ки дар давлатҳои Ироқ, Сурия, Яман, Ливия, Фаластин, Афғонистон рух дод, зарбаҳои ҷонкоҳу ҳалокатбори худро нишон дод. Таҳқиқҳо возеҳ месозанд, ки дар ҳудуди ин кишварҳо нахуст ҷангҳои психологӣ – иттилоотӣ ба роҳ монда шуда, баъдан, пас аз гузашти вақти муайян, яъне мутобиқ шудани руҳияи субъектони объекти мавриди ҳадаф, ҳамлаҳои низомӣ сар карда мешаванд. Қаблан таблиғоти ғоявӣ бо навтарин технологияҳои коммуникатсионӣ бурда мешавад. Воқеияти фазои маҷозӣ ва мутаассирии иштирокчиёни муносибатҳои фазои маҷозӣ нишон медиҳад, ки ин ҷангҳо на фақат ба шаҳрвандони ҳамин кишварҳо, балки фаротар аз он, ба тамоми мухотабони нақшаҳои геополитикӣ низ таъсири фавқулода расонданд. Солҳо мегузаранд, соатҳои интизорӣ ба поён мерасанд, аммо ҷангҳо дар қаламрави кишварҳои номбурда то ҳол хотима наёфтаанд. Муаллифон ва мубаллиғони идеяҳое, ки заминаи бунёдии онҳоро манфиатҳои беҳадду канори қудратталабии империалистӣ ва аз навтақсимкунии марзии кураи замин ташкил медиҳанд, намехоҳанд бо хомӯш гардидани алангаи чунин ҷангҳо дар қаламрави муайян даҳшати тарсро аз ҷангу таҷовузу хунрезӣ аз зеҳни дигарон ба фаромӯшӣ гузоранд. Амнияти кишварҳо, минтақаҳо ва дар маҷмуъ ҷаҳон на ба манфиати дастаҳои террористпарвар ва гурӯҳҳои террористӣ аст, балки ба нақшаҳои паҳновари онҳо халал ворид месозад ва намегузорад, ки стратегияҳои онҳо татбиқ шаванд. Аз ин рӯ, мекӯшанд ҳамеша ҷангро зинда нигоҳ доранд ва даҳшати ҷангҳоро аз тариқи воситаҳои электронӣ ва ба таври виртуалӣ таблиғ кунанд.

Собиқ директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Худобердӣ Холиқназар дар хусуси асри ҷаҳонишавӣ, гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои тундхӯву ифротгаро ва найрангбозиҳои ТТЭ ҲНИ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои маҷозӣ андешаронӣ намуда, изҳор доштааст, ки хоҳу нохоҳ асри ҷаҳонишавӣ ба раванди давлатдорӣ таъсир мерасонад [13]. Бесабаб нест, ки абарқудратҳо бо истифода аз «дастҳои ташкилкарда» – ашон ҳудудҳои гуногуни авзои сиёсии кураи заминро идора мекунанд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷангҳои психологӣ – иттилоотиро метезонанд, рахна мезананд ба системаҳои ягонаи маъхазҳои бузурги иттилоотӣ, бо ҳар роҳу восита сохторҳои ҳокимияти мавҷударо фалаҷ кардан мехоҳанд, дар байни роҳбарони калидӣ ихтилофи назар ва мавқеъро ба вуҷуд меоранд, дар домашон шаҳрвандони осоишта, махсусан ҷавонон дармеафтанд, воҳидҳои ҷуғрофии давлати якпорчаро муқобили ҳамдигар мешӯронанд, исёнҳои равонӣ мебардоранд ва дар ин роҳ касерову чизерову арзишеро ба назар намегиранд. Яке аз омилҳои дар ин кор барои онҳо бисёр муносиб шабакаҳои иҷтимоӣ маҳсуб мешаванд. Онҳо ба дараҷаи даркорӣ назорат намешаванд. Фаҳштарин, беарзиштарин, дурӯғтарин, беҳаётарин ва иғвоангезтарин иттилоъро метавон дар шабакаҳои иҷтимоӣ интишор ва ҳамагир кард. Мутаассифона, ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ асосан аз ҳамин васила сурат мегирад. Дар замони муосир, дар авҷи ҷангҳои психологӣ – иттилоотӣ, шабакаҳои

иҷтимоӣ аз хатарноктарин василаҳои таъсиррасонӣ ба мафкураи доираҳои васеъи ҷомеаҳо маҳсуб мешаванд. «Он сомонаҳое, ки ба ин кор машғуланд, бояд аз байн бурда шаванд. Мо бояд кӯшиш кунем, ки тариқи онҳо иттилои ғаразолуд, иғвоангез, экстремистию радикалӣ фиристода нашаванд ва имконият надиҳем, ки онҳо дар фазои иттилоотии мо фаъолият дошта бошанд» [13], – хулоса мекунад профессор Худойбердӣ Холиқназар.

Муҳаққиқони тоҷик ба пажӯҳиши ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, изҳор доштаанд, ки «Бо пайдоиш ва ташаккули воситаҳои нави иттилоърасонӣ тарғиботи ҳадафноки кишварҳои абарқудрат нисбат ба ҳарифони сиёсӣ аз ВАО – и урфӣ ба медиаи нав – шабакаҳои иҷтимоӣ гузашт. Зеро имрӯз бо рушди интернет қисми зиёди аҳолии дунё рӯ ба шабакаҳои иҷтимоӣ оварданд» [5].

Вақте таҳлилгарони ояндаи ҷомеаи башар ҷанги сеюми ҷаҳонро ҷанги иттилоотӣ арзёбӣ кардаанд, дар чунин сурат нақши ВАО амиқтару муассиртар мешавад. Имрӯз аз қудрати ВАО чашми ҳазар доранд. ВАО қодир аст, ки низомҳои муътадили ҳар ҷомеаро вайрон кунад. Ҳамин аст, ки муаллифони китоби «Усули таҳқиқ» назорати ҷиддии кори ВАО – ро таъкид кардаанд: «Ин дастгоҳҳои пуриқтидор, яъне радио ва махсусан телевизион бояд таҳти назорати давлату ҳукумат қарор дошта бошанд, то як хабари нодуруст, як сухани ноҷо боиси нофаҳмиҳо ва сар задании муноқишаи бузург нагардад» [6].

Баъзе муҳаққиқон зимни таҳқиқи масъалаи кибертерроризм содиршавии онро дар фазои иттилоотӣ таҳлил мекунанд, ҳол он ки ҷиноятҳои киберӣ бештар дар системаҳои иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд. Фазои иттилоотӣ, аллакай, фазои қонунии (иттилооти ба меъёрҳои қонунҳо мухолиф набояд роҳ ёбад) пахши иттилоот аст, ки баъзе расонаҳо пардапӯшона ва ё урён ҳадафҳояшонро тавассути иттилоот пиёда карданӣ мешаванд. Аммо ҳуҷуми кибертерроризм ба фазои иттилоотии ҷомеаҳо низ бетаъсир наmemонад. Чунки рақибони ҷангҳои иттилоотӣ метавонанд бо шикастани рамзҳои системаҳои коммуникатсионӣ ва ё бо ёрии хоҷагонашон, ки дар “камингоҳи назар” нишастаанд, маълумоти алорағми рақиб истифодашавандаро ба даст оранд ва онро бо зикри «бино ба маълумоти манбае», «тибқи иттилои расида», «маълумоти мавҷуда нишон медиҳад, ки…» ва ғайра интишор намоянд.

«Вайрон намудани фаъолияти муназзами объектҳои дорои аҳамияти стратегӣ, ба вуҷуд овардани хатар барои одамони касбу кори гуногун, расонидани зарари моддиву маънавӣ ба аҳолии мамлакат ва шуури ҷамъиятӣ, ба вуҷуд овардани оқибатҳои нохуби ҷамъиятӣ мақсади асосии ҳуҷумҳои кибернетикиро ташкил медиҳанд» [4]. «Кибертерроризм ҳуҷуми ҳадафноке мебошад, ки он сирф характери сиёсию идеологӣ дорад» [8]. Кибертерроризм ва аъмоли ба ҳадафҳои террористӣ вобаста аз нуктаи назарӣ ҳуқуқӣ ҷиноят аст. Аммо на ҳама муаллифони матолибе, ки дар воситаҳои виртуалии иттилоотиву иртиботӣ дар раванди ҷангҳои иттилоотӣ интишор мегарданд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Масалан, мувофиқи ахбороти Д. Тайнан дар сайти www.centrasia.ru вобаста ба ҳуҷуми хакерҳои номаълум ба амнияти иттилоотии давлатҳои Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон, олимон муайян намудаанд, ки ба чунин ҳуҷуми хакерӣ 1465 компютер дар 61 кишвари ҷаҳон гирифтор шудааст ва аз онҳо шумораи 47 нафар зарардидагон намояндагони корпусҳои дипломатӣ, агентиҳои кайҳонӣ ва ширкатҳо ва институтҳои илмӣ–таҳқиқотӣ ва васоити ахбори омма мебошанд [2].

«Агар дар солҳои 90–уми асри гузашта намояндагони либералҳои ғарбии фалсафаи сиёсӣ (О. Тоффлер, Ф. Фукяма) бар он андеша буданд, ки аз худ намудани «фазоҳои нав» ҳамчун омиле хизмат мекунад, ки ё кишварҳоро ба ҳам муттаҳид менамояд ё табиати онҳоро вайрон мекунад, вале тамоюлоти муосир амалҳои баръаксро нишон медиҳад. Дар замони муосир ҳамкорӣ намудан дар доираи «фазои умумӣ» ҳамон қадаре ки ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи аз худ намудани фазои мазкур пеш бурда шавад, ҳамон қадар рақобат барои принсипҳои тақсимот ва инчунин афзудани шумораи рақибони шакли нави низоъҳои байнидавлатӣ ва фаромиллиро ба миён оварда, назарияи «қувваи сахт» ва рақобати геополитикиро ба вуҷуд меорад» [14].

Муҳаққиқи тоҷик Сухроби Мирзоалӣ дар хусуси идора намудани шуур ва бавуҷудории афкор бо усули «пирамидаи каҷ» чунин нигоштааст: «Пирамидаи каҷ»

маводеро мемонанд, ки дар он муаллиф дар бораи навигарии кишвари дигар иттилоъ дода, дар хулоса кишвари худро қиёс мекунад ё ишорае ба вазъи кишвари худ менамояд» [9]. Чунин усули бавуҷудории афкори умум бештар дар шабакаҳои иҷтимоӣ вомехӯрад.

Расонаҳои давлатӣ ҳамчун субъекти бевоситаи муқовимат бо экстремизм эътироф шаванд. Инҳо субъектони иштироккунанда дар раванд нестанд, инҳо метавонанд ба раванд таъсири ҳалкунанда расонанд. Як иттилои ҷавобӣ аз «Телевизиони Тоҷикистон» ё рӯзномаи «Ҷумҳурият» метавонад тафси ҳар ҳангомаеро паст кунад. Ин қудрати воситаҳои иттилоотиро имрӯз инкор карда намешавад. Дунёи муосир аз рӯйи сухани ВАО амал мекунад. Чеҳраҳои калидии сиёсатҳо ва давлатмардон фазои иттилоотии ҷаҳон, равандҳо, печидагӣ ва мураккабиҳоро ба назар гирифта, стратегияи фаъолияташонро таҳия ва мавриди амал қарор медиҳанд. Дар ин хусус садҳо мисол овардан мумкин аст, ки чанд намунаи он фавқтар оварда шудааст.

Ба ин манзур метавон чанд масъалаи ҳалталабро матраҳ кард:

— тартиб ва қабули консепсияи мушаххаси истифодабарии ҳама навъҳои воситаҳои иттилоотӣ аз ҷониби ҳамаи шаҳрвандон, махсусан, дар муҳити хонавода;

— тавассути консепсияи миллии истифодабарии технологияи коммуникатсионӣ тарбияи ифтихор доштан аз ҳувияти худӣ ва сохтани мафкураи миллӣ дар зеҳни ҳар як иштирокчии равандҳои фазои иттилоотӣ;

— дар асоси консепсияи тарбияи ҷавонон дар руҳияи арҷгузорӣ ба мақоми инсон, арзишҳои инсонӣ, ҳамзистии мусолиҳатомези умумибашарӣ ва ғайра;

— бартарӣ додан ба қонун дар танзими масъалаҳо дар фазои маҷозӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма нисбат ба пурзӯр намудани ҷангҳои иттилоотӣ;

— мушаххас гардонидани ҷавобгарӣ вобаста ба ҳолатҳои иштирок дар таблиғи ғаризаҳои ифротгароиву даҳшатафканӣ ва ҷудоиандозӣ (лайк мондан – мақбул гузоштан, аз даст ба даст кардан – ба дигарон фиристодан, тарафдорӣ зоҳир намудан – шарҳ навиштан, аз дасти дуюм ба дигарон фиристодан ва ғайра);

— мураттаб сохтани маҷмуи меъёрҳои алоқаманд дар як санади муайян;

— муайян намудани стратегияи бурдани ҷангҳои иттилоотӣ бар пояи бедории миллӣ, зиракии сиёсӣ ва мавқеъгирии усулӣ.

Зимни муборизаҳои иттилоотӣ тарғибот характери зайл дорад:

— аксаран мафкураи бегона таҳмил мегардад;

— дурӯғу туҳматҳои беасос нисбат ба давлату ҳукумати Тоҷикистон ҳамагир карда мешаванд;

— иттилооти дорои хусусияти экстремистиву террористӣ дар ин раванд ба таври фаровон роҳ меёбанд;

— шахсиятҳо ва арбобони илму фарҳангу сиёсат дар ҷангҳои фазои бенизоми маҷозӣ зери таҳқиру туҳмат ва таҳдид қарор мегиранд ва монанди ин.

Мушкилӣ дар ин ҷост, ки чунин кирдор сарфи назар аз такрор шудан ё нашудан, ки махсусан тавассути воситаҳои электронии иттилоот дар тамоми сайёраи замин паҳн мешавад ва барҳӯрдҳои шадидро ба бор меораду сабаби вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби шахсони алоҳида ва гурӯҳӣ мегардад, дар бавуҷудоии дигар кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок замина мегузорад.

Бо роҳҳои зерин метавон хатари ҷангҳои иттилоотиро асосан дар интернет ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ коҳиш дод.

1. Тарғиби фарҳанги истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотӣ ва моҳияти бунёдии онҳо барои инсоният.

2. Дар рӯҳияи ифтихор аз миллату давлат ва ҳифзи арзишҳои милливу давлатӣ тарбият намудани ҷомеа, махсусан насли нав.

3. Ворид намудани банди махсус вобаста ба иштироки ҷавонону наврасон дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар Консепсияи миллии тарбия.

4. Илова намудани меъёри мушаххас дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҷиҳати назорати волидайн ба фарзандон зимни истифода аз интернет ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ.

5. Танзими қонунии масъала ба таври муфассал ва комплекси меъёрҳо дар як санади муайян, ки ба фаъолияти ВАО ва маводҳои аудиоӣ – видеоии виртуалӣ тааллуқ дорад, масъаларо бо тамоми ҷузъиёташ танзим намояд.

6. Пурзӯр намудани рақобат бо риояи ҳатмии этикаи касбӣ ва меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ ва қонунҳои марбутаи соҳа. *Чунки дар сурати вайрон кардани меъёрҳо ва низоми бенизомии ҷангҳои иттилоотиро дар фазои шабакаҳои иҷтимоӣ боз ҳам хароб кардан, ҳолати ҷангҳои иттилоотӣ – психологӣ шадидтар ва мураккабтар мегарданд, ки таъсири манфии онҳо ба доираҳои берун аз ҳадаф – аудиторияи осоишта бештар мешавад.*

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки сарфи назар аз мушкилиҳои мавҷуда, дар дигар давлатҳо ин масъала бо ҷузъиёти мушаххас ба танзим дароварда шудааст. Аз ҷумла, дар Федератсияи Россия, Фаронса, ИМА, Ҷумҳурии мардумии Чин ва ғайра.

Коркард ва ба роҳ мондани механизме муҳим аст, ки хусусияти фавқулода фаъол гардидани саҳифаҳоро, сарфи назар аз шахсӣ, гурӯҳӣ ё созмонӣ буданашон дар интернет ва фавқулода таъсир расониданашон, тавонад ба таври фаврӣ пас аз ҳамагир кардани як ё ду ғояе, ки хусусияти ифротгароӣ, ҷудоиандозӣ ё таблиғи ҳаркатҳои террористӣ дорад, қатъ намояд. Чунин пайгирӣ набояд ба вокунишҳои шадиди созмонҳои байналмилалӣ ва расонаҳои маълум мувоҷеҳ гардад.

Дар қонунгузории Америка туҳмат ба категорияҳояш ҷудо карда шудааст ва бар ҳар кадоми он алоҳида меъёр ва ҷавобгарӣ муқаррар гардидааст. Туҳмат бо роҳи хаттӣ, туҳмат бо роҳи шифоҳӣ, туҳмат дар интернет ва дигар ВАО. Пас, мавҷуд будани чунин як санаде, ки ин гуна кирдорҳоро бо ҳама мушаххасоташ ба танзим дарорад, хеле муҳим аст.

Дар якчанд кишварҳо, аз ҷумла дар Кореяи Ҷанубӣ, изҳороти ҳақиқиро низ туҳмат ҳисобидан мумкин аст [15].

Таҳқир ё туҳмат метавонад на фақат ба як шахс, балки ба гурӯҳи одамон ва ҳувияти миллии гурӯҳи этникӣ ва ё ба қавму миллати алоҳида содир шавад, аз ин рӯ, зарур аст, ки ҷавобгарӣ вобаста ба хусусият ва сатҳи объект ва предмети масъала муқаррар гардад.

Зимни пажӯҳиши мавзуъ ошкор гардид, ки доир ба ҳолатҳои гуногуни ҷангҳои иттилоотӣ, ки хусусияти террористӣ, экстремистӣ, кибертеррористӣ, сепаратистӣ (ҷудоиандозӣ) доранд ва дар интернет, массмедияҳои фаромиллӣ, умуман, воситаҳои гуногуни иттилооту иртибот сурат мегиранд, меъёрҳои муаяйн пешбинӣ шудаанд, аммо онҳо дар як санади ягона гирдоварӣ нагардидаанд. Натиҷаи таҳқиқ зарурати қабул намудани ин меъёрҳоро ҳамчун санади алоҳида ва кодификатсияшуда пешбинӣ мекунад. Ин иқдом аз ҷониби мақомот ва ё ниҳодҳои дахлдору масъул амалӣ гардад ва ҳамзамон механизми тадбиқи он коркард шавад, кафолати амнияти иттилоотӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон дар асоси шуури рӯзмарраи мардум тақвият пайдо хоҳад кард.

Оташгирии ҷангҳои лафзӣ, таҳқирсозӣ, туҳмат, иғвоангезӣ ва муҳимтар аз ҳама, бедалел, беасос ва бидуни риояи одоби инсонӣ ва дипломатӣ ҳамроҳ шудан дар ҳаракатҳои радикалии фазои маҷозӣ ва бо ин зинаи ақлу фаҳмиш даъват ба ҷанг аз ҷониби иштирокчиёни ин равандҳо бар он оварда мерасонад, ки дар сатҳи расмӣ тасмимҳо гирифта шавад.

Вақте таҳқир ба арзишҳои муқаддаси инсонӣ зоҳир мешавад ва ба шаъну шарафи шахс латма мезанад ва ба саломатии ӯ зиён мерасонад, наметавон чунин зарарро ба пардохти ҷуброни моддӣ ислоҳ кард. Мафҳуми ҳуқуқи инсон низ чораи рафтори имконпазири инсонро дар асоси қонун кафолат медиҳад, агар он, пеш аз ҳама, ба арзишҳои инсонӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, динӣ созгор бошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки аз кодекси ҷиноятӣ ба кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронидани кирдорҳои дорои хусусияти таҳқиру туҳмат фазои шабакаҳои иҷтимоиро торафт шадидтар ва танзими масъаларо душвортар кардааст.

Президенти Белорус Александр Лукашенко ба Қонун "Дар бораи тағйир додани қонунҳо дар бораи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Беларус" имзо гузошт, ки дар он ба кормандони полис иҷозат дода шудааст, ки алайҳи эътирозгарон, низоъандозон ва тазоҳуротчиён таҷҳизоти низомӣ ва махсусро истифода баранд [16]. Тазоҳуротҳо натиҷаи максималии бурдани ҷангҳои иттилоотӣ – психологӣ мебошад. Ҳолат водор кардааст, ки татбиқи чунин меъёр раво дониста шавад. Интизор меравад, ки дар дигар давлатҳо низ аз

ин ҳам қонунҳои сахт ва ба хатар пуртаъсир таҳдидкунанда қабул карда шаванд. Ин зарурати объективии вақт ва фазо аст.

Худи иштирокчиёни ҷангҳои иттилоотӣ назар ба хатари ҷангҳои иттилоотӣ аз таҳдиди татбиқи ҷазо тибқи қонун бештар хавф мебаранд. Бо вуҷуди ин, кирдори ин қабил ашхос дар вайрон кардани фазои ҳамзистӣ дар ҳошияи шуури рӯзмарра ниҳоят хатарзо аст.

Мафкура ин натиҷаи ҷаҳонбинии мо аст, ки он аз фаҳмишҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра ба вуҷуд омада, шакл гирифта, дар нутқ ва амалҳои мо дар иҷтимоъ зоҳир мешавад. Шуур ба қадри зӯрраси худ аз байни издиҳоми фаҳмишҳо берун меояд ва структураи рафтори ҷамъиятии моро месозад. Чи гунае ки шуури муқаррарии ҷамъиятӣ инкишоф пазируфта бошад, ҳамон гуна ба шуури рӯзмарраи мо низ таъсир мерасонад. Мутаассифона, ин таъсир метавонад дар ҷаҳони пуртаззоди муосир бештари вақт манфӣ бошад. Иттилооте, ки моро иҳота кардаст, худ ташкилкунандаи чунин вазъият ва хусусият мебошад. Чунки фаъолии шуурнокӣ дар овони наврасӣ, ҷавонӣ ва даврои балоғат мушоҳида мешавад ва дар ин марҳилаҳо шуур мехоҳад тезтар натиҷагирӣ кунад ва ба амал барояд. Агар ин ҳолатро ба амнияти шуури ҷамъиятӣ нисбат диҳем, метавон аз он нигарон шуд, ки шуури муқаррарии ҷамъиятӣ осебпазир аст ва идора намудани чунин ҷамъият бо фаҳмишҳое, ки ғолибан онро фаро гирифтааст, хеле мушкил аст. Манипуляторон мехоҳанд ба ҳар восита шуури рӯзмарраи мардумро ба манфиатҳои воқеии худ наздик созанд. Ин муборизаҳои шадиди онҳо ҷузъи таркибии шуури ҳаррӯзаи моро ташкил медиҳанд ва хоҳу нохоҳ гоҳе шуури мо ба тамоюли мавқеи онҳо манфур ҳам бошад, сигнал медиҳад ва ин ҳиссиёти манфур дар сохти тафаккури мо саҳим мешавад. Мо дар зершуури худ фаҳмишҳои бегонаро нигоҳ доштаем ва ҳарчанд мехоҳем онҳоро зудуда кунем, аммо аз сабаби ҳуҷумҳои муттасил имкони тоза намудани иттилооти дуюмдараҷа ва ҳатто нозарур даст намедиҳад. Аз он ки чунин хосиятро ба назар нагирифта, иродаи ҷамъиятиро идора намудан ғайриимкон аст, «Дар таҳдидҳои воқеӣ, таъмини амнияти миллӣ дар доираи шуури рӯзмарра аз душвортарин ва масъулиятноктарин вазифаҳост» [10]. Одамон, гурӯҳҳои дорои ҳадафҳои муайян ва давлатҳои манфиатдор аз чигунагии рафтори ҷосусон ва намояндагони манфиатҳои геосиёсӣ дорои шуури якхела ва мавзун нестанд, структураи шуури онҳо гуногун аст ва чунин сохти мураккаби шуурӣ таъмини амнияти иттилоотии ҷамъиятиро мушкил мегардонад. Муҳимтарин василае, ки қудрати тоза кардани ҷузъиёти паразитии структураи шуурро дорад, тавассути воситаҳои гуногуни иттилоотӣ бо шеваи нарм сохтани шакли шуури ба манифатҳои милливу давлатӣ, арзишҳои ахлоқиву диниву сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа созгор мебошад. Пурзӯр намудани рақобатҳои иттилоотӣ, ки мутаассифона, метавонанд носолим низ бошанд, роҳи ҳалли масъала буда наметавонад. Муборизаҳои носолим вазъиятро бештар мураккабтар мекунанд, на сода, муътадил ва ислоҳ. Расиши ду қувваи ба ҳам зид дар айни қудрат ба ҳолати садама меанҷомад. Беҳтар он аст, ки неруи зеҳнӣ дар назорати фаҳму ақлу дарк қарор гирад ва шуур кори худро пас аз таҳлилҳои унсурҳои таркибии худ шурӯъ кунад. Ин ҳадаф бо ду роҳ – истифодаи усулҳои нарми иттилоотонӣ ва танзими равандҳои номавзуни муборизаҳои идеологӣ тавассути воситаҳои электронии иттилоотӣ аз рӯйи консепсияи мушаххас мураттабгардида ба даст меояд.

Муқарриз: ***Бозорзода Н.*** – доктори илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. А. Талбаков. Нисбат ба домуллоҳо бадӣ надорам / Талбаков А. [манбаи электронӣ]: https://www.facebook.com/100069794153446/videos/493389748821374 (санаи корбурд: 18.03.2022)
2. Д. Тайнан. Центральная Азия. Кто стоит за вирусными атаками на правительственные компьютеры? 18:58 13.10.2011 [захираи электронӣ]. https://centrasia.org/newsA.php?st=1318517880. (санаи корбурд: 01.12.2021)
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. Боби 1. Асосҳои сохтори конститутсионӣ. Моддаи 8. С.3.
4. Маслакова Е.А. Кибертерроризм как новая форма терроризма / Е.А. Маслакова // Научный Вестник Орловского юридического института МВД России имени В.В. Лукьянова. - 2015. - №2(63). - С.81.
5. Муқимов М.А. Медиаи нав ва тарғибот / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – Душанбе, 2019. - №1. - С.291.

6. Муҳаммадюсуф Имомзода. Усули таҳқиқ / Муҳаммадюсуф Имомзода, Саъдӣ Маҳдӣ, Бахтиёри Қутбиддин. – Душанбе: Матбаи ДМТ, 2019. - 140 с.
7. П.А. Маҳмадов. Баъзе хусусиятҳои масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ / П.А. Маҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: Сино. – 2016. - №2/6 (2010).
8. Сафарализода, Хуҷамурод. Кибертеррорризм ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ / Хуҷамурод Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе – 2017. - №2/4. - Қ.2. - С.271.
9. С. Мирзоалӣ. «Пирамидаи каҷ» ва усулҳои идоракунии шуур дар фаъолияти агентиҳои иттилоотӣ / Мирзоалӣ, С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши имлҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2016. – №4/1 (195). - С.277-280.
10. С. Ятимов. Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ / Ятимов С. [захираи электронӣ]: https://ravshanfikr.tj/maqolaho/shuuri-am-iyat-va-amniyati-am-iyat.html. (санаи истифодабарӣ: 08.03.2021)
11. Холиқи Муҳаммадназар. Чаро Русия танҳо монд? / Муҳаммадназар, Холиқ // Фараж. – №14 (592). 4 апрели соли 2018. 4-5 с.
12. Холназаров Х.А. Донишгоҳи давлатии Новосибирск. Нигоҳе ба геополитикаи Тоҷикистон / Х.А. Холназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: Сино, 2018. - №4. – 290 с.
13. Худобердӣ Холиқназар. Мардуми тоҷик ба дурӯғҳои бофта ва худсафедкунии ташкилоти экстремистию террористии «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон» бовар надоранд! – имрӯз Рӯзи байналмилалии ҳифзи иттилоот / Холиқназар Худобердӣ [манбаи электронӣ]: https://khovar.tj/2017/11/mardumi-to-ik-ba-dur-oi-bofta-va-hudsafedkunii-tashkiloti-ekstremistiyu-terroristii-izbi-na-zati-islomii-to-ikiston-bovar-nadorand-imr-z-r-zi-bajnalmilalii-ifzi-ittiloot. (санаи истифодабарӣ: 23.03.2021)
14. Фененко А. Международное соперничество за освоение общих пространств // А. Фененко // Международные процессы. – 2010. Январь – апрель. – №1(22). - Т.8. – 140 с.
15. Back, Sang Hyun. "Problems with Korea's Defamation Law". Korea Economic Institute of America. Archived from the original on 22 September 2019. Retrieved 22 September 2019.
16. INTERFAX.RU Лукашенко ба полис иҷоза медиҳад, ки ба сӯйи эътирозгарон тир андозад. [захираи электронӣ]: https://www.interfax.ru/world/766302 (санаи корбурд: 19.05.2021)

ТАВСЕАИ ҶУҒРОФИЯИ ҶАНГҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА УСУЛҲОИ ТАНЗИМУ ИДОРАНАМОИИ ФАЗОИ МУБОРИЗАҲОИ ИТТИЛООТӢ

Ҳудуди муборизаҳои иттилоотӣ торафт густариш меёбад, ба ҷуз аз ҳадафҳои нақшавӣ, дигар обеъктҳои берун аз консепсияҳои бурдани ҷангҳо аз зарбаҳои иттилоотӣ осеб мебинанд, одамон ба амнияти иттилоотӣ - психологии худ нобоварӣ ва дар таносуб ба тавонмандии ирода духӯрагии пиндору мавқеъро эҳсос мекунанд. Пажӯҳишҳо ба он нукта эътимодро афзал медонанд, ки фақат коркарди усулҳои мубориза ва нигоҳдории амнияти иттилоотӣ - психологӣ дар асоси барномаҳои мушаххас сатҳи таҳдиди ин ҷангҳоро дар ҷомеаҳои мавҷуда коҳиш медиҳад. Ҳолат намояндагони масъули муборизаҳои иттилоотиро бар он барангехтааст, ки дар таъмини амнияти фазои муборизаҳои иттилоотӣ қишрҳои мухталифи ҷомеаро ба ҳар роҳ ҷалб намоянд. Муҳаққиқон ва ҷомеашиносон бошанд ин усулро камтар дастгирӣ мекунанд. Назарияи онҳо ин аст, ки усули ҷалби муташаккилона ба ҳифзи арзишҳои миллӣ ва мавқеъгирӣ аз манфиатҳои давлатӣ коркарди тоза ёбад ва онҳо бидуни маҷбурсозӣ дар ин раванд иштирок намоянд. Хатари ҷангҳои иттилоотӣ торафт меафзояд ва ин аз он ҷост, ки иттилоот ба психологияи доираи васеи одамон берун аз ихтиёр таъсир мерасонад ва шуури шахсро ба мушкилоти мавҷудаи фазоҳои гуногун вобаста нигоҳ медорад. Мақолае, ки ин масъаларо мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқ қарор додааст, бо далелҳои қатъӣ ва мисолҳои муайян возеҳ сохтааст, ки муҳимтарин омилҳои коҳиш додани зиёни иттилооти бадқасдона паҳншаванда ва ҳифзи амнияти иттилоотии Тоҷикистон кадомҳоянд.

Калидвожаҳо: ҷангҳои иттилоотӣ, тавсеаи ҷуғрофияи муборизаҳои иттилоотӣ, усулҳои идоранамоӣ ва танзикунии фазои муборизаҳои иттилоотӣ, гуфтугӯи тамаддунҳо, бархӯрди манфиатҳои гурӯҳӣ, сохторҳои бузурги иттилоотӣ, ҳуқуқ, танзими масъала бо роҳи қонун, тезутундшавии гуфтугӯи тамаддуни иттилоотӣ, вазъи сиёсӣ, печидагиҳои ҷаҳони муосир, духӯрагии мавқеъгириҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва ғайра.

РАСШИРЕНИЕ ГЕОГРАФИИ ИНФОРМАЦИОННЫХ ВОЙН И МЕТОДЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ И УПРАВЛЕНИЯ ПРОСТРАНСТВОМ ИНФОРМАЦИОННОЙ ВОЙНЫ

По мере того как границы информационной войны расширяются, информационные шоки наносят ущерб другим объектам, выходящим за рамки концепции войны, люди теряют уверенность в своей психологической безопасности и испытывают неуверенность в своей силе воли. Исследователи полагают, что только разработка методов борьбы и поддержания информационной и психологической безопасности на основе конкретных программ снизит уровень угрозы этих войн в существующих обществах. Сложившаяся ситуация побудила представителей информационной борьбы всемерно задействовать различные слои общества для обеспечения безопасности информационного пространства. Исследователи и социологи меньше поддерживают этот подход. Их теория заключается в том, что должен быть выработан метод организованного участия в защите национальных ценностей и интересов государства и они должны участвовать в этом процессе без принуждения. Опасность информационных войн возрастает, и это связано с тем, что информация неподконтрольно воздействует на психологию широкого круга людей и удерживает сознание индивида в связи с существующими проблемами разных пространств. В статье, исследующей этот вопрос, следует конкретными фактами и конкретными примерами разъяснить, какие факторы являются

наиболее важными в снижении ущерба от распространения злонамеренной информации и защите информационной безопасности в Таджикистане.

Ключевые слова: информационная война, расширение географии информационной войны, методы управления и регулирования пространства информационной войны, диалог цивилизаций, столкновение групповых интересов, основные информационные структуры, закон, урегулирование вопроса законом, обострение диалога информационных цивилизаций, политическая ситуация, сложности современного мира, дихотомия позиций мировых сверхдержав и т. д.

EXPANDING THE GEOGRAPHY OF INFORMATION WARS AND METHODS OF REGULATING AND MANAGING THE SPACE OF INFORMATION WAR

As the boundaries of information war expand, information shocks damage other objects that go beyond the concept of war, people lose confidence in their psychological safety and lack of confidence in their willpower. Studies believe that only the development of methods for combating and maintaining information and psychological security based on specific programs will reduce the threat level of these wars in existing societies. This situation has led representatives of the information society to fully mobilise different sectors of society to ensure the security of the information space. Researchers and sociologists are less supportive of this approach. Their theory is that there should be a method of organised participation in defence of national values and interests of the state and they should participate in this process without coercion. The danger of information warfare is increasing, and this is due to the fact that information has an uncontrollable effect on the psychology of a wide range of people and holds the consciousness of the individual in relation to existing problems in different spaces. In an article investigating this issue, it is necessary to clarify with specific facts and specific examples which factors are most important in reducing the damage from the spread of malicious information and protecting information security in Tajikistan.

Key words: information war, the expansion of the geography of information war, methods of management and regulation of the space of information war, the dialogue of civilizations, the clash of group interests, the main information structures, the law, the settlement of the issue by law, the aggravation of the dialogue of information civilizations, the political situation, the complexity of the modern world, the dichotomy of the positions of the world superpowers and etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафарзода Фарҳод Шарифхон*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи телевизион ва радио, сармуҳаррири идораи барномаҳои «Субҳ»-и «Телевизиони Тоҷикистон». **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 93-856-54-56**

Сведение об авторе: ***Сафарзода Фарход Шарифхон*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры радио и телевидения, главный редактор программы «Утро Таджикистана» на «Таджикском телевидении». Тел.: **(+992) 93-856-54-56**

Information about the author: ***Safarzoda Farhod Sharifkhon*** - Tajik National University, applicant for the Department of Radio and Television, editor-in-chief of the program "Morning of Tajikistan" on "Tajik television". Tel.: **(+992) 93-856-54-56**

УДК: 070.12(575.3)

ПРОЯВЛЕНИЕ АКТИВНОСТИ ГРАЖДАН В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ В ЖАНРЕ ПИСЬМО

(на примере официального издания Республики Таджикистан – газеты «Джумхурият»)

Садуллоев Д.М., Абдуллозода М.А., Рахимов А.А.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Одним из жанров через которое граждане излагают свое мнение и доводят его посредством СМИ до сведения других таких же граждан, является жанр письма, относящийся к аналитическим жанрам. Данный жанр сформировался и утвердился в процессе развития периодической печати, способствуя тем самым развитию свободы слова и мнений. Активные читатели через свои отправленные письма в редакции газет и журналов стремились заполнить то, что оставалось вне внимания профессиональных журналистов. Ныне читатели или пользователи для этого больше используют интернет-пространство, но как правильно отмечает Т.А. Василец «общая интенциональная природа обнаруживается в контенте современной блогосферы и в текстах писем в редакцию» [8, с.23].

В современной таджикской периодической печати традиция опубликования писем читателей занимает особое место. Несмотря на развитие интернет-журналистики граждане активно отправляют свои письма в газеты и журналы, а редакция в свою очередь их печатает под рубрикой писем. То есть такие материалы по-прежнему востребованы для содержательной насыщенности.

Одним из таких газет является «Джумхурият» – официальныйпечатный орган Республики Таджикистан. Официальным органом страны газета стала указом Президента Республики Таджикистан от 14 марта 2000 года. В тяжелые 90-е годы XX века газета стала выходить в свет нерегулярно, а с 1995 года издавалась два раза в неделю. После вышеотмеченного указа Главы государства газета стала ежедневной.

Стоит заметить, что в ряду многочисленных рубрик газеты, свое достойное место занимает рубрика «Письма» (*«Номахо»),* в которой печатаются соответственно письма читателей газеты. Они отвечают тем критериям, о которых, к примеру, пишет С. Х. Аргашокова: «Функционирование в сфере СМИ текстов писем читателей, предназначенных в отличие от прототипных текстов политического дискурса, не для внушения рецепиенту «правильно» идеи, а для распространения мнений и обменам мнениями, означает, что СМИ, выступая в качестве посредника между обществом и властью, способствуют переведению публичного общения в демократический режим» [5, с.235].

В соответствие с таким выводом в письмах читателей газеты «Джумхурият» можно наблюдать самые различные темы, мнения, рекомендации и предложения, подтверждающие их роль «в качестве посредника между обществом и властью» [5, с.235].

В качестве примера рассмотрим ряд интересных материалов из рубрики «Письма», имеющие проблемный характер.

В письме жительницы района Рудаки ХангомыДавлятовой под названием «Мы нуждаемся в телевидении или канале досуга» [10] поднимается проблема учреждения нового телеканала для досуга населения. Вначале автор с удовлетворением пишет, что в период независимости в стране появилось много интересных телеканалов, о которых мечтали наши люди. Она отмечает, что каждый канал имеет свою цель и тематическое направление. Вместе с тем, по ее мнению, для населения страны нужен один специальный канал под названием «Фарогат» («Досуг»), чтобы люди после трудового дня включив ее отдохнули, подняли настроение и восстановили силы. Автор подчеркивает, что «в этом телеканале даже новостные программы должны приносить покой и спокойствие» [10]. Проблемная составляющая письма Х. Давлятовой заключается в том, что, по ее мнению, существующие в информационном пространстве республики телеканалы не в полной мере удовлетворяют потребности массовой аудитории к досугу. Решение проблемы автор письма видит в учреждении нового специального телеканала и через письмо доводит свою мысль, как официальным лицам, так и широкой аудитории читателей газеты.

